ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №5

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №5

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.5

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №5. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).
© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №5. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – № 5. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2023

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

ТДУ: 811.21/.22-54

АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ГУЗАР БА АЛИФБОИ КИРИЛЛӢ

Назарзода С.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Дар таърихи густариши забон ва меъёрбандии он алифбо ва имлосозӣ ва ба тартиби муайяни имлобандӣ овардани меъёри истифодаи забон хеле муҳим аст. Таърихи табдили алифбо дар забони тоҷикӣ се марҳилаи асосиро аз сар гузаронидааст:

а) алифбои арабиасоси тоҷикӣ;

б) алифбои лотинии тоҷикӣ;

в) алифбои русиасоси (кириллии) тоҷикӣ.

Дар давраи классикии рушди забони тоҷикӣ алифбои арабиасос истифода мегардид. Азбаски ин алифбо ҳамсадоӣ буда, дар он ҳамсадоҳо ва садонокҳои дароз бо ҳарфҳо ифода мегардид, садонокҳои кутоҳ ҳангоми овонависӣ бо ишораҳо ифода мешуданд, ки на ҳама вақт ин усул риоя мегашт. Балки дар бештарин ҳолат ишораҳо гузошта намешуданд, ки ба гуногунии хониши садонокҳо оварда мерасонд. Аз тарафи дигар барои овозҳои хоси забони тоҷикӣ (п, ч, ж, г) (پ, چ, ژ, گ) баъд аз тахминан дусад соли истифодаи алифбои арабӣ аломатҳои хос бо иловаи нуқтаву хатак таҳия гардид. Истифодаи ин алифбо дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX бо гузаштан ба алифбои лотиниасос қатъ гардид ва муддати тахминан даҳ соли дигар дар имлои забони мо алифбои лотинӣ ҳукмрон буд. Агар дар солҳои бистум то гузариш ба алифбои лотинӣ дар имлои калимаҳои забон як меъёри муайяни умумӣ барои ифодаи онҳо риоя шуда бошад, пас бо гузариш ба алифбои лотинӣ имлои ин калимаҳо рӯ ба талаффузи русӣ меорад.

Дар нимаи дуюми солҳои 30-юми садаи бист дар таърихи фарҳангии тоҷикон ва махсусан забон ва алифбои он ҳодисае ба вуқуъ пайваст, ки аз лиҳози суръати татбиқ бесобиқа буд. Ин ҳодисаи фарҳангӣ гузар ба алифбои русиасоси забони тоҷикӣ буд, ки ҳам омодагӣ ва ҳам ҷараёни дар амал ҷорӣ шудани он дар муддати хеле кутоҳ сурат гирифт. Яъне дар муддати хеле кутоҳи таърихӣ, аз охири солҳои сиюм то соли 1941 халқи тоҷик ва бархе аз халқҳои туркзабони шуравӣ дар зери парчами сиёсати забонии Иттиҳоди Шуравӣ алифбои лотиниасоси худро бо алифбои русӣ иваз кардаанд. Дар он солҳо сабаби асосии чунин чорабиниҳои таърихӣ ба халқи рус наздик кардани халқҳои дигар ва бунёди дастаҷамъии ҷомеаи нави коммунистӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ қаламдод мешуд. Аз ҷумла, мураттибони лоиҳаи алифбои нав – ходимони илмии сектори таърих ва забоншиносии Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар он солҳо чунин менависанд: «Ҳозир барои қадами нав гузоштан ба сӯи бойтарин маданияти рус, наздик кардани маданияти тоҷик ва бинобар ин ба минбаъда наздик шудани халқҳо вақт расидааст. Ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартибдодашудагӣ гузарондани алифбои тоҷик - ҳамин гуна қадам мешавад, халқи тоҷик, интеллигенсияи пешқадами ба Партияи Ленин, Сталин содиқ будагии он дар бораи зарурияти ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартибдодашудагӣ гузаштан кайҳо боз фикр баён карда истодаанд. Ҳамин зарурияти тамоман мантиқона аз ҳамон равиши тараққиёти маданияти сотсиалистии тоҷик баромада меояд. Алифбои лотинӣ, ки оммаҳои меҳнаткашро аз алифбои бечони схоластикии араб ҷудо карда ва бечунучаро аҳамияти прогрессивӣ дошт, роли нағзи худашро бозӣ кардааст» [3, с.32-40].

Ин алифбо ва имлои забони тоҷикӣ бо ҳарфҳои лотинӣ дер давом накард ва аз охири солҳои 30-юми садаи XX дар Тоҷикистон ва кишварҳои турктаборе, ки дар онҳо алифбои лотинӣ ҷорӣ буд, ҷараёни гузариш ба алифбои кириллии русӣ оғоз гардид. Дар соли 1939 барои забони тоҷикӣ алифбои нави русиасос таҳия гардид, ки он дар ибтидо аз 37 ҳарф (садонокҳои а, о, и, у,ӯ, ӣ, э, нимсадои й, (дар алифбо ҳамчун ҳамсадо ҳисоб мешавад) садонокҳои (мураккаби) ётбарсари е, ё, ю, я,) (12) ва ҳамсадоҳои б, в, г, д, ж, з, к, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ц, ч, ш, ъ, ғ, ҷ, қ, х.) (24) ва як аломати ҷудоӣ -ь иборат буд.

Тартиби алифбои русиасос аз рӯйи Лоиҳаи якуми тағйири алифбо дар соли 1939

Чопӣ	Дастнавис		Чопӣ	Дастнавис	
А а	*А а*	а	У у	*У у*	у
Б б	*Б б*	бэ	Ф ф	*Ф ф*	эф
В в	*В в*	вэ	Х х	*Х х*	ха
Г г	*Г г*	гэ	Ц ц	*Ц ц*	цэ
Д д	*Д д*	дэ	Ч ч	*Ч ч*	чэ
Е е	*Е е*	е	Ш ш	*Ш ш*	ша
Ё ё	*Ё ё*	ё	Ъ ъ	*Ъ ъ*	аломати сакта
Ж ж	*Ж ж*	жэ	Ь ь	*Ь ь*	аломати ҷудой
З з	*З з*	зэ	Э э	*Э э*	э
И и	*И и*	и	Ю ю	*Ю ю*	ю
Й й	*Й й*	и-и кӯтоҳ	Я я	*Я я*	я
К к	*К к*	ка	Ғ ғ	*Ғ ғ*	ғэ
Л л	*Л л*	эл	Ӣ ӣ	*Ӣ ӣ*	и-и заданок
М м	*М м*	эм	Қ қ	*Қ қ*	қэ
Н н	*Н н*	эн	Ӯ ӯ	*Ӯ ӯ*	ӯ
О о	*О о*	о	Ҳ ҳ	*Ҳ ҳ*	ҳэ
П п	*П п*	пэ	Ҷ ҷ	*Ҷ ҷ*	ҷэ
Р р	*Р р*	рэ			
С с	*С с*	эс			
Т т	*Т т*	тэ			

Бояд гуфт, ки табдили алифбо ва имлои лотинӣ ба имло ва алифбои русӣ дар зери таъсири тағйири вазъи сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ сурат мегирифт. Барои бо ҳам муттаҳид сохтани халқҳои сокини Иттиҳоди Шуравӣ тадбирҳои мушаххаси сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пеш гирифта шуд, ки табдили алифбои халқҳои Шуравӣ ва дар асоси алифбои русӣ ба вуҷуд овардани алифбои онҳо яке аз ин гуна иқдомҳо ба шумор мерафт. Ин сиёсат бо шиорҳои гуногуни ба ҳам наздик кардани халқҳои Шуравӣ рӯйпӯш мегардид, вале ҳадафи асосии он русикунонии халқҳои дигари шуравӣ буд. Бояд гуфт, ки дар охири солҳои 20, вақте ки алифбои лотинӣ дар Тоҷикистон ҷорӣ мешуд, ҳеҷ кас фикр намекард, ки баъд аз як даҳсола ин алифбо «роли нағзи худашро» иҷро мекунад ва ҷои худро ба алифбои русӣ медиҳад. Ҳатто устод Садриддин Айнӣ дар яке аз мақолаҳояш «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» дар бораи алифбои лотинӣ чунин навишта буд: «Акнун наздик аст, ки алифбои нави тоҷикӣ ранги расмиятро гирифта ба зиндагонӣ гузаронида шавад. Ин як кори хурд, як кори муқаррарӣ ва ҳаррӯза нест, балки як масъалаи таърихист, ки монандаш дар зиндагии миллати мо як ё ду бор мегузарад» [2, с.356]. Вале бояд иқрор шуд, ки алифбои лотинӣ дар давоми умри хеш дар забони тоҷикӣ нақши худро иҷро карда натавонист ва сабабҳои гузар ба алифбои русиасоси тоҷикӣ бештар ҷанбаи сиёсӣ дошт. Пеш аз ҳама дар охири солҳои 30-юм вазъи ҷаҳон тағйир карда буд ва табдили алифбои бархе аз халқҳои шуравӣ ва аз ҷумла тоҷикон замоне сурат гирифт, ки дастгоҳи идеологии давлати шуравӣ дар сар мафкураи «инқилоби умумиҷаҳонӣ» ва «инқилоби байналмилалӣ» дошт ва тағйири алифбо ба алифбои лотинӣ дар Осиёи Миёна, Қафқоз ва дар миёни халқҳои туркзабони Русия мутобиқи ҳамин назария сурат мегирифт. Вале дар охири солҳои 30-юм шиори назариясозони Иттиҳоди Шуравӣ бо тағйир ёфтани авзои сиёсии ҷаҳон дигар гардид ва акнун лозим меомад, ки коммунизмро дар як кишвари алоҳида сохт. Дар соли 1938 таълими забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ аз соли дуюми таҳсил ҷорӣ гардид ва худи ҳамин сол Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон маҷлиси машваратии умумиҷумҳурӣ (ду маротиба) дар мавзуи забон ва хат даъват намуд ва дар ин маҷлисҳои

машвараттӣ ба ном «совешчания»-ҳо пешниҳод гардид, ки барои тағйири алифбои лотинии тоҷикӣ ба алифбои русиасос ва омода кардани тарҳи алифбои нав гурӯҳи олимон аз сектори таърихӣ – забоншиносии Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ вазифадор шаванд.

Дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи нави алифбо таҳиягарони он ба якчанд масъала таваҷҷуҳ намудаанд, вале принсипи асосии таҳияи алифбои нав нуктаҳои зеринро дар бар мегирифт:

- инъикоси ҳамаи овозҳо (фонемаҳо)-и тоҷикӣ дар алифбо;

- ҳамгунсозии ҳадди аксари он бо алифбои рус ва алифбоҳои русиасоси халқҳое, ки то кунун аз алифбои лотинӣ ба алифбои русӣ гузаштаанд;

- ифодаи овозҳои махсуси забони тоҷикӣ бо ҳарфҳои наве, ки дар асоси аломатҳо ва унсурҳои алифбои русӣ сохта шуда буданд;

- ифодаи ҳар як овоз (фонема) бо як ҳарфи мустақилу алоҳида.

Албатта, аз ҳамаи ин принсипҳо асоситаринаш ҳамгунсозии ҳадди аксари алифбои русиасоси тоҷикӣ ба алифбои русӣ буд. Ҳамин тариқ, ин лоиҳа моҳи июли соли 1939 дар рӯзномаҳои марказӣ чоп ва барои муҳокимаи умумӣ пешниҳод гардид. Рафти баррасии алифбои нав ба таври умум бо пуштибонӣ ва тарафдории ҳамаҷонибаи мардум мегузашт, вале баъзе масъалаҳое низ вуҷуд доштанд, ки дар атрофи онҳо баҳсу мунозираҳо зиёд буданд. Аз ҷумла, масъалаҳои асосӣ тартиби ҳарфҳои махсус барои овозҳои хоси тоҷикӣ, вазифаҳои аломатҳои ҷудоӣ «ь» ва сакта «ъ» дар забони тоҷикӣ, тарзи ифодаи овозҳои ӯ, у, ӣ, и буданд, ки дар атрофи онҳо баҳсу мунозираҳо хеле шадид ва тезутунд мегузашт. Масалан, баъзеҳо ба сабаби дар манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон талаффуз нашудани овози «ӯ» пешниҳод мекарданд, ки он аз алифбои нав бароварда шавад. Донишманди шарқшиноси рус Д. Комиссаров дар мақолаи худ дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» лоиҳаи алифбои нави тоҷикиро умуман эътироф ва қабул карда, ворид кардани «ь» - аломати ҷудоиро ба алифбои нав зарур надонистааст. Ӯ менависад, ки «Аломати мулоимати русии «ь» чунин ба назари мо мерасад, ки дар алифбои тоҷикӣ зиёдатӣ аст» [7].

Инчунин ӯ пешниҳод мекунад, ки щ-и русӣ низ ба алифбои тоҷикӣ дохил карда шавад. Аз пешниҳодҳои дигаре, ки ҳангоми баррасии алифбои нав ҷолиб менамуданд, боқӣ гузоштани баъзе ҳарфҳои чопии лотинӣ ва ба ҷойи ҳарфи «ҷ» навиштани «дж» буд, ки аз сабаби якҳарфӣ будани алифбои кириллӣ ва халалдор кардани ҳамгунсозии алифбои халқҳои шуравӣ ҳамовозӣ пайдо накард. Хулоса, баъд аз чанд моҳи муҳокимаву баррасиҳо дар моҳи феврали соли 1940 конференсияи умумиҷумҳурӣ муҳокимаи лоиҳаи (проекти) алифбои нав ба кор оғоз кард. Пеш аз оғози конференсия лоиҳаи алифбои нав чоп шуд, ки он 39 ҳарф дошт ва ба ин лоиҳа ҳарфҳои хоси русии «щ», «ы» илова шуда буд. Вале дар ин конференсия лоиҳаи аввал, ки аз 37 ҳарф иборат буд, қабул гардид. Моҳи майи соли 1940 иҷлосияи IV Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қонуни гузаронидани алифбои лотинии тоҷикӣ ба алифбои русиасоси тоҷикиро баррасӣ ва қабул кард. Аз 33 ҳарфи алифбои русӣ 31 ҳарфи он ба ғайр аз ҳарфҳои «щ» ва «ы», ки онҳо ҳам дертар бо ба сари қудрат омадани Н. С. Хрущев қабул мешаванд, ба хотири нигоҳдории ягонагии алифбоҳои русӣ ва тоҷикӣ қабул гардид. Қонуни гузар ба алифбои нав аз панҷ модда иборат буда, се моддаи охирини он ба татбиқи ин алифбо бахшида шуда буд. Азбаски барои муҳокима ва баррасии лоиҳаи алифбои нав вақти на он қадар зиёд ҷудо шуда буд, барои дар амал пиёда намудани он ҳамагӣ се моҳ муайян гардид:

«… 3. Коргузорӣ дар тамоми ташкилотҳои советӣ, хоҷагӣ ва ҷамъиятӣ дар қаламрави РСС Тоҷикистон ва инчунин матбуоти даврӣ аз аввали моҳи июни соли 1940 ба алифбои нави тоҷикӣ гузаронида шавад.

4. Таълими дарсҳо дар тамоми мактабҳо ба алифбои нави тоҷикӣ гузаронида шавад. Синфҳои якум ва дуюми ҳамаи навъҳои мактабҳо, мактабҳои маҳви бесаводӣ ва камсаводӣ аз якуми сентябри соли 1940 ба алифбои нав гузаронида шавад.

5. Тамоми корҳо дар бобати гузаронидани алифбои лотинӣ ба алифбои нави тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ то якуми сентябри соли 1940 ба анҷом расонида шавад» [13].

Умуман, ин давраи инкишофи забони тоҷикӣ пажуҳиш ва баррасиҳои амиқи илмиву татқиқотиро мехоҳад ва дар сурати анҷом додани чунин пажуҳишҳо шояд бисёр ҷиҳатҳои норавшани инкишофи забони тоҷикӣ кушода шавад. Мо ба хотири ба таври намуна нишон додани забони насри матбуоти он давра дар ин бора навиштаҳои худи таҳиягарони лоиҳаи нави алифборо, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» чоп шудааст, меорем: «Ҳанӯз порсол

(яъне соли 1938 - С. Н.) дар совешчанияи республикавии оид ба масъалаи сохти забон, ки аз тарафи Комитети Марказии Компартияи Тоҷикистон даъват карда шудааст, масъалаи ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартиб дода шудагӣ гузаронидани алифбои тоҷик пешакӣ масъала муҳокима карда шуда буд. Гуфтушуниди дар ҳамин совешчания барпо шудагӣ он роҳҳоеро, ки дар вақти тартиб додани проекти алифбои нав ба он рафтан лозим аст, ба таври умумӣ муайян карда буд. Бо супориши КМ ПК (б) Тоҷикистон Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР дар шахси сектори таърихӣ – забоншиносиаш аз паи тартиб додани проекти алифбои нав ва қоидаҳои асосии имло шуд, ки вай ҳозир тартиб дода шудааст» [3, с.32-40]. Мо фақат як мақоларо, ки аз тарафи таҳиягарони лоиҳаи нави алифбо ба номи «Алифбои нав» чоп шудааст, аз назари истифодаи истилоҳот ва услуби забон баррасӣ кардем. Маълум гардид, ки дар матни начандон калон 32 истилоҳи русӣ-интернатсионалӣ аз қабили союз, совет, политика, юбилей, прогрессивӣ, совещание, болшевик, пособие, агитатсия, элемент истифода шудаанд. Инчунин матн ва услуби навиштани он нишондиҳандаи равшану возеҳи махлут шудани забони тоҷикӣ бо вожаҳо ва ибораҳои русӣ мебошад: «Партия ва Ҳукумати Тоҷикистон роли бузурги политикӣ ва мадании забони русро ба назар гирифта, порсол дар мактабҳои тоҷикӣ ва дигар мактабҳои республика албатта таълим додани забони русиро ҷорӣ намуданд»; ё: «Алифбои лотинӣ ҳоло дар роҳи минбаъдаи афзоиш кардани маданияти сотсиалистии тоҷик монеа ва ғави ҳис карда мешудагӣ шуда мондааст»; ё: «Оммаи меҳнаткаши дигар республикаҳои бародаронаи союзӣ ҳам дар бораи гузаштан ба алифбои нав масъала бардоштанд»; ё ин ки: «Гуфтушуниди дар ҳамон совешчания барпо шудагӣ он роҳҳоеро, ки дар вақти тартиб додани проекти алифбои нав ба он рафтан лозим аст, ба таври умумӣ муайян карда буд».

Моҳи феврали соли 1954 ба алифбои тоҷикӣ ду ҳарфи нави русӣ «ы» ва «щ» илова гардид, ки ин иқдом раванди русикунонии алифбои тоҷикиро хотима дод. Баъд аз ин дар соли 1972 ба имлои забони тоҷикӣ баъзе тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки он дар алифбои тоҷикӣ таъсири зиёде надошт. Дар соли 1998 мувофиқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон комиссияи нави имлои забони тоҷикӣ таъсис шуд. Дар он ба имлои забони тоҷикӣ баъзе тағйироту иловаҳо дохил гардид. Дар алифбо низ тағйироте ворид гардид ва ҳарфҳои хоси русӣ - «ы», «ь» - аломати ҷудоӣ, «щ», «ц» аз алифбои тоҷикӣ бароварда шуд. Тағйироти охирин дар имло соли 2021 сурат гирифт.

Дар имлои нави забони тоҷикӣ беш аз сад тағйиру илова ворид гардид, ки албатта, ба суфта шудани имлои забон мусоидат мекунад. Яке аз тағйиротҳои чашмраси он дуруст ифода кардани овозҳои садоноки забони тоҷикӣ ва ба меъёри таърихии забон мувофиқ кардани он буд. Ин тағйирот дар ифодаҳои "овози у-и устувор", "овози у-и ноустувор", "овози у-и устувори дароз" [8, с.10] *ва "и-и ноустувор", "и-и устувори дароз", "и-и устувор"* [8, с.11] *инъикос ёфтаанд. Тафсири ин истилоҳҳо аз нуктаи назари илмӣ ба таври мухтасар чунин аст:*

*Яке аз хусусиятҳои хоси овозҳои забонҳои бостонии эронӣ ба таври мушаххас фарқ кардани садонокҳо аз лиҳози дарозии овоз мебошад. Забони форсии бостон, ки падарбузурги забони тоҷикӣ ҳисоб мещавад, дар таркиби худ, се ҷуфти садонокҳои одӣ (*i–ī, a–ā, u–ū*) ва чор садоноки мураккаб (*ai, aī, au, aū*) дорад* [4, 187]. *Инкишофи минбаъдаи садонокҳо дар забони форсии миёна ва портӣ нишон медиҳанд, ки ду садонокҳои мураккаб* ai *ва* au *мутаносибан ба садонокҳои дарози* ē *ва* ō *табдил ёфтаанд, дар забони форсии миёна дар давраи оғозини инкишофи забони классикии форсӣ-тоҷикӣ шумораи садонокҳо ба ҳашт садонок (*i, ī, ē, a, ā, u, ū, o*) мерасад.*

Мо ин садонокҳоро дар осори шоирону нависандагони давраи классикии адабиёти форсу тоҷик (асрҳои ***IX****-XX) мебинем. Дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ овозҳои садонокҳои дарози* ī *ва* ē *бо ҳарфи* ی*; - йо ва* ū*,* ō *бо ҳарфи (*و*) вов навишта мешуданд. Садонокҳои кутоҳи* i *бо касра* (ِ), u – бо замма (ُ) ва a – бо фатҳа (َ) *ишора мешуданд, ки баъзан нишон дода намешуданд. Яъне дар алифбои арабиасоси мо барои ду садоноки барои арабҳо номаълум* ē *ва* ō *истилоҳҳои «йо-и маҷҳул» ва «вов- и маҷҳул» истифода мешавад. Яъне агар* ī *йо-и маъруф бошад ва навишт бо талаффуз мувофикат кунад, пас* ē *- йо-и маҷҳул ва* ū*- вови маъруф бошад, пас* ō *вови маҷҳул мебошад. Агар ин истилоҳҳои забоншиносӣ ва овонавишти онро бо алифбои имрӯза баргардонем, ӯ-и дароз дар калимаҳои гӯш, рӯз, бӯй ва ғайра вови маҷҳул ва у-и дарози калимаҳои дуд (форсии миёна (*dūt*), дур (форсии миёна* dur*) хун (форсии миёна хūп) вови маъруф мебошанд. Ин овозҳо дар забони форсии имрӯз бо вов навишта шуда, ҳамчун у-и устувор ифода мешаванд, вале дар забони тоҷикӣ онҳо бархе бо ӯ-и устувори дароз ва бархе*

дигар бо у-и устувор навишта мешавад, ки ҳоло сарчашмаи баҳси доманадори донишмандон гардидааст. Айнан ҳамин усул дар навишти йо-и маҷҳул ва йо-и маъруф дар забони тоҷикӣ ва форсӣ мушоҳида мешавад. Агар йо- и маҷҳул дар забони тоҷикӣ ба садоноки алоҳидаи ё табдил ёфта бошад, он дар забони форсӣ бо овози ī *якҷо шуда, бо йо (ی) навишта мешавад. Масалан калимаҳои шер ва шир дар забони форсӣ як хел (شیر) навишта мешавад, вале маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.*

*Забонҳои форсии бостон, форсии миёна ва марҳилаи ютссикии инкишофи забони тоҷикӣ хусусияти хоси ба ҳам муқобил гузоштани овоӣ (фонетикӣ)-и садонокҳои кутоҳ ва садонокҳои дарозро доранд. Масалан, забони форсии бостон дар ибтидо дорои се овози садоноки дароз (*ā, ū, ī*) ва се садоноки кутоҳ (а, и, і) мебошад. Баъдан ду овози садоноки мураккаб (дифтонгҳо) ба овозҳои садоноки дароз (*ē *аз садоноки мураккаби* ***аі)*** *ва (*ō *аз садоноки мураккаби* ***ау)*** *ба ин гурӯҳ ҳамроҳ мешаванд. Бояд гуфт, ки ин мукобилгузории садонокҳои дарозу кутоҳ дар ин забон аз рӯи андозаи дарозиву кутоҳии овозҳо он қадар зиёд нест.*

Садонокҳои забонҳои муосир пеш аз ҳама хусусияти муқобилгузории сифатии худро ба дарозу кутоҳ гум карда, садонокҳои дароз хусусияти маъноии худро аз даст дода (инро мо дар намунаи тағйироти овоии калимаҳои вови маҷҳулдор дидем), ба хусусиятҳои дувумдараҷа табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, муқобилгузории садонокҳо аз рӯйи хусусияти кутоҳиву дарозӣ, ки барои забонҳои ду даври аввал хос мебошанд, ба таври умум дар ҳоли аз байн рафтан мебошанд.

Сайри таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ аз аҳди бостон то имрӯз собит месозад, ки дар забонҳои эронии ду давраи аввал (бостон ва миёна) доимо сухан дар бораи овозҳои кутоҳу дароз ва дар марҳилаи нави инкишофи забонҳои эронӣ садонокҳои устувору ноустувор меравад ва таҳлили садонокҳо дар забони тоҷикӣ ва забонҳои эронии ба он наздик (гурӯҳи ғарбии эронӣ) аз байн рафтани ҳам дарозӣ ва ҳам устувории садонокҳои дарозро нишон медиҳад. Бинобар ин дар имлои забони тоҷикӣ ин тағйирот, яъне табдили овозҳо аз дарозиву кутоҳӣ ба устувориву ноустуворӣ ба назар гирифта шуд. Ин масъала, албатта пажуҳиши алоҳидаро мехоҳад, вале ба таври мухтасар шарҳи ин тағйирот чунин аст.

Дар охир суоле пайдо мешавад, ки оё табдили алифбои забони тоҷикӣ зарурат дошт? Пеш аз ҳама дар ибтидои қарни XX андешаи ба алифбои лотинӣ ё кириллӣ гузаштан дар байни маорифпарварон ва донишмандони кишварҳои Шарқ ба хотири пайвастан ба пешрафтҳои илмиву техникии кишварҳои пешрафтаи Ғарб хеле васеъ паҳн шуда буд. Аз нуқтаи назари пешрафтҳои илмӣ ва техникии замони муосир ва дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва фарҳангии кишварҳои дорои алифбои ғайрилотинӣ ва ғайрикириллӣ аз қабили Ҷопон, Чин, Ҳинд ва ғайра табдили алифбо барои забонҳое, ки ба дигар алифбо адабиёти фаровон доранд, зарурат надошт. Вале барои халқҳое, ки акнун барои худ алифбо месохтанд, аз қабили баъзе халқҳои туркзабони шуравии собиқ, ин амал ба пешрафти илму фарҳанг мусоидат мекард. Вале як нуктаро бояд таъкид кард, ки аз лиҳози бартарият алифбоҳои овоӣ (лотинӣ ва кириллӣ) аз алифбоҳои ҳамсадоӣ (арабӣ) аз он ҷиҳат фарқ мекунанд, ки дар алифбои овоӣ овозҳо ва махсусан садонокҳо мушаххастар ифода мешаванд.

Фақат аз ин лиҳоз гузаштан ба алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ аҳаммияте дошт, вале таъсири манфии он дар ҳақиқат бамаротиб зиёд буд, ки мо бархе аз онҳоро дар бахши аввали ин мақола зикр намудем. Алифбои лотинии тоҷикӣ 32 ҳарф дошт ва он, ба ақидаи мо, хусусиятҳои овозии забони тоҷикиро нисбат ба алифбои русиасос беҳтар ифода мекард. Бинобар ин баъди бештар аз даҳ сол табдил додани алифбоҳои лотинии халқҳои шуравӣ, аз ҷумла алифбои забони тоҷикӣ ба алифбои нави русиасос бештар ҷанбаи сиёсӣ ва давлатӣ дошт ва ба манфиати забони тоҷикӣ набуд. Ин ақида бо мурури замон боз ҳам дар натиҷаи тағйири имлои забони тоҷикӣ ва кам кардани ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ бо баровардани ҳарфҳои хоси русӣ собит шуда истодааст. Ҳоло ҳам алифбои русиасоси тоҷикӣ ба андозаи алифбои лотиниасос муъҷазу мувофиқ ба имлои забон нашудааст.

Аксарияти ислоҳгариву ислоҳсозии алифбо ва имлои забони тоҷикӣ то имрӯз хусусияти муҳофизакорона ва мусолиҳаомез дошт. Ин равиш боиси он гардид, ки аксарияти иштибоҳҳои дар солҳои 30-юм ва 40-ум суратгирифта дар алифбо ва имлои тоҷикӣ то ба ҳол боқӣ монанд. Ҳоло зарурати ислоҳи алифбо ва имлои забони тоҷикӣ, тавре ки аз хулосаи мақолаҳои дар матбуот чопшуда ва ақидаву фикрроиҳои донишмандон мебинем,

пеш омадааст. Махсусан, имлои овозҳои садоноки забони тоҷикӣ у, ӯ, и, ӣ, э, ба истилоҳ, «ётбарсарҳо», (ин ҳам яке аз «ихтироъҳои» имлочиёни ҳамон солҳост – С. Н.) ё, ю, я, е, аломати сакта - «ъ» дар алифбо ва имлои забони мо аз масъалаҳои хеле ҷиддӣ ва ҳалталаби илми забоншиносӣ ва ҷомеаи мо гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз куҳна ба нав. (чопи КМИ АНТ), Тошканд. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1928.
2. Айнӣ, С. Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷик / С.Айнӣ // Куллиёт. Ҷ. 11. Кит.2.
3. Арзуманов, С., Алифбои нав / С. Арзуманов [ва дигарон] // «Тоҷикистони Сурх», 21 июни соли 1939. - №141.
4. Bartholomae, Chr. Awetisch und Altpersisch / Chr.Bartholomae // Grundriss der iranischen Philologue. Bd. I. Alt.I.Strussblug, 1895-1901.
5. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ. Фармони №1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз № 2 июни соли 1939 // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1939.
6. «Инқилоби маданӣ», 1931. - № 4-5.
7. Комиссаров, Д.С. К проекту нового таджикского алфавита / Д.С. Комиссаров // Коммунист Таджикистана, 22 июля 1939.
8. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. - Душанбе: Хирадмандон, 2021.
9. Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010. - №1.
10. Назарзода, С. Имло ва забони адабӣ / С.Назарзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015.
11. Назарзода, С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С.Назарзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016.
12. «Овози тоҷик», 4-уми марти соли 1930.
13. Проекти алифбои нави тоҷикӣ // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1940. - №19 (3418).
14. Раҳбари дониш», 1929. - №7.
15. Тоҷикистони Сурх, 5-уми августи соли 1933.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Забон яке сарчашмаҳои асосии истиқлолияти миллӣ ва омили муҳимми ташаккули миллат мебошад. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати рӯзи Забон, 21 июли соли 2007.

АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ГУЗАР БА АЛИФБОИ КИРИЛЛӢ

Дар мақола дар бораи ҷараёни табдили хеле зудгузари алифбои лотинии тоҷикӣ ба алифбои кириллии тоҷикӣ сухан меравад. Дар нимаи дуюми солҳои 30-юми садаи бист дар таърихи фарҳангии тоҷикон ва махсусан забон ва алифбои он ҳодисае ба вуқуъ пайваст, ки аз лиҳози суръати татбиқ бесобиқа буд. Ин ҳодисаи фарҳангӣ гузар ба алифбои русиасоси забони тоҷикӣ буд, ки ҳам омодагӣ ва ҳам ҷараёни дар амал ҷорӣ шудани он дар муддати хеле кӯтоҳ сурат гирифт. Яъне дар муддати хеле кутоҳи таърихӣ, халқи тоҷик ва бархе аз халқҳои туркзабони шуравӣ дар зери парчами сиёсати забонии Иттиҳоди Шуравӣ алифбои лотиниасоси худро бо алифбои русӣ иваз кардаанд. Дар он солҳо сабаби асосии чунин чорабиниҳои таърихӣ ба халқи рус наздик кардани халқҳои дигар ва бунёди дастаҷамъии ҷомеаи нави коммунистӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ қаламдод мешуд. Бояд гуфт, ки таърихи табдили алифбо дар забони тоҷикӣ се марҳилаи асосиро аз сар гузаронидааст: а) алифбои арабиасоси тоҷикӣ; б) алифбои лотинии тоҷикӣ; в) алифбои русиасоси (кириллии) тоҷикӣ. Дар давраи классикии рушди забони тоҷикӣ бо иловаи чор ҳарфи хоси тоҷикӣ (п, ч, ж, г) алифбои арабиасос истифода мегардид. Азбаски ин алифбо ҳамсадоӣ буда, дар он ҳамсадоҳо ва садонокҳои устувор бо ҳарфҳо ифода мегардид, садонокҳои ноустувор ҳангоми овонависӣ бо ишораҳо ифода мешуданд, ки на ҳама вақт ин усул риоя мегашт. Балки дар бештарин ҳолат ишораҳо гузошта намешуданд, ки ба гуногунии хониши садонокҳо оварда мерасонд. Истифодаи ин алифбо дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX бо гузаштан ба алифбои лотиниасос қатъ гардид ва муддати тахминан даҳ соли дигар дар имлои забони мо алифбои лотинӣ ҳукмрон буд. Дар соли 1940 дар Тоҷикистон алифбои русиасос қабул гардид ва сипас, имлои забони тоҷикӣ ҳам дар асоси ин алифбои мавриди бознигарӣ қарор гирифт. Хулоса, дар ин давра аз рӯйи сиёсати сохтмони забон тағйири алифбо ва имло, русикунонии истилоҳот, ба забони халқ наздик кардани забони адабӣ, дурӣ ҷустан аз бархе вожаҳои асили тоҷикӣ ва иқтибосҳои арабии маълум таҳти ниқоби мубориза ба унсурҳои феодалӣ, эронизмҳо, арабизмҳо ба рушди табиии забон таъсири манфӣ расонид ва ин мудохилаи сиёсӣ ба рушди забон аз тарафи С. Айнӣ дар мақолаи “Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик” (1952) мавриди накуҳиш қарор гирифт.

Калидвожаҳо: алифбои лотинӣ, алифбои тоҷикӣ, алифбои кириллӣ, тағйири алифбо ва имло, русикунонии истилоҳот, эронизмҳо, арабизмҳо.

ЗАМЕТКИ О ПЕРЕХОДЕ НА КИРИЛЛИЦУ

В статье рассматривается скоротечный переход на кириллицу в таджикском языке. Во второй половине 30 годов XX века в культурной жизни таджиков произошло событие, не имеющее аналога по скорости претворения, этим культурным событием был переход на кириллицу. Период подготовки и реализации его занял немного времени. В кратчайший исторический период, т.е. конец 30-х годов -до 1941 года, таджикский народ и некоторые тюркоязычные народы Советского Союза в рамках языкового строительства в стране от латиницы перешли на кириллицу. В те годы основная причина этого исторического события преподносилась как коллективное строительство нового коммунистического общества- Советского Союза. Необходимо отметить, что в истории таджикского языка отмечают три перехода алфавита: а) алфавит на основе арабского алфавита; б) алфавит на основе латиницы; в) алфавит на основе кириллицы. В классическом периоде развития таджикского языке использовался арабский алфавит с добавлением четырех

букв (П, Ч, Ж, Г). Арабский алфавит был консонантным и согласные, и долгие устойчивые гласные имели определенные буквы. Неустойчивые гласные имели знаки, которые не всегда фиксировались, что приводило к разночтению кратких неустойчивых звуков. Арабская графика была отменена в начале 30-х годов XX века после перехода на латиницу и в течение десяти лет была официальным алфавитом таджикского языка. В 1940 г. на основе русского языка была принята кириллица как официальный алфавит таджикского языка и составлена его орфография. Таким образом, под девизом языкового строительства в Советском Союзе проводимые мероприятия по замене алфавита таджикского языка на кириллицу, русизации орфографии и терминологии оказали отрицательное пагубное влияние на ход развития таджикского литературного языка, что в определённой степени сказывается до настоящего времени. Необходимо отметить, что эти нововведения стали объектом критики С. Айни в статье «О состоянии таджикского языкознания» (1952 г.).

Ключевые слова: латиница, таджикский алфавит, кириллица, изменение алфавита и правописания, русификация терминов, иронизмы, арабизмы.

NOTES ON THE TRANSITION TO CYRILLIC

In the second half of the 30s of the XX century, an event took place in the cultural life of the Tajiks, which has no analogue in terms of the speed of implementation, this cultural event was the transition to the Cyrillic alphabet. The period of preparation and implementation, it took a little time. In the shortest historical period, i.e. the end of the 30s - until 1941, the Tajik people and some Turkish-speaking peoples of the Soviet Union, as part of the language building in the country, switched from Latin to Cyrillic. In those years, the main reason for this historic event was presented as the collective construction of a new communist society - the Soviet Union. It should be noted that three transitions of the alphabet are noted in the history of the Tajik language: a) an alphabet based on the Arabic alphabet; b) an alphabet based on the Latin alphabet; c) an alphabet based on the Cyrillic alphabet. In the classical period of the development of the Tajik language, the Arabic alphabet was used with the addition of four letters (П, Ч, Ж, Г). The Arabic alphabet was consonantic and consonants long stable vowels had definite letters. Unstable vowels had signs that were not always fixed, which led to discrepancies in the interpretation of short unstable sounds. The Arabic script was canceled in the early 30s of the XX century after the transition to the Latin alphabet and for ten years was the official alphabet of the Tajik language. In 1940, on the basis of the Russian language, the Cyrillic alphabet was adopted as the official alphabet of the Tajik language and its spelling was compiled. Thus, under the motto of language structure in the Soviet Union, the ongoing measures to replace the alphabet of the Tajik language with Cyrillic, Russification of spelling and terminology had a negative detrimental effect on the course of development of the Tajik literary language, which to a certain extent affects to this day. It should be noted that these innovations became the object of criticism by S. Aini in the article “On the state of Tajik linguistics” (1952).

Key words: Latin alphabet, Tajik alphabet, Cyrillic alphabet, change of alphabet and spelling, Russification of terms, ironisms, Arabisms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назарзода Сайфиддин*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21.
E-mail: **snazarzoda56@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-62-44-44**

Сведения об авторе: ***Назарзода Сайфиддин*** – Институт язык и литературы им. Рудаки НАНТ, член-корреспондент, доктор филологических наук, профессор, заведующий отдела лексикографии и терминологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-mail: **snazarzoda56@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-62-44-44**

Information about the author: ***Nazarzoda Sayfiddin*** – Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, Member -correspondent, Doctor of Philological Sciences, Professor, Leading Researcher at the Department of Lexicography and Terminology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21.
E-mail: **snazarzoda56@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-62-44-44**

ТДУ: 811.21/.22:811.111

ВИЖАГИҲОИ ЗАМОН, СОХТОР ВА МАЪНОИ ШАКЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ДУРИ ДАВОМДОРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Бибираҳимаи Мадазим, А.Мамадназаров
Маркази илмии АМИТ дар ш. Хуҷанд
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақсади мақолаи мазкур – баррасии вижагиҳои замон, сохтор ва маънои шакли замони гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ ва муайян кардани муодилҳои он дар забони англисӣ мебошад. Замони *гузаштаи дури давомдор* (муайян) аз шакли феъли ҳол (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи дури феъли ёридиҳандаи *истодан* таркиб меёбад. Дар ин гуна таркиб феъли ёридиҳандаи *истодан* маънии давомнокии амал, ёридиҳандаи *будан* гузаштаи дурро мефаҳмонад [ЗАҲТ, 1973, с. 301].

Н. Маъсумӣ маънои онро чунин шарҳ медиҳад: «Шакли замони гузаштаи дури давомдор (муайян)-и забони тоҷикӣ амали гузаштаеро мефаҳмонад, ки то вуқуи амали дигари замони гузашта ҷараён дошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад [Маъсумӣ, 1985, с. 220].

Шакли феълии замони гузаштаи дури давомдор дар адабиёти забоншиносӣ ба дараҷае таҳқиқ шудааст ва мисли шаклҳои дигари замони гузаштаи мавриди таҳқиқи мо нисбати он истилоҳоти гуногун истифода шудааст. С. Ализода, Б. Ниёзмаҳмадов ва Л. Бузургзода чунин шакли феълиро зикр накардаанд. В. С. Расторгуева онро «прошедшее определённое или продолженное» (гузаштаи муайян ё давомдор) [Расторгуева, 1954, с. 554] ва танҳо «*определенное прошедшее время*» (замони гузаштаи муайян) [Расторгуева, 1964, с. 62] номидааст. В. А. Ефимов таърихи пайдо шудани ин шакли феълиро таъкид карда меоварад: «Дар забони тоҷикӣ ҳамчунин шаклҳои феълии навоваронаи (инновационные) ҳозира ва гузаштаи мауайян бо ёриии феъли ёридиҳандаи *истодан* шакл гирифтаанд: к*арда истода будам, карда истода будӣ, карда истода буд* ва ғ.» [Ефимов, 1982, с. 181–182]. Р.Л. Неменова онро «*прошедшее определенное время*» (замони гузаштаи муайян) номида, таъкид мекунад, ки он амали давомдори гузаштаро ифода мекунад, ки ҳамзамони амали дигаре анҷом шудааст [Неменова, 1988, с. 465].

Дар байни шаклҳои феълии замони гузаштаи сиғаи хабарии забони тоҷикӣ шакли *замони гузаштаи дури давомдор*, аз шаклҳои камистеъмолтарин ба шумор меравад, ки барои овардани мисолҳои муносиб чандин адабиётро мутолиа кардан лозим омад. Илова бар ин, мисолҳо аз адабаиёти англисӣ ҳам аҳён-аҳён истифода гардид.

Аксари муаллифони зикргардида маънои ин шакли феълиро зирк карда афзудаанд, ки он барои ифода кардани амали гузаштаи давомдор, ки ҳангоми саршавии амали дигари кӯтоҳтари гузашта давом дорад, истифода мешавад. В. С. Расторгуева маънои ин шакли феълиро чунин шарҳ додааст: «Аз назари семантикӣ ин шакли феълӣ ду амалро муттаҳид месозад: 1) давомнокии амал ва 2) мутаносибии ин амал бо амали замони муайяни дигари гузашта [Расторгуева, 1964, с. 63]. Дар байни забоншиносон, ки шаклҳои феълии замони гузаштаро дар муқоиса бо забони англисӣ таҳқиқ кардаанд, ақидае аст, ки гузаштаи дури давомдор ба шакли феълии **the *Past Continuous Tense*-**и забони англисӣ мувофиқат мекунад. Масалан:

Баъд аз тамом шудани он мурофиае, ки қозикалон ***пурсида истода буд***, боз мурофиачиёни дигар бар рӯйи бурё нишастанд [MC,123]. ~ When the case that chief qadi ***was questioning*** came to an end, other participants sat on the rug [DU, 123].

Аммо «ишкамба» номида шудани одамро дар умри худ нахустин бор ***шунида истода будам*** [MC, 20]. ~ But a human being called "*ishkamba*" I ***was hearing*** for the first time in my life [MC, 123].

Дар кӯча рафиқамро дидам, ки бо духтаре ***суҳбат карда истода буд*** [Ras. 63]. ~ I saw my friend in the street while he ***was speaking*** to a girl [Ras. 63].

Аз ҷумлаи аввалин корҳое, ки дар он шаклҳои муайян, аз ҷумла шакли замони гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ дар муқоиса бо «разрядҳои Continuous» и забони англисӣ таҳқиқ гардидаанд, асарҳои П. Джамшедов мебошанд [Джамшедов, 1973; 1974]. Таҳқиқи ҷумлаҳои забони англисӣ ва тарҷумаи онҳо имконият дод, ки зиёда аз ҳаждаҳ

ҳамгунаи **the *Past Continuous Tense*** дар забони тоҷикӣ муайян карда шавад, ки дар байни онҳо ***замони гузаштаи муайян*** аз ҷумлаи ҳамгунаи ҳамешагӣ мебошад [Джамшедов, 1973, с. 46–47]. Аз ҷумлаи корҳои ба наздикӣ анҷомдодашуда рисолаи номзадии Г. Қулматоваро номбар кардан мумкин аст, ки дар он шакли феъли гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ низ дар як бахш мавриди таҳқиқ дар муқоиса бо забони англисӣ қарор гирифтааст [Кулматова, 2021, с. 127-134].

Феъли ёридиҳандаи ***истодан***, дар шаклсозии замонҳои дигар, аз ҷумла, шакли муайяни сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ (*дида истода бошам*) ва гузаштаи дури давомдори нақлӣ (***дида истода будаам***) низ истифода мешавад, ки ҳамгунаҳои он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ба дараҷае таҳқиқ гардидаанд [Мамадназаров, 2015, с. 138–144].

Шакли замони *гузаштаи дури давомдор* (муайян)-и забони тоҷикӣ амали гузаштаеро мефаҳмонад, ки то вуқуи амали дигари замони гузашта ҷараён дошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад. Ба ин маънӣ ду амали замони гузашта дар як вақт воқеъ мегардад. Баъзан ҷараёни амали давомдор бо содир шудани амали дигар қатъ мегардад. Ин маъноҳо вобаста ба тобишҳои маъноии гуногуни зерин ифода мешаванд:

1. Дар ҷумлаҳои муракккаби тобеъ, ду амали дар як вақт воқеъшуда мушоҳида мешавад:

Бой ба шоҳидонаш, ки дар болои сараш ***рост истода буданд***, нигоҳ карда онҳоро ишорат ба нишастан кард [MC, 165]. ~ The rich man looked at his witnesses, who ***were standing*** next to him and made a sign for them to sit on their knees [DU, 165].

…арбоб Рӯзӣ, – гуфт дар ҷавоб арбоб Ҳамид ва арбоб Рӯзиро, ки дар ҳамон вақт аз дарвоза ***даромада омада истода буд,*** нишон дода илова намуд [MC. 161]. ~ Arbob Ruzi, – said in response to Arbob Hamid and pointing to Arbob Ruzi, who at that moment ***was just coming*** into the yard [DU, 161].

2. Баъзан барои ифода кардани маънои грамматикӣ шакли ***гузаштаи дури давомдор*** ва ***гузаштаи ҳикоягӣ*** муродифи ҳамдигар шуда метавонанд. Масалан:

…деҳқононе, ки аз кӯча ***омада*** ба болои мурофиаи Шодмон ***рост истода буданд (рост меистоданд)***, суханони ӯро тасдиқ карданд [MC, 185]. ~ Of course, this verdict “unjust, unfair and plundering! – said the peasants, who came earlier from the street and ***were standing*** at Shodmon’s trial, confirming his words [DU, 185].

Баъд аз тамом шудани он мурофиае, ки қозикалон ***пурсида истода буд (мепурсид)***, боз мурофиачиёни дигар бар рӯйи бурё нишастанд [MC,123]. ~ When the case that chief qadi ***was questioning*** came to an end, other participants sat on the rug [DU, 123].

Аммо «ишкамба» номида шудани одамро дар умри худ нахустин бор ***шунида истода будам*** (***мешунидам***) [MC, 20]. ~ But a human being called “*ishkamba*” I ***was hearing*** for the first time in my life [MC,123].

Агар дар се ҷумлаи боло шакли феъли замони гузаштаи давомдори ***рост истода буданд, пурсида истода буд*** ва ***шунида истода будам***-ро бо феъли шакли *гузаштаи ҳикоягии* ***рост меистоданд, мепурсид*** ва ***мешунидам*** иваз кунем, маъно халалдор намешавад. Дар тарҷумаи ба забони англисӣ ба шакли ***the Past Continuous Tense*** – замони гузаштаи давомдор мувофиқат кардани ин ҳарду шаклҳои феълӣ нуқтаҳои болоро собит месозад.

Барои дуруст будани чунин натиҷа ду мисоли дигареро низ меоварем, ки дар онҳо амали давомдори дар гузашта анҷомёфтаистода, ки бо шакли гузаштаи ҳикоягӣ дар забони тоҷикӣ ифода ёфтааст, ба шакли гузаштаи ҳикоягии ***the Past Continuous Tense****-и* забони англисӣ мувофиқат мекунанд:

Мо бо якдигар аз ҳар тараф гуфтугузор ***мекардем***… як вақт бинем, ки шаб аз нима гузаштааст [Ё. 44]. ~ We ***were talking*** about different things and realized that it was more than the midnight already [R, 38].

Ин ҳама гузару кӯчаҳоро давр зада гашта чӣ кор ***мекардед***? [MC,79] ~ What ***were*** you ***doing*** while walking through all the small and large streets? [DU, 79].

Магар «болшевик» ҳамон «вел», ё «век», ё «велка кназ» нест, ки мудиратон ба сари ҳукумати Русия омадани ӯро ***тахмин мекард***? [MC, 236] ~ Is “Bolshevik” not the same “vel”, or “vek”, or “velka knaz” that your chairman ***was assuming*** to come to power in Russia? [DU, 236].

Барои ифода кардани амале, ки дар лаҳзаи муайян дар гузашта анҷом ёфта истодааст, дар ҷумла метавонанд вожаҳои ҳоли замон, ба мисли: *дар он лаҳза – at that moment, дар он давра – at that time, дар соати … - at … o’clock, дина дар соати чор – at four o’clock yesterday*

ва ғ. ба вазифаи нишондиҳандаҳои лексикӣ истифода шаванд. Масалан:

…арбоб Рӯзӣ, – гуфт дар ҷавоб арбоб Ҳамид ва арбоб Рӯзиро, ки дар ҳамон вақт аз дарвоза ***даромада омада истода буд,*** нишон дода илова намуд [МС. 161]. ~ Arbob Ruzi, – said in response to Arbob Hamid and pointing to Arbob Ruzi, who at that moment ***was just coming*** into the yard [DU, 161].

Вақте ки Қориишкамба рафтагор шуда аз пеши дӯкон ба роҳ даромад, ба ман, ки дар қафотари ӯ ***истода будам***, чашми тоқияфурӯш афтод [МС, 34]. ~ When Qori Ishkamba was going to leave the shop the eyes of the skullcap seller fell on me as I ***was standing*** a bit farther [DU, 34].

Шакли замони ***гузаштаи дури давомдори*** забони тоҷикӣ ва ҳам ***the Past Continuous Tense*** метавонанд дар тарзҳои фоили ин забонҳо ва дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ, инкорӣ, саволӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидӣ истифода шаванд. Дар ин навъи ҷумлаҳо шаклҳои феъли мазкури забонҳои таҳқиқшаванда дар асоси қоидаҳои муайян, ки умумият ва фарқияту вижагиҳои онҳоро таъкид месозанд, сохта мешаванд.

Шакли хабарӣ (The Affirmative Form). Шакли хабарии ***гузаштаи дури давомдори*** феълҳои забони тоҷикӣ аз шакли сифати феълии феъли асосӣ ва шакли гузаштаи дури феъли ёридиҳандаи ***истодан***, чунон ки таъкид гардид, сохта мешавад. Дар забони англисӣ бошад ***the Past Continuous Tense*** *тавассути* ***феъли*** ёридиҳандаи будан – ***to be*** дар шакли ҷамъ ва танҳои замони гузашта ***was/ were*** ва сифати феълии замони ҳозира сохта мешавад:

I ***was*** playing. Ман ***бозӣ карда истода будам***. You ***were playing.*** Ту ***бозӣ карда истода будӣ***. He/she/it ***was playing***. Вай ***бозӣ карда истода*** буд.	We ***were playing***. Мо ***бозӣ карда истода будем***. You ***were playing***. Шумо ***бозӣ карда истода будед***. They ***were playing*** Онҳо ***бозӣ карда истода буданд.***

Яъне, умумияти шаклсозии шакли хабарии ***гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ*** ва ***the Past Continuous Tense***-и забони англисӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар ду забон ин шаклҳои феълӣ тавассути сифати феълӣ ва феъли ёридиҳанда сохта мешаванд. Фарқият дар он зоҳир мешавад, ки дар забони тоҷикӣ феъли ёридиҳандаи ***истодан*** ва дар забони англисӣ феъли ёридиҳандаи ***будан*** истифода мешавад. Баъдан, феъли ёридиҳанда дар забони тоҷикӣ шаклҳои танҳо ва ҷамъ надорад, феъли будан бошад дар забони англисӣ шаклҳои ҷамъ ва ҳам танҳо дорад. Масалан:

Ангиштгарон дар он чорбоғ чандин кӯра сохта он дарахтҳоро ғалтонда сӯхта ангишт ***карда истода буданд*** [Ё. 96]. ~ And kadi's sons who sold them to charcoal-burners, who set up several ovens in the orchard, felled the trees, and ***were burning*** them for charcoal [R. 143].

…худи ӯ ҳам ба рӯйидани пулаш умеди зиёд надошт, бинобар ин, дар авзоаш аломати девонагӣ намудор ***гардида истода буд*** [МС, 138] …and he himself did not have much hope to regain his money and that is why the sign of madness ***was appearing*** in his appearance [DU, 138]

Шакли инкорӣ (The Nagative Form). Шакли инкории феълҳои замони ***гузаштаи дури давомдор*** дар забони тоҷикӣ тавассути ҳамроҳ кардани ҳиссачаи инкории ***на-*** ба шакли сифати феълии феъли асосӣ сохта мешавад.

Шакли инкории феъли забони англисӣ бошад, тавассути феъли ёридиҳандаи будан ***to be*** дар шакли танҳо ва ҷамъи замони гузаштаи одӣ ***was/ were*** ва ҳиссачаи инкории ***not*** ва сифати феълии замони ҳозира сохта мешавад. Дар забони англисӣ ҳиссачаи инкорӣ дар байни феъли ёридиҳанда ва феъли асосӣ гузошта мешавад. Масалан***: he was not sleepng, we were not sleeping, they were not sleeping.*** Дар забони англисӣ ҳамчунин шакли кӯтоҳи ***the Past Continuous Tense*** дар шакли ***wasn't/weren't*** вуҷуд дорад:

I ***was*** not playing. Ман ***бозӣ накарда истода будам***. You ***were not playing.*** Ту ***бозӣ накарда истода будӣ***. He/she/it ***was not playing***. Вай ***бозӣ накарда истода*** буд.	We ***were not playing***. Мо ***бозӣ накарда истода будем***. You ***were not playing***. Шумо ***бозӣ накарда истода будед***. They ***were not playing*** Онҳо ***бозӣ накарда истода буданд.***

At that time the football star ***wasn't enjoying*** success on and off the field. [Камянова, 2015, с. 433]. ~ Дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳои футбол дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***набурда истода буд***.

Ё ки бо муродифи замони ***гузаштаи дури давомдор*** дар забони тоҷикӣ – *шакли замони гузаштаи ҳикоягии инкорӣ*, ки тарҷумаи ҳар ду шаклҳои феълии забони тоҷикӣ бо як шакли феъли забони англисӣ – ***the Past Continuous Tense*** анҷом дода шудааст.

Аммо касоне, ки Абумуслим онҳоро дар роҳи якҷоя андохта бо руҳи исёнкорӣ тарбия карда буд, ӯро ***фаромӯш намекарданд*** ва накарданд [ИМ, 111]. ~ But those to whom Abu Muslim brought an idea, and stirred up a rebellious spirit, ***were not going to forget*** him, and they did not forget him [MR, 111].

Қориишкамба бо вуҷуди он ҳама фоидаҳо кори Мирзо Абдуллоро ***фаромӯш намекард*** ва дар сари ҳар оше, ки рӯзе чанд бор ба вай ***рост меомад***, ӯро дашном ***медод*** ва дуои бад ***менамуд*** [MC, 227]. ~ Qori Ishkamba in spite of all his profits ***was not forgetting*** the affair with Mirzo Abdullo and at every chance of eating pilaf, that he ***had*** a few times a day he ***cursed*** him and ***sent*** bad prayers on his name [DU. 227].

Шакли саволӣ/ Interrogative Form. Шакли саволии феълҳои замони ***гузаштаи дури давомдор*** дар забони тоҷикӣ бо ду роҳи асосӣ сохта мешавад: ба воситаи интонатсия (оҳанг) ва калимаю ёридиҳандаҳои саволӣ, ки одатан дар аввали ҷумла гузошта мешаванд. Бояд таъкид кард, ки дар китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ [1956; 1973; 1985] ва дар адабиёти илмӣ шаклҳои саволӣ, инкорӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидии феълҳои забони тоҷикӣ ба таври пурра мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Шакли саволии феълҳо дар замони гузаштаи давомдор – ***the Past Continuous Tense***-и забони англисӣ тавассути феъли ёридиҳандаи будан ***to be*** дар шакли танҳо ва ҷамъи замони гузаштаи одӣ ***was/ were*** ва сифати феълии замони ҳозира (Participle I) сохта мешавад. Феъли ёридиҳандаи будан ***to be*** дар шакли танҳо ва ҷамъи замони гузаштаи одӣ ***was/ were*** дар аввали ҷумла пеш аз мубтадао ё гурӯҳи мубтадо дар ҷумлаҳои саволии умумӣ ва баъд аз вожаҳои саволӣ дар ҷумлаҳои саволии алтернативӣ бо феълҳои асосӣ дар шакли Participle I гузошта мешавад.

Was the football star ***enjoying*** success on and off the field at that time? [Камянова, 2015, с. 433]. ~ Оё дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳои футбол дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***бурда истода буд?***

Why **was** the football star ***enjoying*** success on and off the field at that time? [Камянов, 2015, с. 433]. ~ *Чаро* дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳои футбол дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***бурда истода буд?***

Шакли саволӣ-инкорӣ/ The Negative-Interrogative Form. Шакли саволӣ-инкории замони ***гузаштаи дури давомдор*** дар забони тоҷикӣ бо ду роҳи асосӣ: ба воситаи интонатсия (оҳанг) ва калимаю ёридиҳандаҳои саволӣ, ки одатан дар аввали ҷумла ва ҳиссачаи инкории ***на-*** ки пеш аз феъли асосӣ дар шакли сифати феълӣ гузошта мешаванд, сохта мешавад.

Дар забони англисӣ шакли саволӣ-инкории феълҳо дар замони гузаштаи давомдор – ***the Past Continuous Tense*** тавассути феъли ёридиҳандаи будан ***to be*** дар шакли танҳо ва ҷамъи замони гузаштаи одӣ ***was/ were,*** ҳиссачаи инкории ***not*** ва сифати феълии замони ҳозира (Participle I) сохта мешавад. Ҳиссачаи инкории ***not*** дар шакли пурраи саволӣ-инкории феъл дар ***the Past Continuous Tense*** *баъд аз* мубтадо ва ё гурӯҳи мубтадо гузошта мешавад. Дар шакли кӯтоҳи саволӣ-инкории феъл ҳиссачаи инкории ***not*** бо ҳамроҳии феъли ёридиҳанда – ***wasn't/ weren't*** дар аввали ҷумла гузошта мешавад. Дар ҷумлаҳои саволии мушаххас ҳиссачаи инкории ***not*** бо ҳамроҳии феъли ёридиҳанда – ***wasn't/ weren't*** баъд аз вожаи саволӣ истифода мешавад. Ҳангоми тарҷумаи саволҳои умумӣ бо феъл-хабар дар шакли саволӣ-инкорӣ аз забони англисӣ ба тоҷикӣ вожаҳои *наход, оё, магар* ва ғ. истфода мешаванд. Масалан:

Was the football star ***not enjoying*** success on and off the field at that time?

Wasn't the football star ***enjoying*** success on and off the field at that time? [Камянова, 2015, с. 433]. ~ ***Магар*** дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳояш дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***набурда истода буд?***

Why wasn't the football star ***enjoying*** success on and off the field at that time? [Камянова, 2015, с. 433]. ~ ***Чаро*** дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳои худ дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***набурда истода буд?***

Чаро ӯ барои фоида бурдан аз аҳолии ҷанговар ва исёнкори Хуросон ва Мовароуннаҳр ғайри Абумуслим каси дигареро ***қобил намедонист*** [ИМ, 103]. ~ Why he ***did not consider*** anybody else capable, except Abu Muslim to get the rebellious, militant population of Khorasan and Mavarannahr to support him [MR, 103].

Шакли хабарӣ-таъкидӣ/ The Emphatic Form. Шакли хабарӣ-таъкидии замони ***гузаштаи дури давомдор*** дар забони тоҷикӣ ва шакли ***the Past Continuous Tense*** -и англисӣ бо шакли хабарӣ мувофиқат мекунанд. Дар ин ҳолат таъкиди маъно тавассути таъкиди овозии феъл, яъне задаи мантиқӣ, ки дар забони англисӣ ба феъли ёридиҳанда меафтад, сурат мегирад. Ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ шакли хабарӣ-таъкидӣ метавонад дар ҳамбастагии задаи мантиқӣ, бо феъл-хабари ҷумла ва ҳиссачаҳои таъкидӣ *охир, ку* ё вожаҳои *гарчӣ, ҳарчанд ки, бо вуҷуди ин ки* ва ғ. истифода шавад. Масалан:

Ангиштгарон дар он чорбоғ чандин кӯра сохта он дарахтҳоро ғалтонда сӯхта ангишт ***карда истода буданд*** [Ё. 96]. ~ And kadi's sons who sold them to charcoal-burners, who set up several ovens in the orchard, felled the trees, and ***were burning*** them for charcoal [R. 143].

At that time the football star ***was*** *enjoying* success on and off the field [Камянова, 2015, с. 433]. ~ Дар он давра ситораи футбол аз дастовардҳояш дар майдон ва берун аз он ҳаловат ***бурда*** *истода буд.*

Барои таъкиди амал дар ҷумлаҳои боло дар забони тоҷикӣ задаи мантиқӣ болои вожаҳои ***карда*** ва ***бурда*** ва дар забони англисӣ болои феълҳои ёридиҳандаи ***were*** ва ***was*** гузошта мешавад. Яъне, ба воситаи оҳанг мо амали дар гузашта анҷомдодашудаистодаро таъкид мекунем.

Барои ифода кардани амали давомдор дар давраи муайян дар замони гузашта, илова ба шаклҳои феълии замони гузаштаи дури давомдор ва ***the Past Continuous Tense,*** давраи муайян дар гузашта ҳамчунин метавонад бо нишондиҳандаҳои лексикии зерин тақвият ёбад:

дар ҳамон замон ~ during that time
дар ҳамон давра ~ during that period
дар давоми сол ~ during the year
аз моҳи июн то август ~ from June to August
аз саҳар то бегоҳ ~ from morning till evening
аз соати панҷ то соати ҳафт ~ from five till seven o'clock
тамоми рӯз ~ the whole day
дар давоми тамоми рӯз ~ all the day long
тамоми шаб ~ all night long
имрӯз - today
ҳамеша ~ all the time
ҳамаи шабҳо ва рӯзҳо ~ whole days and nights

The *whole day* they were talking about their friend's disappearance and about everything that had happened [Камянова, 2015, с. 437]. ~ *Тамоми рӯз* онҳо дар бораи гум шудани дӯсташон ва дар бораи ҳар чизе, ки рух ***дода истода буд*** гап мезаданд.

Ман *имрӯз* дар саҳни мадрасаи Кӯкалтош як муллобачаи калонзодаамон рангпаридаро дида будам, ки «во, шариато!..» ***гуфта истода буд***. [Ҷ. Б. 58]. ~ Today in the courtyard of Kukaltosh madrasa I saw a young, of noble descent mullah, very pale who ***was keeping crying*** "Oh, sharia!" [E, 52].

Ба унвони хулоса метавон зикр кард, ки шакли *замони гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва шакли *гузаштаи давомдори* забони англисӣ – ***the Past Continuous Tense*** амали гузаштаро мефаҳмонанд, ки то вуқуи амали дигар ҷараён дошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад. Нисбати ин шаклҳои феълӣ истилоҳоти гуногуни забоншиносӣ истифода шудааст. Ин шакли феълӣ аз камистеъмолтаринҳо дар байни шаклҳои феълии замони гузашта буда, дорои хусусиятҳои умумӣ ва вижагиҳои хос мебошад, аз ҷумла:

1. Шакли замони гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ ва шакли гузаштаи давомдори забони англисӣ ***the Past Continuous Tense*** аз ҷиҳати ифодаи замони гузашта, аксаран, бо ҳам мувофиқат мекунанд ва замони гузаштаи давомдорро ифода мекунанд.

2. Фарқияти асосӣ дар сохтани шаклҳои хабарӣ, инкорӣ, саволӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидӣ ба назар мерасад, ки ин фарқият тавассути мисолҳо шарҳ дода шудааст.

3. Муайян гардид, ки дар баъзе ҳолатҳо *шакли гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва *гузаштаи ҳикоягӣи* забони тоҷикӣ муродифи грамматикии ҳамдигар шуда метавонанд.

4. Шаклҳои инкорӣ, саволӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидии шакли гузаштаи дури давомдор дар забони тоҷикӣ ва, ҳамчунин, дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода, С. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 187 с.
2. Джамшедов, П. Проблемы глагольной типологии (Время и вид) / П.Джамшедов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 155 с.
3. Ефимов В.А. Персидский, таджикский, дари / В.А. Ефимов, В.С. Расторгуева, Е.Н Шарова // Основы иранского языкознания. Новоиранские языки: западная группа, прикаспийские языки. – М.: Наука, 1982. – С.98-231.
4. Камянова Т. Грамматика английского языка: теория и практика / Т.Камянова. – М: Дом Славянской Книги, 2015. – 1024 с.
5. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – М.: ЛадКом, 2010. – 548 с.
6. Кулматова, Г.Т. Способы выражения простого прошедшего времени в «Воспоминаниях» С. Айни и метод его перевода на английский язык / Г.Т. Кулматова **//** Вестник Таджикского национального университета. Серия Филологических наук. – Душанбе, 2011. - № 9(73). – С.290-296.
7. Кулматова Г.Т. Временные формы глаголов изъявительного наклонения в таджикском языке и способы их выражения в английском языке (на основе перевода произведений С. Айни): автореф. дис. … канд. филол. наук / Г.Т. Кулматова. – Душанбе, 2021. – 28 с.
8. Мамадназаров, А. Таджикский конъюнктив в сопоставительно - типологическом освещении: автореф. дис. … канд. филол. наук / А.Мамадназаров. – Тбилиси, 1986. – 24 с.
9. Мамадназаров, А. Таджикский конъюнктив в сопоставительно- типологическом освещении. Монография / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2015. – 184 с.
10. Маъсумӣ, Н.А. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.А. Маъсумӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 295 с.
11. Маъсумӣ Н. Феъл / Н. Маъсумӣ // Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С.230–344.
12. Неменова Р.Л. Краткий очерк грамматики таджикского языка / Р.Л. Неменова // Приложение к краткому таджикско-русскому словарю Я.И. Калонтарова. – М. – 1955. – С.429–488.
13. Расторгуева, В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. – М.: Наука, 1964. – 292 с.
14. Розенфельд, А.З. Глагол (Очерки по грамматики современного таджикского языка) / А.З. Розенфельд. – Ст алинабад: Изд-во АН Тадж. ССР. Вып. 4. 1954. – 80 с.
15. Розенфельд, А.З. Глагол / А.З. Розенфельд, Ш.Ниёзӣ // Грамматикаи забони тоҷикӣ. - Қ.1. Фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Сталинабад, 1956. – С.105-150.
16. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / К.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 372 с.
17. Хамроалиев Н. Глагольный вид в современном английском и таджикском языках / Н.Хамроалиев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 183 с.
18. Айнӣ, С. Марги судхӯр [МС] / С. Айнӣ // Акнун навбати қалам аст. Ҷ.2. – Душанбе, 1978. – С.145-308.
19. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик [Т]. Исёни Муқаннаъ (ИМ) / С. Айнӣ. Тарҷума ва пешгуфтори А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 157 с.
20. Aini, S. Boyhood [Bo] / S. Aini. Translated by George H. Hanna. Pp. 2-123.
21. Aini, S. Temur Malik – Tajik Peoples' Hero [TM]. Muqanna's Rebellion [MR] / S. Aini. Translated from the Tajik Persian with an Introduction by A. Mamadnazarov. – Dushanbe: R-graph, 2022. – 157 p.

ВИЖАГИҲОИ ЗАМОН, СОХТОР ВА МАЪНОИ ШАКЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ДУРИ ДАВОМДОРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола вижагиҳои замон, сохтор ва маънои шакли *замони гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва муодилҳои он дар забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Метавон зикр кард, ки шакли *замони гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва шакли гузаштаи давомдори забони англисӣ – ***the Past Continuous Tense*** амали гузаштаро мефаҳмонанд, ки то вуқуи амали дигар ҷараён дошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад. Забоншиносон нисбати ин шаклҳои феълӣ истилоҳоти гуногунро истифода кардаанд. Ин шакли феълӣ аз шаклҳои камистеъмолтарин дар байни шаклҳои феълии замони гузашта буда, дорои хусусиятҳои умумӣ ва вижагиҳои хос низ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шакли замони *гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва шакли гузаштаи давомдори забони англисӣ – ***the Past Continuous Tense*** аз ҷиҳати ифодаи замони гузашта, аксаран, бо ҳам мувофиқат мекунанд ва замони гузаштаи давомдорро ифода мекунанд. Фарқияти асосӣ дар сохтани шаклҳои хабарӣ, инкорӣ, саволӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидӣ ба назар мерасад, ки ин фарқият дар мақола тавассути мисолҳо шарҳ дода шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо *шакли гузаштаи дури давомдори* забони тоҷикӣ ва гузаштаи ҳикоягии забони тоҷикӣ муродифи грамматикии ҳамдигар шуда метавонанд. Вале, метавон таъкид кард, ки шаклҳои инкорӣ, саволӣ, саволӣ-инкорӣ ва хабарӣ-таъкидии шакли гузаштаи дури давомдор дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтаанд. Маҳз ҳамин вижагиҳои шакли *гузаштаи дури давомдор* дар мақола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: сохтор, замон, маъно, амал, замони давомдор, хабарӣ, инкорӣ, саволӣ, таъкидӣ, дури давомдор.

ВРЕМЯ, СТРУКТУРА И СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОГО ОПРЕДЕЛЕННОГО ПРОШЕДШЕГО ВРЕМЕНИ И ЕГО ЭКВИВАЛЕНТЫ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена исследованию структуры и семантических особенностей таджикского *определенного прошедшего времени* и его эквивалентов в английском языке. Можно отметить, что ***определенное прошедшее время*** таджикского языка и ***Past Continuous Tense*** английского языка обозначают длительное действие, соотнесенное с каким-то определённым периодом времени в прошлом. Лингвисты используют разные грамматические термины для этих времен. Эта форма глагола является наиболее редко употребляемой среди прошедших времен в таджикском языке и имеет некоторые общие черты и особенности, по сравнению с английским прошедшим длительным временем. Анализ показывает, что таджикское определенное прошедшее время и английское Past Continuous Tense в плане выражения прошедшего времени имеют общие черты, выражающие прошедшее длительное действие. Разница наблюдается в основном в утвердительной, отрицательной, вопросительной, вопросительно-отрицательной и эмфатической формах, которые указаны в статье с примерами. В некоторых случаях таджикское определенное прошедшее время и таджикское длительное прошедшее время могут выражать синонимичные действия. Однако можно заметить, что отрицательная, вопросительная, вопросительно-отрицательная и эмфатическая формы в таджикском языке изучены недостаточно. Именно этих особенностей и рассматривались.

Ключевые слова: структура, время, семантика, действие, длительное время, утвердительное, отрицательное, вопросительное, эмфатическое, определенное прошедшее время.

TIME, STRUCTURE AND SEMANTIC PECULIARITIES OF TAJIK *PROGRESSIVE PAST TENSE* AND ITS EQUIVALENTS IN THE ENGLISH LANGUAGE

The article is devoted to the research of time, structure and semantic peculiarities of the Tajik ***Progressive Past Tense*** and its equivalents in the English language. It is noted that ***Progressive Past Tense*** of the Tajik language and the ***Past Continuous Tense*** of English indicate the action that continues until another action is taking place during, which another action takes place. Linguists use different grammatical terms for these tenses. This form of the verb is the most rarely used among the past tenses in Tajik language and has some common features and peculiarities in comparison to English ***Past Continuous Tense***. The analysis shows that the Tajik ***Progressive Past Tense*** and the English ***Past Continuous Tense*** in terms of expressing past tense have common features that express the past continuous action. The difference is seen mostly in the affirmative, negative, interrogative, interrogative-negative and emphatic forms that are indicated in the article with examples. In some cases, the ***Tajik Progressive Past Tense*** and ***Tajik Durative Past Tense*** can express synonymous actions. However, it may be noticed that negative, interrogative, interrogative-negative and emphatic forms in Tajik language have not been thoroughly investigated. It is these peculiarities that have been sought in the article.

Key words: structure, tense, semantics, action, continuous tense, affirmative, negative, interrogative, emphatic, distant past.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Бибираҳимаи Мадазим*** – Маркази илмии АМИТ дар ш. Хуҷанд докторант Ph.D. **Суроға:** 735777, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Сирдарё, 26. E-mail: **Gulrez090995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-28-66-77**

Мамадназаров Абдусалом – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Бибирахимаи Мадазим*** – Научный центр НАНТ в г. Худжанд, докторант Ph.D. **Адрес:** 735777, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул. Сирдарё, 26. E-mail: **Gulrez090995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-28-66-77**

Мамадназаров Абдусалом – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор кафедры английского язика и сранителной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the authors: ***Bibirahimai Madazim*** – Research Center of TNAS in Khujand, Ph.D. student. **Address:** 735777, Republic of Tajikistan, Khujand, Sirdaryo, Str., 26. E-mail: **Gulrez090995@mail.ru.** Phone: **(+992) 928-28-66-77**

Mamadnazarov Abdusalom - Tajik National University, Doctor of Philology, professor at the Department of English Language and Comparative Typology. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17

ТДУ: 811.21/.22-5

ИФОДАИ МУРОДИФОТИ МУНОСИБАТИ ЗАМОНӢ БО ПАЙВАНДАКИ *“ВАҚТЕ КИ”*

Мирзоева М.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз пайвандакҳои серистеъмолтарин дар ифодаи маънои замон дар забони тоҷикӣ пайвандаки ***вақте ки*** аст. Ин пайвандак, маъмулан, дар аввали ҷумлаи пайрав омада, дар ин маврид ҷумлаи пайрав низ пеш аз сарҷумла меояд ва пас аз амали ҷумлаи пайрав ба вуқӯъ омадани амали сарҷумларо мефаҳмонад:

Вақте ки *резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем* [15, с.47]. ***Вақте ки*** *мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт…* [15, с.50]. ***Вақте ки*** *ба поезд нишастем, ман дар ин бора ба падарам савол додам* [15, с.53].

Дар мавридҳои боло амали ҷумлаи пайрав худаш таъҷилӣ нест, аз ин рӯ, амали сарҷумла ҳам гарчи қариб баробари амали ҷумлаи пайрав сурат мегирад, ба назар чунин мерасад, ки характери таъҷилӣ надорад ва тадриҷан ба амал меояд. Ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ин гуна ҷумлаҳои мураккаб ҷойи баъзе аъзои ҷумла тағйир ёфта, ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ табдил меёбад: *Вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш мо ҳам аз қафояш рафтем*. Агар дар ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаб ибтидои амал эҳсос шавад, дар ҷумлаи сода тобиши маъноии ибтидои амал гум мешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ баргашт ва масдар замон надорад. Ин муносибатро дар ҷумлаҳои дигар низ дидан мумкин аст: ***Вақте ки*** *мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт…*- *Вақти аз деҳа баромадани мо амакам охирин бор ба падарам гуфт…*

Муносибатҳои маъноии мазкурро дар шаклҳои гуногун овардан мумкин аст. Аммо чизе, ки нависанда таъкид кардан мехоҳад, дар ҳосилаҳои гуногун метавонанд тағйир ёбанд. Масалан, дар ҷумлаи ***Вақте ки*** *резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем* – дар амали ҷумлаи пайрав, амали резаворфурӯш таъкид меёбад. Ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидан дар қолаби: *Вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш мо ҳам аз қафояш рафтем* – низ ҳамон амали резаворфурӯш таъкид меёбад, аммо, агар дар ҷумлаи содаи мазкур мубтадо дар ҷойи муқаррариаш оварда шавад, ин таъкид аз байн рафта амали мубтадо (сарҷумлаи аслӣ) дар мадди аввал мебарояд: *Мо ҳам вақти хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шудани резаворфурӯш аз қафояш рафтем*. Дар ҷумлаҳои дигар низ тобиши маъно айнан ҳамин гуна аст. Оё, воқеан, амали резаворфурӯш дар мадди назари нависанда аст ё чизи дигар. Инро матн равшан мекунад:

Бародарам Азизхон дар айвон хӯрҷинро ба ман нишон дода гуфт:

- Биё, Мирзодиккакро ба даруни ин хӯрҷин андохта мемонему мардакро метарсонем. Мардак ба бозор рафта хӯрҷинашро кушояд, Мирзодиккак мебарояд, вай метарсад….

Бозича ба хӯрҷин андохта шуд. ***Вақте ки*** *резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем* [15, с.47].

Воқеан, ҳам дар маркази диққати нависанда ҳамин резаворфурӯш меистад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бо пайвандаки *вақте ки* тобеъ шудааст, ҷонишини таъкидии *ҳар* илова шавад, як хусусияти дигар мегирад. Ҷумлаи пайрав бо пайвандаки ***вақте ки*** ба амале далолат мекунад, ки ҳудуд ё карати такроршавии амал маҳдуд аст: ***Вақте ки*** *мо дар таги теппа бо ҳам видоъ мекардем, вай гуфт…* [15, с.162] - дар шакли сиғаи хабарӣ омадани хабари сарҷумла яккарата будани амали сарҷумларо мефаҳмонад, дар шакли тобиши аорист доштани хабари ҷумлаи пайрав бошад, давомнокии амалро мефаҳмонад. Дар сиғаи хабарӣ омадани хабари сарҷумла ба он далолат мекунад, ки амали ҷумлаи пайрав давомнок бошад ҳам, яккарата аст. Умуман, дар ин гуна мавридҳо яккарата ё бисёркарата будани амали ҷумлаи пайрав ба хабари сарҷумла вобастагӣ дорад. Агар хабари сарҷумла дар сиғаи хабарӣ омада бошад, амали ҷумлаи пайрав, сарфи назар аз он ки дар кадом шакл аст, яккарата мебошад, агар хабари сарҷумла дар шакли аорист омада бошад, новобаста ба чигунагии хабари ҷумлаи пайрав, бисёркарата аст. Агар ҳам хабари ҷумлаи пайрав ва ҳам хабари сарҷумла дар шакли ҳикоягӣ омада, тобиши аорист дошта бошанд, бисёркарата будани амали ҳам сарҷумла ва

ҳам ҷумлаи пайравро мефаҳмонанд: ***Вақте ки*** *маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт* [15, с.116]. Агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ояд, хабари сарҷумла ҳатман дар шакли замоние меояд, ки тобиши аорист гирифта, бисёркарата будани амалро мефаҳмонад. Ба ҷадвал таваҷҷуҳ кунед:

1	**Вақте ки** мо дар таги теппа бо ҳам видоъ мекардем, вай гуфт.	Амали ҷумлаи пайрав яккаратаи давомдор	Муродиф бо 2, 3, 4
2	**Вақте ки** маро хоб бурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар гуфт.	Амали ҷумлаи пайрав яккарата	Муродиф бо 1, 3, 4
3	**Вақте ки** маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт.	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Муродиф бо 1, 2 Вариант бо 4
4	**Вақте ки** маро хоб барад, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт.	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Муродиф бо 1, 2, Вариант бо 3

Қолабҳое, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, бо тобишҳои маъноӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва онҳоро мо наметавонем варианти ҳамдигар шуморем. Онҳо, бешубҳа, муродифоти баробарсатҳи грамматикианд. Танҳо ҷумлаҳои сеюм ва чорум дар назари аввал айнан як маъноро ифода карда, ба варианти ҳамдигар монанд бошанд ҳам, онҳоро наметавон вариант гуфт, зеро дар ҷумлаи чорум баръакси ҷумлаи сеюм тобиши иловагии маъноӣ пайдо шуд, дар он маънои шарт пурқувваттар аст.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон гоҳо таркиби пайвандаки ***вақте ки*** – ро аз ҳам дур кардан мумкин аст, ки дар ин маврид ***вақте*** ба калимаи ҳамнисбат табдил ёфта, пайвандак танҳо ***ки*** мемонад:

Вақте ки *маро ба хонаамон оварданд, зан дар берун, дар дами дарвоза, ба ароба савор шуда истода буд* [15, с. 172].	***Вақте*** *маро ба хонаамон оварданд,* ***ки*** *зан дар берун, дар дами дарвоза, ба ароба савор шуда истода буд.*
Вақте ки *Хиромон ин воқеаро хандакунон ҳикоят мекард, дар паҳлуи пояи кран буд…* [13, с. 14).	***Вақте*** *Хиромон ин воқеаро хандакунон ҳикоят мекард,* ***ки*** *дар паҳлӯи пояи кран буд…*

Дар ин маврид фосилаи замонии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав тағйир ёфта, сарҷумла ба ҷумлаи пайрав ва баръакс табдил меёбанд, амал хусусияти фаврӣ мегирад.

Дар мисолҳои зерин бошад, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ омада, амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла воқеъ мегардад ва ҷойи ҷузъҳои пайвандаки таркибии *вақте ки* тағйир намеёбад: ***Вақте ки*** *маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт* [15, с. 116]; ***Вақте ки*** *Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* [13, с. 81). Агар ҷузъҳои пайвандак дар ин ҷумлаҳо тағйир дода шавад, амали ҷумлаи пайрав чун натиҷаи амали сарҷумла зоҳир гардида, маънӣ тамоман тағйир меёбад ва гоҳо ба мантиқи муҳокимаронӣ рост намеояд. Таваҷҷуҳ кунед:

Вақте ки *маро хоб мебурд, вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт* [15, с. 116].	***Вақте*** *маро хоб мебурд,* ***ки*** *вай афсонагӯйиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт.*
Вақте ки *Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* [15, с. 81].	***Вақте*** *Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист,* ***ки*** *мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…*

Яъне, агар ба ҷойи *Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* [13, с. 81], ҷузъҳои пайвандакро аз ҳам дур карда, *Вақте Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, ки мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* гӯем, тамоман хилофи мантиқи муҳокима мешавад.

Аз ҳам дур шудан ё нашудани ҷузъҳои пайвандаки *вақте ки* ба шаклҳои хабари ҷумлаи пайрав вобаста набуда, балки ба як чиз – пеш аз ё пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани

амали ҷумлаи пайрав вобаста аст. Агар амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардад, ҷузъҳои пайвандакро аз ҳам дур кардан номумкин аст. Мисолҳои мушоҳидашуда низ нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав ҷузъҳои пайвандаки *вақте ки* аз ҳам дур омада метавонанд:

Вақте *ман дидам, ки падарам аз нияташ гашт, хурсанд шуда гиряро бас кардам ва хоҳони зудтар ба хона бозгаштани ӯ шудам* [15, с. 169].	***Вақте ки*** *ман аз нияташ гаштани падарамро дидам, хурсанд шуда гиряро бас кардам ва хоҳони зудтар ба хона бозгаштани ӯ шудам.*

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон як хусусияти аҷиб доранд. Гоҳо бо тағйир додани пайвандак ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав иваз мешавад, яъне ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ва сарҷумла ба ҷумлаи пайрав табдил меёбад: ***Вақте*** *ман ҷавоб додам,* ***ки*** *мо бо ҳамдигар ҷанг намекардем ва даст ба гиребон намешудем* [15, с. 154]. Дар ин ҷумла *вақте ман ҷавоб додам* сарҷумла ва *мо бо ҳам ҷанг намекардем…* ҷумлаи пайрав аст. Ин хусусият дар ҷумлаҳои дигари пайрав дида намешавад. Ба андешаи мо, маҳз ана ҳамин хусусияти ҷумлаҳои пайрави замон боиси гуногунандешӣ дар бораи сарҳади ҷумлаи пайрав ва сарҷумла ва калимаҳои ҳамнисбату пайвандакҳо гаштааст. Муҳаққиқ С. Атобуллоев низ дар ин маврид ибрози назар намудааст, ӯ фикри забоншинос Х. Ҳусейновро дар мавриди дар таркибҳои ***замоне ки, соле ки, рӯзе ки*** пайвандак будани танҳо ***ки*** – ро инкор карда, таъкид менамояд, ки дар ин таркибҳо ***замоне ки, рӯзе ки, соле ки*** пайвандак мебошанд. Барои ин бо пайвандаки ***вақте ки*** ивазшаванда будани онҳоро далел меорад [2, с.119]. Ба фикри ин муҳаққиқ оид ба пайвандак будани таркибҳои ***рӯзе ки, соле ки*** наметавон розӣ шуд, аммо ***замоне ки,*** аллакай, дар забони тоҷикӣ ба вазифаи пайвандаки таркибӣ хеле маъмул ва бо пайвандаки ***вақте ки*** муродиф аст. Профессор Ш. Рустамов роҷеъ ба тобиши замонии ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда мулоҳиза ронда, дар мавриди ҷудо кардани ҷумлаи пайрав ва сарҷумла таносуби маъноии ҷумлаҳоро ба назар намегирад ва сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайравро дар мисоли зерин чунин нишон медиҳад: *«То вақте, ки инҳо вохӯрӣ мекарданд, ду-се нафар бачагон, аллакай, ба тамоми қишлоқ дар бораи омадани Шариф хабар дода буданд»* (Рустамов Ш. 1988: 255). *То вақте ду-се нафар бачагон, аллакай, ба тамоми қишлоқ дар бораи омадани Шариф хабар дода буданд,* ҳеҷ гоҳ сарҷумла буда наметавонад. Баръакс, *ду-се нафар бачагон аллакай ба тамоми қишлоқ дар бораи омадани Шариф хабар дода буданд* сарҷумла буда, *То вақте ки инҳо вохӯрӣ мекарданд* ҷумлаи пайрави замон аст, на муайянкунанда, зеро таркиби *то вақте* ва *аллакай* замонҳои хилофи ҳамдигар ҳастанд, *то* ба ибтидои амали ба вуқӯъ напайваста ишора кунад, *аллакай* анҷоми амалро ифода мекунад. *«Пешоянди* ***то****, ки ба воситаи аъзои пайрави ҳоли замон интиҳои замони амали ҷумлаи содаро ифода мекунад ва ҷонишини ишоратии ҳамнисбати* ***он*** *ин ақидаро рад менамояд. Ҳар ҷо ки калимаҳои* ***вақт*** *ва* ***дам*** *дар шаклу таркибҳои гуногун оянд, пайвандак пиндоштан дуруст нест, онҳо ҳамчун исм ба вазифаи ҳам сараъзо ва ҳам аъзои пайрави ҷумла меоянд»* (Рустамов Ш 1988: 255-256) гуфтани Ш. Рустамов асоснок нест. Воқеан, таҳлилҳои боло гуфтаҳои профессор Д. Тоҷиевро дар бораи пайвандаки ҷумлаи пайрави замон будани *то вақте ки, то даме ки* бори дигар собит месозанд: *«Фактҳои забони адабии тоҷик нишон медиҳанд, ки ба пайвандакҳои «вақте ки», «даме ки» ва гайра пешояндҳои «дар», «аз», «ба», «то» ҳамроҳ шуда, пайвандакҳои таркибии нави замонро ба амал овардаанд, ки онҳо вобаста ба пешояндҳои зикргардида маъно ва вазифаҳои хос доранд»* [13, с.1145].

Албатта, ин гуна табдил ёфтани ҷумлаи пайрав ва сарҷумла бо ҳам ба таносуби маъноию мантиқии ҷумлаҳо вобаста аст. Бинобар ин, на дар ҳамаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи замон сарҷумларо ба ҷумлаи пайрав табдил додан мумкин аст. Агар амали сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар як замон иҷро шаванд, сарҷумла ва ҷумлаи пайрав қариб бе тағйири тобишҳои маъноӣ ба ҳам табдил меёбанд:

Вақте ки аз ағба фаромадем, рӯз торик шуда меомад [15, с. 143].	*Вақте ки рӯз торик шуда меомад, аз ағба фаромадем.*

Дар гурӯҳи дигари ҷумлаҳои баргарданда сарҷумла ба ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав ба сарҷумла табдил меёбанд, аммо тобиши маъно ва таносуби замонии онҳо тағйир меёбад:

Вақте ки пурсидам, бародарам пешхезӣ карда он калимаҳоро ба ман тарҷума намуд [15, с. 83].	*Вақте ки бародарам пешхезӣ карда он калимаҳоро ба ман тарҷума намуд, пурсидам.*
Ваҷоҳати поп маро метарсонд: ҳар боре ки вай наздиктар меомад, ман гурехтанӣ мешудам [15, с. 85].	*Ваҷоҳати поп маро метарсонд: ҳар боре ки ман гурехтанӣ мешудам, вай наздиктар меомад.*

Дар ҷумлаҳои боло сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ба ҳам табдил шуданд, аммо маъно ҳам тағйир ёфт. Як гурӯҳ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замонро тамоман бадал кардан мумкин нест, мантиқи ҷумла хароб мегардад: *Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як утоқ – дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯйи кат чорзону зада, сар ба муроқиба мебурд…* [11, с. 81].

Аз ин ҷо метавон ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замонро ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

1.Ҷумлаҳои табдилшаванда:

Вақте ки духтарам Рисолатхон дар шикамам буд, он намадро поччотон аз як қиргиз ба ду ҷӯра алоча харида оварда буданд [15, с. 64].	*Вақте ки он намадро поччотон аз як қиргиз ба ду ҷӯра алоча харида оварда буданд, духтарам Рисолатхон дар шикамам буд.*

2. Ҷумлаҳои табдилнашаванда:

Дар ҷумлаҳои боло замони воқеъшавии амали сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, инчунин пайдарпайии амалҳо, ки аз шаклҳои феълӣ – хабарҳо муайян мегардад, ба табдилшавӣ ҳеҷ имкон намедиҳад.

Мисолҳои адабиёти бадеӣ ва матбуоти даврӣ нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои пайрави замон бо пайвандаки *вақте ки* боз як хусусияти аҷиб доранд. Гоҳо ҷузъҳои ин пайвандак аз ҳам тарзе табиӣ дур меоянд, ки онҳоро ба калимаи ҳамнисбат ва пайвандак нисбат додан номумкин аст: *Аммо вақте дид ки ман рафтанӣ ҳастам, ба доманам часпида, гиря бардошт* [15, с. 240]*; Вақте онҳо диданд ки ман китоби алифборо сар то по хонда метавонам, «Собир дар Тошканд хонда саводашро бароварда будааст аз мо руст карда мегаштааст» мегуфтагӣ шуданд* [15, с. 241].

Ба андешаи мо, ба ин гуна зуҳурот дар шаклгирии пайвандакҳо, муносибати ҷумлаи пайрав бо сарҷумла, шаклҳои феълӣ, таркиби хабар нақши муҳим мебозанд. Дар мисолҳои боло ҷузъҳои пайвандакро ба ҳам наздик овардан, ҷойи аломати вергулро тағйир дода, сарҳади ҷумлаҳоро дигар кардан ғайриимкон аст. Дар ҳамаи ин мавридҳо бо пайвандаки *вақте ки* сурат гирифтани ҷумлаи мураккаб хоҳу нохоҳ нисбат ба таркиби *ҳар вақте ки* ба маҳдудияти карати амал далолат мекунад. Ҷонишини таъкидии *ҳар* ба амале далолат мекунад, ки бемаҳдудият сурат гирифтанаш мумкин аст: … *ҳар вақте ки хоҳад, моёнро рафта дида меояд* [15, с. 124]; *Ба пеши мо ҳар вақте ки хоҳӣ, омада метавонӣ* [15, с. 125]; *Ҳар вақте ки варақ задӣ, маро ба ёдат меорӣ* [15, с. 135].

Корбасти ҷонишини таъкидии *ҳар* имкон намедиҳад, ки хабари сарҷумла дар ифодаи амали яккарата ояд, хабари ҷумлаи пайрав бошад, метавонад дар шакли сиғаи хабарӣ омада, амали яккаратаро ифода кунад, аммо дар маҷмуъ амали ҷумлаи пайрав бисёркарата аст. Ба ҷадвал таваҷҷӯҳ мекунем:

Ҳар вақте ки хоҳад, моёнро рафта дида меояд	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Вариант
Ҳар вақте ки мехоҳад, моёнро рафта дида меояд	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Вариант
Ҳар вақте ки хост, моёнро рафта дида меояд	Амали ҷумлаи пайрав бисёркарата	Вариант

Ҳаминро бояд зикр кард, ки забоншинос Д. Тоҷиев дар бораи пайвандаки *ҳар вақт(е) ки* андеша баён карда, мегӯянд, ки: *«…дар баъзе асарҳо* (Ҳусейнов Х. 1960; Грамматикаи забони тоҷикӣ 1952- М.М.Ҷ.) … *ба қатори пайвандакҳои таркибии ҷумлаи пайрави замон ибора ё таркибҳои «ҳар вақт(е) ки», «ҳар бор (е) ки», «ҳар гоҳ ки», «акнун ки», «ҳоло ки», «гоҳо ки» дохил шудаанд. Вале ба ақидаи мо, дар ин таркиб ва ибораҳо пайвандак фақат «ки» буда, ибораҳои «ҳар бор», «ҳар вақт», «ҳар гоҳ» ва зарфҳои «ҳоло», «ҳанӯз» вазифаи ҳоли замони ҳам ҷумлаи пайрав ва ҳам сарҷумларо ифода менамоянд ва маънои пайвандаки «ки» -ро*

қувват медиҳанд» [15, с. 136]. Муаллиф ин фикрро бо андеша ва мисолҳои зерин асоснок мекунад: «*Ҷолиби диққат аст, ки дар дохили чунин ҷумлаҳои пайрав пайвандаки «ки» аз ин ибора ё калимаҳо дур рафта, мустақилии худро зоҳир менамояд ва роли ҳиссачаи таъкидиро ҳам мебозад:*

1. …ҳар вақт ки шамол хест, ӯ ба нолиш медарояд (С. Айнӣ. Ёддоштҳо)	*1. … ҳар вақт шамол ки хест, ӯ ба нолиш медарояд”*

[13, с. 137].

Аммо мавридҳое ҳастанд, ки ҷузъҳои пайвандаки таркибии *ҳар вақт(е) ки*-ро аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест: *Ҳар вақте ки хоҳад, моёнро рафта дида меояд* [15, с. 124].

Пайвандаки ***вақте ки*** маъмулан дар аввали ҷумлаи пайраве меояд, ки пеш аз сарҷумла омадааст. Мо инро дар мисолҳои боло дидем ва мисолҳои дигар низ метавон оварда: *Вақте ки ба поезд нишастем, ман дар ин бора ба падарам савол додам* [15, с. 53]. *Вақте ки духтарам Рисолатхон дар шикамам буд, он намадро поччотон аз як қирғиз ба ду ҷӯра алоча харида оварда буданд* [15, с. 64].

Аммо гоҳо пайвандаки ***вақте ки*** бо ҷумлаи пайраве меояд, ки пас аз сарҷумла омадааст. Дар ин маврид чанд ҷиҳат ба мушоҳида мерасад. Дар диалог агар ҷойи ҷумлаи пайрав бо пайвандаки вақте ки тағйир дода шуда бошад, дар мадди назар гузоштан, боз ҳам зиндатар тасвир шудани нутқи персонаж дар назар дошта мешавад: - *Э, ту – мӣ, мебахшӣ-дия, ман туро нашинохтаам, - узр хост вай, вақте ки ман аз дарахт фаромадам* [15, с. 344]; - *Чӣ тавр, пурсид Қамар, вақте ки берун баромаданд* [11, с. 36];

Дар мавридҳои дигар бошад, ҳамон қисмати ҷумла таъкид мешавад, яъне муҳимтар будани амали сарҷумла эҳсос карда мешавад: *Ягон чизи баҳснок шунавонад ҳам, ин корро дар анҷоми рӯз мекунад, вақте ки мардум ба фикру андешаҳои фалсафӣ кам ё беш омода мешаванд* [11, с. 234]; *Ба атроф, ба замин, ба одамон ҳам нигоҳ кунед, вақте ки ба замини осӣ қадам мемонед* [11, с. 286].

Аз таҳлилу баррасии роҳҳои муродифоти муносибатҳои замонӣ ба чунин хулоса омадем:

1.Муносибати семантикию грамматикии замон, танҳо бо ҷумлаи пайрави замон ё таркиботи феълӣ ифода намешавад, вай аз муносибати ҷузъҳои ҷумла бо таркиби хабар ҳосил мегардад.

2. Умумияти маънои асосии системавии воҳидҳои наҳвӣ ва вазифаи муштараки ҷузъҳои як конструксия заминаи ҳаммаъноиро ташкил медиҳад.

3. Омилҳои ифодаи замон бо ибора, ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаб маҳдуд намешавад: бо ёрии зарфҳои замон, исм, масдар сифати феълӣ ва дигар таркибу калимаҳо ифода ёфтани ҳоли замон омили маъмултар аст.

4. Дар таркиботи феълию номӣ маънои замон пурратар ифода мегардад ва аз лиҳози сохту таркиб ва дар бар гирифтанашон як миқдор аъзоҳои нисбатан мустақил (детерминантҳо) ба ҷумла наздик мешаванд, замон дар ҷумлаи пайрав боз ҳам мукаммалтар ва возеҳтар ифода мегардад.

5. Дар забони тоҷикӣ бо масдар ё таркиботи масдарӣ ифода ёфтани ҳоли замон нисбат ба сифатҳои феълию ибораҳои сифати феълӣ характернок аст;

6.Функсияи муштараки ҷумлаи пайрави замон ва ҳоли замони ҷумлаи сода боиси ифодаи маънои умумӣ ва муродифоти қолабҳои наҳвӣ мешавад, аммо ҷумлаи пайрав ва ибора бевосита муродиф шуда наметавонанд, зеро роҳҳои гуногуни ифодаи муносибати семантикию грамматикии замон, дар баробари умумият, фарқҳои зиёд низ доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асоев Р. Чанд сухан оид ба вазифаҳои пайвандаки «**то**» (Маҷмӯаи илмӣ) / Р.Асоев. Институти давл. Педагогии ш. Кӯлоб. Сер. филология. Кӯлоб, 1972. -С. 166-174.
2. Атобуллоев С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ Ҷ.4 / С.Атобуллоев. -Душанбе: Дониш, 1984.-249 с.
3. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. -Душаебе: Маориф, 1986. – 286 с.
4. Камолиддинов Б. Имконоти услубии ифодаи сабабу мақсад / Б. Камолиддинов // Маърифат. - Душанбе, 1991. - №6 – С. 11-16.
5. Камолиддинов Б. Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. -Душанбе: Деваштич, 2005. -132 с.
6. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. -Душанбе: Собириён, 2010. -С.172.

7. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс, 2015. -456 с.
8. Қаландаров К. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои X-XIX) / К.Қаландаров. -Душанбе, 2004. -464с.
9. Мирзоева М. Ҷ. Муродифоти грамматики муносибатҳои замон, шарт ва хилоф дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Ҷ.Мирзоева. - Душанбе, 2012. - 127с.
10. Мирзоева М. Ҷ. Муродифоти грамматики муносибатҳои сабабу мақсад дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 2013. - 107с.
11. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 367.
12. Ҳусейнов Х. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х.Ҳусейнов. - Душанбе: Дониш, 1961. – 165 с.
13. Тоҷиев ,Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т.Тоҷиев. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 218.
14. Тоҷиев, Д.Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе: Ирфон, 1971. - 51с.
15. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 377.

ИФОДАИ МУРОДИФОТИ МУНОСИБАТИ ЗАМОНӢ БО ПАЙВАНДАКИ *“ВАҚТЕ КИ”*

Дар мақола сухан роҷеъ ба яке аз воситаҳои грамматикии асосӣ ва серистеъмоли ҷумлаи пайрави замон бо сарҷумла пайвандаки ***вақте ки*** меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки ин пайвандак, маъмулан, дар аввали ҷумлаи пайрав омада, дар ин маврид ҷумлаи пайрав низ пеш аз сарҷумла меояд ва пас аз амали ҷумлаи пайрав ба вуқӯъ омадани амали сарҷумларо мефаҳмонад. Муаллифи мақола бар он андеша аст, ки ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави замон ҷойи баъзе аъзои ҷумла тағйир ёфта, ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ табдил меёбад. Агар дар ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаб ибтидои амал эҳсос шавад, дар ҷумлаи сода тобиши маъноии ибтидои амал гум мешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ баргашт ва масдар замон надорад. Ҷумлаи пайрав бо пайвандаки ***вақте ки*** ба амале далолат мекунад, ки ҳудуд ё карати такроршавии амал маҳдуд аст - дар шакли сиғаи хабарӣ омадани хабари сарҷумла яккарата будани амали сарҷумларо мефаҳмонад, дар шакли тобиши аорист доштани хабари ҷумлаи пайрав бошад, давомнокии амал фаҳмида мешавад. Дар сиғаи хабарӣ омадани хабари сарҷумла ба он далолат мекунад, ки амали ҷумлаи пайрав давомнок бошад ҳам, яккарата аст. Умуман, дар ин гуна мавридҳо яккарата ё бисёркарата будани амали ҷумлаи пайрав ба хабари сарҷумла вобастагӣ дорад. Агар хабари сарҷумла дар сиғаи хабарӣ омада бошад, амали ҷумлаи пайрав, сарфи назар аз он ки дар кадом шакл аст, яккарата мебошад, агар хабари сарҷумла дар шакли аорист омада бошад, новобаста ба чигунагии хабари ҷумлаи пайрав, бисёркарата аст. Агар ҳам хабари ҷумлаи пайрав ва ҳам хабари сарҷумла дар шакли ҳикоягӣ омада, тобиши аорист дошта бошанд, бисёркарата будани амали ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав дарк мегардад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон гоҳо таркиби пайвандаки ***вақте ки*** – ро аз ҳам дур кардан мумкин аст, ки дар ин маврид ***вақте*** ба калимаи ҳамнисбат табдил ёфта, пайвандак танҳо ***ки*** мемонад. Аз ҳам дур шудан ё нашудани ҷузъҳои пайвандаки ***вақте ки*** ба шаклҳои хабари ҷумлаи пайрав вобаста набуда, балки ба як чиз – пеш аз ё пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав вобаста аст. Агар амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардад, ҷузъҳои пайвандакро аз ҳам дур кардан номумкин аст. Мисолҳои мушоҳидашуда низ нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати пас аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав ҷузъҳои пайвандаки ***вақте ки*** аз ҳам дур буда метавонанд.

Калидвожаҳо: муносибати замон, воситаҳои грамматикии ифодакунандаи муносибатҳои замонӣ, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи сода, тобишҳои иловагии маъноӣ, аорист, ҷумлаи асосӣ, ҷумлаи тобеъ, амалҳои давомдор, амали яквақта.

ВЫРАЖЕНИЕ СИНОНИМИИ ВРЕМЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ С СОЮЗОМ *“ВАҚТЕ КИ” (КОГДА)*

В статье рассматривается одно из главных грамматических средств связи главного предложения с придаточным предложением времени союз ***“вақте ки” (когда)***. Автор подчеркивает, что этот союз, обычно, употребляется в начале придаточного предложения, и в этом положении главное предложение располагается за придаточным, так как действие главного предложения совершается после действия придаточного предложения. Автор статьи размышляет о том, что во время превращения сложноподчиненного предложения в простое, подчинительное предложение времени преобразовывается в инфинитивное словообразование. Если придаточное предложение сложноподчиненного предложения означает начало действия, то в простом предложении этот смысл утрачивается. Это связано, прежде всего с тем, что придаточное предложение превращается в инфинитивное словосочетание, а инфинитив не имеет определенного времени. Придаточное предложение с союзом ***вақте ки*** указывает на то, что действие имеет пределы возможности: если сказуемое главного предложения употребляется в форме изъявительного наклонения, то действие одноразовое, если сказуемое придаточного предложения употребляется в форме аориста, то оно обозначает продолжающее действиеся.Употребление сказуемого главного предложения в форме изъявительного наклонения означает, что, хотя сказуемое придаточного предложения обозначает продолжительное действие, оно одноразовое. В целом, в таких случаях одноразовое или многоразовое действие придаточного предложения связано со сказуемым главного предложения. Если сказуемое главного предложения употребляется в форме изъявительного наклонения, то действие придаточного предложения, несмотря на то, в какой форме находится, является одноразовым, если сказуемое главного предложения употребляется в форме аориста независимо от сказумого придаточного предложения, является многоразовым. Если сказуемое и придаточного предложения и главного предложения употребляются в изъявительном наклонении, имеют

оттенок аориста, и вопримeняются как многократные действия. В сложноподчиненых предложениях с придаточным времени порой компоненты союза ***вақте ки*** отдаляются друг от друга. В этом случае слово ***вақте*** превращается в относительное слово, а ***ки*** остаётся союзом. Отдаление состава союза ***вақте ки*** не зависит от формы сказуемого придаточного предложения, а связано с тем, что действие придаточного предложения осуществляется перед или после действия главного предложения. Если действие придаточного предложения осуществляется перед действием главного предложения, состав союза невозможно отделить друг от друга. Анализ многочисленных примеров показывает, что только в случае осуществления действия придаточного предложения после действия главного предложения, можно отдалять состав союза ***вақте ки.***

Ключевые слова: временное отношение, грамматические средства, обозначающие временные отношения, сложноподчиненное предложение, простое предложение, дополнительные смысловые оттенки, аорист, главное предложение, придаточное предложение, продолжительные действия, одноразовые действия.

EXPRESSION OF SYNONYMY OF TEMPORARY RELATIONS WITH THE UNION "WAKTE KI" (WHEN)

The article deals with one of the main grammatical means of linking the main clause with the union "wakte ki" (when) with the subordinate clause of time. The author emphasizes that this union is usually used at the beginning of the subordinate clause, and in this position the main clause is located after the subordinate clause, since the action of the main clause takes place after the action of the subordinate clause. The author of the article reflects on the fact that during the transformation of a complex sentence into a simple one, the subordinating sentence of time is transformed into an infinitive word formation. If the subordinate clause of a complex sentence means the beginning of an action, then in a simple sentence this meaning is lost. This is due primarily to the fact that the subordinate clause turns into an infinitive phrase, and the infinitive does not have a definite tense. The subordinate clause with the union vaқteki indicates that the action has limits of possibility: if the predicate of the main clause is used in the form of the indicative mood, then the action is one-time, if the predicate of the subordinate clause is used in the form of an aorist, then it denotes a continuing action. the form of the indicative mood means that although the predicate of the subordinate clause denotes a continuous action, it is one-time. In general, in such cases, the one-time or multiple action of the subordinate clause is associated with the predicate of the main clause. If the predicate of the main clause is used in the form of the indicative mood, then the action of the subordinate clause, regardless of what form it is in, is one-time, if the predicate of the main clause is used in the form of an aorist, regardless of the predicate of the subordinate clause, it is reusable. If the predicate and the subordinate clause and the main clause are used in the indicative mood, they have the connotation of the aorist, and are used as multiple actions. In complex sentences with a subordinate tense, sometimes the composition of the conjunction vaқte ki moves away from each other. In this case, the word vate becomes a relative word, and ki remains a conjunction. The distance of the composition of the union vaқteki does not depend on the form of the predicate subordinate clause, but is due to the fact that the action of the subordinate clause is carried out before or after the action of the main clause. If the action of the subordinate clause is carried out before the action of the main clause, the composition of the union cannot be moved away from each other. An analysis of numerous examples shows that only in the case of the implementation of the action of the subordinate clause after the action of the main clause, it is possible to distance the composition of the union wateki.

Key words: tense relation, grammatical means denoting temporary relations, complex sentence, simple sentence, additional semantic shades, aorist,

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоева Моҳира Ҷаҳонгировна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Мирзоева Мохира Джахонгировна*** - Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Mirzoeva Mohira Jahongirovna*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

ТДУ: 811.133.1-3

КАТЕГОРИЯИ ЭҲТИРОМ ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ ҲАМЧУН ЯК ҚИСМИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ ТАРҷУМОН

Ҷумаев Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: “Дар айни замон тарҷумаи бадеӣ омили муҳимми таҳкими робитаҳои адабист. Бояд беҳтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ ба тоҷикӣ тарҷума шаванд ва асарҳои беҳтарини адабиёти мо, ба забонҳои дигар баргардонда шаванд [8]. Тарҷума аз замонҳои қадим дар таҳкими муносибатҳои бисёрҷабҳаи қавму миллатҳои гуногунзабон хизмат кардааст ва карда истодааст. Тарҷума воситаест, ки мо тавассути он аз дастоварду пешрафтҳои дигар халқиятҳо огоҳӣ пайдо мекунем ва ба ин восита фарҳанги худро ғанӣ мегардонем.

Сарфи назар аз он ки назария ва амалияи тарҷума ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ боқӣ мондааст, раванди тарҷума ҷузъи умумии забон ва ҷомеа буда, ба масъалаҳои ташаккули забоншиносӣ ва тарзи нутқи инсон дахл дорад. Интихоби муваффақонаи сухан аз ҷониби тарҷумон на танҳо сатҳи баланди дониши забонӣ, балки захираи бойи иттилоотиро низ дар назар дорад. Худи ҳамин аломатҳои забонӣ метавонанд дар байни гӯяндагони забонҳои гуногун ва намояндагони фарҳангҳои мухталиф гурӯҳҳои гуногунро ба вуҷуд оранд.

Комилан аён аст, ки таносуби воҳидҳои муқаррарӣ, ки бо амалҳои нутқӣ ифода ёфтаанд, тасодуфӣ нестанд. Интихоби навъи муайяни ҷавоб аз бисёр омилҳо ба тариқи муайян ба ҳолат ва рафтор таъсир мерасонад вобаста аст.

Мушкилоти захираи иттилоотӣ, ин, пеш аз ҳама, як қисми вазифаҳои касбии тарҷумон барои пешгирӣ аз муноқишаи фарҳангҳо мебошад, ки метавонад дар натиҷаи надонистани баъзе унсурҳои **«art de vivre»** -и фаронсавӣ ба вуҷуд ояд. Омӯзиши категорияи хушмуомилагӣ ҷузъи таркибии тайёрии касбии донишҷӯёни шуъбаҳои тарҷумонӣ мебошад.

Таҳлили ибораҳои эҳтиром дар доираи робитаи зичи забон ва ҷомеа ҳам аз нуқтаи назари забоншиносон ва ҳам нуқтаи назари иҷтимоию лингвистӣ баррасӣ мешавад. Дар охири асри XX категорияҳои иҷтимоӣ аз қабили, "мақом", "нуфуз", "нақши иҷтимоӣ" омилҳоеанд, ки ба забон таъсир мерасонанд. Намояндагони мактаби сотсиологии фаронсавӣ А. Мейле, Ш. Баллӣ, А. Сеше ва дигарон ба проблемаҳои иҷтимоию лингвистӣ диққати калон доданд. Дар анъанаи муосири илмии фаронсавӣ муносибати махсус ба омӯзиши нутқ ташаккул ёфт, ки дар ин замина хизмати олимони барҷаста аз қабили С. Вейл, О. Гранд-Клемент, Л. Кастлер, К. Кербрат-Ореччионӣ, В. Траверсо хеле назаррас мебошад. Олимони маҳфили забоншиносии Прага Б. Ҳавранек, И.Вахек, А.Едличка ва чанде дигарон дар пешрафти сотсиолингвистика саҳми назаррас доранд.

Донистани қоидаҳои одоб, қобилияти рамзии онҳо, фаҳмидани «одобу муошират»-и халқи дигар, зимни вохӯрӣ ва мулоқот дар бобати муаддабона рафтор намудан бо онҳо, рукнҳои одоби муоширатро дар мо зиёдтар менамояд ва нисбати мо эҳтироми шахси суҳбаткунанда бештар мегардад.

Хушмуомилагӣ, қобилияти зиндагӣ дар ҷомеа дастури муҳим барои таъминоти иттилоотии тарҷумон мебошад.

Дар мақолаҳо оид ба усулҳои хушмуомилагӣ ва эҳтиром, ки дар асри Х1Х пайдо шудааст, бо як тарзи махсус таъкид карда мешуд, ки одоби сухангӯйӣ "туҳфаи сарзамини Фаронса" аст. Маҳз Фаронса, категорияи одоби муоширатро дар як қатор кишварҳои Аврупо паҳн кард ва Русия низ дар ин росто истисно набуд. Аввалин китоби муҳовараи фаронсавӣ-русӣ, ки диққати ҳамаро ба худ ҷалб кард, луғати москвагиҳои Порис буд (1586). Онро капитани фаронсавӣ Жан Суваж ва савдогарон Колас ва Ду Ренел, ки дар экспедитсияи ӯ аз Диппе то ба Гвинеяи Шимолӣ доштанд, ба тартиб даровардаанд. Мавзуоти муҳовара дар мавриди ниёзҳои тиҷорат ва равобити расмӣ таҳия шудааст. Дастнависи дафтарчаи муколама дар Фаронса нигоҳ дошта мешуд ва соли 1948 дар СССР (Рига) бо эзоҳоти забоншиноси маъруфи рус Б. А. Ларин бори дигар нашр карда шуд.

Аз нигоҳи лексикографӣ категорияи хушмуомилагӣ дар китоби муколамаи фаронсавӣ-русии Ҷ- Ф. Вегелин (Nouveaux français et russes divisées en 130 cours, Jean Philippe Weguelin. A l'usage de la jeunesse, et de tous ceux qui start à apprendre ces langues. M., 1789) низ бамаврид

ифода ёфтааст. Он ба омӯзиши забони фаронсавӣ ва асосҳои одоби муоширати фаронсавиён ба фарзандони оилаҳои ашрофи рус нигаронида шуда буд.

Маросими салом додан ба забони фаронсавӣ вижагии миллиро дар бар мегирад, масалан: **Bonsoir, mademoiselle** – Шом ба хайр (Ба шумо барори кор мехоҳам) хонум.

Дар аввалин китобчаҳои муколамаи фаронсавӣ-русӣ тарзи ифодаи салом гуфтан ва табрикот бо сабки олӣ интишор гардидааст. Дар "Луғати Москвагии Порис" шумо метавонед ибороти вобаста ба категорияи эҳтиромро дар ҷумлаҳои зерин пайдо намоед: Dieu vous donne bonjour. Худованд ба шумо салом расонад. Dieu vous donne bonsoir. Худо нигаҳбонатон бошад, шом ба хайр [4, с.234].

Чунин тарзи ифодаёби як ҷузъи мазҳабиро ба забонҳои фаронсавӣ ва русӣ дар бар мегирад.

Тахмин кардан мумкин аст, ки ибораҳои «**avoir l'honneur** – бовиҷдон будан», «**être charme** - мафтун шудан» барои фарҳанги фаронсавиён ва дар маҷмуъ, муоширати дунявӣ фарқкунанда мебошанд. Инҳо "нишонаҳои эҳтиром" нисбат ба инсонанд ва саломро ба забони фаронсавии муосир низ хеле гуворо ифода мекунанд.

Аз ҳам дур зиндагӣ кардан ва то муддате ҷудо шудан аз ҳамдигар тақозои онро дорад, ки зимни дубора бо ҳам вохӯрдан, саволҳои хеле муаддабонаро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Comment vous portez vous? Саломатии шумо чӣ гуна аст?

Comment se portez- vous, Père? Вазъи саломатии шумо чӣ гуна аст, Падар?

Саволҳо дар бораи вазъи саломатии ҳамсуҳбат дар луғати нашршудаи Москва каме фарқ доранд**: Comment vous portez-vous? –** Худро чӣ тавр ҳис мекунед? ва **Etes-vous malade? -** Шумо бемор нестед?

Истифодаи **"шумо"** гуфтан то имрӯз дар забони фаронсавии муосир чун қоидаи тиллоии хушмуомилагӣ боқӣ мондааст. Фаронса се қоидаҳои ҳатмии муоширатро дар бораи "шумо" риоя мекунад:

-"Ne tutoyez pas à tout bout de champ et analysez (brievement) chaque occurrence, tutoyer ne va pas de soi, c'est une marque de confiance, voire d'intimité.

-Ҳар лаҳза ту-ту нагӯед ва (мухтасаран) ҳар як лаҳзаи ту-тугӯйиро таҳлил намоед, ин, пеш аз ҳама, нишонаи боварӣ, ҳатто самимият аст.

-N'ayez pas peur de vouvouyer. Cela n'a rien de hautain, c'est une forme de respect.

– Аз шумо гуфтан натарсед. Ин ягон аломати таҳқир нест, ин танҳо нишонаи эҳтиром аст.

-Ne faites pas de navette entre les deux. Lorsque vous avez tutoyé, ne retrogradez pas, c'est perturbant comme une voiture qui passe brutalement au 50 sur l'autoroute. "

-Байни ду нафар рафтуо накунед. Ҳангоме ки шумо ту-ту мегӯед, бадгуфтористо ифода намекунад, ин танҳо изтироб аст, ба монанди он ки мошин дар шоҳроҳ бо суръати 50 ҳаракат менамояд.

Дар забони фаронсавии муосир тарҷумон бояд ба маънои сухан ва вазъи иҷтимоии ҳамсуҳбат диққат диҳад. Ибораи дурусти муаддабонаи **Bonjour docteur** ҳатман ба назди духтур, гуфта мешавад ва **Bonjour** зимни ба назди нотариус рафтан гуфта мешавад ва ҳангоми вуруд боадабона кулоҳашро аз сар мегирад. Пас аз хӯроки шом, **«bonjour** ба **bonsoir»** табдил меёбад ва **«bonne nuit»** танҳо ҳамчун шаби хуш, пеш аз хоб гуфта мешавад.

Бо калимаи **"салом"** дастфишорӣ кардан мумкин аст, яъне ба шарте ки шахси баландпоя аввалин шуда, даст дароз намояд ва инчунин намояндаи зан дасти худро ба мард дароз кунад, зеро дар одоб қоидаҳои дурусти саломдиҳӣ мавҷуд мебошанд. Дастфишорӣ метавонад бо калимаҳои **"Enchanté (e)-** мамнун", "**Très heureux (-euse)-**хушҳолам" ҳамроҳ карда шаванд.

Дар анъанаи миллии фаронсавиён дастфишорӣ кардан бо нонпаз ё ошпаз, ки муштарии доимии шумо ҳастанд, инчунин бо ронандаи таксӣ, пешхизмат дар қаҳвахона, маъмури меҳмонхонаҳо ва ғ. одат нест.

Аксар вақт ба салом ибораи **Comment allez-vous**? ҳамроҳӣ мекунанд. Вақте ки шумо мулоқот мекунед ва бо онҳо дӯст мешавед, фаронсавиён ибораи дар боло зикргардидаро ба шумо хитоб менамоянд ва ҳатман аз саломатии наздикони шумо, корҳо ва муваффақиятҳои фарзандонро пурсон мешаванд. Дар Фаронса чунин одат аст, ки фаронсавиёни бумӣ бидуни **"салом"** ё **«лабханд»** ба мағоза, қаҳвахона ё ҳавопаймо ворид намешаванд.

Муколамаи рӯзмарраи фаронсавиён намунаи шакли гуфтугӯии ҳамешагии **"Comment ça va?"** -ро дар бар мегирад. Мувофиқи мушоҳидаҳои Л. Кастлер, зимни суол додан дар мавриди

«Чӣ ҳол дорӣ» посухи фаронсавиён ҳеҷ гоҳ ҷавоби манфиро дар бар намегирад: "Nous pourrons même dire que les Français, surtout les jeunes Français, ont adopté le modéle americain de comportement communicatif: à la même question "Comment ça va?" ils repondent "Très bien!" ou même "Très très bien!"

Имрӯз вобаста ба минтақа, тарзи салом бо бӯсу канор метавонад ду-се бор бошад. Гузашта аз ин, дар Фаронса одат нест, ки мардон саломро бо бӯса ҳамроҳӣ кунанд, агар онҳо ба гурӯҳҳои ақаллиятҳои ҷинсӣ мансуб набошанд.

Бӯса дар Фаронса метавонад аз баногӯш бо расонидани рӯй ба рӯй бошад, зеро ба шахсони наздик, онҳо чунин рафтори муаддабонаро раво медонанд.

Бӯсаи даст, ки аз анъанаҳои асримиёнагии аврупоиён, бахусус аз фаронсавиён сарчашма мегирад (вассал ба нишонаи эҳтиром дасти устодашро мебӯсид), сипас ба даврони ҷавонмардӣ гузашт (ҷавонмард бонуеро бо бӯсаи дасташ нозукона пешвоз мегирифт). Дар Фаронса одати дигар ин аст, ки то зан дастпӯшакашро набароварад мард ҳеҷ гоҳ дасти духтар ё дасти хонумро намебӯсад.

Дар ин мақолаи хурдакак, мо имкони тамоми нозукиҳои сершумори маросимҳои хушмуомилагӣ, ки бо видоъ, миннатдорӣ, изҳори тасаллият, навиштани номаи корӣ ва мукотибаи дипломатӣ алоқаманданд, интишор карданро надорем.

Омӯзиши минбаъдаи категорияи эҳтиром бо мақсади пур кардани фонди иттилоотии тарҷумон дар нақшаи диахронӣ имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои назариявии фарқ кардани мафҳумҳои **«savoir-vivre», «politesse» ва «culturel»** дахл карда, муқоиса карда шаванд.

Бо мақсади беҳтар фаҳмидани эҳтиром, ки чӣ тавр одамон ин категорияи хушмуомилагиро мефаҳманд, мо аз маъхазҳо маводҳое дарёфтем, ки дар он мусоҳибон амалеро, ки беадабона мешуморанд, ба иҷро намерасонанд.

Дар мавриди фаҳмиши хушмуомилагӣ аз ҷониби фаронсавиён, таҳлил дар заминаи як назарсанҷии иҷтимоӣ сурат гирифтааст. Назарсанҷие, ки дар маҷаллаи **Echo des savanes** моҳи феврали соли 1993 нашр шудааст, чунин натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст омадаанд, ки мо онро дар зер пешкаш менамоем.

Дар ин назарсанҷӣ мардону занон якҷоя пурсида шудаанд, ки фоизи ҷавоби онҳо доир ба мавзуъҳои зерин чунинанд:

*De couper la parole aux autres au cours d'une discussion 44% 42% 46%;

-сухани дигаронро зимни суҳбат буридан 44% 42% 46%;

*De se mettre le doigt dans le nez 45% 55% 36%;

- ангуштро ба бинӣ гузоштан;

*De parler la bouche pleine 36% 40% 33%;

-бо даҳони пур гап задан;

*De ne pas rendre rapidement ce qu'ils ont emprunté 35% 40% 30%;

-чизи қарзгирифтаро дар мавриди муайян барнагардондан;

*De bailler ou de tousser sans mettre la main devant la bouche 30% 35% 26%;

-дар вақти хамёза кашидан ва сулфидан дастро ба пеши даҳон нагузоштан 30% 35% 26%;

*De ne pas dire bonjour â leurs collégues tous les matins 25% 29% 20%;

- ҳар саҳар ба ҳамкорон салом надодан 25% 29% 20%;

*De manger bruyamment au cinema 10% 12% 8%;

-ҳангоми намоиши филм шаф-шафкунон хӯрдан 10% 12% 8%;

*De jeter dans la nature les détruits de leur pique-nique 9% 12% 6%;

- зимни истироҳат дар табиат партови худро ба замин партофтан 9% 12% 6%;

*De ne pas se brosser les dents pendant au moins une semaine 8% 14% 3%;

Як ҳафта дандон нашустан 8% 14% 3%.

Дар натиҷаи ин таҳқиқот, мо метавонем хулоса барорем, ки хушмуомилагӣ барои фаронсавиён, пеш аз ҳама, рафтори боадобона дар ҷомеа, риояи қоидаҳои одоб вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, андешаҳои мусоҳибони фаронсавӣ дар бораи мафҳуми хушмуомилагӣ нисбат ба русҳо андаке фарқ мекунанд. Хушмуомилагӣ барои фаронсавиён ин рафтори боадобона дар ҷомеа аст.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда графики таносуби фоизи посухҳои посухдиҳандагони фаронсавиро тартиб додан мумкин аст.

Намунаи мисолҳои пурсидашудаи боло нишон медиҳад, ки ҷавобҳои посухдиҳандагони Фаронсаро бояд баррасӣ намоем. Аз ин бармеояд, ки нисбати эҳтиром ба пиронсолон дар

фарҳанги Фаронса таваҷҷуҳи зиёд ба назар намерасад. Ин хусусияти рафтори коммуникативӣ ба тоҷикзабонҳо хос аст на ба фаронсавиён. Бояд қайд кард, ки посухҳои посухдиҳандагони фаронсавӣ хусусияти ҷамъиятӣ доранд, зеро фаронсавиҳо ба рафтори боадабона дар ҷомеа таваҷҷуҳи бештар медиҳанд.

Ба пажуҳиши категорияи эҳтиром дар айни замон аз ҷониби олимон дар муқоиса корҳои илмӣ ба анҷом расида истодаанд, ки ин бешубҳа ба масоили категорияи эҳтиром марбут мебошад. Ҳар як миллату халқ дар мавридҳои мухталиф ба худ рафтору одоб доранд. Намояндагони баргузида бобати ин мавзуъ мактабҳои махсуси хешро, ки дар ин самт кору фаъолият доранд бо унвони мактаби америкоӣ [10, с.201], мактаби фаронсавӣ [14, с.234], мактаби русӣ [5, с.143] доро мебошанд.

Дар солҳои охир Фаронсаро ватани одоби муошират ва рафторҳои хушмуомилагӣ меномиданд, ки он як ҷойи намоёнеро дар арзишҳои миллияш ишғол мекард.

Аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ маълум аст, ки дар забони фаронсавӣ истилоҳи **«savoir-vivre»**, бештар мавриди истифодаи умум қарор дорад, ки муодили он дар забони тоҷикӣ ба истилоҳи **«одоби муошират»** наздик аст.

Истилоҳи **«politesse»** ва **«savoir-vivre»** дар забони фаронсавӣ ба ҳам наздик буда, аммо онҳо ифодакунандаи муродифи ҳамдигар намебошанд. Мувофиқи луғати [11, с.400] «хушмуомилагӣ»-ин тарзи рафторе мебошад, ки расму одатро дар ҷомеаи мавҷуда ифода менамояд ва ҳамчунин «тарзи риояи ин одатҳо» ва ҳол он ки **«le savoir-vivre»**- ин, пеш аз ҳама, ба хислати баланди маънавии шахс вобаста мебошад, ки он чунин қоидаҳоро медонад ва онҳоро қабул карда метавонад.

Дар луғати Робер ибораи **«savoir-vivre»** аз соли 1660 дар муомилот буда, дар ду маъно мавриди истифода қарор гирифтааст. а) ба маънои ҳунари зиндагиро хуш гузаронидан; б) хислати нафаре, ки қоидаҳои эҳтиромро медонаду онҳоро ба ҷо меоварад нишон дода шудааст. Мисол: Les hommes d'aujourd'hui ont si peu d'égards et de savoir-vivre (Maupassant) [15, с.2045].

Қоидаҳои категорияи эҳтиром дар ҳама ҷо мавҷуданд, вале дар ҳар як миллату халқият хусусиятҳои худро доро мебошанд.

Фаронсавиён, пеш аз ҳама, саъю талош меварзанд, то ин ки дар мавриди одоби муошират диққат диҳанд.

Аз рӯйи ақидаи Стафф, ин гуна хосият дар тамоми қабатҳои иҷтимоии ҷомеаи фаронсавиҳост ва аз ҳамин лиҳоз, Порис «қутби магнитии ҷаҳон дар бобати одоби муошират - асоси маърифатнокии ҷавонон аз оилаҳои ашрофзода мебошад" [16, с.123]. «Тамоми занҳои олам ба ақлу заковат ва рафтори онҳо тақлид менамоянд. Занони Фаронса бо як эҳсосот тамасхур мезанад, вале дилсӯзии самимона доранд; онҳо танноз ва оқил, аммо фазлфурӯш нестанд; барои шавҳарони худ шояд ҳамсари дилрабо ва рафиқи наздик, барои дигарон кадбонуи хушмуомила мебошанд» [14, с.121].

Фаронса тамоми намуди мудро ба ҷаҳон паҳн мекунад, ки он ҳам таъсироти худро ба Россия ва дигар давлатҳои рӯйи олам гузоштааст. Таъсири фарҳанги Фаронса, пеш аз ҳама, дар Россия дар нимаи дуюми асри XV111 ва нимаи сеюми асри X1X – даврaи «галломания» рост меояд.

Дар ин давра бисёр китобҳои дарсии забони фаронсавӣ пайдо шуданд. Пеш аз ҳама, яке аз ин гуна дастурҳои таълимии забони фаронсавӣ [2, с.58] «муҳовараи нави фаронсавӣ ва русӣ дорои 130 дарс барои омӯзиши забони фаронсавӣ эҷод гардид». Китоби мазкур аз диалогҳои мухталиф иборат буд. Ин 130 дарс беш аз 30 мавзуи мухталифро марбут ба аҳли дворянинҳои ҳамон замон фарогир буд. Номгӯи баъзе аз мавзуъҳоро ин ҷо меоварем: «Чӣ тавр салом гуфтан ва доир ба саломатӣ пурсидан», «чӣ гуна фармон додан», «чӣ гуна маслиҳат додан», «дар бораи боду ҳаво», «дар мавриди сайругашт». Дар китоби мазкур намунаҳои одоби муошират дар ҷомеа ба монанди, худро шинос кардан, муносибат бо дигар одамон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Таҳлили мафҳуми категорияи эҳтиром низ дар асоси зарбулмасал ва мақолҳо сурат гирифтааст. Дар мавзуи хушмуомилагӣ бисёр зарбулмасалу мақолҳои фаронсавиро дарёфтан мумкин аст. Аз ин рӯ, барои хушмуомилагӣ ҷадвали муқоисавии зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро дар корҳои минбаъда тартиб додан лозим меояд: - La politesse est un clef d'or qui ouvre toutes les portes. On va plus loin le chapeau à la main que le chapeau sur la tête. Au plaisanter on connait l'homme. Diseur de bons mots, mauvais caractère [13, с.97]. Эҳтиром калиди тиллоиест, ки ҳама дарҳоро боз мекунад. Сари хамро шамшер намебуррад. Одамро аз тарзи суханаш

мешиносанд. Ширинсухану бадрафтор (тарҷумаи муаллиф). La politesse est le vêtement de l'esprit, elle doit servir comme les habits de tous les jours. On demande à la fleur son parfum, et à l'homme la politesse. La veritable politesse est celle de la bienveillance. Ce qui est une faute de politesse est une faute de français. La politesse attire et seduit; la vulgarité repousse et revolte. Le manque de politesse est le plus grand défaut de la jeunesse. La politesse et le respect doivent être mutuels. Bonjour, bonsoir, merci, sont trois règle de la vie [13, с.101]. Одоб ин либоси ақл аст, вай ба монанди либос тамоми рӯз хизмат мекунад. Аз гул бӯйи атрогинашро мепурсанд ва аз одам одобашро. Одоби ҳаққонӣ ин накукорист. Ҳар он чизе, ки норасоии одоб аст, ин норасоии забони фаронсавист. Одоб ҷалб мекунад ва шефта месозад - дурушти фишор меорад ва исён мекунад. Норасоии одоб ин калонтарин иштибоҳи ҷавонист. Ахлоқ ва эҳтиром бояд баробар бошад. Рӯз ба хайр, шом ба хайр, ташаккур- се қоидаи ҳаёт мебошанд (тарҷумаи муаллиф).

Аз ин рӯ, мо метавонем хулоса барорем, ки ҳам дар фарҳанги фаронсавӣ ва ҳам тоҷикӣ эҳтиром аҳаммияти калон дорад. Махсусан ба тарҷумонҳо зарур аст, ки зимни тарҷума, ба категорияи эҳтиром диққати лозимӣ диҳанд. Олимон ва нависандагон мақом ва манзалати ин категорияро хуб баҳо дода, дар ин бобат мақолҳои хеле дилпазир эҷод кардаанд.

Хушмуомилагӣ ба тилло монанд аст, ки аксар вақт на танҳо металли одиро фаро мегирад (Сагнал Дубе). Хушмуомилагӣ ҳеҷ арзише надорад, аммо фоидаи зиёд меорад (М. Монтагу). Тарбияи хуб аз он иборат аст, ки дар назари худ ноаён аст, вале он аз назари дигарон пӯшида наемонад (А. Чехов). Хушмуомилагӣ ин аст, ки доимо дар бораи худ фаромӯш мекунад, то ба дигарон муносибат кунад (Ф. Монкреус). Хушмуомилагӣ бадиҳоро пинҳон мекунад (С. Давлатов).

Дар натиҷа маълум шуд, ки фаронсавиён табиатан бештар иҷтимоӣ ҳастанд ва ба рафтори боодобона дар ҷомеа диққати калон медиҳанд. Ва барои тоҷикон хушмуомилагӣ на танҳо маънои эҳтиром ба пирон, муносибати хайрхоҳона ва самимона ба атрофиён, балки дар ҷомеаро низ ифода мекунад. Мақсад ва ҳадафи асосӣ дар ин мақола хусусан дар бораи ифодаи категорияи эҳтиром дар забони фаронсавӣ буда, роҷеъ ба мақом ва дарки ифодаи ин категория аз сарчашмаҳои илмии олимон ва забоншиносон ва луғатҳои калонҳаҷм мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Чи тавре ки мо дар мақола қайд намудем, ифодаи хушмуомилагӣ, яке аз рукнҳои асосии эҳтиром дар аксарияти забонҳо мебошад ва дар ин ҷо танҳо бобати категорияи мазкур дар забони фаронсавӣ андешаронӣ намудем.

Муқарриз: Талабов Т. – н.и.ф., дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос (калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ) / Т. Бердиева. – Душанбе: ДМТ, 1991 – 127 с.
2. Вегелин, Ж.Ф. Новые разговоры французские и российские, поделенные на 130 уроков, для употребления юношеству и всем начинающим учиться языком / Ж.Ф. Вегелин. - Москва, 1799. – 235 с.
3. Степанов, Ю.С. Структура французского языка / Ю.С. Степанов // Структура французского языка. - Москва, 1965. – 189 с.
4. Степанов, Ю.С. Константы: словарь русской культуры / Ю.С. Степанов. - Москва, 1968. – 677 с.
5. Стернин, И.А. Модели описания поведения / И.А. Стернин // Модели описания поведения. - Москва, 2000. - 143 с.
6. Тураева, З.Я. Лингвистика текста / З.Я. Тураева // Лингвистика текста. - Москва, 1986. – 201 с.
7. Щерба, Л.В. Вопросы языкознания / Л.В. Щерба // Вопросы языкознания. - Москва, 1970. – 321 с.
8. Эпиграфи маҷаллаи "Фурӯғи тарҷума", 2011. - № 1.
9. Brunot, F. La pensée et la langue / F.Brunot. - Paris, 1965. – 245 p.
10. Goffman, E. Les rites d'interaction / E.Goffman. - Paris, 1974. – 302 p.
11. Grand Robert de la langue française. - Paris, 1990. – 2447 p.
12. Grevice, M. Le bon usage. Grammaire française / M.Grevice. - Paris, 1964. - 201 p.
13. Martinet, A. Grammaire fonctionnelle du français / A.Martinet. - Paris, 1970. – 187 p.
14. Picard, D. Les rituels du savoir-vivre / D.Picard. - Paris, 1998. – 321 p.
15. Robert. Dictionnare de la langue française - Paris, 1994. – 2467 p.
16. Staff, B. Régles du savoir- vivre dans la société moderne / B.Staff. - Paris, 1892. - 234 p.

КАТЕГОРИЯИ ЭҲТИРОМ ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ ҲАМЧУН ЯК ҚИСМИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ ТАРҶУМОН

Дар мақолаи мазкур сухан бобати категорияи эҳтиром дар забони фаронсавӣ ва нигоҳи таъминоти иттилооти тарҷумон меравад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки зимни ифодаи категорияи эҳтиром дар забони фаронсавӣ, чӣ гуна нозукиҳои хеле осон ва сабук дар нигоҳи аввал ба чашм мерасанд, ки бобати малака шудани онҳо барои ҳар як фард, вақт ва мавриди истифодаи дурудароз лозим аст. Омӯзиши категорияи эҳтиром бо мақсади пур кардани фонди иттилоотии тарҷумон дар нақшаи диахронӣ имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои

назариявии фарқ кардани мафҳумҳои «savoir-vivre», «politesse» ва «culturel» дахл карда, аз уҳдаи муқоиса кардани онҳо барояд. Хулоса, дар мақола тарзи истифода ва мавқеи ифодаи категорияи эҳтиром муайян гардидааст.
Калидвожаҳо: категория, тарҷума, иқтибос, услуб, лексика, ритм, муқоиса, забон, зарбулмасал, мақол.

КАТЕГОРИЯ УВАЖЕНИЯ ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ - ЧАСТЬ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПЕРЕВОДЧИКА

В данной статье речь идёт о категории уважения во французском языке, с точки зрения предоставления информации переводчику. Анализ показал, что при выражении категории уважения во французском языке, нюансы видны очень ясно, и на первый взгляд, это требует времени и длительного использования у каждого индивидиума. Изучение категории уважения с целью пополнения информационной базы переводчика в плане диахронии позволяет понять теоретическое различие между понятиями «savoir-vivre», «politesse» ва «culturel». Итак, в статье определяется способ употребления и место выражения категории уважения.
Ключевые слова: категория, перевод, заимствования, стиль, лексика, ритм, сравнение, язык, пословица, поговорка.

THE CATEGORIES OF RESPECT IN THE FRENCH LANGUAGE ARE OFTEN USED BY THE TRANSLATOR TO PROVIDE INFORMATION

In this article, we are talking about the category of respect in French and from the point of view of providing information and translating. The analyze was shown that when the category of respect in French language is already expressed, the nuances are very easy, and for the first time it takes a long time for using by every individual. Studing the category of respect with the purpose replenshment, the information base of the translator in the draft diachronic allow to understand theoretical distinction between conceptions «savoir-vivre», «politesse» and «culturel». Ih general, the article defines the way of using and the place expression of the respects category.
Key words: category, translator, borrowing, style, lexic, rhyme, comparation, language, provebs, by-word.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумаев Тӯйчибой*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 931-24-14-44**

Сведения об авторе: ***Джумаев Туйчибой*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 931-24-14-44**

Information about the author: ***Dzhumaev Tuychiboy*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Foreign Languages, Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.**
Phone: **(+992) 931-24-14-44**

ТДУ: 811.111

МАҲФУМ, ТАЪРИХИ МУХТАСАРИ ПАЙДОИШ ВА ВАЗИФАҲОИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҳасанова Ш.Р., Кабиров Л.А
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар ҷомеаи имрӯзаи англисзабонҳо сленг дар тамоми қисмати муошират, чи шифоҳӣ, чи хаттӣ, мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Аммо бояд зикр намуд, ки то ҳол худи мафҳуми «сленг» дар илми забоншиносӣ ба дараҷаи зарурӣ шарҳи худро пайдо накардааст, муҳаққиқон то ҳол муайян накардаанд, ки чиро сленг шуморанд. Аксар вақт дар луғатҳо мо дар муайянкунии сленг бо ишораи «гуфтугӯӣ» ё «гуфтори омма» дучор меоем ва аз ин ҷо тарҷумон метавонад дар вақти тарҷумаи сленгҳо лексикаи гуфтугӯйиро мавриди истифода қарор диҳад. Ҷустуҷӯйи муродифи мувофиқ дар вақти тарҷума яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон ба шумор меравад, зеро ҳар як забони рушдкарда дар лексикони худ ин воҳидҳои муродифиро дорад. Забони тоҷикӣ низ аз ҷумла, яке аз забонҳои рушдкарда маҳсуб меёбад. Мавҷудияти муродифҳо ба тарҷумон имкон медиҳад, ки муродифҳои мувофиқро мавриди истифода қарор дода, тарҷумаро дуруст ва осон анҷом диҳад. Аммо дар бештар ҳолатҳо мавҷудияти муродифҳоро дучор намеоем, зеро сленги англисзабонҳо ин инъикоси фарҳанг, ҳаёти ҷамъиятӣ ва афкори узви ҷомеаи англисзабонҳо ба шумор рафта, доимо дар инкишоф аст.

Инсон ва забон аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд. Ба андешаи муҳаққиқ Р.А. Будагов табиати ҷамъиятии забон на танҳо шарти мавҷудияти он мебошад, балки вазифаҳо, махсусияти лексика, фразеология, грамматика ва услуби онро муайян месозад.

Дар байни лексикаи иҷтимоӣ дар забони англисӣ сленг мақоми хоссеро дорост. Зери ин мафҳум, аксар вақт, зуҳуроти гуногуни услубӣ ва лексикиро мефаҳманд. Аз ин ҷост, ки масъалаи фарқи сленг аз дигар намудҳои лексикаҳои иҷтимоӣ миёни муҳаққиқони забоншинос мушкилиҳои зиёдеро ба миён меорад. Оид ба ин масъала муҳаққиқ М.М. Маковский чунин ақида баён намудааст: «Мувофиқат накардани таркиби луғавии он бо лексикаи соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир, мавҷуд набудани аломатҳои грамматикию фонетикию лексикӣ доираи истифодаи он маҳз сленгро аз дигар калимаву истилоҳотҳо фарқ мекунонад» [2, с.106]. Хусусияти асосии сленг дар ноустуворӣ ва зудивазшавии он зоҳир мегардад. Инро асос дониста, бархе аз муҳаққиқон ақида доранд, ки дар сленг далели эҷоди зиндаи вожаҳою ибораҳоро мушоҳида менамоем ва ин зуҳуроти пешравӣ буда, ба ташаккул ва рушди забон таъсири мусбат мегузорад.

Чунин сленгҳо дар забони англисӣ имрӯз хеле маъмул ва мавриди истифодаи васеъ қарор доранд:

It`s sick - ин чизи хуб аст.
(This move is sick) - ин филми хуб аст.
It`s lit - мумкин аст гӯем, ки ин олист.
What's up - аҳволат чӣ хел?
Cut some slack - ба ман гузашт кун.
Veah - ҳа.
Nighty night - шаб ба хайр.
I`m down - дар болои корам.
Blasé - чӣ?
Snitch - хабаркаш.
You are ditched me - ту маро фиреб медиҳӣ.
Dude, bro - дӯст, рафиқ.
Ut`s popping - ин олист.
Grill - нигоҳ кардан ба касе.
Dump - инро ҳам ба хуб, ҳам ба бад истифода кардан мумкин аст.
Shit face - дар ахлот.
Fucked up - (you are fucked up) чизи бад.
Get your shit together - худро ба даст гир.
The "hood" - (retto)-маҳал.

The city - шаҳр, маркази шаҳр.
For real - воқеӣ.
Dead-ass - ҷиддӣ будан (I was dead ass when I rakked to him).
Get the fuck outta here - гум шав.
Hommie – дӯст, ҳамсоя.
Please with sugar (cherry) on the top - марҳамат.
Your ass - шӯхӣ кардам.
Plug - шахси шиносҳои зиёд дошта.
Dope - олӣ, маводи мухаддир.
Set the bar too hight - аз андоза баланд ҳисобидан.
Dooze - нӯшокӣ, машрубот.
Flick - олӣ.
Push the envelope - ба қаҳр омадан.
On point (it`s on point) - олӣ, ба қаҳр омадан.
Story of my life - боз ноомадӣ.
Cheesy - чизе, ки бад меҳисобӣ.
Bullshit - дурӯғ.
Vammy-болаззат.
Going out - хушҳолӣ кардан.
Goofy - беақл, нодон.
White trash – деҳотӣ.

Муҳаққиқи рус Гинзбург андешаеро пешниҳод менамояд ва тибқи он зикр мекунад, ки чунин воҳидҳои забонӣ ба мафҳуми сленг мутааллиқанд. Ба андешаи ӯ чунин вожаҳо ва ибораҳоро дар луғатҳо зери мафҳуми сленг ишора намуд:

1.Вожаҳое, ки ба жаргони олами ҷиноӣ мутааллиқанд. Чунончи:

Backjump-тирезаи маҳбас.
Chese-ашёи рост истода.
To hog-бо ҳарисӣ неъмати каси дигарро аз они худ кардан.
Tofig-тез зарба задан [25 с.88].

2. Воҳидҳою ибораҳои ба касбу шуғл мутааллиқ буда. Чунончи:

Length-42 сатр аз намоиш, anoser-зарба ба бинӣ, plunger-сарбози савора. Азбаски баъзе муҳаққиқон вожаҳою ибораҳои ба касб ва шуғл тааллуқдоштаро ба сленг мансуб медонанд, намунаҳои нави сленг, ба монанди сленги варзишӣ, театрӣ, сленги низомиён, зуҳур менамоянд.

3. Бештари вожаҳою ибораҳои шифоҳӣ (колоквиализм), ибораҳо ва вожаҳои ба муошарати зиндаи ғайрирасмӣ тааллуқ доранд. Онҳо хусусияти серҳаракатеро дар сарҳади семантикӣ, сермаъноӣ дороянд. Чунончи, chink-пули накд, tolearntheropes-ҳама даромад ва баромади биноро донистан, ajolly- вақткушӣ кардан, tosoapboxs-митинг ташкил кардан [29, с.128].

4. Зери мафҳуми сленг таълими бемақсад, ки дар натиҷаи таъсиси ҷомеаҳои адабӣ ташкил шудаанд, фаҳмида мешавад. Чунончи: - Cyrano-бинии дароз.

5. Вожаҳою ибораҳои образнок. Зери ин мафҳум вожаю ибораҳои образноки ба касбу шуғл тааллуқдошта, ҳам вожаҳою ибораҳои образноке, ки мавриди истифодаи умумӣ қарор дорад, шомил шуда метавонанд. Чунончи: gospel-drinder- (коҳин), landshark - ҳуқуқшинос, yes-man-дурӯғгӯй [29, с.132].

6. Дар зери мафҳуми сленг мазмуни “вожаю ибораҳои дар натиҷаи ҳолатҳои гуногун ба зуҳуромада”, фаҳмида мешавад. Чунончи: beauty, nicefellow ва муқобили онҳо socialevil-фоҳиша.

7. Вожаҳои дар натиҷаи усули сермаҳсули иборасозӣ, яъне конверсия пайдошуда низ ба сленг нисбат дода мешаванд. Чунончи: tojolly-хурсандӣ кардан, sneak-шахси туҳматчӣ.

8. Баъзе ихтисораҳо низ ба сленг нисбат дода мешавад. Чунончи: pub-public house, prop-properties, pro-professional, biz-business [6, с.110-112].

Ба ақидаи муҳаққиқ Вилюман В.Г. нақши асосиро дар пайдоиши сленгҳо муъҷазӣ ва маъноро васеъ намудан ишғол менамояд [6, с.138]. Сленгҳои мазкур намунаи гуфтаҳои донишманд Вилюман В.Г ба ҳисоб мераванд:

1. Name shame – Вақте, ки номи шахсеро, ки доимо бо ӯ ҳастӣ фаромӯш мекунӣ.

–Omg, I can`t remember his name! It`s a name shame! Ман номи ӯро фаромӯш кардам. Шармандагӣ.

2.Selfiecidal - Касе, ки ба селфӣ дар ҷойҳои хавфнок машғул аст.

3. Popticalillusion - Нақши дар шалвор буда, ки суринро калон нишон медиҳад.

-Her pants are an illusion.

4. Foh (Fuck Outta Here) - Гумшав аз ин ҷо!

5. Lip boxing - Дар шабакаи иҷтимоӣ таҳқир кардани шахсе, ки ҳатто намешиносӣ.

6.Starfish - То дараҷае нӯшидаӣ, ки қудрати ҳеҷ кор карданро надорӣ.

7.Pet parents - Шахсоне, ки бо ҳайвонҳои хонагӣ чун фарзанд муносибат мекунанд.

-The spend too much time whith their puppy. They even hold him as if it`s a child! They`re definitely pet parens.

8. Jean jam – Шими ҷинси хеле танг.

9.Confident turtle - Шахси худбовар.

10.Food monitor – Шахсе, ки дар вақти хӯрокхӯрӣ доимо ба хӯрок камбудӣ меёбад.

11.I love this party! It`s just unreal! Олиҷаноб.

12. Props - Чизе, ки қобили эҳтиром аст.

-I know he failed the test, but you`ve got to five him props for trying-

13.Kudos - Вожае, ки эҳтиромро ифода мекунад.

-Kudos for organising organizing this party. It`sbrilliant! -

14.Bottom line is we just don`t have enough money for this - Аз ҳама асосӣ.

15.Diss - Нисбати касе беҳурматӣ зоҳир кардан, таҳқир кардан.

-Stop dissing her behind her bask. Show some respect! -

16.Dig - Ҳаловат бурдан, «кайф кардан».

-Hey, I dig your new style. Where did you buy that T-shirt? -

17.Bob`s your uncle - Бо киноя сухан кардан.

-How did you make this cake? It`s delicious! -

-Well, I just mixed in the batter thoroughly, poured it into a care pan, baked it for 30 minites and Bob`s your uncle! -

18.Budge up - Ин сленгро ҳамон лаҳзае истифода мебаранд, ки аз кас хоҳиш менамоянд, то ӯ имкони нишастанро низ диҳад.

To budge up.

-I want to sit down too, could you budge up a little, pltase? -

19.Ace - Дар сленг чизи олиро ифода мекунад.

Have an ace in the hole/uh one`s sleeve.

-Ace! I just got a promotion at work.

-Robert aced his physics exam!

20. All right? - Салом корҳо чӣ хел?

-All right?

-Good thanks, you all right?

21. Full of beans - Шахси пурҳавсала, пур аз энержӣ.

-All the children were bull of beans at the party.

22.Blatant - Чизи аниқ.

-She`s blatantly very annoyed, everyone can see it apart from you.

23. Pear shaped - Чизе, ки натиҷаи матлуб намеорад, дар шакли нодуруст.

-I was trying to organize a surprise birthday party for, but it`s all gone pear shaped!

24. Piece of cake - Коре, карданаш осон аст.

-What do you think of the exam? I think it was really difficult. -

-No, it was a piece of cake!

25. Blimey - «Blind me!» - Хитоби ҳайрат.

-Blimey, look at all mess here! I`d oniy left the house for an hour, and look what you've done! -

26. Botch- «to botch something up» ва «to do a botch job» - Кори мушкил.

-The builder did a terrible on the roof. He just botched it up, and it still leaks every time it rains! -

27.Cheers - Қадаҳ бардошта сухан кардан.

Cheers everyone! Happy birthday to William! -

28. Smashing - Хеле олӣ.

-I had a svsshing time on holiday, it was so much fun!

29. Sod`s Law-Sod - «Қонунҳои беадолатона», айнан шахси разил.

-I wore my pretty new dress, because it was a sunny day, bat as soon as I stepped out of the house, it started raining, and I got completely soaked! sod`s Law! -

30.Chin wag - Якдигарфаҳмӣ.

-I saw Mary afren such a long rime yesterday! We had a lovely chin wag together, like the good old days-

31. Chuffed - To chuff - Аз чизе розӣ будан.

-My mum bought me a fantastic car whtn I passed me driving u was chufied to bits! -

32. Cram - Ба имтиҳон тайёрӣ дидан, қорӣ азёд кардан.

-I was so busy with my family before the txam, that I only had three daes to cram for it-

33. Nice one – Nice - Кори хуберо анҷом додан.

-I published my fist book last year, and I`ve aiready started working on the segutl!

-Nice one! You`re doing really well.

34.Crikey - Хитоби ҳайрат.

-I went shopping today! Comes in with lots of bags

-Crikey! Have you spent all of our savings??!!

35.Dear - азиз, гаронбаҳо.

-I avoid going shopping into rhe town centre nowadays, everything is so dear-

36. Faff-, crastinus - корро мавқуф гузоштан.

-Come on, we have to go now. Stop faffing around, we`re going to be late!

37. Do - Гузаронидани базм дар назар дошта шудааст.

-Are you going to Lizzie`s birthday do next week? -

38.Flog - фурӯхтан.

-I managed to flog my car for a really good price-

39. Bortnight - духафта. Мухтасари ‘fourteen nights’

40.Gobsmscked-: gob-; to smack – Ба ҳайрат афтодан.

-I can`t believe I passed that exam! I thought I was going to fail, I`m complttely gobsmacked!

41. Splash out - Пули бисёр сарф кардан.

-I wanted to give Sarah a special treat for her birthday, so I splashed out a very romantic trip.

42. Grub/nosh - Хӯроки саридастӣ.

-I`m going to get some grub for myself from the local takeaway. Do you want anything? -

43. Bee`s knees - Хеле олӣ.

-You should see my new sound-system, it`s the bee`s knees! -

-I don`t like Harvery very much, he thinks ht`s the bee`s knees-

44. Gutted - (to gut) - Ноумед шудан.

-I`m so gutted I failed my driving test, again! -

45. Peanuts - Маоши ночиз.

-I hate my job. I have to work such long hours, and I get paid peanbts-

-You should buy your clothes online. You can gind some great designs for peanuts!

46. Haggle - Хасисӣ кардан дар вақти харид.

-The last time I went shopping with my mum, she was haggling for something that was already really cheap! -

-I managed to haggle the price of this dress down by 25%!

47. Jolly- (“jolly good”) - Хеле хуб.

-Don`t worry, I will pay you back before the end of this month.

-I should jolly well think so!

48. Throw a spanner in the works - Ба касе халал расонидан.

-I managed to keep the surprise a secret, right up until the day before my sister`s birthday, tyen he threw a spanner in the works by telling her!

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби сленгҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар адабиёти бадеӣ низ мавриди истифода қарор доранд. Ин ҷо дуршавии грамматикӣ, фонетикӣ ва лексикӣ дар воҳидҳои лексикӣ мушоҳида мешавад:

1. Дуршавӣ аз меъёрҳои грамматикӣ. Ба ин гурӯҳ чунин категорияҳо дохил мешаванд:

-инкори дубора;

-истифодаи дурусти пешоянд (муайян ва номуайян).
-истифодаи пешоянди шахсии (them) баъди исм;
-тартиби вожаҳо дар вақти сохтани саволи умумӣ. Чунончи:

1. Shake them fleas outa your pants.	1. Онҳоро аз шиматон ҷунбонед.
2. Says you.	2. Шумо мегӯяд.
3. Don`t nobody try to fancy pants.	3. Ҳеҷ кас кӯшиш накунед, ки шимро зебо кунад.
4. Them camps.	4. Онҳо лагерҳо.
5. Them boxes.	5. Онҳо қуттиҳои.
6. I wouldn`t mind a doil.	6. Ман зид нахоҳам шуд.
7. Some a this.	7. Баъзеҳо ин.
8. Got you an extra blanket?	8. Шумо як куртаи иловагӣ доред?
9. Doubt I`ll feel nothing.	9. Ман шубҳа дорам, ки ман ҳеҷ чизро ҳис намекунам.
10. Some a these never went up there.	10. Баъзеҳо ва инҳо ҳеҷ гоҳ ба он ҷо нарафтанд.
11. He never did mach a job.	11. Ӯ ҳеҷ гоҳ коре накардааст.
12. He don`t let her have none the money.	12. Ӯ намегузорад, ки вай пул дошта бошад.
13. They can`t get no use of me.	13. Онҳо аз ман истифода бурда наметавонанд.
14. A big bull with a lot of drop.	14. Барзагови калон бо қатраҳои зиёд.
15. They was a joke.	15. Онҳо шӯхӣ буданд.
16. That don`t mean nothing.	16. Ин ҳеҷ маъно надорад.
17. You don`t know nothing about.	17. Шумо ҳеҷ чизро намедонед.
18. Wtat in hell happened a August?	18. Дар моҳи август чӣ воқеа рӯй дод?
19. We ought a go south.	19. Мо бояд ба ҷануб равем.
20. We ought a go south.	20. Мо бояд ба ҷануб равем.
21. We could a had a good life together.	21. Мо метавонем якҷоя зиндагии хуб дошта бошем.
22. North a yere.	22. Шимолӣ.
23. People, they usually know better, music, it sometimes amazes me	23. Одамон, одатан, мусиқиро беҳтар медонанд, баъзан маро ба ҳайрат меорад

Дар ин гурӯҳ ҳамчунон, дурравӣ аз меъёрҳои грамматикӣ мушоҳида мешавад:
-дучор кардан дар вақти сохтани дараҷаҳои сифат:
-a more larger list.
-the most biggest star.
-нодуруст истифода намудани ибора -«tobelike»/ Чунончи:
People will be like “close that window”.
2.Дуршавӣ аз меъёрҳои фонетикӣ. Диереза-дар натиҷаи омехташавии вожаовоз ё ҳиҷо гум мешавад. Ин метавонад дар аввал, миёна ё охир биёяд. Чунончи:
Round- around
Bout-about
Ба ин гурӯҳ вожаҳое дохил мешаванд, ки пасоянди «ing» мегиранд:
«Ing» бо in ихтисор шуда, ҳарфи g бо апостроф ишора карда мешавад. Чунончи:
Hangin, frikkin, sayin, spendin.
Дар баъзе ҳолатҳо ишора бо апостроф низ сарфи назар карда мешавад. Чунончи:
Doincommutin, jumpin up, herdin, warnin, little darlin.
Well, I says he is bigger`n me.
It don`t happen in wyomen.
3.Дуршавӣ аз меъёрҳои лексикӣ. Чунин гурӯҳи сленгҳо категорияҳои зеринро дар бар мегиранд:
а) истифодаи ибораи and all дар услуби забони адабӣ ва расмӣ мавриди истифода қарор надорад, аз ин ҷост, ки дуршавӣ аз меъёри забони адабӣ мушоҳида мегардад. Чунончи: How they were occupied and all, they are nice and all, he loved him and all, яъне *чӣ тавр онҳо машғул буданд ва ҳама, онҳо хуб ва ҳама, Вай ӯро дӯст медошт ва ҳама.* Ҳамчунон истифодаи синонимҳо мушоҳида мегардад. Чунончи: and stuff, and crap, and all that stuff, all my crap, яъне *ва мавод, ва ахлот, ва ҳамаи он чизҳо, ҳама ахлоти ман аст.*

б) бо услуби шифоҳӣ, бо ифодаи эҳсосоти истифодаи ибораҳои эвфеметикӣ. Чунончи: goddamn, damn miserable time for them, damn lonesome ranches, jouncing a bed, out house, rubbers, to fill out in the shou eders and nams.

Ҳангоми таҳлили мавод кӯшиш намудем, ки ба таснифи семантикии сленгҳо даст занем. Бояд зикр намоем, ки ин тасниф шартӣ буда, ҳамаи сленгҳои дар забони англисӣ мавҷудбударо дар бар гирифта наметавонад:

1.Воҳидҳое, ки ҷузъиёти этникиро зоҳир менамоянд: a dinge, smokes, shine box, yaller, woptown, shine killimg, yellow, wop, яъне *динге, тамокукашӣ,* қуттии дурахшон, баландтар, воптаун, куштори дурахшон, зард, воп.

2. Луғоти ифодакунандаи мафҳумҳои зиндон ва ба он алоқаманд. Чунин вожаҳои сленгӣ танҳо дар адабиёти бадеӣ вомехӯранд: prowlie, in the caboose, hot car list, chegue bouncer, snuck, to case, heist guys, K-car, sneezer, finger man, high pillow, to fap, to swan, reader, blotter, torpedo, a stick up, to can smb, to run reefers cut, to copsmth of, coke hound, sap, heap, to sing, pay-off, to burn up, heater and iron, sneeze, lit, a bindle punk, a gun, to breeze, яъне *сарсону саргардон, дар гала, рӯйхати мошинҳои гарм, бонсер аз чек, пинҳонӣ, дар тиҷорат, бачаҳои ғоратгар, К-мошин, атсазан, марди ангуштӣ, болишт баланд, домкро хомӯш кардан, қувон, хонанда, коғази шуста, торпедо, часпидан , касе метавонад, яхдонҳоро оғоз кунад, бурида, кобед, кокс, шарбат, чӯб, суруд, пардохт, сӯзондан, гармкунак ва дарзмол кардан, атса кардан, сабук, панки девона, таппонча, насим.*

3. Воҳидҳои лексикие, ки маводи мухаддир, номи пул ва нӯшокиҳои спиртиро ифода мекунанд: hooch, cleaned up, dead soldier, jiju, coke-hound, a steak of tea, c-note, the ice, hop, grift, yellon, backs, to be like a ferry boat, a bindlt punk, to get a mild tootpn, bin, spot, to be dizzy drunk on all foirs, яъне ҳоч, тозашуда, сарбози мурда, ҷижу, кокс, як стейк чой, в-нот, ях, хоп, грифт, йеллон, пушт, мисли қаиқи паром будан, панк бинт, тоотпн ҳалим , бин, доғ, сараш чарх задан дар ҳама фойар маст.

4. Сленгҳое, ки ботин ва зоҳири инсонро тавсиф мекунанд:

To shake the fleas outaont`spans, lug, tocrackwlse, tobarber, fink, tofigure-eight, runt, afakeloo artist, hoop laspreader, hoofer, pally, tohave French bit, damwit, todry-guich, tosguareoneself, dealmeout, to detasguare deal, wrtn, toots, toclam, sucker, to be from home, seramole umpchay, swamigue, slob, яъне *бӯрҳоро аз табақ ҷунбондан, бурдан, буридан, домод, балет, рақами ҳашт, шорт, қалбакӣ, паҳнкунандаи шӯхӣ, заҳр, дугона, нешзании фаронсавӣ, панкейк, хушк, тоза, каламуш бар ман, парванда, тӯс, макканда , дар хона бошед.*

5.Воҳидҳои лексикие, ки ба кормандони полис тааллуқ доранд: john, private-onaconfidentiallay, dick, shamus, privateeye, яъне *ҷон, хусусӣ-дар як махфӣ фидо, Дик, чашми хусусӣ.*

6. Сленгҳое, ки ба гурӯҳҳои дар боло овардашуда тааллуқ надоранд. Ба онҳо, асосан хитоб ва нидоҳои арзёбикунанда дохил мешаванд. Чунончи: pen (penitentiary), rank town, hoopla, it will be joke, old hat, burg, to gloom something off, under the hat, a lot of snap. How come? Info, to shed the heater, grub, you`ll fruze your ass, one shot thing, you got a kid, smokes, to be worn to the quick, яъне *қалам (таъсис), шаҳраки рутбавӣ, хопла, ин шӯхӣ хоҳад буд, кулоҳи куҳна, бург, тира кардан чизеро хомӯш кардан, зери кулоҳ, зарбаи зиёд. Чӣ хел шуд, ки? Маълумот, ба рехтани гармкунак, хари худ, як зарбаи чизе, шумо як кӯдак, тамоку мекашад, ба зудӣ фарсуда мешавад.*

А Д А Б И Ё Т

1. Беляева, Т.М. Лексика в структуре английского языка / Т.М. Беляева, В.А. Хомяков. - М., 1985. - 138 с.
2. Балли, Ш. Французская стилистика / Ш.Балли. - М.: Эдиториал УРСС, 2001. - 392 с.
3. Влахов, С. Непереводимое в переводе / С.Влахов, С.Флорин. - М.: Международные отношения, 1980. - 176 с.
4. Касумова, М.Ю. Молодёжный сленг как компонент молодёжного дискурса / М.Ю. Касумова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - 2019. - № 7. - С.63-65.
5. Крысин, Л.П. Языковое заимствование / Л.П. Крысин. - М., 1993. - 258 с.
6. Сленг - что это такое? Английская просторечная военная лексика: Англо-русский словарь военного сленга / Г.А. Судзиловский. - М.: Воениздат, 1973. - 182 с.
7. Современный толковый словарь русского языка. - Москва: Ридерз Дайджест, 2004. – 755 с.
8. А, О. М. Советская Энциклопедия, 1981. – 694с
9. Балли, Ш. Французская стилистика / Ш. Балли. - М.: Эдиториал УРСС, 2001. - 392 с.

10. Большой энциклопедический словарь (БЭС). - М.: Российская энциклопедия, 1988. – 685 с.
11. Ермакова, О.П. Слова, с которыми мы все встречались: Толковый словарь общего русского жаргона / О.П. Ермакова. – М., 1999. - 273 с.
12. Капранов, В.А. Толковый словарь таджикского языка в 2–х тт. В.А. Капранов. - Том. I.
13. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. – 950 с.
14. Краткий словарь лингвистичеких терминов. – М, 1995. - 180 с.
15. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2017. – 1016 с.
16. Почепцов, Г.Г. Теория коммуникации / Г.Г. Почепцов. - М.: Рефл-бук; - К.: Ваклер, 2001. - 293 с.
17. Словарь английского сленга: Dictionary of slang in North America, Great Britain and Australia: Особенности употребления сленга в Северной Америке, Великобритании и Австралии / В.С. Матюшенко. – М.: Наука, 2002. - 176 с.
18. Мокиенко, В.М. Большой словарь русского жаргона / В.М. Мокиенко, Т.Г. Никитина. - Спб.: Норинт, 2002. – 716 с.
19. Мюллер, В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. - М., 1961. - 912 с.
20. Ожегов, С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. - М.: Советская энциклопедия, 1970. – 900 с.
21. Рубинчик, Ю.А. Грамматический очерк персидского языка // Персидско–русский словарь / Ю.А. Рубинчик. – М., 1985. – 236 с.
22. Саймиддинов, Д. Фарҳангномаҳои форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Дониш, 1994. – 87 с.
23. Словарь лингвистических терминов / Под ред. О.С. Ахмановой. - М., 1964. - 458 с.
24. Словарь современного русского литературного языка. В 17 томах. Том третий. – М., 2002. – 691 с.
25. Современный толковый словарь русского языка. - Москва: Ридерз Дайджест, 2004. – 755 с.
26. Словарь-справочник лингвистических терминов. - М.: Российскаяэнциклопедия, 1985. - 338 с.
27. Советский энциклопедический словарь. Под ред. С.М. Ковалева. - М.: Советскаяэнциклопедия, 1980. - 374 с.
28. D C. Usage Levels and Dialect Distribution. The American College Dictionary. - N.Y.: New American Library, 1947. – P.464.
29. Тышлер, И.С. Словарь лексических и лексико–грамматических омонимов современного английского языка / И.С. Тышлер. – Саратов, 1975. – 384 с.

МАҲФУМ, ТАЪРИХИ МУХТАСАРИ ПАЙДОИШ ВА ВАЗИФАҲОИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз зуҳуроти забонии англисзабонҳо-сленгҳо бахшида шудааст. Дар ҷомеаи имрӯзаи англисзабонҳо сленг дар тамоми қисмати муошират, чи шифоҳӣ, чи хаттӣ, мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Аммо бояд зикр намуд, ки то ҳол худи мафҳуми «сленг» дар илми забоншиносӣ ба дараҷаи зарурӣ шарҳи худро пайдо накардааст. Дар байни лексикаи иҷтимоӣ дар забони англисӣ сленг мақоми хоссеро дорост. Зери ин мафҳум, аксар вақт, зуҳуроти гуногуни услубӣ ва лексикиро мефаҳманд. Аксар вақт дар луғатҳо мо дар муайянкунии сленг бо ишораи «гуфтугӯӣ» ё «гуфтори омма» дучор меоем ва аз ин ҷо тарҷумон метавонад дар вақти тарҷумаи сленгҳо лексикаи гуфтугӯйиро мавриди истифода қарор диҳад. Ҷустуҷӯйи муродифи мувофиқ дар вақти тарҷума яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон ба шумор меравад, зеро ҳар як забони рушдкарда дар лексикони худ ин воҳидҳои муродифиро дорад. Забони тоҷикӣ низ аз ҷумла, яке аз забонҳои рушдкарда маҳсуб меёбад. Мавҷудияти муродифҳо ба тарҷумон имкон медиҳад, ки муродифҳои мувофиқро мавриди истифода қарор дода, тарҷумаро дуруст ва осон анҷом диҳад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти мафҳуми сленгро шарҳ дода, зуҳур ва раванди инкишофи онро бо такя ба таҳқиқоти муҳаққиқони гуногун муайян намояд. Вазифаҳои сленг муайян гардида, сарчашмаҳои зуҳуроти сленгҳо дар забони муосири англисӣ хеле равшан нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: мафҳуми сленги англисӣ, вазифа, моҳияти сленг, баромад, ҷавонон, дуршавӣ аз меъёрҳои фонетикӣ, мафҳумҳои зиндон, зери мафҳуми сленг, вожаҳою ибораҳои образнок, вожаҳои дар натиҷаи усули сермаҳсули иборасозӣ сохташуда, ихтисораҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ, КРАТКАЯ ИСТОРИЯ И ФУНКЦИИ СЛЭНГА В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена одному из языковых проявлений носителей английского языка - сленгу. В современном англоязычном обществе сленг широко используется во всех аспектах общения, как устного, так и письменного. Однако следует отметить, что понятие «сленг» еще не получило должного объяснения в лингвистической науке. Среди социальной лексики английского языка сленг имеет особый статус. Под этим понятием имеются в виду различные стилистические и лексические проявления. Часто в словарях мы встречаем «разговорную» или «публичную речь» в определении сленга, и поэтому переводчик может использовать разговорную лексику при переводе сленга. Поиск подходящих синонимов при переводе является одной из основных задач переводчика, ведь каждый развитый язык имеет в своем лексиконе эти синонимические единицы. Таджикский язык также считается одним из развитых языков. Наличие синонимов позволяет переводчику использовать соответствующие синонимы и правильно и легко выполнять перевод. Автор предпринял попытку объяснить сущность понятия сленг, определить его возникновение и процесс развития на основе различных исследований. Определены функции сленга, а также наглядно показаны источники сленговых явлений в современном английском языке.

Ключевые слова: понятие английского сленга, задача, сущность сленга, выход, молодежь, отход от фонетических норм, понятия, образные слова и словосочетания, слова, полученные в результате продуктивного способа словосочетания, аббревиатуры, социальные группы.

DEFINITION, BRIEF HISTORY AND FUNCTIONS OF SLANG IN ENGLISH

This article is devoted to one of the linguistic manifestations of native English speakers - slang. In modern English-speaking society, slang is widely used in all aspects of communication, both oral and written. However, it should be noted that the concept of "slang" has not yet received a proper explanation in linguistic science. Among the social vocabulary of the English language, slang has a special status. This concept refers to various stylistic and lexical manifestations. Often in dictionaries we find "colloquial" or "public speech" in the definition of slang, and therefore the translator can use colloquial vocabulary when translating slang. The search for suitable synonyms in translation is one of the main tasks of the translator, because every developed language has these synonymous units in its lexicon. The Tajik language is also considered one of the developed languages. The presence of synonyms allows the translator to use the appropriate synonyms and translate correctly and easily. The author made an attempt to explain the essence of the concept of slang, to determine its origin and development process on the basis of various studies. The functions of slang are defined, and the sources of slang phenomena in modern English are clearly shown.

Key words: concept of English slang, task, essence of slang, way out, youth, departure from phonetic norms, concepts, figurative words and phrases, words obtained as a result of a productive way of phrases, abbreviations, social groups.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, н.и.ф., дотсенти кафедраи забоншиносии умумӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф.Мухаммадиев, 17/6. E-mail: **laylo.hasanov@mail.ru**
Кабиров Лутфулло Абдусаломович - Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Сведение об авторах: ***Хасанова Шахло Рахмоновна*** - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, к.ф.н., доцент кафедры общего языкознания. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ф.Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **laylo.hasanov@mail.ru**
Кабиров Лутфулло Абдусаломович - Дангаринский государственного университет, соискатель кафедры теории и практики. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3.
E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Information about the authors: ***Khasanova Shahlo Rakhmonovna*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulugzoda, Candidate of Philological Science, Associate Professor of the Department of General Linguistics. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **laylo.hasanov@mail.ru**
Kabirov Lutfullo Abdusalomovich - Dangara State University, applicant for the Department of Theory and Practice. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov Str., 3. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.**
Phone: **(+992) 907-15-16-28**

ТДУ: 811.21/.22.111+811.161.1

ТАҲЛИЛИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА РУСӢ

Раҳимов М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзуи таҳқиқи раванди синтаксисии ибораҳои феълӣ, яъне ташаккул, вазифа ва маънои ибораҳои феълӣ дар ҳама забон муҳим ва мубрам мебошад. Барои муайян кардани монандӣ ва фарқи ибораҳои феълии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ маълумоти таҷаммуъ таҳлил карда шуданд. Далели дигар ин аст, ки як феъл метавонад калимаҳои гуногунро тобеъ намуда, ибораҳои нав ба вуҷуд орад ва вобаста ба ин вазифаҳои гуногуни семантикиро ичро намояд. Масалан, феъли *“баромадан”-ро (to get out - выходить)* мегирем, ки чунин ибораҳои феълиро ташкил медиҳад: *аз хона баромадан (out of the house - выходить из дома), аз роҳ баромадан (get out to the way - выходить на дарогу)*, *аз гор баромадан (to get out of the cave - выходить из пещеры)*, *аз ҳабс баромадан (to get out of prison – выйти из тюрьмы)*, *боло баромадан* (*to climb up – взобраться наверх)* ва монанди инҳо. Табиист, ки дар чунин мавридҳо, агар ҳиссаи асосии ибора-феъл дар шакли масдар дода нашавад, калимаи *баромадан (to get out - выходить)* маҳз дар як ибора маҳдуд мемонад.

Аммо ин гуфтаҳо ҳангоми тадқиқ дар шакли тасрифӣ зикр кардани ибораҳои феълиро аз байн намебаранд. Сабаби ин дар он аст, ки ибораҳо аслан дар таркиби ҷумла ба вуҷуд омада, бо вуҷуди хусусияти номинативӣ гирифтан имконияти худро дар бобати табдил ёфтан ба шакли ибтидоӣ тамоман аз даст намедиҳанд. Маҳз барои ҳамин ҳам академик В.В. Виноградов гуфтааст: Табиист, ки ба системаи шакли ибораҳои феълии *философияро омӯхтан (to learn philosophy – изучать философию), бо сурудхонӣ машғул шудан (to engage in singing – заниматься пением), ба рафиқ ҳамдард шудан (to sympathize with a friend – сочувствовать другу)* ва ғайра шакли предикативии онҳо - *философияро меомӯзам, бо сурудхонӣ машғул мешавам* ва монанди инҳо низ дохил мешаванд, аммо ҳамчун материали потенсиалӣ (тахминшаванда, имконпазир) барои сохтани ҷумла истифода мешаванд, зеро ибора интонатсияи хабарӣ надорад ва категорияҳои нисбии мубтадо, хабар ва дигар аъзоҳои ҷумла ба вай бегонаанд. Проблемаи ба ҳам пайвандшавии предикативии калимаҳо на ба назарияи ибора, балки ба таълимоти оид ба ҷумла дахл дорад [6, с.14-15].

Аз ин нишондоди академик В.В. Виноградов фарқи дигари ибора, яъне баракси ҷумла аз интонатсияи хабарӣ маҳрум будани ибора мебошад. Инро мо дар мисоли ҷумлаҳои унвонии ду-секалимагӣ, ки аз ибораҳои номӣ ба вуҷуд омадаанд, ба хубӣ дарк карда метавонем: *Доманаи кӯҳ, замини ҳамвори фарох, дар миёнҷои ин ҳамворӣ қишлоқи И... воқеъ буд (The foot of the mountain, a wide flat land, in the middle of this plain was the village I…. – Подножие горы, широкая плоская земля, посредине этой равнины стояла деревня И....), (С. Айнӣ, Куллиёт)*.

Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки бархе аз ҷанбаҳои онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Маҳсули таҳқиқот ба омӯзиши забонҳои ғайр, бахусус барои омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ мусоидат мекунад.

Забон як воситаи систематикии интиқоли ғояҳо ё эҳсосот бо истифода аз аломатҳои муқаррарӣ, садо, имову ишора ё ифодаи чеҳра маҳсуб ёфта, муштамили семантикаи возеҳу сареҳ аст. Одамоне, ки дар саросари ҷаҳон бо забони модарӣ ҳарф мезананд, ҳангоми муошират бо атрофиён душворӣ намекашанд, вале метавонанд бо шахсони забонашон ғайр ба душворӣ дучор шаванд, бинобар ин, ҳангоми муошират бо сабабҳои гуногун ба хатогӣ роҳ медиҳанд.

Яке аз сабабҳои мушкилӣ дар раванди омӯзиши забон дар ҳар се забонҳои мавриди назар тафовути хосси забонӣ мебошад. Тибқи ақидаи забоншиноси англис, маниши истифодаи забони модарӣ ба омӯзиши забони дуюм метавонад монеа пеш орад (Wardaugh: 1970). Ҳангоми омӯзиши забони дуюм мардум маниши истифодаи забони модарии худро зуд тағйир намедиҳанд. Аслан тафовути забонҳоро метавон ягонагии як забон арзёбӣ кард.

Муаллифи мақола барои таҳлили ибораҳои феълие, ки дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ истифода мешаванд, забони тоҷикиро ҳамчун манбаи маълумот интихоб намуда, манзур медорад, ки байни ибораҳои феълии тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ аз лиҳози шакл, вазифа ва маъно тафовут роиҷ аст.

Доираи тадқиқот бо ибораҳои феълӣ маҳдуд буда, ба таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ алоқамандӣ дорад. Вобаста ба масъалаи фавқуззикр мақсади тадқиқот тасвир намудани монандӣ ва фарқи ибораҳои феълии тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ аз лиҳози шакл, вазифа ва маъно маҳсуб меёбад.

Ҷузъҳои таркиби ибора муносибати ду мафҳумро, ки муносибати маънӣ-синтаксисӣ ба шумор меравад, ифода мекунанд. Аз ин ҷиҳат, бар акси аъзоҳои ҷумла, ки асосан ба маъноҳои умумӣ ва нисбатан муҷаррад сару кор дошта, аз маъноҳои ҷузъӣ сарфи назар мекунанд, калимаҳои таркиби ибора ҷузъитарин маъноҳоро ҳам аз назар дур намекунад, яъне тадқиқотчӣ ҳангоми таҳлили ибора тамоми муносибатҳои маъноии ҷузъҳо, ҳатто тобишҳои маъноии онҳоро ҳам ба инобат мегирад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳои боло ду мисоли поёнро аз назар гузаронидан кифоя аст.

1. Дар се ибораи зерини феълӣ муносибатҳои замонӣ ифода гардидаанд*: дар асри бист зиндагӣ кардан (to live in the twentieth century – жить в двадцатом веке), дар асри дигар зиндагӣ кардан (to live in another century – жить в другом веке), дар панҷ дақиқа хонда баромадан (to read in five minutes – прочитать за пять минут)*.

Дар вақти таҳлили аъзоҳои ҷумла ҷузъи ин ибораҳо ҳамчун ҳоли замон маънидод шуда, дар хусуси тафовутҳои маъноии онҳо аз ҳамдигар қариб чизе гуфта намешавад. Баръакс, дар вақти аз ҷиҳати ибора таҳлил намудани онҳо, фарқи маъноии ҳар як ибора, тарзи воситаи ифодаи онҳо бо диққат аз назар гузаронида мешавад. Масалан, гуфта мешавад, ки ибораи *дар асри бист зиндагӣ кардан (to live in the twentieth century – жить в двадцатом веке)* вобаста ба исми *аср*, ки давраи муайянеро ифода менамояд, амал ва қисмати вақтеро ифода мекунад, ки ин амал дар тули он ба вуқӯъ пайвастааст. Ибораи *дар асри дигар зиндагӣ кардан (to live in another century – жить в другом веке)* дар давраи муайян иҷро шудани амалеро ифода менамояд, аммо ин амал бо вақти дигар, яъне *асри дигар* алоқаманд мебошад. Дар ибораи сеюм, ки исми замон бо муайянкунандаи миқдорӣ омадааст, ибора амал ва замонро ифода кардааст, ки дар давоми он ин амал содир шудааст.

2. Дар вақти таҳлили ҷумлаи "*Ҷангҳои мардонаи онҳо ҳамаро дар ҳайрат гузошт"(Their valiant fights amazed everyone – Их мужественные бои поразили всех)* таркиби мубтадоро таҳлил карданӣ шаванд, мегӯянд, ки вай дорои муайянкунандаи нисбист. Ин ҷо гуфта мешавад, ки ибора ибораи номӣ буда, ҷузъи тобеъкунандаи он исми амал, ҷузъи тобеаш зарф аст, ки дар ин маврид вазифаи муайянкунандаро адо кардааст. Аз ин ҷиҳат, муносибати маъноии ҷузъи ин ибора танҳо бо хусусияти атрибутивӣ маҳдуд намешавад, балки то дараҷае хусусияти ҳолиро фаро мегирад [6, с.16-17].

Таҳлили муқоисавӣ васоити забоншиносии сохторӣ барои дақиқан тавсиф кардани се забони мавриди назар истифода шудааст, то ин се тавсифи аз ҳамдигар фарқкунандаро муқоиса намоем. Дар омӯзиши забон бихевиоризм рафтори инсониро ҳамчун ҷузъҳои муфассал ворид кардааст. Дар ҷараёни омӯзиш муҳаққиқон аксар вақт бо сабаби душвории донишомӯзон дар омӯзиши забони мавриди ҳадаф ба мамониат дучор меомаданд. Ин мудохила боиси мушкилот гардид ва муҳаққиқон фаҳмиданд, ки онҳо метавонанд ин мушкилотро бартараф созанд, чунки ҳеҷ гуна мамониатро пешгӯӣ кардан мумкин нест. Ҳеҷ мушкилие ба миён намеояд, зеро ҳама унсурҳои дигарро дар забон ба таври мусбӣ интиқол додан мумкин аст.

Муаллиф метавонад ба хулосае ояд, ки тафовути байни забонҳои модарӣ ва мавриди ҳадаф метавонад мушкилӣ эҷод созад ва барои рафъи ин мушкилот бояд забони дуюмро истифода бурд. Муқоисаи дақиқи забони модарӣ бо забони мавриди ҳадаф боиси мушкилоти пешбинишаванда барои омӯзандагони забони модарӣ мегардад.

Стоквелл (Stockwell) иерархияи (тартибот) мураккабии вазифаҳои омӯзиширо дар асоси намудҳои фарқи байни забонҳо ҷорӣ намуд (Stockwell and Bowen, 1957). Назарияи тавсифи забонӣ фарзияҳои гуногуни забонро нишон медиҳад, ки асоси ҳар як назария мебошанд. Ҳар як забон сохтори забонӣ ва вижагиҳои худро дорад. Се назария роиҷ аст, ки бояд пиндоштҳо ва идрокҳои мухталифро нишон диҳанд: грамматикаи анъанавӣ, грамматикаи сохторӣ ва грамматикаи генеративии трансформатсионӣ.

Грамматикаи анъанавӣ. Грамматикаи анъанавиро Афлотун (427-347 пеш аз милод) пешниҳод кардааст. Грамматикаи анъанавӣ бо таҳия ва муқаррар кардани қоидаҳо барои истифодаи дурусти забон машғуланд. Ин маънои онро дорад, ки он меъёрҳои (қоидаҳо) дурусту сареҳ ва мувофиқро дар истифодаи забон муқаррар мекунад. Грамматикони анъанавӣ ҳашт ҳиссаи нутқро, ки то ғоят дар корбурд ҳастанд: исм, феъл, ҷонишин, сифат,

зарф, пешоянд, пайвандак ва нидоро тасниф намудаанд, ки онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: маъно (исм ва феъл) ва вазифа (сифат, зарф, пешванд, пайвандак ва нидо). Грамматикони анъанавӣ инчунин роҳу усул ва истилоҳоти шарҳи воҳидҳои синтаксисии забон (ибора ва ҷумла) ва аъзоҳои ҷумла, мубтадову хабарро таҳия кардаанд.

Грамматикаи сохторӣ. Грамматикаи сохториро Блумфилд (1933) пешниҳод кардааст. Дар таҳқиқоти хеш сохторшиносон ба тавсифи сохторҳои забони гуфтугӯӣ машғуланд. Роҷеъ ба воҳидҳои синтаксисӣ сохторшиносон меомӯзанд, ки чӣ гуна калимаҳо ба воҳидҳои сохтории сатҳи баландтар аз худи калима, ибора ва ҷумла муттаҳид мешаванд.

Грамматикаи генеративии трансформатсионӣ. Грамматикаи генеративии трансформатсионӣ *(generative transformational grammar and transformational grammar)* ду грамматикае мебошанд, ки пеш аз ҳама, ба грамматикаи генеративӣ ва грамматикаи трансформатсионӣ тақсим шуда буданд, ки он соли 1960 аз ҷониби Хомский пешниҳод гардид. Ӯ грамматикаи забонро ҳамчун маҷмуи ҷумлаҳои грамматикӣ ва грамматикаро ҳамчун маҷмуи маҳдуди қоидаҳое муайян кардааст, ки маҷмуи масдарии ҷумлаҳои грамматикӣ ва ғайриҷумларо ба вуҷуд меоранд. Тибқи дараҷаи воҳиди синтаксисӣ грамматикҳо сохтори амиқу сатҳӣ, инчунин сохтори синтаксисиро меомӯзанд. Хомский дар сохти синтаксисӣ грамматикаро дар се қисм: сохтори ибора (компоненти асосӣ), ҷузъи трансформатсионӣ ва морфонимикӣ (компоненти семантикӣ) мавриди назар кардааст.

Синтаксис. Калимаи синтаксис аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш макон аст. Калимаҳо ҳамчун объекте мебошанд, ки раванди ҷойгиркунии калимаҳоро дар бар мегирад. Раванди синтаксисӣ раванди лингвистии ба тартиб даровардани калимаҳо барои ба даст овардани муносибати маъноӣ дар ҷумла мебошад. Ӯ таҳқиқ намудааст, ки чӣ тавр калимаҳо бо ҳам тавъам шуда, воҳидҳои бузургтарро ташкил медиҳанд.

Дар синтаксис калимаҳо хурдтарин воҳидҳо мебошанд, ки дар робита ба он воҳидҳои грамматикии васеътар ҷойгир шуда метавонанд; ибораҳо ва ҷумлаҳо. Синтаксис кӯшиши шарҳ додани шаклҳо ва қоидаҳоро дорад (Хомский: 1974), ки дар робита бо ин синтаксис воситаи тавъам намудани калимаҳо калимаҳо дар ҷумла аст. Ҷумлаи мураккабро бештар бо диаграммаи дарахтшакл тасвир кардан мумкин аст. Онро барои он диаграммаи дарахтшакл меноманд, ки он ба шохаҳои дарахт ва шохаҳое, ки ҳамчун аломати ибора маъруфанд, шабоҳат доранд.

Ибораҳои феълӣ аз феъл ва калимаи дигаре иборатанд, ки иловатан замон, амал ва тобишҳои феълро муҷассам месозад. Калимаҳои дигари бо феъл алоқамандбуда дар ибораи феълӣ вобастаи он мебошанд, ки метавонанд зарф, ибораҳои пешвандӣ, феълҳои ёрирасон ё дигар ивазкунанда бошанд. Дар ҳамбастагӣ бо ҳам ин гурӯҳи калимаҳо азм ва замони амали феълро муайян мекунанд. Дар грамматикаи англисӣ ибораҳои феълии умумӣ аз як феъли асосӣ ва феъли ёрирасон иборатанд, зеро дар ҷумлаи: *Вай ба синф меравад "She is going to the class – Она собирается в класс"* дар ин ҷо *"going"* феъли асосӣ буда, *"is"* ҳамчун феъли ёридиҳанда барои муайян кардани замони ҷумла амал мекунад.

Ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ басо маъмул буда, тартиби калимаҳои онҳо роҳи дуруст сохтани ҷумлаи грамматикӣ мебошад:

1. *Ӯ ду сол боз дар Ню-Йорк зиндагӣ мекунад " He has lived in New York for two years – Он живет в Нью-Йорке уже два года"* Дар ин ҷумла замони ҳозираи мутлақ истифода шудааст ва вожаи *"has"* ҳамчун феъли ёридиҳанда ба феъли асосии *" lived – жил - зиндагӣ мекард"* амал мекунад. Дар ҷумлаҳои тасдиқӣ феъли ёвар бояд ҳамеша пеш аз феъли асосӣ бошад. Дар ҷумлаҳои саволӣ феълҳои ёвар метавонанд пеш ва баъд аз предмет оянд, масалан: *Чанд вақт ӯ дар Ню-Йорк зиндагӣ кардааст? "How long has he lived in New York? – Как долго он живет в Нью-Йорке?"*

2. *Ман шояд ба аспирантура дохил шавам "I might apply to grad school – Я мог бы подать заявление в аспирантуру* ". Дар ин ҷо истифодаи *"might apply – может применяться – муроҷиат кардан"* ибораи феълии модалиро нишон медиҳад, ки чунин калимаҳо, ба мисли *"might – может быть – шояд"* имкониятро нишон медиҳанд.

3. *Мо ба Амрико барои омӯхтани забони англисӣ меравем "We will go to America to learn English – Мы поедем в Америку учить английский ".* Феълҳои замони ҳозира дар ин ҷумла бо истифодаи замони оянда феъли ёвари ба мисли *«will»* – ро барои тавсифи замони амал тақозо менамояд [14].

Ибораҳои феълӣ дар забони русӣ

1. Ибораҳои феълӣ бо исм:

пешванд (читать книгу – to read a book – китоб хондан), пешванд (говорить об искусстве – to talk about art – дар бораи санъат ҳарф задан).

2. Ибораҳои феълӣ бо масдар (просить принести – to ask to bring – барои овардан хоҳиш кардан).

3. Ибораҳои феълӣ бо зарф (поступать справедливо – to do justice – мунсифона рафтор кардан).

Дар ибораҳои феълии забони англисӣ калимаи асосӣ бо феъл ё герундий ифода мешавад: говорить громко (говоря громко) to speak loudly (speaking loudly) – бо овози баланд сухан гуфтан (бо овози баланд сухан гуфтаистода), читать книгу (читая книгу) - to read a book (reading a book) - китоб хондан (китоб хондаистода) [3].

Ибораҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик навъи сохторӣ-семантикии сермаҳсултарин мебошанд. Тадқиқоти муфассали қаблан гузаронидаи мо оид ба хусусиятҳои луғавӣ – семантикии онҳо ва инчунин маводи муҷтамаъ нишон медиҳанд, ки қариб аз се ду ҳиссаи тамоми ибораҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, ки дар адабиёти бадеӣ сабт шудаанд, маҳз ибораҳои феълӣ мебошанд [4, с.218]. Таҳқиқи лексикаи феълӣ, ки дар асоси гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ мувофиқи анъанаи дар забоншиносӣ маъмул гузаронида шудааст, бояд дар асоси маводи забонии баъзе осори адабии барҷаста сурат гирад. Дар ин маврид ба сифати объекти таҳқиқ феълҳое, ки дар ин асар ба кор рафтаанд, ҷалб шудаанд [12, с.7]. Ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохт ва маънои муносибатҳои синтаксисиашон дар забони тоҷикӣ мураккабтарин ва сермаҳсултарин гурӯҳи ибораҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ аз ҳиссаҳои нутқ исм, ҷонишин ва зарф нақши калон мебозанд. Ҳангоми омӯзиши ибораҳои феълӣ онҳоро ба ибора, сифати феълӣ ва феъли ҳол тақсим кардан шарт нест, зеро шакли алоқаи ибораҳо, роҳу усулҳои алоқаву муносибати синтаксисӣ, ҳиссаҳо, зарфҳо, ибораҳо дар ҳамаи ин ибораҳо якхела буда, калимаҳои вобаста истифода мешаванд. Дар робита бо калимаҳо дар ибораҳо пешванд ва пасоянд воситаи асосӣ ба шумор рафта, инчунин бо пайвандаки изофӣ пайваст мешаванд: "*Салим дар байни ду дақиқа як дарахтро аз осиёб дуртар* ***пайванд кард*** – In two minutes, Salim **planted** one tree, which was far from the mill - За две минуты Салим **прививал** одно дерево, которое находилось вдали от мельницы" (С.Айни, с.67).

Ибораҳои феълӣ нисбат ба дигар навъҳои сохторӣ-семантикӣ озодтаранд. Муносибати онҳо ба гурӯҳи алоҳидаи феълҳо аз ҷиҳати грамматикӣ возеҳтар ифода ёфтааст. Шояд, дар ин ҷо хусусиятҳои хосси ҷузъи асосии онҳо қайд гардад, ки дар нақши онҳо на танҳо навъҳои мухталифи феълҳои тасрифшаванда, балки тасрифнашаванда низ метавонад ояд. Нақши бартаридоштаи ҷузъи феълӣ дар чунин ибораҳо аз ҷониби мутахассисони ин соҳа кайҳо боз қайд карда шудааст.

А.А. Рожанский чунин қайд мекунад, ки: “Ба ибораи ҷузъаш феълӣ рӯ оварда, мо ба нақши бартаридоштаи таркиби феъл чи аз ҷиҳати сохтор ва чи аз ҷиҳати маъно боварӣ ҳосил мекунем. Маълум мешавад, ки ҷузъи феъл асосиву меҳварӣ аст” [4 с,218].

Аз рӯйи сохт ва мазмуни муносибатҳои синтаксисӣ ибораҳои феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда гурӯҳи мураккабтарин, мутааддидтарин ва серистеъмолтарин гурӯҳи ибораҳои синтаксисӣ мебошанд. Дар ин навъи ибораҳо исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол ва зарф бо ёрии пешванд, пасоянд ва алоқаи ҳамроҳӣ ба феъл пайваст мешаванд. Дараҷаи алоқа, усул ва шаклҳои алоқа, маънои муносибатҳои синтаксисии ин категорияҳои грамматикии луғавии феъл гуногун аст [5 с,77]. Ибораҳои феълии дорои пешояндҳои одии исмӣ дар ибораҳои феълии бо пешвандҳои номии мураккаб таҳлил карда мешаванд. Пешояндҳои одии исмӣ бо хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии худ, гарчанде аз пешояндҳои таркибии номӣ ҷиддӣ фарқ кунанд ҳам, ба назар намоён нахоҳанд шуд, яъне ин ду навъи пешояндҳо аз ҷиҳати маънои муносибатҳои синтаксисӣ моҳиятан аз ҳам фарқ намекунанд, масалан: *«**дар вақти пахтачинӣ** шинос шудан – вақти **пахтачинӣ** – getting to know each other **during the cotton picking** – **cotton picking** time – знакомиться **во время сбора хлопка** – время **сбора хлопка**»*[10, с.13].

Пешояндҳои таркибии номӣ, ки маънои муваққатӣ доранд, як гурӯҳи хеле калонро ташкил медиҳанд. Пешояндҳои таркибии номӣ маънои луғавии ибтидоии худро нигоҳ дошта, маънои умумии абстрактии пешоянди ғайрисохтаро шарҳ медиҳанд. Ва дар навбати худ пешояндҳои ғайрисохта низ метавонанд маънои пешоянди номиро дақиқ кунанд.

Ҳамин тавр, алоқаи ду навъи пешояндҳои мураккаб ва дутарафа маълум аст. Пешояндҳои таркибии номӣ ҳамчун пешояндҳои ғайрисохта барои ифода кардани

муносибатҳои умумӣ ва абстрактии (замон, макон, сабаб ва ғ.) байни предметҳо ё барои манзур доштани чунин муносибатҳои предметҳо нисбат ба амал, вазъият ва аломат хизмат мекунанд. Ва ба онҳо низ мисли пешояндҳои ғайрисохта «муносибати объективӣ» хос нест ва воқеан, танҳо тавассути калимаҳои номӣ алоқа ба вуҷуд меояд. Аммо бар хилофи пешвандҳои ғайрисохта пешояндҳои номӣ (агар якхела набошанд ҳам) то андозае маънои луғавии худро нигоҳ медоранд. Калимаҳои номӣ маънои умумӣ ва абстрактии пешванди ғайрисохтаро мефаҳмонанд ва маҳдуд мекунанд.

Пешояндҳои ғайрисохта маънои луғавии худро то андозае гум мекунанд ва дар забон навъҳои нави пешояндҳо пайдо ва паҳн мешаванд. Инкишофи минбаъдаи ин категорияи грамматикӣ тавассути ташаккули пешвандҳои нав барои тафриқа ва дурусттар нишон додани муносибатҳои маконӣ, замонӣ, объективӣ, сабабӣ сурат мегирад.

Пешояндҳои таркибии номии замон категорияи зиндаи инкишофёбандаи забон мебошанд. Шумораи онҳо дар забон хеле зиёд аст. Ба вуҷуд омадани аксари пешояндҳои таркибии номии замон ба давраи забони ҳозираи тоҷик мутааллиқ аст.

Мусаллам аст, ки дар баробари бунёди давлат, дар баробари рушди иқтисодӣ ва сохтори сиёсӣ фарҳанги забони ҳуҷҷатӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Дар доираи амалияи хаттӣ, ки тақозои ҳамарӯзаи ҷомеа маҳсуб меёфт, васоити баёни дақиқтарин муносибатҳои муосир байни предмет ва ҳаводиси воқеият ба миён меояд. Аз ин рӯ, пешояндҳои навини таркибии номии замон, ки муносибатҳои замонро равшантару мумтоз нишон медиҳанд, дар ҳуҷҷатҳо, рӯзномаҳо, асарҳои илмӣ ва нашрияҳо бештар ба назар мерасанд.

Раванди ташаккули пешояндҳои нави таркибии номии замон, махсусан дар замони шуравӣ, танҳо дар усулҳои ҳуҷҷатӣ, илмию техникӣ ва рӯзноманигорӣ пурра ба назар мерасад. Ин пешвандҳое, ки дар ин самтҳои услуби забон ва доираи маъно васеъ истифода мегарданд, имкони муносибати онҳо васеътар ва амиқтар мешавад. Маълум аст, ки маънои грамматикӣ ҳамеша чизи умумӣ ва абстрактиро ифода мекунад. Ва инчунин пешояндҳо барои ифодаи муносибатҳои грамматикии бештар умумӣ ва абстрактӣ хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, равшан мешавад, ки калимаҳои мустақил, ки маънои моддию объектӣ доранд, ба таркиби пешвандҳое, ки маъноҳои болоро ифода мекунанд, дохил намешаванд. Маънои луғавии онҳо аз ҳама гуна унсурҳои нисбӣ нисбат ба чизе озод аст. Танҳо чунин калимаҳои абстрактӣ ба пешвандҳо табдил меёбанд, ки дар маънои луғавӣ тобишҳои маънои нисбӣ доранд ё тобиши семантикии онҳо дар шароити муайян инкишоф меёбад.

Ҳамин тариқ, маводи дар мақола истифодашуда дар се забони муқоисашаванда ба забони тоҷикӣ тарҷума ва корбурд шудааст. Баъзе маълумотҳо аз сомонаҳо гирифта коркард карда шудааст. Дар боло вобаста ба шарҳи муҳимтарин хусусиятҳои ибора, баръакси калима, аз ду воҳиди луғавӣ, яъне аз ду калима сохта шуда, барои ифодаи мафҳумҳои мураккаби ба ҷузъҳои ҷудошаванда хизмат кардани ибора сабт гардид. Ҳамаи ин гуфтаҳо дар синтаксиси забонҳои муқоисашаванда мавқеи бисёр барҷаста ва аҳаммияти хеле бузург доштани ибораро собит менамоянд. Агар ба ин аз ҷумлаи забонҳои аналитикӣ ба шумор рафтани забони тоҷикӣ зам карда шавад, қимат ва аҳаммияти омӯхтани ибора, ҳамчун воҳиди махсуси синтаксиси забонамон, боз ҳам меафзояд. Ба ин маънӣ, омӯхтани хелҳои ибора, шаклҳо ва қоидаҳои ташкил ёфтани он қисми зарурии таълимоти грамматикиро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқон муфид хоҳад буд. Барои омӯзандагони забони англисӣ шабоҳат дар омӯзиши ибораҳои феълӣ мусоидат менамояд, дар ҳоле ки фарқ барои омӯхтани фан водор мекунад, то иштибоҳ бартараф шавад. Омӯзиши ибораҳои феълии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ фаҳмиши забоншиносонро ғанӣ мегардонад.

Муқарриз: ***Қаҳҳоров Ш.Р.*** – н.и.ф., муаллими калони ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Большой русско–английский словарь / А.И. Смирницкого. – Москва. Издательство «Русский язык», 2003. – 758 с.
2. Қаҳҳоров, Ш.Р. Фарҳанги паремияҳои англисӣ – русӣ–тоҷикӣ / Ш.Р Қаҳҳоров. – Душанбе, 2022. – 588 с.
3. Лидия Казанцева. Русский язык Какие бывают виды словосочетаний? Таблица с примерами [манбаи электронӣ]. URL: https://skysmart.ru› Блог› (санаи истифодабарӣ: 27.02.2023).
4. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
5. Мирзоев, А. Грамматикаи забони адабии муосири тоҷик. Қисми 2: Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода / А.Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1986. - 372 с.

6. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии Ҳозираи тоҷик (синтаксис) / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 259 с.
7. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Маориф, 1984. – 328 с.
8. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексика, фонетика ва морфология. Қисми 1 / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 452 с.
9. Раҳимов, М.С. Предложная конструкция глагольных словосочетаний таджикского языка (с привлечением материалов английского языка) / М.С. Раҳимов. – Душанбе, 2021. – 142 с.
10. Раҳимов, М.С. Предложная конструкция глагольных словосочетаний таджикского языка (с привлечением материалов английского языка): автореф…, дис…, канд … филол…, наук / М.С. Раҳимов. – Душанбе 2018. – 26 с.
11. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов, Х.А.Ахрори, и др. – М., Рус. яз. 1984. – 1289с.
12. Шодиев, Р.А. Глагольная лексика и глагольное словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. автореф. дис... канд. филол. наук / Р.А. Шодиев. - Душанбе, 2010. – 26 с.
13. Фозилов, И. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» (фарҳанги фразеологӣ, ҷилди II) / И. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964.
14. Featured masterclass instructor **malcolm gladwell.** In 24 lessons, the author of Blink and The Tipping Point teaches you how to find, research, and write stories that capture big ideas. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.masterclass.com› articles› what-is-a-verb-ph... (санаи истифодабарӣ: 25.02.2023).

ТАҲЛИЛИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, АНГЛИСӢ ВА РУСӢ

Дар мақолаи мазкур ибораҳои феълии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор гирифта, шабоҳату тафовут ва семантикаи ибораҳои феълӣ мушаххас гардидаанд. Тадқиқоти гузаронидаи мо ба хусусиятҳои луғавӣ-семантикии ибораҳои феълӣ бахшида шуда, нишон медиҳанд, ки қариб аз се ду ҳиссаи тамоми ибораҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, ки дар адабиёти бадеӣ сабт шудааст, маҳз ибораҳои феълӣ мебошанд. Ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохт ва маънои муносибатҳои синтаксисиашон дар забонҳои муқоисашаванда мураккабтарин ва сермаҳсултарин гурӯҳи ибораҳо ба ҳисоб мераванд. Чунон ки дар боло гуфта шуд, калимаҳои таркиби ибора ва ҷумла байни худ алоқаи грамматикӣ зоҳир мекунанд. Алоқаи байни калимаҳо дар ҷумла алоқаи баробарӣ, алоқаи калимаҳои таркиби ибора бошад, алоқаи тобеъ ба шумор меравад. Алоқаи тобеъ се хел мешавад: изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ. Интихоби яке аз хелҳои алоқа ба табиати морфологии калимаҳои таркиби ибора – чи калимаи асосӣ ва чи калимаи тобеъ марбут аст. Таҳлили ибораҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд буда, дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар камтар таваҷҷуҳ шудааст. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур маҳз ба таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ-сохтории ҳамин масъала равона гардидааст.

Калидвожаҳо: ибора, ибораҳои феълӣ**,** таҳлил, сохтор, семантика, муқоиса, забоншиносӣ, синтаксис.

АНАЛИЗ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье анализируются и исследуются глагольные словосочетания таджикского, английского и русского языка, а также указаны их сходства, различия и семантика. Проведенное исследование посвящено лексико-семантическим особенностям глагольных словосочетаний и показывает, что почти две трети всех словосочетаний современного таджикского литературного языка, зафиксированных в художественной литературе, являются глагольными словосочетаниями. Глагольные словосочетания по структуре и значению своих синтаксических отношений считаются наиболее сложной и продуктивной группой в сопоставляемых языков. Как было сказано выше, слова, словосочетания и предложения сформируют между собой грамматическую связь. Связь между словами в предложении считается равноправной, а между словами в словосочетании – подчинительной. Различают три вида подчинительной связи: дополнительную, зависимую, примыкание. Выбор одного из видов связи связан с морфологическим характером слов, входящих в состав словосочетания, будь то главное слово или зависимое. Анализ глагольных словосочетаний в таджикском, английском и русском языках является одним из важных и полезных вопросов, которому в таджикской лингвистике уделяется меньше внимания по сравнению с другими языками. Поэтому данная статья посвящена сравнительно-структурному исследованию данного вопроса.

Ключевые слова: словосочетание, глагольные словосочетания, анализ, структура, семантика, сравнение, лингвистика, синтаксис.

ANALYSIS OF VERBS PHRASES IN TAJIK, ENGLISH AND RUSSIAN LANGUAGES

This article analyzes and explores the verbs phrases of the Tajik, English and Russian languages, as well as their similarities, differences and semantics. Our conducted research is devoted to the lexico-semantic features of verb phrases and shows that almost two thirds of all phrases of the modern Tajik literary language, recorded in fiction, are verbs phrases. Verbs phrases in terms of the structure and meaning of their syntactic relations are considered the most complex and productive group in the compared languages. As mentioned above, words, phrases and sentences will form a grammatical connection with each other. The connection between words in a sentence is considered equal, and between words in a phrase – subordinating. There are three types of subordinating connection: additional, dependent, adjacency. The choice of one of the types of connection is associated with the morphological nature of the words that form the phrase whether be it the main word or a subordinating one. The analysis of verbs phrases in Tajik, English and Russian is one of the important and useful issues, that paid less attention in Tajik linguistics compared to other languages. Therefore, this article is aimed at the analysis and comparative-structural study of this issue.

Key words: combination of words, verbs phrases, analysis, structure, semantics, comparison, linguistics, syntax.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимов Маҳмадназар Сафарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рудакӣ, 17. E-mail: **max_9109@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-92-99-19**

Сведения об авторе: ***Рахимов Махмадназар Сафарович*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес***:* 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **max_9109@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-92-99-19**

Information about the author: ***Rahimov Mahmadnazar Safarovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences - senior teacher of the comprehensive university English Department. **Address***:* 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **max_9109@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-92-99-19**

ТДУ: 811.111+811.21/.22-56

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИ ГУФТУГӮЙИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ТОҶИКӢ

Наврузшоев Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологии пуробуранг қисми калони захираи фразеологии ҳар як забонро дар бар мегиранд. Онҳо зимни ифодаи мафҳумҳои мухталифи ҳаётӣ тобишҳои гуногуни ҳиссиву экспрессивӣ, характеристикаҳои мусбат ва манфӣ, оҳанги муҳташаму лутф ва ё дуруштро ифода мекунанд.

Воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ дар ҳудуди фразеологияи забони адабӣ ва шеваҳои ҷудогонаи забон ҷой гирифтаанд. Хусусиятҳои муҳими онҳо дар умумихалқӣ будани онҳо зоҳир мегардад. Чунин воҳидҳои фразеологӣ мафҳумҳои гуногуни ҳаётӣ, ҳодисаву воқеаҳои мухталифи зиндагиро ниҳоят образноку муассир, вале дар шакли як андоза дурушт, бо оҳангу тобишҳои густохона ва бебокона ифода мекунанд.

Дар асоси ин назария, ду услуби нутқ боз шохаҳои дигари услуби забонро муайян кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо бо хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикиашон аз якдигар фарқ мекунанд: услуби забони адабиёти бадеӣ, услуби забони публисистика, услуби забони илмӣ ва услуби забони коргузории расмӣ (конселярӣ).

Қайд намудан лозим аст, услуби гуфтугӯйӣ табиатан характери диалогӣ дошта, дар муколама оҳанги баён, интонатсия нақши муҳим мебозад, зеро ба воситаи тағйир додани оҳанги сухан гӯянда ба мазмуни ҷумла тобишҳои нав медиҳад ва бо ин васила муносибати худро нисбат ба фикр ифода мекунад.

Воҳидҳои фразеологии адабии гуфтугӯйӣ, аслан ифодаву ибораҳои халқии суфташудаистода ва ба гурӯҳи ифодаҳои рехтаи забони адабӣ гузаштаистода мебошанд. Ин навъ воҳидҳои фразеологӣ бештар дар забони адабии гуфтугӯйӣ корбаст мешаванд.

Гарчанде ки қисми бештари онҳо ба забони адабии китобӣ шомил шудаанд, обуранги гуфтугӯйӣ ва қаробаташон бо забони зиндаи халқ равшан ҳис мешавад.

Муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов хусусияти онҳоро дар ин мебинад, ки аксарияташон мафҳумҳои муқаррарии ҳаётиро як андоза бетакаллуфона ва кушоду рӯйирост ифода мекунанд. Масалан, **гиребони худро қапида мондан** - *дар ҳайрат мондан*; **бо як чашм дидан** - *муносибати одилона кардан*; **аз бинӣ боло гап задан** - *касеро ранҷондан* ва мисли инҳо [Маҷидов, 89].

Азбаски дар ҷараёни нутқ имконияти бамулоҳиза интихоб карда гирифтани калима ва мувофиқи мақсад сохтани ибораю ҷумлаҳо нест, табиист, ки дар гуфтугӯ баъзан суханҳо такрор ва бемавқеъ кор фармуда мешаванд, ҷумлаҳо ноҳамвор, ноқис ва ҳатто бемантиқ мебароянд. Мақсади асосии нутқи шифоҳӣ баёни матлаб ва дарки маънии он мебошад.

Масалан, ибораҳои халқии суфташудаистода **roll (turn) up one‘s sleeves** [2, с.842] ҳаммаънои ибораи фразеологии **дасту остин барзадан** - *омодаи коре шудан, ба иҷрои коре тайёру омода шудан ғайрат нишон додан* [6, с.316]; **to peek(hold) up one‘s nose, cock one’s nose** [2, с.654] - **бо бини осмонро харошидан; фукро ба осмон бардоштан** - *касеро таърифу тавсиф карда аз худ равондан; магрур ва ҳавобаланд гардидан* [6, с.242]; **to live in clover, live like fighting cock - (таҳт:)** *дар паниру равған зиндагӣ кардан* [2, с.175-503] - **болои равған зиндагӣ кардан (**дар равған ғутида**)** киноя аз, *серу пурр зиндагӣ кардан* мебошанд.

Дар ин услуб бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, жаргонҳо, табу, суханҳои дурушти кӯчагӣ ва амсоли ин ба кор бурда мешаванд.

Воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйии **scape goat** - *a person who is blamed for something bad that somebody else has done or for some failure* [7, с.1163] муодили пурраи он дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии **ба хас баробар надонистан** (касеро, чизеро) 1. *касеро, чизеро хор доштан, ҳеҷ донистан; 2. ба назар нагирифтан, эътибор надодан; бомаки паст (одами паст)* [ФТЗТ, 259], **make a fool show of oneself, make an ass of oneself** - *худро дар ҳолати ногувор гузоштан, хандахариш, худро дар мазоқи мардум мондан;* **put the fool on somebody** - *касеро дар ҳолати ногувор гузоштан;* **to make a mountain out of a molehill** - *аз паша фил сохтан* маъноро то як андозае бетакаллуфона ва кушоду рӯйирост ифода мекунанд.

Дар гуфтугӯ як гурӯҳ калимаву ибораҳое, ки ба меъёри забони адабӣ дохил намешаванд, низ ба мушоҳида мерасанд. Дар нутқ вобаста ба марому мақсади сухан калимаҳо тобишҳои нави маъноӣ пайдо мекунанд.

Масалан: ибораҳои рехтаи **prick up one's ears, take notice on something, pay keen attention** - *гуш ба қимор будан, ҳушёрхобӣ кардан*, **kiss…hard earned money good-bye** - маблағи бо *хуни ҷигар гундошта* - *;* Дар фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ муродифи он **хуни ҷигар шудан -** *бисер азоб кашидан; ба азобу уқубат гирифтор шудани касе дар роҳи ба мақсаде расидан* оварда шудааст [7, с.344] ташреҳёфтааст.

Дар услуби гуфтугӯйӣ ба воситаи ҷумлаҳои кӯтоҳ баён кардани фикр характернок, дар шакли ҷумлаҳои фразеологӣ ва аксар пайвандакҳо ва ҳатто як қисми аъзоҳои ҷумла ихтисор карда мешаванд:

- **You're still wet behind the ears**, and here you are pretending to be thirty! - Ҳанӯз **аз даҳонат бӯи шир меояд**, аммо худро сисола вонамуд мекуни!

Ибораи **somebody is still wet behind the ears** хоси услуби гуфтугуйи буда дар фарҳангҳои фразеологӣ бо маънои *хеле хурдсол будан, ҳануз боақл набудан* [2, с.273] шарҳ дода шудааст.

Муодили пурраи он дар забони тоҷикӣ таъбири фразеологии **аз даҳони касе бӯи шир омадан** буда, бо маънои *хеле хурд, ҷавон ва бетаҷриба, ба камол нарасида будан* [6, с.333] истифода мегардад.

Услубшиносӣ ҷиҳатҳои характерноки ҳар як услуби забонро ҳамаҷониба тадқиқ намуда, мавқеи унсурҳои лексикию грамматикиро дар дохили системаи услубҳои забон муайян мекунад, мавриди кор фармудани воҳидҳои забон ва роҳҳои саҳеҳу равшан ифода намудани фикрро нишон медиҳад. Ифоданокию рангинии онҳо ба бунёди образнокиашон алоқамандии бевосита доранд.

Онҳо зимни ифодаи мафҳумҳои мухталифи ҳаётӣ тобишҳои гуногуни ҳиссиву экспрессивӣ, характеристикаҳои мусбат ва манфӣ, оҳанги мӯҳташаму лутф ва ё дуруштро ифода мекунанд.

Дар ҷумлаҳои зерин фикр нисбатан холисона ифода ёфтааст, бинобар ин ҳангоми мутолиа диққати касро ба худ ҷалб намекунад:

- We remind that America and Uzbekistan relations **have been frosty** after bloody events in Andijan.

Дар ин маврид аз воситаҳои таъсирбахши забон фоида бурда, ҳамон мазмунро пуробуранг ва ҷозибанок ифода кардан муносибтар аст:

- We remind that America and Uzbekistan relations ***to cast a shadow on*** bloody events in Andijan.

Ифодаи маҷозии **have been frosty - ба сарди гароид** тира шудани муносибатҳоро хеле табиӣ ва образнок ифода мекунанд. Дар ҳолати истифода шудани ибораи рехтаи **to cast a shadow on something**, ки ҳамон маъниро киноямез ифода намуда, дар айни ҳол, бад шудани муносибатҳоро низ ошкор месозад.

Дар баробари ин, дар забон чунин калимаю ифодаҳое низ мавҷуданд, ки доираи истеъмоли онҳо то як андоза маҳдуд буда, бештар дар ягон ҳолати ҳиссиёту ҳаяҷонии одамон истифода мешаванд.

Мо дар мисолҳои зерин баъзе мушоҳидаи худро доир ба хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ дар ҳудуди фразеологияи забони адабӣ ва шеваҳои ҷудогонаи забон ҷой дошта дар забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии онҳо баён мекунем:

- *Ron decided that he wanted to become a comedian. When he told his father, the old man* ***hit the ceiling*** [Idioms for Every Day Use, pg.79] **-** *Вақте инро ба падараш гуфт, пирамард аз ғазаб* ***хонаро ба сараш бардошт.***

Ибораи ифоданоки англисӣ **hit the ceiling** услуби адабӣ - гуфтугуӣ дошта, бештар дар услуби бадею публисистӣ истифода бурда мешавад [2, с.153], муодили пурраи тоҷикии он - **фиғони касе ба фалак расидан** - *сахт ба доду фарёд омадани касе; ниҳоят бадқаҳру оташин шудани касе* [7, с.239]. Дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии **ҷоеро ба сар бардоштан** - *баланд садо баровардан; сахт доду фарёд кардан, шӯру гавго кардан* [ФТЗТ. Ҷ.1. 2008, 138] дар гуфтугӯ серистеъмол аст.

- Ron's father shouted that Ron was throwing his college education **down the drain** and that he would end up as a bum [Idioms for Every Day Use, 79] - Падари Рон дод зад, ки ӯ таҳсили **донишгоҳиашро ба бод додааст** ва дар охир пушаймон хоҳад шуд.

Ибораи **something down the drain - чизеро ба бод додан -** *нести нобуд кардан; исроф намудан* хоси услуби гуфтугуйи дошта, бештар дар гуфтор ва асарҳои бадеӣ мавриди истифода қарор дорад [2, с.264].

Муодили ибораи мазкур дар забони тоҷикӣ **чизеро ба бод додан -** *нести нобуд кардан; исроф намудан* [7, с.118], хосси услуби бадеӣ буда, дар асраҳои илмию публисистӣ низ мавқеи хосса дорад. Вижагии ибораи мазкур дар матн дар он зоҳир гардидааст, ки дар нутқи персонаж омадааст:

- Агар ба ин гуфта амал намояд, тамом дуруст нашавад ҳам, аз мурдан халос мешавад ва умри дароз мебинад, вагарна бо андак боэҳтиёт ба зудӣ зиндагии худро **ба бод хоҳад дод** [Айнӣ, 264] .
- He soon **got his foot in the door** and was bringing dawn the house **[**Idioms for Every Day Use, pg.79**]**. - Вай зуд дар фаъолиятияш муваффақ шуда, дар клубҳои мазҳакавӣ баромад мекард.

Таъбири рехтаи англисӣ **to get one's foot in the door** дар фарҳангҳои соҳавию тафсирӣ чунин маънидод шудаст: *ба ягон дари муваффақият пой гузоштан* [Oxford Advanced Learner's Dictionary, 603], дар фарҳанги фразеологӣ бо ин маъно ибораи рехтаи **to get one's foot on the ladder** [2, с.347] оварда шудааст, ки киноя аз *қадамҳои аввалин дар роҳи муввафақият гузоштан* ба шумор меравад.

Муодили он дар забони тоҷикӣ ибораи **қадам гузоштан** - *иқдом намудан, огоз намудан, шуру намудан, сар кардан* [7, с.530], ки ба фикри мо барои ифодаи маънои ибораи англисии **to get one's foot on the ladder** хеле мувофиқат мекунад.

- And soon his **act was bringing down the house** [Idioms for Every Day Use, 79]. - Ва ба наздики маҳорати у, **толорро ба сар бардошт**.

Воҳиди фразеологии **to bring down the house** - *ҷоеро ба шуру фиғон овардан, махсусан, дар ягон намоиши театрӣ* [Oxford Advanced Learner's Dictionary, 756] маънидод гардидааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ бо ҳамин маъно ибораи рехтаи **ҷоеро ба сар бардоштан -** *шуру гавго кардан, тупаланг кардан*, инчунин ҷумлаи рехтаи **замину осмонро ба сар бардоштан** бо маънои *доду фарёд бардоштан* [6, с.32-463] омадаст.

Дар услуби гуфтугуйи бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, жаргонҳо, суханҳои дурушти кӯчагӣ ва амсоли ин ба кор бурда мешаванд. Ба маводҳои рӯзномаҳои англисӣ ва америкоӣ, ҳатто дар матнҳои дорои мавзӯи ҷиддӣ истифодаи унсурҳои гуфтугӯйӣ хос аст.

Мисол:

- *Some people feel **on the shelf** after they retire and no longer work. They don't need any more* [Idioms for Every Day Use, 65]. - Баъзе одамон баъд аз ба нафақа баромадан ва муддати дароз бекор мондан худро **аз кор баромада** ҳис мекунанд.

Воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ **be on the shelf** хоси услуби гуфтугӯйи буда, дар фарҳангҳои тафсирӣ чунин маънидод шудааст: *аз истифода берун шудан, корношоям будан* дарҷ шудааст [2, с.816]. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ҳамин маъно наздик ибораи рехтаи **аз кор баромадан** бо маънои *фориғ шудан, холи гардидан, нотавон оҷиз гардидан, маюб будан, вайрон, фарсудаву ба кор намеомадагӣ шуда мондан* қайд шудааст. Инчунин, ибораи халқии махсусияти услуби гуфтугӯи дошта **аз дасту (по) миён мондан** мавриди истифода қарор дорад [6, с.539]. а) аз кор хориҷ шудан; б) *маҷ.* вайрон шудан, корношоям шудан; қобилияти кориро гум кардан; ба кор наомадани чизе [ФТЗТ. Ҷ.1. 2008, 145].

Чунин таркибу калимаҳои хусусияти услуби гуфтугӯи дошта, ба хонандаи англис як амри маъмулӣ гашта, барои ӯ ҳолати махсуси чашмрас ва ба вуҷудорандаи тасаввуроти хавфангез ва ё шухиомез маҳсуб намешаванд.

Мисоли зерин намунаи гуфтаҳои болост:

- We were a half early for the movie. **To kill time,** we went to the fast-food restaurant next door for the cup coffee *[Idioms for Every Day Use, pg.69]* - Мо барои тамошои филм ним соат пештар рафтем. Барои **вақтгузаронӣ** ба, қаҳвахонаи тезтайёр барои, қаҳванӯшӣ рафтем.

Дар матни мазкур ибораи рехтаи **kill time** - *вақтро гузаронидан, ҳангоми интизори чизе ё касе будан* [Oxford Advanced Learner's Dictionary, 850].

Инчунин, дар фарҳанги фразеологии забони англисӣ ибораи рехтаи дигари ҳамвазни он **potter away one's time бо маънои -** *вақткушӣ, вақткуркунӣ* зикр шудааст [2, с.934].

➢ **To potter away our time,** before the train left, we went to a movie after which we returned to the hotel [Foster, ch. 5]. - То омадани қатора, пеш аз он, ки ба меҳмонхона равем, мо барои **куштани вақт** ба тамошои филм рафтем.

➢ She was mistress of her face and movements, as she had never been when she and John **were babes in the wood** - Акнун ӯ кору бори худро пурра идора мекунанд, ҳолон ки дар давраи хурдсолиашон ӯ ва Ҷон тамоман **кӯдакони бетачриба** буданд.

Масалан, ибораи **babes in the wood -** одамони бегуноҳе *(софдил, соддадил, одами бетачриба)*, ки зуд мавриди озору фиреб қарор мегиранд. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар забони англисӣ ба маъно наздик ибораи **play the baby** - *кудаки кардан, кудакона рафтор кардан* омадааст [Oxford, 92]. Ба ҳамин маънӣ наздик дар забони тоҷикӣ ҷумлаи рехтаи **аз даҳони касе бӯи шир меояд -** *киноя аз хурдсол, бача ва бетачриба будан* мавҷуд аст [ФТЗТ, 358].

Ибораҳои мазкур хоси услуби фразеологии халқии гуфтугӯйӣ буда, дар услуби рӯзноманигории тоҷик калимаҳои шевагию гуфтугӯйӣ камтар истеъмол мешаванд, тарҷумон онро бо калимаи муътадилмаъно иваз намудааст.

Услуби расмӣ низ монанди шохаҳои дигари услубҳои нутқ дорои хусусиятҳои махсуси забонии худ аст. Дар манҳои иттилоотӣ-таҳлилии рӯзномаҳои англисию амрикоӣ низ истифодаи воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ мушоҳида мешаванд.

➢ *The President has a difficult personality, and she gets angry easily. You* ***have to handle her with kid gloves*** *[Idioms for Every Day Use, pg.64] - Президент хислати душворе дорад ва зуд ба хашм меояд. Шумо бояд* бо ӯ **аз бинӣ боло гап назанед.**

Воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ **handle someone with kid gloves** - *бо касе чунон эҳтиёткорона бидуни нороҳат кардан муносибат намудан* [Oxford Advanced Learner's Dictionary, 849], муодили комили он дар забони тоҷикӣ ибораи **аз бинӣ боло гап задан -** *аз ҳадди муқарарии худ берун гап задан, ба касе гапи сахтар задан* ба шумор меравад [6, с.110].

Дар услуби матнҳои махсуси расмӣ - иттилоотӣ ва рӯзномавӣ фаровонии калима ва ибораҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ хусусити сиёсию иҷтимоӣ дошта мушоҳида мешаванд.

➢ In response to the protests, the Iranian government has instituted a **sweeping crackdawn**, involving both traditional police and security forces and units from the Islamic Revolutionary Guard Corps (IRGC) [The *National Interest* November 2, 2022]. - Дар вокуниш ба эътирозҳо, ҳукумати Эрон бо ҷалби ҳам пулиси суннатӣ ва ҳам нерӯҳои амниятӣ ва воҳидҳои Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ (Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ) як амалиёти **густурдае роҳандозӣ кард**.

Воҳиди фразеологии **to sweep something dawn - чизеро руфта партофтан,** *чизеро бо ҷоруби кундак руфта партофтан, поксозии тазоҳурчиён* хусусияти услуби халқии гуфтугӯйӣ дошта, ҳам дар услуби адабӣ-гуфтугӯйи ва ҳам дар услубӣ рӯзномавӣ мавриди истифода қарор дорад.

➢ The government indicated that 315 people were to **stand trial** in Tehran, while the Iranian Students News Agency announced that at least 700 other demonstrators had been charged in other areas of the country [The *National Interest* November 2, 2022]. - Ҳукумат нишон дод, ки 315 нафар бояд дар Теҳрон **ба додгоҳ кашида шаванд**, дар ҳоле ки Агентии иттилоотии донишҷӯёни Эрон эълон кард, ки камаш 700 нафари дигар аз тазоҳургарон дар манотиқи дигари кишвар айбдор карда шудаанд.

Таҳқиқи мазкур нишон дод, ки истифодаи воҳидҳои фразеологии халқии гуфтугӯйӣ дар рӯзномаҳои расмии давлатӣ нисбат ба рӯзномаҳои ҷамъиятии сиёсӣ камтар ба назар мерасанд. Аслан зиёд истеъмол намудани ин навъ фразеологизмҳо ба коҳиши забони адабии ҳар як миллат оварда мерасонад.

Яке аз хусусиятҳои дигари воҳидҳои фразеологии услуби халқии гуфтугӯйии истифодаи калимаву ибораҳои образнок мебошад. Онҳо воситаи таъсирбахш ба хонанда маҳсуб мегарданд. Дар шакли комил баргардонидани воситаҳои образноки матни асл ба забони тарҷума хело муҳим аст.

Дар баробари калимаҳои гуфтугӯйӣ - омиёнаи маводҳои ин жанр, баъзе тамоюлҳои мусбатро низ қайд кардан мумкин аст. Дар гуфтугӯ як миқдор калимаҳои аз забонҳои дигар иқтибосшуда, ки ба меъёри забони адабӣ дохил намешаванд, низ дучор меоянд. Дар нутқ вобаста ба мароми сухан калимаҳо тобишҳои нави маъноӣ пайдо мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов, С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д.Арзуманов, Х.А.Аҳорӣ, М.Беҳбуди и др. - М.: Русский язык, 1985. - 1280 с.
2. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. - М.: Советская энциклопедия, 1984. - Ч.1-2. - 942 с.
3. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Матбуот, 2007. - 1079 с.
4. Тилавов, Б. Армуғони мутарҷим / Б. Тилавов // Садои Шарқ. – 1967. – №4. - С.143-147.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ-1. – 951 с.
6. Фозилов, М. Фарҳангӣ ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - Ҷ-1. - 952 с.
7. Фозилов, М. Фарҳангӣ ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1964. - Ҷ-2. - 802 с.
8. Haim, S. The larger Persian-English Dictionary / S.Haim. – Tehran: Farhang Mouser, 2005. - 978 p.
9. Oxford Russian-English, English – Russian Dictionary. – New York. Oxford University Press, 2000. – 1293 p.
10. Randall B. Olson, Rochelle A. Olson. Standard Tajik-English Dictionary. – Б.: Аль Салам, 2001. – 624 p.

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИ ГУФТУГӮЙИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ТОҶИКӢ

Ин мақола ба масъалаи вижагиҳои услуби гуфтугӯйии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои англисию тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур барои таҳлили илмии сарватҳои луғавии ҳарду забонҳои гуногунсохтор аҳамиятнок мебошад. Услуби гуфтугӯйӣ табиатан характери диалогӣ дорад. Дар муколама оҳанги баён, интонатсия роли муҳим мебозад, зеро ба воситаи тағйир додани оҳанги сухан гӯянда ба мазмуни ҷумла тобишҳои нав медиҳад ва бо ин васила муносибати худро нисбат ба фикр ифода мекунад. Дар ин услуб бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, жаргонҳо, суханҳои дурушти кӯчагӣ ва амсоли ин ба кор бурда мешаванд. Ба маводҳои рӯзномаҳои англисӣ ва амрикоӣ, ҳатто дар матнҳои дорои мавзуи ҷиддӣ истифодаи унсурҳои гуфтугӯйӣ хос аст. Муаллиф як қатор воҳидҳои фразеологии махсусияти услуби гуфтугуйии забони англисиро пешниҳод намуда, онҳоро тариқи фарҳангҳои тафсири ва дузабонаи фразеологӣ маънидод мекунад. Барои таҷрибаомӯзон аҳамият ва истифодаи бамавқеъ ва роҳҳои истифодаи чунин навъи фразеологизмҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муҳим мебошад. Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки маълумот дар бораи вижагиҳои услуби гуфтугӯйии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои англисию тоҷикӣ, бештар барои ифода намудани маънои ибораҳои рехтаи услуби гуфтугӯйии саривақти ва актуалӣ ба шумор меравад. Азбаски дар протсесси нутқ фурсати бамулоҳиза интихоб карда гирифтани калима ва мувофиқи мақсад сохтани ибораю ҷумлаҳо нест, табиист, ки дар гуфтугӯ баъзан суханҳо такрор ва бемавқеъ кор фармуда мешаванд, ҷумлаҳо ноҳамвор, ноқис ва ҳатто бемантиқ мебароянд.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, услуби гуфтугӯйи, воҳидҳои фразеологӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ, забонҳои гуногунсохтор, фарҳангҳои тафсирӣ, фарҳангҳои дузабонаи фразеологӣ.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ РАЗГОВОРНОГО СТИЛЯ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Настоящей статья посвящена проблеме особенностей разговорного стиля фразеологических единиц английского и таджикского языка. Данная проблема является актуальной для научного анализа богатого фонда фразеологизмов двух многоструктурных неродственных языков. Разговорный стиль имеет диалогический характер по своей природе. В диалоге большую роль играет тон речи, интонация, так как, изменяя тон, говорящий придает новые тона содержанию предложения и тем самым выражает свое отношение к мысли. В этом стиле используются народные слова и выражения, идиомы, слова и термины, характерные для разных профессий, сленг, грубые уличные словечки и тому подобное. Для английских и американских газетных материалов характерно использование разговорных элементов даже в текстах серьезной тематики. Автор представляет широкий спектр фразеологических единиц разговорного стиля и интерпретирует их с точки зрения интерпретативной и билингвальной фразеологических культур. Для языковых практиков важно помнить и знать законы употребления и значимость, и уместность использования и способы употребления данного вида фразеологии в английском и таджикском языках. Также автор отмечает, что сведения об особенностях разговорного стиля фразеологизмов в английском и таджикском языках более важны для выражения смысла современного и актуального разговорного стиля. Так как в речевом процессе нет возможности тщательно подбирать слова и составлять словосочетания и предложения в соответствии с целью, то естественно, что иногда в разговоре слова употребляются многократно и не к месту, предложения выходят неровными, неполноценными и даже нелогичными.

Ключевые слова: особенности, разговорный стиль, фразеологизмы, сравнительные исследования, многоструктурные языки, фразеологические словари, двуязычные фразеологические словари.

STYLISTIC FEATURES OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the problem of the features of the conversational style of phraseological units of the English and Tajik languages. This problem is relevant for the scientific analysis of the rich fund of phraseological units of two multi-structural related languages. Conversational style is dialogic in nature. In dialogue, the tone of speech, intonation plays an important role, since by changing the tone of the speaker; he gives new tones to the content of the sentence and thereby expresses his attitude to thought. This style uses folk words and expressions, idioms, words and terms specific to different professions, slang, rude street words, and the like. For English and American newspaper materials, the use of colloquial elements is typical even in texts of a serious subject. The author presents a wide range of colloquial phraseological units and interprets them from the point of view of interpretative and bilingual phraseological cultures. For language practitioners, it is important to remember and know the laws of use and the

significance and appropriateness of use and ways of using this type of phraseology in English and Tajik. The author also notes that information about the features of the colloquial style of phraseological units in English and Tajik is more important for expressing the meaning of modern and actual colloquial style. Since in the speech process there is no way to carefully select words and compose phrases and sentences in accordance with the goal, it is natural that sometimes in a conversation words are used repeatedly and out of place, sentences come out uneven, incomplete and even illogical.

Key words: features, conversational style, phraseological units; comparative studies, multistructural languages, phraseological dictionaries, bilingual phraseological dictionaries.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наврузшоев Баҳриддин Хушхолович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail:-**bakhakhush @mail.ru.**
Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Сведения об авторе: ***Наврузшоев Бахридин Хушхолович*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail:-**bakhakhush @mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Information about the author: ***Navruzshoev Bakhridin Khushkholovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the department of English language and comparative typology, Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail:-**bakhakhush @mail.ru.** Phone: **(+992) 933-98-80-45**

ТДУ: 811.21/.22-54

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКИИ ВОЖАИ “ЧАШМ” ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Сатторова З.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии АМИТ

Солҳои охир дар таҳқиқоти забоншиносӣ равиши консептуалӣ хеле маъмул гаштааст.

Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои қадимтарин ва бойтарин дар тули чандин аср, роҳи тулонии таърихии рушдро тай кардааст. Мувофиқи таснифи насабшиносии забонҳо, он ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб ва ба гурӯҳи эронӣ-ғарбии оилаи забонҳои эронии давраи нео-эронӣ дохил мешавад (асрҳои VIII-IX мелодӣ).

Воҳидҳои лексикӣ (луғат) дар забони муосири тоҷик барои бисёре аз олимони тоҷик мавзуи омӯзиш мебошанд. Луғат қисми марказии забон буда, барои ташаккул ва интиқоли дониш дар бораи ҳама гуна ашёву падидаҳост [16, с.51].

Д.Т. Тоҷиев, Ю.А. Рубинчик, Х.Маҷидов, С.В. Хушенова ва дигарон ба масъалаҳои назариявии лексикологияи забони форсӣ-тоҷикӣ машғул буданд, ки дар байни онҳо мақолаҳои илмӣ ва монографияи Ҳ.Маҷидов таваҷҷуҳи хосса доранд [6, с.123].

Имрӯз яке аз вазифаҳои муҳимми забоншиносии муосир муайян кардани хусусиятҳо ва услуби забон дар осори адибони тоҷик мебошад.

Асолати забони адабии тоҷик дар истифодаи калимаҳо ва ибораҳои китобии нависандагон ва шоирон барои тавсифи рӯйдодҳои ҳаёт, эҷоди тасвирҳо ва ба таври муассир баён кардани фикрҳо зоҳир мешавад.

Дар асоси асарҳои чунин олимони рус, ба мисли В.В. Виноградов, Л.В. Щерба, А.А. Потебня, А.И. Ефимов, Г.О. Винокур, олими маъруф Н.Масъумӣ забон ва услуби достони «Марг судхӯр»-и С.Айнӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи монанд замина гузоштааст [6, с.51].

Бо назардошти нуқтаи назари олимони тоҷик, ба мисли Б.Камолиддинов, Х.Маҷидов, Ш.Каримов, М.Саломов, К.Мухторӣ, А.Муминов, мо майдони маъноии калимаи «чашм»-ро дар ашъори Мирзо Турсунзода таснифи кардем.

Мирзо Турсунзода шоири халқӣ, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, Раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо. Соли 2001 бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Дар байни асарҳои бунёдӣ ва муҳимтарин метавон тадқиқотҳои Ю.Бобоев "Мирзо Турсун-заде" (1961), "Сипаҳсолори назм" ("Шеъри асосгузор") (1971) "Сарояндаи қуллаҳои офтобӣ" (1978), А.Сайфуллоев "Меридианҳои шеър" (1971), "Мирзо Турсунзода" (1983), А.Афсаҳзод "Ифтихори Шарқ" (1985), Ҷ. Саидзода " Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод " (2010), А.Кӯчаров "Турсунзода. Садоқат ва маҳорат "(2011), Ш. Шуҷо "Бозтоби анъана дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода" (2011) ва ғайраро номид.

Дар ин асарҳои хеле ҷолиб паҳлуҳои гуногуни тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти М.Турсунзода таҳлил ва омӯхта шудаанд. Дар ин силсилаасарҳо таълифотҳои Ю.Бобоев ва А.Сайфуллоев ҷойи махсусро ишғол мекунанд.

Ю.Бобоев китобҳои худро "Мирзо Турсун-заде" (1961), "Сипаҳсолори Назм" (1971), "Сарояндаи қуллаҳои офтобӣ" (1978) ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти М.Турсунзода бахшидааст. Дар онҳо муаллиф ҳаёт ва эҷодиёти шоири бузургро таҳқиқ намуда, сарчашмаҳои илҳоми ӯро омӯхтааст ва хусусиятҳои эҷодиёти ӯро, ки, аз як тараф, дар асоси усули реализми сотсиалистӣ, аз тарафи дигар, нигаҳдории садоқат ба анъанаҳои назми классикии тоҷик ва хусусиятҳои миллӣ офарида шудааст, қайд мекунад.

Дар асарҳои муҳаққиқи дигар А.Сайфуллоев «Мирзо Турсунзода» (1961), «Меридианҳои шеър» (1971), «Мирзо Турсунзода» (1983) эҷодиёти М.Турсунзода низ пурра ва мукаммал баррасӣ мешавад. Байни асарҳои ин муаллифон умумиятҳои зиёде мавҷуданд.

Дар асарҳои муҳаққиқони дигари осори шоир, аз қабили З.Османова, В.Огнев, Х.Шарифов, М.Шукуров ва дигарон асарҳои алоҳидаи шоир ё хусусиятҳои хосси эҷодиёти ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [17, с.24-32].

Мақолаҳое, ки дар тули 10 соли охир аз ҷониби олимони адабиётшинос Ҳ.Асозода, А.Кӯчаров, Ҷ. Саидзода, Рустами Ваҳҳоб ва дигарон навишта шудаанд, бо омӯзиши муфассали ҷанбаҳои эҷодиёти шоир фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин ҳама, мероси адабии М.Турсунзода ба қадри кофӣ ҳам набошад омӯхта шудааст, аммо мушкилоти лингвистии

осори ӯ ба таври комил таҳқиқ нашудааст ва бо гуногунҷанбаии худ диққати забоншиносонро ҷалб мекунад.

Мафҳумҳои фарҳангӣ, чун қоида, бо калимаҳои калидӣ ифода мешаванд - инҳо калимаҳое мебошанд, ки махсусан муҳим ва нишондиҳандаи фарҳанги мушаххас мебошанд [3, с.269]. Хусусиятҳои калимаҳои калидӣ, ба ақидаи А.Вежбицкая, истеъмоли умумӣ, истифодаи зуд-зуд дар як соҳаи семантикӣ (дар ин маврид дар соҳаи эҳсосот), қобилияти ташаккул додани оилаҳои фразеологии том, қисми зарбулмасалу мақолҳо мебошанд [3, с.266].

Дар забони тоҷикӣ як қабати бонуфузи калимаҳои ифодакунандаи аъзои бадан мавҷуданд, ки аз ҳама гурӯҳи сермаънотарин маҳсуб меёбанд [7, с.311]. Пӯшида нест, ки агар худи ашё дар ҳаёт ҷузъи муҳим бошад, исми он ашё низ дар забон дорои бартарият ва истифодаи васеъ мегардад. Ин категорияи калимаҳо дар забон дар сохтани калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ нақши муҳим дошта, ҳамзамон дар назм низ мавқеи назаррасро ишғол менамоянд [16, с.955].

Ин (калимаҳои калидӣ) дар забони тоҷикӣ, тибқи мушоҳидаҳои мо, вожаҳои «дил», «сар», «ҷон», «чашм» мебошанд [13, с.85]. Дар ин мақола калимаи "чашм" баррасӣ карда мешавад. Таърифи ин калимаҳо ҳамчун калимаҳои калидӣ тасодуфӣ нест. «Дарк кардан дар бораи олами гирду атроф аз худи инсон оғоз мешавад, бинобар ин, рамзгузории фазои фарҳангӣ тавассути воҳидҳои забонӣ табиати антропоморфӣ дорад, дар он соматизмҳо – номҳои аъзои бадани инсон, инчунин воҳидҳои фразеологияи соматикӣ фаъолона иштирок мекунанд, аз ҷумла ин ё он соматизм» [9, с.159].

Дар семантикаи қисми зиёди воҳидҳои фразеологии эҳсосотӣ бо вожаи «чашм», маънои «узви сари одам», «нигоҳ» мавҷуд аст. Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ воҳидҳои фразеологии соматикӣ бо вожаи “чашм” мавҷуд аст, ки ҳиссиёти муассири хосро ифода намекунанд ва ҳузури ҳатмии дигар эҳсосотро тақозо мекунанд.

Мо мехоҳем дар мақолаи мазкур муносибатҳои асосии маъноии вожаи "чашм" ва сохтори маъноии ин вожаро таҳлил намоем. Қадимтарин қабат дар луғати аслии тоҷикӣ калимаҳои ҳиндуаврупоӣ мебошанд, яъне калимаҳое, ки ба забонҳои қадимаи ҷамъияти забоншиносии ҳиндуаврупоӣ мерос мондаанд [2, с.344]. Монандии чунин калимаҳо дар бисёр забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба назар мерасад, ки, аз як тараф, хешутабории ин забонҳоро, аз тарафи дигар, худи далели пайдоиши онҳоро исбот мекунад. Маънои асосии калимаи “чашм” узви қисми болоии бадан, яъне сар аст [16, с.566-569], аммо ҳамчун як ҷузъи калимаҳои мураккаб ва гардишҳои фардӣ он ибораҳои дигари маъноӣ ба даст меорад [11, с.67].

Вожаи «чашм» дар системаи луғавии забони тоҷикӣ аслӣ буда, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин калима аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ хеле сермаҳсул аст.

Инак, мо бо лексемаи чашм дар ашъори Мирзо Турсунзода беш аз 1000 калимаро бо маъноҳои гуногуни маъноӣ муайян кардем. Дар иртибот бо ин, мо ибораҳои гуногуни луғавӣ ва маъноии калимаи “чашм”-ро дар ашъори устод таҳлил мекунем:

1. Вожаи “чашм”, ки мафҳуми узви биниш дар инсон ва ҳайвонро мефаҳмонад:
   Дидам ҷамоле, абрӯҳилоле,
   Дар зери чашмаш бинҳода холе [15, с.19].

   Бо ҳамон дасте, ки шодам борҳо
   Пок кардӣ **ашки чашмони маро** [15, с.30].

   Тифл мондам аз ту, модар, рӯи ту дар ёд нест.
   Қомати ту, **чашми ту,** абрӯи ту дар ёд нест [15, с.31].
2. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми назар, нигоҳ ва дидро доро мебошад:
   Мезанам паҳлӯ ба рӯи сангҳо,
   Чашм медӯзам ба зебо рангҳо [15, с.88].

   Хешро месанҷам аз сар то ба по **бо чашми ту,**
   То намоям сафҳаи дил пурсафо **бо чашми ту.**
   Ноаён онро ошкоро, дилбаро, **бо чашми ту,**
   Кардам онро, ошкоро, дилрабо, **бо чашми ту** [15, с.58].

Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи **дар чашми шумо** манзур нест [15, с.50].

Обрӯи ишқро **чашми ту бардорад** баланд,
Фитнаи ағёрро мардона нанмояд писанд.
Чашмро, эй ҷони ман, аз сӯи ман ҳаргиз макан,
Чунки дорад ҳар нигоҳи дӯст як дунёи панд [15, с.58].

Чашми ман маҳви ҷамолу ҳусни зан бошад мудом,
Борҳо бинад шукуфтанҳои гулҳои замин [15, с.40].

3. Вожаи “чашм”, ки ифодакунандаи мафҳуми (*маҷ.)* **умед ва интизорӣ** аст:

Ошиқам ман, ошиқи **чашми сиёҳ,**
Ошиқи он як нигоҳу як нигоҳ [15, с.38].

Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳорон бешумор,
Борҳо бинад шукуфтанҳои гулҳои замин [15, с.40].
Чашми ман маҳви ҷамолу ҳусни зан бошад мудом,
Борҳо бинад шукуфтанҳои гулҳои замин [15, с.40].

4. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми ***чашм ба касе будан-*** ба касе умед бастанро мефаҳмонад:

Духтари тоҷик, мо хонанда дар тӯи туем,
Шодмон сар то ба по **чашме, ки бар сӯи туем** [15, с.48].

Чашми алмоси ту дар шишаи дил кора кард,
Зиндагии талху ширини маро наззора кард.
Хост гирад пеши **чашмам пардаи абри ғурур,**
Чашми бинои ту мисли барқ онро пора кард [15, с.58].

5. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми **чашм ба чашми *касе* афтодан –** ба ҳам бархӯрдани нигоҳи ду касро мефаҳмонад:

Бе сухан **бо чашми ман чашми ту дорад** гуфтугӯ,
Гардад огаҳ, гар дилам ҷунбидан зи ҷо як қадри мӯ [15, с.48].

6. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми **бо чашми умед –** нигоҳ кардан, умедвор шудан, умедворӣ зоҳир карданро мефаҳмонад:

Гарчи мӯи сараш чу барф сафед,
Чашмаҳояш вале пур аз умед [15, с.43].

7. Вожаи “чашм”, ифодакунандаи мафҳуми файзу баракат, пурӣ, басандагӣ, кифоякунанда:

Дасти боло,
рӯи хандон,
чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ [15, с.76].

8. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми **аз чашм гурезондан** - надида мондан, ба қадри даркорӣ диққат накардан *ба чизеро* мефаҳмонад:

Барқ мегуфт, ки аз ман буд **чашмаш дар гурез**,
Абр мегуфт, ки буд дар гиря кардан хеши ман [15, с.31].

9. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мавҳуми **бо чашми худ дидан** – худ нозири воқеа буданро мефаҳмонад:

Ба умеде, ки бинам чоҳканҳоро ба зери чоҳ,
Намурдам, гарчи **бо чашмам** аҷал ҳар ранг дидам ман [15, с.33].

10. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми **чашмони равшан, тобон, дурахшонро** мефаҳмонад:

Чашмаҳояш электрикчароғ,
Гӯиё дар фазои кӯҳистон
Медурахшад ситораи тобон [15, с.43].

11. Вожаи “чашм”, ки ифодаи мафҳуми **ҳушу хаёлро** мефаҳмонад:

Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯи замин,
Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи замин [15, с.77].

Аммо, дар ҳоле ки мушкилоти таҳлили забонии ашъори М. Турсунзода аён аст, ин мавзуъ баҳси умда боқӣ мемонад ва зарурати чунин омӯзишҳо ба миён меояд. Таҳлили пурраи таҳаввулоти лексикӣ дар ашъори М.Турсунзода на танҳо ба омӯзиши амиқтари мероси эҷодии яке аз шоирони барҷастаи тоҷик мусоидат мекунад [12, с.223], балки дар дарки забонии шеъри муосири тоҷик дар типологияи забоншиносӣ низ нақши бориз мегузорад.

Аз тамоми узвҳои идрок чашм вазифаи муҳимтарин - визуалиро иҷро мекунад, ки ба одам имкони дидану дарк кардани олами беруна, самти худ дар фазои атрофро медиҳад.

Мафҳуми “чашм” бо мафҳумҳои дигар дар ҷумла ва калимаҳо якҷоя шуда, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалро ифода мекунад. Дар ин гуна таркибҳо вожаи «чашм» ба мафҳумҳои «ҷон» ва «дил» мухолиф нест, балки барандаи онҳост.

Чунонки дар боло қайд карда будем, қисми зиёди вожаҳои дорои маънои муассирӣ дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Аз рӯйи хосиятҳояшон ин навъ баёнкарди онҳо равшантар ва фаровон аст [13, с.285]. Калимае, ки маънои асосии «*чашм*»-ро дорад, як ҷузъи воҳидҳои зиёди фразеологияи соматикӣ буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунад: *хашм* - «*чашм кашидан, хашмгин шудан*» (авт. «*туман, парда чашмҳоро мепӯшонад*») “*раъду барқ афкандан*” ва ғ.

Чашми касе кӯр шудан – ба ҳасад мубтало шудан

Чашми душман кӯр шуд чу шабпарак аз нури ту,
Сарҳаму шарманда шуд аз хандаи масрури ту [15, с.49].

Ҳам ибораҳои озоди синтаксисӣ ва ҳам шаклҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ҳангоми истифода дар назм ба ҳодисаи парокандашавии ҷузъҳо рӯ ба рӯ гарданд. Вале ин парокандашавии ҷузъҳо боиси костагии маъно ва халалпазирии мазмун намегардад [Гулзода, 34-35]. Масалан, дар банди мухаммаси зерин чунин ҳодиса мушоҳида мешавад:

Чашми душман кӯр шуд чу шабпарак аз нури ту,
Сарҳаму шарманда шуд аз хандаи масрури ту.
Қалби ифлосаш дарид аз наъраи пуршӯри ту,
Хок шуд аз зарби дасту бозуи пурзӯри ту,
Мезанад чун мор бар худ печу афғон мекунад [15, с.34].

Аз банди мазкур ифодаҳои ***чашми душман кӯр шудан, аз хандаи касе сарҳам шудан, аз наъра даридани қалб, аз зарби даст хок шудан, чун мор ба худ печидан, афғон кардан***-ро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷузъҳои онҳо на ҳама паҳлуи ҳам омадаанд.

Дар назми устод вожаи “чашм” бо маъноҳои гуногун истифода шуда, ба онҳо ҷилваи баланди бадеият бахшидааст ва чунин ба назар мерасад, ки аксари ин ифодаҳо танҳо хосси эҷодиёти Турсунзода ба шумор мераванд. Мисол:

Чашм бастан - интизорӣ кашидан, ба чизе умедвор будан,

Чун ба дар мебаст чашми интизор,
Ёд мекард аз суханҳои Тагор [15, с.72].

Хулоса, забони тоҷикӣ аз ҷиҳати воситаҳои ифодаи маҷозӣ бой ва Турсунзода шоирест тавоно ва дар тасвири бадеии ҳодисаву воқеаҳо устоди моҳир, ки аз ин хазинаи пурғановати забон беҳтарин дурдонаҳои лафзиро тавонистааст пешкаши хонанда гардонад. Турсунзода шоирест, ки мардум ӯро, пеш аз ҳама, барои сода гуфтанаш дӯст медоранд.

Аз рӯйи хулосаи мисолҳои дар боло овардашуда маълум мешавад, ки вожаи «чашм» ҷавҳарест, ки аз инсон алоҳида вуҷуд надорад. Эҳтимолан, ин ҷавҳар даҳон дорад, зеро чашмҳо хӯрда метавонанд, пой дорад. Онҳо метавонанд на танҳо гиря кунанд, балки шод шаванд, гурезанд, каҷ шаванд, ба ҳам часпанд, пинҳон шаванд. Бо онҳо хеле боэҳтиёт бояд буд, зеро чашмон метавонанд ногаҳон барқ зананд, масалан аз ишқ ё муҳаббат, дар чашмони зебо бошад ғарқ шудан мумкин аст. Аз ин рӯ, мегӯянд, ки чашм дарёст. Новобаста аз хосту хоҳишамон метавонем ба муҳити зист нигарем ва ба ҳодисаҳо ба тарзи худ баҳо диҳем.

Вожаи «чашм» ба мисли худи чашм узви зеботарин ва зарурии бадан ба ҳисоб рафта, исми он дар забон ҳам бо маънои мустақим ва ҳам бо маънои маҷозӣ нақши муҳимро мебозад. Вазифаи физиологии чашм аз назар кардан ба олами атроф иборат аст. Дар тули садсолаҳо калимаи чашм ба яке аз ҷузъи зиёд истифодашаванда, ҳамчун як воҳиди грамматикӣ дар бисёри забонҳо, аз ҷумла, забони тоҷикӣ ва русӣ табдил ёфтааст.

Забони тоҷикӣ аз ҳайси ғанои маъно, яъне бисёрмаъноии вожаҳо яке аз бузургтарин ва нерумандтарин забонҳои дунё маҳсуб мешавад. Бисёрмаъноӣ дар забон бештар тавассути ***маҷоз***, ки буруновари маъноҳои ғайриаслӣ мебошад, роҳандозӣ мешавад. ***Маҷоз*** дар луғат ба маънои ғайриаслӣ ва ғайриҳақиқӣ аст. Аз ин ҷиҳат, маънои маҷозии калима маънои ғайриаслӣ ё ғайриҳақиқии он аст, яъне на он маъное, ки калима ба хотири он офарида ё сохта шудааст. Маънои маҷозии калимаро метавон маънои пардагӣ ё пардадор ном гирифт. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ғайр аз маънои асливу асосӣ боз маъноҳои ғайриасливу ғайриасосӣ доранд. Ин маъниҳои пардагӣ ё пардадор бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд меоянд ва як роҳи бавуҷудоии он монанд кардани як чиз ба чизи дигар бо ягон сабаб мебошад. Масалан, дар адабиёт вожаи ***чашм***- ро ба вожаҳои ***наргис*** ва ***шаҳло*** монанд мекунанд ва ҳардуро дар маънои ***чашм*** (- и маъшуқ)- и зебо ба кор мегиранд. Сабаби монандкунии ***чашм*** ба ***наргис*** нозукӣ ва хурдии он бувад ва сабаби монандкунии чашм ба ***шаҳло*** дар байн сиёҳӣ доштани он (ки сабаби зебоияш мешавад) мебошад. Ё худ дар шеър қадди маъшуқ бо сабаби ростиву мавзунияш ба сарв, рӯйи ӯ бо сабаби сурхияш ба гул, лаби маъшуқ бо сабаби хурдиву сурхияш ба ғунча ва ғабғаби вай бо сабаби жарфнои миёни худ ба себ ташбеҳ мешавад, ки ин ҳама маъниҳо маҷозиянд.

Муқарриз: ***Раҳмонова Н.Ш.*** **–** д.и.ф., профессори АИДНПҶТ

А Д А Б И Ё Т

1. Александров, И.А. Школьный русско-таджикский словарь / И.А. Александров, И.Л. Николаев, Х. Раупов. – Душанбе: Маориф, 1984. - 126 с.
2. Артюнова, Н.Д. Язык и мир человека / Н.Д. Артюнова. 2 изд, исправ. – М.: Яз. Рус. Культуры, 1999. – 896 с.
3. Вежбицкая, А. Понимание культур через посредство ключевых слов. Введение / А.Вежбицкая // Семантические универсалии и описание языков. Пер. с англ. А.Д. Шмелева, под ред. Т.В. Булыгиной. - М.: Языки русской культуры, 1999. - С.263-305.
4. Гулзода, Н. Нақши маҷоз дар ашъори Турсунзода / Н. Гулзода // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе. – Душанбе, 2019. - №(2,4 (10,12). – 94 с.
5. Жан-Поль, Ру. История Ирана иранцев / Ру Жан-Поль. - 2003. − 429 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С.17-82;
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. - 462 с.
8. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1968. - 132 с.
9. Подсевалова, Н.О. Концепт «глаза» в английской концептосфере / Н.О. Подсевалова // Известия ВГПУ. - 2009. - Вып. 15. - С.158-162.
10. Рахмонова, Н.Ш. Соматичекие фразеологические единицы в таджикском и русском языках: диссер... канд… наук / Н.Ш. Рахмонова. – Душанбе, 2006. – 195 с.
11. Рахмонова, Н.Ш. Языковая семантика русских семантических ФЭ. / Н.Ш. Рахмонова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2007. – С.67-72.
12. Сайфуллоев, А. Мирзо Турсунзода / А. Сайфуллоев. - Хучанд, 2004. – 432 с.
13. Токмакова, М.Х. Слово *гу* «сердце» в эмотивной лексике кабардино-черкесского языка / М.Х. Токмакова // Вестник КБИГИ. - 2012. - № 1 (19). - С.84-88.
14. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. - 231 с.
15. Турсунзода, М. Гулчини ашъор. Мураттибон: Гулназар Келди, Фарҳоди Карим, Гурез Сафар. - Душанбе: Адиб, 2011. – 552 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2015. – 1095 с.
17. Ҳакимов, А. Муфради гиной дар ашъори М. Турсунзода / А.Ҳакимов // Ифтихори миллат. Маҷмуаи гузориш ва маколаҳо аз Конфронси байналмилалӣ ва маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори ҷашни 90-солагии устод Мирзо Турсунзода. – Душанбе, 2002. - С.24-32.
18. Шанский, М.Н. Лексикология современного русского языка / М.Н. Шанский. – М.: Просвещние, 1972. – С.11.
19. Шаропов, Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка / Н.А. Шаропов. – Душанбе, 1988. – 130 с.
20. Шмелев, Д.Н. Современный русский язык. Лексика / Д.Н. Шмелев. – М.: Просвещение, 1977. – С.49-54.

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКИИ ВОЖАИ “ЧАШМ” ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Муаллиф дар мақола таҳлили семантикии вожаи “чашм”-ро дар ашъори М. Турсунзода баррасӣ намудааст. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки воҳидҳои лексикӣ (луғат) дар забони муосири тоҷикро бисёре аз олимони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Луғат қисми марказии забон буда, барои ташаккул ва интиқоли дониш дар бораи ҳама гуна ашёву падидаҳост. Монандии чунин калимаҳо дар бисёр забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба назар мерасад, ки, аз як тараф, хешутабории ин забонҳоро, аз тарафи дигар, худи далели пайдоиши онҳоро исбот мекунад. Дар таҳлили семантикӣ муаллиф ёдоварӣ менамояд, ки маънои асосии калимаи “чашм” узви қисми болоии бадан, яъне сар аст, аммо ҳамчун як ҷузъи калимаҳои мураккаб ва

гардишҳои фардӣ он ибораҳои дигари маъноӣ ба даст меорад. Вожаи «чашм» дар системаи луғавии забони тоҷикӣ – аслӣ буда, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин калима аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ хеле сермаҳсул аст. Дар умум, мо дар ин мақола муносибатҳои асосии маънои вожаи "чашм" ва сохтори маъноии онро таҳлил менамоем. Қадимтарин қабат дар луғати аслии тоҷикӣ калимаҳои ҳиндуаврупоӣ мебошанд, яъне калимаҳое, ки аз забонҳои қадимаи ҷамъияти забоншиносии ҳиндуаврупоӣ мерос мондаанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои лексикӣ, забони муосири тоҷик, чашм, хусусиятҳои маъноӣ, забоншиносӣ, забонҳои қадима, луғат, ибора, таҳлили семантикӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СЛОВА "ГЛАЗ" В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

В статье автор анализируется семантика слова «глаз» в произведениях М. Турсунзаде. Автор статьи отмечает, что лексические единицы в современном таджикском языке являются предметом изучения многих таджикских ученых. Лексика является центральной частью языка и служит для формирования и передачи знаний любых предметов и явлений. Сходство таких слов просматривается во многих индоевропейских языках, что доказывает родство этих языков, с одной стороны, и факт их происхождения, с другой. При семантическом анализе автор отмечает, что основным значением слова «глаз» является часть верхней части туловища, то есть головы, но в составе сложных слов и фразеологических оборотов оно приобретают другие смысловые значения и выражения. Слово «глаз» является исконным в лексической системе таджикского языка и занимает особое положение. Это слово является одним из самых продуктивных по семантическим признакам. В целом, эта статья посвящена исходным, то есть основным смысловым отношениям слова «глаз» и мы проанализировали семантическую структуру этого слова. Древнейшим пластом в исходной таджикской лексике являются индоевропейские слова, то есть слова, унаследованные от древних языков индоевропейской языковой общности.

Ключевые слова: лексические единицы, современный таджикский язык, глаза, семантические признаки, языкознание, древние языки, лексика, словосочетание, семантический анализ.

SEMANTIC ANALYSIS OF THE WORD "EYE" IN THE WORKS OF MIRZO TURSUNZODA

In the article the author analyzes the semantics of the word "eye" in the works of M. Tursunzade. The author of the article notes that lexical units in the modern Tajik language are the subject of study by many Tajik scientists. Vocabulary is the central part of the language and serves to form and transfer knowledge of any objects and phenomena. The similarity of such words can be seen in many Indo-European languages, which proves the relationship of these languages, on the one hand, and the fact of their origin, on the other. During the semantic analysis, the author notes that the main meaning of the word "eye" is a part of the upper body, that is, the head, but as part of complex words and phraseological turns, it acquires other semantic meanings and expressions. The word "eye" is original in the lexical system of the Tajik language and occupies a special position. This word is one of the most productive in terms of semantic features. In general, this article is devoted to the initial, that is, the main semantic relations of the word "eye" and we want to analyze the semantic structure of this word. The oldest layer in the original Tajik vocabulary is Indo-European words, that is, words inherited from the ancient languages of the Indo-European linguistic community.

Key words: lexical units, modern Tajik language, eyes, semantic features, linguistics, ancient languages, vocabulary, phrase, semantic analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сатторова Зарринахон*** – Институти забон ва адабиёти АМИТ, унвончӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21

Сведения об авторе: ***Сатторова Зарринахон*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 21

Information about the author: ***Sattorova Zarrinakhon*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki, NAST, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

ТДУ: 811.21/.22.3

ЛЕКСИКАИ ХУДӢ ВА ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР “АХЛОҚИ МУҲСИНӢ”-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Абдураҳмонова Н.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таркиби луғавии “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ хеле бой аст ва дар он калимоти иқтибосии арабӣ нуфуз дорад, чаро ки дар асри XV низ насри такаллуфӣ идома дошт, вале муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” кӯшиш кардааст, ки то ҷое аз калимоти аслии тоҷикӣ истифода барад. Масалан, дар ҷумлаи “Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад” [1, с.7-128], аксар вожаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд, чунончи, ҷумлаи мазкур аз чаҳордаҳ калима ташкил ёфтааст, ки даҳ калима тоҷикӣ ва танҳо чаҳор вожа арабианд:

1. Ҳар кӣ – ҷонишини таъинӣ, монанди ҳар чи, ҳар кас, ҳар чиз – тоҷикӣ.
2. Дар – пешоянди ифодакунандаи мафҳуми макон ва объект – тоҷикӣ.
3. Тирборон – пайиҳам, беист тир парондан – тоҷикӣ.
4. Ҳаводис – ҷамъи ҳодиса – арабӣ.
5. Сипар – асбоби ҷанг, ки дар муҳорибаҳо барои муҳофизат пӯшида мешавад – тоҷикӣ.
6. Сабр – шикебоӣ, таҳаммул, тоқат – арабӣ.
7. Дар сар кашидан – феъли таркибии номӣ, яъне ба сар кардан – тоҷикӣ.
8. Зудтар – тезтар, босуръаттар, дарравтар –тоҷикӣ.
9. Хаданг – муродифи тир – тоҷикӣ.
10. Умед – чашмдошт, орзу, мақсад, таманно – тоҷикӣ.
11. Ба – пешоянд, ки муносибатҳои гуногуни дастуриро мефаҳмонад – тоҷикӣ.
12. Ҳадаф – нишона, мақсад, ният, умед – арабӣ.
13. Мурод – муродифи ният, мақсад, ҳадаф, орзу, талаб – арабӣ.
14. Бирасад – амал, феъл – тоҷикӣ.

Таваҷҷуҳ шавад, ки чӣ тавоноӣ ва иқтидори бузурге дорад забони тоҷикӣ, ки ҳанӯз дар асри XV дар даврае, ки ҳоло таъсиру нуфузи забони арабӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардуми мо хеле зиёд буд ва, хусусан, дар таълиму тарбия, ин адиби тавоно, донишманди хеле фарзона дар як ҷумлаи чаҳордаҳкалимагӣ ҳамагӣ чаҳор вожаи арабӣ [ҳаводис, сабр, ҳадаф, мурод], ки онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ комилан ҳазмшудаанд, ба кор бурдааст. Ин хусусияти “Ахлоқи Муҳсинӣ” халқияти забони онро зиёд кардааст. Муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” дар интихоби калима, тарзи баён ба дараҷае устод ва борикназар аст, ки тамоми нозукӣ ва ҷузъиётро ба назар гирифтааст. Интихоби калима дар баёни ӯ ба шароиту вазъияти нутқ сахт иртибот дорад. Масалан, дар як матне, ки дар адолати шоҳон гуфта шудааст, нависанда ҷумлаеро аз забони духтари пиразане меорад, ки аз понздаҳ калима иборат аст; ҳамагӣ ду вожаи арабӣ аст, ягон калимаи иқтибосии дигар нест. Воқеан, дар нутқи духтари саҳронишин мавҷуд набудани иқтибосот ҳақиқати воқеист, ки адиби тавоно онро нишон додааст, чунончи:

Ҳар бомдод гови мо бисёр шир бидодӣ, имрӯз андак. Ҳар гоҳ ки подшоҳ нияти бад кунад, Ҳақ баракат бардорад [1, с.24].

Таваҷҷуҳ шавад:

1. Ҳар – ҷонишини таъинӣ ба монанди калимаҳои дигар, мисли ҳар кас, ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар чиз – тоҷикӣ.
2. Бомдод – исми мафҳуми замонӣ: субҳ, пагоҳӣ – тоҷикӣ.
3. Гов – аз ҷумлаи ҳайвонҳои хонагӣ – тоҷикӣ.
4. Мо – ҷонишини шахсӣ, шумораи ҷамъ – тоҷикӣ.
5. Бисёр – хеле, фаровон, зиёд – тоҷикӣ.
6. Шир – моеи ғизоии сафед – тоҷикӣ.
7. Имрӯз – ин рӯз, ҳамин рӯз – тоҷикӣ.
8. Бидодӣ – феъли давомдор – тоҷикӣ.
9. Подшоҳ – соҳиби тахту тоҷ; ҳукмрони мутлақи кишваре – тоҷикӣ.
10. Ҳар гоҳ ки – пайвандаки тобеъкунандаи замонӣ – тоҷикӣ.

11. Ният кардан – азм кардан, қасд кардан; ният – арабӣ, кардан – тоҷикӣ.

12. Бад – ганда, зишт, муқобили хуб – тоҷикӣ.

13. Андак – каме, ночиз – тоҷикӣ.

14. Ҳақ – рост, дуруст: яке аз номҳои Худо – арабӣ.

15. Баракат – фаровонӣ, афзоиш, фузунӣ, зиёдатӣ – арабӣ.

Хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар як ҷумлае, ки аз понздаҳ калима иборат аст, ҳамагӣ се вожаи арабӣ истифода шудааст. Дигар ҳама калимаҳои аслии оммафаҳми тоҷикианд.

Чунон ки аз мисолҳои фавқ маълум гардид, калимаҳои аслии тоҷикӣ ҷумлаҳоро фаҳмову фасеҳ ва равону гӯшнавоз кардаанд.

Лексикаи "Ахлоқи Муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз рӯйи хусусияти маъноӣ, грамматикӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад:

1. Вожаҳои номӣ [исм]. Ин гурӯҳи вожаҳо дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" аз рӯйи теъдод дар ҷойи аввал меистанд, чаро ки чунин гурӯҳи вожаҳо номи шайъ, касбу кор, машғулият ва амсоли инҳоро мефаҳмонанд ва табиист, ки ин гурӯҳи семантикии калимаҳо бартарӣ доранд. Вожаҳои номиро дар навбати худ дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" ба чунин зергурӯҳҳои лексикӣ-грамматикӣ метавон гурӯҳбандӣ кард:

А. Калимаҳое, ки вазифа, унвон ва мавқеи ҷамъиятии одамонро мефаҳмонанд: **шоҳ, подшоҳ, амир, малик, сипоҳсолор, вазир, халифа, рикобдор, шайх, ҳоким, надим, хоҷа...**

Подшоҳ:

*Овардаанд, ки **подшоҳе** буд дар дорулмулки Чин ба зевари адл ороста ва ниҳоли ҳолаш ба сифати насфат пероста* [1, с.22].

Б. Калимаҳое, ки мафҳуми ахлоқ ва амалҳои марбут ба онро мефаҳмонанд: **тоат, ибрат, шавқат, панд, насоеҳ, эҳсон, зиёрат, шукргузорӣ, сабр, ақл, равнақ, дилхоҳ, лутф, ҳақ, ихтиёр, зафар, хислат, шариф, сират, мақбул, имон, ахлоқ, шармсор, хиҷил, таҳсил, адаб, ҳалол, ҳаром, савоб, убол, ороста, иффат.**

Ҳаё:

Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст [1, с.9].

В. Калимаҳое, ки мафҳумҳои низомиро мефаҳмонанд: **ҳарб, лашкар, лашкаргоҳ, аду, асбоб, саф, ҳамла, душман, сипоҳ, зафар, ғолиб, силоҳ, шамшер, зиреҳ, савор, гурз...**

Лашкар:

*Ногоҳ ӯро душмане падид омад ва бо **лашкар**и гарон рӯй ба дорулмулки вай овард* [1, с.9].

Г. Калимаҳои ифодакунандаи узвҳои инсон: **дил, сар, чашм, гӯш, даст, пой, рӯй, абрӯ, гардан, пешонӣ, даҳон, дандон, забон, сина, шикам, ангушт, рухсора**.

Чашм:

*Сурхии **чашм** нишони шуҷоат ва далерӣ бувад* [1, с.73];

Дил:

*Ҳарорат бар **дил**и муборизон ғалаба кард ва дилҳо аз ташнагӣ хунук шуд ва губори корзор ба рухсораҳо нишаст* [1, с.62].

Ғ. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешу таборӣ: **падар, модар, писар, духтар, бародар, кӯдак.**

Духтар:

*Яке аз уламои Марв **духтар**е дошт ба гояти ҷамила ва ҷумлаи маорифи шаҳр дар хостгории ӯ буданд ва он олим мутаассир буд, ки ӯро ба кадомин диҳад* [1, с.58].

Д. Калимаҳое, ки номи меваҷотро мефаҳмонанд: **анор, себ, ангур.**

Ангур:

*Ӯро суффае оварда, ки панҷараи он дар боғи **ангур** буд ва ангурҳои латиф расида бар токҳо менамуд* [1, с.47].

Е. Калимаҳое, ки номи ҳайвонотро мефаҳмонанд: **асп, уштур, маркаб, гов, гӯсфанд.**

Асп:

*Ба самъи вай расониданд, ки Ҳотам маркабе дорад бодпой ва борагие ҷаҳонпаймой, чун тири хаданг зуд равад ва чун умри гиромӣ зудрав **асп**е, ки ба гармрӯйӣ ба оташи дам мушобиҳат зада* [1, с.38].

Ё. Калимаҳое, ки номи гулу гиёҳ, растаниҳоро мефаҳмонанд: **гул, рустанӣ, хор, алаф, зироат, савсан, арзан, гандум, райҳон, роиқа.**

Райҳон:

*Дигаре илова намуд, ки аз манзилҳо бӯстонҳои пургулу **раёҳин** беҳтар аст* [1, с.61].

Ж. Калимаҳои ифодакунандаи номи мафҳумҳои астрономӣ, ҷуғрофӣ: **ситора, моҳ, офтоб, абр, дарё, кӯҳ, кул, саҳро, биёбон, вилоят, водӣ.**

Офтоб:

*Тамоми рӯз чун **офтоб** ба зарбахшӣ машғул буд ва монанди абр ба гавҳарфишонӣ* [1, с.40].

З. Калимаҳои ифодакунандаи номи ғизо ва хӯрокворӣ: **гӯшт, кабоб, шир, ангубин, нон, об, ош, панир, тухм.**

Кабоб:

*Эй малик! Ҳамин гуломе бар ҳузури ту тозиёнаи уқубат бар сари ман кашид, чашмаи айши маро талх сохтааст ва гове, ки маишати ману ятимони ман аз ширaш муҳайё будӣ, бикушт ва **кабоб** кард* [1, с.23].

И. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои маънӣ: **зиндагӣ, шодӣ, хурсандӣ, ғусса, шарм, ҳаё, гуноҳ, орзу, ҳилм, сабр, шукр, ишқ, хашм, тавваккал.**

Ҳаё:

***Ҳаё**ро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, **ҳаё** аз шароити назми олам аст* [1, с.9].

Й. Калимаҳои ифодакунандаи соҳаи тиб: **табиб, бемор, мариз, ташхис, илоҷ, шифо, табобат, дору, дард, дармон, миҷоз, ҷароҳат.**

Табиб:

*Агар **табиб** тамоми сухани бемор гӯш накунад, ба ҳақиқати маризи вай матлаъ нашавад* [1, с.23].

К. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ, таълимӣ: **Мусҳаф, хулафо, масоҷид, маъобид, хонақоҳ, мадорис, уламо, эшон, дуо, иҷобат, биҳишт, уқбо**.

Ҳақ:

*Дар хабар омада, ки сахо дарахтест дар биҳишт ва ба ҳақиқат ниҳолест дар канори ҷӯйбори хушнудии **Ҳақ** руста ва шохи ӯ дар сарфарозӣ пайваста, шукуфаи ӯ некномии дунёст ва меваи ӯ каромат ва фазилати уқбост* [1, с.35].

Қ. Калимаҳое, ки номи парандаҳоро ифода мекунанд: **кабк, мурғ, кабӯтар, боз, зоғ, гунҷишк.**

Боз:

***Боз** гӯштро бардошту мургро бигузошт* [1, с.95].

2. Вожаҳои сифатӣ. Ин гурӯҳи луғавии вожаҳо намуди зоҳирии шайъ, аломату хусусияти ботинии он, характер, муносибату рафтори одамонро мефаҳмонанд. Ин гурӯҳи вожаҳоро дар асоси маводи “Ахлоқи Муҳсинӣ” ба чунин зергурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

А. Вожаҳои ифодакунандаи ранги шайъ: сафед: *Ранги **сафед**и муфрад ё кабудиву сабзии чашм далелест бар сахтрӯйӣ* [1, с.73]; сурх: ***Сурх**ии чашм нишонаи шуҷоат ва далерӣ бувад* [1, с.73]; сиёҳ: *Абрӯи **сиёҳ**и мутавассит дар қутоҳӣ ва дарозӣ нишонаи фаҳм ва диёнат аст* [1, с.73]; зард: ***Зард**ии рухсора нишони хубси [бадии] ботин бувад* [1, с.73].

Б. Калимаҳои ифодакунандаи сифатҳои ҳамидаи инсонӣ: рост: *Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамъии аҳвол роҳи **рост** дошта бошӣ* [1, с.12]. Бузургвор: *Адаб аз ҳама кас неку мемонад, хусусан, аз мулки ҷаҳондор ва салотину **бузургвор*** [1, с.12]. Атф: *Чун подшоҳ ба сифати атф ороста бошад, ҳароина зулмоти фисқу фуҷур аз арсаи мамлакат дур шавад* [1, с.13]. Олиҳиммат: *Дар хабар омадааст, ки мардуми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд* [1, с.13].

В. Калимаҳои ифодакунандаи сифати бади шайъ: **дурушт, сияҳкор, бадандеш, ситампеша, қабеҳ, бадбӯй, нохушмазза:**

*Маъмун фармуд, ки он обе буд **нохушмазза** ва бадбӯй* [1, с.13].

Вожаҳои иқтибосии арабӣ. Таркиби луғавии ҳар асар, пеш аз ҳама, ба ду омили асосӣ иртибот дорад: яке, боигарии таркиби луғавии забон дар ҳамон марҳилаи эҷоди асар, дигаре, савияи луғатдонию луғатфаҳмии муаллифи асар.

Дар асри XV дар таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ, ҳарчанд ки калимаҳои иқтибосии арабию туркӣ хеле зиёд буданд, вале боигарии таркиби луғавии забони тоҷикиро вожаҳои аслӣ ташкил медоданд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки сухандону суханшиноси дақиқназар буд, аз ҳар ду манбаъ бо камоли ҳунар истифода кардааст.

Дар таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ дар асре, ки “Ахлоқи Муҳсинӣ” эҷод гардид, иқтибосоти арабию туркӣ дар ҳама осор хеле нуфуз дошт. “Ахлоқи Муҳсинӣ” асари пандуахлоқӣ буда, асосан, ахлоқи подшоҳону вазирон ва надимон, уламову удаборо дар бар мегирад. Азбаски аксари калимаю таркибот ва истилоҳоти давлатдорӣ туркӣ ва

истилоҳоти соҳаи илму таълим арабӣ буданд, табиист, ки истифодаи ин гурӯҳи луғати иқтибосӣ дар асар бартарӣ дорад.

Дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" вожаҳои иқтибосии арабӣ, воқеан, нуфузи бештар дорад, чаро ки мафҳумҳое, ки ба мазмуну муҳтавои асар иртибот доранд ва барои баёни мазмуни гуфтор заруранд, бештар ба воситаи калимаҳои арабӣ ифода шудаанд. Ин ҷиҳат яке аз вижагиҳои луғавии "Ахлоқи Муҳсинӣ" маҳсуб меёбад. Вожаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар асар омадаанд, аз рӯйи дараҷаи истеъмол, доираи корбаст онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: якум, вожаҳои иқтибосие, ки дар забони адабии тоҷикӣ ҳазм шудаанд ва доираи истеъмолашон васеъ буда, нисбатан оммафаҳм мебошанд. Истифодаи чунин вожаҳои умумиистеъмоли иқтибосии арабӣ дар баробари вожаҳои аслии тоҷикӣ ва халқию омиёна забону услуби асарро содаю дилкаш намуда, фаҳмидани мазмуни онро таъмин кардааст. Вожаҳои иқтибосии арабии зерин дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" хеле серистеъмоланд: **шоир, шеър, ноиб, феъл, фосиқ, ахлоқ, оҷиз, заиф, айёр, ғулом, азим, кабир, мариз, золим, мазлум, соил, қосид, мурувват, султон, вазир, уламо, қалб, лашкар, олим, олам, кавкаб, матлаб, иқдом, сафина, фалоҳ, ҷумла, калом, қавл, ниқоб, ғанимат, неъмат, мухолифат, раъият, арк, мулозим, расул, муфсид, мусулмон, салобат, адл, адолат, халқ, халоиқ, мифтоҳ, ақрабо, таваккал, маърака, қатл, қабза, иқтидор, ғанимат, ғам, кулфат, хислат, хумор, хум, ғалат, халифа, хилоф, хилват, висол, васл, махлуқ, табаррук, маломат, латиф, адаб, илм, амал, шуғл, олуда, ҳаром, пайғом, самъ, само, тағйир, ғарб, малул, забт, маъмур, мақсад, таҳсил, толиб, тобеъ, оқил, ҳоким, малик, мулк, ҷадид, ҳол, субот, содиқ, тоат, нақл, мушкил, қарз, сидқ, заъф, заъиф, фазилат, уқубат, фалон, хулоса…**

Мисолҳо: *Ҳароина ин маъниро дар хоҳад ёфт, ки ҳосил аз ояндагон ва равандагони ин саро ҷуз бо ёдгоре боқӣ нахоҳад монд ва ҳар иморати олӣ ва мавзеи шариф, ки аз табақоти мулук ва умарову аркони давлат ва тавонгарони ҳар мамлакат воқеъ шуда, асари он бар ҷаридаи рӯзгор ва сафаҳоти адвори лайлу наҳор ба сабту мастур аст ва номи эшон назди ҳар арбоби ақлу нақл, балки пеши аксари асоғиру акобири олам маъруфу машҳур [1, с.34]. Дуюм – ҳифзи ҳуқуқи неъмат, бояд ки ҳақи валинеъмат фурӯ нагузорад ва тариқи хилоф пеш наорад, ки куфрони неъмат натиҷаҳои бад дорад ва аз ҷумла он ки ҳеҷ касро аз мулк бар эшон эътимод намонад [1, с.116].*

Ба ҳамин монанд садҳо вожаҳои дигари арабӣ дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" истифода шудаанд, ки бештари онҳо ба андозае худӣ гардидаанд, ки арабӣ будани онҳо танҳо ба мутахассисони суханшиносӣ маълум аст. Аксари ин вожаҳо имрӯз ҳам ба доираи васеи хонандагон фаҳмо мебошанд ва дар услубҳои гуногуни нутқи хаттию шифоҳӣ ба кор бурда мешаванд. Вожаҳои шеър, шоир, ахлоқ, оҷиз, заиф, азим, кабир, мариз, золим, олим, илм, лашкар, мусулмон, қабза, оқил, ақл, қарз, амал, феъл ва монанди инҳо имрӯз ҳам ба қатори луғати фаъоли забони тоҷикӣ дохил мешаванд. Мисол: Муддати чанд рӯз қатъи манзилу тайи мароҳил карда, дар зери дарахте расид ва дар сояи он дарахт бинишаст [1, с.74].

Дуюм, дар баробари ин гурӯҳи вожаҳои иқтибосии арабӣ теъдоди зиёди вожаҳои иқтибосии ҳазмношудаи арабие дар "Ахлоқи Муҳсинӣ" корбаст шудаанд, ки фаҳмидани маънии онҳо танҳо ба касоне даст медиҳад, ки ё мутахассиси забони арабиянд, ё таркиби луғавиашон аз калимаҳои арабӣ бой аст. Хонандаи одӣ ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосии арабиро бе луғати дузабонаи арабӣ-тоҷикӣ фаҳмида наметавонад. Барои тасдиқи ин андеша мо аз "Ахлоқи Муҳсинӣ" як даста аз ин вожаҳоро меорем: **таяққуз, хибрат, маъдалат, мараммат, талофӣ, хамр, замр, эҳтишом, тамҳид, мақдур, шаҳна, мулозим, тақрир, муқтазо, тазаллум, тафаҳҳус, катман, мастур, рафъат, истеъҷоб, зовия, мулавван, масбут, мазаллат, тазарруъ, аззом, ситват, мазар** ва садҳо ба ҳаминҳо монанд вожаҳои дигари иқтибосии арабӣ истифода шудаанд, ки забони асарро мураккабу печида ва то андозае душворфаҳм гардонидаанд, чунончи:

Чунончи, майл ба суҳбати ахёру аброр воҷиб аст, иҷтинобу эҳтироз аз маҷолисати ашрор ҳам лозим аст [1, с.87].

Бояд ба таъкид бигӯем, ки дар кушодани мазмуни ҷумлаю матне, ки чунин вожаҳои арабии душворфаҳм дар онҳо бештар аст, як вижагии тарзи баёни нависанда, бешубҳа, ёрӣ расонидааст. Ин вижагӣ аз он иборат аст, ки муаллифи "Ахлоқи Муҳсинӣ" фикри худро аксаран бо як байт ё чанд байте хулоса мекунад ва хонанда аз он порчаи шеърӣ хулосаи нависандаро дарк менамояд. Мисол:

Ва ҳар оқили ҳушёр, ки ба сайқали иноят чанги ғафлат аз ойинаи хотир бизудояд ва бидонад, ки ҷоҳи дунё ва молу матои он наздик ба заволу интиқол аст, ҳароина ин маъниро

дархоҳад ёфт, ки ҳосил аз ояндагон ва равандагони ин саро чиз ба ёдгоре боқӣ нахоҳад монд ва ҳар иморати олӣ ва мавзеи шариф, ки аз табақоти мулук ва умарову аркони давлат ва тавонгарони ҳар мамлакат воқеъ шуда, асари он бар чароиди рӯзгор ва сафаҳоти адвори лайлу наҳор сабту мастур аст ва номи эшон назди ҳар арбоби ақлу нақл, балки пеши аксари асогиру акобири олам маъруфу машҳур [1, с.34].

Тавре ки мебинем, аксари вожаҳои матни фавқ арабианд ва қисми зиёди онҳо нофаҳмою камистеъмол буда, маъниашон ба фаҳми на ҳамаи доираи хонандагон дастрасанд. Ин мушкилотро байте, ки муаллифи асар овардааст, осон мегардонад, зеро байти зерин мазмуни матни фавкро инъикос кардааст:

Чун наемонад ҷаҳони беқарор,
Номи некӯ беҳ, ки монад ёдгор.

Иқтибосот аз дигар забонҳо дар асар он қадар нуфуз надорад, бинобар ин, аз баррасии онҳо худдорӣ намудем.

Хулоса, ҳарчанд ки луғати иқтибосии арабӣ дар асар зиёд бошад ҳам, нависанда кӯшиш кардааст, ки ба ин ё он тарзи баёни хосси худ мазмуну муҳтавои ҳар мавзуи мавриди назарро ба хонанда кушода диҳад.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.Ҷ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ / Кошифӣ, Ҳусайн Воиз // Ахлоқи Муҳсинӣ. Саргузашти Ҳотам. Тӯтинома. Энсиклопедияи насри тоҷику форс. - Душанбе, 2009. - С.7-128.
2. Абдуллоева, К.Р. Арабская лексика в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Восифи (Грамматические и стилистические особенности): автореф. дисс. канд. филол. наук / К.Р. Абдуллоева. - Душанбе, 1987. – 20 с.
3. Абдулхадов, Дж.З. Лексические заимствования в «Таърихи Байхаки» Хаджа Абулфазл Мухаммад бинни Хусайн Байхаки Дабира: автореф. дисс. канд. филол. наук / Дж.З. Абдулхадов. - Душанбе, 2017. - 21 с.
4. Давронов, А. Языковые особенности “Кабуснаме”: автореф. дисс. канд. филол. Наук / А.Давронов. – Душанбе, 1980. – 24 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе, 1987. – 232 с.
6. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони “Маҷмаъ-ут-таворих” / Г.Камолова. - Душанбе, 1984. - 136 с.
7. Касимов, О.Х. Лексика и словообразование в “Шахнаме” Абулкасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. - Душанбе, 2016. – 346 с.
8. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Муҳаммадиев. - Душанбе, 1981. – 63 с.
9. Саидов, Н.С. Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада / Н.С. Саидов. – Душанбе, 2016. – 252 с.
10. Ҳалимов, С. Забон ва услуби насри бадеӣ дар асрҳои XI-XII / С.Ҳалимов, // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1999. – С.137-142.
11. Шаропов, Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка: автореф. дисс. докт. филол. наук / Н.А. Шаропов. - Баку, 1974. - 68 с.

ЛЕКСИКАИ ХУДӢ ВА ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР “АХЛОҚИ МУҲСИНӢ”-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Дар мақола муаллиф лексикаи худӣ (тоҷикӣ) ва иқтибосии арабиро вобаста ба теъдоду доираи истеъмол дар асари насри ахлоқии “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳлил кардааст. Дар асоси таҳлилу баррасии маводи “Ахлоқи Муҳсинӣ” муаллиф ба натиҷае расидааст, ки дар ин асари ахлоқӣ вожаҳои арабӣ нисбат ба калимаҳои аслии тоҷикӣ хеле нуфуз дорад. Сабаби инро муҳаққиқ дар чанд омил медонад: аввал ин ки дар асри XV, ки ин асар таълиф шудааст, таълифи насри такаллуфӣ идома дошт; дуюм ин ки дар асарҳои ахлоқии адабиёти классикии тоҷик вобаста ба мавзуъ ва муҳтавои ин асар таъсиру нуфузи лексикаи забони арабӣ як равиши маъмул буд. Ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз вожаҳои иқтибосии арабӣ ба тарзе истифода кардааст, ки забони асар печидаю душвор нагаштааст ва хонанда мазмуну муҳтавои асарро мефаҳмад. Ғайр аз ин, дар асар ҷумлаҳое корбаст шудаанд, ки дар он калимаҳои арабӣ ниҳоят кам истифода шуда, бартарии асосиро вожаҳои худӣ (тоҷикӣ) доранд. Ба назари инҷониб, нависанда бо корбасти ин гуна ҷумлаҳо иқтидори забони тоҷикӣ, салосату нафосати онро нишон додааст. Дар мақола чун намуна ду ҷумла оварда шудааст, ки яке аз 14 калима иборат буда, ҳамагӣ 4 калимаи арабӣ дорад, дигар аз 15 вожа ташкил ёфта, дар он танҳо 3 калимаи арабӣ аст.

Калидвожаҳо: лексика, тоҷикӣ, арабӣ, осор, муаллиф, корбаст, мазмун, муҳтаво, ахлоқ, мансур, манзум, иқтибос.

СОБСТВЕННАЯ ЛЕКСИКА И АРАБСКАЯ ЦИТАТА В "АХЛОКИ МУХСИНИ" ХОСЕЙНА ВАЙЗА КОШИФИ

В статье автор проанализировал собственную лексику (таджикскую) и арабские цитаты на основе количества и сферы использования в нравоучительном прозаическом произведении «Ахлоки мухсини» Хоссейна Вайзи Кашифи. На основе анализа и обзора материала «Ахлоки Мухсини» автор пришел к выводу, что в этом нравственном произведении арабские слова имеют большее влияние, чем исходные таджикские слова. Причину этого

исследователь видит в нескольких факторах: во-первых, в XV веке, когда было написано это произведение, продолжалось написание художественной прозы; во-вторых, в нравоучительных произведениях таджикской классической литературы, в зависимости от тематики и содержания этого произведения, общим моментом было влияние лексики арабского языка. Интересно отметить, что Хоссейн Вайзи Кашифи использовал арабские цитаты таким образом, чтобы язык произведения не был сложным и читатель мог понять содержание произведения. Кроме того, в работе используются предложения, в которых редко используются арабские слова, а главное преимущество – родные (таджикские) слова. По мнению других, используя такие предложения, писатель показал силу таджикского языка, его изящество и изысканность. В качестве примеров в статье приведены два предложения, одно из которых состоит из 14 слов и содержит только 4 арабских слова, другое состоит из 15 слов и содержит только 3 арабских слова.

Ключевые слова: лексика, таджикский, арабский, произведения, автор, содержание, нравственность, мансур, поэма, цитата.

OWN VOCABULARY AND ARABIC QUOTATION IN "AHLOKI MUHSINI" BY HOSEYN VAYZ KOSHIFI

In the article, the author analyzed his own vocabulary (Tajik) and Arabic quotations based on the number and scope of use in the moralizing prose work "Ahloki Muhsini" by Hossein Vaizi Kashifi. Based on the analysis and review of the material "Akhloki Muhsini", the author came to the conclusion that in this moral work, Arabic words have a greater influence than the original Tajik words. The researcher sees the reason for this in several factors: firstly, in the 15th century, when this work was written, the writing of fiction continued; secondly, in the moralizing works of Tajik classical literature, depending on the subject and content of this work, the influence of the vocabulary of the Arabic language was a common moment. It is interesting to note that Hossein Waizi Kashifi used Arabic quotations in such a way that the language of the work was not complicated and the reader could understand the content of the work. In addition, the work uses sentences in which Arabic words are rarely used, and the main advantage is native (Tajik) words. According to others, using such sentences, the writer showed the power of the Tajik language, its elegance and sophistication. Two sentences are given as examples in the article, one of which consists of 14 words and contains only 4 Arabic words, the other consists of 15 words and contains only 3 Arabic words.

Key words: vocabulary, Tajik, Arabic, works, author, content, morality, mansur, poem, quotation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 77-888-98-58**

Сведения об авторе: ***Абдурахмонова Нилуфар Хайдаршоевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 77-888-98-58**

Information about the author: ***Abdurakhmonova Nilufar Khaydarshoevna*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 77-888-98-58**

ТДУ: 49-550-4

«ФАРҲАНГИ ЗАБОНҲОИ ОЛАМ…» ВА ҶОЙГОҲИ ЗАБОНҲОИ ФОРСИВУ ТОҶИКӢ ДАР ОН (навгонии илмӣ)

Шокиров Т.С.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Фарҳангнигории тарҷумавӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини забоншиносӣ буда, аз замонҳои қадим арзи вуҷуд дорад. Он аслан баробари робита пайдо кардани намояндагони ду лафз ё забонҳои гуногун, пеш аз ҳама, ҳамсояҳо падид омада, дар як муддати кӯтоҳ зуд интишор ёфт ва пайдоиши алифбову хат зарурату аҳаммияташро афзуд. Дар натиҷа кӯшишҳои дар шакле гирд овардани миқдори муайяни вожаҳои забон ва забонҳо асосу омили таҳияи луғатгунаҳо гардид. Нахустин унсурҳои луғатмонанди тоимрӯзрасида таърихи зиёда аз 3 ҳазорсола дошта, мансуби тамаддуни Шарқ аст. Дар Аврупо аввалин мусаввадаҳои луғатиро шуруъ аз асрҳои X-XI бо номҳои глоссария (лот. *Glossarium-гирдовардаи калимаҳо*) ва вокабула (лот. *Vocabulum* –вожа, ном, унвон) [8] омода кардаанд, ки фарогири тафсир ва тарҷумаи миқдори муайяни калимаҳои забоне будаанд.

Дар Россия чунин маҷмуаро шуруъ аз асри XI бо номи азбуковник (алифбоӣ) таҳия кардаанд, ки бинобар аз рӯйи алифбо таҳия шуданаш чунин ном гирифтааст. Бештар 200 азбуковник то замони мо расидаанд, ки вежагиҳои таълимиву тадрисӣ, маънавиётиву энсиклопедӣ доранд.

Аз асрҳои XIII-XVI азбуковникҳо асосан вазифаи луғатҳои тафсириро адо менамуданд, вале бархе вежагии тарҷумавӣ низ доштанд, ки дар онҳо калимаҳои нофаҳмову ношиноси диниву суннатӣ маънидод карда мешуданд ва дар бораи пайдоишашон маълумот дода мешуд. Чунин китобҳо то асри XVII мунташир мешуданд. Аз асрҳои XVII- XVIII дар Аврупо ва Россия ба ҷойи онҳо луғатҳои гуногуни дузабона ва бисёрзабона ба табъ расиданд [23].

Қадимтарин луғатгунаи то ин замон расидаи забони русӣ замимаи китоби «Новгородский Кормчий» (Роҳбалади Новгород) маҳсуб меёбад, ки соли 1282 дарҷ гардида, 174 вожаи қадими юнонӣ, славянии калисоӣ, баъзе калимаҳои «Инҷил» ва чанд исми хосро фаро гирифтааст.

Нахустин азбуковник (алифбоӣ)-и русӣ «калимаҳову мақолоти мухтасаран аз забони словенӣ ба забони одии русӣ ҷамъоварда ва тафсиршуда» маҳсуб меёбад, ки файласуф ва руҳонӣ Лаврентий Иванович Зизаний тартиб додааст ва он ба «Грамматикаи славянӣ» (1596) замима карда шудааст. Дар он 1061 калимаи славянии қадим ва вожаҳои славянишуда ҷой дорад.

Фарҳангномаи дигари чопии рус «Фарҳанги калимаҳои славянию русӣ» («Лексикон славенороссий»)-и суханшинос ва фарҳангнигори украин Памва Беринда мебошад, ки фарогири 6982 калимаи китобии славянии қадим буда, бо амиқиву возеҳиаш аз фарҳангҳои пешин фарқ мекунад. Мураттиб барои таҳияи он 30 соли умри хешро сарф карда, ба назарияҳои мавҷуда аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат намуда, бархе вожаҳоро аз назари нав баррасӣ кардааст. Онро бисёр мураттибони луғати тарҷумавии дузабона ва бисёрзабона чун сарчашмаи муҳим истифода бурдаанд.

Соли 1704 Федор Поликарпович Поликарпов-Орлов «Луғати сезабонаи хазинаи эллиниву юнонӣ ва лотинии аз китобҳои қадиму нав ҷамъоварда ва бо алифбои славянӣ мураттабгашта»-ро (Лексикон треязычный, еллиногреческих и латинских сокровище, из древних и новых книг собранное и по славенскому алфавиту в чин расположенное) таҳия намуд, ки нахустин фарҳанги сезабонаи бо ҳуруфи кириллӣ чопшудаест дар Россия [17, с.156]. Он нишонаҳои тарҷумавию тафсирӣ дорад. Дар фарҳанг 17328 калимаи русӣ ба забонҳои лотинӣ ва юнонӣ баргардон шуда, вожаҳо бо тартиби алифбо аз рӯйи се ҳарфи аввал ҷойгир шудаанд. Дар луғат таркиби луғавии забони русӣ дар асри XVII ва ибтидои садаи XVIII инъикос ёфтааст. Он асосан вожаҳои китобӣ ва славянии калисоро дар бар мегирад.

Дар аҳди Пётри I нахустин фарҳанги истилоҳоти хориҷӣ «Вокабулаи алифбоии калимаҳои нав» (Лексикон вокабулам новым по алфавиту) мураттаб гардид, ки 503 муҳимтарин калимаи хориҷиро бо тафсиру тарҷумаашон дар бар гирифтааст.

Дар асри XVIII диққату майли аҳли ҷомеа ба таърихи пайдоиши калимаҳо бештар гардида, тақозо намуд, ки қайдҳои этимологии Василий Кириллович Тредиаковский, Михаил Васильевич Ломоносов, Александр Петрович Сумароков, Василий Никитич Татишев ва дигар нависандагону олимон ба майдон оянд. Этимологияи (решашиносии) як қатор калимаҳои забони славянии калисо (охири асри XVIII - ибтидои асри XIX) нашр шудаанд.

Яке аз ёдгориҳои гаронбаҳои маданияти миллии асри XVIII «Луғати калисо» (**«Церковный словарь»**)-и протоиерей (унвони коҳини аршади насронӣ) Р.А. Алексеев мебошад [9, с.109]. Ин нахустин асарест оид ба таърихи лексикографияи рус, ки калимаҳои калисоро нисбатан пурратар тавсиф мекунад. Луғати мазкур «Илова» (Дополнение) низ дорад, ки ҳар ду дар маҷмуъ беш аз 20 ҳазор калимаро фаро гирифта, мукаммалтарин луғати то асри XIX буда, сарчашмаи пуразиши забоншиносии замон маҳсуб меёфт.

То асри XIX дар фарҳангнигории рус тарҷумаву тафсири калимаҳои забонҳои Ғарб, махсусан лотинӣ, бартарӣ дошт. Аз охирҳои садаи XVIII ва ибтидои асри XIX олимону фарҳангнигорони рус ба забонҳои шарқ, махсусан ба забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд, ки минбаъд ин раванд торафт ривоҷ ёфтааст.

Шарқшиносони шуравию рус, низ тасдиқ кардаанд, ки фарҳангнигории тарҷумавӣ ва махсусан, фарҳангнависӣ бо забонҳои Шарқ, аз ҷумла забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ, дар садаи XIX интишор ёфтааст [1; 7; 11; 13; 17; 18; 22]. Аммо бояд қайд кард, ки унсурҳои луғатнигории тарҷумавии форсиву русӣ ва русиву форсӣ барвақттар сурат гирифтааст. Масалан, маълум аст, ки дар саргаҳи фарҳангнигории рус шоҳи Империяи Россия Пётри I қарор дорад. Зеро маҳз ӯ супориш додааст, ки бояд бо забонҳои аврупоиву шарқӣ луғатҳои тарҷумавӣ таҳия карда шавад [4; 5; 9; 12; 15]. Баъди чунин супориш Академияи Россия расман ба фарҳангнигорӣ машғул гардидааст. Аммо С. И. Баевский нигоштааст, ки нахустин фарҳанги форсӣ-русиро «Феҳрасти вожаҳои Бухоро»-и Филлип Ефимов ҳисобидан мумкин аст [1, с.5]. Ф. Ефимов зимни сафари худ дар Осиёи Миёна (махсусан Бухорову Хева), Эрон ва Ҳиндустон вожаҳои истифодабурдаашро ҷамъоварӣ намуда, пас аз бозгашт 625 калимаи гӯё форсиро ба русӣ баргардон намуда, соли 1786 дар шаҳри Санкт-Петербург ба нашр расонидааст.

Солҳои 1787-1789 дар Санкт-Петербург бо мақсади амалӣ намудани супориши Екатерина II (тав.1729-ваф.1796) " *Сравнительные словари всех языков и наречий, собранные десницей Высочайшей особы императрицы Екатерины II*" («Фарҳангномаҳои муқоисавии ҳамаи забон ва гуфтори бо ҳидояти император *Екатерины II ҷамъоваришуда»*) зери таҳрири академик П.С. Паллас чоп мешавад, ки он луғати бисёрзабона, аниқтараш дусадзабона буда, мураттибон 285 вожаи русиро ба 200 забони олам (51 забони аврупоӣ, 149 забони шарқӣ) тарҷума кардаанд, ки дар миёни онҳо забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ низ мавҷуданд [6; 10;14;21;24].

Фарҳангнома дуҷилда буда, бо эҳтимоми гурӯҳи фарҳангнигорон Бакмейстер Логин Иванович, Вейтбрехт Иоганн Якоб, Воронцов Семён Романович, Дамаскин (Руднев Дмитрий Семенович), Паллас Петр Симон мураттаб гардидааст. Ҷилди аввали китоб соли 1787, дуюмаш соли 1789 манташир шудааст. Дар ҷилди аввали он академик П. С. Паллас вежагиҳои луғатро нишон додааст. Ҳам калимаҳои русӣ ва ҳам вожаҳои тарҷумашавандаи забонҳои дигар бо ҳуруфи русӣ сабт шудаанд. Он аз лиҳози фарогирии мавод яке аз мукаммалтарин фарҳангномаҳои давр маҳсуб меёбад (*Сравнительные словари всех языков и наречий, собранные десницей Высочайшей особы императрицы Екатерины II (Санкт-Петербург, 1787-1789, в 2-х* томах) [22].

Қобили қайд аст, ки феҳрасти калимаҳои русии луғатро иборат аз 285 моддаи луғати худи Екатеринаи II, ки аз ҷавонӣ ба луғатомӯзӣ рағбат дошт, тартиб дода, ба 200 забон баргардонидани онҳоро супориш додааст. Бо мақсади тезонидан ва амиқтар кардани сифати кор баъди муайян карда шудани ҳайати мураттибон Паллас П. С., ки бо фармони императори Россия муҳаррари масъули китоб таъин карда шуда буд, соли 1785 қабл аз оғози кор ба оммаи мамлакат бо забонҳои русӣ ва фаронсавӣ расман муроҷиат карда, кумак пурсид [9, с.11].

Соли 1786 феҳрасти русии луғат дар асоси вожаҳои пешниҳоднамудаи сарвари давлат ва иловаю тавзеҳот дар ҳудуди 462 калима дар воситаҳои ахбори омма дарҷ карда шуд. Нахустин вожаи феҳраст мисли нусхаи император Бог (Худо) ва небо (само, осмон) будааст. Матни муқова, сарсафҳа ва муқаддимаи китоб бо забонҳои русӣ ва лотинӣ сабт гардидаанд.

Китоб бори аввал чун нашри озмоишӣ бо теъдоди 500 нусха чоп шуда, нусхае аз онро ба Екатерина дастрас мекунанд, то шинос гашта андешаашро баён намояд. Екатеринаи II асарро умуман меписандад, вале як қатор эродҳояшро низ изҳор намуда, таъкид менамояд, ки шумораи калимаҳо бештар карда шаванд ва бо ҳамин нашри дигари ин китоб боздошта мешавад. Фақат 40 нусхаи онро китобфурӯши «Вейтбрехт» ба хонандагон фурӯхтааст бас. Дар муқаддимаи китоб муҳаррири масъули он менависад, ки дар раванди таҳия аз маводи ҷамъовардаи Бакмейстер Л.И., Вейтбрехт И.Я., Воронцов П.И., Дамаскин Д.С., Шляпкин И.Я., Паллас П.С. ва маводи аз губернияҳои Россия ва мамлакатҳои дигар фиристода низ истифода шудаанд.

Калимаҳои луғат ба мавзуъҳо (истилоҳоти акрабоӣ, узвҳожаҳо, номи рустаниҳо, ҳайвонот, гулу буттаҳо, феълҳо ва ғ.) гурӯҳбандӣ шуда, дар ҷилди аввал 130 вожа, дар ҷилди дуюм 155 вожаи русӣ ба забонҳои дигар тарҷума шудаанд. Барои сабти вожаҳо ба забонҳои дигар ҳуруфи криллӣ корбаст гардидааст. Дар нахустҷилди китоб бо мақсади кумак ба хонанда ҷадвали хониши ҳуруфи криллӣ бо забонҳои русӣ ва лотинӣ «Тавзеҳи вежагиҳои алифбои русӣ» (лот. *Explicatio litterarum Alphabeti Rossici*) ҷой дода шудааст. Луғат фарогири маводи лингвистиест, ки аз ҷониби муҳаррири масъул ва ҳайати он таҳия гардидааст.

Коршиносон бар онанд, ки маълумоти лисонии С. П. Паллас то имрӯз аҳаммияти илмию назариашонро гум накардааст [6; 10], зеро дар онҳо маводи бархе забонҳое ба мисли забонҳои енисей –аринӣ, ассанӣ мавҷуданд, ки ҳоло ба қатори забонҳои матрук гузаштаанд ва ин асар доир ба онҳо маълумоти қимати таърихӣ медиҳад.

Луғати мазкур ду маротиба чоп шудааст. Нашри аввал дар ду муҷаллад солҳои 1787—1789 бо номи *«Сравнительные словари всех языков и наречий, собранные десницей Высочайшей особы императрицы Екатерины II»* // лот. *Linguarum totius orbis vocabularia comparativa*), дуюмаш солҳои 1790-1791 таҳти унвони «Сравнительный словарь всех языков и наречий по азбучному порядку расположенный» ба табъ расидааст [22].

Ногуфта намонад, ки барои гирдоварии маводи забонҳои Амрикои Ҷанубию Марказӣ ва маълумоти иловагӣ[] оид ба забони баскӣ маҳз худи Екетеринаи II дахолат карда, аз шоҳи Испания Карли III дархост ба амал овардааст, ки дар кори ҷамъоварии мавод кумак расонад. Бо супориши Карли III роҷеъ ба 21 забони Амрикои Марказӣ мавод ирсол кардаанд, вале, мутаассифона, бархе аз онҳо вориди фарҳанг нашуда мондаанд [9, с.24].

Фарҳанг аз лиҳози таърихи забоншиносӣ, овошиносӣ, решашиносӣ, лаҳҷашиносӣ, вожашиносӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҷанбаи забоншиносии муқоисавии асар хусусияти амалӣ дошта, ҳар як калимаи русӣ ба забонҳои гуногуни хешу ғайрихеш пасиҳам ҷойгир шудаанд, ки хонанда бо андаке муоина айнияту наздикии забонҳоро зуд эҳсос менамояд.

Аҳаммияти фарҳанги мазкурро инчунин дар он бояд дид, ки луғат фарогири воҳидҳои луғавии бархе забону шеваҳои матрук, ба мисли забонҳои **енисеӣ, аринӣ ва ассанӣ** гардидааст, ки дар авохири асри XVIII аз байн рафтаанд. Асари номбурда нахустин ёдгории муосир оид ба забоншиносии муқоисавию таърихии миқёси ҷаҳонист.

Фарҳангномашиносони рус бар онанд, ки ин асар омили дар Аврупо таълиф гардидани асарҳои ҳамгун гардидааст [5; 11].

Соли 1773 яке аз мураттибони китоб нозири гимназияи академии Россия Людвиг Христиан Бакмейстер ба олимони мамолики гуногун мурочиат намуда, эшонро даъват намудааст, ки барояш серистеъмолтарину беҳтарин вожаҳои забонашонро фиристанд (“Idea et desideria de colligendis linguarum speciminibus”, Спб., 1773), то ба луғати мазкур ворид карда шаванд. Ба ҳамин минвол, дар як муддати кӯтоҳ маводи фаровон ҷамъ омад ва ӯ ба коркарду таснифи онҳо пардохт.

Байни гурӯҳи корӣ вазифа ва забонҳои фарогири луғат тақсим карда шудааст. Ба академик С.Б. Гмелин аз забону гуфторҳои сибирӣ, бурятӣ, туркӣ, форсӣ ва чанд забони дигар, Д. Фальк аз забонҳои тоторӣ, вотякӣ, қирғизӣ (қароқирғизӣ), тоҷикӣ (бухороӣ), қалмиқӣ ва ғ., И.И. Лепехин аз забонҳои зирянӣ, пермӣ ва ғ., Г. Гюлденштейн аз забонҳои қафқозӣ (забони гурҷӣ ва гуфторҳои картвелӣ, мингрелӣ, суанӣ, чеченӣ, ингушетӣ, лазгинӣ ва ғ.) гирд овардани калимаву ибора ва таъбирот вобаста карда шуда буд ва ин кор дар муддати хеле кӯтоҳ ба иҷро расид.

Соли 1785 П.С. Паллас барномаи нави ҷамъоварии намунаи калимаҳову забонҳоро барои луғат таҳия карда, ба губернияҳои империяи Россия ва Аврупову Амрико ирсол менамояд ва бо мақсади сабуктару мушаххастар ва воқеитар кардани кори онҳо намунаи

фаронсавии лоиҳаи луғати соли 1786 дар Санкт-Петербург нашркардаро ирсол намуд (Modele du vocabulaire qui doit servir a la comparaison de toutes les langues). Ҷавобан ба муроҷиат нафарони зиёд маводи гуногуну ҷолиберо аз тарҷумаи калимаҳо то ба феҳраст ва китобу ҷилдҳои сершумори ватаниву хориҷӣ ба ихтиёри ҳайати корӣ ирсол кардаанд. Чунин ташкили кор ва фаъолияти аҳли зиё имкон дод, ки аллакай соли 1787 ҷилди аввал ва соли 1789 ҷилди дуюми он дар шаҳри Санкт-Петербург аз нашр барояд, ки дар байни ин 200 забони ҷаҳон забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ низ алоҳида ҷой гирифтаанд.

Албатта, бисёр калимаҳо аз нигоҳи имрӯза дар шаклу гунаи дигар ва ғайримаъмулӣ, ҳатто ғалату нодуруст ё дар гунаи шевагию лаҳҷавиашон баргардон шудаанд, вале мавҷуд будани онҳо, аллакай, маводи таҳқиқ маҳсуб меёбанд. Ҷиҳати дигараш он аст, ки ҳанӯз дар саргаҳи фарҳангнигории тарҷумавии рус, ки ҳоло Россия сарзамини Осиёи Миёнаро ба тасарруфи хеш надароварда буд, забони тоҷикиро чун гуфтор ё забони алоҳида ҳисобида, калимаҳои ин забонро ба қатори 200 забони роиҷ ворид кардани мураттибон ва махсусан императори ин кишвар аз нуфузи забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Аз лиҳози сеюм, муқоисаи вожаҳои ин забонҳо низ умумияту фарқи таркиби луғавии ин забонҳоро то андозае муайян карда метавонад. Вале бояд қайд кард, ки калимаҳои луғатро маҳаки боэътимод ҳисобидан нашояд, зеро бархе аз онҳо бинобар ноогоҳии мураттибон ва маводи фиристодаи намояндагони гуногун ва мардуми маҳаллӣ бо вуҷуди муодили нодурусти калимаҳои адабиву умумиистеъмол буданашон дар луғат роҳ ёфта, гунаи қобили қабул аз назари таҳиягарон дур мондааст.

Маҳз академик П.С. Палласро масъул таъин кардани император низ тасодуфӣ набудааст, зеро ҳини сафарҳояш ба губернияҳову маҳалҳои Россия ӯро ин олим ҳамроҳӣ карда, зуфунун буданашро исбот намуда, сазовори боварию эътимоди императормалика гаштааст [1, с.223-224; 2]

Сармуҳаррири китоб П. С. Паллас худ табиатшинос буда, дар экспедитсияву саёҳат ва сафарҳои зиёд гашта, бо мардуми мухталиф сарукор гирифта, маҳорати гирд овардани маводро омӯхтааст ва бинобар он, бо кумаки халқ ба чунин кори муҳим камар бастааст.

Фарҳанги мазкури П. С. Паллас аз лиҳози сохтор, фарогирии мавод ва муҳтаво хеле ҷолиб аст.

1.Китоб *«Сравнительные словари всех языков и наречий, собранные десницей Высочайшей особы императрицы Екатерины II»* ном дошта, дар муқова ва сарсафҳа тарҷумаи лотинии он низ сабт шудааст: *Linguarum totius orbis vocabularia comparativa.*

2.Дар се саҳифаи аввали китоб аз рӯйи муносибати хешутаборӣ ва мансубияти забон ба ҳудуди Россия ба тартиби алифбоӣ ҷойи забонҳо бо рақами алоҳида муқаррар карда шудааст. Рақами забони русӣ таҳти рақами 1, форсӣ -76, тоҷикӣ- 102, курдӣ-77; афғонӣ-78; арабӣ-85 ҷойгир шудаанд:

76-Персидски – Хутья, худа, худовантъ, хадивъ;

77 – Курдски – Худи, Кула;

85 – Арабски - Аллάа

102-Бухарски – Худай, Худо [1, с.2].

3. Сохтори фарҳанг барои хонанда мувофиқ карда шудааст ва танҳо усули тарҷумаи калимаҳо ҷой дода шуда, усули тафсир умуман истифода нагардидааст.

4. Китоб дуҷилда буда, дар муқоваи сахти хокистарранг ҷилдбандӣ шудааст. Ҷилд бо калимаи қисм (часть) ифода шудааст. Ҷилди аввал аз пешгуфтори муҳаррири масъул, академик П. С. Паллас (саҳ. I-VI), луғат (саҳ. 1-413), ҷилди луғати вожаҳо (саҳ. 1-470) ва шумораҳо (саҳ. 471-485)-ро дар бар гирифтааст. Саҳифаҳои пешгуфтор бо рақамҳои римӣ дарҷ шудаанд. Дар анҷоми луғат шумораҳои забони русӣ аз 1 то 1000 ба 200 (саҳ. 471-490) забон тарҷума шудааст.

5. Дар охири ҷилди 2-юм мундариҷаи умумии луғат дода шудааст, ки дар он таҳти унвони «Роспись словамъ, въ двухъ частяхъ первого отделения, входящихся» (Феҳрасти вожагони шомили ду қисми шуъбаи аввал) ҷой дода шудааст. Дар он моддаҳои луғатӣ аввал бо забони русӣ ва ҳарфи криллӣ, дар рӯбарӯйи ҳар як вожаи русӣ тарҷумаи лотинии онҳо дода шудааст, ки қисми якум аз 1 (Бог-Deus) то 130 (Зелень-Qramen) ва қисми дуюм аз 131 (Дубъ-Quercus) то 273 (Вотъ-Ecce, Vide)-ро дар бар мегирад. Миқдори умумии моддаҳои луғатӣ 273 калима аст.

6. Баъди луғати калимаҳо таҳти рақамҳои 274-285 шумораҳо дар забонҳои марбута аз русӣ тарҷума карда шуда, зери унвони «Шумора дар мардуми Аврупо ва Осиё» («Числа

Европейских и Азиатскіхъ народовъ, Numeralia Populorum Europe et Africe») бо саҳифаҳои ҷойгиршавиашон оварда шудаанд.

7. Моддаҳои луғатӣ (маъмулан **моддаи луғавӣ** мегӯянд, ки ғалат аст, зеро **воҳиди луғавӣ-** *лексическая единица* ва **воҳиди луғатӣ-** *словарная единица* бояд шавад - Ш. Т.) на за рӯйи алифбо, балки аз ҷиҳати соҳа ҷой дода шудааст.

8.Тартиби ҷойгузинии забонҳо бо русӣ оғоз гардида, пас забонҳои славянӣ, ирландӣ, юнонӣ, лотинӣ, романӣ, германӣ, балтикӣ, албанӣ, венгерӣ, финуугорӣ, эронӣ (форсӣ, бухорӣ-тоҷикӣ, афғонӣ-дарӣ, курдӣ, асетинӣ), туркӣ, полеоосиёӣ, ҳиндӣ, осиёӣ ва ғ. омадаанд.

9. Калимаи русӣ чун сарвожа алоҳида дар миёнаи сарсатри саҳифа бо рақами тартибӣ, вале аз рӯйи соҳа бо ҳарфи калони сиёҳи баланд сабт гардида, баъд аз сатри поён тибқи рақами тартибии муқарраркардашуда аввал номи забон, баъд дар рӯбарӯйи он пас аз аломати тире як ё чанд тарҷумаи калимаи мазкури русӣ ба забонҳои фарогири луғат оварда мешавад. Маротибаи аввал баъди рақами тартибӣ моддаи луғатӣ бо ҳарфҳои калон (**146. МУХА)** ва дар саҳифаҳои дигар бо ҳарфҳои хурд (146.Муха) навишта мешавад.

Нахустзабони тарҷумашаванда пас аз рақами тартибии 1. Бо пешоянди русии По … ҷой дода мешавад. Пеш аз номи забонҳои дигар бар ивази **По** аломати тире(-) гузошта, баъд номи забон ва тарҷума нишон дода шудааст:

146. МУХА

1. По Славянски – Муха [2, с.48].
2. - Славяновенгерски – Муха

6.- Иллирійски – (2, с.48).

10. Рӯбарӯйи номи забоне, ки тарҷумаи калимаи даркориро мураттибон дарёфт накардаанд, аломати китобати сенуқта (…) гузошта шудааст, ба умеде, ки хонандагон дар сурати пайдо кардани муодили он калимаро сабт намоянд. Масалан, бештар аз 50 маврид ба назар расид, ки дар рӯбарӯйи калимаҳои афғонӣ (дар луғат таҳти истилоҳи **афғонӣ** забони паштунӣ дар назар дошта шудааст) ба ҷойи муодилҳояшон аломати китобати сенуқта мондаанд: **Дѣва**-авгански- … [1, с.34], **Мальчикъ**-По афгански - … [1, с.37], **Ноздри**-афгански- … [1, с.59] ва ғ.

11. Ҳам калимаҳои русӣ ва ҳам калимаҳои забонҳои дигар бо ҳуруфоти криллӣ сабт шудаанд, ки аз мисолҳои овардаамон маълум кардан мумкин аст.

12. Дар аксар маврид дар тарҷума гунаҳои умумиистеъмол ё халқии калимаҳо истифода шудаанд: **Домъ- по персидски- Ханя [2, с.117];**

169. ДВЕРЬ- по персидски- Теръ, Даръ, Кяваръ [2, с.119];

ГОРОДЪ - по таджикски- Мядине, Шегеръ, Шаръ, Калѓ [2, с.126] ва ғ.

13. Фарҳанг як қатор хусусиятҳои транскрипсияи фарҳангнигории хосси он давраро дорост. Пеш аз ҳама, бинобар бо ҳуруфи русӣ сабт гардидани вожаҳои тоҷикиву форсӣ аксари калимаҳо таҳриф ёфтаанд. Мураттибон ҳангоми сабти калимаҳо вежагиҳои талаффузи русиро ба инобат гирифтаанд, ки дар натиҷа бисёр калимаҳо дар шакли ғайримаъмуливу ғайриимлоӣ чоп шудаанд: **БОГ- 76 –Персидски- Хушья, худа, худовантъ, хадивъ; 102 -Бухарски - Худаи, Худо. [ч. 1, с.2); НЕБО-102 -Бухарски - ФелекЪ, АсманЂ]ч. 1, 5]**. Дар фарҳанг таҳти рақами 76 ҳамаи калимаҳои русӣ ба форсӣ баргардон шудаанд. Аз мисол аён аст, ки муодили форсии вожаи русии **бог** ба забони форсӣ тибқи талаффузи мардумӣ ва бо ҳуруфи криллӣ сабт шуда, талаффузи русии калима ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар натиҷа, вожаи **хутья** бо аломати ҷудой, калимаи **худо** овози **«о»** ба **«а»,** дар калимаи **худовантъ «д»** ба **«т»** иваз карда шудааст.

Барои ифодаи овози «**о**» ҳарфи «**а**» ба кор рафтааст: **Асмонъ** [1, с.5], **Ату (ба маънои падар;** 1, с.8].

14. Гоҳо гунаҳои вожа нишон дода шудааст: **Намъ, Номъ** [1, с.168]. Дар калимаҳои забони форсӣ барои ифодаи овози «**а**» ҳарфи «**е**» истифода шудааст, ки ба талаффузаш наздиктар аст: **Педеръ, Педаръ** [1, с.8]. Барои ифодаи овози «**а**» ва «**ё**»-и тоҷикӣ ҳарфи «**я**» кор фармуда шудааст, ки ба талаффузи русии ин овоз наздик аст: **Пядяръ** [1, с.8]; **фурьядъ [дар форсӣ;** 1, с.171], **фюрьядъ [дар тоҷикӣ;** 1, с.172], **Ферьядъ [дар арабӣ;** 1, с.171].

15. Ҳарфи «Г»-и криллӣ барои ифодаи овозҳои «г» (крикъ-бангъ), «ғ» (калимаи «**шумъ»**-и русӣ дар форсӣ-**Сетъа́**, **Гулгуло**- барои ифодаи ғулғула, **Гауга**-ғавғо; дар тоҷикӣ-**Гулгулъ, Джяньджалъ**) ва «ҳ» (**Рож**-донеи гендуми сіагъ-донаи гандуми сиёҳ; 1, с.33] истифода гардидааст.

16. Гоҳо як калимаи русӣ бо якчанд гунаи форсӣ ё тоҷикиаш тарҷума шудааст: **Слово** -Суххенъ, Суханъ, Сяхнъ, Соканъ (форсӣ; **1, с.181**); Сяхенъ, Габсалъ (тоҷикӣ; 1, с.181].

17. Дар асарҳои ҳамгуни русӣ ва забонҳои шарқӣ овози «ҳ» бо «h» ишора шудаанд: **Утро**- cahap, субh, субх.

18. Забони тоҷикӣ бо унвони бухороӣ (Бухарски) омадааст. Дуюмин калимаи фарҳанг НЕБО ба тоҷикӣ **фалак** ва **осмон** тарҷума гашта, дар вожаи **фалак** ҳангоми чоп ҳарфи «а» ба «е» ва дар калимаи **осмон** «о» ба **«а»** сабт шудаанд. Чун қоида дар охири калимаи бо ҳамсадо ба итмом расида «ъ» менавиштанд, бинобар он, дар сабти вожаҳои ғайрирусӣ низ ҳамин принсип риоя шудааст.

19. Дар охирон саҳифаи китоб тавзеҳ ва тасҳеҳи мураттибон оид ба иштибоҳоту тағйироти фарҳанг сабт гардидааст.

20. Аз мутолиаву таҳлили маводи луғат маълум, ки дар он давра ҳанӯз барои ифодаи овозҳои хосси форсиву тоҷикӣ аломатҳои махсуси транскриптсионӣ кор карда нашуда будаанд [15].

Баъди китобро чоп карда ба Екатеринаи II супоридан, Малика бо асар ошно гашта, ба хулосае мерасад, ки фарҳанги мазкур бо ҳамин ном, вале бо тағйироту такмил ва илова аз нав таҳия ва чоп карда шавад. Барои омода кардани луғат бо сардории Ф. И. Янковский ҳайати нави корӣ ва таҳририя таъин менамояд.

Дар нашри дуюм бархе аз вожаҳо ислоҳ низ шудаанд. Масалан, калимаҳои зерини дар ҷадвал овардашударо дар фарҳанги нашри аввал ва сонӣ муқоиса мекунем. Дар катаки аввал тарҷумаи фарҳанги П. С. Паллас, дар катаки поён тарҷумаи фарҳанги Ф. И. Янкович де Мириево(Янковский) оварда шудааст. Ин андешаву пиндорро маводи луғатҳои дигари баъдинаи начандон дури фарҳангнома собит менамоянд. Масалан, калимаҳои зерин чунин тарҷума шудаанд:

Русӣ	Форсӣ	Бухорӣ
Листьи	перкера, баргга, беркира (с.8)	беркъ, бергъ (с.8)
	Перкега (Баргаҳо, ҷ.3,с.409)	
Плоды	мевага, мевазор, денега (2, с.11);	тухум, аваш (с.11)
	Мивазаръ (3,с. 134), мевахао (3, с.134)	
Кора	пустъ, пусти чубъ (14)	пустунъ, сія (15)
	Пусть; Пустичубь (3, 167)	Пустунь (3, с.167), Сія (4,67),
Корень	пихъ, реша, рекъ (18)	асыхъ, рыкъ (раг, 18)
	Бояемь (2,212), Риша (3, 501), Пихь (3, 427), Рекь (3, 493)	Рыкь (3, 515)
Сукъ	шахъ, гиреги чубъ (20)	сукъ далъ, шахъ (21)
	Шахь (4, 513)	Шахь (4, 513)
Поле	Ябанъ (ёвон), чолубіябанъ(чӯлу биёбон), дусъ, дештъ (дашт, 23)	саҳра, ябанъ (саҳро, ёвон, 24)
	Дешптъ (3,29), Дусь (3,78), Ябань (4, 583),	Сахра (4, 26), Явань (4, 583),
Лугъ	Семзисаръ, сабзезор, гиягзаръ (қиёқзор, 27)	Чаманзоаръ, тагъ (27)
	Семзисарь (4,40), Сабзезорь (4, 2)	Чамянзарь (4, 467), Таг (4,146)
Жито	Ендимъ, нонсиагъ, артъ, човъ (30)	Чаударъ (ҷавдор), баръ(30) Барь (1, 152)
	Ендимь (3, 127), Нонісіагь (3, 273), Човь (4,491)	Тярякя(4, 287), Чаударь (4,472)
Рожь	Хиліле, донеи гендуми сіагъ, кендюмъ (гандум,33)	Тярякя, сіябогдай (34)
	Донеигендуми сіагь (3,63), Кендюмь Кендюмь (3, 360)	Сіябогдай (4, 67),
Овесь	Джлу, Еццу, тилиши асп (36)	Гулафъ (37)
	Тилитіаспь (4, 203)	Гулафь (3,277)
Виноградъ	Енгуръ, ангуръ, чарапъ (39)	Мяизъ, ангуръ (40)
	Енгурь (3, 126), Чарапь (4,470)	Мяизь (3,197)

Чанде аз ин калимаҳо дар «Фарҳанги русӣ тоҷикӣ»-и Адалберт Викентевич Старчевский, ки 10-11 сол пас аз нашри ин луғат, аниқтараш соли 1886 дар Санкт-Петербург ба табъ расидааст, ба тарзи дигар сабт шудаанд, ки аз нишонаи тафовути замонӣ мебошад: древесный листь-бäркъ (697), зерно, сѣмья, яйцо-тухмъ (777), кора-постъ (758), виноград-ангюръ (678). Вожаҳои дигари ҷадвал дар луғати Старчевский А. В. пайдо нашуданд.

Аз саҳ. 471 таҳти унвони «Числа европейскихъ и азиатскихъ народовъ» Қисми шумораҳои 222 забони Аврупо ва Осиёи шомилии фарҳанг аз як (1) то ҳазор (1000) бо тарҷумаашон дода шуданд.

Ҳамин тавр, дар фарҳангнигории тарҷумавии рус забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ мақоми махсус дошта, маводи онҳоро чи дар фарҳангҳои дузабона ва чӣ бисёрзабона метавон пайдо намуд, ки луғати мазкур яке аз онҳост.

А Д А Б И Ё Т

1. Баевский, С.И. Ранняя персидская лексикография XI-XV вв. / С.И. Баевский. - М.: Наука, 1987. - 164 с.
2. Берков, В.П. Двуязычная лексикография Учебник. — 2-е изд., перераб. и доп. / В.П. Берков. - М. : Астрель: АСТ: Транзиткнига, 2004. - 236, [4] с.
3. Бондарь, Л.Д. Лингвистические экспедиции императорской Петербургской академии наук в Сибирь в XVII-XIX вв.: вклад в становление отечественного языкознания в области языков сибирских народов / Л.Д. Бондарь // Ученые записки Санкт-Петербургского университета управления и экономики. - 2016. - № 1 (53). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/lingvisticheskie-ekspeditsii-imperatorskoy-peterburgskoy-akademii-nauk-v-sibir-v-xviii-hix-vv-vklad-v-stanovlenie-otechestvennogo (дата обращения: 19.12.2022).
4. Булич, С.К. Очерк истории языкознания в России XIII–XIX вв. / С.К. Булич. - Изд. 2-е. - М.: УРСС: Либроком, 2010.
5. Вдовин, И.С. История изучения палеоазиатских языков / И.С. Вдовин. - Изд-во Академии наук СССР, 1954. – 176 с.
6. Волошина, О.А. «Сравнительный словарь всех языков» Петра Симона Палласа / О.А. Волошина // Вестник ННГУ. 2012. - №6-1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/sravnitelnyy-slovar-vseh-yazykov-petra-simona-pallasa (дата обращения: 02.03.2021).
7. Воҳидов, А. Фарҳангнигории тоҷикӣ-форсӣ дар асрҳои X-XIX / А. Воҳидов. - Самарқанд, 2018. – 144 с.
8. Глоссария.-// https://gufo.me/dict/bes/
9. Гребенников, А.О. Русская лексикография: история и перспективы / А.О. Гребенников // Философия и гуманитарные науки в информационном обществе. – 2017. – № 1. – С.107–120. URL: http://fikio.ru/?p=2382.
10. Dedenbach-Salazar Sáenz, S. (2006). Quechua for Catherine the Great: José Joaquín Ávalos Chauca's Quechua Vocabulary (1788). International Journal of American Linguistics, 72(2), 193—235. doi: 10.1086/507165
11. Ивинский, А.Д. Екатерина II и «Сравнительные словари всех языков и наречий» / А.Д. Ивинский //Русская речь. - 2016. - №. 5. - С.75-81.
12. Каминская, Л.Н. К истории создания первого российского универсального словаря 1787, 1789 (Kaminskaia L.N. On the history of creation of the first Russian universal dictionary 1787, 1789) / Л.Н. Каминская // Ученые записки НовГУ. 2016. № 1 (5). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/on-the-history-of-creation-of-the-first-russian-universal-dictionary-1787-1789 (дата обращения: 15.12.2022).
13. Капранов, В.А. Таджикско-персидская лексикография в Индии в XVI-XIX вв. / В.А. Капранов. - Душанбе: Дониш, 1978. - 221 с.
14. Козырев, В.А. К 59 Лексикография русского языка: век нынешний и век минувший: монография. - 2-е изд., испр. и доп. / В.А. Козырев, В.Д. Черняк. - СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2015. - 631 с.
15. Мамадназаров, А. Становление и развития таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. / А.Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 416 с.
16. Murodova, A. Some Breton words in the dictionary of the Russian empress / A.Murodova // Parallels Between Celtic and Slavic: Proceedings of the First International Colloquium of Societas Celto-Slavica Held at the University of Ulster, Coleraine, 19-21 June 2005. - Stationery Office, 2006. - Т.1. - №. 1.1. - С.143-148.
17. Ольденбург, С.Ф. Академия наук СССР за двести лет / С.Ф. Ольденбург. - Л.: ЛГУ, 1925.
18. Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: МГУ, 1975. - 198 с.
19. Рамазанова, Д.Н. «Лексикон треязычный» Фёдора Поликарпова в собрании Музея книги Российской Государственной библиотеки / Д.Н. Рамазанова // Вивлиофика: История изучения книжных памятников. Вып. 1. – М.: Пашков Дом, 2009. - С.156-176.
20. Рубинчик, Ю.А. Лексикография персидского языка / Ю.А. Рубинчик. -||fir-vst.livejournal.com›147813.html
21. Словарь Академии Российской. В 6 т. - СПб: Императорская Академия Наук, 1789-1794.
22. Сравнительные словари всех языков и наречий, собранные десницей Высочайшей особы императрицы Екатерины II (Санкт-Петербург, 1787-1789, в 2-х томах).-//https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.5180dce1-637681bb-b95f1592 74722d776562 /https/en. wikipedia. org/wiki/Pallas,_Peter_Simon
23. Fionnáin, Mark Ó. «Scottish Gaelic in Peter Simon Pallas's Сравнительные Словари». ANGLICA-An International Journal of English Studies 29.3 (2020): С.113—123.
24. Шокиров, Т.С. Фарҳангномаи тарҷумавӣ ва вижагиҳои он / Т.С. Шокиров // Паёми ДДОТ, 2018. - № 2. - С.88-93.

«ФАРҲАНГИ ЗАБОНҲОИ ОЛАМ…» ВА ҶОЙГОҲИ ЗАБОНҲОИ ФОРСИВУ ТОҶИКӢ ДАР ОН

(навгонии илмӣ)

Фарҳангнигории тарҷумавӣ яке аз қадимтарин машғулиятҳои инсонӣ буда, аз замонҳои куҳан дар рушди забон саҳми хосса дорад ва дар ҳар давру замон вежагиҳои худро касб мекунад. Таърихи пайдоиши он дар Шарқ муқаддамтар буда, дар Ғарб ба садаи XIII рост меояд, вале минбаъд бо суръати тез рушд мегирад. Дар асри XVIII бо фармони Екатеринаи II дар Россия фарҳангномаи дусадзабонае таҳия гардидааст, ки баробари аксар забони олам вожаҳои забонҳои форсиву тоҷикиро низ фаро гирифтааст, вале мутаассифона,

он дар фарҳангнигории тоҷик ҳанӯз маълум нест. Фарогирии мавод, сохтор ва вежагиҳои лексикографии асар хеле ҷолиб аст. Муаллифи мақолаи мазкур чун навгонии илмӣ оид ба хусусиятҳои мазкури ин луғат маълумоти мухтасар манзур карда, таъкид доштааст, ки омӯзиши он метавонад ба забоншиносии тоҷик маводи зиёди лингвистӣ, таърихӣ, этнографӣ ва сиёсиву иқтисодӣ диҳад. Махсусан, ба қатори 200 забони асри XVIII шомил гардидани забони тоҷикӣ ва бо истилоҳи бухорӣ ифода гардидани забони тоҷикӣ хеле ҷолиб буда, қобили баррасист.

Калидвожаҳо: забон, сухан, гуфтор, луғат, истилоҳот, таркиби луғавӣ, моддаи луғавӣ, тарҷума, синоним, фарҳанги тарҷумавӣ.

«СЛОВАРЬ ЯЗЫКОВ МИРА...» И МЕСТО В НЕМ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

(научные новости)

Переводная лексикография является одним из древнейших видов человеческой деятельности. Она вносит особый вклад в развитие языка с древнейших времен и приобретает свои особенности в каждую эпоху. История ее возникновения на Востоке более ранняя, а на Западе она восходит к XIII веку, но развиваться быстрыми темпами. В XVIII веке по приказу Екатерины II в России был создан словарь двухсот языков, в который, наряду с большинством языков мира, вошли слова персидского и таджикского языков, но, к сожалению, до сих пор он не известен в таджикской лексикографии. Очень интересен охват материала, структура и лексикографические особенности книги. Автор данной статьи в качестве научной новизны представил краткую информацию об особенностях этого словаря и подчеркнул, что его изучение может дать много лингвистического, исторического, этнографического, политического и экономического материала таджикскому языкознанию. В частности, очень интересным и заслуживающим внимания является включение таджикского языка в число 200 языков 18 века и выражение таджикского языка термином бухари.

Ключевые слова: язык, речь, словарь, лексика, лексический состав, лексическая единица, перевод, синоним, переводческая культура.

"THE DICTIONARY OF LANGUAGES OF THE WORLD..." AND THE PLACE IN IT OF THE PERSIAN-TAJIK LANGUAGES (scientific news)

Translation lexicography is one of the oldest types of human activity. It has made a special contribution to the development of the language since ancient times and acquires its own characteristics in each era. The history of its occurrence in the East is earlier, and in the West it dates back to the 13th century, but it develops at a rapid pace. In the 18th century, by order of Catherine II, a two-hundred-language dictionary was created in Russia, which, along with most of the world's languages, included the words of the Persian and Tajik languages, but, unfortunately, it is still not known in Tajik lexicography. The scope of the material, the structure and lexicographic features of the book are very interesting. The author of this article, as a scientific novelty, presented brief information about the features of this dictionary and emphasized that its study can give a lot of linguistic, historical, ethnographic, political and economic material to Tajik linguistics. In particular, the inclusion of the Tajik language among the 200 languages of the 18-th century and the expression of the Tajik language by the term Buĸhari is very interesting and noteworthy.

Key words: language, speech, speech, dictionary, vocabulary, lexical composition, lexical unit, translation, synonym, translation culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шокиров Туғрал Сироҷович*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, профессори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, микрорайони 17, б.1. E-mail: **shokirov1953@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-634-51-00**

Сведения об авторе: ***Шокиров Туғрал Сирожович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, профессор кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, д.1. E-mail**: shokirov1953@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-634-51-00**

Information about the author: ***Shokirov Tugral Sirozhovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Professor of the Tajik Language Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, b.1. E-mail: **shokirov1953@mail.ru.** Phone: **(+992) 92-634-51-00**

ТДУ: 831.550

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ТАШАККУЛИ АНТОНИМҲО ДАР «НАФАҲОТ-УЛ-УНС» ВА «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Антонимҳо ҳамчун муҳимтарин воситаи муассири баён барои возеҳу равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон мебозанд. Онҳо дар ҳолатҳои гуногуни нутқ истифода гардида, бештар дар як матни алоқаманд (одатан дар як ҷумла) дучор мешаванд ва ба аломату хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти муҳокимашаванда далолат мекунанд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад [ниг.: 5, с.99-100; 19, с.128; 13, с.127; 14, с.69].

Мафҳуму маъноҳои ба ҳам зид одатан ба тариқи қиёс ифода меёбанд. Аз замонҳои қадим чунин мафҳуму маъноҳо бо таъсири муҳити беруна ва дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётии одамон барои фозеҳу таъсирбахш ифода ёфтани фикр ба кор бурда мешуданд. Беҳуда нест, ки дар бисёр ёдгориҳои хаттии қадим, афсонаву ривоятҳои мардумӣ муқобилгузориҳо мушоҳида мешаванд. Ба монанди: *«**Бой** ва **хизматгор**»* (афсонаи халқӣ); *«**Хайр** ва **Шарр**»* (асари Низомии Ганҷавӣ) ва ғ. Бунёди аксар мақолу зарбулмасалҳоро низ муқобилгузорӣ ташкил медиҳад. Масалан: ***Замин паст**у **осмон баланд***; *Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст* ва ғайра [ниг.: 14, с.69].

Сабаби серистеъмол будан ва дар гуфтору баён ва эҷоди бадеӣ зиёд дучор гардидани антонимҳо ба табиати ҳастии олам вобаста дониста мешавад [ниг.: 7, с.5-8; 10; 11, с.143; 16, с.6; 9, с.102; 5, с.99-100]. Аз ҳамин сабаб муҳаққиқи рус Л.А. Новиков шарҳи илмии муқобилгузориҳоро *«ба асоси фалсафӣ ва мантиқии онҳо»* вобаста медонад [11, с.143]. Ҳ. Маҷидов ин воҳидҳои луғавиро *«ҳодисаи ниҳоят инкишофёфтаи забон»* меҳисобад, ки *«бо раванди ҳодисаҳои ба ҳам зиди табиат ва ҷамъият робитаи бевосита доранд ва инъикосгари қонуниятҳои ягонагии олам ва муборизаи ба ҳам зидҳои паҳлуҳои мухталифи он буда, он тазодҳои олами воқеиро дар шакли воситаҳои ифоданоки луғавӣ акс мекунанд»* [8, с.81-82].

Аз ин воситаҳои муассирии тарзи баён, яъне антонимҳо нигоранда бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ҳарчанд муқобилгузорӣ дар назм ниҳоят зиёд истифода гардида, боиси таъсирбахш ва пуробурангу ҷолиб ифода ёфтани фикр мешавад, вале насри бадеӣ низ аз ин истисно нест, зеро зиндагӣ худ аз тазодҳо иборат аст ва тасвири ҳамин тазодҳо нависандаро водор менамояд, ки аз калимаҳои муқобилмаъно истифода барад. Зидмаъноӣ бештар хоси калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият ва ҳаракат мебошад, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки танҳо сифату зарфҳо ва феълҳо антоним мешуда бошанд [ниг.: 16, с.8], зеро калимаҳои ифодакунандаи ашёву предметҳо низ ҳангоми ифодаи ягон хусусияти ашёву ҳодисаи воқеият муносибати зидмаъноиро ифода карда метавонанд [ниг.: 8, с.82].

Дар забони тоҷикӣ дар мавзуи антонимҳо муҳаққиқони алоҳида кор кардаанд [ниг.: 2, с.25-27; 7, с.5-8; 16; 15]. Дар забоншиносии рус бошад, доир ба антонимҳо тадқиқоти ҷудогона мавҷуд аст. Инчунин дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ низ доир ба калимаҳои зидмаъно андешаҳои амиқ баён карда шудааст [ниг.: 6, с.24-31; 10; 3, с.20-21; 8, с.81-87], бо вуҷуди ин то ба ҳол баъзе паҳлуҳои ин воситаҳои муассири забон омӯхта нашудааст.

Баррасии антонимҳо дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд, зеро онҳо хусусиятҳои забонро инъикос кунанд ҳам, дар осори ҳар эҷодкор нишонаҳои фардиро соҳиб мешаванд. Ҳар нигоранда ё эҷодкор вобаста ба сатҳи ғунҷоиши тахайюли образофаринии худ ин ё он аломат ва хусусияту мафҳумро ба ҳам зид мегузорад. Аз ҷониби дигар мафҳумҳое, ки ба ҳам зид гузошта мешаванд, бо объекти тасвир ва мавзую мундариҷаи ҳар асар вобастагии устувор доранд.

Дар асарҳои насрии нависанда, ба хусус дар «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс»-и антонимҳо бо шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мешаванд. Онҳо аксаран барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат карда, моҳияти тасвири предметро ба назари хонанда равшантар баён мекунанд. Масалан, бунёди ҷумлаи зеринро калимаҳои зидмаъно ташкил медиҳанд:

Чун ***дӯстон****ро ёд мекунӣ, бӯстони дарунат аз хушӣ* ***мешукуфад*** *ва аз* ***гулу райҳон*** *пур мешавад ва чун зикри* ***душманон*** *мекунӣ, боғи дарунат аз* ***хору мор*** *пур мешавад ва* ***пажмурдахотир мегардӣ*** [24, с.473].

Калимаҳои ***дӯстон – душманон*** антонимҳои луғавӣ мебошанд. Дар таркибҳои ***гулу райҳон – хору мор*** калимаи ***гул*** бо ***хор*** антоними маъноӣ мешавад, вале ***райҳон*** бо ***мор*** дар каломи нависанда хусусияти зидмаъноӣ пайдо намудааст. Зидмаънои феъли ***шукуфтан – пажмурда шудан*** аст, аммо дар зери қалами сеҳрофарини нависанда ***пажмурдахотир гардидан*** бо ин феъл муқобил гузошта шудааст. Чунин тобишҳои мухталифи маъноии калимаҳо, пеш аз ҳама, барои офаридани таззод (контраст)-и бадеӣ хизмат намуда, моҳияти фикри нависандаро ба назари хонанда возеҳтар ҷилва намудаанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар истифодаи калимаҳои зидмаъно маҳорати баланд дорад. Дар асарҳои насрии ӯ бо ин мақсад на танҳо калимаҳои маъмули аслан тоҷикӣ, балки бо тақозои мазмуну мундариҷа калимаҳои тоҷикиву арабӣ низ ба кор бурда шудаанд:

Ин сазои касест, ки туро аз мазаллати ***пиёдагӣ*** *бираҳонид ва ба* ***маркуби****и ту тан дардиҳад ва ба иззати саворӣ ба масҷид расонад?* [17, с.412]; *Халифа гуфт: «Пиндоштам, ки* ***табиб*** *пеши* ***бемор*** *фиристодаам, ман худ* ***бемор*** *пеши* ***табиб*** *фиристода будаам»* [17, с.338]; *Тасаввуф ба* ***сулҳ*** *наёбанд, он ба* ***ҷанг*** *бистонанд, на ба* ***сулҳ*** [18, с.195]; *Туро чӣ муносибат, ки бо ҷуссае бад-ин* ***ҳақирӣ*** *бо ҷавонваре бад-он* ***бузургӣ*** *ҳамсоя бошӣ?...* [17, с.477]; *…ман дар* ***бад*** *кам ба ҷой орам, аммо дар* ***хайр*** *зуд ба ҷой орам…* [18, с.442]; *Мақсуд бисёр гуфтан нест, дар як нафас се карат гӯяд: «Ло илоҳа илла-л-Лоҳ», аз тарафи рост оғоз кунад ва ба дил фуруд орад … ва бе муҷоҳада намешавад* ***пеш аз субҳ*** *ва* ***баъд аз шом*** *дар хилват ва фароғат аз халқ* [18, с.487]; *…ҳар нафасе, ки аз ту барояд дар* ***гафлат****, на дар* ***ёд****и Ҳақ, субҳона, бар ту доғ аст* [18, с.67]; *…ин Зангӣ марди* ***баланд ва гарон*** *буд ва Шайх Маҷдуддин бас* ***нозук ва латиф*** [18, с.528].

Антоними вожаи ифодакунандаи аломати ***пиёда*** – ***савора*** мебошаду исмҳои ***пиёдагӣ*** ва ***саворагӣ*** зидмаъно мешавад. Исми мафъули ***маркуби*** арабӣ бошад, ба маънои *«саворкардашуда, воситаи саворӣ, ҳайвони саворӣ»* меояд. Пас исми ***маркубӣ*** ҳамчун антоними ***пиёдагӣ*** ба маънои *«воситаи саворӣ будан, ҳамчун ҳайвони саворӣ ба касе хизмат кардан»* меояд. Дар мисоли боло ҳамин калима маъноро дақиқ ифода кардааст, сабаби бо калимаи тоҷикии ***пиёдагӣ*** ҳамчун антоним корбаст шудани ***маркуби***и арабӣ низ дар ифодаи дақиқи маъно мебошад. Исмҳои арабии ***табиб*** бо тоҷикии ***бемор***, арабии ***сулҳ*** бо тоҷикии ***ҷанг,*** тоҷикии ***бузургӣ*** бо арабии ***ҳақирӣ*** антонимҳои луғавӣ мебошанд. Зарфи замони арабии ***субҳ*** бо зидмаънои тоҷикиаш – ***шом*** низ маъмул буда, зиёд истифода мешаванд. Зарфҳои асливу иқтибосии ***пеш*** ва ***баъд*** низ ҳамчун зидмаъно ба кор бурда мешаванд. Аз ин ду зарф бо ёрии пешоянди аслии содаи ***аз*** дар забони тоҷикӣ пешояндҳои таркибии номии ***пеш аз*** ва ***баъд аз*** сохта мешавад, ки ин пешояндҳо низ хусусияти антонимӣ доранд. Нависанда аз хусусияти зидмаъноии ин калимаҳо хеле хуб истифода бурдааст. Калимаи арабии ***гафлат*** одатан бо калимаи аслии тоҷикии ***хушёрӣ*** қабилияти зидмаъно шудан дорад, вале, чунин ки дида шуд, ин калима дар зери килки сеҳрофарини нависанда бо калимаи аслии ***ёд*** хусусияти зидамъноӣ пайдо кардааст. Аз байни таркибҳои ***баланд ва гарон, нозук ва латиф*** танҳо сифати ***латиф*** арабӣ буда сетои дигар тоҷикианд. Ин таркибҳо низ дар алоҳидагӣ антоним намебошанд, аммо дар сухани нависанда хусусияти зидмаъноӣ касб карда, барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат намудаанд.

Дар мисолҳои зерин низ калимаҳои арабии ***фохир*** ва ***лазиз*** бо калимаҳои тоҷикии ***пашмин*** ва ***бетакаллуф,*** калимаи аслии ***сиёҳӣ*** бо калимаи арабии ***нур*** зидмаъно шудаанд. Ин калимаҳо низ антоними матнӣ мебошанд, зеро дар алоҳидагӣ қобилияти зидмаънои надоранд:

Ҳарчанд падар вайро либосҳои ***фохир*** *месохт ва таомҳои* ***лазиз*** *медод, ба он илтифот намекард ва мегуфт: «Ман ҷомаи занон намепӯшам ва таоми нозукон намехӯрам» ва ҷомаҳои* ***пашмин*** *мепӯшид ва таомҳои* ***бетакаллуф*** *мехӯрд…* [18, с.582]; *Гуфтанд: «Эй Сайдӣ! Ин варақи сафед аст». Гуфт: «Яди қудрат ба* ***сиёҳӣ*** *наменависад, ин ба* ***нур*** *навишта шудааст»* [18, с.656].

Нависанда ҳангоми офаридани тазоди бадеӣ калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабиро моҳирона кор фармуда маънову образҳоро ниҳоят ҷолиб муқобил мегузорад, ки чунин муқобилгузорӣ моҳияти тасвири нависандаро боз ҳам возеҳтару равшантар намудааст:

Маро ҷо дар ***қаъри дарёву*** *туро манзил бар* ***канори соҳил****, …туро* ***қубҳи лиқо*** *–* ***сипари бало****… ва маро* ***ҳусни манзар*** *–* ***сармояи хавфу хатар****,* ***мургони осмон*** *дар ҳавои мананду* ***вуҳуши саҳро*** *дар савдои ман…* [17, с.447].

Дар мисоли боло дар тасвири нависандаи чирадаст калимаи арабии ***қаър*** бо калимаи аслии ***канор*** калимаи аслии ***дарё*** бо калимаи иқтибосии ***соҳил*** зидмаъно шудаанд. Дар ибораҳои ***қубҳи лиқо*** ва ***ҳусни манзар***, ки ҳам ҷузъи аслӣ ва ҳам ҷузъи тобеашон арабӣ мебошанд, ҷузъҳои аслӣ – ***қубҳ*** ва ***ҳусн*** антонимҳои лексикианд, вале ҷузъҳои тобеи ин ибораҳо ***лиқо*** ва ***манзар*** ба маънои умумии *«сурати зоҳирӣ, намуди берунӣ»* синоним мебошанд, аммо бо сабаби антоним будани ҷузъҳои асосӣ – ***ҳусн*** ва ***қубҳ*** ҷузъҳои тобеи ибораҳои мазкур – ***лиқо*** ва ***манзар*** бо вуҷуди муродиф буданашон хусусияти зидмаъноӣ касб намудаанд. Дар ибораҳои изофии ***сипари бало*** ва ***сармояи хавфу хатар*** бошанд, ҷузъҳои асосӣ – калимаҳои аслии тоҷикии ***сипар*** ба маънои *«воситаи муҳофизатӣ аз душман»* ва ***сармоя*** ба маънои *«сабаб, боис»* дар зери қалами нависанда хусусияти зидмаъноӣ касб кардаанд, исмҳои ***бало*** ва ***хавфу хатар*** бошанд, ҳарчанд дар алоҳидагӣ тобиши синонимӣ доранд, бо сабаби ҳамчун муайянкунандаи антонимҳои матнии ***сипар*** ва ***сармоя*** омаданашон хусусияти зидмаъноӣ касб кардаанд. Дар ибораҳои ***мургони осмон*** ва ***вуҳуши саҳро*** баръакс ҷузъҳои тобеъ калимаҳои аслии ***осмон*** ва иқтибосии ***саҳро*** хусусияти антонимӣ доранд ва хусусияти зидмаънои ин калимаҳо имкон додааст, ки ҷузъҳои асосӣ вожаҳои тоҷикии ***мурғон*** ва арабии ***вуҳуш*** низ тобиши антонимӣ пайдо намоянд. Ҳамаи ин воситаҳои луғавӣ якҷоя тазоди бадеиро ба вуҷуд овардаанд.

Чунин калимаҳои зидмаънои арабию тоҷикӣ ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номӣ низ корбаст шудаанд. Аз ҷумла дар мисоли зерин вожаҳои аслии тоҷикии ***огоҳ*** ва арабии ғофил, ки ба ҳам антоними луғавӣ мебошанд, ҳамчун ҷузъи маъндори феълҳои таркибии номии ***огоҳ будан*** ва ***гофил будан*** истифода гардида, дар каломи нависанда муқобилгузориро таъмин намудаанд:

…мебояд, ки вай аз ҳоли ҳаволии худ ***огоҳ бошад****у ҳаволии вай* ***гофил****, на вай аз ҳоли ҳаволии худ* ***гофил бошад****у ҳаволии вай аз ҳоли вай* ***огоҳ*** [17, с.363].

Гурӯҳи дигари калимаҳои муқобилмаънои асарҳои нависандаро калимаҳои арабие ташкил медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида, имрӯз ҳам дар истеъмол қарор доранд. Ба монанди: ***ботин – зоҳир, хос – ом, омма – хосса, меҳнат – роҳат, қавӣ – заиф, ҳозир – гойиб*** ва ғайра:

…ба ин дирамҳо маъноеро, ки аз ***ботин****и худ намудаӣ ва* ***зоҳир****и худро ба он олудаӣ, бишӯй!* [17, с.435]; *…дар сафари аввал илме овардам, ки* ***хосу ом*** *пазируфт ва дар сафари дувум илме овардам, ки* ***хос*** *пазируфт ва* ***ом*** *напазируфт ва дар сафари сеюм илме овардам, ки на* ***хос*** *пазируфт ва на* ***ом*** [18, с.58]; *Вилоят муштақ аст аз валӣ, ки қурб аст ва он бар ду қисм аст: вилояти* ***омма*** *ва вилояти* ***хосса*** [18, с.21]; *Ҳукамо гуфтаанд: «Ёр аз барои рӯзи* ***меҳнат*** *бояд, вагарна дар рӯзи* ***роҳат*** *ёр кам наёяд»* [17, с.402]; *….ҳар гоҳ, ки бинӣ, ки Ҳақ таоло туро аз халқ ваҳшат диҳад, аз* ***ҳозир*** *наёсоӣ ва* ***гойиб****ро наҷӯйӣ…* [18, с.278].

Қисми дигари антонимҳои арабиро калимае ташкил медиҳанд, ки хусусияти китобӣ доранд. Ба монанди ***нур – зулмат, қавӣ – заиф, фақр – ғано, фориғ – машғул, шуғл – фароғат, фақд – вуҷуд***:

Зиҳӣ, нодон касе, ки дар он кӯшад, ки ***нур****ро ба* ***зулмат*** *бипӯшад* [17, с.353]; *Дар аҳвол* ***қавӣ*** *буда, аммо дар сухан* ***заиф*** *аст* [18, с.102]; *Ва вайро китобест радди Яҳёи Муози Розӣ дар фазли* ***ғано*** *бар* ***фақр****, ки Яҳё карда ва вай онро ҷавоб боздода ва* ***фақр****ро бар* ***ғано*** *фазл ниҳода, чунончи ҳаст* [18, с.126]; *Ҷунайд гуфта: «Мо* ***фориғи машғулем*** *ва Рувайм* ***машғули фориғ****»* [18, с.139]; *Шайхулислом гуфт, ки касеро, ки тақво бар вай голиб набошад, вайро* ***шуғл*** *беҳ аз* ***фароғат*** [18, с.155]. *..****фақр фақд****и сабаб бувад ва* ***ғано вуҷуд****и сабаб ва бе сабаб бо Ҳақ бувад ва бо сабаб бо худ* [18, с.135].

Як гурӯҳи антонимҳои арабии асарҳои нависанда калимаҳое мебошанд, ки дар забони имрӯза дар истеъмол настанд. Ба монанди: ***зул(л) – из(з), қурб – буъд, алоиқ – авошқ, мозӣ – боқӣ:***

Дар гирифтани он ***зулл****и худ дидам ва* ***изз****и вай, дар ногирифтани он* ***изз****и худ дидам ва* ***зулл****и вай.* ***Изз****и вайро бар* ***изз****и худ ихтиёр кардам ва* ***зулл****и худро бар* ***зулл****и вай* [18, с.99-100]; *Ибн ал-Аъробӣ гӯяд: «****Қурб*** *нагӯянд, то масофат набувад ва то масофат бувад, дугонагӣ ба ҷой бувад, пас* ***қурб буъд*** *бувад»* [18, с.118]; *Ва ҳам вай гӯяд: «Тадорук кардани вақти* ***мозӣ*** *зоеъ кардани вақти* ***боқи****ст»* [18, с.112]; *Аммо ба воситаи вуфури* ***алоиқ*** *ва ҳуҷуми* ***авошқ*** *муяссар намешуд…* [18, с.20].

Аз байни антонимҳое, ки дар мисолҳои боло истеъмол шудаанд, танҳо калимаи ***боқӣ***, ки дар мисоли сеюм ҳамчун зидамъноии ***мозӣ*** ба кор бурда шудааст, дар забони имрӯза серистеъмол аст. Дар мисоли аввал калимаи ***зул(л)*** ба маънои *«хорӣ, мазаллат»* [20, с.460], ***из(з)*** ба маънои *«иззат, эҳтиром, шараф»* [20, с.470] ва дар мисоли дуюм ***қурб*** ба маънои *«наздикӣ, қарибӣ»* [21, с.705], ***буъд*** ба маънои *«дурӣ»* [20, с.220] омадааст, ки ин калимаҳо антонимҳои луғавӣ мебошанд ва дар забони имрӯза дар истеъмол нестанд ё аҳёнан дар забони назм ба ор бурда мешаванд. Дар мисоли сеюм ***мозӣ*** ба маънои *«гузашта, пешина»* [20, с.608], ***боқӣ*** ба маънои *«феълӣ, мавҷудбуда»* омадааст. Ин калимаҳо антоними семантикӣ мебошанд, зеро ***боқӣ*** калимаи сермаъно буда, танҳо ба як тобиши маъноияш бо калимаи ***мозӣ*** хусусияти зидмаъноӣ пайдо намудааст. Антоними луғавии калимаи ***мозӣ*** дар забони арабӣ ***мустақбал*** *(оянда)* мебошад. Дар мисоли охирин калимаи ***алоиқ*** шакли ҷамъи шикастаи ***алоқа*** ва ***авоиқ*** шакли ҷамъи шикастаи ***оиқ*** (عَائِقٌ) мебошад. Калимаи ***алоқа*** дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида, умумиистеъмол бошад ҳам, шакли ҷамъи шикастаи он дар забони имрӯза умуман дар истеъмол нест. Маънои калимаи ***оиқ*** *«монеъ, боздоранда»* [20, с.910] мебошад. Дар забони имрӯза на шакли танҳои ин калима ба кор бурда мешаваду на дар шакли ҷамъи он. ***Алоиқ*** ва ***авоиқ*** дар алоҳидагӣ хусусияти зидмаъноӣ надоранд ва танҳо дар каломи нависанда чунин хусусият касб кардаанд.

Як қисми чунин антонимҳои арабӣ калимаҳои ифодакуннадаи мафҳумҳои диниву ирфонӣ ба ҳисоб мераванд. Аз қабили ***дунё – охират, илм – ҷаҳл, ҳалол – ҳаром, ширк – тавҳид, Холиқ – махлуқ, кофир – мусалмон*** ва ғайра:

*…ҳамчунон ки аз **дунё** сарфи рағбат карда бошад, аз **охират** низ рағбаташ масруф бувад* [18, с.27]; *Фидои он дастам, ки чун таназзул кард, аз ваҷд бо **илм** афтод, яъне бо **ҷаҳл** наяфтод* [18, с.194]; *Меъда маҳалли таом аст, агар **ҳалол** дар вай афканӣ, қуввати тоат ёбӣ ва агар башубҳат бувад, роҳи Ҳақ пӯшида кунад ва агар **ҳаром** бошад, маъсият зояд* [18, с.271]; *Илоҳо! Миёни ману ту ин восита буд ва **ширк**и вай бирафт ва **тавҳид**и ман дуруст кард* [18, с.276]; *Гуфт: «Эй фарзанд! Вақте ки хидмати **махлуқ**еро ҳамчу худ некӯ натавонӣ кард, хидмати **Холиқ**ро чӣ гуна ба ҷой тавонӣ овард?»* [18, с.329]; *Он тарки адаб, ки баргузашта, гаромати онро бояд, ки ба Рум шавӣ ва як сол рӯз хукбонӣ кунӣ ва шаб дар он ҷой дар Тартус, ки **кофирон** аз **мусалмонон** гирифтаанд ва вайрон карда, то ба рӯз намоз кунӣ* [18, с.376].

Истифодаи антонимҳо қариб ҳамеша дар натиҷаи муқоиса сурат мегирад. Зимни муқоиса аломату хусусият ва сифатҳои ду ё зиёда ашёву мафҳумҳо муқобил гузошта мешаванд. Мафҳуми қиёсу муқобила ҳама вақт як хел набуда, вобаста ба хусусияти истеъмоли калимаҳое, ки барои ифодаи аломату хусусиятҳои ба ҳам муқобил ба кор бурда мешаванд, баъзан ниҳоят барҷаста ва баъзан ноаёнтар намудор мегардад [ниг.: 1, с.94]. Дар мисоли зерин нависанда айбу нуқсонҳои бандагонро бо сифатҳои неки Офаридагори ягона муқоиса карда, фикри худро дар заминаи тазоди бадеӣ ниҳоят ҷолибу пуробуранг ва барҷаста ифода намудааст. Барои барҷаста ифода ёфтани фикри нависанда силсилаи калимаҳои муқобилмаънои арабии ***айб – камол, аҷз – қудрат, зулм – адл, ҷаҳл – илм, мазаллат – иззат, бандагӣ – худовандӣ, фақр – ғано, фано – бақо*** нақши муҳим бозидаанд:

*Ҷумлаи анбиё барои он омадаанд, то чашми халқро бикшоянд ба **айб**и худ ва **камол**и Ҳақ ва ба **аҷз**и худ ва **қудрат**и Ҳақ ва ба **зулми**и худ ва **адл**и Ҳақ ва ба **ҷаҳл**и худ ва **илм**и Ҳақ ва ба **мазаллат**и худу **иззат**и Ҳақ ва ба **бандаги**и худ ба **худованди**и Ҳақ ва ба **фақр**и худ ва ба **ғано**и Ҳақ ва ба тақсири худ ба неъматҳои Ҳақ ва ба **фано**и худ ва **бақо**и Ҳақ ва ҳам бар ин қиёс* [18, с.545].

Баъзан барои боз ҳам равшантар ифода шудани фикр нависанда ду ҷуфти синонимҳои арабию тоҷикӣ ва тоҷикию арабиро, ки ба ҳам зидмаъно мебошанд, корбаст менамояд. Аз ҷумла дар мисоли зерин синонимҳои ҷуфти ***роҳату осудагӣ*** ва ***меҳнату фарсудагӣ*** истеъмол шудаанд, ки дар онҳо калимаҳои арабии ***роҳат – меҳнат*** ва тоҷикии ***осудагӣ – фарсудагӣ*** зидмаъно мебошанд.

*…ин аҷаб норост ҳукместу нописандида қисмате, ки дар **роҳату осудагӣ** бо ман анбозӣ ва дар **меҳнату фарсудагӣ** аз ман мумтоз* [17, с.427].

Таркибҳои антонимӣ дар асарҳои нависанда на танҳо аз калимаҳои адоҳида, балки аз ибораҳои номии изофӣ низ ташкил ёфтаанд. Чунин ибораҳои номии изофӣ аз исму сифат таркиб ёфта, дар онҳо исм (ҷузъи асосӣ) ҳамчун антоними исм (ҷузъи асосӣ) ва сифат (ҷузъи тобеъ) муқобили сифат (ҷузъи тобеъ) воқеъ шудааст. Дар ин гуна ибораҳои муқобилмаъно баъзан ҷузъи асосӣ калимаи аслии тоҷикӣ буда, ҷуъи тобеъ арабӣ мебошад. Ибораҳои ***хирадмандони карим*** ва ***бехирадони лаим***, ***душмании***

қадим ва ***дӯстии ҷадид***, ки дар мисолҳои зерин ба кор бурда шудаанд, аз ҳамин қабил мебошанд:

*Дигар гуфт: «**Хирадмандони карим** мол бар **дӯстон** шуморанд ва **бехирадони лаим** аз барои **душманон** бигузоранд»* [17, с.348]; *Алҳамдулиллоҳ, ки **кини дерин** ба **меҳри тоза** мубаддал шудааст ва **душмании қадим** ба **дӯстии ҷадид** иваз гашта* [17, с.473].

Дар мисоли якум калимаҳои ҳамрешаи асли тоҷикии ***хирадманд***у ***бехирад***, ки ҳар ду исм буда, ба сифати ҷузъи асосии ибораҳо истеъмол гардидаанд ва иқтибосии арабии ***карим***у ***лаим***, ки ҳар ду сифат буда ҳамчун ҷузъи тобеи ибораҳо воқеъ гардидаанд, ба ҳам антоним мебошанд. Чунин тарзи муқобилгузорӣ таъсирбахшии сухани нависандаро боз ҳам зиёд намудааст. Илова бар ин сифатҳои арабии ***карим*** ва ***лаим*** на аз ҷиҳати овозҳои мавқеи охир ҳамсон буда, на танҳо барои муқобилгузорӣ, балки барои таъмини оҳанги калом низ ба кор бурда шудаанд. Ҳамчунин дар ин мисол калимаҳои аслии тоҷикии ***дӯстон*** ва ***душманон***, ки антонимҳои луғавӣ мебошанд, ба муассирии каллми нависанда қуввати бештар бахшидаанд. Дар мисоли дуюм бошад, ***кин*** бо ***меҳр*** антоними луғавӣ, ***дерин*** бо ***тоза*** антоними маъноӣ, ***дӯстӣ*** бо ***душманӣ, қадим*** бо ***ҷадид*** антоними луғавӣ мебошанд. Сифатҳои арабии ***қадим*** ва ***ҷадид***, ки дар забони тоҷикӣ хусусияти китобӣ доранд, дар муқобилгузории фикри нависанда нақши муассир бозидаанд.

Дар мисоли зерин бошад ҳар се ҷузъи ибораҳои номии изофии ***шаби торики адам*** ва ***рӯзи равшани вуҷуд*** антоним мебошанд. Дар ин ибораҳо исмҳои ***шаб*** ва ***рӯз***, ки ба сифати ҷузъи асосии ибораи номии изофӣ воқеъ шуданд, сифатҳои ***торик*** ва ***равшан***, ки ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ гардидаанд, исмҳои ***адам*** ва ***вуҷуд***, ки ҷузъи тобеи дуюми ибора мебошанд, ҳамчун таркибиҳои антонимӣ корбаст шудаанд, дар талқини ғояи муаллиф нақши муҳим бозидаанд. Дар байни ҷузъҳои ду ибора калимаҳои ***адам*** ва ***вуҷуд*** иқтибосии арабӣ мебошанд:

*Ҳамоно, дар он вақт, ки аз **шаби торики адам** ба **рӯзи равшани вуҷуд** меомадем, дар пӯшидани мӯза ғалат кардаем: ман мӯзаи **кемухти сиёҳи ту**ро пӯшидааму ту мӯзаи **адими сурхи ма**ро* [17, с.482].

Ҳаминро ҳам зикр кардан лозим аст, ки дар мисоли боло ба ғайр аз ибораҳои номии изофии ***шаби торики адам*** ва ***рӯзи равшани вуҷуд*** ибораҳои ***мӯзаи кемхути сиёҳи ту*** ва ***мӯзаи адими сурхи ман*** ҳамчун таркиби антонимӣ ба кор рафтаанд. Дар ин ибораҳо исмҳои ***кемхут*** ва ***адим,*** сифатҳои ***сиёҳ*** ва ***сурх***, ҷонишинҳои ***ман*** ва ***ту*** дар каломи нависанда хусусияти зидмаъноӣ касб кардаанд. ***Кемхут*** калимаи аслӣ буда, дар луғат *«пӯсти ба таври махсус даббоғикардашудаи хару асп; чарме, ки донаҳои майдаи барҷаста дорад»* [20, с.549] шарҳ дода шудааст. Маънои калимаи арабии ***адим*** *«пӯсти даббоғишуда, чарм, чарми булғор»* [20, с.39] мебошад. Ин ду калима аслан синониманд, аммо дар тасвири нависанда аз ҷиҳати сифатнокӣ муқобили ҳам воқеъ шудаанд. ***Кемхут*** ба маънои *«чарми дурушти чорпои савории дорои доначаҳои барҷаста»* ба кор рафтааст, зеро пойи бархе аз паррандагон низ дорои чунин доначаҳо мебошад. ***Адим*** бошад ба маънои *«зебои аълосифат»* истифода шудааст. Пас, калимаҳои ***кемхут*** ва ***адим*** антоними семантикӣ мебошанд. Калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусияти рангҳо – ***сиёҳ*** ва ***сурх*** дар алоҳидагӣ антоним настанд, зеро ба таъбири забоншинос Ҳ. Маҷидов *«ҳар як ранг дар табиат ба таври нотакрор вуҷуд дорад ва яке бо дигаре муносибати ба ҳам зид дошта наметавонад»* [8, с.83]. Ин ду калима дар тасвири нависанда маънои иловагии аломату хусусияти ба ҳам зидро соҳиб гардида, ба ҳам муқобил гузошта шудаанд. Ҷонишинҳои ***ман*** ва ту ***низ*** дар зери килки нависанда хусусияти зидмаъноӣ касб кардаанд. Бо истифодаи пайиҳами воҳидҳои антонимӣ ҷиддан ба ҳам муқобил гузоштани предмету аломат ва ҷонишинҳо фикри нависандаро ниҳоят таъсирбахш гардонда, хосияти ҳиссии тарзи баёни ӯро афзун намудааст.

Дар мисоли зерин низ ҳам ҷузъҳои асосӣ ва ҳам ҷузъҳои тобеи чидаи ибораҳои номии ***пойгоҳи буъд ва нуқсон*** – ***пешгоҳи қурбу камол*** зидмаъно мебошанд: ***пойгоҳ*** бо ***пешгоҳ***, ***буъд*** бо ***қурб*** ва ***нуқсон*** бо ***камол***:

*…ба юмни суҳбат ва ҳусни тарбияти эшон бисёре аз толибон аз **пойгоҳи буъд ва нуқсон** ба **пешгоҳи қурбу камол** расидаанд ва мартабаи такмил ва акмол ёфтанд* [17, с.485].

Аз се ҷузъи ин ибораҳо танҳо ҷузъҳои асосӣ – ***пойгоҳ*** ва ***пешгоҳ*** аслии тоҷикӣ буда, ҷузъҳои тобеи онҳо ***буъд ва нуқсон, қурбу камол*** иқтибосии арабианд. ***Пойгоҳ***ро нависанда ба маънои ба маънои *«мартабаи поёнӣ, мақоми поёнӣ»* ва ***пешгоҳ***ро ба маънои *«мартабаи боло, мақоми воло»* ба кор бурдааст. Ин калимаҳо бо чунин тобиши маъноӣ дар зери қалами сеҳрофарини нависанда хусусияти зидмаъноӣ касб намудаанд. Ҳол он ки чунин маънои

калимаҳои ***пойгоҳ*** ва ***пешгоҳ*** дар луғат вуҷуд надорад [21, с.76; 21, с.55; 23, с.108; 23, с.93]. Калимаҳои арабии ***буъд*** ва ***қурб*** ба маънои *«дур»* ва *«наздик»* антоними луғавианд. Калимаҳои арабии ***нуқсон*** ва ***камол*** ҳам аслан антоним нестанд ва дар каломи нависанда хусусияти зидмаънои пайдо намудаанд.

Дар мисолҳои зерин бошад, ибораҳое хусусияти антонимӣ зоҳир кардаанд, ки ҷузъҳои асосӣ ва тобеашонро калимаҳои иқибосии арабӣ ташкил медиҳанд:

...аз машоих онон меҳанд, ки ***зоҳири*** *эшон чун* ***зоҳири ом*** *бувад ва* ***ботин*** *эшон чун* ***ботини хос****...* [18, с.241]; *Гуфтам: «Ман* ***ҳарри тадбиру ихтиёр*** *медонам ва акнун дар онам,* ***барди таслиму ризо*** *чист ва чаро аз он шикоят мекунӣ»* [18, с.700]; *Аз молу манол чунину чунон ва аз ворисон* ***вазири кабир****ро... ва ин* ***фақири ҳақир****ро* [17, с.422].

Дар мисоли аввал ҷузъҳои асосиву тобеи ибораҳои ***зоҳири ом*** ва ***ботини хос*** ба ҳам антониманд: ***зоҳир – ботин, ом – хос***. Ин калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ умумиистеъмол гардидаанду дар ҳамаи қабатҳои луғавии забон ҳамчун антоним истеъмол мешаванд. Дар мисоли дуюм муқобилгузорӣ бо ибораҳои ***ҳарри тадбиру ихтиёр*** ва ***барди таслиму ризо*** ифода ёфтааст. Дар ин ибораҳо ҷузъҳои асосӣ – ***ҳар(р)*** ва ***бард*** антоними луғавӣ мебошанд. Маънои калимаи ***ҳар(р)*** *«гармӣ»* ва маънои калимаи ***бард*** *«хунукӣ»* мебошад. Ҷузъҳои тобеи чидаи ин ибораҳо ***тадбир***у ***таслим*** ва ***ихтиёр***у ***ризо*** дар алоҳидагӣ хусусияти антонимӣ зоҳир намекунанд, аммо дар сухани нависанда зидмаъно шудаанд. Маънои муқобили ҳамро ифода кардани ҷузъҳои тобеи ибораҳро – ***тадбир***у ***таслим*** ва ***ихтиёр***у ***ризо*** бо таъсири ҷузъҳои асосӣ ***ҳар(р)*** ва ***бард*** ба амал омадааст. Дар мисоли охир бошад, ҷузъҳои тобеи ибораҳои ***вазири кабир*** ва ***фақири ҳақир*** – ***кабир*** ва ***ҳақир*** антоними луғавӣ мебошанд. Ҷузъҳои асосии ибораҳо – ***вазир*** ва ***фақир*** дар матни асар хусусияти зидмаъноӣ касб кардаан. ***Вазир*** маънои *«тавонманд, зӯр, дастдароз»* ва ***фақир*** маънои *«бечора, нотавон, дасткӯтоҳ»*-ро ифода менамояд. Илова бар ин, ҷузъҳои таркибии ин ибораҳои зидмаъно – ***вазир*** ва ***фақир***, ***кабир*** ва ***ҳақир*** ҳамоҳанг буда, на танҳо таъсири сухани нависандаро дучанд намудаанд, балки бар ҳусни сухани ӯ ҳусни дигар зам кардаанд. Дар асарҳои нависанда инчунин як миқдор антонимҳо дар шакли таркибҳои ҷуфт ба кор бурда шудаанд, ки барои возеҳу равшантар ифода ёфтани мафҳум мусоидат мекунанд. Таркибҳои ҷуфти антонимии *валодату вафот [18, с.53], аввалину охирин, [18, с.61] зоҳиру ботин [18, с.478], айбу ҳунар [17, с.482], дунёву уқбо [18, с.22], лафзӣ ва маънавӣ [18, с.23], фақру гано [18, с.28], хоссу ом [18, с.58], хайру шарр [18, с.178], машриқ ва мағриб [18, с.208], содиру ворид [18, с.331], фанову бақо [18, с.379], дунё ва уқбо [18, с.404], аввал ва охир [18, с.415], хоссу авом [18, с.417], зоҳириву ботинӣ [18, с.422], барру баҳр [18, с.427], қавлу феъл [18, с.459], фано ва бақо [18, с.505], назму наср [18, с.572], лайлан ва наҳоран [18, с.574], дунё ва охират [18, с.699], баҳру бар(р) [18, с.717], ҳузуру ғайбат [18, с.741], дунёву охират [18, с.755], қабулу инкор [18, с.728], ҷинну инс [18, с.214]* аз ҳамин қабиланд:

Пас он чи мазкур хоҳад шуд дар ин китоб, асомии бисёре аз машоихи тоифаи суфия хоҳад буд ва таърихи ***валодату вафот****и эшон...* [18, с.53]; *Товусе ва зоғе бар саҳни боғе фароҳам расиданду* ***айбу ҳунар****и якдигарро диданд* [17, с.482]; *…суфиро ҳеч иродат махсус набувад ва дар сурати* ***фақру гано*** *иродати ӯ дар иродати Ҳақ маҳв бувад…* [18, с.28]; *Ва Абубакри Варроқ гуфта, ки: «Он гуфти фаровон дар* ***хайру шарр*** *аст»* [18, с.178]; *Ва вайро баёне некӯ буд ва иборате олӣ дар* ***фанову бақо*** [18, с.397]; *Ба улуми* ***зоҳирӣ*** *ва* ***ботинӣ*** *ороста будааст ва ба як восита муриди Шоҳ Алии Фароҳӣ аст* [18, с.599]; *…Ҳасани Қаввол дар ҷамол дилпазир буд ва дар ҳусну савт беназир ва ҷамъе гирифтори вай буданд ва дар* ***ҳузуру ғайбат*** *ҳаводори вай* [18, с.741]; *Ва билҷумла аҳли рӯзгор дар* ***қабулу инкор****и вай ду фирқаанд...* [18, с.728].

Албатта, тазоди маъноӣ нисбат ба калимаҳои алоҳида дар антонимҳои ҷуфт барҷастатару таъсирбахштар ифода меёбад. Аз ин рӯ, ин гуна антонимҳо *«ба зеҳни кас чуқуртар таъсир намуда, дар он тасаввуроти зиндаву барҷастаи предмети номбаршуда ва аломатҳои мухталифи онро ҳосил мекунад»* [4, с.49]. Нависнада баъзан дар таркиби як ҷумла ду ҷуфти антинимиро ба кор бурдааст. Масалан дар ҷумлаи зерин таркибҳои ҷуфти антонимии ***дунявию ухравӣ, сувариву маънавӣ*** ба кор бурда шудаанд:

…ҳамаи азобҳои ***дунявию ухравӣ*** *ва* ***сувариву маънави****ро мустаъид ва муҳайё гардад* [18, с.508].

Чунон ки дида мешавад, антонимҳо ва таркибҳои ҷуфти антонимӣ барои барҷаста ифода намудани фикр ва таъмини фасоҳату балоғати калом хизмат карда, одатан аз ду ҷузъ зиёд намешаванд. Хусусият ва вазъияту табиати антонимҳо ҳаминро тақозо мекунад. Ба ибораи дигар, калимаҳои муродиф ё ҳаммаъно ҳамчун тавсифҳои предметҳо ва ё чун амалу

ҳодисаҳои тафсиршуда зоҳир мегарданд [ниг.: 5, с.101], аммо антонимҳо ё калимаҳои зидмаъно *«чунин воҳидҳои лексикие мебошанд, ки аломату хосият ва ҳолату амалиётро фақат калимае инкор мекунаду халос»* [12, с.29].

Дар мисоли зерин бошад, ҳам мубтадо ва ҳам хабари ҷумла бо калимаҳои антонимӣ ифода ёфтааст:

*..**фақр фақд**и сабаб бувад ва **гано вуҷуд**и сабаб...* [18, с.135].

Аммо дар ин мисол антонимҳои ***фориғ*** ва ***машғул*** ҳамчун хабари номӣ ва муайянкунандаи он ба хотири таъкиди сухани такрор шудаанд:

*Ҷунайд гуфта: Мо **фориғи машғулем** ва Рувайм **машғули фориғ*** [18, с.139].

Дар асарҳои нависанда антонимҳои ҳамрешаи арабӣ низ ба назар мерасанд:

*Аҳли Димишқ ҳама муриду муътақиди вай будаанд ва бар эшон ҳукм мекардааст, чунонки **молик** бар **мамлук** кунад… [18, с.713]; Гуфт: «Эй фарзанд! Вақте ки хидмати **махлуқ**еро ҳамчу худ некӯ натавонӣ кард, хидмати **Холиқ**ро чӣ гуна ба ҷой тавонӣ овард?» [18, с.329]*.

Молик ва ***мамлук*** аз решаи ملك сохта шудаанд. ***Молик*** дар луғат *«1. доро, соҳиби мулк, соҳиб, хӯҷаин; 2. ҳоким, идоракунанда; 3. номи фариштае, ки гӯё дарбони дӯзах будааст»* [20, с.699] ва ***мамлук*** *«1. банда, гулом; 2. аскари зархарид, гуломи зархариди аскаршуда, аскаре, ки аз гуломбачагони зархарид ҷамъ оварда мешуд»* [20, с.630] маънидод шудааст. Ин ду калимаи ҳамреша ба маънои *«хӯҷаин, соҳиб, соҳибмулк»* ва *«банда, гулом»* антоним мебошанд. ***Холиқ*** ва ***махлуқ*** аз решаи خلق мебошанд. Маънои калимаи ***Холиқ*** *«1. халққунанда, офаринанда, эҷодкунанда; 2. Яке аз сифатҳои Худованд, Яздон»* [23, с.445] ва маънои ***махлуқ*** *«1. халқшуда, офарида (ҷондор); 2. киноя аз инсон, одам **(бештар таҳқиромез)**»* [22, с.774] мебошад. Ин ду калимаи ҳамреша ба маънои *«Офаридгор, халққунанда, Худованд»* ва *«офаридашуда, банда»* хусусияти антонимӣ зоҳир менамоянд.

Дар мисоли зерин бошад, аз калимаи арабии ***аҳл*** бо пешвандди калимасози тоҷикии ***но-*** антонимҳои ҳамрешаи ***аҳл*** ва ***ноаҳл*** сохта шудааст:

*Сухан бо **аҳл** бояд гуфт, то сирри ӯ ошкоро нашавад. Чун бо **ноаҳл** гӯйӣ, бар вай ҳамл карда бошӣ ва туро аз он газанд ва уқубат расад* [18, с.210].

Инчунин нависанда баъзе таркибҳои рехтаро ба кор мебарад, ки дар онҳо хусусияти антонимии калимаҳои иқтибосии арабӣ хеле равшан ба назар мерасад. Ҳарчанд ин таркибҳо як маънои бутунро ифода мекунанд, бунёдашонро антонимҳо ташкил додаанд. Таркибҳои ***аз машриқ то магриб, аз шарқ то гарб, аз аввал то охир, лайлан ва наҳоран, аз фарқ то қадам***, ки дар мисолҳои зерин ба кор бурда шудааанду дар онҳо калимаҳои зидмаънои арабии ***машриқ – магриб, шарқ – гарб, аввал – охир, лайл – наҳор, фарқ – қадам*** истифода шудаанд, аз ҳамин қабил мебошанд:

*Хатое аз вай дар вуҷуд омадааст, ки аз **машриқ** то **магриб** аз он пур баромада* [17, с.367]; *Аз **шарқ** то **гарб** дар барру баҳр бигаштам дини тару тоза дар Ҳирот ёфтам* [18, с.427]; *Дар маънии Қуръон соҳиби тасниф аст, Қуръонро тафсир карда **аз аввал то охир** ба забони ишорат* [18, с.197]; *…муддати се моҳ дар хилвате **лайлан ва наҳоран** (шабу рӯз) ба савми висол нишастанд, ки асло берун наёмаданд…* [18, с.574]; *Бо он ки чун Ҳақро ёд кунад, аз **фарқ** то **қадамаш** аз ёдкарди Ҳақ хабар дошта бошад* [18, с.386].

Аз машриқ то магриб ва ***аз шарқ то гарб*** ба маънои *«дар тамоми дунё»*, ***аз аввал то охир*** ба маънои *«пурра, комилан»*, ***лайлан ва наҳоран*** ба маънои *«ҳмеша, доим»*, ***аз фарқ то қадам*** ба маънои *«бо тамоми вуҷуд»* корбаст гардидаанд.

Калимаҳои иқтибосии арабии дорои хусусияти антонимӣ ҳамчунин дар асарҳои нависанда ба сифатии ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номӣ ба кор бурда шуда, на танҳо дар маъно бахшидан ба феълҳои таркибӣ, балки дар муқобилгузории калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳолат низ нақши муҳим бозидаанд. Калимаҳои арабии ***содир – ворид, ҳозир – ғоиб, ҷамъ – тафриқа***, ки антонимҳои луғавӣ мебошанд, дар мисолҳои зерин бо феъли ёвари ***кардан*** феълҳои таркибии номии ***содир кардан – ворид кардан, ғоиб шудан – ҳозир шудан, ҷамъ кардан – тафриқа кардан*** сохта, ҳамчун ҷузъи маънодори ин феълҳо воқеъ шудаанд ва барои муқобилгузории фикри нависанда нақши муҳим бозидаанд:

*Дар Шероз хонақоҳе дошт. Сӣ сол ба хидмати фуқаро машғул буд ва итъом **содиру ворид кард**…* [18, с.365]; *Соате аз худ **ғоиб шуданд**… Чун **ҳозир шуданд** ин байт хонданд…* [18, с.497]; *Шайх рӯй ба боло карду гуфт: «Ман **ҷамъ мекунам** ва ту **тафриқа мекунӣ**?»* [18, с.641].

Калимаҳои арабии ***талаб – ато, кашф – маҳв, ҳосил – сарф – тасаддуқ, ҷурм – узр, фазиҳат – қавӣ*** дар асл антоним нестанд, аммо ин калимаҳо бо феълҳои ёвари ***доштан, кардан, шудан, хостан*** омада, дар каломи нависанда ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номӣ истифода шудаанд ва ҳам дар маъно бахшидан ба ин феълҳо нақш бозидаанду ҳам дар хусусияти зидмаъноӣ пайдо кардани онҳо:

Ҳар чӣ ***талаб дошт****, зиёдат аз он* ***ато кард*** *ва дар вақти хурӯҷаш адаби мушояа ба ҷой овард* [17, с.420]; *Сухани Худой шунид, сирри ваҳдоният бар дилаш* ***кашф шуд****, сифати инсоният* ***маҳв шуд*** [18, с.89]; *Аз он чӣ* ***ҳосил кардӣ****, муҳаққаре ба нафақаи худ* ***сарф кардӣ*** *ва боқиро бо фуқаро* ***тасаддуқ намудӣ*** [18, с.152]; *Он мард дар пои вай афтоду гуфт: «Эй шайх! Ман* ***ҷурм кардаам****, ту* ***узр мехоҳӣ****?»* [18, с.252]; *Вай гуфта, ки ҳар кӣ дар ин ба* ***зӯр*** *дарояд,* ***фазиҳат шавад*** *ва ҳар кӣ ба* ***заъф*** *дарояд,* ***қавӣ шавад*** [18, с.281].

Дар мисоли охир, антонимҳои луғавии ***зӯр*** ва ***заъф***, ки аввалӣ калимаи аслии тоҷикӣ асту дуюмӣ иқтибосии арабӣ барои тобиши зидмаъноӣ пайдо кардани феълҳои таркибии номии ***фазиҳат шудан – қавӣ шудан*** таъсири назаррас расондаанд.

Ҳамин тавр, дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» нақши калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули антонимҳо ниҳоят назаррас мебошад. Калимаҳои зидмаънои арабӣ на танҳо барои ба вуҷуд овардани тазоди маъноӣ, балки барои таъмини муассирии калом ва рангинии тарзи баён, нишон додани паҳлуҳои мухталифи амалу рафтор, аломату хусусияти предмету ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои гуногуни воқеият нақши муҳим бозидаанд. Ба воситаи калимаҳои зидмаъно тасвирҳои ба ҳам муқобил муассиру хотирнишон ифода гардида, дар онҳо моҳияти предмети тасвир, бартарию норасоии муносибату рафтор ба тарзи барҷаста инъикос ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 125 с.
2. Ғаффоров, Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. – Душанбе, 1977. – № 32. – С.25-27.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 464 с.
4. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – 185 с.
5. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 147 с.
6. Комиссаров, В.Н. Проблемы определения антонима / В.Н. Комиссаров // Вопросы языкознания, 1957. – № 2. – С.24-31.
7. Маҷидов, Ҳ. Антонимҳои луғавӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат. – Душанбе, 1999. – № 1-2. – С.5-8.
8. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
9. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 130 с.
10. Новиков, Л. Антонимия в русском языке / Л. Новиков. – М.: МГУ, 1973. – 210 с.;
11. Новиков, Л.А. Семантика русского языка / Л.А. Новиков. – М.: Высш. школа, 1982. – 150 с.
12. Сабзаев, С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С. Сабзаев. –Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
13. Саидов, Н.С. Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада / Н.С. Саидов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 254 с.
14. Сафаров, Х.О. Стилистические особенности заголовка в газете / Х.О. Сафаров. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 180 с.
15. Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Диловар, 1999. – 148 с.
16. Талбакова, Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик / Ҳ. Талбакова. – Душанбе, 2000. – 129 с.
17. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – 544 с.
18. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2013. – 866 с.
19. Ҷумъаев, М. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 160 с.
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 952 с.
21. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.2. – 948 с.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 950 с.
23. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 946 с.
24. نفحات الانس من حضرات القدس. تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه، تصحیح و تعلیقات دکتور محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص.

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ТАШАККУЛИ АНТОНИМҲО ДАР «НАФАҲОТ-УЛ-УНС» ВА «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар мақолаи илмӣ дар бораи иқтибосоти арабӣ ва нақши онҳо дар ташаккули антонимҳои луғавӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Антонимҳо ҳамчун муҳимтарин воситаи муассири баён дониста мешаванд, ки барои возеҳу равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон мебозанд. Ба дараҷаи таҳқиқи антонимҳо дар забоншиносии тоҷик ва рус таваҷҷуҳ зоҳир гардида, маҳорати Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун адиби забардаст дар истифодаи калимаҳои зидмаъно баланд арзёбӣ мегардад. Ба андешаи муҳаққиқ, дар асарҳои насрии нависанда бо мақсади муқобилгузории фикр на танҳо калимаҳои маъмули аслан тоҷикӣ, балки бо тақозои мазмуну мундариҷа калимаҳои тоҷикиву арабӣ низ ба кор бурда шудаанд. Нависанда ҳангоми офаридани тазоди бадеӣ калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабиро моҳирона кор фармуда маънову образҳоро ниҳоят ҷолиб муқобил мегузорад, ки моҳияти тасвири нависандаро боз ҳам возеҳтару равшантар намудааст. Аз таҳқиқу баррасӣ муҳаққиқ ба чунин натиҷа мерасад, ки дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» нақши калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули антонимҳо ниҳоят назаррас мебошад. Калимаҳои зидмаъно на танҳо барои ба вуҷуд овардани тазоди маъноӣ, балки барои таъмини муассирии калом ва рангинии тарзи баён, нишон додани паҳлуҳои мухталифи амалу рафтор, аломату хусусияти предмету ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои гуногуни воқеият нақши муҳим бозидаанд. Ба воситаи калимаҳои зидмаъно тасвирҳои ба ҳам муқобил муассиру хотирнишон ифода гардида, дар онҳо моҳияти предмети тасвир, бартарию норасоии муносибату рафтор ба тарзи барҷаста инъикос ёфтааст.

Калидвожаҳо: антоним, воситаи муассири баён, эҷоди бадеӣ, муқобилгузорӣ, тазоди бадеӣ, нависанда, мафҳум, асар, объекти тасвир, образ, тобишҳои гуногуни маъноӣ, тасвири предмет, калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои иқтибосии арабӣ, ибораҳои антгнимӣ, таркибҳои антонимӣ, тасвирҳои муқобил.

РОЛЬ АРАБСКИХ ЗАИМСИВОНВАНИЙ В ФОРМИРОВАНИИ АНТОНИМОВ В «НАФАХОТ-УЛ-УНС» И «БАХОРИСТОН» АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

В научной статье рассматриваются арабские заимствования и их роль в формировании лексических антонимов в прозаических произведениях Абдурахмана Джами – «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон». Антонимы считаются наиболее важными, эффективными и действенными средствами выразительности, играющими большую роль в четком выражении мысли и обеспечении совершенства речи. Уделено внимание уровню исследования антонимов в таджикском и русском языкознании, высоко оценено мастерство Абдурахмана Джами как великого писателя в использовании слов с противоречивыми значениями. По мнению исследователя, в прозаических произведениях писателя для выражения мысли используются не только общеупотребительные исконно-таджикские слова, но и по содержанию произведений употребляются таджикские и арабские слова. При создании художественного контраста писатель умело использует исконно-таджикские и арабские заимствованные слова и очень интересным образом противопоставляет смыслы и образы, что делает сущность образа писателя еще яснее. Исследование показывает, что в прозаических произведениях Абдурахмана Джами – «Бахористон» и «Нафахот-ул-унс» роль арабских заимствований в образовании антонимов чрезвычайно значительна. Антонимичные слова играют важную роль не только в создании смыслового контраста, но и в обеспечении действенности слова и разнообразия выражения, в отображении различных сторон действия и поведения, признаков и свойств предметов и явлений, различных процессов реальности. С помощью противоречивых слов выражаются эффектные и запоминающиеся контрастные изображения, в которых выдающимся образом отражается сущность предмета изображения, достоинства и недостатки отношения и поведения.

Ключевые слова: антоним, эффективные средства выразительности, художественное творчество, противопоставление, художественный контраст, писатель, понятие, произведение, объект изображение, образ, разные оттенки значения, изображение предмета, исконные таджикские слова, арабские заимствованные слова, антонимичные словосочетания, антонимичные составы, противоположные изображения.

THE ROLE OF ARAB INTERNATIONAL IN THE FORMATION OF ANTONYMS IN "NAFAHOT-UL-UNS" AND "BAHORISTON" ABDURAHMAN JAMI

The scientific article discusses Arabic borrowings and their role in the formation of lexical antonyms in the prose works of Abdurahman Jami - "Nafahot-ul-uns" and "Bahoriston". Antonyms are considered the most important and effective effective means of expressiveness, playing a large role in the clear expression of thought and ensuring the perfection of speech. Attention is paid to the level of study of antonyms in Tajik and Russian linguistics, the skill of Abdurakhman Jami as a great writer in using words with conflicting meanings is highly appreciated. According to the researcher, in the prose works of the writer, not only commonly used native Tajik words are used to express thoughts, but also Tajik and Arabic words are used in the content of the works. When creating an artistic contrast, the writer skillfully uses native Tajik and Arabic borrowed words and contrasts meanings and images in a very interesting way, which makes the essence of the writer's image even clearer. The study shows that in the prose works of Abdurahman Jami - "Bahoriston" and "Nafakhot-ul-uns" the role of Arabic borrowings in the formation of antonyms is extremely significant. Antonymic words play an important role not only in creating a semantic contrast, but also in ensuring the effectiveness of the word and the diversity of expression, in displaying various aspects of action and behavior, signs and properties of objects and phenomena, various processes of reality. With the help of contradictory words, spectacular and memorable contrasting images are expressed, in which the essence of the subject of the image, the advantages and disadvantages of attitude and behavior are reflected in an outstanding way.

Key words: antonym, effective means of expression, artistic creativity, opposition, artistic contrast, writer, concept, work, object image, image, different shades of meaning, image of the object, original Tajik words, Arabic loanwords, antonymous phrases, antonymic compounds, opposite Images.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Меҳроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджиксий национальный университет, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, Associate Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-589-64-08**

ТДУ: 811.21/.22:811.161.1

ОИД БА БАЪЗЕ ВОСИТАҲОИ АЛОҚАИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ КУШОДА ДАР ЗАБОНҲОИ АДАБИИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

(дар заминаи матни «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он)

Нарзиқулова Ҳ.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Дар баёни фикру мақсади равшану возеҳ ва ташаккули матни бофасоҳат ҷумлаҳои мураккаби пайваст нақшу мавқеи назаррас доранд. Мутобиқи муқаррароти олимони соҳаи наҳвшиносӣ аломату нишонаҳои хосси ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар он зоҳир мегардад, ки онҳо одатан, аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан озоду баробарҳуқуқ иборат буда, тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда, интонатсия, тартиби ҷойгиршавии ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб, мутобиқати шаклҳои феълӣ, калимаҳои ҳамнисбат, таносуби маъноии ҷумлаҳо ва дигар воҳидҳои луғавӣ сурат гирифта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, шумур, хилофӣ, ҷудоӣ, сабаб, натиҷа, қиёсӣ, эзоҳӣ ва монанди инҳоро ифода мекунанд [6, с.209-212; 8; 9, с.204-211; 10; 11, с.297-304; 12; 13, с.101-129; 14, с.7-68; 15; 17; 19, с.33-176; 20].

Дар забоншиносии тоҷик ва рус ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷиҳати сохт ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва бепайвандак ва аз ҷиҳати маъно ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ, қиёсӣ, қиёсию хилофӣ, эзоҳии атрибутӣ, ҳолӣ ҷудо карда шудааст [6, с.209-212; 10, с.206-210; 9; 10, с.297-299; 11; 12, с.101-129; 13, с.8-68; 19, с.190; 20, с.158-167; 21, с.222-242]. Бо дарназардошти қолибҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби пайваст онҳоро ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода ва баста низ ҷудо кардаанд [8, с.207-209; 10, с.298-299; 21, с.226-228].

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо қолиби кушода бо баъзе хусусиятҳои хосси худ аз ҷумлаҳои мураккаби пайвасти баста фарқ мекунанд. Ҳудуду доираи қолаби кушодаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст тангу маҳдуд набуда, балки хеле васеъ аст ва аз ҷузъҳои зиёд иборат шуда метавонанд. Пайвандакҳои ҷумлаҳои мураккаби мазкур аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ: ҳамроҳӣ ё пайвасткунанда ва ҷудоӣ ё ҷудокунанда ҷудо мешаванд. Ифодаи маънои ҳамзамонӣ бештар дар ҷумлаи мураккаби пайвасти қолаби кушода хос аст. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо қолаби кушода дар забони тоҷикӣ ва русӣ то ба дараҷае омӯхта шуда бошанд ҳам, вале муқоисаи сохторию маъноӣ ва воситаҳои алоқаи онҳо то имрӯз мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтаем (лозим донистем), ки баъзе аз воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи забони тоҷикию русиро (пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** дар забони тоҷикӣ ва пайвандаки **«и»** дар забони русӣ) дар асоси матни «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ва матни ба забони русӣ тарҷумашудаи он дида бароем ва ҷиҳати фарқкунандаи онҳоро ошкор намоем.

Аз мисолу далелҳои ҷамъовардаи мо чунин бармеояд, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст дорои сохтору маънои мухталиф мебошанд. Аз муқоисаи таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи матни тоҷикии «Ёддоштҳо» бо матни тарҷумашудаи он маълум гардид, ки воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода дар забони тоҷикӣ ва русӣ, асосан, пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам ва ҷудоӣ ба шумор мераванд. Аммо пайвандакҳои мазкур баъзан аз рӯйи вазифа ва мавқею тобишҳои маъноияшон дар забони тоҷикию русӣ баробар, як хел шуда наметавонанд, ки онҳоро дар мисолҳои зерин дидан мумкин аст.

Дар ташаккули ифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ асосан пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами **«ва»** ба кор рафта бошад, дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи ба забони русӣ тарҷумашудаи он пайвандакҳои пайвасткунандаи забони русии **«и»** ва **«а»** мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки далели онро дар мисолҳои зерин дидан мумкин аст:

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодае, ки дар онҳо пайвандакҳои **«ва»** ва **«и»** дар алоқаю ифодаи муносибати маъноии ҷумлаҳои дохили ҷумлаҳои мураккаби пайваст вазифаи ягона дошта, муносибатҳои ҳамзамониро ифода мекунанд.

А) дар ифодаи муносибати ҳамзамонӣ:

а) *Шамол то рафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз губор тиратар мешуд* [2, с.33];

Ветер всё усиливался и воздух всё больше темнел от пыли [1, с.36].

б) *Гап задани ӯ ҳам хашмгинона буд ва дар вақти сухан аз даҳонаш ба ҳар тараф кафк мепарид* [3, с.79];

Говорил он всегда сердито, и во время разговора изо рта его во всё стороны брызгала пена [1, с.446].

Б) Дар ифодаи муносибати пайиҳамзамонӣ:

а) *Тақдири вабозадагони Бухоро ана ба ҳамин тур ва филдшир супурда шуд ва беморхонаи вабоӣ ҳам дар зери назорати ҳаминҳо ташкил ёфт* [3, с.86];

Судьба всех больных в городе была доверена таким беспомощным лекарям, и холерная больница также была создана под их наблюдением [1, с.425].

б) *Фақат шумо заминҳотонро ба ман ҳосилгарав мекунед ва ман ҳосили ҳарсолаи онҳоро ба худи шумо ҳар соле ба ҳазор танга мефурӯшам* [2, с.76].

Вы лишь заложите у меня свою землю под урожай, и я ежегодно буду продовать вам урожай с неё за тысячу тенег [1, с.527].

Дар ду мисоли аввал ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода дар забони тоҷикӣ бо пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами **«ва»** сурат гирифта, тавассути мутобиқати шаклҳои феълӣ «шиддат мекард» ва «тиратар мешуд» муносибати ҳамзамонии иҷрои амалро ифода карда бошанд, дар забони русӣ ҷумлаҳои мазкур бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи **«и»** таркиб ёфта, ба воситаи мутобиқати шаклҳои феълии «усиливался» ва «темнел» муносибати маъноии ҳамзамониро баён кардаанд. Хабарҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода дар забони тоҷикӣ ва русӣ замони гузаштаи давомдорро ифода кардаанд ва ба ин васила алоқаи тарафайни маъноии ҷумлаҳо қавитар гардидааст.

Дар мисоли дигар низ (А.б) алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти кушода тавассути пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами **«ва»** дар забони тоҷикӣ ва дар забони русӣ пайвандаки **«и»** сурат гирифта, бо ёрии мутобиқати хабарҳо муносибати маъноии ҳамзамониро ифода кардаанд. Дар ҷумлаи мураккаби пайвасти мазкур хабари ҷумлаи якум хабари номӣ буда, дар баёни ҳолати вуҷуддоштаи замони гузашта ба кор рафтааст, хабари ҷумлаи дуюм, хабари феълӣ буда, замони гузаштаи давомдорро ифода кардааст.

Дар ҷумлаҳои тарҷумашуда хабарҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти русӣ хабарҳои феълӣ буда, бо шакли замони гузаштаи давомдор сурат гирифтаанд.

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода бо пайвандаки **«ва»** дар баробари ифодаи муносибати замонӣ, муносибати муқобилгузорӣ, хилофӣ ва дигар муносибатҳои (тобишҳои) маъноиро низ ифода мекунанд ва ин тобишҳои маъноӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи оҳанг, алоқаи тарафайни маъноии ҷумлаҳои дохили ҷумлаҳои мураккаби пайваст зоҳир мегардад.

Ҷумлаҳои мазкур дар матни тарҷумашудаи русӣ дар мавриди ифодаи муносибати муқобилгузорӣ, тобишҳои хилофӣ бо пайвандаки пайвасткунандаи «а» сурат мегиранд, ки мисоли онро дар матни тоҷикӣ ва тарҷумашудаи «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ дидан мумкин аст:

– Оҳо, ин духтараки саҳроии содадил дар ишқбозӣ аз ман донотар будааст ва ман аз вай бехабар мондаам [3, с.392];

Ого, оказывается, простодушная девочка в вопросах любви куда опытнее меня, а я и не знал [1, с.349].

Дар мисоли боло ҷумлаи мураккаби пайвасти кушода бо пайвандаки «ва» дар забони тоҷикӣ тобиши духӯра дошта, ҳам муносибати ҳамзамонӣ ва ҳам муносибати муқобилгузориро ифода кардааст. Дар ҷумлаи тарҷмумашудаи русӣ, ки бо пайвандаки «а» сурат гирифтааст, ифодаи муносибати муқобилгузорӣ равшантару қавитар зоҳир гардидааст.

Дар мисолҳои зерин низ ҷумлаи мураккаби пайваст бо пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** дар баёни муносибатҳои маъноии замонӣ ва хилофӣ мавриди истифода шуда бошад, дар забони русӣ ҷумлаи мураккаби пайваст бо пайвандаки пайвасткунандаи **«а»** асосан дар баёни муносибати муқобилгузорӣ ба кор рафтааст:

*Мулло Раҳмат бо талаби аҳли суҳбат он воқеаро нақл кард **ва** ман дар ин ҷо ба он воқеа аз тарафи худ сарлавҳа монда, аз забони муллои сартароши мазкур бо тақрири худ кӯчондани вайро муносиб дидам* [3, с.424].

*По просьбе собравшихся Мулло-Рахмат рассказал нам эту историю, **а** я счёл уместным привести её здесь с моими исправлениями и под другим названием* [1, с.374].

*Замини киштзор монанди регзор гежонак набуд **ва** шамол ҳам аз дунбол – аз тарафи пушт мевазид. Бино бар ин, ба тарафи хона рафтан он қадар душворӣ намекард* [2, с.33].

Земля на полях не была такой скользкой, как песок, а ветер дул мне в спину, поэтому бежать было не очень тяжело [1, с.36].

Дар ҷумлаи аввали мураккаби пайвасти бо пайвандаки **«ва»** хабарҳои ҳар ду ҷумлаҳои сода дар баёни замони гузаштаи мутлақ корбурд шуда бошанд, дар ҷумлаи дуюми мураккаби пайваст ҷумлаи содаи аввал бо хабари номии замони гузашта ва ҷумлаи дуюм, бо хабари феълии замони гузаштаи давомдор ифода гардида, тавассути таносуби маъноии ҷумлаҳои ҷумлаи мураккаби пайваст ҳолату амали яквақтаро баён кардааст. Дар ҷумлаи мураккаби пайвасти бо забони русӣ тарҷумашуда ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб бо пайвандаки **«а»** алоқаманд гардида, муносибати муқобилгузориро ифода кардаанд, ки ба асл аз ҷиҳати маъно чандон мувофиқат намекунад.

Мавқеи пайвандаки пайвасткунандаи «ва» дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бисёрҷузъа

Дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи бисёрҷузъае ба назар мерасанд, ки бештар аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода иборат буда, дар алоқамандшавии онҳо пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** дар тарҷумаи русии он пайвандаки пайвасткунадаи **«и»** ва **«а»** мавқею вазифаи муайян доранд:

А) Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдори кушодаи сеҷузъа:

*Бародарам бо додарам дар яке аз ҳамин ҳуҷраҳои поин зиндагӣ мекарданд **ва** дар рӯзҳои дар ин ҷо фаррош тайин шудани ман бародарам мисли порсола боз ба чӯли Каркӣ барои муаллимӣ рафт **ва** ман дар ҷойи ӯ дар ҳамон ҳуҷраи тангу торик бо додарам мондам* [2, с.50].

*Мои братья жили в первом этаже в одной из таких келий. Когда мне удалось устроиться подметальщиком, старший брат, как и в прошлом году, уехал на лето учительствовать в Керкинскую степь, **а** я с младшим братом остался в этом тёмном и тесном жилье* [1, с.422].

Дар мисоли овардашуда ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдори кушодаи сеҷузъа дар забони тоҷикӣ аз се ҷумлаи сода иборат буда, алоқаи байни ин ҷумлаҳо бо пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** воқеъ гардидааст ва муносибати пайиҳамзамониро ифода кардааст. Дар тарҷумаи ҷумлаи мазкур ҷумлаи мураккаби пайвасти сеҷузъа ба ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон ва пайрави хилоф табдил ёфтааст, ки он аз ҷиҳати маъно бо ҷумлаи асл (тоҷикӣ) чандон мувофиқат намекунад.

Дар мисолҳои зерин истифодаи пайвандаки **«ва»** дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сеҷузъа дар забони тоҷикӣ ва русӣ як хел набуда, то андозае фарқ мекунанд:

*Бандҳои дастони латифи ӯ ҳанӯз дар дастонам буданд, дастони ман меларзиданд **ва** дастони нарму нозуки ӯ ҳам аз дастони ман камтар намеларзиданд* [2, с.398].

*Запястья её тонких рук были в моих руках и дрожали не меньше, чем у меня, (и я тихонько их гладил), **но** не находил слов, не знал, что сказать* [1, с.354].

Дар мисоли боло ҷумлаи содаи аввал ба ҷумлаи дуюм тавассути интонатсия (оҳанг) алоқаманд шуда бошад, ҷумлаи дуюм бо ҷумлаи сеюм бо пайвандаки **«ва»** пайвастааст ва сабаби он такрор накардани пайвандаки **«ва»** дар ҷумлаи мазкур мебошад. Дар ҷумлаи тарҷумашудаи русӣ пайвандаки **«и»** ҳамчун пайвандаки **«ва»** - и тоҷикӣ алоқаи пайвасти ду ҷумлаи содаро ифода кардааст. Ҷумлаҳои мазкур ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони русӣ муносибати ҳамзамонии ҳолатҳои воқеиро фаҳмондаанд.

Дар мисоли зерин тарҷумаи русӣ бо аслаш чандон мувофиқат намекунад:

*Шеърро бисёр хуб мефаҳмид **ва** иқтидори шоирияш паст бошад ҳам, шеър мегуфт* [3, с.42].

*Он не обладал большим поэтическим даром, **но** стихи писал умело и считался истинным ценителем поэзии* [1, с.415].

Б) Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдори кушодаи чорҷузъа:

*Лекин ман барои ин ҳеч гам нахӯрдам **ва** монанди муаллими худ бо нӯги қаламтарош аз дандонам чирк тарошида гирифтам **ва** ба рӯйи ҷоҳои каҷи ҳарфҳо молида, тарошида ва пас аз он ҷоҳои холимондаи ҳарфҳоро монанди муаллими худ сиёҳӣ пур кардам [2, с.120].*

*Но неудача меня нисколько не обескуражила, **и**, подобно своему учителю, я кончиком ножа счистил у себя с зубов налёт, затем растер его по лишним линиям букв **и**, как Сайид-Акбар, подправил стёртые места чернилами [1, с.113].*

Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдори кушодаи чорҷузъаи зикршуда аз як ҷумлаи содаи дутаркиба ва се ҷумлаи содаи яктаркиба иборат буда, алоқаи байни ҷумлаҳои сода бо пайвандаки **«ва»** сурат гирифтааст ва ҷумлаи мазкур барои ифодаи муносибати пайиҳамзамонии амалҳои воқеъгардида ба кор рафтааст.

Ҷумлаи мазкур дар тарҷумаи русӣ аз ду ҷумлаи содаи дутаркиба ва ду ҷумлаи содаи яктаркиба иборат буда, бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи **«и»** ҷумлаҳои сода алоқаманд гардидаанд ва муносибати маъноии пайиҳамзамониро ифода кардаанд.

Хулоса, дар матни тоҷикии «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** корбурд шуда бошад, дар матни русии он (дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти забони русӣ) пайвандакҳои **«и»** ва **«а»** ба кор рафтаанд.

Пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»** бо интонатсияи пайваст воситаи муҳимтарини алоқаи байни ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст буда, воситаҳои ифодаи муносибатҳои гуногуни маъноии он мутобиқати хабарҳои ҷумлаҳои таркиби он мебошад. Дар ҷумлаи мураккаби пайвасти сеҷузъа ва чорҷузъаи тоҷикӣ корбурди пайвандаки **«ва»** бештару гуногун аст. Дар баъзе мавридҳо бо мақсади таъкид такроран истифода бурдани пайвандаки **«ва»** ба назар мерасад. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сеҷузъа ва чорҷузъаи матни русӣ бештар бо пайвандакҳои пайвасткунандаи **«и», «а»** ва **«но»** сурат гирифтани ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дидан мумкин аст. Такроран истифода бурдани пайвандаки **«и»** дар забони русӣ хеле кам ба назар мерасад.

Муқарриз: *Раҳмонова Н.Ш.* – д.и.ф., профессори АИДНПҶТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айни, С. Воспоминания (перевод с таджикского Анна Розенфельд) / С. Айни. – Москва – Ленинград, 1960. – 1090 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – Ҷ.10. – 560 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – Ҷ.11. – 699 с.
4. Абдураҳимов, С. Дар бораи дуруст кор фармудани пайвандакҳои «ва», «у» / С.Абдураҳимов // Маориф ва маданият. – 1969. – 27 феврал.
5. Арендс, А.К. Краткий синтаксис современного персидского языка / А.К. Арендс. – М-Л., 1941. – С.93-95.
6. Атобуллоев, С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / С. Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1984. - Ҷилди 4. – С.7-34.
7. Арзуманов, С. Забони тоҷикӣ. Учебник для высших учебных заведений / С. Арзуманов, О. Ҷалолов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С.201-202.
8. Бабайцева, В.В. Русский язык. Синтаксис и пунктуация / В.В. Бабайцева. – Москва: Просвещение, 979. – 269 с.
9. Беленицкий, Н. Наҳви забони тоҷикӣ / Н. Беленицкий, Б. Ҳоҷизода. – Сталинобод-Самарқанд, 1936. – С.22-35.
10. Белова, Б.А. Усложнённые сложносочинённые предложения в современном русском литературном языке: автореферат канд. дисс. / Б.А. Белова. – Красноярск, 1967. - 21 с.
11. Белошапкова, В.А. Современный русский язык. Синтаксис (Учебное пособие для филол. специальности ун-тов) / В.А. Белошапкова. – М.: Высшая школа, 1977. – 248 с.
12. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942. – С.1-55.
13. Валгина, Н.С. Синтаксис современного русского языка. Учебник для студентов вузов обучающихся по специальности «Журналистика» / Н.С. Валгина. Изд. 2-е. - М.: Высшая школа, 1978. – 439 с.
14. Галкина – Федорук Е.М. и др. Современный русский язык. Синтаксис / Е.М. Галкина – Федорук. – М., Учпедгиз, 1956. – 73 с.
15. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963. – Қисми II. – С.97-129.
16. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1989. – Ҷ. III. – 216 с.
17. Грамматика русского языка. Под ред. акад. В.В. Виноградова. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. - Т.I.
18. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1970. - С.192-212.
19. Иванова, Л.А. Союзные противительные конструкции в современном английском языке: автореф. канд. дисс. / Л.А. Иванова. – М., 1971. – 40 с.
20. Зикриёев, Ф.К. Структурно-семантические особенности таджикского паратаксиса / Ф.К. Зикриёев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 190 с.
21. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. - С.280.
22. Норматов, М. Забони адабии муосири тоҷик (Синтаксис) / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 323 с.

23. Московкина, Р.А. Информативные таблици по синтаксису / Р.А. Московкина // Русский язык в школе. – 1988. – №5. – С.16-24.
24.

ОИД БА БАЪЗЕ ВОСИТАҲОИ АЛОҚАИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ КУШОДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

(дар заминаи матни «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он)

Дар мақолаи мазкур баъзе воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо тарҷумаи ҷумлаҳои мазкур мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта ва натиҷаҳои он баррасӣ шудааст. Бо мақсади риоя намудани ҳаҷму ҳудуди мақола аз байни воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода пайвандаки пайвасткунандаи **«ва»,** алоқамандона ба он интонатсияи пайваст ва мутобиқати маъноии хабарҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст объекти асосии баҳси мақола қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муқоисавии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушодаи забони тоҷикӣ ва русӣ муаллифи мақола ба хулосаи зерин омадааст: дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сеҷузъа ва чорҷузъаи забони тоҷикӣ (дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ) корбурди пайвандаки **«ва»** бештару гуногун буда, дар баъзе мавридҳо такроран истифода бурдани пайвандаки **«ва»** ба назар мерасад. Дар ҷумлаҳои мазкури матни русӣ бештар бо пайвандакҳои пайвасткунандаи **«и»**, **«а»** ва **«но»** сурат гирифтани ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дидан мумкин аст. Такроран истифода бурдани пайвандаки **«и»** дар забони русӣ нисбатан хеле кам аст. Ҳамчунин ҷумлаҳои сеҷузъаи бо забони русӣ тарҷумашуда баъзан бо асл мувофиқат намекунанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти русӣ ифодаи тобишҳои маъноии замонӣ, хилофӣ, шартӣ – равшантар бошад, дар ҷумлаи мазкури тоҷикӣ ифодаи ин тобишҳои маъноӣ пӯшида аст.

Калидвожаҳо: «Ёддоштҳо», Садриддин Айнӣ, ҷумлаи мураккаби пайваст, воситаи алоқа, пайвандак, интонатсия, мутобиқати хабарҳо, шаклҳои феълӣ, муносибатҳои замонӣ, хилофӣ, тобишҳои маъноии замонӣ.

О НЕКОТОРЫХ СРЕДСТВАХ СОЕДИНЕНИЯ ОТКРЫТЫХ СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

(на материале текста «Воспоминаний» Садриддина Айни и его перевода на русский язык)

В данной статье исследованы, проанализированы и рассмотрены результаты некоторых соединительных средств открытых сложносочинённых предложений таджикского языка с переводом данных предложений на русский язык. С целью соблюдения объёма статьи из средств связи открытых сложносочинённых предложений основным объектом обсуждения является соединительный союз **«и»,** связанная с ним интонация и семантическая согласованность сообщений простых предложений в составе сложносочинённых предложений. В результате сравнительного анализа и исследования открытых сложносочинённых предложений в таджикском и русском языках автор статьи пришёл к такому выводу: В открытых сложносочинённых предложениях таджикского языка, которые состоят из трёх или более предложений наблюдается частое использование союза «и» в разных контекстах. В предложениях переведённых на русский язык, которые были приведены в качестве примера, чаще наблюдаются сложносочинённые предложения, в которых чаще используются соединительные союзы «и», «а», «но». В тексте перевода на русский язык «Воспоминания» С.Айни в предложениях крайне редко используется союз «и». Также по проведённому исследованию автора стоит отметить, что перевод текста на русский язык, во многих сложносочинённых предложениях не соответствует тексту оригинала. В переводе текста на русский язык в предложениях, которые состоят из трёх или более предложений смысловые временные, противоречивые, разделительные оттенки выражены более чётко, а в тексте оригинала выражения этих значений скрыты.

Ключевые слова: «Воспоминания», Садриддин Айни, сложносочинённые предложения, соединительное средство, союз, интонация, сочетание сказуемых, глагольные формы, временные, противительные отношения, временные смысловые оттенки.

ABOUT SOME MEANS OF COMMUNICATION OF COMPLEX SENTENCES OF OPEN CONNECTION IN TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

(on the basis of the text ‘’Notes’’ by ustad Sadriddin Aini and its russian translation)

In this article, some means of communication of complex sentences of open connection of open connection of the Tajik language in comparison with the translation of these sentences were analyzed and researched, and its results were discussed. In order to comply with the scope of the article,among the means of communication of complex open sentences,the connecting link’’and’’, in connection with it,the intonation of the connection and the semantic compatibility of the messages of the simple sentences of the composition of the complex sentences are the main object of the discussion. The article has been decided. As a result of the comparative analysis and research of Tajik and Russian complex sentences of open connection, the author of the article came to the following conclusion. In the complex sentences of three-part and four-part connection of the Tajik language (in ‘’Notes’’ by S. Aini), the use of the conjunction ‘’and’’ is more and more varied, and in some cases, the conduction ‘’and’’ is used repeatedly. In these sentences of the Russian text, it is possible to see the formation of complex sentences with the connecting conjunction ‘’I >>, <<a>> and ‘’no’’. The repeated use of the conjunction ‘’I’’ in the Russian language is relatively rare. Also, the three-part sentences translated into Russian sometimes do not correspond to the original. In the complex sentences of the Russian connection, the expression of temporal, contradictory, conditional – is more clear, in this sentences, the expression of these semantic shades is hidden.

Key words: “Notes’’, Sadriddin Aini, compound sentence, conjunction, intonation, news compatibility, verb forms, time relations, opposite, expression of semantic shades.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нарзиқулова Ҳилола Маъруфҷоновна*** **–** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21.
E-mail: **noila@internet.ru.** Тел.: **(+992-37) 221-60-11**

Сведение об авторе: ***Нарзикулова Хилола Маруфджоновна*** - Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21.
E-mail: **noila@internet.ru.** Тел.: **(+992-37) 221-60-11**

Information about the author: ***Narziqulova Hilola Marufjonovna*** – Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 21.
E-mail: **noila@internet.ru.** Phone: **(+992-37) 221-60-11**

ТДУ: 811.21/.22:811.112.2

АНДЕШАЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ НОМГУЗОРИИ ГУЛҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Қаюмова С.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон аз унсурҳои зиёде иборат аст, ки ба самте ва ё бахше равона карда шудаанд. Маҳз тавассути ин унсурҳо забон ғановатманд гардида, шевогию нафосати худро ба даст оварда тавонистааст. Чи тавре, ки муаллифи китоби “ Забони миллат - ҳастии миллат” овардааст: “Танҳо дар забон таъриху тамаддун, зисту зиндагонии он ҳувайдо мегардад. Забон дар маҷмуъ як қисмати муҳим ва ё ба иборати дигар, як бахши нигорандаи таърихи халки мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст. Масалан, аз руйи захираи вожагон ва истилоҳоти забон мо метавонем бо боварӣ дар бораи пешрафт ва ё заъфу сустии ягон соҳаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар даврахои мухталиф қазоват кунем, аз ҷониби дигар, забон манбаи бисёр муътамад барои омӯзиши таърих ва фарҳангу тамаддуни мо мебошад” [11, с. 12].

Соҳаи боғдорӣ низ аз калимаву истилоҳоти зиёде иборат мебошад, ки бо вожаҳои гуногун номгузорӣ карда шудаанд ва баъзе аз онҳо аз даврахои аввали рушди забонамон маншаъ мегирад. Масалан, калимаи “*наргис”* аз даврахои аввали рушди забони форсӣ - тоҷикӣ дар истифода қарор дошта ба калимаи худӣ мубаддал гашта бошад ҳам, аммо ин калима калимаи иқтибосӣ мебошад, ки оид ба ин масъала профессор Ҳ. Маҷидов низ бетараф набуда, назари хешро чунин баён намудааст: “Бояд эътироф кард, ки иқтибосҳои юнони қадима ҳам кайҳо ҳазм шуда рафтаанд ва аз бобати қиёфаи овозии худ аз калимаҳои аслии тоҷикӣ кам фарқ мекунанд. Қисми зиёди онҳо чун калимаҳои иқтибосии дигар дар ифодаи мафҳумҳои муҳимми ҳаётӣ аҷносу ашёи зиндагӣ ба кор бурда мешаванд: арғунун “навъе аз асбобҳои мусиқӣ”, дафтар “китоб ҳуҷҷат”,” наргис “номи гул ва ғайра” [6, с. 100].

Аз сабаби дар забони тоҷикӣ бисёр маъмул буданаш, ҳатто дар донишномаҳо низ ин гул шарҳу возеҳ ёфтааст. Масалан, дар “Донишнома” оид ба ин гул чунин оварда шудааст: “Наргис – наргиса, абҳар, гули қаҳд (Narcissus) – як ҷинси гиёҳҳои пиёзбех, гули хушбӯйи навбаҳор” [19, с. 38].

Тафсири дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” овардаи калимаи “ наргис” ба тафсири дар боло овардашуда хеле наздик мебошад: “Наргис - номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад”.

Бар фарқи сари наргис-бар зард кулоҳ,
Бар фарқи сари чакова як мушт гиёҳ [13, с. 833].

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки асосан, баҳси мо дар атрофи калимаи “гул” рафта истодааст. Масъалаи баррасии маънои калимаи “гул” дар айни замон дар забон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, забоншиносону муҳаққиқони дигар кишварҳо онро ҳамчун “консепти гул” мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода истодааст. Аслан, калимаи “гул”-ро муҳаққиқон ба таврҳои гуногун тафсир намудаанд. Масалан, дар луғати "Бурҳони Қотеъ” калимаи “гул”-ро чунин шарҳ додаанд: “Гул маъруф аст ва ба арабӣ вард хонанд; ва ба маънии ахтари оташ ҳам ҳаст; ва ранги сурхро низ гӯянд” [7, с. 77].

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, бошад калимаи “гул” тамоман ба таври дигар шарҳи худро ёфтааст: “гул – ғунча ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳон дар шохҳои худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ё мева ба вуҷуд меояд”.

Ганҷи беранҷ надидаст касе,
Гули бехор начидаст касе. Ҷомӣ.
Зи оби чашми ман гил шуд ба роҳи ишқ манзилҳо,
Надонам то чӣ гулҳо бишкуфад охир аз ин гилҳо [13, с. 281].

Муҳаққиқони олмонӣ низ ба шарҳу тафсири калимаи “гул” кӯшида, дар атрофи ин масъала фикру ақидаҳои ҷолиби хешро баён намуда тавонистаанд: Die Blume relative kleine Pflanze mit auffaelligen Bluten (bluhende, duftende Blume: Blumen pflanzen, zuchten), Blumenbett, Blumenerde, Blumengarten, Blumenrabatte, Blumenzwiebel, Gartenblume, Waldblume, Wiesenblume, Fruhlingsblume, Sommerblume, Herbstblume

Гул мафҳуми растании хурде, ки бо намуди ғайриодиаш (гули шукуфанда, буйдиҳанда: гул шинондан, парвариш кардан-ро дорад. Гулзор, замини гул, боғи гулҳо, ҷӯяки гулҳо, решаи гулҳо, гулбоғ, гулҳои ҷангалӣ, гулҳои чаманӣ, гулҳои баҳорӣ, гулҳои тобистона, гулҳои тирамоҳӣ [4, с.235].

Дар осори классикон низ истифодабарии калимаи "гул" зиёд ба чашм мерасад, хоҳ ба маънои аслиаш бошад, хоҳ ба маънои маҷозиаш бошад, мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, Ҳофизи Шерозӣ дар як рубоии худ шукуфтани гул, зебоию таровати он дар омезиши ҳодисаҳои табиатро хеле моҳирона ба қалам додааст. Шоир боридани боронро ба гиристани абр ва шукуфтани гулҳоро ба хандаи он ташбеҳ додааст. Ҳатто сарв, ки ҳамеша аз ростии худ меболад, фахр мекунад, бандаи гул шудааст:

Бингар ба чаман ҷамоли фархундаи гул,
Гаҳ гиряи абр бину гаҳ хандаи гул.
Сарв арчи ба озодии худ менозад,
Аз ростие, ки дошт, шуд бандаи гул [8, с.181].

Мусаллам аст, ки дар баробари дигар миллатҳо тоҷикон низ ба парвариши гулҳо диққати хосса медиҳанд ва барои мардуми тоҷик гул на танҳо растании хушбӯй ва ороишӣ, балки як чизи муборак буда, дар ҷашну маросимҳои мавсимӣ ва хонаводагӣ истифода бурда мешавад. Масалан, ҳангоми тӯйи арӯсӣ хонаро бо гулҳо оро медиҳанд ва ба арӯс низ гул тақдим менамоянд, ки бо истилоҳоти "гули дасти арӯс" ё " гулдастаи арус" номгузорӣ карда шудаанд.

Инчунин, миёни мардуми тоҷик анъанаи дигаре вуҷуд дорад, ки бо гул иртибот дошта, тасвири забонии ҷаҳони тоҷиконро инъикос медиҳад, яъне ҳангоми вафот кардани шахс мурдаро бо гулҳо оро медиҳанд ва ба мурда оби гул мепошанд, то ин ки аз он бӯйи хуш ояд ва ин бо калимаҳои "гулородиҳӣ" ва "гуловпошӣ" номгузорӣ карда шудаанд. Инчунин, урфи ба сари манзили гузаштагон гул коридану гузоштан дар байни мардуми тоҷик ба чашм мерасад, ки ин нишонаи эҳтиром ба гузаштагон мебошад.

Дар Олмон низ анъанаи дар болои мурда ва дар қабристон гул гузоштан мавҷуд аст, ки ба забони олмонӣ ин калима "Trauerblumen", "гули ғам" ё "гулчанбар барои қабристон" номгузорӣ шудааст ва то ҳол ин анъана мавҷуд аст.

Инчунин, дар забони тоҷикӣ номи беморӣ низ "гул" гузошта шудааст. Ҳангоми баровардани гул мардуми тоҷик ибораи "муборак шавад"-ро вирди забон меоранд, ки ин танҳо тасвири забонии ҷаҳони тоҷиконро нишон дода, барои олмониҳо бегона аст. Дар забони олмонӣ гарчанде номи ин беморӣ маъмул бошад ҳам, аммо бо гул ягон иртибот надошта, die Masern тарҷума мешавад ва ба исми шакли ҷамъ тааллуқ дорад.

Муҳаққиқ Г. Абдуллоева дар монографияи худ "Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ" дар як гӯйиши муайян номи бемории гулро баррасӣ намуда, андешаи худро чунин баён намудааст: "Гул беморие, ки танаи одам пур аз доначаҳои сурхак-сурхак мешавад. Ин беморӣ боз навъҳои худро дорад, ки бо истилоҳоти зерин номгузорӣ шудаанд: чечаки бузакон, гули майда, овлаи харакон, гули гулафшон, гули калон-калон, гули қазомуқ, гули қаромуз" [1, с. 86].

Мардуми тоҷик, инчунин чизи аз ҳама беҳтаринро "гул" мегӯянд, аз қабили *гули орд, гули либос, гули хӯрок*. Дар забони тоҷикӣ занро низ дар баъзе мавридҳо "гул" меноманд, ки дар ин мавриди маҷозро истифода бурдани соҳибзабонон ба назар мерасад. Анъанаи дигаре миёни мардуми тоҷик вуҷуд дорад, яъне ҳангоми аз дунё гузаштан зан шавҳараш "гулам" гӯён нола менамояд, ки ин анъана низ барои мардуми олмонзабон бегона буда, дар ин маврид майдони маъноии ин калима аз ҳудуди тоҷикзабонон дур рафта наметавонад. Рӯшан аст, ки ибораҳои фразеологии зиёде бо калимаи "*гул*" низ дар истифода қарор доранд, аз қабили "*гули сари сабад*" ба маънои "чизи беҳтарин, писандидатарин, одами азизтар ва бақадртар дар байни як гурӯҳ, зинатбахши маҳфилҳо"; *гули чашм* ба маънои "як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад"; *гули шамъ* (чароғ) ба маънои "сари нимсухтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ"; *гул – гул шукуфтан* ба маънои "аз ҳад зиёд хурсанд шудан, болидан"; *гули мақсуд чидан* "ба мақсад расидан", *аз гул нозук будан,* "хеле нафис будан, бисёр нозук будан"; *аз сад гул якаш нашукуфтан*" ба маънои "ҳоло ҳама чиз дар пеш будан, акнун зоҳир шудани қувваю равнақ, ҳанӯз ҷавон будан" ва ғайра.

Ногуфта намонад, ки дар байни мардуми Олмон низ мақолу зарбулмасалҳои зиёде мавҷуд мебошад, ки ба гул иртибот доранд ва аксарияти онҳо дар забони тоҷикӣ муодили худро доранд. Масалан:

Eine Blume macht keinen Kranz. - Бо як гул гулчанбар намешавад

Gemalte Blumen duften nicht. Гулҳои сунъӣ буй надоранд.

Keine Rose ohne Dornen. Садбарг бе хор намешавад.

Jede Blume hat ihren Duft. Ҳар гул бӯи худашро дорад [2, с.57].

Чуноне ки мушоҳида мешавад, ҳангоми тарҷумаи ин зарбулмасалу мақолҳо аз як забон ба забони дигар монандӣ дида мешавад. Масалан, дар забони олмонӣ «Keine Rose ohne Dornen» «Садбарг бе хор намешавад», муодили он дар забони тоҷикӣ «Гул бе хор намешавад» мебошад, ки тобиши маъноии худро дар ҳарду забон гум накардааст.

Дар олмон маросиме, бо номи гул иртибот дорад, ки онро "бофтани гулчанбари арӯс" ба забони олмонӣ "Kranzelbindabend" меноманд, ки духтарон як рӯз пеш аз тӯй дар назди арӯс ҷамъ шуда, аз гули розмарин *der Rosmarin* гулчамбар бофта ба меҳмонон тақсим мекунанд. Дар шаҳри Каринтияи Олмон ин маросимро «Шоми гулчамбарбофӣ» «*Kranzelbindabend*» меноманд. Ин аслан шоме мебошад, ки арӯсу домод бо дӯстони даврони кӯдакӣ ва ҷавонияшон хайрухуш намуда, ба зиндагии мустақилона оғоз менамоянд [17, с.69].

Анъанаи туҳфа кардани гул миёни олмониҳо аз қадим мавҷуд буда, то айни замон маҳфуз мондааст. Ин анъана бо номи *«Blumenschenken»* миёни ин ақвом маъмул буда, дар маросимҳои зодрӯз, тӯйи арӯсӣ, рӯзи иди модарон, рӯзи ошиқон, мавлуди Исо ва ғайра вирди забон оварда мешавад. Махсусан, дар рӯзи иди модарон дар мағозаҳои гулфурӯшии Олмон ҳангома ба вуҷуд меояд. Чун анъана олмониҳо дар рӯзи иди модарон ба модарҳояшон мехчагул - Die Nelke туҳфа менамоянд. Дар рӯзи ошиқон бошад, ҳамчун рамзи ишқу муҳаббат ба ошиқон гули садбарги сурх –die Rose туҳфа мекунанд. Дар Олмон аз ҳама туҳфаи беҳтарин дар "мавлуди Исо" -das Weihnachten ин гули ситораи Байт-Лаҳм - der Bethleheme Stern мебошад, ки ин гул хеле камёфт ва машҳур аст. Олмониҳо гули савсан - die Schwertlilie, Iris - ро ба касе туҳфа намекунанд, онҳо ин гулро гули қабристон меноманд [22].

Истилоҳи " *гули баҳман"* низ дар забони тоҷикӣ серистеъмол буда, муодили худро дорост. Дар баъзе манотиқҳо ин гул бо номи "*гули сардак"* ошно буда, пайдоиши он марбут ба ранг аст.

Аз сабаби маъмул буданаш дар "Донишнома" низ дар ҳамин шакл дарҷ гардидааст: "Баҳман – гули баҳман, бойчечак, гули ях, гули қосид, ҳасратгул (Crocus korolvii) як навъ гули худрӯи аввалибаҳор" [18, с.108].

Гарчанде калимаи бойчечак миёни тоҷикон дар ҳамин шакл маъмул буда, дар ҳамин шакл дар истифода қарор дошта бошад ҳам, аммо муодили он дар забони олмонӣ das Schneegloeckchen – бойчечак, баҳман мебошад, ки якчанд намуд дорад, аз қабили: Clusius Schneegloeckchen – бойчечаки қатраи барфӣ, Kaukasus Schneegloeckchen – бойчечаки Кавказ, Schmalblatriges Schneegloeckchen – бойчечаки баргборик, Cilischen Schneegloeckchen – бойчечаки Киликӣ, Foster Schneegloeckchen – бойчечаки парварда, Zierliches Schneegloeckchen – бойчечаки нозук ва ғайра.

Мардуми Эрон бойчечакро *"гули сурӣ"* мегӯянд. Маликушшуаро Баҳор дар ғазали "Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед" мефармояд:

Андалебон гули сурӣ ба чаман карда вуруд,

Баҳри шодбоши қудумаш ҳама фарёд кунед.

Вожаи "бойчечак" дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин шарҳ дода шудааст: "Гиёҳи гули зарду сафедчадор, ки дар кӯҳу саҳро баъди тамом шудани барфҳо мерӯяд ва муждарасони баҳор шумурда мешавад, гули баҳман, наргис" [9, с.230].

Бойчечакро дар қисмати ҷануби Тоҷикистон, махсусан дар навоҳии вилояти Хатлон *гули тағорашиканак, гоҳо гули қошуқтарошак* мегӯянд. Барои он "тағорашиканак" мегӯянд, ки мардум бо дидани ин гул аз оғози Наврӯз огоҳӣ меёбанд. Ба ин муносибат тамоми сару либосҳои зимистон ҷамъшударо покшӯйӣ мекунанд ва аз ҷомашӯйии зиёд ҳатто тағораҳо мешикананд. *Қошуқтарошак* номидани ин гул низ ба шарҳи болоӣ рабт дорад. Одамон дегу табақу косаву қошуқи дар зимистон сиёҳу чарббастаро метарошиданд ва тоза мекарданд, то ки наврӯзро бо сарулибоси тоза, хонаи озода, дегу табақи тамизшуда ва қалби пок истиқбол гиранд.

Теъдоди зиёди анвои гулро ба назар гирифта, мо онро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ чунин гурӯҳбандӣ намудем:

1. Номгӯйи гулҳои хӯшбӯй: *гули садбарг, гули геран, гули наргис, гули лаванда, гули шаббӯ, гули тасбеҳак , гули барфак, гули ёсуман, гули ёқути зард, гули савсан, нозгул, гули бунафша, карнайчагул (патунӣ), гули нахӯдак, гули асираки хушбӯй, оташгул, гули моҳтобӣ, атргул, гули пион, гули райҳон, гули бобуна, гули қоқу, гули рапс, гули хайрӣ, гули сиёҳгӯш, гули лолахасак.*

Беҳтарин гул барои фурӯш ва туҳфа ин гули садбарг мебошад. Истилоҳи садбарг дар забони тоҷикӣ дар ҳамин шакл маъмул буда, ба хотири баргҳои зиёд доштанаш чунин номгузорӣ шудааст, ки дар "Чароғи Ҳидоят" гули садбарг чунин тасвир карда шудааст:

Садбарг – гуле, ки баргҳо бисёр дорад ва онро дар Ҳиндустон ҳазора гӯянд. Ва он чи маънии гуле, ки дар Ҳиндустон шуҳрат дорад, дар каломи устодон дида нашуд.

Таъсир гӯяд, байт:

Чун шуд шугуфа садбарг дигар самар набахшад,
Онро ки зар бувад беш доду диҳиш надорад [12, с.145].

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" гули садбарг чунин маънидод карда шудааст. Гули садбарг, гули сурх, киноя аз маҳбуба.

Чу он гулбаргрӯён бар сари хок.
Гули садбаргро диданд ғамнок... Низомӣ [14, с.282].

Вожаҳои *гули садбарги сафед, гули садбарги сурх, гули садбарги ҷигарӣ, гули садбарги гулобӣ, гули садбарги зард* дар иртибот бо ранг дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд омада, дар забони олмонӣ дар шаклҳои die Rosa, blassrot, pink, rose, rosig маъмуланд [5, с. 211].

Синонимҳои ин гул дар забони тоҷикӣ калимаҳои вард, гули сурх, гули садбарг, ҳазора ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Сиёҳгӯш, *гули сиёҳгуш, сияҳгӯш, сиёвуш, гули қаламқош* гули маъмули навбаҳорист аз ҷинси наврӯзӣ ва ғайра Мусаллам аст, ки *калимаҳои гули хайрии сафед, гули хайрии зард, гули хайрии ҷигарӣ, гули хайрии кабудранг, гули хайрии сурх дар забони тоҷикӣ дар иртибот бо ранг* ба вуҷуд омада, дар забони олмонӣ дар шаклҳои *die Stockrose, Stockmaive м*аъмуланд: Синоними ин гул дар забони тоҷикӣ *гули ҳамешабаҳор* мебошад [21].

Бояд қайд кард, ки номгӯйи баъзе гулу растаниҳо танҳо дар байни мардуми Олмон машҳур буда, аммо барои мардуми тоҷик бегона мебошанд. Ин гуна калимаҳо ифодакунандаи номи гулҳо аз қабили гули гибискус ба шумор меравад, ки номи он барои мардуми тоҷик бегона мебошад, аз сабаби он, ки дар Тоҷикистон парвариш карда намешавад ё шояд шавад ҳам, аммо дар байни мардум бо дигар ном маъмул бошад.

2. Номгӯйи гулҳои бадбӯй: гули аморфофаллус, гули бузургҷуссаи аристолохия, гули лағжиши Гигантӣ, гули грузи империалӣ, гули айхризон, гули лисихитон, гули триллиум, гули аром, гули бӯйи мурда, гули бангидевона ва ғайра.

3. Номгӯйи гулҳои бебӯй: *гули лола, мехчагул, гули алоэ, гули колиус, гули заъфарон, гули календула, гули виолет, гули юнучқа, гули топинанбур, гули шому саҳар* ва ғайра.

Аслан, истилоҳи "лола" дар шакли дигар, яъне "тулпан" дар нутқи гуфтугӯйии мардуми тоҷик маъмул буда, ба гулҳои баҳорӣ марбут аст. Ин калима ҳангоми омад-омади баҳор дар нутқи мардуми тоҷик дар истифода қарор мегирад. Аз сабаби он ки ин калима аз забони русӣ ба забони мо иқтибос шудааст, мо кӯшиш ба харҷ додем, то этимологияи онро аз забони русӣ пайдо намоем. Дар луғати этимологии муҳаққиқи рус М. Фасмер оид ба баромади ин калима чунин оварда шудааст: "тюльпан", "тульпан", "тулипан"- яъне шакли аввалаи он аз калимаи франсузии tulipan гирифта шудааст, дар замони ҳозира дар шакли tulipe ва дар қадим дар шакли Tulipan мавриди истифода қарор дошт [16, с.136].

Истилоҳи мехак - мехчагул, мехакгиёҳ, аз ҷинси рустаниҳои яксола ва бисёрсолаест, ки баргҳои борику нугтез дошта, гулаш гулобӣ, арғувонӣ, зардтоби сабз буда, дар нӯги появу шохча як, ду ё се то мешукуфад. Дар забони гуфтугӯйи ин гулро бештар дар шакли гвоздика истифода мебаранд, ки ин калимаи русӣ буда, дар луғати этимологӣ чунин шарҳ дода шудааст: гвоздика - растании Dianthus, ба забони украинӣ мехча, коғазча, ба забони полӣ gozdzik, gwozdzik мегуфтанд, ки дар навбати худ дар асрҳои миёна ҳамчун калимаи аслан нусхабардоришуда истифода бурда мешуд дар айни замон дар шакли negelkin, Naglein, Nelke «гвоздика» мавриди истифода қарор дорад, ки маънои мехи куҳнаи дасти сохташударо дорад [15, с.399].

Дар Тоҷикистон намудҳои зерини гули мехак ё мехчагул маъмул мебошад, аз қабили *мехчагули туркӣ, мехчагули чинӣ, мехчагули богӣ ё ҳоландӣ, мехчагули шабо, мехчагули қаланфурӣ, мехчагули сабз, мехчагули саҳроӣ, мехчагули кӯҳӣ* ва ғайра.

Дар забонҳои муқоисашаванда низ ин гул вобаста ба макон ва ҷойи парвариш намудҳои худро дорад:

Die Alpen Nelke – *мехчагули кӯҳӣ,* die Amur Nelke – *мехчагули амурӣ,* die Bart Nelke – *мехчагули ришдор,* die Blutnelke – *мехчагули хунӣ,* die Feder – Nelke – *мехчагули баҳорӣ,* die Fransen – Nelke – *мехчагули чормағзмонанд,* die Heinburger Feder – Nelke – *мехчагули баҳории Ҳайнбургер,* die Heide – Nelke – *мехчагули ҷангалӣ,* die Karthauser – Nelke – *мехчагули гулобии Картузия,* die Kurzstandel – Nelke – *мехчагули калтапоя,* die Montpellier – Nelke – *мехчагули Монпелье,* die Pracht – Nelke – *мехчагули шукуфон,* die Raue – Nelke – *мехчагули ноҳамвор,* die Riesen – Nelke – *мехчагули азим ,* die Schwefel – Nelke – *мехчагули донаи сулфур,* die Spatnelke – *мехчагули дершукуфак,* die Stein – Nelke – *мехчагули таги сангӣ* [23].

Аз сабаби он ки тасвири забонии ҷаҳони олмониҳо гуногун аст, калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи гулҳо низ ба тарзҳои дигар номгузорӣ карда шуда, ба таври дигар гурӯҳбандӣ шудаанд:

1. Номгӯйи гулҳои марғзорӣ – Wiesenblumen: Die Kornblume – тугмагул, die Loewenzahn – гули қоқу, die Kornrade – гули лухтакмонанд, der Klatschmohn – гули кукнор, die Ackerwinde, Winde – гули печак, der Wiesenknopf – гули тугмаи марғзорӣ, der Storchschnabel – гули анҷибар, гули шамъдонӣ, die Glockenblume – гули момо, растании зангӯлачамонанд, der Barenklau – гули чанголи хирс, die Butterblume, der Scharfe Hahnenfuss – гули чинорак, гули арӯсӣ, das Ganseblumchen, Massliebehen – гули марворидак, гули мино, der Himmelschlussel, die Primel, Schlusselblume – гули примула (як навъ гиёҳи ороишӣ), das Vergiessmeinnicht – гули марзангӯш, die Alpenrose, der Almenrausch – гули садбарги баландкӯҳӣ, даштӣ, das Edelweiss – гули шерчангол ва ғайра.

2. Номгӯйи гулҳои бегона – Das Unkraut: Die Ackerwinde – гули печак, die Brenessel – гули газна, сӯзгиёҳ**,** die Distel – гули хори каррок**,** der Knoterich – гули торонак**,** die Klette – гули мушхор**,** die Kornblume – тугмагул**,** der Lattich – коҳу (растании хӯрданӣ)**,** der Lowenzahn – гули қоқу**,** der Schnachtelhalm – гули чилбуғум ва ғайра.

3. Номгӯйи гулҳои ҷангалӣ – Waldpflanzen: Die Anemone, das Buchswindroeschen – гули шақоиқ, лолаи Нуъмон**,** das Leberblumchen –лолаи нуъмон**,** das Lungenkraut – гули шаҳдак, гули шаҳдбӯ**,** das Springkraut –гули шанбалид, der Waldmeister – гули чӯбдаст ва ғайра.

4. Номгӯйи гулҳои халанҷӣ – Heldepflanzen: Der Ginster (Stechginster) – гули товус, das Heldekraut – гули халанҷ (навъи буттаи майдабарги ҳамешасабз)**,** die Moosbeere – гули дӯлона**,** das Katzenfoetchen – гули чанголи гурба ва ғайра

5. Номгӯйи гулҳои обӣ - Sumpf – und Wasserpflanzen: Der Kalmus – гули шамшергиёҳ**,** die Binsen – гули қӯнокак**,** das Schilf – гули най, қамиш**,** das Pfeilkraut – гули тирбарг**,** die Seerose – гули нилуфари сафед, гули савсани сафеди обӣ ва ғайра.

6. Номгӯйи гулҳои боғӣ – Gartenblumen: der Jasmin -гули Ёсуман, die Kamille – бобуна, гули бобуна, die Tagetes - гули тоҷихурӯс, die Rose - гули садбарг**,** die Dahlie – картошкагул, гули кавкаб, die Petersliliie - гули ҷаъфарӣ**,** das Lowenmaul – гули аждардаҳон, гули хандон, die Samtblume, die Studentenblume, die Tagetes – гули махмал, гули донишҷӯ, das Stiefmutterchen – гули одамрӯ, гули бунафшаи фарҳангӣ, die Schwertlilie, Iris – гули савсан, die Stockrose, Stockmaive – гули хайрӣ, der Geisstblatt - гули мушол, die Teerose – атргул ва ғайра.

7. Номгӯйи гулҳои пиёзреша – knollen und Zwiebelblumen: Der Winterling, die Eranthis – гули борҳанг, зуф, зуфтурун, забони барра,das Schneeglockchen – гули бойчечак, баҳман**,** der Krokus – гули заъфарон**,** die Tulpe – гули лола, die Narzisse – гули наргис, die Gladiole - гули ёқут, die Hyazinthe – гули сунбул, гули ёқути зард**,** die Lilie – гули савсан ва ғайра.

8. Гулҳои яксолаи тобистона – Einjahrige Sommerblumen: Die Nelke – гули мехак, мехчагул**,** die Ringelblume – гули хуҷаста, гули нохунак, гули ҳамешабаҳор**,** die Levkoje –гули шаббӯй**,** die Aster – гули қашқарӣ, гули мино**,** die Reseda – асирак, гули асирак**,** die Edelwicke – гули нахӯдак**,** die Heckenrose - гули настаран **,** die Engelwurz, die Angelika - гули камола.

9. Номгӯйи гулҳои нимбутта – Halbstauden: das Tausendschoenchen – гули маргаритка**,** die Glockenblume – гули момо**,** das Vergiessmeinnicht – гули марзангӯш**,** der Goldlack – гули зардгун (растании хонагӣ, ки гули сурхи зардчатоб дорад).

10. Номгӯйи гулҳои ба зимистон тобовар –Winterharte Bluetenstauden: das Veilchen – гули бунафша, das Maigloeckehen –гули барфак,die Pfingstrose – гули пион, die Aurikel – гули примула (як навъ гиёҳи ороишӣ), der Rosmarin – гули руморан, гули розмарин, der Phlox – оташгул, der Felsphlox – гули довудӣ ва ғайра.

11. Номгӯйи гулҳои хонагӣ – Zimmerpflanzen: Die Kapuzinerkresse, Kresse – гули настаран**,** die Pelargonie, Geranie, Brennende Liebe – гули анҷибар, гули шамъдонӣ**,** die Fuchsie – гуловез**,** das Alpenveilchen – гули бунафшаи чаманӣ**,** die Azalee – гули бӯшаҳрӣ, маҳингул, гули халанҷ**,** der Gumiebaum – гули тутанҷир**,** die Amaryllis – гули пргис, гули амариллис**,** das Fleissige Lieschen – ҳасратгул, die Hyazinthe – гули сунбул, гули ёқути зард**,** die Kamellie – гули камелия (навъи растанӣ аз ҷинси чойгул)**,** der Kaktus – гули ханҷарӣ**,** die Knollenbegonie – бехмеваи ҳасратгул**,** die Aloe – гули уд, гули сабр, гули алоэ**,** die Myrte – гули мӯрд**,** die Passionsblume – гули ҳавас**,** die Petunie – карнайчагул, гули патунӣ**,** die Primel – гули примула (як навъ гиёҳи ороишӣ)**,** die Wachsblume – гули муммонанд**,** die Zimmernessel – гули газна, гули сӯзгиёҳ**,** die Erika – гули халанҷ (навъи буттаи майдабарги ҳамешасабз)**,** die Hortensie – гули рофа**,** der Oleander – бедгул**,** die Agave – гули ханҷарӣ**,** die Zimmerlinde – гули зерфуни хонагӣ die Zimmertanne – гули сарви хонагӣ ва ғайра [3, с.34-36].

Боварҳое, ки дар иртибот бо гул дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ вуҷуд доранд:

Агар гули зардро ба шахс туҳфа кунӣ, он шахс бемор мешавад.

Агар гули зардро ба маъшуқаат туҳфа кунӣ, аз он ҷудо мешавӣ.

Агар гули банги девонаро бӯй кашӣ, девона мешавӣ

Агар арӯс гулдастаро гум кунад ё дар ҷое фаромӯш кунад, хушбахтиро низ аз даст медиҳад.

Агар ба духтар яку якбора ду хостгор биёяд ва надонад, ки кадомашро интихоб кунад. Дар рӯйи барги садбарг ҳарфи аввали номи ҳамон ҷавонҳоро нависад ва ба об партояд. Кадом барге, ки аввал ғарқ шавад, ҳамон ҷавонро бояд интихоб намояд.

Агар садбаргро дар беруни хона шинонанд, хорҳояш аҳли ин хонаводаро аз чашми бад ва бадбахтиҳо нигоҳ медорад.

Агар хори гули садбарг дастро сих кунад, духтар бо дӯстдоштааш ҷанг мекунад.

Агар гулро дар тубак туҳфа кунӣ, мушкилоте, ки соҳиби гул дошт ба шахси туҳфакарда мегузарад.

Агар гули алоэ дар хона хуб нашъунамо кунад, ҳама бемориҳо аз байн мераванд.

Гули бунафшаро гули дӯстӣ мегӯянд. Аммо дар айни замон бунафшаи сафедро рамзи тамаъ, зардро – ишқ, бунафшаеро, ки баргҳо иҳота карда бошад, ишқи пинҳонӣ меҳисобанд.

Агар дар хона гули бунафша бошад, духтари хона бемор ва бадбахт мешавад.

Гули савсанро туҳфа кардан хуб нест, ин гули сардӣ аст ва боиси ҷудоӣ мешавад.

Додани гули наргис нишонаи ҷудоӣ аст, зеро худи гул рамзи худхоҳӣ аст, ба ҷудоӣ ва бадбахтӣ меорад.

Халқи Уэльси Олмон чунин меҳисобанд, ки касе аввалин шуда шукуфтани гули наргисро бинад, тамоми сол хушбахт мешавад.

Дар байни мардуми Олмон чунин бовар ҳаст, ки гули *гибискус* - *Hibiskus*, садбарги хитоӣ низ меноманд, инчунин онро бо истилоҳ кровохлёбка (бурнет) низ ном мебаранд, ин гул гӯё дар хона хосияти хуб надорад. Олмониҳо ин гулро рамзи марг меҳисобанд, яъне парвариши ин гул дар хона маргро талаб мекардааст. Дар иртибот ба ин гул дар байни мардуми Олмон чунин хурофотҳо мавҷуд мебошад: Чунин бовар аст, ки агар ин гул бармаҳал шукуфад, марги яке аз аъзоёни оила наздик аст. Инчунин овозаҳо паҳн шудааст, ки ҷодугарон ин гулро барои ба касе зарар расонидан истифода мебаранд, ҳатто чунин меҳисобанд, ки ранги гули гибискус барои он сурх аст, ки хуни одамони дар наздашро бударо менӯшад [20].

Чиниҳо гули гибискусро рамзи тӯйи дар пеш истода медонанд.

Дар Бразилия шукуфтани ин гулро-рамзи фарзандор шудан медонанд.

Дар Ҳиндустон гули гибискусро гули бегуноҳон меноманд ва мӯйи арӯсро бо ин гул оро медиҳанд.

Дар Олмон туҳфа кардани гули садбарги бунафш - violette Rose-рамзи ишқ аз нигоҳи аввал, садбарги зард - Gelbe Rosen-рамзи дӯстӣ ва садбарги сафед - Weisse Rosen-рамзи бегуноҳӣ аст ва бештар дар тӯй туҳфа карда мешавад.

Аз таҳлилу таҳқиқи мавод ба хулосае омадем, ки калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ хеле зиёд буда, аз ғановатмандии ин забонҳо гувоҳӣ медиҳанд. Гарчанде боварҳо низ дар ин бахш вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо онҳо гуногун буда, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва олмониҳоро нишон медиҳанд.

Муқарриз: ***Абдуллоева Г.З.*** – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.З Абдуллоева. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 190 с.
2. Байер Х. Немецкие пословицы и поговорки / Х. Байер, А.Байер. – Москва: Высшая школа, 1989. – 276 с.
3. Bild Woerterbuch Deutsch und Russisch, Zweite Auflage. - Leipzig: Veb Verlag Enzyklopadie, 1961. – 754 s.
4. Dr. Dieter Gotz, Dr. Gunter Haensch, Dr. Hans Wellmann «Grossworterbuch Deutsch als Fremdsprache". – Berlin-Munchen-Wein-Zurich-New York, 2012. – 1343 s.
5. Duden, «Das Worterbuch der Synonyme». - Meinheim, Zurich: Dudenverlag, 2006. – 330 s.
6. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ) / Ҳ. Маҷидов. - Душнбе: Ирфон, 2007. – 241 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.3. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993. – 280 с.
8. Миров, Т. С. Адабиёти тоҷик синфи 9 / Т.Миров, С. Давлатзода. – Душанбе: Маориф, 2014. – 235 с.
9. Назарзода, С. Фарҳангни тафсирии забони тоҷикӣ Ҷ.1. / С. Назарзода. – Душанбе – 2008. – 950 с.
10. Назарзода, С. Фарҳангни тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. / С. Назарзода. – Душанбе, 2008. – 945 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Кит.1. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2016. – 516 с.
12. Сирочуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Алихони Сирочуддин. – Душанбе: Адиб, 1992. - 238 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Москва, 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Москва, 1969. – 950 с.
15. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Т.1 / М.Фасмер. – М.: Прогресс, 1986. – 573 с.
16. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Т.4 / М.Фасмер. – М.: Прогресс, 1987. – 860 с.
17. Schischkina, E.M. Fischer. Deutsche Hochzeit / E.M. Schischkina. - Москава: Международный союз немецкой культуры, 2008. – 320 s.
18. Энциклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. Ҷ.1. – Душанбе, 1989. – 576 с.
19. Энциклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. Ҷ.2. – Душанбе, 1991. – 608 с.
20. [Манбаи электронӣ] (mistika.temaretik.com)
21. [Манбаи электронӣ] http://komron.info>.
22. [Манбаи электронӣ] https://gardenindustry.org>czvetoc.
23. [Манбаи электронӣ] https://vazhaju.tj>word > мехчгул.

АНДЕШАЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ НОМГУЗОРИИ ГУЛҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола перомуни калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи гулҳо сухан меравад. Муаллиф қайд намудааст, ки истилоҳоти "гул" дар забони тоҷикӣ сермаъноиро ба худ касб намудааст. Дар мақола муаллиф тавонистааст бо як маҳорату истеъдоди беҳамто гулҳоро дар забони тоҷикӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсимбандӣ намояд: номи гулҳои хушбӯй, номи гулҳои бадбӯй ва номи гулҳои бебӯй. Дар мақола оварда шудааст, ки аз сабаби он ки тасвири забонии ҷаҳони олмонизабонон гуногун аст, аз ин лиҳоз, дар забони олмонӣ гулҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсимбандӣ шудаанд: гулҳои марғзорӣ, гулҳои обӣ, гулҳои хонагӣ, гулҳои боғӣ, гулҳои ба хунукӣ тобовар ва ғайра. Инчунин, муаллиф дарҷ намудааст, ки миёни мардуми тоҷик ва олмонӣ боварҳои зиёде дар иртибот бо гул вуҷуд дошта, майдони маъноияшон ба соҳибзабонон маълуманд. Таҳқиқи мавод имконият дод, собит намоем ки калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ хеле зиёд буда, теъдоди зиёди ин гурӯҳи калимаҳо аз бою ғанӣ будани таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Калидвожаҳо: забон, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ, гул, лингвокултурология, растанӣ, боғдорӣ, калима, истилоҳот, таҳқиқот, таҳлил.

НЕКОТОРЫЕ МЫСЛИ О НАИМЕНОВАНИИ ЦВЕТОВ НА ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКЕ

В статье говорится о словах и терминах, выражающих названия цветов. Автор отметил, что термин «цветок» в таджикском языке приобрел множество значений. В статье автор с особым талантом смог разделить цветы в таджикском языке на следующие группы: названия душистых цветов, названия вонючих цветов и названия цветов без запаха. В статье указывается, что в связи с тем, что языковой образ немецкоязычного мира различен, в связи с этим в немецком языке цветы делятся на следующие группы: полевые цветы, луговые цветы, домашние цветы, садовые цветы, холодостойкие цветы и др. Также автор отметил, что у таджикского и немецкого народов существует множество поверий, связанных с цветами, и их значение известно носителям языка. Изучение материала позволило доказать, что слов и терминов, выражающих названия цветов, в таджикском и немецком языках много, а большое количество данной группы слов свидетельствует о богатстве лексики таджикского и немецкого языков.

Ключевые слова: язык, таджикский язык, немецкий язык, цветок, лингвокультура, растение, садоводство, слово, терминология, исследование, анализ.

SOME THOUGHTS ON THE NAMING OF FLOWERS IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGE

The article talks about the words and terms expressing the names of flowers. The author noted that the term "flower" in the Tajik language has acquired many meanings. In the article, the author was able to divide flowers in the Tajik language into the following groups with a unique skill and talent: the names of fragrant flowers, the names of smelly flowers and the names of odorless flowers. The article states that due to the fact that the linguistic image of the German-speaking world is different, in this regard, in the German language, flowers are divided into the following groups: field flowers, meadow flowers, house flowers, garden flowers, cold-resistant flowers, etc. Also, the author noted that there are many beliefs related to flowers between the Tajik and German people, and their meaning is known to native speakers. The study of the material allowed us to prove that there are many words and terms expressing the

names of flowers in the Tajik and German languages, and the large number of this group of words testifies to the richness of the vocabulary of the Tajik and German languages.

Key words: language, Tajik language, German language, flower, linguistic culture, plant, horticulture, word, terminology, research, analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаюмова Сафармо Ҷумахоновна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. Тел.: **(+992) 985-77-88-60**

Сведения об авторе: ***Каюмова Сафармо Джумахоновна*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, соискатель кафедры сопоставительная языкознания и теория перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6 Тел.: **(+992) 985-77-88-60**

Information about the author: ***Kayumova Safarmo Dzhumakhonovna*** - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotima Ulughzoda, Applicant of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 985-77-88-60**

ТДУ: 811.111:811.21/.22

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мавлонов Ш.О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки ҷумла дар асоси ҳамгироии семантикию синтаксисии ду аъзои ҳамнисбат – хабар, ки аломати протсессуалӣ ва мубтадо, дорои аломати протсессуалӣ ба ҳисоб меравад, ташаккул меёбад. Ин ду ҷузъ ядрои созмонии ҷумла маҳсуб мешаванд. Дар грамматика онҳоро дар ҳамбастагӣ гурӯҳи предикативӣ меноманд [9, с.202].

Ҷумлаи унвонӣ ҳамчун объекти таҳлили синтаксисӣ муддати хеле тӯлонӣ мавзуи баҳс боқӣ мемонад. Масъалаҳои пайдоиши сохти синтаксисии чумлаҳои унвонӣ, хусусиятҳои услубии онҳо дар тадқиқотҳои бисёр забоншиносони намоёни рус ва англис мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар тули якуним аср, принсипҳои тавсифи типологии воҳидҳои синтаксисӣ, андешаҳо дар бораи ташкили системавии ҷумлаҳои сода дар ҳар ду забон тағйироти назаррас ба амал омаданд. Дар даҳсолаҳои охир ба вижагиҳои функсионалӣ-семантикии воҳидҳои забонӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Созмонҳои синтаксисӣ, ки на танҳо ҳамчун воҳидҳои грамматикӣ, балки ҳамчун созмонҳои функсионалию услубӣ ва экспрессивӣ амал мекунанд, аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Як навъи махсуси ҷумлаҳои яктаркиба ҷумлаҳои унвонӣ мебошанд, ки онҳо дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ бештар истифода мешаванд. Чунин ҷумлаҳо аксаран дар нутқи хаттию китобӣ ҳамчун воситаи услубӣ ба кор мераванд. Тавассути ин ҷумлаҳо ягон вазъияти воқеӣ ё манзара ифода карда мешавад.

A memorable day to me…, for it made great changes in me [14, с.11]. – Рӯзи фаромӯшнашаванда барои ман…, зеро он дар ман дигаргуниҳои бузург ба вуҷуд овард.

Маънои ин навъ ҷумлаҳо ва шакли пурраи онҳо аз рӯи ду омил муайян карда мешавад: 1) аз рӯйи контекст ва 2) аз рӯйи маъмул ва забонзада будани воҳиди забонӣ ва амсоли онҳо ба ин навъи ҷумлаҳои яктаркиба дохил мешаванд. Масалан: *Баҳор.* Ин ҷумларо метавон ду хел шарҳу эзоҳ дод: *Баҳор омад. Ҳоло баҳор аст.* Бинобар он дар чунин навъи сохтории ҷумлаҳо мавҷуд будани як сараъзо талқин карда мешавад [9, с.201].

Дар хусуси ҷумлаҳои тоҷикие, ки дар он мубтадо партофта мешавад, ду ақида мавҷуд аст. Баъзеҳо ин навъ ҷумлаҳоро якаъзогӣ меноманд, дигарон бошанд, онҳоро ба қатори ҷумлаҳои дуаъзогӣ дохил мекунанд.

Мисол: *Омадем, ки аз шумо сабақ гирем ва колхозро тамошо кунем [18, с.107].*

Дар ин ҷумла мубтадо нест ва аз ин рӯ онро яктаркиба меноманд. Дар хусуси ба кӣ тааллуқ доштани се амали ҷумла (о*мадем, сабақ гирем, тамошо кунем*) бандакҷонишини *“-ем”* мусоидат кардааст, маҳз богазардошти дигар гурӯҳи забоншиносон онро ҷумлаи дутаркиба мегӯянд [9, с.201].

Ба вуҷуди ин, истисно кардани категорияи предикативият нашояд, зеро вазъияту риштаи гуфтор (контекст) ва оҳанги махсусе, ки аз рафти нақл бармеояд, ҳам замони воқеъшавии ҳаводиси зикршуда ва ҳам ба кӣ ё ба чӣ мансуб будани мазмуни гуфторро равшан менамояд. Чунин ҷумлаҳоро одатан ҷумалҳои яктаркиба меноманд, ки дар байни онҳо ҷумлаҳои унвонӣ мавқеи хосса доранд:

1) Half past one. He had begun on the last bar [17, с.126].

2) Public opinion! Hear the public opinion of the free South. Public opinion has made this law [14, с.196].

Аз ду ҷумлаи унвонии боло *«Half past one»* ва *«Public opinion»* маълум нест, ки маҳфумҳои зикршудаи номинативӣ вазифаи кадом аъзои ҷумларо адо мекунанд.

Аз тафсилоти фикре, ки дар мисоли дуюм изҳор шудааст, бармеояд, ки мафҳуми мураккаби «public opinion» ҳам вазифаи пуркунанда ва ҳам вазифаи мубтадоро бар дӯш дорад.

Ҳамин аст, ки дар ин навъ ҷумлаҳо дар хусуси мавҷудияти мубтадо ё хабар сухан намеравад. Дар онҳо мавҷудияти танҳо як сараъзо, ки амиқан номгирӣ намешавад, бояд эътироф карда шавад.

Дар хусуси ҷумлаҳои навъи

Just come out of the light here a minute [17, с.223].

Don’t worry about the snack [14, с.211].

дар англисшиносӣ ду ақида мавҷуд аст:

О.Есперсен [13, с.211], Г.Кёрм [11, с.118] ва дескриптивистони муосиру як гурӯҳ забоншиносони шӯравӣ ин хел ҷумлаҳоро дутаркиба мешуморанд. Ба ақидаи эшон, бо вуҷуди он ки мубтадо зоҳиран дар ҷумла вуҷуд надорад, он аз лаҳзаи нутқ фаҳмида мешавад. Азбаски муроҷиат ба мусоҳиб нигаронида шудааст, мантиқан мубтадо бояд ҷонишини «you» (шумо) бошад.

Ҳамин тавр, аз лиҳози мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳо, ки таҳкурсии созмонии ҷумларо ташкил мекунанд, ҷумлаҳоро ба яктаркиба ва дутаркиба тақсим мекунанд [9, с.202].

Масъалаҳои муайян кардани мавқеъ ва хусусиятҳои функсионалии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар забоншиносии муосир то ҳол рӯзмарра ва муҳим маҳсуб меёбад, зеро барои муайян кардани моҳияти грамматикии созмонҳои унвонӣ то имрӯз равиши илмӣ вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, В.С. Юрченко ҷумлаҳои унвониро ҷумлаҳои якҷузъӣ меномад [10, с.62].

Е.А. Седелников парадигмаи ҷумлаи унвониро таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса меояд, ки дар шакли замони ҳозира узви ҷумла, ки онро ташкил ва вазифаи предикатро иҷро мекунад бо сифр ифода шудааст: “Ин аз он сабаб имконпазир аст, ки дигар шаклҳои ба шаклҳои дар қатори парадигматикӣ буда муқобил гузошташудаи ҷумла, ифодаи шифоҳӣ дорад” [8, с.71].

Баъдтар Г. Золотова борҳо андешаи худро оид ба «дутаркиба будани ҷумлаҳои унвонӣ» баён кардааст [3, с.115].

Ҳалли муаммо оид ба мавқеи грамматикии ҷумлаҳои унвонӣ бештар бо омӯзиши парадигматикаи синтаксисӣ ва сифри синтаксисӣ алоқаманд аст [2, с.54]. Н.Ю. Шведова дар доираи омӯзиши сохтории ҷумлаи сода тавсифи парадигмаи ҷумлаҳои унвониро пешниҳод мекунад, ки он метавонад ҷумлаҳои унвониро аз мавқеи мустақилият маҳрум созад [7, с.364-366].

Ҷумлаҳои яктаркиба, ки аз исм ё исм бо муайянкунандааш иборатанд, ҷумлаҳои унвонӣ номида мешаванд [7, с.202]. Чунин намуди ҷумлаҳо мавҷудияти объекти бо исм ишорашударо тасдиқ мекунанд:

The sky, the flowers, the songs of birds! [15, с.85]. – Осмон, гулҳо, суруди паррандагон!

Another day of fog [16, с.63]. – Боз як рӯзи тира.

Ин ҷумлаҳо ҳамеша ба замони ҳозира ишора мекунанд. Онҳо бо оҳанги махсуси ифоданок талаффуз карда мешаванд.

Ҷумлаҳои унвонӣ аз ҷумлаҳои эллиптикӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо дар таркиби худ аъзоҳои пайрав надоранд ва метавонанд бо феъл-хабари ҷумла алоқаманд бошанд [8, с.329].

Агар ҷумлаҳои зеринро таҳлил кунем:

A small but cosy room. – Як ҳуҷраи хурд, вале бароҳат.

In the background a little writing table. – Дар замина як мизи хурди хаттӣ.

To the left a sofa. – Дар тарафи чап диван.

Чунонки аз мисолҳои дар боло овардашуда дида мешавад, танҳо мисоли аввал ҷумлаи яктаркиба буда, аз исм ва муайянкунанда иборат аст. Ду ҷумлаи дигар ҷумлаҳои эллиптикӣ маҳсуб меёбанд, зеро ибораҳои пешояндии *in the background – дар замина* ва *to the left – ба чап* ифодаи ҳолии макон мебошанд, ки танҳо ба феъл-хабари ҷумла тааллуқ дорад.

Дар дигар вазъияти нутқ ҳамон як ибораҳои пешояндӣ ҳамчун муайянкунандаи баъзе аз исмҳо хизмат карда метавонанд *(Мизи дар замина буда, миз корӣ буд. Хонаи дар тарафи чап буда, беморхона аст.)*, аммо дар мисолҳои мо ин тавр нест, дар ин ҷо, хусусияти ҳолии ду ибора комилан аён аст [12, с.396].

Ҷумлаҳои унвонӣ бо ҷумлаҳои дутаркиба хусусиятҳои умумӣ доранд. Ин ҷумлаҳо метавонанд хуллас ё тафсилӣ, ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ ё ин ки аз рӯйи шаклашон инкорӣ бошанд:

The vast stretch of lion-colored sands: the vaster stretch of tumbling grey sea; the wind; and one small barelegged figure on the sand [14, с.165]. – Масоҳати васеи регҳои шерранг: қитъаи васеътари баҳри хокистарранг, шамол, ва як пайкари хурди пойлуч дар болои рег.

What a still, hot, perfect day! [15, с.123]. – Чӣ рӯзи ором, гарм ва комил аст!

No sound of a train or car or airplane, no human sound, no sound of any four footed thing… [15, с.95]. – На садои қатора, на мошин ва на ҳавопаймо, на садои одам, на садои чорпоён... .

“Two teas”, he said: “and two of those nougat things” (15, с.96). – "Ду чой" – гуфт ӯ: "ва ду аз он чормагзҳо".

A thunderstorm? Let’s look for shelter [15, с.96]. – Раъду барқ? Биёед паноҳгоҳ ҷустуҷӯ кунем.

Чӣ тавре ки аз мисолҳо айён гардид, ҷумлаҳои унвонӣ – ҷумлаҳои номии яктаркиба буда, шакли муайян дорад. Танҳо он исме, ки предмет ё падидаи мушаххасро номбар мекунад, метавонад ба ҷумлаи унвонӣ табдил ёбад.

Инчунин, ҷумлаҳои хуллас ва тафсилии унвониро ҷудо мекунанд. Ҷумлаҳои унвонии хуллас аз сараъзо ва муайянкунандаи ба он марбут иборатанд.

Ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд тафсилӣ бошанд, яъне танҳо аз як калима, аз сараъзои ҷумла, ки он мубтадо аст ва баъзан аз ҳиссача ё нидо иборат аст.

Ҷумлаҳои тафсилии унвонӣ дар шакли падежи номии исмҳо ҳастиро ифода мекунад ва мавҷудияти он чизеро, ки бо он исм ифода меёбад муайян менамоянд.

Dear fellow, I hope he did [14, с.89]. – Дӯсти азиз, умедворам, ки ӯ кард.

“Pip, if I was yourself, I wouldn’t [14, с.81]. – "Пип, агар ман худат мебудам, намехостам.

Ҷумлаҳои ҳикоягии унвонии хуллас метавонанд маънои модалии боварӣ, нобоварӣ, тахмин, тобишҳои эмотсионалӣ дошта бошанд.

Такрори ҷумлаҳои ҳикоягии унвонии хуллас одатан барои нишон додани мавҷудияти миқдори зиёди объектҳои номбаршуда, ки барои ошкор кардани падидаи номбаршуда, ҳолат ва ғ. хизмат мекунанд.

Ҷумлаҳои хулласи унвонӣ аксар вақт хитобӣ буда, бо оҳанги мувофиқ талаффуз мешаванд.

Ҷумлаҳои ҳикоягии унвонии хуллас бо ҳиссачаи ишоратии “*here”* одатан бештар истифода мегардад. Баъзе забоншиносон чунин андеша доранд, ки “*here”* ҳамчун зарф барои тавсифи макон ва самт истифода мегардад, масалан: *“Come here”, “Look here”* [9, с.190], ба андешаи дигар гурӯҳи забоншиносон “*here”* ҳиссачаи ишоратӣ маҳсуб ёфта, ба макон ё замони иҷроиши амал ишора мекунад, масалан: *“I am here”, “The meeting starts here”* [6, с.38-41], [4, с.13]. Маънои асосии ҳиссача дар ин ҷумлаҳо ишоратест, ки ба ҷумла тобиши махсус дода, онҳоро аз қатори умумии ҷумлаҳои унвонӣ фарқ мекунонад. Сараъзои ин ҷумлаҳо бо ҷонишини шахсӣ ифода меёбад, ки он танҳо бо ҳиссачаҳои ишоратӣ истифода мешавад: *here, here it is – ана, мана, ана…ҳамин, мана… ҳамин* [6, с.38-41].

“Here is the man,” said Joe [14, с.259].

Here is Mrs. Brandley *[*14, *с.*198*]*.

“here is the dinner...” [14, с.119].

Ҷумлаҳои унвонии тафсилӣ аз ҷиҳати шакл доимо бо ибораҳо мувофиқ омада, аз сараъзо иборатанд ва ба муайянкунандаи он мутааллиқ мебошад.

Ҷумлаҳои таҳти назар бо муайянкунанда ва сараъзо, ки он исм аст ва бо сифат, мухотаб, ҷонишин, шумораи тартибӣ ва сифати феълӣ муайян мегардад, сермаҳсул маҳсуб мешавад.

Аз қатори ҷонишинҳо бошад, ҷонишинҳои соҳибӣ аксар вақт ҳамчун муайянкунандаи мувофиқатшуда дар ҷумлаҳои унвонӣ одатан дар якҷоягӣ бо ҳиссачаҳои ишоратии *here, there* амал мекунанд [6, с.41].

Яке аз навъҳои ҷумлаҳои тафсилии унвонӣ ҷумлаҳое мебошанд, ки бо исм бе пешоянд ва муайянкунанда дар шакли махсус меоянд.

Дар забоншиносии тоҷик дар мавриди дар таркиби ҷумлаҳои унвонӣ мавҷуд будани аъзои пайрав ягонагии ақидаҳо вуҷуд надорад. Бархе аз забоншиносон бар ин назаранд, ки ҷумлаи унвонӣ аз мубтадо ва муайянкунанда ташкил меёбад. Ба назари дигар, аъзои ҷумларо ба таркиби ҷумлаҳои унвонӣ дохил кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, дар ҷумлаи унвонӣ, тибқи ақидаи М.Норматов ва Ш.Рашидов, ба ҷуз мубтадо ва муайянкунанда, аъзои пайрав вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта наметавонад [5, с.122].

Бо вуҷуди ин, дар «Грамматикаи забони адабии муосири тоҷик» қайд шудааст, ки дар таркиби ҷумлаҳои унвонӣ метавонад муайянкунандаҳои феълӣ ва баъзан муайянкунандаҳои объектӣ бошанд [1, с.339].

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ бо ду роҳ ифода мегарданд:

а) дар дохили ибора. Дар ин гуна мавридҳо қисми асосӣ (унсурҳои таркибӣ) калимаҳои вобастаро бо ёрии изофа, баъзан бо ёрии пешоянд ба худ тобеъ мекунад: *фасли хазонрез – autumn time;*

б) дар дохили ҷумла. Дар ҷумлаи «*Пешвозгирӣ дар саҳни ҳавлӣ*» қисми номӣ бо исми феълӣ (*пешвозгирӣ*) ифода ёфта, бо ёрии пешоянд ҳоли маконро ба худ тобеъ мекунад. Ба таркиби чунин ҷумлаҳои унвонӣ муайянкунандаҳои (детерминантҳои ифодакунандаи замон ва макон ва баъзан муайянкунандаҳои объектӣ (пуркунандаи бавосита) дохил мешаванд.

Ҷумлаҳои унвонӣ наметавонанд пуркунанда ва ҳол дошта бошанд, ки бевосита ба ҷузъи асосӣ тааллуқ доранд. Аммо дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҷумлаҳои унвонӣ мавҷуданд, ки дорои муайянкунандаҳои (детерминантҳои) объектӣ ва ҳолӣ мебошанд.

Агар мақсади ҷумла ин баён намудани мавҷудияти предметҳо бошад, ки он вазифаи ҷумлаҳои унвонӣ мебошад, пас ин гуна ҷумлаҳо ҷумлаҳои унвонӣ ҳисобида мешаванд. Мубтадо бо задаи мантиқӣ ва калимаҳои зарфӣ бо оҳанги сусттар талаффуз мегарданд. Аз нуқтаи назари грамматикӣ ба ин гуна ҷумлаҳо омехта шудани аъзоҳои ҷумла бо сарҷумла, яъне бо мубтадо хос аст.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ ҷумлаҳое мебошанд, ки дар онҳо исм ё ҷонишин вазифаи синтаксисии мубтадоро иҷро мекунад ва хабари феълӣ надорад. Онҳо метавонанд барои тавсифи предмет, шахс ё вазъият, инчунин барои ифодаи эҳсосот истифода шаванд. Ҷумлаҳои унвонӣ вобаста ба он, ки пуркунанда доранд ё не, метавонанд пурра ё нопурра бошанд.

Масалан:

Mike’s eye is twinkling with a tear *[*14, *c.470]* – ҷумлаи пурраи унвонӣ;

She is a lady and very beautiful *[*14, *c.*284*]* – ҷумлаи пурраи унвонӣ;

This penalty was a favourite supposititious case of his [14, c.93] – ҷумлаи пурраи унвонӣ;

Mike, happy and content [14, c.114] – ҷумлаи нопурраи унвонӣ.

Дар мисоли якум мубтадои “Mike’s eye” бо феъл-бандаки “is” алоқаманд гардида, ҳолати чашмони Майк-ро тавсиф мекунад ва ҷумлаи пурраи унвонӣ маҳсуб меёбад.

Ҷумлаи дуюмро низ метавон ҳамчун ҷумлаи унвонӣ тавсиф намуд, зеро он аз мубтадои “she” ва феъл-бандаки “is” иборат буда, инчунин ҳолати шахс ва зан ва зебо буданро ифода намуда, ҷумлаи пурраи унвонӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷумлаи сеюм низ ҷумлаи унвонӣ буда, аз мубтадои “*this penalty”* ва феъл-бандаки “*was”* ташкил ёфтааст, ки онҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Инчунин дар ҷумлаи мазкур пуркунандаи *a favourite supposititious case of his* низ амал мекунад ва ҷумлаи мазкур низ ҷумлаи пурраи унвонӣ маҳсуб меёбад.

Мисоли чорум низ ҷумлаи унвонӣ буда, он дорои мубтадои *Mike* ва феъл-бандаки *is* ва ё ин ки худ *feels,* ки ҳолатро (*happy and content*) ифода мекунад мебошад ва ҷумлаи нопурраи унвонӣ ба шумор меравад.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ мавқеи муҳимро доранд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки предмет, шахс, ҳодисаю воқеа ва предметҳои дигарро тавсиф ва муайян мекунанд. Онҳо инчунин барои ифодаи эҳсосот, фикру андешаҳо истифода мешаванд. Ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд ҳамчун ифодаи мустақил ё ҳамчун қисми ҷумлаҳои мураккаб истифода шаванд. Бояд гуфт, ки ҷумлаҳои унвонӣ хабари феълӣ надоранд, бинобар ин онҳо амал ва протсессро ифода намекунанд.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ аз исм ё ҷонишин ҳамчун мубтадо ва ё ин ки калимаҳо ё ибораҳои иловагӣ, ки мубтадоро тавсиф мекунанд ё муайян мекунанд, иборатанд. Онҳо хабари феълӣ надоранд ва амал ё протсессро ифода намекунанд. Ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд ҳамчун ифодаи мустақил ё ҳамчун қисми ҷумлаҳои мураккаб истифода шаванд.

Дар системаи ҳиссаҳои нутқ ҷумлаҳои унвонӣ ба категорияи синтаксисии ҷумла дохил мешаванд. Онҳо хабари феълӣ надоранд, бинобар ин онҳо ба категорияҳои грамматикии феъл ҳамароҳ карда намешаванд. Мубтадои ҷумлаи унвонӣ метавонад исм ё ҷонишин бошад, аз ин лиҳоз, он ба категорияи исм ва ҷонишин дохил мешавад. Калимаҳо ё ибораҳои иловагӣ дар ҷумлаи унвонӣ метавонанд сифатҳо, зарфҳо, пешояндо ё дигар ҳиссаҳои нутқ бошанд ва бинобар ин онҳо ба категорияҳои ба худ мувофиқ мансубанд.

Ҳамин тавр, ҷумлаҳои унвонӣ – ин ҷумлаҳое мебошанд, ки сараъзои онҳо мубтадо буда, он бо исм ё ин ки бо ҷонишин ифода ёфтааст ва онҳо чунин хусусиятҳои синтаксисӣ доранд:

1. Одатан ҷумлаҳои унвонӣ дар ҷои аввал меистанд;

2. Мубтадо одатан танҳо як феъл-бандак дошта метавонад, ки он мубтадоро бо қисми номии хабари ҷумла алоқаманд мегардонад;

3. Дар ҷумлаҳои унвонӣ пуркунанда метавонад дар шакли исм ё ҷонишин ифода ёбад, ки он хусусияти мубтадоро муайян мекунад;

4. Дар ҷумлаҳои унвонӣ ҳоли макон ва замон метавонад ифода ёбад, ки он ба макон ва замони иҷрошавии амал далолат мекунад;

5. Ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд сода ва ё мураккаб бошанд, ки ин аз миқдори пуркунанда ва ҳол вобаста аст.

Мисоҳо оид ба ҷумлаҳои унвонӣ:

I had heard that the Shropshire doctor was not rich [14, с.299]. – Ман шунида будам, ки духтури Шропшир сарватманд нест.

They feel exhausted after the long ride [14, с.179]. – Пас аз сафари тӯлонӣ онҳо худро хаста ҳис мекунанд.

The sky was blue, the larks were soaring that day [14, с.29]. – Осмон кабуд буд, ларкаҳо он рӯз парвоз мекарданд.

Mike seemed upset about something [14, с.192]. – Майк аз чизе хафа менамуд [14, с.192].

The bunches of flowers and herbs smell *sweet [14, с.311]. – Дастаҳои гулу гиёҳ буи хуш дорад [14, с.311].*

Ҳамин тариқ, мавқеи мустақил доштани ҷумлаҳои унвонӣ воқеияти забониро инъикос менамояд, ки омилҳои амалкунанда ҳамчун исботи онҳо метавонанд хизмат намоянд. Амали доимӣ ва инчунин амали чандомад, яъне доимо ва зуд-зуд истифодашавии чунин намуди ҷумлаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ имкон медиҳад, ки дар бораи созмонҳои синтаксисӣ сухан кунем.

Аз мулоҳизаҳои фавқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати хусусиятҳои сохторию семантикиашон мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Дар забоншиносӣ оид ба ин масъала пажуҳишҳо ва нуктаҳои назари зиёдеро метавон пайдо кард. Баъзе забоншиносон чунин мешуморанд, ки ҷумлаҳои унвонӣ ҷумлаҳои мукаммал нестанд, зеро онҳо феъл надоранд ва амалро иҷро мекунанд. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд пурра бошанд, агар онҳо ҳиссаҳои дигари нуткро, ба монанди сифат, ҷонишин ва ғайра дошта бошанд.

Ба ғайр аз ин, оид ба ин масъала нуқтаи назари дигаре низ мавҷуд аст, масалан, ҷумлаҳои унвонӣ метавонанд пурра бошанд ва дар ин сурат ҳолат ё хосияти предметро ифода кунанд.

Ба ҷумлаҳои унвонӣ хусусияти предикативият хос аст. Аммо дар он бар хилофи дигар навъҳои сохтории ҷумла маънои предикативӣ ба воситаи интонатсия ифода меёбад.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ аз рӯи сохтор ва тобишҳои маъноии худ ба мисли забони англисӣ метавонанд ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ бошанд.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ, ба монанди забони англисӣ, метавонанд тафсилӣ бошанд, яъне танҳо аз сарҷумла бо мубтадо, баъзан аз мубтадо бо ҳиссачаҳо ва ё нидо иборат бошанд.

Ҳангоми тавсифи синтаксисии ин гуна ҷумлаҳо хусусияти интонатсияи ҷумларо низ бояд ба назар гирифт, ки он бо вазифаи муайянкунандаи коммуникативии ҷумла (дар як маврид ҷумла ба ду таркиб тақсим мешавад, дар дигар маврид тақсимоти интонатсионӣ мавҷуд нест: дар як маврид омезиши исм бо пешоянд бо таъкиди мантиқӣ, дар дигар маврид исм дар мавқеъҳои мустақил таъкид мешавад) алоқаманд аст. Нақши ёрирасонро тартиби калимаҳо дар ҷумла, алоқаҳои мавқеӣ бо ҷумлаҳои дигар ва ғайра метавонад ба иҷро расонад.

Муқарриз: ***Ибрагимова Р.А.*** – н.и.ф., дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
2. Долин, Ю.Т. К вопросу о грамматическом статусе односоставных предложений в русском языке / Ю.Т. Долин // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2001. – № 1. – С.54-56.
3. Золотова, Г.А. Коммуникативная грамматика русского языка / Г.А. Золотова, Н.К. Онипенко, М.Ю. Сидорова. Ред. Г.А. Золотова. – Москва: Наука, 2004. – 544 с.
4. Князева, Н.В. К проблеме определения синтаксического статуса номинативного предложения / Н.В. Князева. - Тихоокеанский государственный университет, РФ, г. Хабаровск, natknaz@mail.ru, Филологический аспект: №12 (44) Декабрь, 2018.

5. Норматов, М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба / М. Норматов, Ш.Рашидов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
6. Нурова, М.Б. Грамматические свойства номинативных предложений таджикского языка и их варианты в русском и английском языках / М.Б. Нурова // Вестник Бохтарского Государственного Университета имени Носира Хусрава. - Бохтар, 2021. - 42 с.
7. Русская грамматика: в 2-х томах. Ред. Н.Ю. Шведова. – Москва: Наука, 1980. – Т.2: Синтаксис. – 710 с.
8. Седельников Е.А. Структура простого предложения с точки зрения синтагматических и парадигматических отношений / Е.А. Седельников // Филологические науки. – 1961. – № 3. – С.66-77.
9. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.
10. Юрченко, В.С. Простое предложение в современном русском языке / В.С. Юрченко. – Москва: URSS, 2009. – 280 с.
11. Curme G. A Grammar of the English Language. Boston – N.Y., 1935. - 352 p.
12. Ganshina M.A., Vasilevskaya N.M. English Grammar / M.A. Ganshina // 9th edition. – M.: Higher School., 1964. – 548 c.
13. Jespersen O. Essentials of English Grammar. - Lnd., 1933. – 418 p.
14. Dickens Ch. Great Expectation. – Mineol, New York: Dover Publication, INC., 2001. – 256 p.
15. Galsworthy J. A modern comedy. - M., 1956.
16. London J. Martin Eden. – M., 1968. – 434 p.
17. Voynich E. The Gadfly. Foreign Languages Publishing House. - M., 1954. - 435p.

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Ҷумлаҳои унвонӣ – ин ҷумлаҳое мебошанд, ки сараъзои онҳо мубтадо буда, он бо исм ё ин ки бо ҷонишин ифода ёфтааст. Аз лиҳози мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳо, ки таҳкурсии созмонии ҷумларо ташкил мекунанд, ҷумлаҳоро ба яктаркиба ва дутаркиба тақсим мекунанд. Ҷумлаҳои тафсилии унвонӣ дар шакли падежи номии исмҳо ҳастиро ифода мекунад, мавҷудияти он чизеро, ки бо он исм ифода меёбад муайян менамоянд. Ҷумлаҳои ҳикоягии унвонии тафсилӣ метавонанд маънои модалии боварӣ, нобоварӣ, тахмин, тобишҳои эмотсионалӣ дошта бошанд. Такрори ҷумлаҳои ҳикоягии унвонии тафсилӣ одатан барои нишон додани мавҷудияти миқдори зиёди объектҳои номбаршуда, ки барои ошкор кардани падидаи номбаршуда, ҳолат ва ғ. хизмат мекунанд.

Калидвожаҳо: синтаксис, ҷумла, чумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои ҳикоягӣ, ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб, мубтадо, пуркунанда, ҳол, ҷонишини ишоратӣ, зарф

СТАТУС НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье изучен и проанализирован вопрос номинативных предложений в английском и таджикском языках. Номинативные предложения – это предложения, главным членом которых является подлежащее, и оно выражается существительным или местоимением. По наличию или отсутствию главных членов предложения, образующих основу предложения, предложения делятся на односоставные и двусоставные предложения. Распространённые номинативные предложения в именительной форме существительных выражают существование, определяют существование того, что представлено этим существительным. Нераспространённые номинативные повествовательные предложения могут иметь модальные значения уверенности, недоверия, догадки, эмоционального оттенка. Повторение нераспространённых номинативных повествовательных предложений обычно используется для указания на существование большого количества названных предметов, которые используются для раскрытия названного явления, ситуации и т.п.

Ключевые слова: синтаксис, предложение, номинативные предложения, повествовательные предложения, простые предложения, сложные предложения, подлежащее, дополнение, обстоятельство, указательное местоимение, наречие.

THE STATUS OF NOMINATE SENTENCES IN ENGLISH AND TAJIK

In this article, the issue of nominative sentences in English and Tajik has been studied and analyzed. Nominative sentences are sentences in which the main member is the subject, and it is expressed by a noun or a pronoun. According to the presence or absence of the main members of the sentence, which form the basis of the sentence, the sentences are divided into one-member and two-member sentences. Extended nominative sentences in the nominative case of nouns express existence, determine the existence of what is represented by this noun. Unextended nominative declarative sentences can have modal meanings of confidence, distrust, conjecture, emotional connotation. The repetition of unextended nominative declarative sentences is usually used to indicate the existence of a large number of named objects that are used to reveal the named phenomenon, situation, etc.

Key words: syntax, sentence, nominative sentences, declarative sentences, simple sentences, compound sentences, subject, object, adverbial modifier, demonstrative pronoun, adverb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонов Шаҳзод Олимович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D-и кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков, 1

Сведения об авторе: ***Мавлонов Шахзод Олимович*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, прос. Мавлонбекова 1

Information about the author: ***Mavlonov Shahzod Olimovich*** – Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Ph.D student of the Department of Translation and English Grammar. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova Ave, 1

ТДУ: 811.21/.22

МУШКИЛИҲОИ ТАРҶУМАИ МАФОҲИМИ ФАРҲАНГИИ ФОРСӢ БА АРАБӢ

Муниф Абдулазиз Муниф
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матни адабии мутааллиқ ба як шакли адабӣ ва фарҳангии хос наметавонад бидуни эҷоди гунаи васее аз тағйироту танзимоти забонӣ, сабкӣ ва фарҳангӣ ба шакли дигари адабӣ ва фарҳангӣ тарҷума шавад ва ин амр ба манзури ҳифзи зебоишиноҳтӣ ва фарҳангии хусусии он аст. Ва бо ҳеҷ истиротежӣ, чи ғарбисозӣ ва чи аҳлӣ кардан ҳамроҳ нахоҳад буд. Ва ман муътақидам, ки мутарҷим бояд ин ду истиротежиро ҷуфт кунад, ба ин маъно, ки тарҷума ҳамон тавр ки Умберто Эку (Umberto Eco), романнавис ва файласуфи итолиёвӣ мегӯяд, як раванди музокира аст. Дар натиҷа, мутарҷим ба унвони як воситаи забонӣ ва фарҳангӣ байни ду фарҳанг ва ду забони мухталиф, бояд ин сӯрохро пур кунад ё ҳадди ақал онро байни ин ду фарҳанг коҳиш бидиҳад ва муаррифӣ кардани дигарон дар фарҳанги пазириш ва дасти кам нагирифтани он муайян гардад.

Дар қарни XX, ки шоҳиди бисёре аз макотибу барномаҳои дарсии забоншиносии модерн буд, тарҷума ва амалкарди он шохае аз забоншиносӣ аст ва ба ҳамин тартиб мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз забоншиносони баъдӣ қарор гирифт. Ва раҳоии тарҷума аз сарпарастии забонӣ душвор буд, то ба тадриҷ як шохаи мустақил шудааст, ки ҳастаи аслии он бар асоси чандин шоха аст. Ва қабл аз ин ки тарҷума чизи дигаре бошад, забоншиносӣ онро як фароянди худамал медонад. Забоншиносон дар қарни бистум таваҷҷуҳи зиёде ба тарҷума карданд ва аз рӯйкардҳои гуногуне ҳамчун сохторгароӣ, тавлидӣ, нақшгароӣ, шаклӣ, матнӣ, шинохтӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва равоншинохтӣ ба он аъмол мешаванд.

Дар даҳаи шасти қарни XX, ду муҳаққиқи фаронсавӣ Ҷин Паул Винай (Jean Paul Vinay) ва Ҷ. Дарблент (J. Darblnet) маҷмуае аз таҳлилҳои бисёр муҳимро ироа доданд. Ба назар мерасид, ки ин рӯйкардҳо навоварии муҳимме дар заминаи баррасиҳои тарҷума аст, агарчи чунин рӯйкардҳое мубтанӣ бар збоншиносӣ буд, аммо нависандагон барои таҳияи як барномаи дарсии тарҷумаи воқеӣ аз шохаҳои дигаре монанди сабксозӣ, балоғату илми матн баҳра мебурданд. Винай ва Дарблент (Vinay & Darblne) маҷмуае аз қавонин барои барҷаста кардани мафҳуми воҳиди тарҷума ба унвони кӯчактарин қитъаи амалиётӣ, ки алоими он боякдигар иртибот доранд, пешниҳод карданд, то ҳар кадом аз онҳо ҷудогона тарҷума нашаванд. Ду муҳаққиқ мароҳили тарҷумаро ба ду бахш тақсим карданд: равишҳои мустақим монанди вом гирифтан, копибардорӣ ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва равишҳои ғайримустақим монанди ҷонишинӣ, муодилсозӣ ва созгорӣ.

Рӯйкардҳои забонӣ. Ҷ.С. Катфорд (J.C. Catford), ки таҳти таъсири М. Ҳолидей (M.Halliday) ва зербахшҳои он аз коркардҳои забонӣ қарор дорад, тарҷумаро дар як чорчӯби забонӣ қарор медиҳад, фароянди тарҷума барои ӯ бар асоси чаҳор сатҳ анҷом мешавад, ки се маврид аз онҳо марбут ба сатҳи забон асту сатҳи чаҳорум марбут ба маъно ба шарҳи зер аст:

- ҷойгузинии низоми овоии забони мабдаъ бо як низоми овоӣ дар забони мақсад;
- ҷойгузинии нақши навиштории забони мабдаъ бо як нақши навиштории забони мақсад;
- ҷойгузинии низоми дастурии забони мабдаъ бо низоми дастурии забон дар забони мақсад;
- ҷойгузинии вожагони забони мабдаъ бо вожагони марбута дар забони мақсад.

Ҷ.С. Катфорд ҳамчунин ба ду маврид махсус ба адами имкони тарҷумаи забонӣ ва фарҳангӣ ишора мекунад. Адами имкони тарҷумаи забонӣ мунҷар ба адами вуҷуди муодил дар забони мақсад мешавад, дар ҳоле ки адами имкони тарҷумаи фарҳангӣ ба далели адами вуҷуди унсури фарҳангӣ дар забони мабдаъ дар фарҳанги забон мақсад аст. Сипас Ҷ.С. Катфорд адами имкони тарҷумаи фарҳангиро ба ғайри мумкин будани тарҷумаи забон бармегардонад. Агарчи Ҷ.С. Катфорд байни муодилсозии сохт ва муодилсозии матн мутамойиз шуд, аммо бо дар назар гирифтани тарҷума ба унвони як интиқоли комилан забонӣ ӯ алоқаи муҳкам байни забону фарҳанг барҷаста набудааст, аз ин рӯй рӯйкардҳои Ҷ.С. Катфорд комилан сохтӣ аст. Далели ин амр он аст, ки илова бар ин дидгоҳи бадбинона, ки тарҷума тақрибан ғайримумкин аст ба таодулҳои нимаи автоматики мақулаҳои дастурӣ (grammatical categories) низ таваҷҷуҳи зиёде мекунад.

Шуморе аз назарияпардозон назири Делисл (Delisle) рӯйкарди Ҷ.С. Катфордро мушаххас кардаанд ва тавзеҳ медиҳанд, ки равиши он мубтанӣ бар ҳамгароии забонӣ аст ва онро сифту сахт аст. Ҳамчунин китоби ӯ аз аҳаммияти илмӣ ва таърихии донишгоҳӣ бархӯрдор аст. Илова бар намунаҳое, ки вай тақрибан олӣ унвон кард, яъне тавассути вай таҳия шудааст ва аз тарҷумаҳои воқеӣ истихроҷ нашудааст ва бинобар ин, ба матн тааллуқ надорад. Ба иборати дигар, Ҷ.С. Катфорд на ба кулли матн нигоҳ мекард, на ба сатҳи фавқзабонӣ (Extra linguistic)

Рӯйкарди ҷомеъашиносии забон. Юҷин Найда (Eugene Nida), ки ҷомеъашиносии забонро ба унвони як чорчӯби назарӣ дар назарияи тарҷума ба кор мегирад, нуқтаи атф дар баррасиҳои тарҷума аст. Ю. Найда аз даҳаи 1940 ҳангоме ки дар ҳоли тарҷума ва созмондиҳии китоби муқаддас буд, як теории тарҷумаро тавсеа доду талошҳои Ю. Найда дар нақли тарҷума ба даврони илм аст. Ва ин бо сармоягузорӣ дар ёфтаҳои забоншиносӣ дар он давра аст.

Найдо рӯйкарди худро бар асоси мафоҳими назарӣ ва истилоҳоти марбут ба маъношиносӣ ва корбурдшиносӣ, бавижа таҳқиқоти Ноам Хомский (Noam Chomsky) дар мавриди сохти сохторӣ, ки баъдан назарияи дастури гаштериро ташкил дод, поягузорӣ кард. Ю. Найда адами барқарории иртибот байни гурӯҳҳои инсониро ба тафовутҳои матнӣ ва дидҳои ҷаҳонӣ нисбат медиҳад ва натиҷа мегирад, ки маънои он ба таҷрибаи шахсе ва чаҳорчӯби мафҳуме барои ояндаи паём бастагӣ дорад. Бинобар ин ӯ, муътақид буд, ки идеаҳо бояд ислоҳ шаванд, то дар нақшаи мафҳумии таҷриба дар ҳар заминаи мутафовит созгор бошад. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба дидгоҳи Ю. Найда матни тарҷумашуда бояд посух дар фарҳанги дарёфткунанда ҳамон посухи гиранда дар матни манбаъ бошад. Барои дастёбӣ ба ин ҳадаф, мутарҷим ҳақ дорад, то замоне ки ба ҳамон посух бирасад, матнро тағйир диҳад. Ю. Найда ҳамчунин дар тарҷума байни ду навъи муодил тафовут кард: аввал, таодули шаклӣ ва дувум, таодули пӯё [8, с.5].

Таодули шаклӣ (equivalence dynamic): дар он таваҷҷуҳ ба худи паём дар шаклу муҳтаво мутамарказ шудааст ва тарҷумае, ки ба ин навъи муодил муттакӣ аст ва ғолибан бо поварақиҳои забонӣ ҳамроҳ аст, то матнро комилан дарк кунад.

Таодули пӯё (equivalence dynamic): Ю. Найдо муодили пӯёро медонад, ки тарҷума бо як муодили пӯё бо ҳадафи дастёбӣ ба баёни комил сурат мегирад ва саъй дорад, то гирандаро бо рафторҳои муносиб дар як муҳити фарҳангӣ муртабит кунад. Яъне, тарҷума бо муодили пӯё дар садад аст, то паёмро ба равиши табиӣ баён кунад, ки гирандаи паёмро дар назар мегирад, зеро ки робитаи байни гиранда ва паём дар асл ҳамон аст, ки байни гирандагони аслӣ ва паём вуҷуд доштааст.

Рӯйкарди Ю. Найда, ки гирандаро мавриди алоқаи худ қарор медиҳад, муттакӣ бар тағйирот дар дастури забон, вожанома ва манобеи фарҳангӣ аст. Аз дидгоҳи вай ин амри зарурӣ, то расидан ба табиатгароӣ ва тамаркуз бар халои матни ҳадаф аз ҳаргуна мудохилаи забон аст. Ю. Найда муътақид аст, ки муваффақияти ҳар тарҷумае ба тавоноии он дар дастёбӣ ба ҳамон посух ба матни мабдаъ дар муҳити он бастагӣ дорад ва барои расидан ба ин посух (таъсир), тарҷумаро бояд бо ин шароит мушаххас кард: доштани маъно ва интиқоли руҳу асли маншаъ ва ибороти он ошно ва осон аст ва он ҳамон асар (посух) рух медиҳад.

Рӯйкарди фарҳангӣ: нуқтаи атфи фарҳангӣ яке аз маҳбубтарин номҳои ин раванд (мутолиоти тарҷума) аст. Ин тағйир мушоҳидавӣ ва системик аст ки баррасиҳои тарҷумаро аз даҳаи 1990 мушаххас мекунад. Ин раванд бештар ба баррасиҳо ва таҳқиқоти анҷомшуда тавассути Сузон Боснит, Андрей Луфур ва баъдани Лоренс Венутӣ мунтасаб мешавад.

Раванди фарҳангӣ ё нуқтаи атфи фарҳангии мутафовит бо рӯйкард суннатӣ аст, ки ҳадафи он интиқоли паём ё шуғл аст. Ин раванди тарҷумаро дар муҳити фарҳангии густарда ва бо тамаркуз бар заминаҳои фарҳангӣ, таърих ва меъёрҳо қарор медиҳад. Рӯйкарди фарҳангӣ дар мутолиоти тарҷума ба таври ногаҳонӣ зоҳир нашуд, ҳамон тавр ки Боснит нишон медиҳад, ин таҳаввулро метавон бахше аз мақтаъи фарҳангӣ донист, ки дар авохири даҳаи ҳаштоди қарни гузашта ва оғози даҳаи навад, бахши бузурге аз ҳавзаи мутолиоти инсониро оғоз кард ва ин амр боиси ислоҳи бисёре аз мабоҳиси суннатӣ шуд.

Рӯйкарди фарҳангӣ ё нуқтаи атфи фарҳангии мутафовит бо рӯйкарди суннатии забонӣ аст, ки дар он калима, иборат, ҷумла ва матн воҳидҳое ҳастанд, ки воҳидҳои тарҷумаро ташкил медиҳанд, аммо дар ин рӯйкарди фарҳанг ба воҳиди асосии тарҷума табдил шудааст. Дар он илова бар тағйири тамаркуз, аз матни аслӣ ба матн тарҷума шуда ва аз

нависанда ба мутарҷим ва фарҳанг дарёфт шуда, бештар аз фарҳанги мабдаъ, таваҷҷуҳ ба нақши муҳимме, ки фарҳанг дар тарҷума дорад, мебошад. Сузон Боснит муътақид аст, ки тарҷума на танҳо як фаъолияти сирфан забонӣ аст, балки навъи иртиботи фарҳангӣ байни забонҳо аст ва муътақид аст, ки ҷанбаҳои фарҳангӣ бояд дар амали тарҷума гунҷонида шавад.

Рӯйкарди Лоренс Венутӣ. Лоренс Венутӣ яке аз муҳимтарин номҳоеаст ки дар даҳаи навад ба саҳна омад, ки бо навиштани китобе дар соли 1992 бо унвони: "Бознигарӣ дар тарҷума" гуфтимони зеҳният ва идеолужиро оғоз кард ва дар он вай он чиро, ки пешинёни худ (Сузон Боснит, Андрей Луфур ва дигарон) анҷом доданд ва дар мавриди аҳаммияти авомили фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар тарҷума таъкид кард. Сипас, онро бо китобе дар соли 1995 таҳти унвони: "Нопадид шудани мутарҷим: таърихи тарҷума" дунбол кард, ки дар он вай бо мушкилоти мутааддиде дар робита бо мутарҷиму тарҷума дар фарҳанги англисӣ ва амрикоӣ муғойират дошт. Л. Венутӣ аз тариқи китоби худ қасд дорад нопадид шудани мутарҷимро поён диҳад ва аз ӯ бихоҳад, ки биистад ва истодагӣ кунад ва барои муқовимат ва тағйир дар шароит ва шароите, ки тарҷума дар он тамрин мешавад ва теориҳо тадвин шавад, талош кунад.

Таъсири тарҷума бар ду фарҳанг. Л. Венутӣ муътақид аст, ки хушунат дар тарҷума як сояе бар фарҳангҳои аслӣ ва ҳадафманд мегузорад. Ин тарҷума нақше дар шакл додан ба фарҳангҳои хориҷӣ бо ҳувияти миллӣ кор мекунад. Ҳамчунин қодир аст, аз як тараф, табъизи қавмӣ, тақобулҳои жеополетикӣ, гароишҳои истеъморӣ, терроризм ва ҳатто ҷангро нодида бигирад. Аз тарафи дигар, тарҷума аз матни хориҷӣ бо таъйини нақши ҳифз ё ислоҳи суннатҳои адабии фарҳанги ҳадафманд истифода мекунад. Л. Венутӣ дар бораи баҳра бурдани матн ва шеър барои тақвияти матну шеър ва ривоят дар муҳити ҳадафманди фарҳангӣ суҳбат мекунад. Тибқи гуфтаи Л. Венутӣ, тарҷумаи мутуни хориҷиро ба манзури тарвиҷ ё баррасии улгуҳои назарӣ ё шеваҳои роиҷ дар фарҳанги ҳадаф, истихдом мекунад.

Тарҷума ҳамчунин кор мекунад, то вижагиҳои матнро таҳлия мекунад ва раванду гароишҳои мантиқи забони мақсадро ба он таҳмил кунад, аз интихоби матн, наҳваи интишор, баррасӣ ва бознигарии он истифода мекунад. Л. Венутӣ ба ду равиши тарҷума ишора мекунад. Якум: аҳлӣ кардан (domesticating), яъне коҳиши қавмии матни хориҷӣ ва муносибати он бо арзишҳои ғолиб дар фарҳанги ҳадаф ва дар натиҷа нависандаро ба хонанда мебарад. Дувум, ғарбзадагӣ (foreignizing), ки бар асоси фишор ба арзишҳои фарҳанги ҳадафманд, мухолифат бо нажодпарастӣ аст, то тафовути сатҳи забонӣ ва фарҳангӣ сабт шуда дар як матни хориҷиро нишон диҳад ва аз ин тариқ хонандаро ба дунёи нависанда бифиристад.

Дар ин ҷо, Л. Венутӣ муътақид аст, ки мафоҳими такриб (аҳлӣ кардан domesticating) ва ғарбзадагӣ (foreignizing) мутаноқиз нестанд ва бо мафоҳими тарҷумаи таҳтуллафзӣ ё озод, муодили шаклӣ ва муодили пӯё ё тарҷумаи маъноӣ ва иртиботӣ тафовут доранд. Тавзеҳ ин ки ин ду истилоҳ ба ду нигариши ахлоқӣ нисбат ба матни хориҷӣ ва фарҳанги он ва вобастагиҳои ахлоқӣ дар интихоби матни хос барои тарҷума ишора дорад ва тадвини як истротежии хос барои тарҷумаи он матн аст ва агарчи Л. Венутӣ ба барҷаста намудани ривоёте, ки контроли тарҷумаро дар ду фарҳанг контрол мекунад, таваҷҷуҳ дошт, аммо муътақид аст, ки метавонад аз асли ғарбзадагӣ дар ҳар забон ва фарҳанг баҳра бибарад. Л. Венутӣ изъон мекунад, ки равиши ғарбзадагӣ, монанди бақияи аносире, ки тарҷума бар асоси он анҷом мешавад, бастагӣ ба истифода аз аносири фарҳангӣ ва забонии фарҳанги ҳадафманд дорад, то битавонад хориҷиро ироа диҳад, аммо мутарҷим набояд ба он чи роиҷ аст, дар он фарҳанг муттакӣ бошад, зеро мехост дар рисолати худ муваффақ шавад, балки бояд бархе аз маводи ҳошиявӣ ва ғайристандарт истифода кунад, то ин ки ба ҳадафи худ бирасад, ки вуҷуд дорад то авзои роиҷро гиҷ мекунад.

Ҳадафи ин муқовимат барои ҳифзи бегонагӣ аз матн ва нақзи арзишҳои ахлоқӣ аз фарҳанг дарёфт шудан, бо тавассул ба шеваҳое, ки матн дар фарҳанг дарёфт шуда бегонааст. Муқовимат ҳамчунин дар садад аст, то хонандаи тарҷума ва мутарҷимро аз бандҳои фарҳангӣ раҳоӣ диҳад, ки шеваи хондани аввали ӯ наҳваи хонда шудани дувумро контрол мекунад ва дасткории матни хориҷиро барои инқёд ва аҳлӣ кардани он, интихоб ва раҳо мекунад ва ғарбзадагӣ ва тафовути онро пок мекунад. Муқовимат, тибқи гуфтаи Л. Венутӣ, истиротижии идеол аст, ки зебоишиносии он мубтанӣ бар тикка тикка шудан, тароша ва тақсим аст. Ин хонандаро аз зиндагии пас аз дигаре ёдоварӣ мекунад, ки тарҷума

раванде мубтанӣ бар суду зиён аст ва ин ки имкони пул задан ва коҳиши шикоф байни фарҳангҳо ғайримумкин аст.

Таодули мафҳумӣ дар фароянди тарҷума. Юҷин Найда таодулро ба ду навъ гурӯҳбандӣ мекунад: таодули сохторӣ (equivalence formal) ва таодули мафҳумӣ (equivalence dynamic). Дар таодули сохторӣ мадори мадоқа рӯйи худи паём аст, ҳам аз назари сохтор ва ҳам аз назари мафҳум. Дар як чунин тарҷумае татобуқҳо ва баробар шудан монанди тарҷумаи ҷумла ба ҷумла ва мазмун ба мазмун, мавриди мулоҳиза аст. Дар ин дидгоҳи сохтормадор, талош бар ин аст ки паёми мунтақилшуда ба забони ҳадаф, то он ҷо ки метавон аз назари созандаҳои мутафовути забоншинохтӣ, наздиктарин шабоҳатро бо паём дар забони модарӣ дошта бошад, ба ин маъно, ки паёми мавриди тарҷума ба фарҳанги ҳадаф борҳо бо паёми асосӣ дар фарҳанги модар санҷида мешавад, то маҳакҳои дурустӣ ва сиҳҳати он мушаххас гардад. Аз назари Ю. Найда тарҷумаҳоро, ки комилтарин улгӯ аз ин таодули сохторӣ бошад, метавон тарҷумаи вожагонӣ номид, ки дар он мутарҷим талош мекунад сохту мазмуни матни забони модарро то он ҷо, ки манзурро мерасонад ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума кунад.

Таодули дигаре, ки Ю. Найда аз он баррасӣ мекунад ва дар муқобили ин таодули сохторӣ қарор дорад, таодули мафҳумӣ аст. Дар чунин тарҷумаҳо мутарҷим хеле ба дунболи ин нест, ки паёми баргардонида ба забони ҳадафро аз назари созандаҳои забоншинохтӣ бо забони модар созгорӣ ва татобуқ диҳад, балки ба дунболи ин аст, ки тарҷума дар хонандагони худ ҳамон фаҳм, эҳсосу таъсирро эҳдос кунад, ки матни забони модар дар хонандагони худ пайдоиш мекардааст.

Дар таодули мафҳумӣ ҳадаф ин аст, ки табйини тарҷума комилан табиӣ бошад ва талош мегардад, то хонанда битавонад бо мадоқа ба одобу русуми мавҷуд дар фарҳанг, паёми мавриди тарҷумаро дарк кунад ва мудовимат бар ин нест, ки барои дарк кардани паёми тарҷумашуда бояд намунаҳои фарҳангии забони модарро дарак кард. Албатта, дар ин ҷо бояд ин нуктаро афзоиш кард ки аз назари Ю. Найда тафовутҳои мавҷуд дар байни фарҳангҳо дар муқоиса бо тафовутҳои сохторӣ дар забонҳо мушкилиҳои бисёр ҷиддитареро барои мутарҷимон эҳдос мекунанд. Вай дар айни ҳол, зимни ишора ба ин мушкилӣ, ки даст ба домони лафз, шояд сабаби аз байн рафтани маъно бишавад ба нақл аз Виллям Купер (William Cooper). Таодули сохторӣ, ки ҳанҷори қадимӣ дар тарҷума ба шумор меравад, имрӯза пайравони чандоне надорад, зеро дар ин навъи таодул, ки тарҷумаҳои «модаримадор» аст, ағлаб ба иллати таҳтуллафзӣ будан, ибҳомоту норсоиҳое эҳдос мешавад ва дар бархе навъҳои онҳо метавонад маънои матни модарӣ мавриди дигаргунсозӣ ва тағйир қарор гирад. Бо вуҷуди ин, бархе онро ҳанӯз тарҷумаи модаримадорро ҳанҷори беҳтаре барои тарҷумаи матнҳои адабӣ, динӣ ва фаннӣ ба ҳисоб меоваранд.

Аз ин рӯ, ихтилофи байни фарҳангҳо дар фароянди тарҷума муҳимтар аз ихтилофҳои байни забонҳост ва ихтилофҳои фарҳангӣ мушкилсозтар аз ихтилофҳои збоншинохтианд, аз он ҷо, дар мавриди тавоноии дастёбӣ ба таодули беҳтару муносибтар бояд гуфт: ду забонмодар ва ҳадаф аз назари фарҳангӣ ба ҳам наздиктаранд ва мафҳумҳои фарҳангии мушобеҳ ё мутародиф доранд, истеҳсол ба таодули беҳтар ва дақиқтар дар тарҷумаи созандаҳои фарҳангӣ кори чандон сахте нахоҳад буд. Аммо ин воқеиятро ҳам набояд фаромӯш кард, ки дар ҳар тарҷума чизе аз вижагиҳои матни модар аз даст меравад аз он ҷо ки адами таодули тамом дар тарҷума, бавижа он ҷо ки ихтилофҳои забоншинохтӣ ва фарҳангӣ бисёре байни ду забон вуҷуд дошта бошанд, воқеияти инкорнопазир аст.

Имрӯза дар заминаҳои баррасии тарҷума назарияи шабоҳат (approximation) корбурди бештаре дорад ва ин шабоҳат аст ва на таодул, ки мутарҷим бояд ба дунболи истеҳсол ба он бошад, зеро ҳамон тавр ки Беллок (Belloc) ва Ю. Найда гуфтаанд, чизҳое ба номи муодилҳои баробар вуҷуд надоранд. Донишмандон ба тозагӣ аз ин воқеият огоҳ шудаанд, ки он чӣ байни забонҳо аст маротиб аз шабоҳат аст, зеро дар кори тарҷума ҳаргиз наметавон аз тағйири шакли маъно ба таври комил ҷилавгирӣ кард. Ин адами имкони ҷилавгирии комил аз тағйири шакли маъно дар тарҷума, Нюмаркро (Newmark) бар он доштааст то таъкид кунад, ки чун тасаввури тарҷумаи идеал ё тарҷумаи комили хаёлӣ беш нест, лизо манзур аз таодул дар тарҷума, ҳамон ташобеҳ аст ки метавонад байни матни мабдаъ ва тарҷумаи он ба даст ояд.

Дар мавриди мушкил будани истеҳсол ба таодули қомусӣ ё лафзҳо байни ду забон Ларсон, (Larson) мебинад аз он ҷо, ки фарҳанги мардум забони ҳадаф ғолибан бисёр

мухталиф аз фарҳанги забони модарӣ аст, лизо истеҳсол ба таодул байни вожагони ду забон бисёр сахт мебошад. Ин адами таодул байни вожагони ду забон, мутарҷимро бар он медорад, то ба ҳадафи истеҳсоли таодул, рост кардани бисёреро дар аснои фароянди тарҷума анҷом диҳад ва ҳамин нигаҳдорӣ ва рост карданҳо сабаб мешавад, то таодули бадастомада чизи бештар аз шабоҳат набошад. Вақте мутарҷим ба дунболи ин аст, ки маънои матни аслиро дар як сохтори табиӣ дар забони ҳадаф табйин кунад ба ночор бояд тағйироте дар сохтори матни модар бидиҳад ва сохтори ҷадиде мутобиқ бо меъёрҳои забони ҳадаф бисозад. Ин тағйирот дар сохторҳо низ сабаби тағйири шакл дар маъно мешаванд ва метавон гуфт, ки таодули тамом байни ду забон, ки сохторҳои забоншинохтӣ ва созандаҳои фарҳангии мухталифе доранд, имконпазир намебошад.

Аз он ҷо ки мушкилиҳо ва сахтиҳои тарҷума дар густараи матн роҷеъ ба бофти фарҳангии забонӣ эҳдоскунандаи он аст, баррасиҳои тарҷума наметавонад ин бофтро таҷзия ва таҳлил накунад. Пажуҳишгарон дар ин замина тахмин намудаанд, ки вақте исми тарҷума рӯйи матне гузошта шавад; бо падидаи ҷадид ва дигаре дар фарҳангу забони дигар рӯбарӯ ҳастем, ки дорои ҳувияти байнифарҳангӣ ва байнизабонӣ мебошад ва ба хотири ин ки ин фаъолият ҳаддиақал дарбаргирандаи ду фарҳанг ва ду забон мебошад. Вижагиҳо ва арзишҳои фарҳангӣ ва забониро намоди таъйинкунандаи ҳудуди ихтиёроти мутарҷим медонад, ки фароянди амалии тарҷумаро шакл медиҳанд. Бархе муътақиданд, ки чорчӯбҳои фарҳангии забонӣ, фароянди фаъолсозӣ дар густараи тарҷумаро ба вуҷуд меоваранд то кунишу вокуниш миёни хонанда ва нависанда мушкилофаринӣ гардад. Ба назари Найда қаламравҳои фарҳангии забонӣ ҷанбаҳои асосии фароянди тарҷумаро ташкил дода ва заминаи иртибот дар фароянди тарҷумаро фароҳам мекунанд. Нюмарк (Newmark) бо таваҷҷуҳ ба наҳваи шаклгирӣ, маъно изъон медорад, ки маъно дар қолаби забон ва фарҳанг намуд пайдо мекунад ва сару кори фарҳангии забонӣ заминаҳои баргардондани он дар фароянди тарҷумаро ба вуҷуд меоваранд [13, с.106].

Фарҳанг ва забон. Вожагони фарҳангӣ анвоъе ҳастанд, ки ба мафҳумҳо, робитаҳо, падидаҳо, абзорҳо ва ба таври куллӣ ҷиҳатҳои моддӣ ва маънавии ҷомеаи вижа пайваста мешаванд ва марбут ба фарҳанги вижа ҳастанд. Мутарҷим дар баргардони ин гуна вожагон ба забони дигар бо сахтиҳо домангир мешавад, масалан бо пӯчи вожагонӣ ё пӯчи ирҷоӣ рӯбарӯ мегардад. Ихтилофҳои фарҳангии мундараҷ дар ин вожагон мушкилиҳо ва сахтиҳои фаровонеро барои мутарҷимон эҳдос мекунад ва кор бо он сахттар аз ихтилофҳо байни сохтори забонӣ аст. Ихтилофҳои фарҳангӣ дар тарҷума мушкили муассиртар аст, то тафовутҳои забониро ба навъе метавон муодилёбии наздике кард ё тавзеҳ дод ва мавзуъро ба наҳве ба хонанда фаҳмонд, аммо ихтилофҳои фарҳангӣ ба роҳатӣ қобили дарак ва интиқол нест.

Ҳадафи муҳаққиқ дар баррасии кунишу вокуниш байни мутағаййирҳо, шинохти жарфтари як падида, тавсифу таҳлили мантиқии ҷанбаҳои гуногуни он бар дигар падидаҳо ва ё падидаҳои дигар бар он падида мебошад. Ин бахши пажуҳиш ба таҳлили муҳтавоии дидгоҳҳои тарҷумашиносон дар бораи кунишу вокуниши фарҳангу забон мепардозад.

Таъсири фарҳангӣ. Рафтори гуфтумонии инсон аз роҳи забон буруз пайдо мекунад. Фаъолиятҳои забонӣ ҳамеша ҳолати фарҳангӣ доранд, ба хотири ин ки дар бофти фарҳанг намуду буруз пайдо мекунанд. Бинобари ин, фарҳанги мудирият рафтори гуфтумонии инсон дар ҷомеаро аз ҷанбаи гуногуне бар уҳда дорад. Иллатҳои таъсиргузор шомили мутағаййирҳои фарҳанг вобаста ҳастанд ва ҷанбаҳои таъсир шомили фароварди тарҷума аст, ки масоили мухталифро дар баргиранда мешавад.

Сохторҳо ё фоктурҳои фарҳангӣ. Дар густараи бартарии фоктурҳои фарҳангӣ пажуҳишгарон ибрози назар намудаанд, ки нақшофаринии тарҷума дар фарҳанг дар заминаҳои кунишу вокуниши миёни фарҳанге намуд пайдо мекунад ва сабаб мешавад ин густардатар, дақиқтар ва башаритар гарданд. Дар кунишу вокуниши байни фарҳангҳо матнҳо доду ситад мегардад ва доду ситади матнҳо ҳам аз роҳи тарҷума ва кирдорҳои мутарҷим шакл мегирад. Аз ин рӯ, ҳадафи тарҷума, вижагиҳои онро зери таъсир қарор медиҳад ва тағйири ҳадаф дар фароянди тарҷума мунтаҳо ба пайдоиши навъи вижае аз матн бо осори мутафовити фарҳангӣ иҷтимоӣ мегирад. Бо баррасии таъсири тарҷума бар пайванди фарҳангҳо пароканда ба назар мерасад, ки он заминаи тавсеаи ҳувиятҳоро фароҳам намуда аст. Миллатҳо ба кумаки тарҷума аз тариқи шинохти ҳувияти дигарон ба шинохт, густариш ва тақвияти мабонии ҳувияти миллии хеш эҳтимом мекунанд. Бо мутолиаи густураи мутағаййирҳо дар фароянди тарҷума бар ин бовар аст, ки дар натиҷаи

таомули халлоқонаи мутарҷим бо матни аслӣ марзҳои фарҳангӣ, нишонаи шинохтӣ ва забоншинохтӣ мутаҳаввил гардида ва марзҳои маснуъии фарҳангии байни миллатҳо ва тамаддунҳо дида мешавад ва кунишу вокуниши гуногуне байни миллатҳо тасҳил мегардад ва бисёре аз мушкилиҳо ва суитафоҳумҳо бартараф мешавад.

Дар ин баррасӣ қасди пажуҳишгар додани мисолҳое аз фарҳанги эронӣ ва забони форсӣ ва муқоисаи он бо аносири арабӣ аст. Танҳо маворидеро дар зер намуна меоварем:

Мушкилиҳои тарҷумаи сохторҳои ғизо ва хӯрок. Дар мавриди одоти ғизоӣ метавон гуфт, ки мафоҳим ва мафодҳои зимнии ҳамроҳ бо ҳар ғизои хосси фарҳангӣ ва бори отифӣ ва мизони аҳаммияти он қобили тарҷума нест. Баъзе аз ғизоҳо дар маросиму замонҳои хосае аз сол ё барои афрод ё манзурҳои вижае таҳия мешавад. Аҳли забон бо шунидани номи ғизо билофосила ба ёди тамоми бори фарҳангию отифӣ ва корбурдии он меафтад. Бо дидани ғизое об аз даҳони касе дар як кишвар сарозер мешавад, ҳол он ки мумкин аст фарде аз фарҳанги дигар ҳеҷ эҳсосе нисбат ба он ғизо надошта, барояш яксон бошад. Дар Ироқ «мурдапалав» номи танзомези қимаи палав аст ва хӯриштӣ қимаро ба шӯхӣ «хӯриштӣ мурда» мегӯянд, чаро ки дар маросими азо ва сӯгворӣ бештар аз ин ғизо истифода мешавад. Дар Эрон «ҳалво» мафҳуми зимнии маргу азоро бо худ дорад, чаро ки умдатан онро барои мурда мепазанд ва хайрот мекунанд. Дар маросими реҳлати аимма ва дар марги ашхоси одӣ ва сари мазору қабристон корбурд дорад «ҳалвои касеро хӯрдан», киноя аз шоҳиди азодорӣ дар марги касе будан ва дар азои касе ширкат кардан аст ва «бӯйи ҳалвои касе баланд шудан», киноя аз марги қарибулвуқуи касе аст ва «ҳалвоӣ шудан», яъне нишонаҳои марги қарибулвуқуъ дар касе ошкор шудан [1, с.500-501].

Илова бар он, аз ҷумлаи хӯрокиҳои суннатии эрониён барои ифтор метавон ба чой, шири гарм, намак, хурмо, мағзиҷот, ҳалво, рангинак, ферӣ, ях дар биҳишт, зӯлбё, бомия, шулаи зард, ширбиринҷ, кочӣ, масқатӣ ва анвои супу ош шомили оши ришта ва оши шулаи қаламкор ишора кард, ки дар аксари нуқоти кишвари Эрон муштарак аст. Чандин аз ин ғизоҳои эронии суннатӣ арабзабонон огоҳӣ дар бораи онҳо надоранд ва шояд ҳам ба гӯшашон нарасанд. Аз ин рӯ, метавон бо эҳтиёт рафтор ва ҳар дуро ба интиқол тарҷума кунем, яъне барои пур кардани халои фарҳангӣ дар бораи ду калима аз равиши ҳошия ва поварақӣ баҳра мебарем: «нону намак» маъно ва мафҳуми вижа дар Эрон дорад ва аз назари ахлоқӣ ҳоизи аҳаммияти босазост. Агар шахсе меҳмони шахси дигаре барои ғизо буда бошад, мегӯянд, ки нону намаки ӯро хӯрдааст ва ба муносибати мутанами гаштан аз касе, ки бо ӯ нону намак хӯрдааст, мутааҳҳиду мулзам ба ҳифзи дӯстӣ ва вафоӣ ӯ мебошад. Ҳам дар фарҳанги арабзабонон низ хӯрдани нону намак «хубз ва милҳ» нишонаи эҷоди равобити ҳасана байни ду нафар аст.

Яке аз вижагиҳои фарҳангии мо ҳифзи ҳурмати нон ва намак аст. Ибороте чун «дастам намак надорад». Имрӯз дида мешавад, ки ба касе мегӯянд, ки одами дилсӯзе аст ва муҳаббаташро ба ҳама арзонӣ медорад, аммо ба ҷойи он ки посухи муҳаббатҳояшро бо хубӣ бидиҳанд ё ба ӯ бетаваҷҷуҳӣ мекунанд ё посухи бадӣ ба он медиҳанд!

Мушкилиҳои тарҷумаи сохторҳои одобу русум. Одобу русум ва муътақидоти ҳар фарҳанге монанди издивоҷ, азо ва сӯгворӣ, анвои ҷашнҳо, бастани аҳду паймон ва ғайра мафоҳими зимнӣ ва борҳои отифӣ ва эҳсосӣ бо худ доранд ва симбулисми пинҳонӣ бо онҳо ҳамроҳ аст, ки мавонеъи ҷаддӣ бар сари роҳи мутарҷимон падид меоваранд.

Мисоли як: "Чаҳоршанбеи охири соли рафта буд фолгӯш. Як коса оварад, ки дар он пиёз, биринҷ ва равған хароб шуда буд." [12, с. 61].

Тарҷумаи арабӣ:

و في الأربعاء الأخير من السنة أحضرت تفاؤلاً إناء به بصل و أرز و زيت فاسد" [4, c.146]

wa fi?al?arba?à? e ?al?axir men ?assanat e ?ahdart o **tafà?olan** ?enà?an beh e basal on wa ?orz on fàsed.

Мутарҷим барои тарҷумаи ин фоктури фарҳангӣ, яъне истилоҳ “чаҳоршанбесурӣ” аз шеваи омехтагӣ ба кор бурдааст. Вай ин истилоҳро ба сурати таҳтуллафзӣ баргардонад, он гоҳ дар поварақӣ, шарҳи “чаҳоршанбесурӣ” изофа кардааст. Яке аз ойинҳои маъмулии рӯзи чаҳоршанбесурӣ, «фолгӯш» истодан аст. Бад-ин сон, ки касе (бештар занон) ибтидо қасд мекард, пас аз он, дар кӯчаи фолгӯш меистод. Агар аввалин ҳарфе, ки мешунид, хуб буд, умедвор мешуд ва агар ҳарфи баде буд, умеди худро аз даст медод. Мутарҷим барои баргардонии вожаи «фолгӯш», муодили تفاؤل / tafà?ol/)-ро интихоб кардааст. Дар бораи маънои ин вожа чунин омадааст: «фолгӯш»: амале, ки занон дар шаби чаҳоршанбесурӣ

кунанд ва он истодан бар сари чаҳорроҳа ва тафоул татир ба гуфтори обирон бошад [2, с.407].

Одӣ аст, ки «фолгӯш» як сохтор ё фоктури вижаи фарҳангӣ аст ва равиши мутарҷим дар муодилгузинӣ (متفاؤل / motafà?el/) маънои фарҳангӣ «фолгӯш» нест ва чорае ҷуз шарҳ ба сурати поварақӣ вуҷуд надорад ва мутарҷим бояд дар баёни маънои чунин созае ё фоктуре аз шеваи омехтагӣ истифода мекард.

Мисоли дувум: "Ба соати **хуби пероҳани қиёмат** барои бача медӯхта" [12, с.61].

Тарҷумаи арабӣ:

"حاكت في ساعة سعد, قميص قيامة للطفل" [4, с.146]

/hàkat fi sà?at sa?d qamis o qeyàmat e ?attefl e/

Намодҳо чакидаи устураҳо ва баёнгари одобу ойини ақвом ҳастанд. Намодшиносии ҳар ҷомеае нишондиҳандаи бахше аз ҳувияту фарҳанги ҳар сарзамине аст. Пероҳани қиёмат яке аз ҷомаҳои мухтаси навзодон аст, ки намодшиносии он дар пайванд бо адабиёти кӯдак ва фарҳангу адаби оммааст. Ин ҷома, порчаҳои сафед ва нодӯхта, бо сӯрохӣ дар васат аст, ки пас аз шустушӯйи навзод ҳангоми таваллуд барои ҳафт, даҳ ё чиҳил рӯз бар тани навзод менамоянд, то бино бар эътиқоди омма, ӯро аз гармои қиёмат дар амон доранд. Шустушӯйи навзод, намоди баргардондани покии ӯ ба ҳолати аввал ва гузари ӯ аз бараҳнагии азалӣ ва вуруд ба ҷаҳони дигар аст. Порча, намоди сарнавишт аст ва сафедии он намоди боззоиши дубора ва нишони марге, ки пеш аз зиндагӣ меояд. Муддати замоне ки ҷома бар тани навзод аст, намоди такомул ва нишони як давра ва чархаи тамом ҳамроҳ бо тағйироти асосӣ аст. Аз ин рӯ, ба намодшиносии пероҳани қиёмат бо равиши тавсифиву таҳлилӣ ва истифода аз мустанадоти китобхонаӣ пардохта шудааст [5, с.106], мутарҷим барои тарҷумаи ин сохтори фарҳангӣ, ки дар фарҳанги ҳадаф ношинохта аст, аз равиши омехтагӣ баҳра бурда аст; бад-ин сон, ки ин вожаро ба сурати таҳтуллафзӣ (قميص قيامة /d qamis o qeyàmat/) вориди тарҷума ва он гоҳ шарҳеро дар поварақӣ барои ошноии бештари мухотабон бо ин ойин афзоиш кардааст.

Хулоса, сохторҳо ё фоктурҳои фарҳангии мавҷуд дар забони форсӣ барои мутарҷимони арабзабон метавонад мавриди чолиш, озмоишу маҳаки тавонмандии мутарҷим дар равиши муодилгузинӣ бошад. Аз он чи аз пажуҳиш омад, чунин бармеояд, ки ин сохторҳо ё фоктурҳои фарҳангӣ, ки дар намунаҳои мутафовите тазоҳур карда, мутарҷимони арабро ба шеваҳои гуногуне дар муодилгузинӣ ба такопӯ водоштааст, аммо мутарҷим мабнои муодилгузинии худро дар бораи сохторҳои фарҳангӣ, шеваи ҷойгузинӣ қарор додааст. Кӯшиши мутарҷим ба ҷойгузинӣ ва истифода накардан аз шеваи такмилӣ, ҳамчун тавзеҳ дар поварақӣ, дар бархе маворид бо муодилгузиниҳои бедиққат дида мешавад ва наметавонад вижагии фарҳангиро ба хубӣ интиқол кунад ва ба назар мерасад, ки ба шиддат ниёз ба шарҳ дар поварақии шеваи талфиқӣ дар онҳо дарак мешавад.

Дар маҷмуъ, ба назар мерасад гарчи мутарҷим тарҷумаи қабулкарданӣ аз сохторҳо ба даст дода, аммо дар муодилёбии сохторҳои фарҳангӣ чандон бо диққату иттиҳоди ривол амал накардааст. Бинобар ин, ёфтаҳои ин мутолиа ба шарҳи зер аст:

• мутарҷими арабзабон набояд бастагӣ ба истифода аз сохторҳои фарҳанг муттакӣ бошад; балки бояд бархе аз маводи ҳошиявӣ ва ғайристандарт истифода кунад, то ин ки ба ҳадафи худ бирасад, ки вуҷуд дорад то авзои роиҷро гиҷ мекунад.

• дар мавриди тавоноии дастёбӣ ба таодули беҳтару муносибтар бояд гуфт: ду забонмодар ва ҳадаф аз назари фарҳангӣ ба ҳам наздиктаранд ва мафҳумҳои фарҳангии мушобеҳ ё мутародиф доранд, истеҳсол ба таодули беҳтар ва дақиқтар дар тарҷумаи созандаҳои фарҳангӣ кори чандон сахтӣ нахоҳад буд.

• кунишу вокуниши гуногун байни миллатҳо тасҳил мегардад ва бисёре аз мушкилиҳо ва сӯитафоҳумҳо бартараф мешавад.

• мутарҷим барои тарҷумаи ин сохторҳо ё фоктурҳои фарҳангӣ, ки дар фарҳанги ҳадаф ношинохтааст, аз равиши омехтагӣ ва талфиқӣ баҳра бурдааст.

• мутарҷим вожаро ба сурати таҳтуллафзӣ вориди тарҷума ва он гоҳ шарҳеро дар поварақӣ барои ошноии бештари мухотабон бо ин ойин афзоиш кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулҳасани Наҷафӣ. Фарҳанги форсии омиёна / Наҷафӣ, Абулҳасан. – Теҳрон: “Интишороти нилуфар”, 1378. [бо забони форсӣ].

2. Алиакбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо бар асоси ҳуруфи алифбо / Деҳхудо, Алиакбари. – Исфаҳон: “Маркази таҳқиқоти роёнаии қоимаи Исфаҳон” [нусхаи дичитол].
3. Ғуломризо Аржанг. Дастури забони форсии имрӯз / Аржанг, Ғуломризо. – Теҳрон: «Нашриқатра», 1378. – 288 с. [бо забони форсӣ].
4. Иброҳим Дусуқишито. Албума-ал-аъмия ва қиссас ухро / Дусуқишито, Иброҳим. – Қоҳира, 1990. [бо забони форсӣ].
5. Мансура Араб. Намодшиносии пероҳани қиёмат / Араб, Мансура // Ҳафтумин ҳамоиши миллии матнпажӯҳии адабӣ бо унвони нигоҳи тоза ба адабиёти кӯдак ва навҷавон. - Теҳрон, 1398. [бо забони форсӣ].
6. Муҳаммад Заҳробӣ. Фарҳнги забоншиносӣ / Заҳробӣ, Муҳаммад. – Теҳрон: «Фурӯзиш», 1383. – 488 с. [бо забони форсӣ].
7. Муҳаммад Ҷаводи Шариат. Дастури забони форсӣ / Шариат, Муҳаммад Ҷавод. – Теҳрон: Асотир, 1370. – 460 с. [бо забони форсӣ].
8. Назир, Обоҷӣ. Тарҷумат-ул-мазомин -ас-сақофияҳ фи китоби назм-уд-дур / Обоҷӣ, Назир. – Ҷазоир: Донишгоҳи Тилимсон, 2017. [бо забони форсӣ].
9. Ноҳид Шариатзода. Вожаномаи забоншиносӣ / Шариатзода, Ноҳид. – Теҳрон: Нигоҳ, 1374. – 213 с. [бо забони форсӣ].
10. Парвиз Нотили Хонларӣ. Дастури забони форсӣ / Хонларӣ, Парвиз Нотил. – Теҳрон: Тӯс, 1373. – 368 с. [бо забони форсӣ].
11. Роҳила Гандумакор. Баррасии маъноии афъоли мураккаб дар забони форсӣ / Гандумакор, Роҳила // Поённомаи коршиносии аршад. – Теҳрон, 1388. – С.97-112. [бо забони форсӣ].
12. Содиқ Ҳидоят. Найрангистон / Ҳидоят, Содиқ. – Теҳрон: Ҷовидон, 1386 [бо забони форсӣ].
13. Солор Манофӣ Анорӣ. Мумкин ва номумкини тарҷума / Анорӣ, Солор Манофӣ // Маҷаллаи забоншносӣ. – Теҳрон, 1397. - №5 [бо забони форсӣ].
14. Хусрави Фаршедвард. Дастури муфассали имрӯз / Фаршедвард, Хусрав. – Теҳрон: Сухан, 1384. – 708 с. [бо забони форсӣ].
15. Ҳасан Анварӣ. Фарҳанги бузрги сухан / Анварӣ, Ҳасан, Аҳмади Гевӣ. - Теҳрон: Сухан, 1381. –1376 с. [бо забони форсӣ].
16. Ҳасан Анварӣ, Аҳмади Гевӣ. Дастури забони форсӣ / Анварӣ, Ҳасан, Аҳмади Гевӣ. – Теҳрон, 1385. - 394 с. [бо забони форсӣ].

МУШКИЛИҲОИ ТАРҶУМАИ МАФОҲИМИ ФАРҲАНГИИ ФОРСӢ БА АРАБӢ

Тарҷума як равол барои ташкили иртибот миёни ду фарҳанг аст. Забон ва фарҳанг робитаи ғайри қобили таҷзия доранд ва ворид кардани як унсури фарҳангӣ дар фарҳанги дигар мусталзами ин аст, ки сурати забонии он дар фарҳанги дигар ворид шавад. Барои санҷиши содагӣ ё душвории як тарҷума метавон ба ҳанҷори ҳаммонандии ду фарҳанги мабдаъ ва мақсад таваҷҷуҳ кард. Ба таври куллӣ ҳар қадар сохтори ду забон ва навъи фарҳангҳо мутафовит бошад, тарҷума мушкилтар мешавад. Мушкилоте, ки мутарҷим бо онҳо мувоҷеҳ мешавад анвои гуногун дорад: яке аз ин мушкилот ишороти хосси фарҳангӣ аст. Гоҳ мутарҷим бо аносире аз фарҳанги мабдаъ рӯбарӯ мешавад, ки дар фарҳанги мақсад вуҷуд надорад. Дар ҳангоми мувоҷеҳ бо ин аносир бояд бикӯшад ба наҳве халои фарҳангиро пур кунад ва бо овардани лафз ё иборот дар забони мақсад маънои унсури мутафовити фарҳангиро ба наҳви муносибе ба хонандагон мунтақил кунад. Дар мавриди сохторҳои фарҳанги мавҷуд дар забони форсӣ барои мутарҷимони арабзабон метавонад мавриди чолиш, озмоиш ва маҳаки тавонмандии мутарҷим дар равиши муодилгузинӣ бошад. Аз он чӣ аз пажуҳиш омад, чунин бармеояд, ки ин ҳазинаҳои фарҳангӣ, ки дар намунаҳои мутафовите тазоҳур карда, мутарҷимони арабро ба шеваҳои гуногуне дар муодилгузинӣ ба такопӯ водоштааст. Аммо мутарҷим мабнои муодилгузинии худро дар бораи сохторҳои фарҳангӣ, шеваи ҷойгузинӣ қарор додааст. Кӯшиши мутарҷим ба ҷойгузинӣ ва истифода накардан аз шеваи такмилӣ, ҳамчун тавзеҳ дар поварақӣ дар бархе маворид бо муодилгузиниҳои бедиққат дида мешавад ва наметавонад вижагии фарҳангиро ба хубӣ интиқол кунад ва ба назар мерасад, ки ба шиддат ниёз ба шарҳ дар поварақӣ шеваи талфиқӣ дар онҳо дарк мешавад. Дар маҷмуъ ба назар мерасад, гарчи мутарҷим тарҷумае қабулкарданӣ аз сохторҳо ба даст дода, аммо дар муодилёбии сохторҳои фарҳангӣ чандон бо диққат ва иттиҳоди равол амал накардааст. Саъй бар он доштем ба пурсишҳои зер посух диҳем: Чӣ робитае байни фарҳанг ва тарҷума вуҷуд дорад? Мутарҷим бо чӣ навъ душвориҳои фарҳангӣ мувоҷеҳ мешавад? Мутарҷим дар ҳангоми мувоҷеҳа бо бори фарҳангӣ чӣ шеваҳое ба кор мебарад? Ва ба натоиҷи зер расидем: интихоби равиши муносиб барои тарҷумаи вожае бо бори фарҳангӣ ба ду омил бастагӣ дорад: моҳияти вожаи мавриди назар ва бори маъноии он. Нақши он вожа дар фароянди иртиботӣ. Шикасти мутарҷим дар тарҷумаи аносири фарҳангӣ маъмулан аз ду омил ношӣ мешавад: халои фарҳангии мавҷуд дар забони мақсад. Нигариши мутафовит ба дунё ва унсурҳои он ва дар натиҷа, номгузориҳои мутафовит барои воқеиятҳои хориҷӣ. Барои тарҷумаи аносири фарҳангӣ равиши воҳид вуҷуд дорад. Гоҳ мутарҷим ногузир аст чанд равишро бо ҳам талфиқ кунад, то маънои муносибе барои вожаи мавриди назар биёбад.

Калидвожаҳо: рӯйкардҳои забонӣ, таъсири тарҷума бар ду фарҳанг, таодули мафҳумӣ дар фароянди тарҷума, фарҳанг ва забон, аносири ғизо ва хӯрок, аносири одобу русум, аносири мазҳабӣ, фазои фарҳангӣ.

ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА ПЕРСИДСКИХ КУЛЬТУРНЫХ КОНЦЕПЦИЙ НА АРАБСКИЙ ЯЗЫК

Процесс перевода представляется неким механизмом, который формирует отношения между двумя различными культурами; язык и культура связаны друг с другом неразрывной связью. Вхождение одного культурного элемента в другой требует и включения его языковой структуры. Для оценки того, насколько трудно или легко переводить, мы можем опираться на критерий сходства между культурами исходного и целевого языков. Чем больше различий проявляется в структуре этих двух языков и их культур, тем сложнее

становится процесс перевода. Самыми заметными типами проблем, с которыми сталкивается переводчик, является перевод культурных элементов, для которых невозможно найти эквиваленты в целевом языке. При этом переводчику приходится стремиться заполнить эту пустоту и передать понятия таким образом, чтобы они соответствовали культуре и уровню знаний адресата. Что касается культурных структур, широко используемых в персидском языке, с которыми сталкивается арабский переводчик, то это, по сути, представляется вызовом и проверкой его способностей и компетентности в механизме выбора подходящего эквивалента. Видимо, эти культурные элементы, проявляющиеся в разных контекстах, заставили арабских переводчиков пробовать разные методы в подборе эквивалентов, но эти переводчики стали полагаться на свой личный выбор в подборе эквивалентов этих элементов, что является альтернативным методом. Стремление переводчика не использовать сноски внизу перевода рассматривается как своего рода небрежность и неточность в отношении переводческого процесса. В данной работе исследователь стремился отследить некоторые проблемы перевода культурных элементов с персидского языка на арабский язык и постарался, насколько это возможно, найти для них правильный эквивалент в арабском языке. В связи с этим он попытался ответить на следующие вопросы: какова взаимосвязь между культурой и переводом, с какими культурными трудностями сталкивается переводчик, какие стратегии использует переводчик, сталкиваясь с культурными трудностями? В ходе исследования были получены следующие выводы: выбор правильной стратегии перевода слова с культурным зарядом зависит от двух факторов: характер и семантический заряд целевого слова; роль этого слова в процессе коммуникации. Невозможность перевода культурных элементов переводчиком основывается на двух факторах: культурный пробел в языке перевода; разница в ситуации, во внешних событиях и отсутствие единого механизма перевода культурных элементов. Итак, необходимо комбинирование нескольких стратегий для поиска подходящего значения исследуемого слова.

Ключевые слова: лингвистические механизмы, воздействие перевода на культуру, концептуальный баланс в процессе перевода, культура и язык, элементы еды и напитков, элементы обычаев и традиций, религиозные элементы, культурное пространство.

PROBLEMS OF THE TRANSLATION OF PERSIAN CULTURAL CONCEPTS INTO ARABIC

Translation is a process that appears as a mechanism that forms the relationship between two different cultures. Both language and culture are inseparably linked to each other. Of course, the introduction of one cultural element into another culture requires the inclusion of its linguistic structure. To judge the degree of difficulty or easiness of translation, we can rely on the criterion of the similarity between the cultures of the source and target languages. The more different the structure of these two languages and their cultures, the more difficult translation becomes. The most prominent types of problems that face a translator are the cultural elements that lack equivalents in the target language. A translator here is bound to strive to fill this gab and convey the concepts in a manner consistent with the recipient's culture and level of knowledge. As for the commonly used Persian cultural structures facing Arabic translators, they are, in fact, a challenge and a test of his ability and competence on how to choose the appropriate equivalent. It seems that these cultural structures appearing in various examples have forced Arab translators to try different ways in selecting these equivalents. However, translators have relied on their personal choices in selecting equivalents of these elements, which is an alternative method. The translator's attempt not to use footnotes in the translation is seen as an indication of negligence and inaccuracy in the translation, consequently, his inability to transfer cultural characteristics appropriately. Generally speaking, although the translator gave an acceptable translation of these structures, it seems that he did not act very carefully and methodologically in reaching their equivalents. In the present study, the researcher attempted to spotlight on some problems of translating cultural elements in the Persian language into the Arabic language, and did his best to find the correct equivalent for them in his Arabic language. In this regard, he attempted to answer the following questions: What is the relationship between culture and translation? What kind of cultural difficulties does the translator face? What are the strategies employed by translators when facing cultural difficulties? The study concludes that: choosing the correct strategy for translating a word with a cultural load depends on two factors: the nature of the target word and its semantic load, and the role of this word in the communication process. The translator's failure to translate cultural elements depends on two factors: the cultural gap in the target language, and the difference in situations and external events. The study also concludes that there is lack of a unified mechanism for translating cultural elements. Finally, there is a need for employing several strategies together to find the appropriate meaning for the word under study.

Key words: Linguistic mechanisms, effect of translation on two cultures, conceptual balance in the translation process, culture and language, elements of food and drink, elements of customs and traditions, religious elements, cultural gab.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мунӣф Абдулазиз Мунӣф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи филологияи Эрон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ 17.
E-mail: **Monif.almonif@gmail.com.** Тел.: **(+992) 933-34-43-22**

Сведения об авторе: ***Мунӣф Абдулазиз Мунӣф*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **Monif.almonif@gmail.com.** Тел.: **(+992) 933-34-43-22**

Information about the author: ***Monif Abdulaziz Monif*** – Tajik National University, doctor of Ph.D Department of Iranian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Monif.almonif@gmail.com.** Phone: **(+992) 933-34-43-22**

ТДУ: 491.550-54:42(575.3)

СИНОНИМҲОИ ҶУФТ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Имомова М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши муқоисавии масъалаҳои мухталифи забон дар ҳеҷ як давру замон аҳаммияти назариву амалии худро аз даст намедиҳад, зеро чунин таҳқиқ имкон фароҳам меорад, ки умумият ва тафовути ин ё он воҳиди забон муайян карда шавад. Дар ин замина таҳқиқи муқоисавии муродифоти ҷуфт дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ва ифодаи онҳо дар тарҷумаи англисии асар ниҳоят муҳим мебошад, зеро муродифот мавзуи марказии услубшиносӣ буда, домони имконоти фикрро васеъ мегардонад.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ аз имконоти услубии муродифоти луғавӣ хеле бамаврид истифода бурдааст. Масъалаи мазкурро муҳаққиқ М.М. Мирзоева дар таълифоташ «Муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ дар насри бадеии Садриддин Айнӣ» баррасӣ намуда, мавридҳои истифодаи онҳоро дар насри бадеии нависанда, аз ҷумла дар «Ёддоштҳо», бо мисолҳои мушаххас қайд кардааст [5]. Дар ин таълифот ягон-ягон муродифоти ҷуфти осори бадеии адиб мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аммо ин масъала дар асари мазкур ба таври ҷудогона таҳқиқ нашудааст.

Бояд зикр кард, ки миқдори зиёди муродифоти осори С. Айниро ифодаҳое ташкил менамоянд, ки онҳоро муҳаққиқон ба таври мухталиф ном мебаранд. Агар ба таркиби ин ифодаҳо таваҷҷуҳ намоем, баръало мебинем, ки онҳо аз ҳиссаҳои гуногун сохта шуда, дар як мавриди маънои ҳамдигарро пурра кунанд, дар мавриди дигар барои тақвият ва таъкиди матлаб кор фармуда мешаванд. Ин ҷанба барои нишонрас ва дақиқ ифода кардани матлаби нависанда ёрӣ мерасонад.

Дар бобати мавқеи синонимҳои ҷуфт муҳаққиқони зиёде нуқтаи назари худро баён кардаанд. Аз ҷумла, забоншиноси маъруфи тоҷик Н. Маъсумӣ дар монографияаш – «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ин гуна муродифҳоро ба воҳидҳои фразеологии ғайрифеълӣ тасниф намуда, *ибораҳои чидаи синонимӣ* номидааст [4, с.154-155].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар «Фразеологическая система современного таджикского литературного языка» чунин ифодаҳоро таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивные фразеологические сочетания) номида, таркиби луғавию сохторӣ ва семантикаи онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст [3, с.291].

Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Б. Сиёев, Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов, Ш. Кабиров, А. Абдуқодиров, Ш. Каримов, Ш.Р. Бӯриев, Ю.Ш. Нурмаҳмадов, З.Д. Қӯрғонов, А. Давронов, С.Б. Ҷӯраева, М. Холов, С. Аминов, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадов ва дигарон дар таълифоташон ба муродифоти ҷуфт таваҷҷуҳ кардаанд.

Табиати чунин ифодаҳоро омӯхта, муҳаққиқон нишонаҳои зерини онҳоро муқаррар намудаанд: 1) аз ду калимаи мустақил таркиб ёфтан; 2) бо пайвандаки ***-у (-ю, -ву)*** алоқаманд шудан; 3) таносуби маъно бо ҳамдигар доштан; 4) бо пешвандҳои **ба-, бо-, бе-, пур-** ва пасванди **-нок,** пасвандгунаи **-дор** васл шудани яке аз ҷузъҳо; 5) таносуби таркиби овозии аввал камҳиҷо, баъд чандинҳиҷо (аввал кӯтоҳ, баъд дароз) доштан; 6) санъатҳои аллитератсия, ассонанс, саҷъ доштан; 7) таносуби вазну *оҳанг доштан; 8) имконнопазир будани тағйири ҷойи калимаҳо [3, с.77].*

Ин нишонаҳоро ба назар гирифта, муродифоти ҷуфти «Ёддоштҳо»-и устод Айниро, ки қисмҳои 1 ва 2-юми он ба забони англисӣ баргардонида шудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ногуфта намонад, ки тарҷумаи як асар аз як забон ба забони дигар саҳлу осон нест, зеро, аз як тараф, сохтори грамматикии забони асл ва забони тарҷума, аз тарафи дигар, ҷанбаи миллии асар имкон намедиҳанд, ки воҳиди матни асл айнан ба забони дигар баргардонида шаванд. Масалан, агар барои муродифоти ҷуфти забони тоҷикӣ алоқамандшавӣ бо пайвандакҳои пайвасткунандаи -у (-ю, -ву) хос бошад, дар аксар мавридҳо он дар забони англисӣ бо воситаи грамматикии and ифода меёбад. Ҷанбаҳои шабеҳ ва фарқкунандаи Father and mother, huffing and huffing муродифоти ҷуфти забонҳои тоҷикиву англисиро баъд аз таҳлили маводи амалӣ муайян хоҳем кард.

Муродифоти ҷуфт, ки дар қолаби таркибҳои ҷуфт шакл гирифтаанд, дар асарҳои нависанда ниҳоят фаровонанд. Маводи дар ихтиёрдоштаи мо имкон дод, ки ҷузъҳои

муродифоти ҷуфтро аз рӯйи баромадашон ба гурӯҳҳо тасниф намоем. Ҷузъҳои муродифоти ҷуфт чунин шакл гирифтаанд: тоҷикӣ бо тоҷикӣ, арабӣ бо арабӣ, арабӣ бо тоҷикӣ, арабию юнонӣ ва баръакс. Дар байни онҳо муродифоти ҷуфти арабию арабӣ ва тоҷикию арабӣ зиёдтар мушоҳида гардиданд. Ин калимаҳои арабӣ кайҳост, ки ба меъёри забони тоҷикӣ мутобиқ гардида, аз ҷониби соҳибзабонон ҳазм шудаанд.

1) ***Тоҷикӣ бо тоҷикӣ***: Муродифоти тоҷикӣ он калимаҳои ҳаммаъноеро фаро мегирад, ки серистеъмол буда, ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ дар истифодаанд. *Гирёну нолон, хушку холӣ, дуру дароз* - *Crying and moaning, dry and empty, long and long* ва амсоли ин аз ҳамин қабиланд. Ин таркибҳо обуранги ҳиссиро ифода намекунанд, зеро ифодаҳои муқаррарии забонанд:

1. Майсаҳои ҷаву гандуми тирамоҳ кишташуда замини сиёҳро пӯшонида ***сабзу хуррам*** карда буданд [15, с.36]. The sown blades of barley and winter wheat cover the black earth and turn green. 2. Оқибат танҳоӣ ва мусофирати ***дуру дароз*** ба дили бобоям зада, аз охири тарафи ғарбии деҳаи Маҳаллаи Боло заминеро ба даст дароварда, барои худ ҳавлии рӯйидаричаноке бино кардааст [15, с. 12]. As a result, loneliness and long journeys struck my grandfather's heart, he acquired a piece of land at the western end of the village of Mahalla Bolo and built a beautiful yard for himself. 3. Хайбар бағоят ***боору номус*** буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯйидааст [15, с.68]. 13. – Бас кунед, эшонамак, тавба кардааст, минбаъд аз ***гуфту фармон***и шумо намебарояд, – гуфт [15, с.77]. Stop it, I believe, he has repented, he will no longer obey your orders," he said. Аммо дар он вақтҳо ҳодисае рӯй дод, ки ин ақидаи ман ***зеру забар*** шуд [15, с.119]. But at that time, an incident happened that changed my opinion. Дар ин ҷо ақидаи кас **зеру забар** яъне нест шуд, ба забони англисӣ бошад changed, феъли дуруст дар замони гузашта маънои эвазро дорад**.** Ман ***гиряву зорикунон*** аз ӯ пурсидам, ки маро ба ин зудӣ ба саҳро гардонда набарад, то ки рӯзе чанд дар ин ҷо монда шаҳрро тамошо кунам ва мулло тағоиамро бинам [15, с.172]. I cried and moaning him not to take me back to the field so soon, so that one day I could stay here and see the city and see my uncle.

2) ***Тоҷикӣ бо арабӣ***: Муродифоти ҷуфти ин гурӯҳ дар нутқи хаттӣ серистеъмоланд. Як ҷузъи таркиби онҳо умумиистеъмол ва ҳазмшуда, дигаре камистеъмол ва хосси забони адабии китобӣ мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ҷузъи тоҷикии ин гуна таркибҳо бар эзоҳи ҷузъи арабиаш меояд:

Аммо хоҷагон бо ***нозу истигно*** ба тарафи таом нигоҳ намекардаанд [15, с.1, 182]. Дигарбора лашкари ***андуҳу алам*** (sorrow and sadness) ба ман ҳуҷум оварда, тамоми хавосамро фаро гирифт [15, с.1, 199].

3) ***Арабӣ бо арабӣ***: Дар хусуси муродифоти ҷуфти арабию арабӣ забоншинос С. Ҳалимов менависад: «Калимаҳои арабӣ дар забонамон қатори нави синонимҳоро ба вуҷуд оварданд ва ҷуфтҳои синонимии арабӣ (молу хоста, адлу дод, сабру шикебо) захираҳои услубии забонамонро бой гардонд» [9, с.52]. Чунин навъи муродифоти ҷуфт дар асарҳои адиб хеле фаровонанд:

Ҳарчанд ман он вақтҳо аз ***ишқу муҳаббат*** (love and love) тамоман бехабар бошам ҳам, ин ҳолати ӯ ба ман бисёр хуш омад [15, с.2, 103]. 26. Ман дар ҳамин гуна ***фикру хаёл*** (think and thoughts) будам, ки Икромхоҷа омад [15, с. 2, 197]. Охир, ман туро дӯст медорам, барои ту, бар зарари худ ба бардоштани ҳар гуна ***азобу уқубат***ҳо тайёрам ва ҳар навъ бало, қазо, андуҳу алам, ки аз ишқи ту ва аз тарафи ту ба сарам ояд, миннатдорона мебардорам [15, с. 2, 422]. Орзу мекардам, ки коре шуда ҳамаи ин ***ғаму кулфатҳо***, ҳарчанд якчанд дақиқа ҳам бошад, аз ёдам барояд [15, с. 2, 199).

Дар мисоли зерин калимаи *ваҳшоният* бо тобиши маънои бераҳмӣ, озор бо муродифоти ҷуфти *азобу уқубат* синоним шудааст:

… он бас набуд, ки берӯйӣ, бешармӣ, беинсофӣ, бераҳмӣ бедиёнатиро ба ҷое расонданд, ки аз номи дин як одамро бо ***ваҳшонияти чашмнадида*** *ва бо* ***азобу уқубати гӯшношунида*** *нобуд карданд …* [15, с. 4, 370).

Чунон ки аз мисолҳо бармеояд, устод Айнӣ дар истифодаи муродифоти луғавӣ аз калимаҳои ҳамоҳанг (чашмнодида, гӯшношунида) фоида мебарад. Бар замми ин як қатор сифатҳоро – *берӯйӣ, бешармӣ, беинсофӣ, бераҳмӣ, бедиёнатӣ*, ки ба исм гузаштаанд, бо ифодаҳои *ваҳшонияти чашмнадида* ва *азобу уқубати гӯшношунида* ҳаммаъно менамояд. Вожаҳои *азоб, уқубат* маънои ранҷу озорро бо обуранги ҳиссии манфӣ ифода мекунанд.

Муродифоти ҷуфти *азобу уқубат*ро дар нутқи хаттиву шифоҳӣ кор мефармоянд ва бештар ҳолати шахсро ифода мекунад.

4) ***Арабӣ бо тоҷикӣ***: Ин гурӯҳи муродифот бештар хосси нутқи хаттӣ мебошанд, ҳарчанд яке аз ҷузъҳояшон дар гуфтугӯ низ истифода мешавад:

Даромади он чизро аввал ба ***таъмиру шикастурехт***и бино ва бақияашро ба талабаҳо, ба имом ва мударрис ва ба дигар касоне, ки дар хизмати он мадраса дахл доранд, бо саҳмҳои муайян тақсим кардаанд [15, с.2, 223]. Аммо бештарин дуздон дар рӯзи дастгир шуданашон, бисёр дер монанд, баъд аз ягон моҳ дар зиндон хобидан ба воситаи ***ришваву пора*** халос шуда боз дар пайи кори худ (дуздӣ) рафтан мегиранд [15, с.2, 354]. ***Синну соли*** ин одамро ҳам тахмин кардан мумкин набуд – нону гӯштро бо як ҳирси сагона тез-тез ва мӯл хӯрданаш, ҳам кам будани торҳои сафеди мӯйи баданаш далолат мекард, ки он одам миёнсол аст [15, с.2, 386].

Дар мисоли аввал ифодаи ***таъмиру шикастурехт*** истифода шудааст, аммо, ба назари мо, он бояд ***таъмири шикастурехт*** бошад, зеро ***шикастурехт*** камбуду нуқсони биноро мегӯянд, ки он бояд таъмир карда шавад. Шояд ҳангоми баргардон аз ҳуруфоти арабӣ ба кириллӣ нуқсони техникӣ ба амал омада бошад. Чунин ҳолат бо ифодаи ***масту аласт*** низ рӯй додааст: Охир, ҳамин ҳазлу вақтхушкунист, ки худ ***масту аласт*** шуда ғалтида бихоб! [15, с.2, 264]. Мантиқан, шакли дурусти он бояд ***масти аласт***, яъне масти ҳамешагӣ, бошад.

5) ***Арабӣ бо юнонӣ***: Муродифоти ҷуфти арабию юнонӣ – *ору номус* дар услуби бадеӣ, публитсистӣ ва гуфтугӯйӣ дучор меояд. Ин таркиб ниҳоят серистеъмол аст:

Хайбар бағоят ***боору номус*** буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯйидааст [15, с.1, 68].

Ор дар қатори калимаи арабии серистеъмол ё ҳазмшуда меистад. Он калимаи китобӣ буда, маъноҳои нанг, шарм, айб, ҳаёро ифода мекунад. *Номус* вожаи юнонии хеле серистеъмол аст, ки ба маъноҳои 1. шараф, обрӯ, некномӣ; 2. исмат, иффат, покӣ, покизагӣ; 3. нанг, шарм, ор [7, с.933] кор фармуда мешавад ва дар гуфтори мардум ба ҳамаи маъноҳояш истеъмол мегардад. Ин калима дар якҷоягӣ бо вожаи *ор* маънои обрӯ ва шарафро дорост. Ин вожаҳо барои пурра кардани маънои ҳамдигар омадаанд.

6) **Тоҷикӣ бо туркӣ**. Бо ин таркиб танҳо як мисол дучор омад. Дар он ҳиҷои аввали ҳар ду ҷузъ бо ҳам мутобиқат карда, дар ҳар ду ташдиди ҳамсадоҳо, ҳам санъати аллитератсия ба назар мерасад:

Дар ҳамин вақт падарам аз тарафи ҳавлӣ намудор шуд ва ман ҳам муҳайёи ***шаттаву шаллоқ*** шуда ба худдорӣ кардан азм намудам [15, с.1, 164].

7) Ду ҷузъи арабӣ ва як ҷузъи тоҷикӣ. Пайиҳам овардани се муродиф ба воситаи пайвандаки ***-у*** дар адабиёти классикӣ ҳам маъмул будааст. Устод Айнӣ, ки аз забони адабиёти ғановатманди гузаштаамон самаранок истифода мебурд, аз нодиракориҳои адибони бузургамон бебаҳра намондааст. Дар мисоли зерин муродифоти ҷуфт ҳамчун ҷузъи таркибии ифодаҳои маҷозӣ – ***бори ғам, бори кулфат, бори андуҳ*** (a burden of grief, a burden of trouble, a burden of sadness) кор фармуда шудааст. Барои пуртаъсир баён кардани матлаб ва қулай истифода бурдани воҳидҳои забон нависанда калимаи асосӣ – ***бор***ро фурӯгузор намудааст:

Ман дар танҳоӣ дар зери ***ғаму кулфату андуҳ*** (sadness and grief) ҳалок шавам ҳам, ба он гуна ҳаракатҳои беномусонаи сабукпоёна тан нахоҳам дод [15, с.2, 430].

8) Ду ҷузъи арабӣ ва ду ҷузъи тоҷикӣ. Истифодаи таркиб андар таркиб як хусусияти услуби фардии нависанда мебошад, ки аз адабиёти классикӣ маншаъ гирифтааст. Нависанда барои пурра кардани маънои ҷузъҳо чор муродифро пайиҳам кор фармудааст:

Ҳарчанд зоҳири қиёфаташ гавмонанд бошад ҳам, ***ахлоқу одобу кирдору рафтораш*** як инсони пуррaро ба назар ҷилва мекунонид [15, с.2, 252]. Although his appearance was sad, his manners and behavior made him look like a complete human being. Дар ин ҷо ***ахлоқу одобу кирдору рафтораш*** *ба забони англисӣ* **manners and behavior** тарҷума шуд.

Таҳлил нишон дод, ки муродифоти ҷуфти қолаби «тоҷикиву тоҷикӣ», «арабиву арабӣ» дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ сермаҳсуланд (ниг. ба нақшаи №1 ва диаграмма).

Нақшаи №1.

№	Таркиби морфологии муродифоти ҷуфт дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ	Басомади муродифот
1.	Тоҷикӣ бо тоҷикӣ	21
2.	Тоҷикӣ бо арабӣ	8

3	Арабӣ бо тоҷикӣ	7
4.	Арабӣ бо арабӣ	22
5.	Тоҷикӣ бо туркӣ	1
6.	Арабӣ бо юнонӣ	1
7.	Арабӣ, арабӣ, тоҷикӣ	1
8.	Арабӣ, арабӣ, тоҷикӣ, тоҷикӣ	1
Дар маҷмуъ:		62



Муродифоти ҷуфтистеъмол на танҳо аз нигоҳи маъно, балки аз ҷиҳати мансубияти лексикиву грамматикӣ низ бояд бо ҳам мутобиқат кунанд, яъне ҳар ду ҷузъ бояд ба як ҳиссаи нутқ мансуб бошанд. Чунончи, ду исм, ду сифат ва ғ. Маводи амалии «Ёддоштҳо» нишон дод, ки дар ташаккули муродифоти ҷуфти асар, асосан, исмҳо, сифатҳо ва зарфҳо иштирок мекунанд. Аз 62 ҷуфти муродифҳо 55-тояш исм, 7-тояш – сифат, 3-тояш зарф ва 1-то феъли ҳол мебошанд (ниг. ба диаграммаи 2).

Дар сохтани муродифоти ҷуфт ҳамаи навъҳои исмҳо ба андозаи гуногун саҳм гузоштаанд. Чунончи:

а) исмҳои шахс (2): Меҳмонон, ки ҳама ***ёру ҷӯраи*** якдигар мебошанд, ба соҳибхона гуфтаанд [15, с.1, 155]. Парешонии аҳволи ***хешу таборон***, харобии ҳавлӣ ва рӯйидаричаи худамон маро парешонҳол ва дилгир кард [15, с.2, 328]. The mindedness and the state of **relatives**, the destruction of the yard and the gate upset me. Рассеянность и состояние родственников, разрушение двора и ворот расстроил меня. Ба забони англисӣ калимаи **relatives** ба ҷойи ***хешу таборон*** *истифода шудааст.*

б) исмҳои ғайришахс (1): Аъзои оилаи ӯ ҳам бо одати қадимаи чорводорӣ аз паси ***галаву рамаи*** худ кӯчида гашта, дар канори заҳкашҳо ва кӯлҳо манзил мекардаанд [15, с.2, 388]. The members of his family, following the old tradition of livestock farming, moved behind **the head of their herd** and lived near drains and lakes. Дар ин ҷумла синоними ҷуфӣ: ***галаву рама*** *ба забони англисӣ* **the head of their herd** исм (the head), ҷонишини соҳибӣ (their) ифода ёфтааст. Члены его семьи, следуя давней традиции скотоводства, двигались за стадом и жили вблизи стоков и озер.

в) исмҳои абстракт (43): Ман барои хондан ***ишқу ҳаваси*** бисёр доштам, бинобар ин намехостам, ки хонадор шуда аз хондан бозмонам [15, с.1, 13]. I had a great **passion for reading**, so I didn't want to stop reading after getting married. Дар ин ҷумла **passion for** ба забони англисӣ ба маънои **ишқу ҳавас** омадаст. У меня была большая страсть к учёбе, поэтому я не хотел прекращать учебу после замужества.

г) исмҳои конкрет (9): …бақияи ***молу ашёаш***, бинобар беворис монданаш, аз тарафи қозии он туман подшоҳӣ карда шудааст [15, с.2, 445]. ... остальное **его имущество**, в связи с его лишенный наследством, было конфисковано судьей этого округа. ... the rest of **his property**, due to his disinherited, was confiscated by the judge of that district. Ба забони англисӣ **his property ба маънои** *молу ашёаш омад.*

Сифатҳое, ки ҳамчун ҷузъҳои муродифоти ҷуфт баромад мекунанд, нисбат ба исм камтаранд: ҳамагӣ 7 мисол. Ба сифати ҳар ду ҷузъ ҳам сифатҳои аслӣ ва ҳам сифатҳои нисбӣ истифода шудаанд:

а) сифатҳои аслӣ (3): Оқибат танҳоӣ ва мусофирати ***дуру дароз*** ба дили бобоям зада, аз охири тарафи ғарбии деҳаи Маҳаллаи Боло заминеро ба даст дароварда, барои худ ҳавлии

рӯйидаричаноке бино кардааст [15, с.1, 12]. В результате одиночество и дальние путешествия поразили деда в сердце, он приобрел участок земли на западной оконечности села Махалля Боло и построил себе прекрасный двор. As a result, **loneliness and long journeys** struck my grandfather's heart, he acquired a piece of land at the western end of the village of Mahalla Bolo and built a beautiful yard for himself. Майсаҳои ҷаву гандуми тирамоҳ кишташуда замини сиёҳро пӯшонида ***сабзу хуррам*** карда буданд [15, с.1, 36]. The sown blades of barley and winter wheat covered the black earth and made it **green.** Як калимаи **green** маънои *сабзу хуррамро дода истодааст.*

Аммо он ҳарфҳо чунон ***качу килеб*** ва баднамо буданд, ки аз "ҳарф" зиёдтар ба сиёҳии ба рӯйи коғаз пошхӯрда монандӣ доштанд [15, с.1, 128-129].

б) **сифатҳои нисбӣ** (4): Хайбар бағоят ***боору номус*** буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯйидааст [15, с.1, 68]. …дар башараи калонон асари он ҳаяҷони ***пурҷӯшу хурӯш*** намонд, хомӯшии умумӣ сар шуд [15, с.2, 295]. Назар ба нақли падарам – Сайид Муродхоҷа, падари ӯ – Сайид Умархоҷа одами ***хатту саводнок*** буда, аз ҳунарҳои дастӣ дӯконбофӣ ва дуредгариро хуб медонистааст [15, с.1, 11]. According to the story of my father - Sayyid Muradhoja, his father - Sayyid Umarhoja was a **well-educated** person, and he knew handicrafts such as weaving and tailoring. Чи хеле ки дида истодем **well-educated-** сифати феълии II-ро ба забони англисӣ синоними ҷуфт гуфта наметавонем, **well -** сифат тарҷумаш хуб, **educate(d) –** маълумот. Масалан: **well-educated man –** шахси маълумотдор (хорошо образованный человек).

Дар сохтани сифат воситаҳои калимасоз низ саҳмгузоранд. Дар мисолҳои боло пешвандҳои **бо-**, пешвандгунаи **пур-**, пасванди **-нок** аз исм сифат сохтаанд.

Нисбат ба исму сифатҳо миқдори зарфҳо дар сохтани муродифоти ҷуфт бемаҳсуланд. Ҳамагӣ 3 мисол ба назар расиду халос:

а) зарфи тарзи амал (бо тобиши макон): Агар талаба бисёр ва дарсхона танг бошад, шогирдон ***пасу дунболи*** якдигар бо ҳам ҷафс шуда ҷой мегирифтанд [15, с.2, 234]. …дар он вақт худи онҳо "***хушу хурсандона***" аз даъвои муздгирӣ гузашта халос шуда мерафтаанд" [15, с.2, 387]. … they **"happily and happily**" themselves got rid of the wage claim" at that time, дар ин ҷо метавонем гуем ки синоними ҷуфтианд.

б) зарфи монандӣ: Ман ҳанӯз сухане намеёфтам, ки ба ӯ бигӯям, ё ин ки монанди ***гунгу лол*** суханҳои дар дил доштаамро ба ӯ гуфта натавонистам [15, с. 2, 420]. I still couldn't find the words to say to him, or I couldn't tell him what I had in my heart like I was **dumb**.

Як ҳолати иштироки феъли ҳолро дар ташаккули муродифоти ҷуфт ба қайд гирифтем: Ман ***гиряву зорикунон*** аз ӯ пурсидам, ки маро ба ин зудӣ ба саҳро гардонда набарад, то ки рӯзе чанд дар ин ҷо монда шаҳрро тамошо кунам ва мулло тағоиамро бинам [15, с.1, 172]. I **cried and asked** him not to take me back to the field so soon, so that one day I could stay here and see the city and see my cousin.

Диаграммаи 2.

Агар ба сохт ва калимаҳои дохили таркибҳои рехтаи ҷуфт бодиққат нигоҳ кунем, дар онҳо тафовуте мушоҳида мешавад. Масалан, таркибҳои ҷуфте вуҷуд доранд, ки ҷузъҳои онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест, зеро ба ифодаҳои яклухт табдил ёфтаанд. Ба монанди *ҷидду ҷаҳд*. Ҷузъи *ҷид(д)*-ро бе *ҷаҳд* истифода бурдан ғайриимкон аст, ҳарчанд дар

алоҳидагӣ он ба маъноҳои 1. кӯшиш, саъй; *ҷидду ҷаҳд* ғайрату кӯшиши зиёд, зӯрзанӣ; 2. аз таҳти дил; муқобили *ҳазл, шӯхӣ* [8, с. 591] далолат менамояд.

Ё ин ки таркиби ҷуфти *хешу табор* низ чунин хусусият дорад:

Парешонии аҳволи ***хешу таборон***, харобии ҳавлӣ ва рӯйидаричаи худамон маро парешонҳол ва дилгир кард [15, с.2, 328].

Вожаи *табор* маънои хешовандон, хешон, наздикон, аҳли як хонадонро ифода мекунад ва танҳо бо калимаи *хеш* истифода мешавад. Ин ҷуфти синонимӣ дар тарҷумаи англисӣ бо калимаи relative дақиқ ифода ёфтааст:

Ҷузъҳои таркибҳои ҷуфти *каҷу килеб, ҷангу ҷидол, тарсу бим* ва амсоли инҳоро ҷудо-ҷудо истифода намебаранд, зеро онҳо дар шакли яклухт кор фармуда мешаванд. Бояд гуфт, ки калимаҳои *килеб, ҷидол* хусусияти архаистӣ доранд:

Аммо он ҳарфҳо чунон ***каҷу килеб*** ва баднамо буданд, ки аз "ҳарф" зиёдтар ба сиёҳии ба рӯйи коғаз пошхӯрда монандӣ доштанд [15, с.128-129].

But those letters were so **crooked and ugly** that they looked more like ink splattered on paper than "letters".

…инҳо бо ***ҷангу ҷидоли*** кӯбкоритозона (бузкашона) ба зери девори мадрасаи Дорушшифо рафтанд [15, с.2, 349].

they went under the wall of Darushifa madrasa with **fierce and fight**.

Дар ин ҷо бе озор ва ***бе тарсу бим*** тарфбозиро ба хубӣ тамошо мекунед, – гуфт ва аз кисааш як қутӣ гӯгирд бароварда ба ҷияни худ Ҳомидхоҷа дода илова намуд [15, с.1, 142]. Here you can watch the football match without any **harm and fear**, - he said and took out a box of matches from his pocket and gave it to his nephew Hamid hoja and added.

Ин муродифот дар забони англисӣ чунин ифода ёфтаанд: **fierce and fight, crooked and ugly, harm and fear.**

Дар эҷодиёти устод Айнӣ силсилаи муродифот бо рангу ҷилваи нав рӯйи қоғаз меоянд. Хосса, дар тасвири қаҳрамону персонажҳои дӯстдоштааш нависанда муродифотро пайиҳам ва дар шакли ҷуфт кор фармуда, ҳусни табиии духтарон, хусусан духтарони деҳотиро бори дигар таъкид мекунад. Дар мисоли зерин намуди зоҳирии ҳусни бойдухтари соҳибҷамолро бо таркиби ҷуфти *ҳусну ҷамол* ва сифати *зебо* ифода менамояд:

Чун чашми чӯпонписар ба рӯйи зебои духтарак афтодааст, ба ***ҳусну ҷамоли*** ӯ мафтун шудааст, ба ӯ нигариста рост истода мондааст [15, с.2, 325]. Пири "ҷавонгардида" оби даҳонашро чаконда-чаконда ***ҳусну ҷамоли*** он занро тавсиф кард [15, с.2, 447].

Чунон ки мушоҳида гардид, адиб ҳангоми интихоби калима усулҳои мухталифро бо мақсади рангинбаёнӣ кор фармояд ҳам, аз такрори бемавқеъ худдорӣ кардани ӯ дар ҳар қадам эҳсос мешавад.

Ҳусн калимаи тоҷикӣ буда, бар замми маънои хушрӯйӣ тобиши маънои имтиёз, бартарӣ, хубиро фаро мегирад. Ин вожа бо калимаи *тавоҷҷуҳ* маънои майлу рағбат доштан ба чизе, бо калимаи *тафоҳум* ҳамдигарфаҳмиро ифода мекунад.

Ҷамол вожаи арабист ва он ҳам бар ифодаи зебоӣ, хушрӯйӣ, ҳусн, рӯйи зебо, чеҳраи тобону дурахшон меояд [8, с. 580]. Сабаби дигари пайиҳам овардани ин калимаҳоро аз ҷониби адиб мо дар он мебинем, ки персонаж – бойдухтари бениҳоят зебо буд ва ҳусни таваҷҷуҳи атрофиёнро ба худ мекашид ва як худи вожаи *ҷамол* ин ҳамаро фаро гирифта наметавонист.

Зебо низ тобишҳои маъноии вожаҳои *ҳусн* ва *ҷамол*ро фаро гирифта, хушнамудӣ, таносуби аъзои баданро [8, с. 517] ифода менамояд. Ин синонимҳо бештар дар услубҳои бадеӣ, публитсистӣ ва муошират дучор меоянд. Порчаи боло дар тарҷумаи англисӣ чунин шакл дорад: beauty and lovely

Устод Айнӣ бо пайиҳам овардани муродифоти ҷуфт матлабашро таъкид менамояд ва ҳолати қаҳрамонро дақиқ ифода мекунад. Дар мисоли зерин аз шарму ҳаё дар зери обу арақ мондани Одина бо таркибҳои *обу арақи шармандагӣ,* ки дар қолаби ибора яке ҳамчун ҷузъи асосӣ, дигаре – тобеъ воқеъ гардидааст, ба маънои маҷозӣ далолат кардааст:

Нохост чашмам ба тағоии савдогарам афтод: ӯ дар зери ***обу арақи*** шармандагӣ монда буд, сар хам карда менишаст [15, с. 2, 321]. Involuntarily my eyes fell on my merchant's leg: he was **sweating with shame**, he sat with his head down. Ин ибора sweating with shame ба маънои ***обу арақи*** шармандагӣ омадаст.

Баъзан тарҷумонҳо дар тарҷумаи муродифоти ҷуфт низ муваффақ гардидаанд. Масалан, устод Айнӣ бо усули таркиб андар таркиб ду ҷуфти муродифиро бо мақсади пурра ва дақиқ ифода кардани матлаб пайиҳам зикр мекунад:

Ӯ ҳосили киштиҳои заминҳои амлокро бо чандин ***ҳилаву найрангу зулму зӯр*** *… тамоман мегирифт* [15, с.2, 163]. He took the harvest of the land of the estate by many tricks, **oppression and force** ... completely. Урожай земли поместья он взял многими уловками, гнетом и силой... полностью.

Ҳамин ҳолатро дар мисоли зерин низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҳарчанд зоҳири қиёфаташ гавмонанд бошад ҳам, ***ахлоқу одобу кирдору рафтораш*** як инсони пурраро ба назар ҷилва мекунонид [15, с.2, 252].

Нависанда дар матни боло муродифоти ҷуфтро барои қиёси зоҳиру ботини персонаж кор мефармояд. Аз оҳанги матн ва интихоби муродифҳо маълум мешавад, ки нависанда нисбат ба персонаж эҳтиром дорад. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки муродифот барои ифодаи ҳама гуна мақсади адиб имконоти васеъ фароҳам меоварад.

Нависанда баъзан ба ифодаҳои маҷозӣ такя карда ВФ месозад, ки дар таркибаш муродифоти ҷуфт низ ҳаст, ба монанди *бӯйи рашку ҳасад ҳис кардан*:

Ман ин дафъа аз шикоят ва ғайбати муллоён нисбат ба ӯ ва дониши ӯ ***бӯйи рашку ҳасад ҳис мекардам*** [15, с.2, 233].

Бояд иқрор шуд, ки адиб дар истифодаи воситаҳои муассири баён, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ, омехта кардани вариантҳоро ба хотири ҷоннок гардонидани тасвир ва сарфаи неру, амалӣ месозад. Муродифоти ҷуфти *рашку ҳасад* дар ташаккули воҳиди фразеологӣ саҳм гузоштааст.

Дар мисоли зерин бошад, ҳодисаи сарфаи неру, яъне универбатсия, мушоҳида мешавад. Аз воҳиди фразеологии ***бори ғаму кулфату андӯҳ the (burden of grief and sadness)*** калимаи ***бор*** фурӯгузор шудааст:

… ман дар танҳоӣ дар зери ***ғаму кулфату андӯҳ*** *ҳалок шавам ҳам, ба он гуна ҳаракатҳои беномусонаи сабукпоёна тан нахоҳам дод* [15, с.2, 335].

Аз таркиби ифодаи маҷозӣ – *бори ғаму кулфату андӯҳ* калимаи асосӣ – *бор* афтидааст. Дар ин мисол ҳам истифодаи яклухти ифодаҳои маҷозие, ки ҷузъҳояшон аз ҷиҳати маъно бо ҳам қаробат доранд, яъне муродифоти ҷуфтистеъмол мебошанд, мушоҳида мешавад.

Таҳлили маводи амалии яке аз беҳтарин асарҳои устоди сухан – Садриддин Айнӣ, дар корбурди ҳама гуна воҳидҳои забон, аз ҷумла муродифоти сатҳҳои гуногуни нутқ, сабки хосса дорад ва ҳар қадаме, ки дар ин ҷода мегузорад, ба чорчӯбаи меъёри забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад. Ҳар навоварие, ки ӯ дар истеъмоли ин ё он унсури забон ворид менамояд, бошуурона буда, аз дониши мукаммали нависанда шаҳодат медиҳад. Ин аст, ки сарватҳои забон аз ин навовариҳо зарар намебинанд, баръакс, рангу ҷилои тозаро соҳиб мегарданд ва ба ин васила таваҷҷуҳи хонандаро ба сӯйи худ ҷалб мекунонанд.

Услуби фардии нависанда, маҳорати истифодаи воҳидҳои забон, аз ҷумла муродифоти ҷуфтистеъмол, баъзан кори тарҷумонҳои бомаҳоратро низ душвор мегардонад. Ҳангоми рӯбарӯ шудан бо чунин мушкилот тарҷумон ҳуқуқи ихтисор кардани ин воҳидҳоро надорад, зеро обуранги бадеии асар коҳиш меёбад. Дар натиҷа устод Айнии тавоно ба хонандаи англисзабон дуруст ва воқеӣ муаррифӣ намешавад.

Муқарриз: ***Асадова М.Р.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ // Гулбоғи адаб. Қ. 37. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 464 с.
2. Аминов, С. Баъзе хусусиятҳои услубии ҷуфтҳои муродифӣ / С.Аминов // Мактаби советӣ, 1981. – № 3. – С.35-39.
3. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
4. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – 294с.
5. Мирзоева, М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С. Айни / М.М. Мирзоева. – Душанбе, 2017. – 400 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.I. – 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.II. – 949 с.
8. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода / А.В. Фёдоров. – М.: Высшая школа, 1983. – 304 с.
9. Халимов, С. Современный таджикский язык (именные части речи) / С. Халимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1988. – С.52.

10.Толковый словарь таджикского языка. - Душанбе, 2008. - Т.1. – 951 с.
11.Фразеологический словарь русского языка. Под.ред. Молоткова. – М., 2007.
12. Маджидов, Х. Фразеология современного таджикского языка / Х. Маджидов. - Душанбе, 1982. – 102 с.
13. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 409 с.
14. Мухаммадиев, М. Словарь синонимов таджикского языка / М. Мухаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272с.
15. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. - Қ. 3, 4. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ,1955. - 570с.
16. Айнӣ, С. Ғуломон. Куллиёт. - Ҷ.1. -Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. -485с.

СИНОНИМҲОИ ҶУФТ ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола сухан дар бобати муродифоти ҷуфте меравад, ки дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ истифода шудааст. Сабаби ҳамчун манбаи таҳқиқи мазкур интихоб гардидани ин асар аз он иборат аст, ки он яке аз асарҳои беҳтарини нависанда ба ҳисоб меравад, зеро адиб ҳангоми таълифи он ҳамон воҳидҳои забон ва воситаҳои тасвири бадеиро интихоб ва истифода кардааст, ки матлаби ӯро дақиқ, возеҳ ва нишонрас ба хонандаи тоҷик расонидааст. Ҷиҳати муҳимми забони осори ӯ ин аст, ки тамоми сарватҳои забон тибқи меъёри забони адабӣ мавриди корбаст қарор гирифтаанд. Ҳар тағйироте, ки адиб дар корбасти воҳидҳои забон ворид менамояд, асоснок ва дар заминаи донишҳои бунёдӣ ва сатҳи забондонии ӯ сурат гирифтааст. Мавзуи муродифот, ки бо ифодаи маъно, мансубияти лексикиву грамматикӣ, мавқеи истеъмол, обуранги ҳиссӣ, таносуби маънои калима иртиботи қавӣ дорад, дар маркази диққати услубшиносон қарор мегирад. Устод Айнӣ ҳангоми истифодаи муродифоти ҷуфт на танҳо аз вожаҳои худӣ, балки иқтибосии арабӣ, туркӣ, юнонӣ низ истифода кардааст. Ин муродифҳо дар мавридҳои муайяни нутқ матлаби нависандаро равшану возеҳ ифода кардаанд. Дар давраҳои қадим дар забони англисӣ синонимҳои ҷуфтро бениҳоят зиёд воҳӯрдан мумкин буд. Синонимҳои ҷуфтӣ фразеологӣ ҳам бо қисмҳои гуногуни нутқ алоқаманд мебошанд, аз он ҷумла бо исм, сифат, зарф, бо феълҳои ёрирасон ва бо шакли масдари феъл якҷоянд. Аз он ҷумла қайд кардан лозим аст, ки синонимҳои ҷуфтро дар забони англисӣ дар байни фразеологизмҳо низ пайдо кардан мумкин аст. Дар ин мақола дар мавзуи синонимҳои ҷуфти гуногун дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сухан меравад.

Калидвожаҳо: муродифоти ҷуфтистеъмол, маънои луғавӣ, интихоби калима, таносуби лексикиву грамматикӣ, баромади муродифоти ҷуфт, пайвандаки пайвасткунандаи ***-у***, тарҷумаи муродифот, мутобиқати воҳидҳои забон, матни асл, матни тарҷума, муодилҳо, таъвиз.

ПАРНЫЕ СИНОНИМЫ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ И ИХ ВЫРАЖЕНИЕ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются отношения пар, использованных в «Воспоминаниях» Садриддина Айни. Причина выбора данного произведения в качестве источника настоящего исследования заключается в том, что оно считается одним из лучших произведений писателя, поскольку при его написании писатель выбирал и использовал одни и те же языковые единицы и художественные средства, что сделало его содержание точным, ясным. Важным аспектом языка его произведений является то, что все ресурсы языка были использованы в соответствии со стандартами литературного языка. Любые изменения, вносимые писателем в употребление языковых единиц, обоснованы и производятся, исходя из его базовых знаний и языкового уровня. В центре внимания стилистов находится тема синонимии, тесно связанная с выражением смысла, лексической и грамматической принадлежностью, с позицией употребления, чувством, эмоциями, соотношением значений слов. Мастер Айни использовал не только свои слова, но и арабские, турецкие и греческие цитаты при использовании пар слов. Эти синонимы ясно выражают значение пишущего в определенных случаях речи. Парные синонимы, выраженные различными частями речи, взаимосвязаны с соотносительными словами. В этом отношении парные синонимы коррелируются с существительными, прилагательными, наречиями, объединяются со вспомогательными глаголами, инфинитивной формой глагола и другими разрядами слов.

Ключевые слова: синонимы употребления, лексическое значение, выбор слова, лексико-грамматическое соотношение, вывод союзов, союз -у, перевод синонимов, сочетаемость языковых единиц, исходный текст, переводной текст, эквиваленты, уступки.

PAIRED OF SYNONYMS IN SADRIDDIN AINI'S “MEMORIES” AND THEIR EXPRESSION IN ENGLISH

The article talks about the relationship of the couple used in the "Memoirs" of Sadriddin Aini. The reason for choosing this work as the source of this study is that it is considered one of the best works of the writer, since when writing it, the writer chose and used the same language units and artistic means, which made its content accurate and clear. and expressively conveyed to the Tajik reader. An important aspect of the language of his works is that all the resources of the language were used in accordance with the standards of the literary language. Any changes made by the writer to the use of language units are justified and are made on the basis of his basic knowledge and language level. A person wanted to express his thought as accurately as possible, speakers often changed the use of one word. Use of two synonyms formed stable synonymic combinations - paired synonyms. The synonyms pair expressed by different parts of speech is interconnected with correlative words. Paired synonyms are correlated with nouns, adjectives, adverbs, combined with auxiliary verbs, the infinitive form of the verb and other categories of words. The focus of stylists is the theme of synonymy, which is closely related to the expression of meaning, lexical and grammatical affiliation, the position of use, the feeling of emotion, the ratio meaning of the word. Master Ayni used not only his own words, but also Arabic, Turkish and Greek quotations when using word pairs. These synonyms clearly express the meaning of the writer in certain cases of speech.

Key words: synonyms of use, lexical meaning, word choice, lexical and grammatical correlation, output of conjunctions, conjunction -u, translation of synonyms, compatibility of language units, original text, translated text, equivalents, concessions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Имомова Мавлуда Назаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E–mail: **imomovam@list.ru**. Тел: **(+992) 907-54-61-34**

Сведения об авторе: ***Имомова Мавлуда Назаровна***– Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E–mail: **imomovam@list.ru**. Тел.: **(+992) 907-54-61-34.**

Information about the author: ***Imomova Mavluda Nazarovna*** - Tajik National University, Senior Lecturer, University-wide Department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E–mail: **imomovam@list.ru.** Phone: **(+992) 907-54-61-34**

ТДУ: 811.21/.22-56

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ – МАВЗУИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ

Раҳмихудоева Т.М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз воситаи муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон маҳсуб меёбанд. Онҳо ҳолатҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ, обуранги бадеӣ ва ғайраро ифода мекунанд, ки ба нутқ ҷилои нав мебахшанд.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба низоми воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқотҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, аз назари муқоисавӣ низ як қатор корҳои илмӣ ба сомон расидаанд.

Яке аз корҳои бунёдие, ки дар самти муқоисаи фразеологизмҳои забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо ба анҷом расидааст, рисолаи муҳаққиқи тоҷик Азимова М.Н. мебошад [1]. Рисолаи мазкур барои таҳқиқи муқоисавӣ-типологии низоми фразеологизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бунёди мустаҳкаме гузошта, равандҳои алломорфӣ ва изоморфии забонҳои муқоисашавандаро кушода медиҳад. Чунин равиши таҳқиқот барои коркарди назарияи умумии фразеология аҳаммияти калонро дорост. Дар тадқиқоти мазкур низоми воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил карор гирифта, сохтор, мафҳумҳо ва функсияҳои воҳидҳои фразеологии ҳарду забон аз назари муқоисавӣ баррасӣ мешавад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Назирова М. доир ба воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои ифодакунандаи ранг дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ таҳқиқоти бузурге анҷом додааст [10]. Мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқотро муаллифи рисола чунин қайд мекунад: «Ҳадафи асосии рисолаи мазкур ба таҳқиқи қонуниятҳои монандӣ ва фарқиятҳои сохторӣ, лексикӣ-семантикии мутаносибҳои фразеологизмҳо бо ҷузъҳои ифодакунандаи ранг дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ мебошад. Дар асоси ҳадафҳо вазифаҳои мушаххаси зерин иҷро шуданд: -муайян намудани рӯйхати бисёре аз фразеологизмҳо бо ҷузъҳои ифодакунандаи ранг дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ; нишон додани миқдори ҷузъҳои ифодакунандаи рангҳо дар фразеологизми забонҳои муқоисашаванда; ҷудо намудани миқдори маводҳо аз нигоҳи оморӣ; муайян ва таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ ва лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи ифодакунандаи ранг дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ ва ғ.

Ҳамчунин, забоншиноси тоҷик Раҳмонова Н.Ш. низ дар мавзуи муқоисаи фразеологизмҳо кори тадқиқотиашро таҳти унвони «Воҳидҳои фразеологии соматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ» ба анҷом расонидааст [11]. Мақсади асосии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, муқоисаи ҷузъҳои соматикии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо забони русӣ ташкил медиҳад.

Кори бунёдии муҳаққиқи дигар – Шарипова З.М. дар мавзуи "Таҳлили маъноӣ-сохтории воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва русӣ [14] низ ба масъалаи муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ бахшида шуда, мақсади тадқиқоти диссертатсионии ӯ аз таҳлили пурраи тафсири муқоисавии фразеологизмҳои забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва русӣ – ҳамчун сарчашма ва интиқолдиҳандагони иттилооти фарҳангӣ, инчунин муайян намудани хелҳои асосии сохтори маъноии воҳидҳои фразеологии забонҳои муқоисашаванда иборат мебошад. Муҳаққиқ тавонистааст, ки дар кори худ дараҷаи наздикии сохтори грамматикӣ ва муносибатҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ, ҳаммаъно ва гуногунмаъноии пурра ва нопурра дар воҳидҳои фразеологии забонҳои муқоисашавандаро муайян намуда, ҳамзамон, монандӣ ва фарқияти низоми фразеологизмҳои тоҷикӣ, арабӣ ва русӣ, навъҳои синонимҳои фразеологӣ ва роҳҳои пайдо шудани онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда нишон диҳад.

Маъноҳои мустаъмали воҳидҳои фразеологӣ дар рафти инкишоф ба таҳкими мавқеи истеъмолии маъноҳои дигари ин воҳидҳои забонӣ ҳамчун замина хидмат мекунад. Маҳз тавассути маъноҳои нав воҳидҳои фразеологӣ обуранги тоза – семантикаи нав пайдо мекунанд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии *нури чашм* (фарзанд); *нарезондаву начаконда* (пурра, айнан); *нони* даҳони касеро *зада гирифтан* (касеро (бечораеро) аз чизе маҳрум сохтан); *тушбераро хом шумурдан* (хато кардан) ва монанди инҳо робитаи байни маънои

мустаъмали фразеологӣ ва маънои иловагии он нигоҳ дошта шудааст. Воҳидҳои фразеологӣ дар ҳамин гуна ҳолатҳо маънои маҷозиеро, ки хусусияти умумӣ доранд, ба худ қабул менамоянд ва дорои арзиши бадеӣ мешаванд.

Дар байни маънои мустаъмали фразеологӣ ва қолаби овозии он маънои иловагӣ ҳамеша вуҷуд дорад. Чунин ҳолат аз ду сабаб ба вуҷуд меояд: а) устувории маънои фразеологӣ; б) таҳкими қолаби овозии он ҳамчун аломати шартии ифодакунандаи маъно.

Дар ҳолати дувум, қонунияти амали маънои иловагии воҳиди фразеологиро метавон чунин баён кард: ҳар чӣ қадар воҳиди фразеологӣ возеҳтар маънидод шавад, ҳамон қадар ифоданокиву маҷозияти маънои фразеологӣ меафзояд ва гӯё тамоми паҳлуҳои тозаи маънои аслиро ба худ мегирад ва ба маънои ифоданок, пуробуранг, рехта табдил меёбад.

Тибқи маълумоти муҳаққиқон бунёд ва ё заминаи пайдоиши маънои иловагии воҳиди фразеологиро ҳикмати халқӣ, урфу одат ва воқеияти зиндагӣ ташкил медиҳад. Чунончи, мафҳуми *шири модар* ҳамчун муқаддасоти гаронбаҳо дар чандин ифодаҳои рехта бо рангубор таҳрезӣ шудааст: *Бо шир омадааст, бо ҷон меравад,* мегӯянд дар мавриде, ки ҷиҳати ирсии ягон шахсро махсус қайд карданӣ бошанд. Ҳангоми қасам хӯрдан *шири модарам дода ҳаром шавад***,** ё ки дар сурати азобу уқубат дидан *шири аз модар хӯрдаам аз даҳонам омад,* гуфтаанд. Нисбат ба афроди ноаҳл, тарбиятнадида таъбири шири модари худро ҳафт ҷӯш карда хӯрдагиро ба кор бурдаанд.

Ё дар мисоли дигаре мардум ҳар чизи камарзиш ва камаҳамиятро *ба як тори мӯй* монанд кардаанд. Ин ифода ҳам боиси тавлиди як силсила воҳидҳои фразеологӣ гаштааст, ки бо рангу бор ва ҷилои худ фарқ мекунанд.

Дар маъноҳои воҳиди фразеологӣ паҳлуҳои мухталифи зиндагии мардум, фаъолияти меҳнатӣ ва маишати одамон инъикоси худро ёфтаанд: *Тахтаю тиракро ғундоштанд* дар ифодаи қатъ гардани амале ба кор меравад, аз забони нонвойҳо сарчашма мегирад. *Сари калобаи чизеро гум кардан* – саросема шудан, ҳисоби корро гум кардан дар ибтидо дар байни калобаресон маъмул будааст.

Дар асоси онҳо шояд суннатҳои мардумӣ нуҳуфта бошанд: *Дар пешонааш навишта шуда будааст* – нисбат ба касе гуфта мешавад, ки ба сараш ягон ҳодисаи ноҳуш омада бошад. Агар касе вафот кунад, таъбири *рӯзаш буд шудагиро* ба кор мебаранд.

Маврид ба тазаккур аст, ки ҳангоми дигар шудани маънои маҷозии воҳиди фразеологӣ маънои яклухту умумиятдодашудаи воҳиди фразеологӣ мушаххас мегардад. Ҳамчунин, дар ин ҳолат робитаи он бо маънои иловагӣ суст мешавад ва ё аз байн меравад ва қолаби овозии он ба таркиби овозҳои шартӣ табдил меёбад. Масалан, бо *қавоқи овезон* (норизо, хафа); *дасту по хӯрдан* (саросема шудан); *ба рӯйи касе давидан* (беҳурматӣ кардан ба касе); *дил бастан* **(**нағз дидан); *аз рӯйи касе гузашта натавонистан* (аз гапи касе наборамадан) ва монанди ин.

Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд паҳлуҳои гуногуни шуури инсонро инъикос кунанд, ки ин ифодаи махсуси эҳсосотро низ дар бар мегирад. Унсурҳои мухталифи эҳсосӣ ба маънои асосии воҳиди фразеологӣ мубаддал гашта, ҳамчун маънои ягонаи мустаъмали он ба истеъмол медароянд.

Ҳолати баҳодиҳӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми маънои фразеологӣ маҳсуб мешавад. Ин ҳолати маънои фразеологиро дар тавсифҳои мусбату манфии ҳодисаҳои воқеӣ муқаррар кардан мумкин аст.

Унсурҳои маъноии образнок, эҳсосӣ ва баҳодиҳии воҳиди фразеологӣ аксаран дар шаклҳои ба ҳам омехта вуҷуд доранд. Маънои асосии воҳидҳои фразеологӣ аксар вақт дар яке аз ин ҷузъҳо ифода меёбад ва ҷузъҳои дигар одатан мавқеи дуюмдараҷа мегиранд. Маҳз ҳамин унсурҳо маънои идиоматикии фразеологиро ба вуҷуд меоваранд. Воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ дар ҳар забон бо рангинии хос, ифоданокӣ ва махсусиятҳои дигари миллии худ фарқ мекунад, ки ин ба фарҳанги миллии ин ё он халқ вобаста аст. Паҳлуҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ дар гунаҳои алоҳидаи онҳо инъикос меёбанд. Масалан, гунаҳои зерини воҳидҳои фразеологӣ: *ду поро дар як мӯза ҷо кардан; ду поро дар як маҳсӣ ҷо кардан; ду поро дар як мӯза андохтан; ду поро дар як маҳсӣ тирра кардан: ҳар ду поро дар як мӯза тиққондан* маънои маҷбур кардан, ба амале боисрор ҳидоят карданро ифода мекунад. Аммо образи ҳар гунаи нав бо ҷилваи нотакрори худ аз дигараш фарқ мекунад. Маҳз ҳамин фарқият дар ифодаи образи бадеӣ муассирии воҳиди фразеологиро афзуда, тасвири воқеиятро рангинтар мегардонад.

Ҳолатҳоеро дар воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он далелҳои фразеологӣ аз доираи гунанокӣ баромада, ба ифодаҳои ҳаммаъно наздик шаванд. Дар ин мавриди маънои образноки онҳо низ аз ҳам дур мешавад. Масалан, ибораҳои фразеологии *бо як лой ду похса задан* бо ибораи фразеологии *бо як тир ду нишон задан* на гунаи якдигар, балки муродифи ҳамдигар мебошанд. Зеро онҳо аз назари образнокии худ аз якдигар куллан фарқ мекунанд.

Аз ду воҳиди фразеологии якранг, ки одатан вариант ва ё муродифи ҳамдигаранд, дар натиҷаи омезиш воҳиди фразеологии сеюм тавлид меёбад, ки унсурҳои ҷудогонаи ҳардуро дорад, аммо образи заминаи он акнун тағйир ёфтааст.

Аз ҳам дуршавии маъноҳои образноки воҳидҳои фразеологиро, бахусус дар фразеологизмҳои ҳамқолиб, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар фактҳои мухталифи ин ҳодисаи фразеологӣ аз маънои образнок бисёр вақт як оҳанги умумӣ боқӣ мемонад.

Ба ин тариқ, маънои образноки воҳидҳои фразеологӣ бо рангу бор ва ҷилваҳои муассир зоҳир шуда, инкишоф меёбад, аз як шакл ба шакли дигар мегузарад ва бисёр вақт таҳти таъсири тағйирёбиҳои мухталифи қолаби овозӣ дигар мешавад. Дар ҳамаи ин равандҳо нақши асосиро фарҳанг мебозад.

Забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун як падидаи нави самти забоншиносӣ ба риштаҳои гуногуни он ворид гардид ва муҳаққиқони забоншиносии фарҳангӣ риштаҳои забоншиносиро акнун аз назари фарҳангӣ мавриди таҳлил қарор доданд. Аз ҷумла, фразеология, ки як бахши вожашинохтӣ маҳсуб меёбад, аз назари забоншиносӣ ба баррасӣ кашида шуд. Ба қавли муҳаққиқи рус Василенко А. П. «Параметри забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун як қисмати нави иттилоотӣ дар амсилаи функционалӣ-параметрии семантикаи воҳиди фразеологӣ мебошад. Яъне, он тафсири ҷанбаҳои денотавӣ ё обурангии маънои воҳидҳои фразеологӣ дар категорияҳои фарҳанг аст» [2, с. 67].

Мусаллам аст, ки забоншиносӣ дорои усулҳои гуногуни таҳқиқи забон мебошад ва ҳар як самти забоншиносӣ дар навбати худ усулҳои хосси таҳқиқу омӯзиши худро доранд. Аз ҷумла, забоншиносии фарҳангӣ ҳам бо усулҳои хосси объекти асосии худ – забон ва фарҳангро таҳқиқ мекунад. Хусусан, дар муайян намудани равобити забону фарҳанг усулҳои маҷмуи усулҳои таҳлилӣ бештар истифода мешаванд. “Азбаски забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун самти интегративӣ (*яъне натиҷаи тадқиқоти фарҳангшиносӣ ва забон, этнолингвистика ва антропологияи фарҳангиро дар худ фаро мегирад*) дар забоншиносӣ маҳсуб меёбад, аз ин рӯ, дар он маҷмуи усулҳои забоншиносии маърифатӣ, этнолингвистика ва фарҳангшиносӣ дар доираи “забон ва фарҳанг” татбиқ мешавад. Инчунин, аз усулҳои ҷомеашиносӣ (таҳлилҳои фреймӣ ва нарративӣ), этнографӣ (усулҳои тасвирӣ, гурӯҳбандӣ), равоншиносӣ (суҳбати ошкоро) ва ғайра низ истифода мебарад” [9, с. 229]. В.А. Маслова забонро ҳамчун маҳсули фарҳанг, қисми муҳимми он, шарти мавҷудияти он, «омили ташаккули рамзҳои фарҳангӣ» медонад» [6, с. 32].

Албатта, хотиррасон бояд кард, ки мазмуни фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи нишон додани тафсири он ба даст меояд. Тафсир дар фазои аломатҳои фарҳангию миллии ин ё он ҷомеаи забонӣ амалӣ мегардад, ки шакли дохилии воҳиди фразеологӣ асоси мазмуни фарҳангиро ташкил медиҳад.

Дар асоси дарки хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар забони миллии як гурӯҳи этникӣ ду навъи меъёри дарки воҳидҳои фразеологиро метавон ошкор ва тавсиф кард: 1) меъёри шаклӣ ва 2) меъёри функционалӣ.

Меъёри шаклии дарки воҳиди фразеологӣ дар забони миллӣ чунин сурат мегирад: 1) муайян намудани хусусиятҳои сохти гардиш ва синтагматика, мавҷудияти гардишҳои синонимӣ ва муайян кардани маъно, яъне баррасии фразеологизмҳо дар чаҳорчӯбаи забон, на фарҳанг; 2) баррасии воҳидҳои фразеологӣ дар чаҳорчӯбаи фарҳанг тавассути забони миллӣ. Дар ин навъи баррасӣ ифодаи маънои воқеии воҳидҳои фразеологӣ бо маънои пӯшидаи (маҷозии) онҳо муқоиса мешавад. Ба ҳамин восита сабабҳои пайдоиши чунин образ дар воҳидҳои фразеологӣ муайян гашта, тафаккури этнос нишон дода мешавад.

Меъёри функционалии дарки воҳиди фразеологӣ дар забони миллӣ баръакси меъёри шаклӣ сурат мегирад. Яъне, дар ин меъёр воҳидҳои фразеологӣ ба таври муштарак ҳам аз назари забон ва ҳам аз назари фарҳанг баррасӣ мешаванд. Тариқи чунин навъи таҳлил метавон маълумоти бештарро ба даст овард.

Аз рӯйи ин таҳлилҳо метавон ба хулосае омад, ки дарки воҳидҳои фразеологӣ дар забони миллӣ мавриде шаклӣ маҳсуб мешаванд, ки он ё аз назари забон (яъне маънои денотативии он дода мешавад), ё аз назари фарҳанг (яъне маълумоти таърихӣ дар бораи пайдоиши ин ё он воҳиди фразеологӣ дода мешавад) баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, дар мавриде фунсионалӣ маҳсуб меёбанд, ки агар воҳидҳои фразеологӣ аз мавқеи забон ва фарҳанг якҷоя баррасӣ шаванд.

Ҳамаи забонҳои миллӣ дорои таркиби луғавӣ ва фразеологӣ мебошанд. Дар фарҳанг вожаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ бо истилоҳи «симболарий» (ҳамчун истилоҳи байналмилалӣ) ёд мешаванд. Дар кор мо истилоҳи «симболарий»-ро бо истилоҳи «вожагони фарҳангӣ» истифода намудем. Вожагони фарҳангӣ (симболарий)-ро муҳаққиқи забоншиносии фарҳангӣ П. Василенко ба таври зайл шарҳ додааст: «Вожагони фарҳангӣ (симболарий) – як забони махсус барои тавсифи фарҳанг буда, маҷмуи аломатҳоест, ки бо семантикаи фарҳангӣ ифода ёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки вожагони фарҳангӣ (симболарий) то андозае дар чунин воҳидҳои забон, ба монанди воҳидҳои фразеологӣ, бинобар асоси образҳои шакли дохилии онҳо, амалӣ мешавад. Инвентаризатсияи символизмро чунин мафҳумҳо ба монанди архетип, тотем, фетиш, рамз, маросим, стандарт, стереотип, мифологема ва ғайра ифода мекунанд» [3, с. 243].

Воситаю роҳҳои забонӣ ва таҷассуми воҳидҳои фарҳангӣ дар забон дар таҳлили лингвофарҳангии воҳидҳои фразеологӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Инчунин, воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воҳидҳои забон дар заминаи фарҳанг шарҳ дода мешаванд.

Асосҳои методологии хусусиятҳои лингвофарҳангии воҳидҳои фразеологиро асосан корҳои муҳаққиқони барҷаста В. А. Маслова ва А.П. Василенко ташкил медиҳанд. Ин хусусиятҳои пешкашнамудаи онҳо дорои ҷузъҳои махсусе мебошанд, ки нақши воҳидҳои фразеологиро дар нигоҳдорӣ ва муаррифии фарҳанг дар забон муайян мекунанд. Онҳоро А.П. Василенко [2, с. 84 - 87] ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст.

1) **Лексикаи бемуодил**. Ҷузъи лексикаи бемуодил дар таркиби воҳидҳои фразеологии луғавӣ ҷузъҳоеро ифода мекунад, ки дар забонҳои дигар мутобиқат надоранд ва дар натиҷа ибораҳои устувор тобиши миллӣ, фардияти онҳоро нишон медиҳанд. Дар таркиби воҳидҳои фразеологии мансуб ба ин гурӯҳ ҷузъҳое мавҷуданд, ки воқеияти этнографиро нишон медиҳанд. Дар воҳидҳои фразеологӣ унсурҳоеро дидан мумкин аст, ки ба калимаҳои таърихӣ (историзмҳо) ва куҳна (архаизмҳо) дохил мешаванд, яъне ашё ё объекти истифодаи замони муосир нестанд ва ё мафҳумҳое, ки мутааллиқи дигар даврaҳо мебошанд. Чунин навъи калимаҳо ҳамчун реалия тарҷума намешаванд, танҳо муодили онҳоро дар забони дигар ҷустуҷӯ бояд кард.

2) **Воҳидҳои этнографӣ.** Ин гурӯҳ таркиби воҳидҳои фразеологиро ошкор намуда, ба кадом қисми маданияти халқ тааллуқ доштани он ва чӣ гуна инъикос ёфтани онро ифода мекунад. Масалан, фразеологизми *Ҷоми Ҷам*, ки аз ривояту афсонаҳо гирифта шудааст, дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ба маънои инъикоскунандаи ҳамаи ҳодисаҳои олам васеъ истифода мешавад.

3) **Воҳидҳои метафорӣ**. Ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологиро асосан метафораҳо ташкил медиҳанд. Воҳидҳои метафорӣ дар фразеологизмҳо аз чигунагии ҷаҳонбинии мардум шаҳодат медиҳанд. Ин мавқеъ дар воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати маъно мутаносибан муқоиса мешаванд, ки дар онҳо мавқеи асосиро номи узвҳои бадани инсон, ҳайвонот, наботот ва дигар аломатҳои муқоисавӣ ишғол мекунанд. Масалан: *(тоҷ.) ҳайвон барин нӯшидан; (англ.)drunk as a skunk*; *(рус.)пьяный как скунс.*

4) **Семантикаи қолабӣ (фреймӣ).** Ин гурӯҳ ҳангоми кӯшиши тафсири воҳидҳои фразеологӣ дар фазои фарҳангии забон ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо бояд он унсурҳои семантикаро ба назар гирифт, ки дар системаи консептуалии шахс дар бораи объектҳо, ҳолатҳои стереотипии ҳаррӯзаи ҷаҳони атроф фикрҳои умумиро ифода мекунанд. Дар ин ҷузъ метавон ба саволи чаро одамон ҷаҳонро ҳамон тавр мебинанд посух гирифт. Яъне, сабаби чунин тасвирро ошкор метавон кард. Масалан, *Рустами дастон, Исфандиёри рӯинтан* ва ғайра ному лақаби шахсиятҳои мифологӣ ва таърихӣ мебошанд. Имрӯз, агар касе паҳлавони беназир бошад, ӯро маҷозан *Рустами дастон* ё *Исфандиёри рӯйинтан* мегӯянд.

5) **Тасвири забонии ҷаҳон**. Ин гурӯҳ мавҷудияти ҷаҳонбинии махсуси миллӣ ё шакли дохилии забонро муайян мекунад. Дар ин ҷо сухан дар бораи инъикоси воқеияти

норавшан дар забони афсонаҳо ва динҳо, таҷрибаи мардум, ғояи бартаридоштаи воқеият (артефактҳо, архетипҳо), дарки вақт ва фазо меравад. Тасвири забонии ҷаҳон дар муқоиса бо семантикаи қолабӣ, ки сабаби пайдо шудани чунин воҳидҳоро бештар ошкор мекунад, чӣ гуна муносибат доштани мардумро бо сухани гуфташуда (воҳиди фразеологӣ) нишон медиҳад.

Маълум аст, ки дар забон танҳо ҳодисаҳои барои инсон муҳимми фарҳангиву ахлоқӣ дорои ифодаи вожагонӣ мегарданд. Аз ин ҷост, ки агар ягон ҳодиса дар фразеологияи забон инъикос карда шавад, он гоҳ воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ба ҳайси сарчашмаи иттилоотӣ аз лиҳози фарҳангӣ аҳаммиятнок хизмат намоянд. Илова бар ин, фразеологизмҳо образноканд, аз ин сабаб воҳидҳои муайян дар онҳо бештар пурра ва амиқ равшан мегарданд. «Амалан дар воҳидҳои фразеологӣ мафҳуми бешахс ва воқеӣ бо шахсияти нисбатан маънои миллидошта айният дода шуда, ҳамчун прототипи низоми маъноии забони табиӣ дар шуури соҳиби ҳисси милливу фарҳангии ҳамон забон мустаҳкам мешавад» [4, с.67].

Дарки ҳамдигар ба намояндагони фарҳангҳои гуногун душвор аст, зеро дар шуури ҳар яки онҳо арзишҳои фарҳанги миллии худашон устувор гардидаанд. Аз ин хотир, қобилияти муошираткунанда барои интихоб намудани мафҳумҳо дар шуури ӯ ҳамчун кафили муошират бомуваффақият хизмат мекунад. Надонистани фазои мафҳумии муошираткунандагон метавонад ба қатъи муошират оварда расонад [5; 12].

Забоншинос Л.О. Чернейко бар он ақида аст, ки воҳидҳои фразеологӣ «ҳамаи маъноҳои калима, ҳам денотативию ҳам коннотативиро дар бар мегирад ва тасаввуроти соҳибони фарҳанги мазкурро дар бораи хусусияти ҳодисае, ки дар калима ниҳон аст, бо тамоми гуногунрангии алоқаҳои таассуротии онҳо инъикос карда метавонад» [13].

Ҳамин тавр, воҳидҳои фарҳангӣ, ҳамчун образҳои фарҳангӣ ва ҳаёти маишии халқ дар ҳар як забони миллӣ мустаҳкам гардидаанд. Сарчашмаҳои илмӣ, бахусус таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоҷик Ҳ. Маҷидов, М. Азимова, Н.Ш. Раҳмонова, М. Назирова, З. Шарипова, С.Матробиён, Р. Шодиев, Т. Ашурова, Д. Азиззода, Н. Парвоева ва муҳаққиқони рус А. Вежбитская, Е.С. Кубрякова, С.Г. Воркачёв, В. Маслова, П. Василиенко ва дигарон аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷаҳонбинии миллӣ дар забон, таркиби луғавӣ, фразеология, сарфу наҳви он инъикос меёбад.

Муқарриз: ***Матробиён С.*** – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Таҳлили муқоисавӣ-типологии низоми фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Н.Азимова. – Душанбе, 1999.– 115 с.
2. Василенко А.П. Языковое и культурное понимание фразеологизма в русско-французском контексте: Монография / А.П. Василенко. – Брянск: РИО БГУ, 2011. - 192 ч.
3. Василенко А.П. Симболарий фразеологического корпуса русского и французского языков / А.П. Василенко // Вестник Ленинградского государвственного университета имени А.С. Пушкина: Научный журнал. – Санкт-Петербург: ЛГУ им. А.С. Пушкина, 2010. -№3. – Том 1 «Филология». – 320 с.
4. Воркачев, С.Г. Концепт счастья в русском языковом сознании: опыт лингвокультурологического анализа. Монография / С.Г. Воркачев. – Краснодар: Изд-во Кубан. гос. тех. ун-та, 2002. – 142 с.
5. Герд, А.С. Введение в этнолингвистику / А.С. Герд – СПб, 2005. – 457с.
6. Маслова, В.А. Лингвокультурология. Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / В.А. Маслова. – М.: Издательский центр «Академия», 2001. – 208с.
7. Маслова, В.А. Когнитивная лингвистика. Учебное пособие / В.А. Маслова. – 2-е изд. – М: Тетра Системс, 2005. – 256 с.
8. Матробиён С.Қ. Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ [Матн] / С.Қ.Матробиён. – Душанбе: «Шоҳин-С», 2023. – 295 с.
9. Матробиён С.Қ. Этнолингвистикаи тоҷик: пажуҳиши назариявӣ ва амалӣ. Китоби 1. Асосҳои назариявии этнолингвистика ва тасвири ҷаҳон [Матн] / С.Қ.Матробиён. – Душанбе: «Шоҳин-С», 2022. – 254 с.
10. Назирова М. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои ифодакунандаи ранг дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ: автореф. номз. илм. фил / М.Назирова. – Душанбе, 2009. – 24 с.
11. Раҳмонова Н.Ш. Воҳидҳои фразеологии соматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ: автореф. номз. илм. фил / Н.Ш. Раҳмонова. – Душанбе, 2006. – 22 с.
12. Тер-Минасова, С.Г. Язык и межкультурная коммуникация [Текст] / С.Г. Тер-Минасова. – М.: Слово/ Slovo, 2000. – 624 с.
13. Чернейко, Л.О. Лингвофилософский анализ абстрактного имени / Л.О. Чернейко. – М., 1997. - 230 с.
14. Шарипова З.М.Семантико-структурный анализ фразеологических единиц таджикского, арабского и русского языков: автореф. канд.фил.наук / З.М. Шарипова. – Душанбе, 2011. – 27 с.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ – МАВЗУИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГӢ

Забошиносии фарҳангӣ ҳамчун як падидаи нави самти забоншиносӣ ба риштаҳои гуногуни он ворид гардид ва муҳаққиқони забоншиносии фарҳангӣ риштаҳои забоншиносиро акнун аз назари фарҳангӣ мавриди таҳлил қарор доданд. Ҳамаи забонҳои миллӣ дорои таркиби луғавӣ ва фразеологӣ мебошанд.

Воҳидҳои фразеологӣ, ки яке аз воситаҳои муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон маҳсуб меёбанд, ҳолатҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ, обуранги бадеӣ ва ғайраро ифода мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ ба нутқ ҷилои нав мебахшанд. Онҳо ҳамчун як бахши вожашиноҳтӣ аз назари забоншиносии фарҳангӣ дар мақолаи мазкур ба баррасӣ кашида шуданд. Воситаю роҳҳои забонӣ ва таҷассуми воҳидҳои фарҳангӣ дар забон дар таҳлили лингвофарҳангии воҳидҳои фразеологӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур, воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воҳидҳои забон дар заминаи фарҳанг шарҳ дода мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ба ҳайси сарчашмаи иттилоотӣ аз лиҳози фарҳангӣ аҳаммиятнок хизмат намоянд. Ҳолати баҳодиҳӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми маънои фразеологӣ маҳсуб мешавад. Ин ҳолати маънои фразеологиро дар тавсифҳои мусбату манфии ҳодисаҳои воқеӣ муқаррар кардан мумкин аст. Унсурҳои маъноии обаразнок, эҳсосӣ ва баҳодиҳии воҳиди фразеологӣ аксаран дар шаклҳои ба ҳам омехта вуҷуд доранд. Маънои асосии воҳидҳои фразеологӣ аксар вақт дар яке аз ин ҷузъҳо ифода меёбад ва ҷузъҳои дигар одатан мавқеи дуюмдараҷа мегиранд. Маҳз ҳамин унсурҳо маънои идиоматикии фразеологиро ба вуҷуд меоваранд. Воҳидҳои фразеологии идиоматики дар ҳар забон бо рангинии хос, ифоданокӣ ва махсусиятҳои дигари миллии худ фарқ мекунанд, ки ин ба фарҳанги миллии ин ё он халқ вобаста аст.

Калидвожаҳо: фразеологизм, забон, фарҳанг, лингвофарҳанг, воҳидҳои фразеологӣ, забоншиносии фарҳангӣ, симболарий (вожагони фарҳангӣ), лексикаи бемуодил, воҳидҳои этнографӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ - ПРЕДМЕТ КУЛЬТУРОЛИНГВИСТИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ

Культурная лингвистика, как новое направление в лингвистике, вошла в различные ветви исследования, и её исследователи определили лингвистические ветви с точки зрения культурологии. Во всех национальных языках существует лексика и фразеология. Фразеологизмы являются одним из важнейших средств выражения художественной мысли в языке и репрезентируют эмоциональное состояние, оценку, художественное настроение и т. д. Они придают речи особое значение. В данной статье фразеологизмы обсуждаются как часть лексики с точки зрения лингвокультурологии. Главное место в лингвокультурологическом анализе фразеологизмов занимают лингвистические средства, способы и воплощение культурных единиц в языке. Фразеологические единицы могут выступать культурно важным источником информации. Оценочный статус считается одним из важных элементов фразеологического значения, которое можно установить в положительных и отрицательных описаниях реальных событий. Эмоциональные, оценочные и экспрессивные элементы фразеологизма часто существуют в комбинации. Основное значение фразеологизма обычно выражается в одной из этих частей, в то время как другие части играют второстепенную роль. Именно эти элементы создают идиоматическое фразеологическое значение. Идиоматические фразеологизмы, присущие каждому языку, отличаются своей окраской, выразительностью и другими национальными особенностями, которые зависят от культуры той или иной нации.

Ключевые слова: фразеология, язык, культура, лингвокультура, фразеологические единицы, культурная лингвистика, символика (культурная лексика), неравнозначная лексика и этнографические единицы.

PHRASEOLOGICAL UNITS - THE SUBJECT OF CULTURE-LINGUISTIC RESEARCH

Cultural linguistics, as a new field of linguistics, has entered various branches of research and its researchers have now defined linguistic branches from the point of view of cultural studies. In all national languages, there is a lexicon and phraseology. Phraseological units are one of the most important means of expressing artistic thought in language and represent emotional states, evaluation, artistic mood, etc. They give speech a new gloss. In this article, phraseological units are discussed as part of the lexicon from the point of view of linguocultural studies. The main place in the linguocultural analysis of phraseological units is occupied by linguistic means, ways and embodiment of cultural units in language. Phraseological units can serve as a culturally important source of information. Evaluative status is considered one of the important elements of phraseological meaning, which can be established in positive and negative descriptions of real events. Emotional, evaluative and expressive elements of a phraseological unit often exist in combination. The main meaning of the phraseological unit is usually expressed in one of these parts, while the other parts play a secondary role. It is these elements that create idiomatic phraseological meaning. Idiomatic phraseological units inherent in every language are distinguished by their colorfulness, expressiveness, and other national characteristics that depend on the culture of a particular nation.

Key words: phraseology, language, culture, linguoculture, phraseological units, cultural linguistics, symbolism (cultural lexicon), non-equivalent lexicon and ethnographic units.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмихудоева Таҳмина Маҳрамбековна*** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф.Мухаммадиев, 17/6. E-mail: **takhmina1.990@mail.ru.** Тел.: **(+992) 884-20-00-80**

Сведения об авторе: ***Рахмихудоева Тахмина Махрамбеков*** - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, докторант Ph.D. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ф.Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **takhmina1.990@mail.ru.** Тел.: **(+992) 884-20-00-80**

Information about the author: ***Rahmikhudoeva Takhmina Makhrambekovna*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, doctoral student Ph.D. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **takhmina1.990@mail.ru.** Phone: **(+992) 884-20-00-80**

ТДУ: 811.21/.22:82

КОРБУРДИ АСТИОНИМҲО ДАР АСАРИ «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Тағаймуродзода С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Таърихи Систон» яке аз қадимтарин маъхазҳои таърих ва фарҳангу адаби тоҷику форс буда, барои муаррихон, адабиётшиносон, забоншиносон дар таҳқиқи масъалаҳои таърих ва забону адаби форсӣ-тоҷикии асрҳои IX-XI сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад. Ин асар аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ, чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-и муаллифи номаълум, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Асари мазкур барои пурғановат гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши муассир дошта, дар байни унсурҳои луғавию маъноӣ нақши ойконимҳо ҳамчун унсури топонимия бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки дар доираи ин мақола баррасии астионимҳо аз нигоҳи вижагиҳои луғавӣ ва маъноӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мусаллам аст, ки ойконимия аз вожаи юнонии **oykoc –** *хона, хоҷагӣ, хонавода* ва **onumiya** – ном гирифта шуда, маънои ба хонавода марбутро ифода мекунад. Пас ойконим, ки маънои хонаро дорад, яъне ҷойи зист ва ойконимия маҷмуи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии ба навъҳои гуногуни нуқтаҳои маскунӣ марбут аст ва дар навбати худ ба чандин шоха ҷудо мегардад» [24, с.43]. Мувофиқи маводи дастраснамудаи мо калонтарин мавзеъҳо нуқтаҳои маскунӣ (аҳолинишин) ба ҳисоб мераванд. Аз рӯйи маводи асар аён шуд, ки ба сабаби ҳуҷуми арабҳо, ба сарзамини Осиёи Миёна ва дигар минтақаҳо, бисёре аз нуқтаҳои аҳолинишин вайрону валангор гаштанд, махсусан, баъд аз вафоти ҳазрати Муҳаммад (с), ки барои молу сарват дар байни пайравони дини ислом низоъҳои бузург ва ҳатто ҳалокатовар мехест, сокинони ҳудудҳои шаҳри Систон ба дигар ҷойҳои наздики ҳамин шаҳр кӯч бастанд. Бисёре аз шаҳрҳои тобеи Систон аз сокинони худ маҳрум шуданд ва танҳо номи онҳо боқӣ монданд. Асосан, нуқтаҳои маскунии «Таърихи Систон»-ро дар робита ба вижагиҳои ҷуғрофияшон ба чунин гурӯҳҳо метавон тақсим кард: шаҳр, ноҳия, русто (деҳа). Дар ойконимия номи шаҳрҳоро бахши астионимия ва полинимия мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Номи деҳаҳоро бахши комонимия мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Астионим **[Astiānim],** навъи ойконимҳо буда, номи шаҳрҳоро ифода мекунад. Ин истилоҳ аз ҷузъҳои лотинии **a-** –ҳиссачаи инкорӣ, **stasis** – рост истодан ва **ānim** – ном таркиб ёфта, мавзеъе мебошад, ки бе мадади касе рост намеистад. Воқеан, шаҳрҳо бо қувваи одамон рост мешавад ва бунёд мегардад. Полионим навъи ойконимҳо буда, аз ҷузъи poli- номи шаҳрҳоеро ифода мекунад, ки дар раванди таърих дорои номҳои зиёд буданд: **Александрия, Хуҷанд, Ленинобод ва боз Хуҷанд.**

Дар асари мавриди таҳқиқ чунин астионимҳоро барои инъикоси воқеаву ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст: ***Систон*** худ гуфтем, ки Гаршосб кард ва аз пеши кардани *Систон худ Бусту Рухад* ва замини *Довару Кобул* ва саводи он ӯро буд, ки ҷадди ӯ карда буд аз сӯйи модар ва Гударз ном дорад ва акнун ин шаҳрҳо ба девони *Бағдод* ва хулафо аз ҷониби *Систон* барояд ва моли он бар Систон ҷамъ аст [22]. Дар ин мисол астионимҳои **Бусту Рухад, Довару Кобул, Бағдод** ҷиҳати нишон додани идоракунии бағдодиҳо нисбат ба сарзамини Систон омадааст ва дар луғат шарҳи ин астионимҳо ба таври зайл оварда шудааст:

Бағдод [Baγdād] ин астионим аз ҷузъҳои baγa // boga –соҳиб, худо] ва d**ātā (қонун)** таркиб ёфта, маънои макони худои адл, додро ифода мекунад. Аз ҷузъҳои baγa ва d**ātā** имрӯз дар забони адабии тоҷикӣ вожахои боғ, дод, додгоҳ, додситон, додхоҳ ва амсоли инҳо боқӣ мондааст, ки ҳамаи инҳо ба ҳамон маънои таърихиашон далолат мекунанд. Дар асар ба ифодаи номи шаҳри бостонии мусулмоннишин омадааст [8, с.39].

Буст [Bust] ин астионим аз ҷузъи **буст** [bust – маънои боғ, боғча, гулистон] иборат буда, мансуби забони тоҷикӣ аст ва дар шакли бӯстон дар забони муосири тоҷикӣ ба назар мерасад, ки маънои мавзеи сабзу хуррам, гулистон, гулзорро дорост [17, с.37].

Гардез [Gardez] ин астионим аз ҷузъҳои **гар//ғар** [gar//γar – кӯҳ] ва дез//диз//диж [аз daiza // dez // diz // dij – қалъа, ҳисор] таркиб ёфта, мансуби забонҳои шарқии эронӣ, яъне суғдӣ буда, маънои дар доманкӯҳ мавҷуд будани диз//диж, қалъа, ҳисорро ифода мекунад ва

баъдан дар асоси ҳамин қалъа номи маҳал шакл мегирад. Ба таври дигар, Гардез номи шаҳрест, ки дар доманаи кӯҳ ё кӯҳдоман воқеъ гардидааст [17, с.47].

Ғазнин [γaznin], ин астионим аз ҷузъҳои **ғазн** [γazn – гаҷзор, чормағзор] ва пасванди **-ин** [-in – пасванди ифодакунандаи нисбат] таркиб ёфта, мансуби забонҳои шарқии эронӣ, яъне суғдӣ буда, маънои макони чормағзор, пурганҷро ифода мекунад [17, с.50]. Астиониии Ғазнӣ аз ҳамин вожа шакл гирифтааст.

Дар асари «Таърихи Систон» астиониму полионимҳои зиёде бо номи (қурта)[1] номбар мешаванд ва ҷиҳати ифодаҳои макон, ҳодиса, таърих, расму оин, ҷашнҳои бостонӣ, ибодатгоҳ, илмгоҳ, шоҳнишин, муносибати тиҷоратӣ, дипломатӣ, ҷоришавии дарёҳо ва амсоли инҳо омадаанд ва дар асар зери сарлавҳаи «Қуртаҳои он» ифода ёфтаанд: Т*абасайн, Қаҳистон, Ҳирот, Толиқон, Гузконон, Хафшон, Бодғис, Бушанҷ, Тахористон, Форёб, Балх, Халм, Марвуррӯд, Чағониён, Ошҷар, Хатлон, Бадахшон, Бомиён, Абаршаҳр, Бухоро, Самарқанд, Шош, Фарғона, Сурушана, Суғд, Хуҷанд, Омӯя, Хоразм, Кеш, Исбиҷоб, Тирмиз, Насо, Абивард, Сарахс, Марвишоҳҷон, Тӯс, Борсуҳон, Балсам, Аҳорун, Насаф* [25, с.32].

Астионимҳои мазкур (номи шаҳрҳо) аз нигоҳи ҳудуди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ чунинанд: Табасайн, Қаҳистон, Ҳирот, Толиқон, Гузконон Хафшон, Бодғис, Бушанҷ, Бомиён, Абаршаҳр, Тахористон, Форёб, Балх, Хулм дар ҳудуди **Хуросони таърихӣ,** яъне давлати исломии **Афғонистони имрӯза**, Марвуррӯд, Чағониён, Ошҷар, Хатлон, Бадахшон, Бухоро, Самарқанд, Шош, Фарғона, Сурушана, Суғд, Хуҷанд, Омӯя, Аҳрун, Насаф, Хоразм, Кеш, Исбиҷоб, Тирмиз дар ҳудуди **Моваруннаҳри таърихӣ**, яъне **Осиёи Миёна** ва Насо, Абивард, Сарахс, Марвишоҳҷон, Тӯс, Борсуҳон, Балсам дар ҳудуди **Ҷумҳурии исломии Эрон**, ки дар гузашта бо номи **Порс** (шакли муаррабаш Форс) зикр мегардид, воқеъ будаанд. Ҳоло маънои луғавии чанде аз ин астионимҳоро дар асоси шарҳу маънидоди луғату фарҳангҳо дар поён меоварем:

Астиониии **Абаршаҳр** дар «Луғатномаи Деҳхудо» ба чунин маъно омадааст: «**Абаршаҳр,** номи бостонии Нишопур аст ва маъдани фирӯза бад-он ҷост. Соҳиби «Маросад-ал-талоъ» гӯяд, ки ин калимаро бо синни маҳмала ривоят кардаанд ва ручуъ ба Абаршаҳр шуд» [7, Ҷ.5. с.269].

Астиониии **Бодғис** [Bādγis, авестоӣ vāiti. gaēsa] – номи таърихии вилояте байни Ҳирот ва Сарахс будааст, ки дар «Авесто» ҳамчун номи кӯҳ низ омадааст. Маънои луғавии ин шаҳр ё астионим **бодхез, хушҳаво** ва макони **бодхез** аст, ки дар луғати ҷойномҳо оварда шудаанд. Инчунин ин астионим мувофиқи маълумоти мураттиби «Ғиёс..» дар «Бурҳони қотеъ» чунин тавзеҳ дода шудааст: «**Бодғис** – ноҳиятест мушта- мил бар қурои бисёр аз аъмоли Ҳирот ва асли он **«Бодхез»** будааст, ки маҳали ҳубуби риёҳ бошад» [6, Ҷ.1. с.141]: Урусноён–писари хурдии Мункеду Саур. Дар оғоз дар хидмати Ҳуло- гухон ба ҳайси ҷондор буда, сипас амири Хуросон таъин шудааст. Дар замони ҳукмронии Абоқохон Урус вазифаи муҳофизати сарҳади Ҳирот ва **Бодғис**ро бар уҳда доштааст [25, с.354. Қуртаҳои он: Бодғис… [25, с.35].

Астиониии **Бухоро** дар луғату фарҳангҳо чунин шарҳу тавзеҳ ёфтаанд: «Бухоро – бар вазни м**удоро.** Шаҳрест машҳур аз **Моваруннаҳр** ва муштақ аз «бухор» аст, ба маънии «бисёрилм». Ва чун дар он шаҳр уламо ва фузало бисёр будаанд, бинобар он, бад-ин ном мавсум шудааст» [6, Ҷ.1. с.156]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба тариқи муъҷаз таърихи Бухоро варақ гардонда шудааст: Ин мамлакат дар замони Каёниён яке аз мамолики васеи Эрон буд ва баъд дар тасарруфи Искандар даромад ва баъд ҷузъи мамлакати Бохтариён гардид ва дар санаи шашуми масеҳӣ туркон онро мутасарриф шуданд. Дар санаи ҳафтум чиниҳо ва дар соли 705-и масеҳӣ аъроб онро тасарруф карданд ва то санаи нуҳум дар тасарруфи нуввоби хулафо буд ва дар соли 700-и масеҳӣ дар тасарруфи Оли Сомон даромад ва дар қарни X1 Салоҷика (Салҷуқиён) тасарруф намуданд. Дар соли 1219 муғул ва дар соли 1383 дар тасарруфи амир Темур даромад ва баъд дар соли 1505 дар тасарруфи ӯзбек ва билохира дар соли 600-и масеҳӣ дар тасарруфи Аштархониён, ки онҳо низ аз нажоди ӯзбеканд, даромад» [25, с.80]. Аз чунин қайди муҳаққиқ бармеояд, ки Бухоро на танҳо макони илму фазл, балки майдони задухӯрди шадиди сулолаҳои гуногуне будааст, ки онҳо баҳри ба вартаи ғуломӣ андохтани бухороиён ҷонкоҳӣ намуда, яке аз пайи дигаре ба

1 Кӯра – арабишудаи хӯра аст ва кувар ҷамъи он аст. Қабл аз ислом сарзамини Форсро ба панҷ хӯра тақсим карда будаанд: 1. Хӯраи Ардашер. 2. Хӯраи Истахр. 3. Хӯраи Дороб. 4. Хӯраи Шопур. 5. Хӯраи Қубод. Хӯра ба забони паҳлавӣ ба маънии шукӯҳу ҷалолат ва фарру фара будааст ва бар сиккаи Сосониён нақши хӯраи Эзад зада шуда будааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Кӯҳандиз соҳиб шудаанд. Ғайр аз ин, донишманд Деҳхудо дар «Луғатнома» фикри дигареро баён мекунад. Тибқи гуфтори ӯ маънии «Бухоро» ба зайл аст: «Номи он бино ба ривояте талаффузи муғулии номи эронӣ аст, ки «виҳор» ё «баҳор» бошад ва он [Баҳор] номи муъбади зардуштӣ, ё эронӣ бувад, монанди навбаҳор, ки низ муъбад бувад» [25, с.84].

Ҳамчунин доир ба маънии луғавию истилоҳии «Бухоро» фикру ақидаи дигаре дар адабиёти илмӣ ҷо дорад. Чунончи, муаллифи «Бурҳони қотеъ» яке аз ҳамин гуна нуқтаи назарро дар поварақ меоварад: «Номи Бухоро баид нест, маъхуз аз **«buxār [бухор]»** аз калимаи санскритии **«viqāra [виқора]»** (ба маънии дайр, муъбад)» бошад. Ҷӯякӣ ҳамин қавлро дар қарни ҳафтум нақл кардааст, чи дар Бухоро, ё наздики он, монанди Балху Самарқанд муъбади буддоӣ вуҷуд доштааст» [25, с.162].

Ҳамин тавр, **Бухоро** чун астионим хеле қадима буда, дорои чандин маъниҳои луғавию истилоҳӣ ва маҷозӣ чун макони илм, вуҷуд доштани муъбад, оташкада, дайр ва шакли тағйирёфтаи баҳор, беҳрӯзӣ мебошад, ки ҳамаи ин маъниҳо ба муҳити ҷуғрофӣ ва ба маънидодкунии ин топоним мувофиқ аст.

*Ва хабар ба Маҳдӣ расид ва Тамим ибни Умарро боз **Ҳирот** фиристод ва Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро боз аҳди Систон фиристод ва аҳд ин ҷо расид андар рамазони санаи самонин ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу ҳашт) [25, с.126]. Маҳдӣ ӯро маъзул кард ва Систон Тамим ибни Умар ат-Таймиро дод аз Тайми вулот[2] ва ӯ омили Ҳирот буд ва асли ӯ аз Сарахс буд [25, с.125]. Ва Яъқуб ба Ҳирот андар шуд ва биншасту мардумонро некуӣ карду гуфт. Ва мардумони Ҳирот шиати Яъқуб гашта буданд аз пеш ва дил бар ӯ ниҳода [25, с.179].*

Астиониии **Ҳирот** дар луғат ба чунин маънӣ зикр шудааст: **Ҳирот** – шаҳре аст ба Хуросон [Мунтаҳал Араб]. Ҳирот аз иқлими чаҳорум аст. Тулаш аз ҷазоири Холидот [Садк] ва арзаш аз хатти истиво [Ладк]. Онро амире, Ҳирот ном аз тобеи ҷаҳонпаҳлавон Наримон озод сохт. Тулаш аз ҷазоири Холидот [Садк] ва Искандари Македонӣ баъд аз харобӣ таҷдиди имораташ кард. Даври бараш нуҳ ҳазор гом (қадам) аст ва ҳавое бағоят некуе ва дурусте дорад ва пайваста дар тобистон шамол вазад ва дар хислати он гуфтаанд, ки: «Агар дар сарзамини хоки Исфаҳон ва боди Ҳирот ва оби Хоразм гирд оянд, марг дар он ҷо бисёр кам аст». Оби Ҳирот аз наҳрчаи Ҳарирӯд аст. Боғис-тонаш бисёр аст ва ҳаждаҳ пора деҳ аст, муттасил бад-он шаҳр. Аз меваҳояш «Ангури фахрӣ» ва харбузаи некуст. Ва мардуми он ҷо силоҳварз ва ҷангию айёрпеша бошанд ва дар он ҷо қалъаи маҳкам аст ва онро Шамирам хонанд. Бар ду фарсанги шаҳри Баркӯҳ оташхонае будааст, ки онро Аршак гуфтаанд. Ва ин замон қалъаи Амкулҷа мегӯянд ва мобайни оташкада ва шаҳр Кунисаи Нисорӣ будааст. Аз мазори Кибриавлиё ва уламои турбат – шайх Абдуллоҳи Ансорӣ Маъруф ва Хоҷа Муҳаммад Абулволид ва Имом Фахри Розӣ дар он шаҳр аст. Дар ин шаҳр дар ҳини ҳукумат мулкони ғур дувоздаҳ ҳазор дӯкон ободон буда ва шаш ҳазор ҳаммом ва корвонсаро ва сесаду панҷоҳу нӯҳ мадраса ва хонақоҳ ва оташхона, чорсаду чиҳил ҳазор хона мардумонаш будааст [11, с.101-102]. Ин шаҳр то замони ҳукумати Қаҷорияҳ (Кочорҳо) узви шаҳрҳои Эрон буд ва дар охири давраи Фатҳуллошоҳи Афғонистон онро тасоҳиб кард [Аз «Таърихи Систон»]. Ҳирот – яке аз шаҳрҳои машҳури Хуросон аст, ки имрӯз ҳам бо ҳамин ном дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавҷуд аст. Сокинони Ҳиротро ҳиротӣ, ҳиравӣ ва ҳарева меномидаанд [25, с.364]. Дар сарчашмаҳои куҳан шакли бостонии ин астионим **Арейа** [ав. harōiva] зикр гардидааст, ки номи вилоятест дар масири дарёи Ҳирарӯд (тахминан дар ҳудуди вилояти Ҳироти Афғонистони кунунӣ) ва, зоҳиран, номи шаҳри Ҳирот аз ин вожа маншаъ гирифтааст: Султон фармуд номаҳо навиштанд ба **Ҳирот ва Пушанг ва Тус** ва **Сарахс ва Насо ва Абевард** [с. 34]. Ва гурехтагон гурӯҳе бар Муҳаммад ибни Восил ҷамъ шуданд ва Муҳаммад ибни Восил ба Насо шуд ва аз он ҷо ба Сайроф шуд [25, с.187]. Чун Амр қасди **Марв** кард, Рофеи ба **Насо** омад [25, с.205].

Дар мисоли боло номи астиониии **Нисо** зикр шудааст, ки шакли куҳани ин астионим Нисоя [Нисо] [авестоӣ nisāya-] буда, мувофиқи нишондоди Авесто, ин сарзамин дар байни Марв ва Балх ҷойгир буда, дар даврахои қадим ифодакунандаи пойтахти шоҳони Порт будааст. Астиониии Нисо дар наздикиҳои шаҳри Ашқободи пойтахти Туркманистон ҷойгир буд [11, с.34]. Инчунин калимаи **Насо** дар луғатҳо чунин тавзеҳ ёфтааст: Насо – номи шаҳре аст дар Хуросон. Шаҳре аст [ба Хуросон], бар домани кӯҳ, андар миёни кӯҳ ва биёбон, бо неъмати бисёр ва ҳавои бад ва обҳои равон [Аз «Ҳудуд-ул-олам»].

2 «Тайми вулот» дар асл бояд «таймуллоҳ» буда бошад. «Аз шарҳи М. Баҳор).

Астионими **Шош** дар луғат ба чанд маънӣ омадааст, вале ҳамчун номи шаҳр дар сарчашмаҳо ахбори зиёде додаанд. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» аз ин маъхазҳо дар бобати шарҳи ин калима маълумоти зиёде оварда шудааст: «Шош» - номи шаҳре ба Мовароуннаҳр. Шаҳре аст ба Марв, ки Чоч низ гӯянд [Фарҳанги Рашидӣ]. Ва аз он ҷо кумони хуб оваранд [7, с.121]. Чанд тан аз хоҷагони нақшбандия аз он шаҳранд [Шаъварӣ]. Ва камонҳои чочӣ мансуб бад-он шаҳранд, муарраби Чоч, ки алҳол Тошканд гӯянд [16, с.258]. Номи шаҳре дар варои Ҷайҳун (Аштенгос). Шаҳре аст ба Мовароуннаҳр. Шаҳре дар Туркистон, ки Чоч низ гӯянд. Акнун Тошканд номанд. Ҳамон аст, ки имрӯз ба шаҳри ҷадиди Тошканд табдил ёфтааст. Шаҳре аст дар Туркистони шимолӣ. Рӯди Сайҳун, ки имрӯз ба Тошканд маъруф аст [7, с.1445]. Дар «Ҳудуд-ул-олам» ба таври зайл Чоч омадааст: «Ноҳияе аст, бузург ва ободон ва мардумони ғозипеша ва ҷангин ва тавонгар ва бисёр неъмат ва аз вай камон ва тири хаданг ва чӯби хурунҷ бисёр афтад» [Ҳудуд-ул-олам 1983, 116]. Ёқут дар бораи он овардааст: «Дар Мовароуннаҳр ва Моваропӣ наҳре Сайҳун ва ҳаммарзи балади Турк аст. Донишмандоне аз он бархостаанд ва ҷамъе аз ровиён ва фосеҳон бад-он мансубанд ва мардуми он «Шафеи мазҳабанд» ва мазҳаби Шофеъиро Абубакр Муҳаммад ибни Алӣ, ибни Исмоил бо вуҷуди ғалабаи мазҳаби Абӯҳанифа дар ин ноҳия тақвият дод. Абулҳасан-ал-Алҳо ибни Ҷунайд-ал Шош низ бад-он мансуб аст» [Ёқути Ҳамавӣ, 1446].

Ҳамин тавр, астионими Шош, ки муарраби астионими Чоч аст, дар масири таърихи таҳаввулоти азимеро тай карда, дар шаклҳои **Чоч [Čāč]>Шош [Šāš]> Чочканд [Čāčkand]>Шошканд [Šāškand]>Тошканд [Tāškand]** дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ зикр шудаасту мешавад.

Астионими **Абевард** дар манбаъҳои куҳан чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: Шаҳре аст аз Хуросон, наздики Сарахс ва Абевард ва бони он – ибни Яздиҷурд аст, ҷадди Анӯшервон ва Лаҳҷо. Онро шаҳри Фирӯз мегуфтанд ва шаҳре аст хушбодуҳаво ва «Касиралфурка», лекин арақи маданӣ, ки ришта гӯянд, дар он бисёр мешавад, ҳатто дар тобистон камтар касе аст, ки бад-ин мубтало набуд. Ва Нассос, ки Имом Ҳидоят аст, аз он ҷост. Ва қасабаи он – Тафтозон аст ва бо **Абевард** наздик аст.

Астионими **Нишопур** чунин маъниҳоро дорост: Шаҳрест дар Хуросон, байни он ва **Сарахс** ду рӯз ва байни он ва **Марв** панҷ рӯз ва то **Нишопур** шаш ё ҳафт рӯз роҳ аст ва сахт вабохез аст.

Астионими **Тӯс** чунин маънидод шудааст: дар «Луғатномаи Деҳхудо» чунин шарҳ дода шудааст: Тӯс – паҳлавони машҳуре, ки онро Тӯс бинни Нузар гӯянд. Номи писари Нузар буд, ки дар дарбори шоҳаншоҳи Эронӣ – Ковус ва Кайқубод ва Кайхусрав Испаҳбаде доштааст. Гӯянд шаҳри Тӯси Хуросон аз ибнияти ӯст. Хиттаи Тус баномкардаи ӯст ва номи худ мусаммеъ карда ва Тӯс муъарраби вай аст. Баҳри ду маънӣ Тӯс гӯянд: ба ҷиҳати дафъи иштибоҳ ва мулоҳизаи асл Фурс намекунанд. Ва ручуъ ба «Тӯс ва Ясно» ва «Фарҳанги эрони бостон» [25, с.249-251] шуд. Тӯс – саломатӣ. Тӯс – замини салбу сахт [1, Ҷ.7. с.459]. Қуртаҳои он: Тӯс… [25, с.35].

Астионими **Тирмиз** Дигар полионим, ин калимаи **Тирмиз** аст, ки дар ахбори луғатномаҳо ба ду шакл омадааст, «Тирмид» ва «Тирмиз» ва ҳарду калима ба як маъно шарҳ ёфтаанд: «Тирмиз» ё «Тирмид» шаҳрест ба Хуросон (Мунтаҳ-ал-араб). Соҳиби «Ҳудуд-ул-олам» меорад: Тирмиз шаҳрест хуррам ва бар лаби Ҷайҳун ва ӯро Қуҳандиз аст бар лаби рӯд. Ин шаҳр боргаҳи Хатлон ва Чағониён аст ва аз вай собуни нек ва бурёи сабз ва бод хезад» [Ҳудуд-ул-олам 1983, 109]. Ва чун оби Нил зиёдати мешуд ду бор чандон мешуд, ки Ҷайҳун ба Тирмиз [Байҳақӣ, с. 501]. Аз ҷумлаи вилоёти Чағониён аз балади Мовароуннаҳр, ки вилоёти ҳокимнишин будааст [Анҷуманоро]. Қуртаҳои он: Тирмиз… [25, с.35].

Астионими **Сурушана.** Ин номи шаҳр дар маъхазҳо ба шакли «Усрушана» ҳам ёд шудааст: Усрушана – номи шаҳре аст, аз Мовароуннаҳр. Шаҳре аст, аз биноҳои Гуштосп ба Мовароуннаҳр. Шаҳре бузург ва ба ройи Самарқанд, дуни Сайҳун. Ручуъ ба «Таърихи Систон» ва «Нузҳат-ул-қулуб» [6]. Ва Сурушана дар ҳамин луғатнома Усрушана шуд. Дар ҷойи дигар бо ин шакл меояд: Сурушана, ручуъ ба Усрушана ва Ушрушана ва «Тафҳими Абурайҳон» [25, с.199] ва «Таърихи Систон» [25, с.27] шуд. Ба андешаи бисёре аз муҳаққиқон ин шаҳр Истаравшани имрӯза мебошад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир аст ва яке аз шаҳрҳои ободи вилояти Суғд дониста мешавад. Вале дар луғатҳо на ба шакли муосири худ, яъне Истарав- шан, балки танҳо бо номи қадимаи худ – Сурушана ё худ Усрушана ёд шудааст [7, Ҷ.7. с.587]. Сурушана (Усрушана) – дар тасҳеҳи устод Баҳор мавқеъ ва асли ин

шаҳр муайян нашудааст. Дар истинод ба таҳқиқоти муаррихони Тоҷикистон ва хориҷи он ва ба далели он ки номи «Усрушана» дар «Таърихи Систон» дар радифи Самарқанд, Шош, Фарғона ва Хуҷанд зикр шудааст, метавон гуфт, ки он Истаравшани кунунӣ аст [25, с.366]. Ва қуртаҳои он: Усрушана… [25, с.35].

Астиоими **Форёб** дар «Таърихи Систон» номбар шудааст, ки дар луғатҳо ба маъниҳои мухталиф шарҳ ёфтааст: «Форёб вилояте ё шаҳре бошад аз Туркистон. Нависандаи «Бурҳон», ин калимаро «Форёбро», «Бофороб» хат кардааст. Ёқут менависад, ки: Шаҳре аст, машҳур ба Хуросон аз тобеи Гузгонон, дар наздикии Балх ва бар канораи ғарбии Ҷайҳун, ки онро ба имло «Ферёб» навиштаанд. Аз ин шаҳр то Толиқон сӣ манзил ва то ба Шабурқон сӣ манзил ва то Балх шаш манзил аст ва гурӯҳе бузургон бад-он мансубанд. Он байни Марвуррӯд ва Балх буда ва харобаҳои он бо сими Хайробод ҳанӯз ҳам боқӣ аст [6, с.143]. Ва қуртаҳои он: Форёб… [25, с.35].

Астиоими **Балсам**, на ба ин шакл, балки ба дигар шакл, яъне «Барсом» омадааст: «Балсам» - Барсом. Барсом, ки иллат ва маризии машҳуре аст [7, Ҷ.5. с.250]. Ва қуртаҳои он: Балсам… [25, с.35].

Дар фарҳангҳо бошад чунин шарҳ ёфтааст: Табасайн – шаҳре аст ба Хуросон гармсер ва дар вай хурмост. Ва оби эшон аз корез аст ва андар миёни биёбон аст. Ручуъ ба Табосон ва «Ақдулфарид» (ҷ. 3. с. 99) ва «Таърихи Систон» [25, с.219-220] шуд.

Аз маводи «Таърихи Систон» маълум шуд, ки калимаи Табасайн, дар баъзе ҷойҳо, ҳамчун қасаба (ноҳият) низ ёд мешавад.

Астиоими **Толиқон** Полиоими дигари «Таърихи Систон», ин калимаи **Толиқон** аст: Қуртаҳои он: Толиқон… [25, с.35]. Дар хусуси шарҳи маънии он дар сарчашмаҳо танҳо номи шаҳр ёд шудааст, вале бо таърифу тафсирҳои гуногун. Масалан, «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи ин калима чунин ахбор додаст: Толиқон – шаҳре аст ба Хуросон, миёни Тахористон ва Хатлон, ҷое аст бар домани кӯҳ бо кишт ва барзи бисёр. Дар дигар фарҳанг ба тариқи зайл омадааст: Толиқон – шаҳрест миёни Балх ва Марврӯд. Аз он шаҳр аст, Абумуҳаммад Маҳмуд ибни Ходоши Толиқонӣ.

Яке аз ҷуғрофидонҳои араб – Истахрӣ дар бораи ин калима чунин мегӯяд: «Бузургтарин шаҳристони Тахористон **Толиқон** мебошад. Ин шаҳр дар замини ҳамворе воқеъ шудааст ва фосилаи он то кӯҳ як тир партоб аст. Наҳри бузург ва боғҳои бисёр дорад». Толиқон аз вилояти Тахористон аст. Дар ӯ ғалла ва мева бисёр аст ва аз он ҷо то Марв шаш фарсанг роҳ аст. Иқбол тавзеҳ додаст: «Ҳанӯз ҳам ба ин исм боқӣ ва дар машриқи Қундуз ва бар сари роҳи Файзобод воқеъ аст [7, с.58].

Полиоими дигар дар «Таърихи Систон» калимаи **Насаф** омадааст: Қуртаҳои он: Насаф… [25, с.35].

Нахшаб: Ва чун ба … ки сарҳади Бухоро аст аз тарафи Насаф расидам, намози хуфтан шуда буд. Чанд рӯз дар Бухоро шудам ва ба зарурат ба тарафи Насаф бо андуҳ ва бор ва қабзи азим мутаваҷҷеҳ шудам.

Ба дигар маъно низ омадааст: Насаф (ар. масдар) – аз бех баркандан биноро гӯянд. Баркандан. Баркандани бино [6, с.468].

Доир ба полиоими ***Гузконон*** ё ***Гузгонон*** низ аз сарчашмаҳо иттилоъ пайдо кардан мумкин аст. Дар «Таърихи Систон» ин калима ҳамчун номи яке аз қурта [шаҳр] номбар шудааст: Қуртаҳои он: **Гузгонон**… [25, с.35]. Акнун шарҳи ин калима дар манбаъҳо чӣ гуна аст, ҳоло назар мекунем. Масалан, дар «Ҳудуд-ал-олам»: **Гузгонон** – ноҳияте аст [аз Хуросон], ободон ва бонеъмат ва бисёр бо дод ва адл ва эмин мебошад. Ноҳияте аст, ки машриқи ӯ ҳудуди Балх ва Тахористон то ба ҳудуди Бомиён ва ҷануби вай то охири ҳудуди Ғур аст ва ҳадди бист ва шимоли вай то ба ҳудуди Ҷайҳун ва аз ин ноҳия асбоби бисёре хезад ва намад ва ҳақиба, асб ва палос хезад [Ҳудуд-ул-олам 2010, 95]. Инчунин, ҳамин калима ба шакли Ҷузҷон низ омадааст: Ҷузҷон (бар фатҳу замми Ҷ) ё Ҷузҷонон, вилояти Бохтари Балх буд ва сари роҳи Марвуррӯд ва Балх қарор дошт. Ин ноҳият, ободтарин ва пурҷамъияттарин навоҳии Балх буд ва шаҳри бисёре дошт, ки акнун ҷуз се шаҳр, ки бо номҳои қадим хонда мешаванд, шаҳри дигаре аз онҳо боқӣ намондааст. Умдаи содиротии ноҳия, пӯстҳои дабоғишуда буд, ки ба навоҳии Хуросон мебурданд. Он се шаҳр иборат аз: Маймана, ки сари роҳи Балх ва дар ду манзил Толиқон аст ва маркази Ҷузҷон шуморида мешуд…

Астиоими Шабарқон, ки онро «Ашбурқон» ва «Ашбарқон» ва «Шабурғон» ва «Босурғон» ҳам навиштаанд, дар асар мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар шимоли

Бохтари Шабурқон, шаҳри Андиҷӯй воқеъ аст. Ин исмро ҷуғрофишиносони қадим бо суратҳои мухталиф: «Андиҷад», «Адхад» ва «Анҷад» зикр кардаанд [7, с.228-253].

Астиоими **Сарахс** [25, с.35], ки ҳамчун номи шаҳр дар «Таърихи Систон» зикр шудааст, дар луғат ба чанд маънӣ омадааст. Аз ҷумла, дар «Луғатномаи Деҳхудо» калимаи **Сарахс** чунин тавзеҳ дода шудааст: «**Сарахс** номи дорӯест, ки онро гилдорӯ гӯянд. **Сарахс** қасабаи марказии бахши шаҳристони Машҳад, ки 5000 тан сокини он ҷост [Сарчашмаи дигар дар бораи ин калима чунин хабар додаст: **Сарахс** – номи яке аз бахшҳои шаҳристони Машҳад аст, ки дар ховари шаҳристон ва канори марзи Эрон воқеъ аст. Шаҳре аст [ба Хуросон] бар роҳ ва андар миёни биёбон ва эшонро, яке Хушкрӯд аст, ки андар миёни бозор мегузарад ва вақти анҷир андар ӯ оби рӯд ва ҷое бо кишт ва барзи бисёр бошад ва хостаи эшон шутур бошад» [7].

Зикри астиоими **Кеш** [25, с.35] низ дар «Таърихи Систон» омадааст: «Дар «Фарҳанги Ӯбаҳӣ» дар бораи ин калима чунин маълумот оварда шудааст: «Кеш» – шаҳре аст ба Мовароуннаҳр наздики Самарқанд, ки дар ин замон ӯро Шаҳрисабз хонанд ва руҷуъ ба Кеш шуд. Дар ҷойи дигар номи ҷазира зикр шудааст». Кеш – номи ҷазираест, дар дарёи порсӣ, ки аз он ҷавоҳирот ва марворид оранд ва ҳавояш бағоят гарм бошад [Аз «Саҳеҳ-ул-фурс»]. Кеш ба маънии дин ва мазҳаб низ омадааст: «Кеш–дин ва мазҳаб. Муродифи он, ойин ва мазҳаб аст [15, с.526].

Ҳамчунин, дар хусуси калимаи **Исбиҷоб** [25, с.35] дар «Таърихи Систон» сухан рафтааст ва танҳо номбар мешавад. Калимаи Исбиҷоб дар «Ҳудуд-ул-олам» чунин маънидод шудааст: «Исбиҷоб – ноҳияте аст ба Мовароуннаҳр, ба сарҳад миёни мусалмонон ва кофирон. Ҷойи бузурге аст ва ободон. Ба сарҳади Туркистон аст ва ҳар чизе, ки аз ҳамаи Туркистон хезад он ҷо афтад ва андар вай шаҳрҳо ва ноҳияҳо ва рустоҳо бисёр аст ва аз вай зар хезад ва гӯсфанд. Қасабаи ин ноҳияро низ исбиҷоб хонанд. Шаҳри бузургу бонеъмате аст. Ва аз шаҳрҳои вай Сонекаш, Бадҳагас, Сатканд ва қабилаи турконаш низ бад-он ҷо бошанд» [Худуд-ул-олам 1983, с. 69]. Дар «Таърихи муғул» бо чунин шарҳ омадааст: «Исбиҷоб – ҷойи султон ноҳияи Исбиҷоб аст ва бо хостаи бисёр аст ва маъдани бозаргонони ҳамаи ҷаҳон аст» [15, с.789].

Астиоими **Самарқанд** низ чун номи шаҳр полионим аст, зеро аз замони қадим инҷониб номҳои зиёдеро молик шудааст: **Asmarakanta** дигари «Таърихи Систон» номи шаҳри Самарқанд аст [25, с.35]. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» доир ба ин астионим чунин маълумот мавҷуд аст: «Самарқанд – паҳлавӣ [Самарканд], юнонӣ [Марканда], решаи ҷузъи аввал «самар» то кунун маълум нашуд, ҷузъи дувум [канд] аз форсии бостонӣ [канто], суғдӣ [кант – шаҳр], муштақ аз [кан], [кандан] Самарқанд ва он шаҳре дар Мовароуннаҳр, ки коғази хуб аз он аст ва маънии таркибии он «деҳ самар» аст ва номи подшоҳе буд аз турк ва туркон «деҳ»-ро «канд» мегӯянд ва ин «деҳ»-ро ӯ бино карда будааст ва ба мурури айём шаҳр шудааст» [7]. Шарҳи дигари ин астионим чунин аст: «Шакли бостонии Самарқанд **Asmarakanta** буда, аз ҷузъҳои **Asmara** – санг ва **kanta –** шаҳр иборат буда, маънои шаҳри сангинро дорад [9, с.124].

Ҳамин тавр, астионимҳои асари «Таърихи Систон» бар ифодаҳои макон, ҳодиса, таърих, расму оин, ҷашнҳои бостонӣ, ибодатгоҳ, илмгоҳ, шоҳнишин, муносибати тиҷоратӣ, дипломатӣ, ҷоришавии дарёҳо ва амсоли инҳо омадаанд ва дар асар зери сарлавҳаи «Қуртаҳои он» истифода гардидаанд. Дар асар астионимҳое истифода гардидаанд, ки аз нигоҳи ҳудуди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дар ҳудуди Хуросони таърихӣ, яъне Давлати исломии Афғонистони имрӯза, дар ҳудуди Мовароуннаҳри таърихӣ, яъне Осиёи Миёна ва дар ҳудуди Ҷумҳурии исломии Эрон, ки дар гузашта бо номи Порс [шакли муаррабаш Форс] зикр мегардид, воқеъ будаанд. Аз нигоҳи мансубияти забонӣ бештари астионимҳо ба забонҳои эронии ҳам шарқӣ (асосан суғдӣ) ва ҳам ғарбӣ (асосан тоҷикӣ) мутааллиқанд.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид / Ҳасан Амид. Ҷ.2. – Теҳрон, 1375. – 1688 с.
2. Абдуллоҳ, Ф. Номнома / Ф.Абдуллоҳ. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 71 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1 / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
4. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ / О.Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.144.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. Нашри академӣ. - Душанбе, 1989. - 225 с.
6. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. (таҳияи А. Нуров) / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.480.
7. Деҳхудо, А. Луғатнома (иборат аз 50 ҷилд). Ҷ. 5, 6, 7, 29 / А.Деҳхудо. - Теҳрон: Тус, 1337 ҳ. ш.

8. Каримов, А. Хрестоматияи забони паҳлавӣ / А.Каримов. – Душанбе: УДТ, 1980. - 100 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
10. Майнусов, Д.Ф. Антропонимы «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси [линг- вистический аспект]: канд..дис... / Д.Ф. Майнусов. – Душанбе, 2013. – 167 с.
11. Мирбобоев, А. Муқаддимаи филологияи эронӣ / А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 315 с.
12. Никонов, В.А. Вопросы топонимика востока / В.А. Никонов // Топонимика Востока. - М., 1962. – С.10-16.
13. Офаридаев, Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон / Н.Офаридаев. – Душанбе, 2001. – 125 с.
14. Фараҳвашӣ, Баҳром. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ / Баҳром Фараҳвашӣ. – Теҳрон, 1381. – 571 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: СЭ,1969. – 908 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: СЭ, 1969. – 910 с.
17. Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ. – Душанбе, 2019. – 280 с.
18. Фарҳанги форсии Амид. Ҳасан Амид. – Теҳрон, 1362.
19. Фарҳанги форсии Муин (чопи аввал 1381. чопи дуввум 1382). Воҳиди Пажуҳиш ва барномарезии интишороти Муин.
20. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома. Иброҳим Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 230 с.
21. Хайдари, Ш. Ономастика ираноязычных народов / Ш.Хайдари. - Худжанд, 2012. – 528 с.
22. Хромов, А.Л. Чордаҳ мақола / А.Л. Хромов. – Душанбе, 2016. – 160 с.
23. Ҳомидов, Д. Сарнавишти вожаҳо / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2008. – 146 с.
24. Ҳомидов, Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2018. – 240 с.
25. Таърихи Систон. Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоту феҳристҳо: М. Имомов ва А. Абдусаттор. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2014. – 375 с.

КОРБУРДИ АСТИОНИМҲО ДАР АСАРИ «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақолаи мазкур муаллиф вижагиҳои номи шаҳрҳои асари мавриди таҳқиқ қароргирифтаро, ки бо истилоҳи илмӣ астионим меноманд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз назари муаллиф астионимҳо як шохаи ойконимия буда, номи шаҳрҳоро ифода мекунад ва аз чузъҳои лотинии **a-** –ҳиссачаи инкорӣ, **stasis** – рост истодан ва **ānim** – ном таркиб ёфта, мавзее мебошад, ки бе мадади касе рост намеистад. Воқеан, шаҳрҳо бо қувваи одамон рост мешавад ва бунёд мегардад. Инчунин зикр мегардад, ки номи шаҳрҳо чун аз ду адад зиёд шуд онҳоро полионим меноманд, ки полионим навъи ойконимҳо буда, аз ҷузъи poli-номи шаҳрҳоеро ифода мекунад, ки дар раванди таърих дорои номҳои зиёд буданд: Александрия, Хуҷанд, Ленинобод ва боз Хуҷанд. Мувофиқи маводи асари мавриди таҳқиқ калонтарин мавзеъҳо нуқтаҳои маскунӣ, яъне ойконимҳо буда, дар ин бахш астионимҳо мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Дар асар чун астионим (номи шаҳр) шаҳрҳое зикр гардидаанд, ки бештари онҳо таърихи куҳан дошта, дар марҳилаҳои инкишофи таърихи қадимаи забони тоҷикӣ арзи ҳастӣ карда, то имрӯз дар ҳамин шакл расидаанд. Муаллифи асар астионимҳоро барои нишон додани макони воқеаҳои гуногуни таърихӣ зикр кардааст. Муаллифи мақола онҳоро аз нигоҳи сохт низ мавриди баррасӣ қарор дода, дар ташаккулёбии онҳо нақши вандҳои калимасозу шаклсоз махсус қайд карда мешаванд. Аз рӯйи маводи асар аён шуд, ки ба сабаби ҳуҷуми арабҳо, ба сарзамини Осиёи Миёна ва дигар минтақаҳо, бисёре аз нуқтаҳои аҳолинишин вайрону валангор гаштанд, махсусан, баъд аз вафоти ҳазрати Муҳаммад (с), ки барои молу сарват дар байни пайравони дини ислом низоъҳои бузург ва ҳатто ҳалокатовар мехест, сокинони ҳудудҳои шаҳри Систон ба дигар ҷойҳои наздики ҳамин шаҳр кӯч бастанд. Бисёре аз шаҳрҳои тобеи Систон аз сокинони худ маҳрум шуданд ва танҳо номи онҳо боқӣ монданд.

Калидвожаҳо: астионимҳо, полионимҳо, топонимия, ономастика, сохтор, тоҷикӣ, қадима, куҳан, вожаҳо, қолаб, гурӯҳбандӣ, забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, шаҳрҳо, мавзеъ, таркиб, тобеъ, вандҳо, калимасоз, шаклсоз....

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АСТИОНИМОВ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «ИСТОРИЯ СИСТАНА»

В данной статье автор рассмотрел особенности названий городов исследуемого произведения, которые в научной терминологии называются астонимами. С точки зрения автора, астонимы являются ветвью ойконимии, представляют собой названия городов и состоят из латинских элементов а- - отрицательная часть, stasis - стоять прямо и ānim - имя, это место, что не стоит прямо без чьей-либо помощи. На самом деле города создаются и строятся силой людей. Упоминается также, что названия городов, когда они превышают два числа, называются полионимами. По материалу изучаемой работы наибольшие места занимают точки расселения, т. е. ойконимы, и в этом разделе определенное положение занимают астонимы. Города упоминаются в произведении как астоним (название города), большинство из них имеют давнюю историю, они возникли на этапах развития древней истории таджикского языка, и в таком виде дошли до наших дней. Автор работы упомянул астонимы для обозначения места различных исторических событий. Автор статьи рассматривает их с точки зрения структуры, при этом особо отмечается роль словообразовательных и формообразующих придаточных предложений в их образовании. Из материала работы стало ясно, что из-за вторжения арабов на земли Средней Азии и другие регионы многие поселения были разрушены, особенно после смерти Пророка Мухаммада (с.а.с.), что вызвало конфликты между последователями ислама. Из разрушенного, города жители Систана переселились в другие места вблизи этого города. Многие города под Систаном потеряли своих жителей и остались только их названия.

Ключевые слова: астонимы, полионимы, топонимия, ономастика, структура, таджикский, древний, старый, слова, шаблон, группировка, языкознание, таджикский язык, города, место, состав, подлежащее, клаузулы, словообразователь, формообразователь...

USE OF ASTIONYMS IN THE WORK "HISTORY OF SISTAN"

In this article, the author examined the features of the names of the cities of the work under study, which in scientific terminology are called astonyms. From the author's point of view, astonyms are a branch of oikonymy, they are the names of cities and consist of the Latin elements a- - the negative part, stasis - to stand upright and ānim - a name, this is a place that does not stand upright without someone's help. In fact, cities are created and built by the power of people. It is also mentioned that the names of cities, when they exceed two numbers, are called polyonyms. According to the material of the work under study, the greatest places are occupied by settlement points, i.e., oikonyms, and in this section, astonyms occupy a certain position. Cities are mentioned in the work as astonim (name of the city), most of them have a long history, they arose at the stages of development of the ancient history of the Tajik language, and in this form have survived to this day. The author of the work mentioned astonyms to designate the place of various historical events. The author of the article considers them from the point of view of structure, while the role of derivational and formative clauses in their formation is especially noted. From the material of the work, it became clear that due to the invasion of the Arabs into the lands of Central Asia and other regions, many settlements were destroyed, especially after the death of the Prophet Muhammad (pbuh), which caused conflicts between the followers of Islam. From the destroyed city, the inhabitants of Sistan moved to other places near this city. Many cities near Sistan lost their inhabitants and only their names remained.

Key words: astonyms, polyonyms, toponymy, onomastics, structure, Tajik, ancient, old, words, pattern, grouping, linguistics, Tajik language, cities, place, composition, subject, clauses, word-former, form-former...

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 909-09-02-99**

Сведения об авторе: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 909-09-02-99**

Information about the author: ***Tagaymurodzoda Sanifa Tagaymurod*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 909-09-02-99**

ТДУ: 811.111:811.21/.22

КОРБУРДИ ВОСИТАҲОИ АСОСИИ АЛОҚАИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА БО САРҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шарифова А.Ш.
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Илми забоншиносӣ собит кардааст, ки ҷумлаи мураккаби тобеъ воҳиди томи наҳвӣ буда, тавассути воситаҳои гуногуни грамматикӣ ва лексикӣ ташаккул меёбад. Дар алоқаи грамматикии сарҷумла ва ҷумлаи пайрави пуркунанда пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, калимаю ибораҳои пайвандакӣ, мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабарҳо/хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав/, тартиби ҷумлаҳо/-и содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ/, интонатсия ва як гурӯҳ воситаҳои ёвар саҳм мегиранд.

Муаллифони китоби дарсӣ барои мактабҳои миёна [2] ва олӣ [3], ҳамчунин баъзе муҳаққиқон танҳо ба воситаи пайвандаки “**ки”** ва баъзан бе пайвандак ба сарҷумла алоқаманд шудани ҷумлаи пайрави пуркунандаро зикр кардаанд [3].

Муҳаққиқон дар бораи ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат кардани пайвандакҳои тобеъкунандаи “ки”, калимаҳои пайвандакии тобеъкунандаи “ки”, калимаҳои пайвандакии “гуфта” ва “гӯён”, интонатсия ва ҷойи ҷумлаҳо маълумот додаанд.

Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик”, ки мавзуи ҷумлаи пайрави пуркунанда ба қалами Ш.Рустамов мутааллиқ аст, дар боби воситаҳои алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳамон маълумот оварда шудааст, илова мегардад, ки “бо пайвандаки дар бораи он ки/ин ки/ ба сарҷумла ҷумлаҳои пайрави пуркунандае тобеъ мешаванд, ки объекти муҳокимаро мефаҳмонанд” [7].

Маводи забони адабӣ нишон медиҳад, ки воситаи асосии тобеияти ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла, пеш аз ҳама, вазифаю маъно ва табиати феъл/хабар/-и сарҷумла аст, ҳамчунин пайвандакҳои тобеъкунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ/хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав/, оҳанги гуфтор, калимаҳои ҳамнисбат, калимаю ибораҳои пайвандакӣ, ҳиссачаю калимаҳои модалӣ дар алоқаи наҳвии ин ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ҳар кадом саҳм доранд. Албатта, нақши ин воситаҳо дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда як хел нест.

Мо ба асарҳои таҳқиқотии наҳвшиносони шинохта [2], такя карда, маводи гирдовардаи хешро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода ба чунин хулоса омадем, ки воситаҳои алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда аз рӯйи саҳми худ дар ҷумла дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

I. **Воситаҳои асосӣ:** пайвандакҳо, калимаю таркибҳои пайвандакӣ, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ/хабари ҷумлаи пайрав ва сарҷумла/, тартиби ҷумлаҳо/-и содаи таркиби ҷумлаи мураккаб/, оҳанги гуфтор.

II. **Воситаҳои ёвар:** ҷонишину бандакҷонишинҳо, калимаҳои модалӣ, ҳиссачаҳо.

Илми наҳвшиносии тоҷик ба назарияи пешқадами забоншиносӣ иктифо намуда, оид ба пайвандакҳо назари муайянеро ба вуҷуд овардааст. Аз наҳвшиносони тоҷик шодравон проф. Д.Т.Тоҷиев дар бобати воситаҳои алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, бахусус пайвандакҳо, назари амиқе дорад. Муҳаққиқ пайвандакҳои тобеъкунандаро аз рӯйи маъно, вазифа ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: 1) пайвандакҳои синтаксисӣ; 2) пайвандакҳои семантикӣ [9].

Забоншинос ба гурӯҳи пайвандакҳои синтаксисӣ танҳо пайвандаки муштараквазифаи **“ки”-** ро дохил мекунад, вале дар забони мо як гурӯҳ пайвандакҳо **/”то”, “то ки”, “то ин ки”,”чун”/** ҳастанд, ки пайвандаки семантикӣ бошанд ҳам, то андозае сермаъно ва сервазифа гашта, дар алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави гуногун истифода мешаванд. Бинобар ин, онҳоро пайвандакҳои семантикӣ-синтаксисӣ номидан ба мақсад мувофиқтар аст.

Пайвандакҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳанӯз амиқу ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Ҳамон тавре ки пештар зикр кардем, муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна [3] ва олӣ [2], баъзе муҳаққиқон [11] тавассути пайвандаки **“ки”** ба сарҷумла тобеъ шудани ҷумлаи пайрави пуркунандаро зикр намуда, мисолҳо овардаанд.

Муҳаққиқони забони форсӣ низ тавассути пайвандаки “ки” ва гоҳо бе пайвандак ба сарҷумла тобеъ шудани ҷумлаи пайрави пуркунандаро зикр кардаанд. Масалан, муаллифи нахустин китоби тадрисӣ доир ба наҳви забони форсӣ А.К.Арендс чунин менигорад: Чунин хели ҷумлаҳои пайрав бо ёрии пайвандаки **“ки”** ба сарҷумла тобеъ мешаванд. Ба ин пайвандак зада намеафтаду бо калимаи пеш аз он омада якҷоя талаффуз шуда, баъди он паузаи кӯтоҳ ба миён меояд. ... Дар ҷумлаи пайрави пуркунанда ин пайвандак фурӯгузор шавад ҳам, паузаи алоқамандкунандаи сарҷумлаю ҷумлаи пайрав боқӣ мемонад” [2].

Муаллиф дар фасли дигари китоби худ оид ба як намуди ҷумлаи пайрави пуркунанда будани нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда чунин менависад: “Дар таркиби ҷумлаи мураккаб нутқи айнан нақлшуда... дар шакли ҷумлаи пайрави пуркунанда омада метавонад. Дар чунин мавридҳо пайвандаки **“ки”** чун воситаи алоқаи грамматикӣ хизмат мекунад” [2].

Забоншиноси нозукбин проф. Тоҷиев Д.Т. сари ин масъала амиқ андешаронӣ намуда, аз ҷумла таъкид менамояд, ки пайвандакҳои забони тоҷикӣ ҳоло мукаммал омӯхта нашудаанд. Махсусан бисёр таркибҳо, ки вазифаи пайвандакҳои таркибиро адо мекунанд, аз назари аҳли таҳқиқот берун мондаанд. Масалан, пайвандакҳои таркибии дар бораи ин/он/ ки, дар хусуси ин/он/ ки, аз хусуси ин/он/ ки дар ҷумлаи пайрави пуркунанда қайд нашудаанд”[9].

Дар ҳақиқат, фактҳои забони адабии тоҷик гувоҳи он ҳастанд, ки дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда пайвандакҳои содаю таркибии ки, то, то ки, аз хусуси ин /он/ ки, бар ин/он/ ки, саҳми босазое доранд. Албатта, дараҷаи истифодаи онҳо аз ҳам фарқ дорад.

Аз пайвандакҳои зикршуда пайвандаки синтаксисию муштараквазифаи “**ки”** хеле серистеъмол аст. Он дар алоқаи наҳвии ҳама гуна ҷумлаи пайрави пуркунанда ба таври фаровон истифода мешавад. Мисолҳо: Фаҳмиданӣ шудам, **ки** дастам аз хатнависӣ мабодо бегона нашуда бошад[1]; Забони мардуми кӯҳсор кам махлут шудагӣ, гуфтанд он кас ва умед бастанд, **ки** бояд он ҷо шакли тоҷикии ин мафҳумот пайдо шавад [2].

*Ҳар ҷо, **ки** дилест, дар ғами ту*
Бесабру қарору бесукун бод! [12].

Пайвандаки тобеъкунандаи “ки” ҳам дар аввал, ҳам дар мобайн, ҳам дар охири ҷумлаи пайрав омада метавонад. Дар аввали ҷумлаи пайрав истифода шудани он бештар ба назар мерасад” [7]. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ин пайвандак ҳамеша дар аввали ҷумлаи пайрав меояд. Ҷумлаи пайрав бошад, пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад. Мисолҳо: *Ту аз дили ман огоҳ нестӣ ва мебинам, **ки** аз гуфти ман дилтанг шудай[6]. Азимшоҳ дар охири бозор савдои имрӯзаи худро ҳисоб карда пулҳои ҷамъшударо якҷоя шумурда дид, **ки** аз рӯйи ҳисоб пул кам аст[1]. Пӯлод устокорона бо ишораи чашм ба Гулрӯ фаҳмонд, **ки** “бо ин одам даст дода вохӯрӣ кардан даркор аст”[3]. Дар оғӯши **ин** табиати зебо сайр карда гаштани ду кас, ки нисбат ба ҳамдигар нияти баде надоштанд ва суҳбати шармгинонае мекарданд, ҳеҷ ба он намемонд, ки ахлоқи советиро вайрон карда бошанд [10]. it is not **that** I woun't answer, you understand. It's just **that** talking about myself gives me heartburn, so if you'll wait till after lunch…" He **said that** he lived in Kiev. He **said that** he had lived in Kiev. He **said that** he would live in Kiev[5].*

Дар забони англисӣ пуркунандаи мураккаб (Complex object) ба вазифаи ҷумлаи пайрави пуркунанда меояд. Он аз гурӯҳи калимаҳое таркиб меёбад, ки исм ё ҷонишин дар падежи пуркунанда (объект) бошанд. Ин навъ пуркунандаро пуркунандаи мураккаб меноманд. Ба забони тоҷикӣ ҷумлаи пайрави пуркунанда бо пайвандакҳои “ки”, “чӣ”,”чӣ тавр”, “барои он ки”, тарҷума мешавад. Ҳангоми ин исм (ҷонишин дар падежи пуркунанда) ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав ва инфинитив –хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда ифода мешаванд: *I know **this surgeon (him)** to operate on successfully. Ман медонам, **ки ин** ҷарроҳ хеле ҷарроҳиро бомуваффақ анҷом медиҳад. I **want you** to come at 5. Ман мехоҳам, **ки** ту соати 5 биёӣ[5].*

Пуркунандаи мураккаб ё ҷумлаи пайрави пуркунанда пас аз феълҳои зерин истифода мешавад.

а) барои ифодаи хоҳиш: **to want, to wish, to desire, should like, would like.**

б) барои ифодаи гумону шубҳа: **to expect, to think, to believe, to suppose, to consider, to find.**

в) барои ифодаи амру хоҳиш ва илтимосу иҷоза: **to order, to command, to ask; to allow** ва ғайра.

Тарҷумаи пуркунандаи мураккаб аз шакли масдар вобаста аст. Масдари сода ҳамчун замони ҳозира ва масдари **мутлақ Perfect tense (перфект)** – **замони гузашта Past Indefinite tense** ва шакли **мафъули феълӣ Passive voice**– ҳамчун хабари шакли мафъул тарҷума мешавад.

Пуркунандаи мураккаб инчунин пас аз феълҳои ифодакунандаи ҳиссиёт, биноӣ ва шунавоӣ **to see, to hear, to notice, to feel, to watch, to observe** меояд. *Дар ин ҳолат сохтори аз паси он омада ҳиссачаи то қабул намекунад: I **felt (that)** the pain become less. The doctor made the patient lie down the doctor **heard** the heart beating[5*].

Сифати феълӣ дар таркиби пуркунандаи мураккаб. Пуркунандаи мураккаб метавонад аз исм (ё ҷонишин) ва сифати феълии замони ҳозира таркиб ёбад. Сохтори сифати феълӣ ба забони тоҷикӣ ин тавр тарҷума мешавад. *The doctor **heard** the **heart beating**. Духтур **чӣ тавр** задани (таппиши) дили беморро гӯш кард*. Мутобиқати замонҳо дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда.

1. Қоидаи мутобиқати замонҳо дар забони англисӣ махсусан ба ҷумлаи пайрави пуркунанда дахл дорад. Агар хабари сарҷумла дар замони гузашта омада бошад, он гоҳ хабари ҷумлаи пайрав дар яке аз замонҳои гузашта ифода меёбад.

2. а) Агар амали сарҷумла ва ҷумлаи пайрави забони англисӣ дар як вақт иҷро шавад, он гоҳ феъл – хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда дар замони гузашта **Past Indefinite** ё гузаштаи давомдор **(Past continuous)** ва дар замони ҳозира тарҷума мешавад: He **said (that)** he lived in Kiev. Ӯ гуфт, **ки** ӯ дар Киев зиндагӣ мекунад.

б) Агар амали ҷумлаи пайрави пуркунанда аз паси амали сарҷумла омада бошад, он гоҳ феъл-хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда дар шакли замони гузаштаи мутлақ **Past perfect tense** тарҷума мешавад. *He **said that he had lived** in Kiev.*

Агар амали ҷумлаи пайрави пуркунанда ба замони оянда гузарад, он гоҳ он бояд дар **замони ҳозира – оянда -(Future in-the-past)** ояд ва ҳамчун замони оянда тарҷума шавад. Феъли ёридиҳандаи **shall, will** шакли гузаштаро низ дорад –**should[sud] would [wud]** *: He **said (that)** he **would** live in Kiev [5].*

*If he really meant **that** – **which** she wasn't at all sure was the case - it **should** have been comfort. One held a tiny hard boiled egg, **which** had been cut into quarters, one contained several boiled shrimp, **which** were glossy with marinade, and one was filled with something **that** could only be caviar. Only an effort of **will** – and the knowledge **that** the camera would capture any move she made **allowed** Savannah to sit perfectly still [15].*

Қобили қайд аст, ки дар баъзе ҷумлаҳои пайрави пуркунанда/-и бевосита/, ки бар эзоҳи хабари сарҷумла омадаанд, пайвандаки **"ки"** характери факултативӣ дорад. Зеро дар чунин ҷумлаҳо бори асосии тобеъкунӣ бар дӯши феъл /хабар/-и сарҷумла аст. Албатта, нақши оҳанги гуфтор ва дигар воситаҳои алоқаи наҳвӣ низ кам нест. *Мисолҳо: Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад [13]. Зимнан бояд гуфт, **ки** дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст [13]. Сафарғулом намедонист, **ки** ба кадоми **ин** саволҳои пай дар пай аз ҳар тараф оянда ҷавоб диҳад [1]. ... Ман гумон мекунам**, **ки ҳамин** рӯзҳо ба шаҳр кӣ рафта омад ё аз он ҷо кӣ омадааст[4]. Фаҳмидан даркор аст**, **ки ҳамин** рӯзҳо ба шаҳр кӣ рафта омад ё аз он ҷо кӣ омадааст [3]. Ман пиндоштам, ки мо пеши вай наметавонем рафтан[7].*

Ҷумлаи пайраве, ки пуркунандаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад, ба сарҷумла одатан бо пайвандаки **"ки"** тобеъ мешавад [2]. Мисолҳо.

Лекин **ҳаминро** ҳам гуфтан даркор аст, ки баъзе одамон гурехта меоянд [7]. Инро аз ёд набароред, ки дар замони ҳозира такягоҳи ҳокимияти советӣ дар қишлоқ, колхоз ва колхозчиён ҳастанд [6]. ... Ҳоло бояд ҳамаи диққатҳо **ба ҳамин** нигаронида шавад, ки натиҷаи матлуб додани кори ман ба ҳамин сохтакори шумо вобаста аст [4].

Чӣ тавре ки дар боло зикр кардем, ҷонишинҳое, ки дар таркиби сарҷумлаи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда меоянд, аз рӯйи вазифа ва устуворию ноустувории худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Ҷонишинҳое, ки дар таркиби сарҷумла омаданашон ҳатмист.

2. Ҷонишинҳое, ки бештар аҳаммияти услубӣ дошта, барои таъкид истифода мешаванд ва дар таркиби сарҷумла наомада ҳам метавонанд.

Чӣ *ҷаврҳо,* ***ки*** *кашиданд булбулон аз дай*
Ба бӯи ***он, ки*** *дигар навбаҳор бозояд[12].*

Дар ҷумлаҳои мураккаби гурӯҳи аввал пайвандаки “**ки”** чун воситаи алоқа нақши калон дошта, бидуни он ҷумлаи мураккаб сурат намегирад. Вале дар ҷумлаҳои гурӯҳи дуюм чун ҷонишин дар ҳайати сарҷумла вазифаи услубӣ дорад, вазифаи асосии тобеъкунӣ ба маъно /семантика/-и феъл вобаста аст. Бинобар ин, бидуни пайвандаки “ки” ҳам ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла тобеъ мешавад. Дар сурати истифода нашудани пайвандак фақат оҳанги гуфтор /интонатсия/ тағйир меёбад. Муқоиса шавад: ***Ҳаминро*** *дониста монед, ки обрӯи ман аз обрӯи шумо зиёд набошад ҳам, кам нест [10].* ***Ҳаминро*** *дониста монед, тӯқсабо,/ки/ обрӯи ман аз обрӯи шумо зиёд набошад ҳам, кам нест.*

-Ҳаминро *нағз дон, ки ман ба гадойбача духтар дода наметавонам[11; - Ҳаминро нағз дон, /ки/ ман ба гадойбача духтар дода наметавонам.*

М.Н.Қосимова чун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави шартӣ хизмат кардани пайвандаки “то” ва дар аввалу мобайни ҷумлаи пайрави шарт омадани ин пайвандакро нишон додааст [11].

Таҳлили ҳамаҷонибаи маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки пайвандакҳои **“that”,”what”,”which”,”who”,”whom”,** “**то”,”то ки”** низ дар алоқаи синтаксисии ҷумлаи пайрави пуркунанда саҳми муайяне доранд. Ин пайвандакҳои семантикӣ-синтаксисӣ **/то, то ки, ки то/** асосан дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда чун воситаи алоқаи наҳвӣ хизмат мекунанд: *Ба ман бигӯед,* ***то*** *ҳар яке кистанд. Пеши вай бигӯй,* ***то чӣ*** *расидааст. Иттифоқ* ***бар он*** *кардаанд,* ***ки*** *то Оламафрӯз биёяд[8]. It’s just* ***that*** *I need* ***to make*** *some plans. “There’s some speculation* ***that*** *you won it playing roulette.”I’m sure this is tasty, but now* ***that*** *I think about actually eating a baby duck, I’m considering becoming a vegetarian” [14].*

Қобили қайд аст, ки дар ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки тавассути пайвандаки “то”, “то ки” ба сарҷумла тобеъ мешаванд, ба пайвандакҳои номбурда дар аввали ҷумлаи пайрав ҷойгир мешаванд: *Ту бигӯй,* ***то*** *дар* ***он чӣ*** *навиштааст чаро фиристод[4]. ... бо вай бошаму бидонам,* ***ки то ба чӣ*** *кор боз мондааст[4].*

Аз пайвандакҳои таркибии сершумор танҳо пайвандакҳои “аз хусуси ин/он/ ки”, “аз ин /он/ ки”, “бар ин /он/ ки”, “дар бораи ин /он/ ки” дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба пайрави пуркунанда саҳм мегиранд. Ин пайвандакҳои таркибӣ асосан ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи бевоситаро ба сарҷумла вобаста менамоянд. Мисолҳо: *Дар бораи он ки ба сари болини кампири бенаво ва бекас рафтан ва аз ҳоли ӯ хабар гирифтан лозим аст, оқсақол хаёле ҳам надорад[3]. Пиразан,* ***аз ин ки*** *ӯро Гулрӯ модар меномид, дар дил шод мегардид...[3].* ***Аз хусуси ин ки*** *ҳозир ҳам ақлу ҳуши онҳо аз ақлу ҳуши мо падаронашон расотар аст, ман ба шумо гап зада намешинам[4]. “My mother is a dear little lady* ***who*** *lives in Urbana, Illinois, makes quilts with her church group, and takes casseroles to* ***what she*** *calls the elderly –* ***some of whom*** *are younger than she is” [15].*

Ҷолиби диққат аст, ки ин пайвандакҳо маъмулан дар аввали ҷумлаи пайрав ва гоҳо дар байни аъзои он омада, ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла ҷойгир мешавад.

Пайвандаки таркибии “**бар ин /он/ ки**” асосан дар адабиёти классикӣ дида мешавад. Аммо пайвандакҳои “**аз хусуси ин/он/ ки”, “аз ин /он/ ки**”, “**барои ин /он/ ки”** тозабунёд буда, дар забони адабии муосир мустаъмал бошанд ҳам, камистеъмол ҳастанд.

Ба пеши хайли хаёлаш кашидам аблақи чашм,
Бад-он *умед,* ***ки*** *он шаҳсавор бозояд![12].*

Калимаю таркибҳои ҳамнисбат дар таҳкими алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳам саҳми калон доранд. Гоҳо ба шарофати онҳо истифодаи ҷумлаи пайрав маълум мешавад. Аз ин ҷиҳат, махсусан ҷонишинҳои ишоратӣ, ки ба вазифаи калимаи ҳамнисбат омадаанд, ҷолибанд. Мисолҳо*:* ***Ҳеҷ кас*** *ҳадди* ***онро*** *надошт,* ***ки*** *аз болои онҳо ба ҷое рафта арз кунад[4]. Ҳозир шумо ба ҳамин шукр кунед,* ***ки*** *базӯр розӣ кунондему дар* ***он*** *ҷо монд[4].*

Ҳар дил, ки *зи ишқи туст холӣ,*
Аз ҳалқаи васли ту бурун бод! [12].

Хулоса, воситаҳои алоқаи асосии ҷумлаи пайравро бо сарҷумла дар забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ намуда, ба хулосае омадем, ки нақши воситаҳои асосӣ дар

ташаккули ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва муайян намудани хелҳои ҷумлаҳои пайрав хеле бузург аст.

Муқарриз: ***Ризоева Г.И.*** – н.и.ф., дотсенти ДТИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қ.II-III / С. Айнӣ. - Сталинобод: Нашриёти давл. Тоҷикистон, 1954. -325с.
2. Арендс, А.С. Наҳви мухтасари забони муосири адабии форсӣ / А.С. Арендс. -М., Л.: Нашр. АИ ИҶШС, 1941, -С. 957с.
3. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. -Сталинобод, 1956. -С. 8-10.
4. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ / Ҷ.Икромӣ. Нашриёти давл. Тоҷикистон, 1954. -236 с.
5. Маслова, А.М. Забони англисӣ барои донишгоҳҳои тиббӣ / А.М. Маслова ва диг. - Москва, 2014. -336 с.
6. Молчанова, Е.К. Асосҳои наҳви забони форсии миёна: автореф дис... ном. илм. фил. / Е.К. Молчанова. - М., 1963. - 19 с.
7. Рустамов, Ш. Ҷумлаи пайрави пуркунада дар забони ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1988. - 101с.
8. Самаки айёр. Ҷ.VIII. - Душанбе: Ирфон, 1985. -245с.
9. Тоҷиев, Д.Т. Калимаҳои бо пайвандакҳо ҳамнисбат дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони адабии тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе, 1966. - 224 с.
10. Улуғзода, С. Навобод / С.Улуғзода. - Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1953. - 456 с.
11. Қосимова, М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Сталинобод: Нашри АИ ИҶШС, 1961. – 236 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори гузида / Шерозӣ, Ҳофиз. - Душанбе: Ирфон, 1971. – 568 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Президенти мо. - Душанбе, 2006. – 309 с.
14. Edgar P. Six tales of fear. - Washington, 1993. – 128 p.
15. Leigh Michael. Taming a Tycoon. - Canadian trade marks office, 1995. – 186 p.

КОРБУРДИ ВОСИТАҲОИ АСОСИИ АЛОҚАИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА БО САРҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар алоқаи грамматикии сарҷумла ва ҷумлаи пайрави пуркунанда пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, калимаю ибораҳои пайвандакӣ, мутобиқати шаклҳои феълӣ, феъл-хабарҳо /хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав/, тартиби ҷумлаҳо/-и содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ/, интонатсия ва як гурӯҳ воситаҳои ёвар саҳм мегиранд. Муҳаққиқон дар бораи ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат кардани пайвандакҳои тобеъкунандаи **“ки”,** калимаҳои пайвандакии **“гуфта”, “гӯён”,** интонатсия ва ҷойи ҷумлаҳо маълумот додаанд. Мо ба асарҳои таҳқиқотии наҳвшиносони шинохта такя карда, маводи гирдовардаи худро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода ба чунин хулоса омадем, ки воситаҳои алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда аз рӯйи саҳми худ дар ҷумла ва дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. 1. Воситаҳои асосӣ: пайвандакҳо, калимаю ибораҳои пайвандакӣ, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, хабари ҷумлаи пайрав ва сарҷумла/, тартиби ҷумлаҳо/-и содаи таркиби ҷумлаи мураккаб/, оҳанги гуфтор. 2. Воситаҳои ёвар: ҷонишину бандакҷонишинҳо, калимаҳои модалӣ, ҳиссачаҳо. Бояд қайд намуд, ки дар байни воситаҳои ёвар дар ташаккули ҷумлаи пайрави пуркунанда нақши пайвандакҳо хеле муассир ба ҳисоб меравад. Пайвандаки семантикии “то ки”, “то ин ки”, “ки то” дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои муқоисашаванда низ нақши муайян дорад. Ҳамин тариқ, дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла пайвандакҳои содаю таркибии **“ки”-that, “то”, “то ки”-who, “то ин ки”- how, “ки то”-which,” about it”, whom** саҳми муҳим доранд. Албатта, дараҷаи истеъмоли онҳо аз ҳам фарқ дорад.

Калидвожаҳо: восита, алоқа, ҷумлаи пайрав, пуркунанда, сарҷумла, синтаксис, воситаҳои асосӣ, пайвандак, ҳиссача, калимаҳои ҳамнисбат, воситаҳои ёвар, грамматика, тобеъкунанда, интонатсия.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ СВЯЗИ ДОПОЛНИТЕЛЬНЫХ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ГЛАВНЫМ ПРЕДЛОЖЕНИЯМ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В грамматическом отношении в дополнительных придаточных предложениях важную роль играют подчинительные союзы, родственные слова, союзные словосочетания, сочетаемость глагольных форм и сказуемого. Исследователи предоставили информацию об использовании подчинительных союзов «ки», союзов «гуфта», «гӯён», интонации и месте предложений как средстве грамматической связи следующего дополнительного придаточного предложения. Мы опирались на исследования известных лингвистов, изучали и исследовали собранные нами материалы и пришли к выводу, что грамматические средства дополнительного придаточного предложения делятся на две группы в зависимости от их вклада в формирование сложноподчиненного предложения: 1. Основные средства: союзы, слова и словосочетания, относительные слова, сочетаемость форм глаголов, структура предложения и придаточное предложение/, порядок простых предложений/состав сложного предложения/, интонация. 2. Вспомогательные средства: местоимения и придаточные местоимения, модальные слова, частицы. Следует отметить, что роль союзов считается очень действенной среди вспомогательных средств при образовании дополнительных придаточных предложений. Семантическая связь «то ки», «то ин ки», «ки то» также играет определенную роль в грамматической связи придаточного предложения сравниваемых языков. Так, в грамматической связи следующего дополнительного придаточного предложения с подлежащим образуются простые и сложные союзы «ки»-то, «то», «то ки»-кто, «то ин ки»-как, «ки то, которые играют важную роль. Конечно, уровень их употребления разный.

Ключевые слова: средство, связь, придаточное предложение, дополнение, предложение, синтаксис, главное средство, союз, причастие, относительные предложения, вспомогательное средство, грамматика, придаточное, интонация.

THE USE OF THE MAIN MEANS OF COMMUNICATION OF THE OBJECTIVE SUBORDINATED CLAUSES WITH THE PRINCIPAL SENTENCE IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In the grammatical relationship between the principle sentence and the object clause will contribute subordinate conjunctions, related words, connecting words phrases, compatibility of verb forms and predicate. Researchers have provided information on the use of subordinating conjunctions “ки”, conjunctions “гуфта”, “гӯён”, intonation and the place of sentences as a means of grammatical communication of the objective clause sentence. We relied on the research works of well-known linguists, studied and researched our collected materials, and came to the conclusion that the grammatical means of the objective sentence are divided into two groups based on their contribution to the sentence and to the formation of the complex subordinate sentence. 1. Main means: conjunctions, words and phrases, relative words, compatibility of verb forms, sentence structure and clause/, order of simple sentences/ complex sentence composition/, intonation. 2. Auxiliary means: pronouns and subordinate pronouns, modal words, particles. It should be noted that the role of conjunctions is considered to be very effective among the auxiliary tools in the formation of the clause objective sentence. The semantic link “то ки”, “то ин ки”, “ки то” also plays a certain role in the grammatical connection of the objective clause of the comparable languages. Thus, in the grammatical connection of the following objective clause sentence to the subject, simple and compound conjunctions “ки”-that, “то”, “то ки”-who, “то ин ки”- how, “ки то”-which,” about it”, whom have an important contribution. Of course, the level of their consumption is different.

Key words: means, connection, subordinate clause, object, clause, syntax, main means, conjunction, particle, relative clauses, auxiliary means, grammar, subordinator, intonation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. К.Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Сведения об авторе: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Медико-социальный институт Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, Душанбе, ул. К. Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Information about author: ***Sharifova Adolatkhon Sharifovna*** - Medical and Social Institute of Tajikistan, candidate ofphilological science, docent, the Head of department of languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, K. Setkina Str., 2. Phone: **(+992) 918-30-57-17**

ТДУ: 811.21/.22

НАҚШИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ШАКЛГИРИИ ҶУМЛАҲОИ ЯКТАРКИБА

Юлдашева Л.У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре маълум аст, ҷумлаҳои сода аз ду ҷиҳат гурӯҳбандӣ карда мешаванд: 1) аз ҷиҳати таркибу сохт ва 2) аз ҷиҳати марому мақсад. Ҳангоми аз ҷиҳати сохту таркиб тасниф намудан иштироки аъзои ҷумла ба назар гирифта мешавад. Аз рӯйи ин аломат ҷумлаҳои содаро ба яктаркибаву дутаркиба, хулласу тафсилӣ, пурраву нопурра ва муфассалу ғайримуфассал ҷудо мекунанд. Ҳангоми аз ҷиҳати марому мақсад гурӯҳбандӣ кардан бештар ба оҳанги гуфтор эътибор медиҳанд ва аз рӯйи ин хусусият ҷумлаҳои содаро ба ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо мекунанд. Ҷумлаҳои сода аз сараъзо ва аъзои пайрав таркиб ёфта, вобаста ба иштироки онҳо ҷумлаҳои содаро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

1.Ҷумлаҳои содае, ки дар шаклгирии онҳо ҳар ду сараъзо – мубтадо ва хабар, иштирок доранд, дутаркиба меноманд: *Аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад. Аробаи холӣ садои баланд дорад* [11, с.56-89].

2.Ҷумлаҳои содае, ки дар шаклгирии онҳо яке аз сараъзои ҷумла ширкат мекунад, яктаркиба ном доранд. Ҳамаи аъзоҳои пайрав ба ҳамон сараъзо вобаста шуда меоянд: *Аз даҳонаш бӯйи шир меояд. Аз даҳони бад бӯйи бад. Аспи пешкашро ба дандонаш нигоҳ намекунанд [11, с.56-89].*

Мубтадо чунин сараъзои мустақили ҷумла аст, ки мафҳуми шайъро фаҳмонда, амалу ҳолат ва аломати дар хабар ифодаёфта дар замону шахси муайян ба вай нигаронида мешавад: *Ақл қувват гирад аз ақли дигар. Бесавод кӯр аст. Вай пашшаро ҳам озор намедиҳад. Гург вакили гӯсфанд шудааст. Гурги гурусна оғил мекобад* [11, с.56-89].

Хабар сараъзои дигари мустақили ҷумла буда**,** амал, ҳаракат ва ҳолату аломати дар замону шахси муайян ба мубтадо [фоъил] нигаронидашуда дар он ифода меёбад. Хабар ба мубтадо бояд аз рӯйи шахсу шумора мувофиқат кунад: *Дар ҷанг мурдан беҳ аз асирӣ. Даст дастро мешиносад. Мӯрчаро бо табар куштан. Нестиро илоҷе нест.*

Ҷумлаи содаи яктаркиба. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба гуфта ҷумлаҳоеро меноманд, ки дар он аз сараъзоҳо – мубтадову хабар, танҳо яке иштирок дорад. Онҳо ҷумлаҳои табиии забон буда, ҳам дар шакли холис ва ҳам дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби гуногун дучор мешаванд. Зикр нагардидани сараъзои дуюм ба ифодаи пурраи фикр монеъ намешавад. Ҷумлаҳои мазкур дар шакли хуллас, яъне танҳо ҳамон аъзои ягона ва ҳам тафсилӣ дучор мешаванд. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ ва ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ. Ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ *муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс* ва *бешахс* мешаванд. Барои он феълӣ меноманд, ки аз сараъзоҳои ҷумла танҳо хабар иштирок дорад ва ин сараъзои ягона онҳоро, аз як тараф, ба як гурӯҳ муттаҳид мекунад ва аз тарафи дигар,аз ҳамдигар фарқ мекунонад [6, с.121]. *Кордаш ҳамеша болои равған. Ҳамаро бо як чӯб намеронанд. Ҳар кор вақту соат дорад. Ҳар одамро рафтане дар пай аст. Чандин харбузапазӣ гузашт. Як гапи кӯтоҳ-олам гулистон [11, с.56-89].*

а) Ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс. *Ҷумлаи содаи яктаркибае, ки иҷрокунандаи амал ба таври умумӣ* ифода ёфта, хабар бо шакл ва шахсҳои гуногуни феъл ифода шуда, аз рӯйи он иҷрокунандаро аниқ муайян кардан имконнопазир аст ва инчунин он маъниро ҳар шахс ба худ қабул карда метавонад, *ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс* номида мешавад. Ин гуна ҷумлаҳо он маъноеро ифода мекунанд, ки вай дар натиҷаи таҷрибаи ҷамъиятӣ, хулосабарориҳои одамон ба амал омадааст. Бинобар ин, ҳамаи аъзоёни ҷамъият онро як хел қабул мекунанд. Ҷиҳати хосси семантикии ин ҷумлаҳо он аст, ки гӯянда онҳоро танҳо дар ҳолати боварибахш ва баҳснопазир буданашон ва ба ин боварӣ доштанаш истифода мебарад. Ғайр аз ин, амали ин навъ ҷумлаҳо дар зиндагӣ санҷида шудааст, одамон онро аз сар гузаронида, манфиату зарари онро дар амалиёту зисту зиндагонии худ аз таҷриба гузаронидаанд.

Азбаски хабар воситаи муттаҳидкунанда ва дар баробари ин, фарққунандаи ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ аст ва хабари ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс бо сиғаҳо ва шахсу шумораҳои гуногуни феъл ифода мегардад, меъёри асосӣ ва ҳалкунанда дар муайян намудани ҷумлаи умумишахс ва фарқи он аз навъҳои дигар ҷиҳати семантикии худи ҷумла

мебошад. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс ба амале далолат мекунанд, ки он ба шахси конкрет нигаронида нашуда, ба умум тааллуқ дорад:

Гандум корӣ, гандум медаравӣ, ҷав корӣ-ҷав медаравӣ. Шабхез бош, ки комраво бошӣ.
Бад макун, ки ба бад афтӣ
Чоҳ макан, ки худ афтӣ,
Аз некон бош то биҳиштӣ шавӣ [1, с.23].

-*Ифодаи хабари ҷумлаи содаи умумишахс бо сиғаи ха*барӣ. Бо шумораи танҳо ифода гардидани хабар ниҳоят серистеъмол аст. Бештар маънои водоркунӣ, таъкид ва баъзан хилоф ифода мегардад. Ҷумлаҳои мазкур ба зарбулмасалу мақолҳо хос аст:

Сухани рост аз бача шунав. Аз шолипоя шаб нагузар. Аз суҳбати дӯстон машав гурезон. Гап зану қандатро хӯр. Ганҷ магир, китоб гир. Аз шунидагӣ напурс, аз дидагӣ пурс.

-Шумораи ҷамъ нисбатан камтар ба ин вазифа меояд. Дар ин гуна ҷумлаҳо ба ду масъала равшанӣ андохтан лозим меояд: якум, шакли ҷамъ ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ монанд аст, дар ин ҳол воситаи фарқкунанда асосан сохти ҷумла аст, яъне агар ҷумла сода бошад, аксар сиғаи амрӣ ва агар мураккаб, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ истифода мегардад; дуюм, ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс ҳам бо шумораи ҷамъи сиғаи амрӣ ифода мегардад. Дар мисолҳои зер хабар бо шахси дуюми ҷамъ ифода ёфта бошад ҳам, ҷумла умумишахс аст, зеро фикр ба умум дахл дорад: *Дониста кор кунеду андешида сухан.*

-Ифодаи хабари ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ. Ба вазифаи хабар, асосан, шахси дуюми танҳои аорист меояд ва бештар чун ҷумлаи пайрав истифода мешавад. Гӯянда ба баҳснопазир будани ҳодисаву воқеаҳо боварӣ дорад: *Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор. Овезӣ, ба дори баланд овез. То бад нагӯӣ, нек наояд.*

-Ифодаи хабари ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс бо сиғаи хабарӣ. Ба вазифаи хабар бештар шахсу шумораҳои гуногуни замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ меояд. Дар ин навъ ҷумлаҳо амал аз тарафи гӯянда иҷро шуда бошад ҳам, худро рӯпӯш мекунад, касони дигарро шарик ва аз онҳо гӯё маслиҳат мепурсида бошад, баён мекунад: *Оҳанро дар гармӣ мекӯбанд. Магар оташро бо оташ хомӯш мекунанд? Бо чормағи пуч бағалро пур мекунанд. Бе гов шабона ҷуфт мекунанд. Духтарам, ба ту мегӯям, келинам, ту шунав.*

-Бо замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ифода шудани ин гуна хабарҳо низ мушоҳида мешавад: *Аз замин ёфтӣ, шумурда гир. Бе дарди сар нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам. Арзон нахаридем, ки арзон фурӯшем.*

-Хабари ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс бо исм, сифат ва сифати феълӣ низ ифода шуда метавонад, вале ниҳоят кам: *Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ, Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ! Ҷавонию тавонӣ, пирию нотавонӣ. Аз таги дор гурехтагӣ. Сад гӯлахба алов мондагӣ* [1, с.66].

-Дар ин хели ҷумлаи яктаркиба, ки тавассути онҳо зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дар забони тоҷикӣ бисёр дида мешавад, дар баёни ҳаводис ва вақоеъ аз забони панди ибрат истифода мешавад: *Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо. Пурсидан айб нест. Пурсида-пурсида Маккаро ёфтаанд.*

-Ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс низ дар шакли ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ ва инчунин дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб меоянд: *Аёз, ҳадди худро бишнос. Аз анбори холӣ, сад ман шолӣ. Аз аҷал пештар фотиҳа. Аз байзаи зоғ бачаи товус набарояд. Аз бало ҳазар.*

- **Ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахси ҳикоягӣ:**

-Гул бе хор намешавад.

- **Ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахси саволӣ:**

Обе, ки зи чашм рафт кай ояд боз? [Фозилов, 1976, 155],
Ман пушаймон гаштам, ин гуфтан чӣ буд?
Лек чун гуфтам, пушаймонӣ чӣ суд? [Маснавӣ, 58/1670]
Оби чашмам кам нашуд чандон, ки миҷгон бар гирифт
Кас ба парвезан чӣ гуна оби Ҷайҳун кам кунад? [Камоли Хуҷандӣ, 370].

- **Ҷумлаҳои амрӣ:**

Накуи куну дар об андоз; ***Душманро бо чашми кам мабин.***

Табиист, ки ин гуна ҷумлаҳои амрӣ на ба як шахс, балки ба умум равона карда шудааст.

б) Ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс аз рӯйи мавҷудияти сараъзои ягона – хабар ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ тааллуқ дорад, вале ба куллӣ аз онҳо фарқ мекунад, зеро амали он ба ягон шахс ва ё ягон шайъ вобастагӣ надорад. Иҷрокунандаи амал аз мазмуни

ҷумла ҳам дониста намешавад ва онро пайдо ва ё тасаввур кардан ҳам мумкин нест. Ин ҷумлаҳо табиатан ҷумлаи бемубтадо мебошанд, ба он эҳтиёҷ надоранд ва аз рӯйи хабар ба мубтадо савол гузоштан ҳам имкон надорад. Набудани мубтадо ва ба ягон шахс ва ё предмет тааллуқ надоштани амал ба маъно ва сохти ҷумла нуқсон намеорад. Ин ҷумлаҳо амалеро мефаҳмонанд, ки иҷро шудани он зарур, лозим, мумкин, имконпазир ё баръакс нодаркор, номумкин ва имконнопазир аст: *Ба ҳар овози баланду ҷуссаи қавӣ бовар набояд кард. Ҳақиқатро қатъ карда намешавад.*

-Хабари ҷумлаи бешахс ҳамеша таркибӣ мешавад ва бо масдару феълҳои бешахси боистан, шоистан, тавонистан, шудан ва калимаҳои модалии лозим, зарур, даркор, мумкин ифода мегардад. Аз рӯйи ифодаи хабар ҷумлаҳои бешахс ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

-Ба гурӯҳи аввал ҷумлаҳое дохил мешаванд, ки хабарашон бо масдару феълҳои бешахси *боистан* ва *шоистан* ифода мегардад. Масдари ин гуна хабарҳо аксар дар шакли кӯтоҳ, ки зоҳиран ба асоси замони гузаштаи феъл монанд аст, меояд: *Дар дили дӯст ба ҳар ҳила роҳ бояд ёфт.*

Масдари кӯтоҳ будани ин гуна феълҳо аз он ҳам маълум аст, ки онҳо ба шахс далолат намекунанд ва амали аз тарафи шахси сеюми танҳо дар замони гузашта иҷро кардашударо намефаҳмонанд, онҳо танҳо амалро номбар мекунанду халос: *Бо меҳмон лутфу назокат **бояд к**ард. Акнун то шом тоқат **бояд** кард. Аз паси мурда бад **набояд** гуфт.*

-Феъли ***бояд*** дар шаклҳои *набояд, мебояд, намебояд, боист* низ меояд: *Озмударо набояд озмуд. Воқифи вақти хеш мебояд буд.*

-Феълҳои ҷумлаҳои дорои зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, ки дар шаклҳои тасрифӣ, яъне шаклҳои шахсдор, сиға, замон, шахсу шумора ва тарзу намуд доранд, чунин вижагиҳо доранд: *Яке бачаи гург мепарварид, Чу парварда шуд хоҷаро бидарид* [9, с.44]. *Агар дардам яке будӣ чӣ будӣ, Ва гар гам андаке будӣ чӣ будӣ; Гурги гурусна чу гӯшт ёфт, напурсид, К-ин шутури солеҳ аст ё хурдҷол* [9, с.46]. *Поёни шаби сияҳ сафед аст* (сиғаи хабарӣ, шахси сеюми танҳо, тарзи фоил, замони ҳозира-оянда). Шаклҳои тасрифии феълро, ки одатан дар ҷумла ба вазифаи хабар-предикат меоянд, шакли предикативӣ ҳам меноманд. Ҳамаи шаклҳои феъл (хоҳ тасрифӣ бошанд, хоҳ ғайритасрифӣ) на танҳо умумияти луғавӣ, балки бештар умумияти грамматикӣ доранд: *Роҳи дониширо ба ҳар гуна забон, Гирд карданду гиромӣ доштанд. То ба санг-андар ҳаме бингоштанд* [1, с. 55]. Аломатҳои умумӣ ва монандии морфологии феъл ҳамоно шахсу шумора, замону сиғаи онҳо мебошад.

-Феъли ***шояд*** нисбатан камистеъмол аст. Вай дар шакли нашояд омада, зарур ва лозим набудани иҷрои амали масдарро мефаҳмонад: *Ба гузашта афсӯс намешояд хӯрд.*

-Хабар бо масдар ва феъли ёридиҳандаи тавонистан ифода мешавад ва ба имконпазир ва ё имконнопазир будани иҷрошавии амал далолат мекунад: *Ба ҳикмат ҳалли ҳар мушкил тавон кард. Ба шамшери чӯбин ҷанг натавон кард.*

-Хабари ин ҷумлаҳо бо масдару феъли ***шудан*** ифода мегардад. Масдар дар шакли пурра ва инчунин кӯтоҳ, ки зоҳиран ба сифати феълии замони гузашта монанд аст, меояд: *Дили ҳамаро ёфта **намешавад.** Кӯр пинҳон кардаро наёфта мулло **шудам.** Осиё бе муш **намешавад.** Охираш ба хайр **шавад.***

- Хабар ба воситаи масдари пурра ва калимаҳои модалии *лозим, даркор, зарур, мумкин* ва муродифҳои онҳо ифода мегардад: *Ҳақиқатро бо буҳтон, офтобро бо доман пӯшондан мумкин нест.* Ду кас ранҷи беҳуда бурданд ва саъйи бефоида карданд: яке он, ки андӯхту нахӯрд ва дигар он, ки омӯхту накард [9, с. 184].

-Хабар ба воситаи феъли мафъули ***шудан*** ифода мегардад: *Сагро ба зӯрӣ шикор бурда намешавад. Ғалберро аз об бардорем, маълум мешавад.*

-Хабар ба воситаи феъли ёвари *будан* ва *бошад* ифода мегардад: *Пойи чароғ торик **бошад.***

-Ҷумлаи бешахс дар шакли саволӣ бисёр истифода мешавад: *Аз падари беҳунар чӣ меомӯзад писар? Ақл кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ фоида?*

-Хусусияти ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс он аст, ки ба мисли ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва ё яктаркибаи муайяншахс зиёд тафсил намеёбад. Дар ин ҷумлаҳо ҳам пуркунанда аъзои серистеъмол аст: *Афтодаро намезананд. Ба болои сӯхта намакоб. Ба гузашта салавот. Ба гуфтани «оташ» забон намесӯзад. Ба гуфтан кор осон. Ба дӯсти носанҷида бовар набояд кард. Ба кайк ситеза карда гилемро сӯхтан. Ба кордон кор осон. Ба кӯрпаат нигоҳ карда по дароз кун.*

в) Ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бемубтадое, ки хабари он ба воситаи феъли шахси номаълум иҷро шуда ва ё иҷрошавандаро ифода мекунад. Ҷумлаҳои номуайяншахс бештар дар мақол ва зарбулмасалҳои омма ба кор бурда мешаванд: *Шутурро бо кафлез об намедиҳанд; Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд; Харро дар тахти шаб нақди харрост; Хунро бо хун намешӯянд, оҳанро дар гармияш мекӯбанд.*

Ҳамон тавре ки мебинем, дар мисолҳои боло шахси феълии севумӣ ҷамъ аст, вале манзуру мақсади хабари шахсӣ мушаххас нест, муайян намекунад, ки кадом шахс бояд мухотаби ҷумлаи мо бошад. Дар аксари осори адибони форсӣ аз ин даст ҷумлаҳо дида мешавад, забони форсӣ забони панд ва ҳикмат аст. Овардани зарбулмасал дар ҳини нутқ баргиройи матнро меафзояд. Ҳамин боис мешавад, ки ин навъи ҷумла ба маротиб зиёд мавриди корбурд қарор гирад. Дар аксари осори мансур ва манзуми адаби форсӣ барои таҷассуми зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дида мешавад. Дар мисолҳои боло мебинем, ки ин навъи ҷумалоти яктаркиба зарбулмасале аст, ки миёни мардум ривоҷ дошта ва дорад. Ба ин навъи ҷумлаҳо мубтадо вуҷуд надорад ва бандаки ки дар охири феъл омада ва севуми шахси ҷамъ бар мубтадои номаълум далолат дорад. Дар ҷумлаи яктаркиба ҳамон тавре ки дар мисолҳои боло мебинед, шахси ин ҷумлаҳо шахси севуми шумораи ҷамъ мебошад ва мубтадои онҳо ашхоси хос нестанд ва маълум нест ва мубтадои буда номаълум мебошад.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, зарбулмасалу мақолҳои халқие, ки тавассути ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс ва номуайяншахс ифода ёфтаанд, аз назари шакл ва сохтор ба ҳам наздик мебошанд, вале аз ҷиҳати вазифа, мазмун фарқ доранд:

-Дар ҷумлаҳои номуайяншахси зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ифодаёфта ба вазифаи хабар фақат шахси сеюми ҷамъ меояд ва дар хабари ҷумлаҳои умумишахс феълҳои дувуми шахси муфрад, якум ва дуюми шахси ҷамъ ва сеюми шахси ҷамъи танҳои замони ҳозира ва оянда омада метавонанд: *Шутурро бо кафлез об намедиҳанд; Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд; Харро дар тахти шаб нақди харрост; Хунро бо хун намешӯянд, оҳанро дар гармияш мекӯбанд.*

-Яке аз дигар хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаи умумишахси баёнгари зарбулмасалу мақолҳои халқӣ аз он иборат аст, ки фикр дар он ба таври қиёсӣ ифода меёбад ва ин ҳодиса дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва форсии эронӣ мустаъмал мебошад. Аммо ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахси баёнгари зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ин бозгӯро надорад. Мисол, ҷиҳати ҷумлаи яктаркибаи умумишахси баёнгари зарбулмасалу мақолҳои халқӣ:

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй [9, с.65].

Магӯй он сухан, ки дар он суд нест,
Ки аз оташ баҳрро дуд нест [9, с.87].

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд [1, с.67].

Каме гӯй ба маслиҳати хеш магӯ,
Чизе, ки пурсанд аз пеши худ магӯ [9, с.45].

г) Ҷумлаҳои бешахс. Ин навъ ҷумлаҳои яктаркибаи баёнгари мазмуни зарбулмасалу мақолҳои халқиро, ки мубтадо дар он дида намешавад ва мубтадо (ниҳод) аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад, ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс ном ниҳодаанд. Дар ҷумлаҳои содаи бешахси барои баёни зарбулмасалу мақолҳои халқӣ омада, хабар одатан дар шакли таркибӣ меояд. Феъли асоси ин гуна ҷумлаҳо ҳамеша аз асоси замони гузашта (шахси сеюми танҳои муфрад) ва феъли ёридиҳандаи онҳо аз шаклҳои бояд ва боист иборат будааст. Шарт ва зарурати ба вуҷуд омадани ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс ҳамин калима, воситаҳо мебошанд: *То реша дар об аст, умеди самар аст; Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд кард; Ангура хӯру богаша напурс; Ихлосу халос; Гул бе хор намешавад, гӯшт бе устухон; Пайи шох шуд, гӯш бар бод дод; Дунболи шох мегашт, гӯшашро аз даст дод; Гадоро кунад як дирам сим сер, Салимон ба мулки аҷам ним сер* [9, с.45]. *Шӯхчашмӣ зиёни имон аст, шармдида забони имон аст; Ҳар киро шарм аз ӯ кунад дурӣ, Наканад пардаи мастурӣ; Ҳар кас ҳаёи ӯ кам бошад, тақвояш кам аст; Обест обрӯ, ки наёяд ба ҷӯй боз; Он рӯз, ки бигзашт, куҷо ояд боз; Ҳар фурсате даст ёфтӣ, нест; Одам ба одам зинда аст; Касе, ки бахташ сиёҳ бошад, анҷоми ҳар коре барояш бефоида аст; Агар ба ҳар сари мӯяш ҳунар дусад бошад, Ҳунар ба кор наояд чу*

бахт бад бошад [9, с.89]; *Бадбахт бадбахт аст агарчи ба думаш фонус васл бошад. Агар қисматаш набошад, кор карданаш бефоида аст; Ҳар чӣ насиб аст на кам медиҳад, В-ар наситонӣ ба ситам медиҳад* [9, с.89].

-Гоҳо дар зарбулмасал ё мақол фақат ҳиссаи хулоса дида мешавад: *Аз гов гадуд; Гурба шер мезанад; Забон лаҳми гӯшт; Кори дунё адоӣ надорад* ва монанди инҳо...

Зарбулмасалу мақолҳо хусусиятҳои миллӣ, тарзи зиндагӣ ва таърихи инкишофи тамаддуни халкро дар худ инъикос мекунанд. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон онҳоро ба махзани донишҳои халқӣ баробар донистаанд. Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ мавзуъҳои хеле гуногуни ҳаёти гузаштаи халқамон, чун муборизаи синфӣ, ақидаҳои ахлоқӣ, муносибатҳои оилавӣ, маданияти моддӣ, ақидаҳои фалсафӣ инъикос ёфтаанд: *Пайи шох шуд, гӯш бар бод дод; Дунболи шох мегашт, гӯшашро аз даст дод; Гадоро кунад як дирам сим сер, Салимон ба мулки аҷам ним сер [9, с.67]; Инсони ҳарис монанди шикофе аст, агарчи ҳама дунёро дар ӯ бирезанд пур намешавад; Тамаъ мебарад аз рухи мард об, Сияҳрӯй шуд то гирифт офтоб [9, с.90]; Он ҷон, ки ҷомаи тамаъ бипӯшад, хештанро ба забунӣ афканад; Ҳар киро бо тамаъ сарукор аст, Гар азизи ҷаҳон бувад хор аст; Ҳар касе, ки дучори озмандист, дар буги забунист; Он рӯз, ки бигузашт, кӯҷо ояд боз; Ҳар фурсате даст ёфтӣ, нест; Одам ба одам зинда аст; Ҳаме то бигардонӣ ангуштарӣ, Ҷаҳонро дигаргун шавад доварӣ; Агар як тараф бароят сахт аст, тарафи дигар осонест; Байни ду палос бар замин аст; Монанди афтодае миёни ду бистар Агар ба ҳар сари мӯяш ҳунар дусад бошад, Ҳунар ба кор наояд чу бахт бад бошад* [9, с. 89]; *Бадбахт бадбахт аст агарчи ба думаш фонус васл бошад. Қисме, ки маро наёфариданд, Гар саъй кунам муяссарам нест; Агар қисматаш набошад, кор карданаш бефоида аст; Ҳар чӣ насиб аст на кам медиҳад, В-ар наситонӣ ба ситам медиҳад Номи ин қавб биёяд набешаст; Дастори домагон дар қабо бояд ниҳод* ва монанди инҳо [9, с.82].

Ҳамин тариқ, ин гуна ҷумлаҳои содаи яктаркиба имрӯз низ аз наср ва адабиёти муосир истифода шуда ва дар ин мақола қисми ҷумлаҳои сода бо овардани мисолҳои бисёр дида мешавад ва бо татбиқи навъҳои ҷумлаҳои содаи яктаркиба шабоҳат ва қаробати хос бо насри ҳозира дорад.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Девон. – Душанбе, 2007.
2. Анварӣ, С. Вожасозӣ дар забони ашъори Хоча Камол / С.Анварӣ // Адаб. - № 4-6. - С.42-46.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе, 1973. - 458 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексика. - Душанбе, 1981. - 102 с.
5. Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф. Зикриёев. – Душанбе, 1977. – 121 с.
6. Муҳаммад Бурҳониддин Бурҳони қотеъ. Ҷ.1, 2. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 497 с.
7. Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М.Норматов. - Душанбе, 1992. - 240 с.
8. Талбакова, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии антонимӣ / Ҳ. Талбакова // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1990. – С.46-50.
9. Шукуров, М. Забони мо – ҳастии мо / М. Шукуров. - Душанбе: Маориф, 1991. - 228 с.
10. Ҳошимов, С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳошимов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. - Душанбе, 1971. - С. 22.
11. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Ҷ.1 / М.Фозилов. – Душанбе:Ирфон, 1975. - 368 с.
12. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Ҷ.2 / М. Фозилов. – Душанбе:Ирфон, 1977. – 583 с.
13. Этимологический словарь иранских языков. Том 1. - М.: Изд.фирма «Восточная литература» РАН, 2000. - 327 с.

НАҚШИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ШАКЛГИРИИ ҶУМЛАҲОИ ЯКТАРКИБА

Дар мақола таснифи ҷумлаҳои сода, хусусиятҳои маъноию шаклӣ ва дастурии онҳо ба инобат гирифта шуда, гуфта мешавад, ки ҷумлаҳо аз рӯйи мавҷуд будани сараъзоҳо ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мешаванд: *Яке бачаи гург мепарварид, Чу парварда шуд хоҷаро бидарид.* Муаллиф иброз менамояд, ки аз рӯйи мавҷуд будани аъзоҳои пайрав ҷумлаҳои содаро ба *хулласу тафсилӣ* ҷудо мекунанд: *кордаш ҳамеша болои равган; ҷӯянда-ёбанда; ва* аз рӯйи мавҷудият ё қисман истифода нашудани аъзоҳои ҳатмӣ низ ҷумлаҳои содаро ба **пурра** ва **нопурра** тасниф мекунанд: *Оби сард боло намеравад*. Инчунин таъкид мегардад, ки ҳангоми аз ҷиҳати марому мақсад гурӯҳбандӣ кардан бештар ба оҳанги гуфтор эътибор дода мешавад ва аз рӯйи ин хусусият ҷумлаҳои содаро ба ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо мекунанд. Ҷумлаҳои сода аз сараъзо ва аъзои пайрав таркиб ёфта, вобаста ба иштироки онҳо ҷумлаҳои содаро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба. Дар навбати худ ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ ва ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ. Ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ бошад боз *муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс* ва *бешахс* низ мешаванд. Муаллиф дар охир қайд менамояд, ки

дар воқеъ, наҳвиёти ҳар забон хусусияти миллӣ дошта, сохти дастурии он забонро нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат, илми наҳв дар низоми таълими асосҳои дастури забон нақши муҳимро молик аст.

Калидвожаҳо: наҳв, ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба, хусусияти маъноӣ, ҷумлаи муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс ва бешахс.

РОЛЬ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ОБРАЗОВАНИИ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

В статье классификация простых предложений учитывает их смысловые, формальные и конструктивные особенности, а также говорится, что предложения делятся на простые односоставные и двусложные по наличию предлогов: волчонок, когда его подняли, он подрезал хозяина. Автор указывает, что благодаря наличию придаточных предложений простые предложения разделяются на сводные и детализированные: нож всегда в масле; искатель; по наличию или частичному неупотреблению обязательных членов простые предложения делятся на полные и неполные: Холодная вода не поднимается. Также подчеркивается, что при классификации по целевому назначению больше внимания уделяется тону речи, и на основании этого признака простые предложения делятся на повествовательные, вопросительные, повелительные и адресные. Простые предложения состоят из подлежащего и сказуемого, а в зависимости от их участия простые предложения делятся на следующие группы: простые односоставные и двусоставные простые предложения. В свою очередь, простые предложения делятся на две группы: простые предложения с глаголами и предложения с существительными. Предложения одного состава настоящего времени бывают определенно-личными, обобщенно-личными, неопределенно-личными и безличными. В заключение автор отмечает, что на самом деле произношение каждого языка носит национальный характер и показывает учебную структуру этого языка. В этом отношении наука грамматика играет важную роль в системе обучения основам языка.

Ключевые слова: грамматика, простые предложения, односоставные и двусоставные простые предложения, семантические признаки, определенно-личные, обобщенно-личные, неопределенно-личные и безличные предложения.

THE ROLE OF PROVERBS AND PROVERBS IN THE FORMATION OF COMPLEX SENTENCES

When classifying simple sentences, their semantic, formal and instructive features are taken into account, and sentences are divided into one-part and two-syllable simple sentences according to the presence of subordinate clauses: The she-wolf raised the wolf cub, When he was raised, he killed the owner, due to the presence of the subordinate clause, simple sentences are divided into simple sentences , they separate the parts: the knife is always on top of the butter; seeker; due to the presence or partial non-use of obligatory members, simple sentences are made complete and incomplete: Cold water does not rise; depending on the attitude of the speaker to reality - the real truth, simple sentences are divided into two types: a) narrative [stories]: ignorance is harder than stone. lend bread to each other; b) inquiringly: Who eats the soul, who eats bread? If the mind is blind, what is the use of sight? c) speech: And whatever you say, tell the truth. But do not tell the truth as a lie, a lie as a truth is good, the truth as a lie, that a lie is acceptable and the truth is unacceptable; d) imperative: The dream is not a mistake. Asia does not exist without mice. The sun shines on everyone equally. May the end be good. In fact, the pronunciation of each language has a national character and shows the structure of teaching this language. In this regard, the science of grammar plays an important role in the system of teaching the basics of language learning.

Key words: role, proverbs and proverbs, classification, compound sentences, Simple sentence, Incomplete sentences, Simple sentence with common personnel.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юлдашева Лутфия Умедовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забони русӣ барои факултаҳои ғайрифилологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Yldasheva _@mali.ru**. Тел.: **(+992) 93-502-75-02**

Сведения об авторе: ***Юлдашева Лутфия Умедовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры русского языка для нефилологических факультетов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Yldasheva _@mali.ru**. Тел.: **(+992) 93-502-75-02**

Information about the author: ***Yuldasheva Lutfiya Umedovna*** - Tajik National University, Senior Lecturer of the Russian Language Department for Non-Philological Faculties. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: Yldasheva _@mali.ru. Phone: **(+992) 93-502-75-02**

ТДУ: 811.21/.22

МАФҲУМИ СЛЕНГ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Кабиров Л.А.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Забони ҳар як халқ ҳамеша дар инкишоф буда, воқеияти зиндагии мардумро ифода мекунад. Дунё дигар мешавад ва ҳамзамон, забон ҳам дигар мешавад. Агар таваҷҷуҳ ба он намоем, ки дар ҳар як ҷомеа гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мавҷуданд, пайдоиши сленг асоснок мегардад. Зеро байни ҳамаи ин гурӯҳҳо муошират шифоҳӣ мавҷуд аст ва онҳо ҳангоми муошират лексикон, жаргон ва сленгро истифода мебаранд. Яъне вожаҳо ва ибораҳои забонӣ иваз шуда, вобаста ба синну сол, касбу кор ва намояндаи кадом синф будани ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷойи нутқи гуфтугӯӣ дигар мешавад.

Дар ҷомеаи англисзабонҳо имрӯз сленг ба тамоми ҳаёти иҷтимоӣ, аз нутқи низомиён сар карда, то ба ҳаёти кормандони беморхона ва бозингарони компютер ворид мешавад. Ҳар як намояндаи қишри ҷомеа якчанд вожаҳо ва ибораҳоро дар гуфтугӯ истифода мебаранд ва ҳамчун сленг дар забон устувор гашта, таркиби луғавии забонро ғанӣ менамоянд. Аз ҳама гурӯҳи синну соли иҷтимоии серҳаракат ин ҷавонон мебошанд.

Дар байни ҷавонон сленг ва истифодаи он густариш ёфтааст, зеро маҳз ҷавонон кӯшиш мекунанд дараҷаи забондонии худро бештар нишон диҳанд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи англисзабонҳо истифодаи сленг хеле маъмул аст. Чунончи, дар филмҳои англисӣ истифодаи шумораи зиёди сленгҳои ҷавононро мушоҳида менамоем, ки ҳусну қубҳи муошират ҷавонони муосирро нишон медиҳанд.

Мутлақо бояд бигӯем, ки дар ҳар як забон маҷмуи вожаҳо ва ибораҳое мавҷуданд, ки дар адабиёти бадеӣ ва синамои ҷиддӣ мавриди истифода қарор надоранд. Аммо ин вожаҳо ва ибораҳо дар истифодаи зиёд дар сериалҳо ва сурудҳои овозхонҳо маъмул мебошанд.

Сленг бахши ҷудонашавандаи забон ва нутқ буда, он хусусияти лингвофарҳангии гурӯҳи иҷтимоии истифодабарандаро аёнгар аст. Ба таври мушаххас агар бигӯем, сленг ин лексикаест, ки барои забони адабӣ бегона аст ва дар нутқи зиёиён ва фарҳангиён истифода намешавад. Аммо дар ҷомеаи имрӯзаи англисзабонҳо истифодаи васеи сленгро дар шабакаҳои телевизион, радио, адабиёт, интернет ва муошират ҳаррӯзаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ мушоҳида менамоем. Забони ҷавонон бо истифодаи зиёд ва васеи вожаҳою ибораҳои сленгӣ фарқ мекунад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши сленги ҷавонони англисзабон вобаста ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа масъалаи муҳим ба шумор меравад. Зеро дар вазъе, ки муносибат ва муошират байналмилалӣ густариш меёбад ва фазои иттилоотӣ хеле рушд карда истодааст, омӯзиши сленг хеле масъалаи мубрам маҳсуб меёбад. Зеро имрӯз сафарҳои хизматӣ, сайёҳӣ, ҳамкории мутақобила бо англисзабонҳо, тамошои синамои англисӣ, гӯш кардани сурудҳои англисӣ, муошират бо намояндагони забон зарурияти омӯзиши ин бахши нутқи зинда, яъне сленги ҷавононро мубрам менамояд.

Шарҳи мафҳуми «сленг» яке аз масъалаҳои баҳснок ба шумор меравад.

Маълум нест, ки зуҳури вожаи «сленг» кай дар нутқи шифоҳӣ пайдо шудааст, аммо дар шакли хаттӣ аввалин маротиба дар Англия дар асри XVIII хотиррасон мешавад. Дар он вақт маънои сленгро ҳамчун «таҳқир» истифода мебурдаанд. Тахминан, дар соли 1850 ин мафҳум ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт ва маънои нутқи ғайриадабии лексикаи оммаро ифода мекард [4, с. 3].

Муҳаққиқ Хомяков В.А. дар яке аз таҳқиқоти худ хотиррасон мекунад, ки мафҳуми сленг дар аввал ҳамчун «нутқи инкишофнаёфта ва дағал (Language of low or vulgar type») дар солҳои 1756 мавриди истифода қарор дошт. Дар солҳои 1802 дар зери мафҳуми «сленг» намуди забони гуфтугӯие, ки аз забони маърифатии қолабӣ бо истифодаи вожаю ибораҳои номаъмул фарқ мекунад, ифода карда мешуд [5, с.43].

Дар асри XX масъалаи баромади мафҳуми «сленг» таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуд. Ақидаи пешқадам дар ин мавзуъ пешниҳоди забоншиноси Зеландияи Нав Э.Партриҷ мебошад. Ӯ ақида баён мекунад, ки мафҳуми «сленг» аз феълҳои tosling-toutter (гап задан) баромада, мавҷудияти ибораҳои slingwords-ро таъкид мекунад. Ҳамчунон, ибораҳои sling language-to talk-(гап задан), sling the language-to speak a foreign language (бо забони хориҷӣ

гуфтугӯ кардан, sling a yarn- to relate a story, to tell a lie (дурӯғ гуфтан), sling a person slang-to abuse, scold violently, slang-impertinence, abuse дар солҳои 1825 мавҷуд буданд [8, с.31].

Худи мафҳуми сленг дар фаҳмиши илми забоншиносии англисзабонҳо имрӯз чунин фаҳмида мешавад:

1.Забони гурӯҳи иҷтимоӣ ё намояндаҳои касбҳои гуногун буда, ба забони адабӣ зид аст.

2.Намунаи забони гуфтугӯии омма буда, аз меъёри забони адабӣ берун аст [3, с.35].

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки сленг аввал дар истифодаи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ маъмул буд ва сипас оҳиста-оҳиста мавриди истифодаи умум қарор гирифт.

Бояд зикр намоем, ки баромади мафҳуми «сленг» то ҳол пурра аниқ нагардидааст ва яке аз проблемаҳои илми забоншиносии англис ба шумор меравад. Аммо мо дар таҳқиқоти худ ба назарияи пешниҳоднамудаи Э.Партриҷ такя менамоем, зеро андешаи ӯ асоси далелу бурҳонҳои таърихӣ ва забоншиносиро муттаҳид карда, муътамад ба назар мерасад.

Имрӯз ақидаи ягона оид ба мафҳуми «сленг» ва муайянкунии он мавҷуд нест. Муҳаққиқони гуногун дар муайянкунии мафҳуми сленг ба як андешаи ягона наомадаанд. Бояд бигӯем, ки аз асри XIX сар карда сленг ҳамчун жаргони гурӯҳи иҷтимоӣ ва намояндагони касбҳои гуногун фаҳмида мешавад. Дар рӯзҳои мо вазъ ва фаҳмиш чун пешина аст.

Дар илми забоншиносӣ сленгро аксар вақт дар муқобили мафҳумҳои забони адабӣ мегузоранд. Аммо бояд зикр намоем, ки сленгро ҳамчун зуҳуроти забоншиносӣ қабул намудан ҷоиз аст, зеро истифодаи онро дар нутқи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва намояндагони касбҳои гуногун дида метавонем.

Муҳаққиқони варзида Э. Партриҷ, Ҷ.Тринок, К.И. Киттриҷ мафҳуми сленгро чунин шарҳ медиҳанд: «Сленг ин мавҷудияти лексикони ноустувор, тасодуфӣ, бетартибонаи дар муошират мавҷуд буда мебошад ва шуури ҷамъиятии одамони ба гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун тааллуқдоштаро ифода менамояд» [8, с.9].

Бино ба ақидаи забоншиноси даниягӣ О.Есперсен сленг намунаи нутқи махсус буда, аз хоҳиши равонии инсон, ки мехоҳад забони маъмулиро сарфи назар намуда, бо дигар усул худро баён намояд, реша мегирад. Сленг ин моҳиятан хусусияти равонии инсонро, яъне хоҳиши хушҳолӣ карданро ифода менамояд [12, с.40].

Забоншиноси рус В. А. Хомяков чунин мешуморад: «Сленг ин вожаҳою ибораҳои нисбатан дар давраи муайян устувор будаеанд, ки дар гуфтугӯи зинда ва дар нутқи хаттӣ истифода мешаванд, ҳамзамон аз забони адабӣ фарқ мекунанд» [12, с.44].

Агар ба муайянкунии «нисбатан дар давраи муайяни устувор» таваҷҷуҳ зоҳир кунем, ошкор мегардад, ки дар семантикаи худ сленг раванди инкишофи фарҳанги мардумро ифода менамояд. Ҳамчунон интиқоли ин фарҳанг аз насл ба насл иҷро мегардад [8, с. 43]. Аз ин ҷост, ки сленгро ҳамчун лаҳҷаи забонии харитаи дунё дидан ҷоиз аст.

Дар забони имрӯза сленг чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

-муттаҳидкунӣ. Одамони сленгро истифодабаранда худро ба ин ё он ҷамоа, гурӯҳ нисбат медиҳанд;

-муоширатӣ. Сленг забони гуфтугӯии муоширати дохилигурӯҳӣ мебошад;

-эҳсосотӣ. Сленг вазифаи баёни эҳсосот ва ҳиссиёти равони одамонро иҷро менамояд;

-арзёбӣ. Сленг муносибати гӯяндаро нисбат ба одамон ё ашёҳо ифода намуда, ақидаи гӯяндаро нисбати ҳодисаҳои муайян аён менамояд;

-таъсиргузорӣ. Сленг дар вакти муошират барои таъсир гузоштан ба ҳамсуҳбат кумак менамояд;

-эҷодӣ. Сленг истифодаи вожаҳо ва ибораҳои дар забони қолабӣ мавҷуд набударо иҷозат медиҳад [8, с.11].

Се сарчашмаи пайдоиши сленгҳоро муайян намудаанд:

1.Метафора (аз нав андешаронии семантикӣ). Ин сарчашма имкон медиҳад, ки дар ифодаи сленгӣ аниқ ва муъҷаз махсусияти зоҳир, характер ва рафторро ифода намоянд. Мавҷудияти метафораҳо дар нутқи ҷавонон ин хусусияти равонии ҷавонон, яъне нишон додани заковати забонии худ мебошад. Чунончи:

Stay kind (be healthy) - саломатӣ мехоҳам.

Hold on to your socks-дар пост мустаҳкамист.

To bust out some moves-ҳунари рақсиданро нишон додан.

To shake a bit-рақсидан.

2. Аффиксатсия яке аз роҳҳои маълуми иборасозӣ буда, ба асоси калима аффиксҳоро зам намудан мебошад. Чунончи:

Harker- барномасози компютер, фанатик.

Smiley-нишон, рамз. Chunking-аз дигарон пора -порашуда.

Crocky-аз дигаргунӣ ҳаросидан.

Fakeloo artist-қалоб.

Payola-ришва барои таблиғ.

Granola-шахси андешаи дигар дошта.

Journo-рӯзноманигор.

3.Воридшавӣ аз дигар забон. Ин сарчашмаи сленгҳо аз дигар забонҳо дар гуфтугӯ истифода кардани вожаҳо ва ибораҳо мебошад. Чунончи:

Swami gue-инсони комил (аз вожаи «swami»-унвони фахрӣ дар дини ҳиндуизм.

Э. Партриҷ чанд сабабҳоро меорад, ки зарурияти истифодаи сленгҳоро аз тарафи одамон асоснок менамояд:

-ҷавонони дар руҳияи болида буда бо ҳадафи лаззат бурдан аз муошират;

-бо ҳадафи ба дигарон монанд набудан, ифодаҳои навро истифода кардан;

-зебо, гуворо ба ҳодисаҳо, ашёҳо, одамон баҳо дода, аз вожаҳои қолабии маъмул сарфи назар кардан;

-ба худ ҷалб намудани атрофиён;

-қолабро сарфи назар карда, андешаи худро муъҷаз ва мушаххас баён кардан;

-забонро ғанӣ гардонидан, агарчи ҳеҷ кас пеши худ ин мақсадро намегузорад;

-фазои сабуки муоширатро дар суҳбати дӯстона муҳайё намудан;

-нишон додани он, ки гӯянда ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, касб мутааллиқ аст [8, с.17].

Сленг тарафи муқобили забони расмӣ ба шумор рафта, ба ақидаи забоншиносон истифодаи сленгҳо ба ҳамон гурӯҳе тааллуқ дорад, ки онро мавриди истифода қарор додаанд. Пайдоиш ва рушди сленгҳо дар муҳити муайян дар гурӯҳҳои алоҳида, ба монанди донишҷӯён, барномасозон, гурӯҳи одамоне, ки аз рӯйи касбу кор ё ҷаҳонбинӣ муттаҳид шудаанд, рӯй медиҳад. Ҳамчунон, сленг тавассути телевизион, радио, интернет паҳн шуда, истифодаи он маъмул гашта истодааст ва ба инкишофи забон таъсири муайян мегузорад. Ба ғайр аз ин, сленг дар ВАО бештар дар шакли мухтасарот, аббревиатура паҳн шуда, ба рушди забон таъсир мегузорад.

Дар охир қайд карданием, ки сленг ҳамчун зуҳуроти забонӣ мақбул аст. Сленг чун инкишофи забон дар дохили забон буда, баъзан ба забон сабукӣ, баъзан мураккабӣ эҷод менамояд. Бояд қайд кард, ки ин таҷрибаи забонии забони англисӣ истифодаи дуру дарозро дар давраи муайяни таърихӣ доро буда, имрӯз низ ҳамчун зуҳуроти забонӣ мавриди истифода ва рушд қарор дорад.

Лексикаи ҳар як забон ба адабӣ ва ғайриадабӣ (шевагӣ) тақсим мешавад. Лексикаи ғайриадабӣ ба гурӯҳҳои зер ҷудо мешавад:

1. Ибора ва вожаҳои сода;
2. Лаҳҷаҳо ва шеваҳо;
3. Аргоҳо;
4. Жаргонҳо.
5. Сленгизм.
6. Вожаю ибораҳои фаҳш, берун аз одоб.

Ба лексикаи адабӣ чунин гурӯҳҳо дохил мешаванд:

1. Лексикаи байниуслубӣ;
2. Вожаҳою ибораҳои дар доираи одоб;
3. Вожаҳою ибораҳои бадеӣ;
4. Мафҳумҳои илмӣ ва техникӣ.

Муҳаққиқони маъруфи сленг Э.Партриҷ, К.И. Киттриҷ, Ҷ. Гриноу дар таҳқиқоти худ муносибати худро нисбати сленг муайян намудаанд. Бино бар ақидаи онҳо сленг ин мавҷудияти бетартибона ва тасодуфии маҷмуи лексикие, ки шуури ҷамъиятии гурӯҳи одамони ба муҳити муайяни иҷтимоӣ ва касбии алоҳида тааллуқдоштаро ифода менамояд. Сленг ҳамчун истифодаи вожаҳою ибораҳоест, ки аз нутқи қолабӣ фарқ карда, бо ҳадафи ифодаи руҳияи гӯянда ё нависанда, таъсири навигарӣ бахшидан, мушаххас, аниқ, муъҷаз баён кардан буда, сарфи назар кардан аз маъмулӣ мебошад [10, с.103].

Муҳаққиқ Ҷ.Хоттени сленгро чунин шарҳ медиҳад: «The language of struthimour, offast, high and low life». Яъне забони устухони ҳимор, зиндагии тезу баланду паст. Фаумер сленгро чунин шарҳ додаст: «The fictions that result from playing with words and renaming things». Яъне фантастикае, ки дар натиҷаи бозӣ бо калимаҳо ва тағйир додани номи чизҳо ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқон Ҷ.Киттриҷ ва Ҷ.Б. Гриноу хеле моҳирона сленгро «забони оворагард» номидаанд, яъне шарҳ медиҳанд, ки вожаҳою ибораҳои сленгӣ дар атрофи нутқи адабӣ истифода шуда, роҳ ба ҷамъияти мураккабро ҷустуҷӯ менамоянд. Муҳаққиқ Г.Б. Антрушин ақидаи нависандаи маъруфи англис Ҷ.К.Честертонро дастгирӣ намуда, чунин мешуморад, ки сленг намуди метафора, воҳидҳои лексикӣ-семантикие, ки дар худ ҳазлро дороанд, ба шумор меравад («all slang is metaphor» [1, с.17].

Муҳаққиқи дигари сленг Ҷ.Носек чунин ақида дорад: «Slang is very variable vocabulary and phraseology of colloguial speech and has vogue and burlesgue character».

Муҳаққиқ Ю.М. Скребнев низ хусусияти ҳазл доштани сленгро дастгирӣ менамояд. Ба гуфтаи ӯ «сленг ин маҷмуи ибораҳо ва вожаҳои васеъистифодашаванда мебошад» [10, с.51].

Муҳаққиқ Ҷ.Х. Мак-Найт чунин ақида дорад: «slang is a form of colloguial speech created in a spirit often new, picturecgue, and striking, but not fully recognized and accepted by the community as a permanent part of the common language», яъне сленг як шакли гуфтори гуфтугӯй аст, ки дар руҳияи аксаран нав, тасвирӣ ва ҷолиб эҷод шудааст, аммо аз ҷониби ҷомеа ба таври комил эътироф ва пазируфта нашудааст [2, с.212].

Чи хеле аз андешаҳои муҳаққиқони варзида бармеояд, ҳамаи онҳо сленгро ба гуфтори шифоҳӣ нисбат дода, хусусияти мусбати онро таъкид менамоянд.

То ҳол дар илми забоншиносӣ сленгро ҳамчун маҷмуи вожаҳою ибораҳои алоҳида мешумориданд. Муҳаққиқ Смирнитский А.И. ин ақидаро дастгирӣ намуда, чунин ёдовар мешавад. «Сленг, воқеан, аз нукоти баромади худ нутқи шифоҳӣ буда, аз тарафи ҷамоа ё гурӯҳи иҷтимоӣ истифода мешавад.

Сленг на воҳидҳои лексикии алоҳида балки услуб мебошад» [6, с.201]. Дигар муҳаққиқон ба ин андеша розӣ нестанд ва чунин мешуморанд, ки сленг на услуб буда, балки лексикаи таркибӣ ба шумор меравад. Чунончи, муҳаққиқ Арнолд И.В. сленгро ҳамчун гуфтори шифоҳии дар худ вожаҳою ибораҳои хусусияти ҳазл ва ифодаи дағалдошта шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ Соловева Т.А. чунин мешуморад, ки то ҳол муайянкунии мафҳуми сленг ба анҷом нарасидааст. Ба ақидаи ӯ «сленг таркиби серҳаракати нутқи шифоҳии забони англисӣ ба шумор рафта, дар асоси вожаҳою ибораҳои маъмули забон сохта шуда, бо ворид намудани дигаргунӣ ва навигарӣ ба онҳо фарқ мекунад [11, с.123].

Муайянкунии бомуваффақияту муҳимми сленг дар корҳои муҳаққиқон Т.А. Соловева, М.М. Маковский ва В.Г. Вилюман мушоҳида мегардад. Ба ақидаи онҳо дар сленгҳо «онотатопея» (тақлиди овозӣ) исмҳои хосро ба ҷинс табдил додан, иборасозӣ, муъҷазкунӣ, жаргонҳои олами ҷиноӣ, донишҷӯён ва ғайра мушоҳида мегардад. Дар «Луғати калони Оксфорди англисӣ» сленгро чунин шарҳ додаанд: «пурра забони шифоҳӣ буда, аз забони адабӣ сатҳан паст буда, бо ҳадафи гуногун аз тарафи гурӯҳ ва табақаҳои поёнии ҷомеа истифода мешаванд [10, с. 171].

Муҳаққиқи шӯравӣ В.А.Хомяков хеле моҳирона мафҳуми сленгро шарҳ додааст. Ба ақидаи ӯ «сленг» ин таркиби лексикиест, ки берун аз сарҳади нутқи шифоҳии адабӣ, ҳамчунон берун аз лаҳҷаҳои умумимиллии забони англисӣ амал карда, дар худ, аз як тараф, таркиби лексикии махсуси нутқи намояндагони касбҳои гуногун, жаргонҳои иҷтимоӣ, аргои олами ҷиноиро дарбар гирифта, аз тарафи дигар, таркиби васеъ паҳншуда ва ба ҳама фаҳмои лексикаи эҳсосотию ибораҳои ғайриадабиро дарбар мегирад. Ба ақидаи муҳаққиқи номбурда «сленги умумӣ ҳамчун таркиби лексикии нисбатан устувор дар давраи муайян бо махсусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ буда, аз рӯйи таркиби худ якхела нестанд ва дар аксар вақт баёни этимологиро доро буда, ҳамчун эътирозу истеҳзо нисбати шароити иҷтимоӣ, этикӣ, эстетикӣ, забонӣ истифода мешавад [7, с. 23].

Дар забоншиносии муосир лексикаи маҳдуд ҳамчун зуҳуроти зараровар барои халалдор намудани нутқи шифоҳӣ ва адабӣ шуморида мешавад. Пештар истифодаи сленг дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ комилан ғайри қобили қабул набуд, аммо имрӯз истифодаи лексикаи маҳдуд серистеъмол ва маъмул аст. Сленг ҳамчун бахши фарҳанги нутқии ҳар як ҳалқи дорои забони инкишофёфта маҳсуб гардида, истифодаи он дар доираҳои қишри гуногуни синнусолӣ ва иҷтимоӣ густариш ёфтааст.

Дар лексикаи маҳдуд ба воситаи сленг ҳаёти нутқии гурӯҳи иҷтимоӣ инъикос карда мешавад. Ҷузъиёти нутқ бо ибораҳои воҳидҳои сленгӣ имрӯз дар филмҳои бадеӣ, ВАО, адабиёти бадеӣ васеъ мавриди истифода қарор дорад. Бо бахши маҳдуд истифодаи сленгро дар назм ва насри англисӣ мушоҳида менамоем ва ин нишон медиҳад, ки истифодаи он маҳдуд набуда, хусусияти фаъолонаи лексикиро барҳӯрдор мегардад.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки лексикаи маҳдуд ин маҷмуи лингвистии сленг ва жаргон мебошад. Ибораҳо ва лексикаи маҳдуд дар байни гурӯҳҳои одамони дар як ҷомеаи иҷтимоӣ муттаҳид зуҳур меёбад. Инсон дар раванди зиндагӣ муҳитро бунёд мекунад, намунаи идеалии оламро ифода мекунад ва ин хоҳ нохоҳ дар семантикаи забон инъикос меёбад, харитаи забонии оламро бунёд менамояд. Муносибат ба лексикаи сленгӣ ва истифодаи он дар адабиёт ва нутқ дар даврањои гуногун дар ҷомеаи англисзабон иваз мешавад. Дар байни муҳаққиқону забоншиносони рус муносибати манфӣ нисбати лексикаи маҳдуд мушоҳида мегардад. Чунончи, мухаққиқ А.В. Калинин дар таҳқиқоти худ менависад: «вожаҳо ва ибораҳои дағале, ки нутқро берангу фаҳш мекунанд. Онҳо аз услуб, аз вожаҳою ибораҳои дар нутқи шифоҳӣ маъмул сатҳан дар пояи паст қарор доранд. Онҳо аксар вақт аз тарафи одамони аз маданияти дур истифода мешаванд.

Баъзе муҳаққиқон сленг ва жаргонро миранда мешуморанд. Инро мо дар Англияи замони викторианӣ мушоҳида менамоем. Чунончи, дар он давра вожаҳои маъмули «trousers» ва «leg»-ро номаъқул ҳисобида, ба ҷойи онҳо вожахои эвфемистиро истифода менамуданд.

Имрӯз муносибат ба сленг ва доираи истифодаи он комилан дигар аст. Аксари муҳаққиқони англис истифодаи лексикаи маҳдудро шаклан дигар карда, нутқи адабӣ ва ғайриадабӣ меҳисобанд. Ин, пеш аз ҳама, бо мақсади таъсири услубӣ ба баён гузоштан иҷро мегардад. Дар таъсири услубӣ бо мақсади мушаххаскунӣ, муъҷазкунӣ, зиндабаёнӣ, таъсирбахшӣ, ифодаи руҳияи гӯянда ё шунаванда ва сарфи назар кардан аз ибораҳою вожаҳои маъмулию қолабӣ сленгҳо мавриди истифодаанд. Ин мақсадҳо бо кумаки истифодаи метафория, метономия ва эвфемизмҳо иҷро мегарданд.

Сленг асосан падидаи забони англисӣ ва америкоӣ ба шумор меравад ва он ҳамчун «эҷоди маънавӣ»-и намояндагони инфиродӣ ва дастҷамъии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ, касбӣ ба шумор рафта, барои ифодаи «дараҷаи шуур» ва «руҳия»-и одамони ба ин ё он ҷомеаи иҷтимоӣ мансуббуда истифода мешавад.

Аз рӯйи ақидаи В.Ҳумболд назар ба олам, арзёбӣ ва истифодаи забони намояндагони гурӯҳи иҷтимоӣ-касбӣ бо дараҷаи коллективи (ҳайати) забонӣ мувофиқат намекунад.

Вожаҳои нав барои номгузорӣ ба зуҳуроти нав пайдо мешавад. Дар як вақт дар забони гуфтугӯйӣ ахлоқи дигар, эътироз ба муқобили маъмулӣ, ба муқобили «ҳаёти дуруст», ки аксаран дар ҷомеа руҳияи маҳзунро эҷод менамоянд, мушоҳида мегардад. Луғатҳои нави лексикаи маҳдуд «олиҷаноб»-ии ҳаёти нав, мутобиқ шудан ба навгониҳои дар ҷомеа пайдошударо ифода менамояд.

Аксар вақт лексикаи маҳдуд тавассути метафораҳо тарафҳои ахлоқи манфии инсон, ба монанди пурхӯрӣ, мастигарӣ, хасисӣ, беақлӣ, фисқу фасод ва ғайраро зери интиқод мегирад. Ҳамчун «ҷавшани дифоӣ» дар мубориза ба муқобили ин зуҳурот вожаҳою ибораҳои номаъмул ва таъсирбахш мавриди истифода қарор мегиранд.

Тарафҳои манфии инсонро чунин лексика, аз ҷумла сленг, ифода карда, инсонро паст мезанад. Аммо ин пастзанӣ ифодаи истеҳзои тарзи андешаронии воқеият ба шумор меравад. Дар метафораҳои сленгӣ вожаҳо ва ибораҳое мавриди истифода қарор мегиранд, ки ба қолабҳои нутқи этикӣ, эстетикӣ, мантиқии забон дар тазоданд. Аз ҳамин хотир, аксар вақт лексикаи маҳдуд, аз ҷумла вожаҳою ибораҳои сленгӣ мавриди интиқод карор мегиранд.

Бояд гӯянда ва нависанда дар байни навгонӣ ва маъмулӣ як мувофиқатро нигоҳ дорад. Ин яке аз ҷанбаҳои ҷузъиёти муколамавии лексикаи маҳдуд буда, мувозинат байни қолабӣ ва ғайриқолабӣ ба шумор меравад. Вайронкунии ин мувозинат ба вайронкунии метафораҳо меорад. Ин дар ҳолате рӯй медиҳад, ки омили шунаванда ё хонандаро сарфи назар кунем.

Лексикаи маҳдуд, аз ҷумла, сленг дар якҷоягӣ бо вожаҳои дигари забонӣ вазифаҳои иловагӣ, ба монанди психологӣ, эҷодкорӣ, иҷтимоӣ ва муаррифиро ба вуҷуд меорад. Вазифаи психологӣ, таъсири баланди эмотсионалӣ тавассути лексикаи маҳдуд баён кардан гузошта мешавад. Вазифаи ғайриоддӣ ин эҷодкорӣ ба шумор меравад. Истифодаи метафораҳо ифодаи ғайриоддӣ, муъҷаз баён кардан, мушаххасоти воқеиятро обу ранги нав мебахшанд.

Вазифаи иҷтимоӣ дар нақши гурӯҳӣ ифода меёбад. Гӯянда ё нависанда ошкор месозад, ки ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ тааллуқ дошта, худро бо аҳли дигари ҷомеа муқобил мегузорад.

Вазифаи муаррифӣ ё номгузорӣ дар он зуҳур меёбад, ки истифодаи лексикаи маҳдудро дар номгузории мафҳумҳои дохили корхона истифода баранд, ки ғайриқолабианд.

Имрӯз забоншиносон ба андешае омадаанд, ки зарурияти таснифи сленг ба миён омадааст.

Дар илми забоншиносии муосир кӯшиши таснифи сленг ҳамчун зуҳуроти забонӣ мушоҳида мегардад. Дар идомаи кори худ таснифоти ҷойдоштаи сленгро дида мебароем.

Баъзе муҳаққиқон сленгро ба лаҳҷаи иҷтимоӣ мансуб медонанд. Лаҳҷа ин намуди забони муваққатӣ, минтақавӣ ва иҷтимоиест, ки аз тарафи одамони маҳдуд истифода мешавад. Ҳамзамон, он аз ҷиҳати сохтори худ (фонетикӣ, грамматикӣ, таркиби лексикӣ, семантика) аз забони қолабӣ фарқ мекунад. Забони қолабӣ забони намунавиест, ки меъёрҳои он умумиҷомеавӣ буда, ба лаҳҷа муқобил аст [1, с.532]. Ҳар як лаҳҷа дар байни гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, касбӣ мавриди истифода аст. Аз ин ҷост, ки аксар вақт нодуруст мафҳумҳои «ҷомеаи нутқӣ» («speechcommunity») ва «ҷомеаи забонӣ» (linguisticcommunity)-ро омеҳта мекунанд. Муҳаққиқ А.Д. Швейтсер оид ба ин масъала чунин ақида дорад: «коллективи забонӣ ҳамчун ҷомеаи фардҳои аз нуктаи иҷтимоӣ фаъолияти якҷоядошта буда, аломатҳои забониро бархӯрдоранд, коллективи нутқӣ ин гурӯҳи иҷтимоие, ки на аз рӯйи воҳидҳои забонӣ аз дигарон фарқ мекунад. Аз ин ҷост, ки зери мафҳуми ҷомеаи нутқӣ гурӯҳи фардҳоро, ки дар асоси нишонаи иҷтимоӣ ё иҷтимоӣ-демографӣ муттаҳид гаштаанд, фаҳмида мешавад, зери мафҳуми ҷомеаи забонӣ нишонаҳои ягонаи забонӣ бо воҳидҳои забонӣ, мазмуни умумии забони муттаҳидшавии гурӯҳро мефаҳманд [2, с.71].

Лаҳҷаи иҷтимоӣ ин намунаи забониест, ки ин ё он ҷомеаи иҷтимоӣ ва гурӯҳи иҷтимоӣ истифода мебарад. Лаҳҷаи иҷтимоӣ якчанд зуҳуроти генетикӣ ва сохториро дар бар мегирад.

Лаҳҷаи касбӣ намунаи лаҳҷаи иҷтимоиест, ки одамони касбу кор ва шуғли якхеладоштаро муттаҳид менамояд.

Жаргон лаҳҷаест, ки аз ҷузъиёти забони воқеӣ ранг гирифта, асосан дар муошират шифоҳӣ мавриди истифода қарор дорад. Он аз тарафи гурӯҳи алоҳида барои аз қисмати дигари ҷамоаи забонӣ фарқ кардан истифода мешавад ва ҳамчун забони пинҳонӣ (барои мисол жаргони олами ҷиноӣ) дониста мешавад.

Узко-жаргонест, ки дар байни муассисаҳои таълимӣ истифода шуда, берун аз ҳудуди он истифода намешавад. Чунончи, Э.Партриҷ чунин намунаҳои узкоро овардааст: tug-муҳассилини колеҷ, scug-одами пастфитрат, to-sap-кори вазнинро иҷро кардан. Дар Vesminsterschool чунин истилоҳ ҷой дорад: beggar-қанд, дар Yunshistercollege чунин истилоҳ ҷой дорад: togocontinent- бо сабаби беморӣ дар хона истодан, tug –бемазза, фач, оддӣ [2, с.71].

Инсон ва забон аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд. Ба андешаи муҳаққиқ Р.А. Будагов табиати ҷамъиятии забон на танҳо шарти мавҷудияти он мебошад, балки вазифаҳо, махсусияти лексика, фразеология, грамматика ва услуби онро муайян месозад.

Муқарриз: ***Самардинов Қ.*** - н.и.ф., дотсенти ДДД

А Д А Б И Ё Т

1. Беляева, Т.М. Лексика в структуре английского языка / Т.М. Беляева, В.А. Хомяков. - М., 1987. - 138 с.
2. Влахов, С. Непереводимое в переводе / С.Влахов, С.Флорин. - М.: Международные отношения, 1980. - 176 с.
3. Гальперин, А.И. Вопросы языкознания [Текст] / А.И. Гальперин. - М.: Наука, 1973. – 157с.
4. Гальперин, А.И. Очерки по стилистике английского языка [Текст] / А.И. Гальперин. – М.: Просвещение, 1958. – 462с .
5. Казакова, Т.А. Художественный перевод: в поисках истины [Текст] / Т.А. Казакова. - СПб., 2006. – 224 с.
6. Касумова, М.Ю. Молодёжный сленг как компонент молодёжного дискурса / М.Ю. Касумова //Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - 2019. - № 7. - С.63- 65.
7. Крысин, Л.П. Языковое заимствование / Л.П. Крысин. - М., 1993. - 258 с.
8. Маковский, М.М. Современный американский сленг: онтология, структура, этимология / М.М. Маковский. - М.: Комкнига, 2005. – 164 с.
9. Маковский, М.М. Современный английский сленг: Онтология, структура, этимология / М.М. Маковский. - М., 2016. - 179с.
10. Почепцов, Г.Г. Теория коммуникации / Г.Г. Почепцов. - М.: Рефл-бук; К.: Ваклер, 2001. - 293 с.
11. D C. Usage Levels and Dialect Distribution. The American College Dictionary. - N.Y.: New American Library, 1947. – P.464.
12. American Slang. Edit. By Robert L. Chapman. - N.Y., 2001 – P.582.
13. Boston, NY.: Houghton Mifflin Company, 2002. – P. 63.
14. H. The Making of English, L., 1937. - C.159.

15. Hornby A. Oxford advanced learner’s dictionary / A. Hornby. - Oxford University Press, 1989. - 1580 p.
16. Hotten J. A Dictionary of Modern Slang. Cant and Vulgar Words. London.1860
17. Howard D. United States Marine Corps Slang // American Speech.1965. № 3. – P. 64-68.
18. Lighter J.E. Random House Historical Dictionary of American Slang. –N.Y.:5thed. N.Y.: Educational Series, Inc., 2000.- p. 695.
19. Longman Dictionary of contemporary English. - 2003. - 1949 p.
20. Longman Dictionary of Contemporary English. - Longman Group Ltd, third edition, 1995. - 1668 p.

МАФҲУМИ СЛЕНГ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз зуҳуроти забонии англисзабонҳо-слангҳо бахшида шудааст. Забони ҳар як халқ ҳамеша дар инкишоф буда, воқеияти зиндагии мардумро ифода мекунад. Агар таваҷҷуҳ ба он намоем, ки дар ҳар як ҷомеа гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мавҷуданд, пайдоиши сленг асоснок мегардад. Зеро байни ҳамаи ин гурӯҳҳо муошират шифоҳӣ мавҷуд аст ва онҳо ҳангоми муошират лексикон, жаргон ва слангро истифода мебаранд. Яъне вожаҳо ва ибораҳои забонӣ иваз шуда, вобаста ба синну сол, касбу кор ва намояндаи кадом синф будани ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷойи нутқи гуфтугӯӣ дигар мешавад. Дар байни ҷавонон сленг ва истифодаи он густариш ёфтааст, зеро маҳз ҷавонон кӯшиш мекунанд дараҷаи забондонии худро бештар нишон диҳанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки моҳияти мафҳуми сленг ва ҷойгоҳи онро дар забоншиносӣ шарҳ дода, зуҳур ва раванди инкишофи онро муайян намояд. Ҳамчунон, бо такя ба таҳқиқоти муҳаққиқони гуногун раванди инкишоф ва ҷойгаҳи сленг дар забони муосири англисӣ муайян карда шудааст. Вазифаҳои сленг муайян гардида, сарчашмаҳои зуҳуроти сленг ва ҷойгоҳи он дар забоншиносӣ хеле равшан нишон дода шудааст. Инсон ва забон аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд.

Калидвожаҳо: мафҳуми сленги англисӣ, вазифа, сленг ва ҷойгоҳи он, баромад, ҷавонон, сарчашмаҳои пайдоиши узко-жаргон, аффикссатсия, муошират, муттаҳидкунӣ, муоширатӣ, эҳсосотӣ, арзёбӣ, эҷодӣ аргоҳо, сленгизм, мафҳумҳои илмӣ.

ПОНЯТИЕ СЛЕНГ И ЕГО МЕСТО В ЛИНГВИСТИКЕ

Данная статья посвящена одному из языковых проявлений носителей английского языка - сленгу. Язык каждого народа постоянно развивается и отражает реалии жизни людей. Если обратить внимание на то, что в каждом обществе существуют разные социальные группы, появление сленга становится оправданным. Потому что между всеми этими группами существует вербальное общение, и они используют лексику, жаргон и сленг при общении. Иными словами, слова и выражения языка изменяются в зависимости от возраста, профессии и того, к какому классу принадлежит представитель этих социальных групп. Среди молодежи получил распространение сленг и его использование, ведь именно молодежь старается показать свой уровень владения языком. Автор предпринял попытку объяснить сущность понятия “сленг” и его место в языкознании, определить его появление и процесс развития. Также на основе различных исследований определен процесс развития и место сленга в современном английском языке. Определены функции сленга, очень ярко показаны источники появления сленга и его место в языкознании. Человек и язык неотделимы друг от друга.

Ключевые слова: концепт английского сленга, задача, сленг и место, выход, молодежь, источники происхождения узкосленг, аффиксация, коммуникация, интеграция, коммуникативность, эмоциональность, оценка, творческий сленг, сленгизм, научные концепты.

THE CONCEPT OF SLENG AND ITS PLACE IN LINGUISTICS

This article is devoted to one of the linguistic manifestations of native English speakers - slang. The language of each nation is constantly evolving and reflects the realities of people's lives. If you pay attention to the fact that in every society there are different social groups, the appearance of slang becomes justified. Because there is verbal communication between all these groups, and they use vocabulary, jargon and slang when communicating. In other words, the words and expressions of the language change depending on age, profession, and to which class a representative of these social groups belongs. Among young people, slang and its use have become widespread, because it is young people who are trying to show their level of language proficiency. The author made an attempt to explain the essence of the concept of "slang" and its place in linguistics, to determine its appearance and development process. Also, on the basis of various studies, the development process and the place of slang in modern English are determined. The functions of slang are defined, the sources of the emergence of slang and its place in linguistics are very clearly shown. Man and language are inseparable from each other.

Key words: concept of English slang, task, slang and place, exit, youth, sources of origin of narrow slang, affixation, communication, integration, communicativeness, emotionality, evaluation, creative slang, slangism, scientific concepts.

Маълумот дар бораи муалиф: ***Кабиров Лутфулло Абдусаломович*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, унвончӯйи кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Сведения об авторе: ***Кабиров Лутфулло Абдусаломович*** - Дангаринский государственного университет, соискатель кафедры теории и практики. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-15-16-28**

Information about the author: ***Kabirov Lutfullo Abdusalomovich*** - Dangara State University, applicant for the Department of Theory and Practice. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov Str., 3. E-mail: **Lutfullo.Kabirov95@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-15-16-28**

УДК: 811.161.1-56

К ВОПРОСУ О ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ ПРИЗНАКАХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ

Рахмонова Н.Ш.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Фразеология как самостоятельная лингвистическая дисциплина возникла в 40-х гг. XX в. в советском языкознании. Именно русскими учеными - языковедами были заложены предпосылки теории фразеологии (А.А. Потебня, И.И. Срезневский, А.А. Шахматов и Ф.Ф. Фортунатов). Влияние на развитие фразеологии оказали также идеи западноевропейского лингвиста Ш. Балли [2, с.112]. Вопрос об изучении устойчивых сочетаний слов в специальном разделе русского языкознания - фразеологии был поставлен в учебно-методической литературе еще в 20-40 гг. в работах Е.Д. Поливанова, С.И. Абакумова, Л.А. Булаховского. Изучение фразеологии стимулировалось лексикографической практикой, с одной стороны, а с другой – работами акад. В.В. Виноградова [3, с.212], в которых были поставлены вопросы об основных понятиях фразеологии, ее объеме и задачах. В 50-х годах главное внимание уделялось вопросам сходства и различий фразеологизмов со словом и сочетанием слов; проблематика фразеологии исчерпывалась в основном выяснением критериев фразеологичности и уточнением основ классификации фразеологизмов. С конца 50-х годов наметилась тенденция системного подхода к проблемам фразеологии, разрабатываются вопросы, связанные с описанием фразеологизмов как структурных единиц языка (А.И. Смирницкий, О.С. Ахманова). 60-70 -е годы в развитии фразеологии характеризуются интенсивной разработкой собственно фразеологических методов исследования объектов фразеологии, основанных на идеях системно-уровневого анализа фактов языка (В.Л. Архангельский). Обобщая широкий спектр взглядов на фразеологию, можно отметить следующее. В современной лингвистике чётко наметилось два направления исследований.

Первое направление исходной точкой имеет признание того, что фразеологизм - это такая единица языка, которая состоит из *слов,* т.е. по природе своей *словосочетание.* При этом одни учёные высказывают мысль, что объектом фразеологии являются все реально возможные в данном языке конкретные словосочетания, независимо от качественных различий между ними. Так, например, Копыленко говорит следующее: “Фразеология охватывает все ... сочетания лексем, существующие в данном языке, в том числе и так называемые “свободные” словосочетания” [6, с.22].

С другой стороны, объектом фразеологии в границах этого направления признаются только некоторые разряды и группы словосочетаний, которые выделяются из всех возможных в речи особым своеобразием. В зависимости от того, какие признаки принимаются в расчёт при выделении таких словосочетаний, и определяется состав подобных единиц в языке. Только эти “особые” словосочетания и могут быть названы фразеологизмами. Несмотря на условность понятий и связанное с этим разграничение, обычно говорят, что фразеология может быть представлена:

а) как фразеология языка в “широком” смысле слова, включающая в свой состав и словосочетания, переосмысленные полностью, и словосочетания, в которых есть не переосмысленные слова-компоненты. Примером такого “широкого” понимания объёма и состава фразеологии может служить точка зрения В.Л. Архангельского, О.С. Ахмановой, Н.М. Шанского.

б) как фразеология русского языка в “узком” смысле слова, включающая в свой состав только словосочетания, переосмысленные до конца. К числу работ, отражающих такое понимание объёма и состава фразеологии русского языка, относятся, например, статьи В.П. Жукова [4, с.47].

В обоих случаях условный характер фразеологизма, как и лексемный характер компонентов его, не ставится под сомнение этими учёными. Фразеологизмом рекомендуют рассматривать контаминацию признаков слова и словосочетания, подчёркивается омонимичность фразеологизма и соотносимого с ним по структуре словосочетания.

Второе направление в русской фразеологии исходит из того, что фразеологизм — это не *словосочетание* (ни по форме, ни по содержанию), это единица языка, которая состоит не из слов.

Объектом фразеологии являются выражения, которые лишь генетически суть словосочетания. “Они разложимы лишь этимологически, то есть вне системы современного языка, в историческом плане” [4, с.56]. Эти выражения противопоставляются словосочетаниям, не омонимичными, так как качественно отличаются от них. Основным в изучении фразеологизма делается не смысловая и формальная характеристика компонентов, его образующих, и не связи между компонентами, а сам фразеологизм в целом, как единицы языка, имеющая определённую форму, содержание и особенности употребления в речи. Состав фразеологии образуется из категориально однотипных единиц. История и этимология каждого фразеологизма изучается вне прямолинейной зависимости от неких “универсальных” схем переосмысления словосочетаний, от степени семантической слитности компонентов и от степени десемантизации слов в словосочетаниях. Основные положения этого направления рассматриваются А.И. Молотковым в вводной статье к “Фразеологическому словарю русского языка”, в его книге “Основы фразеологии русского языка” и других работах [7, с.111].

Нам ближе позиция Н.М. Шанского, высказанная в ряде его работ, например, в книге “Фразеология современного русского языка”. Эта точка зрения представляется наиболее оправданной, тем более что её разделяют многие учёные, в частности, авторы энциклопедии “Русский язык”. Там, например, даётся следующее определение фразеологизма:

“Фразеологизм, фразеологическая единица, - общее название семантически несвободных сочетаний слов, которые не производятся в речи (как сходные с ними по форме синтаксические структуры - словосочетания и предложения), а воспроизводятся в ней в социально закреплённом за ними устойчивом соотношении смыслового содержания и определённого лексико-грамматического состава. Семантические сдвиги в значениях лексических компонентов, устойчивость и воспроизводимость - взаимосвязанные универсальные и отличительные признаки фразеологизма” [11, с.33].

Фразеологизм имеет ряд существенных признаков: устойчивость, воспроизводимость, целостность значения, расчлененность своего состава (раздельнооформленное строение). Устойчивость и воспроизводимость - понятия соприкасающиеся, но не тожественные. Все языковые единицы, обладающие устойчивостью, воспроизводимы, но не все воспроизводимые образования наделены устойчивостью.

Воспроизводимость - это регулярная повторяемость языковых единиц разной степени сложности. Воспроизводятся пословицы и поговорки: *Слово не воробей, вылетит - не поймаешь; Скучен день до вечера, коли делать нечего;* крылатые изречения: *Счастливые часов не наблюдают;* составные термины и наименования: *белый медведь, серная кислота, ядерный реактор;* собственно фразеологизмы: *брать на буксир, собаку съел* и т.д.

Устойчивость - это мера, степень семантической слитности и неразложимости компонентов. Устойчивость служит формой проявления идиоматичности. Так, фразеологизмы с целостным немотивированным значением типа *у чёрта на куличках* - “очень далеко” характеризуются большей устойчивостью, чем фразеологизмы с целостным мотивированным значением типа *плюнуть негде* - “так много кого-либо, что вовсе нет свободного места”.

Целостное значение - это такое общее (единое) значение фразеологизма, которое трудно или невозможно вывести из значения образующих частей. Целостность значения фразеологизма достигается полным или частичным переосмыслением компонентов, в результате чего они, как правило, расходятся в значении с соответствующими словами свободного употребления.

Важным признаком фразеологизма является его расчленённое строение, “сверхсловность”. Так, фразеологизм *втирать очки* и свободное словосочетание *читать газету* построены по одному образцу “гл.+сущ. в вин. п.”, являются раздельнооформленными единицами и не различаются по своим внешним признакам.

Фразеологизм всем своим составом сочетается в речи со знаменательным словом [8, с.78].

В стилистическом отношении фразеологизмы резко отличаются от слов. Основная масса слов стилистически нейтральна, чего нельзя сказать о фразеологизмах, основное назначение которых - выражение разного рода оценок и отношение говорящего к высказываемому, которые являются существенным элементом фразеологического значения. Не может существовать текст, состоящий из одних фразеологизмов.

Межстилевые фразеологизмы не имеют какой-либо стилистической окраски (сниженной или возвышенной) и активно употребляются в разных стилях устной и письменной речи. Это сравнительно небольшой разряд фразеологических единиц: *во всяком случае, время от времени.*

По большей части стилистически нейтральные фразеологизмы включают компоненты, соотносительные со словами неконкретного содержания. Поэтому соответствующие обороты, как правило, не могут быть противопоставлены свободным словосочетаниям эквивалентного состава и вследствие этого лишены обобщённо-метафорического значения.

С точки зрения актуальности применения фразеологизмы, как и слова, могут быть употребительными, устаревающими и устаревшими. Степень употребительности зависит и от стилистической окраски фразеологизма: стилистически нейтральные и разговорно-просторечные фразеологизмы обычно используются активно; напротив, книжные обороты не в такой мере свойственны словоупотреблению наших дней. Устаревшие обороты утрачивают внутреннюю форму и нередко содержат архаические элементы.

Структурно-семантические свойства фразеологизмов, различающие их типы, формируются, как правило, в процессе переосмысления исходных сочетаний слов в целом или хотя бы одного из лексических компонентов сочетания. В первом случае образуются фразеологизмы, обладающие слитным значением (или свойством идиоматичности). Слитное значение может быть образным или безобразным и неразложимо относительно назначения их лексических компонентов: *смотреть сквозь пальцы, видал виды, курам на смех, отлегло от сердца.* Во втором - у переосмысляемого слова формируется фразеологически связанное значение, которое способно реализоваться только в сочетании с определённым словом или рядом слов, что приводит к образованию устойчивых словесных комплексов, обладающих аналитическим (расчленённым) значением: *белое мясо, золотая молодёжь, раб страстей (привычек, моды), приходить к мысли (к выводу, к решению).*

Среди фразеологизмов первого рода выделяют фразеологические сращения (их значения абсолютно немотивированны в современной лексике языка): *лить пули, кривая вывезет, на все корки,* и фразеологические единства, в значении которых можно выделить смысл, мотивированный значениями компонентов в их обычном употреблении: *преградить путь, на всех парах, тёмный лес.* Отличительная черта единств - образность.

Н.М. Шанский выделяет также четвёртый тип фразеологизмов - фразеологические выражения. Это “устойчивые в своём составе и употреблении фразеологические обороты, которые не только являются семантически членимыми, но и состоят целиком из слов со свободным значением. От фразеологических сочетаний фразеологические выражения отличаются тем, что в них нет слов с фразеологический связанным значением: *Любви все возрасты покорны; Волков бояться - в лес не ходить; оптом и в розницу; всерьёз и надолго; процесс пошёл; рыночная экономика.*

Образующие их слова не могут иметь синонимы” [11, с.45]. Их отличительный признак - воспроизводимость. Фразеологические выражения делятся на номинативные и коммуникативные (соотносимые с частью предложения и с предложением соответственно).

В качестве значимых единиц фразеологические обороты употребляются в языке по-разному. Одни выступают в постоянном лексико-грамматическом составе: *плакучая ива; ирония судьбы; Мёртвые сраму не имут; по образу и подобию; лечь в основу;* другие функционируют в виде нескольких равноправных вариантов. И факт наличия в языке большого количества фразеологизмов, сходных по семантике, но различающихся лексико-грамматическим оформлением, вызывает острые дискуссии. Главный вопрос, стоящий перед практической фразеологией, что считать вариантами, а что синонимами того или иного оборота. Понятие варианта фразеологизма обычно даётся на фоне тождества его целостного значения или образа. Большинство учёных признает, что “варианты фразеологического оборота - это его лексико-грамматические разновидности, тождественные ему по значению и степени семантической слитности”. Однако несогласия возникают, когда начинается определение типов варьирования. Основными типами фразеологического варьирования являются формальные трансформации и лексические замены компонентов фразеологизма. Такую классификацию фразеологических вариантов признаёт большинство исследователей. Формальное варьирование компонентов фразеологизма определяется фактом генетической общности слова и фразеологического компонента, поэтому виды варьирования компонента аналогичны видам варьирования лексем. В живой речи можно записать все виды таких вариантов - от акцентологических и фонетических (ср. *грубы распускать и грубы распускать* - “плакать, хныкать”; закономерно фонетических *стать дубом, дубьем, дубью* и др., или искажение оборота *Варфоломеевская* ночь в пск. *хыламеевская* ночь) до синтаксических (пск. *на штата работать* вместо *в* штате).

Морфологические варианты фразеологических единиц обычно сводятся к двум типам - парадигматическим и словообразовательным. В первом случае изменения компонентов наблюдаются в пределах парадигмы исходных слов: *бью (бил, била) баклуши, держать в уме* (диал. *в умах).* Второй тип - варианты, обусловленные модификациями словообразовательных формантов: *пальцы / пальчики оближешь, сходить /сойти с ума.*

Лексическое же варьирование фразеологического оборота констатируется многими исследователями. Но и в новейших работах можно найти решительный отказ от трактовки лексических замен как вариантности и стремление рассматривать это явление как фразеологическую синонимию. Весьма определенно в этом плане мнение А.М. Бабкина, считающего понятие “фразеологический синоним” неоспоримым, а “фразеологический вариант” - спорным в применении к случаям лексической замены компонентов фразеологизма. В.В. Виноградов выделяет три типа фразеологических вариантов:

1) фразеологизмы, содержащие разные, но одинаково семантически пустые компоненты (в таком случае фразеологизм может функционировать и без этих членов): *гроша ломаного (мерного) не стоит - гроша*

не стоит; что есть (было) силы - что сила;

2) фразеологизмы, содержащие слова, различающиеся грамматически;

3) фразеологизмы, отличающиеся один от другого как полные и сокращенные разновидности (в таком случае их отношения идентичны отношениям, существующим между полными и сокращёнными словами): *идти на попятный двор - идти на попятный; быть в интересном положении - быть в положении* fcp. *заместитель-зам., радиостанция-рация).*

Фразеологические обороты, имеющие в своём составе общие члены и сходные по значению, он рекомендует считать “дублетными синонимами”. Таким образом, обороты типа *задать баню (перцу;, от всего сердца - от всей души; бить баклуши (шабалу); молоть вздор (ерунду); сложить (сломить) голову; взять (заключить под стражу); набитый (круглый) дурак* и т.п. признаются синонимами-дублетами. Как пишет Н.М. Шанский, “по своему лексико-семантическому характеру фразеологизмы такого рода аналогичны однокорневым лексическим синонимам типа *топонимия - топонимика, синь - синева, трёшка - трёшница, лукавость - лукавство”.*

Точку зрения, согласно которой лексические замены во фразеологических оборотах ведут к образованию синонимов, а не вариантов, пытается теоретически обосновать и А.И. Фёдоров. Замена компонента фразеологизма, по его мнению, меняет характер образного представления последнего, его оценочную и стилистическую окраску.

Инсоф ин аст, ки гарчи маънии байти Навоӣ шабеҳи маънии байти Камол аст, онро тарҷума шуморидан нашояд. Агар онро ба тоҷикӣ баргардони таҳтуллафзӣ намоем, чунин мешавад: “Оразатро (рухатро) аз чашми ман пӯшонӣ, ҳар лаҳза ашкҳоям метарованд, – Мисли он ки пайдо мешаванд ситораҳо, агар пинҳон шавад Офтоб”.

Ба назари мо дар забони туркии чағатоӣ ин байт шеъри асил асту обурангу низоми устувори дигаре дорад, вагарна Лутфӣ, ки худаш дар сурудани ғазалҳои туркӣ асосан ба ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ пайравӣ мекарду ҳамчунин ба забони форсии тоҷикӣ низ шеър мегуфт, ин қадар аз ширинии байти Навоӣ лаззат бурда, мафтуну шефтаи он намешуд.

Суоле пеш меояд, ки тавфиқи Навоӣ дар сурудани ин байт дар чист? Бояд гуфт, ки гарчи тақобули “пинҳон шудан” ва “бурун шудан” дар ҳар ду байт ҳаст, аммо бофту сохтори шеъри Навоӣ гунаи дигар дорад. Аввалан, тавре маълум аст, забонаш туркист ва сохти калимот ва оҳанги онҳо аз форсӣ фарқ мекунанд, сониян, вазни он аз вазни байти Камол тафовут дорад. Аз они Камол дар баҳри Рачази мусаммани солим: мустафъилун-мустафъилун-мустафъилун-мустафъилун (– – V – / – – V – / – – V – / – – V –), аммо аз Навоӣ баҳри Рамали мусаммани маҳзуф: фоилотун-фоилотун-фоилотун-фоилун (– V – – / – V – – / – V – – / – V –) аст. Байти Камол аз 16 калима иборат аст, байти Навоӣ аз 14 калима. Ҳар ду мисраи Камол бо овози ҳамсадо шуруъ мешавад, вале ҳар ду мисраи Навоӣ бо садонок оғоз мегирад. Чунин фарқҳо дар меъмории (архитектоникаи) шеър нақши муҳим доранд. Аз чашмандози наҳвӣ дар мисраи аввали байти Камол ҷумлаи пайрави замон (То рух намӯшӣ) ошкор аст ва тобиши шартӣ ҳам дорад, вале дар мисраи аввали байти Навоӣ ҷумлаи пайрави сабаб (Оразин ёпғач кузимдин) дида мешавад. Мисраи аввали Камол ҷумлаи саволии таъкидӣ (риторикӣ), вале мисраи аввали Навоӣ ҷумлаи хабарист. Дар байти Камол аз ороёҳои бадеӣ, тавре ки пештар гуфтем, услуби муодила ҳаст, аммо дар байти Навоӣ ташбеҳи мураккабро мебинем – мисраи аввал пурра мушаббаҳ ва мисраи дуюм пурра мушаббаҳбиҳӣ. Ба маънои байти Навоӣ таваҷҷуҳ кунем, дар он мотиви ғаму ҳасрат аз дастнорасии маъшуқ ба забони туркӣ хеле муассир баён шудааст. Аммо баҳри Рачаз, ки Камол истифода кардааст, аслан барои ифодаи мазмуни тарабангез ва оҳанги шӯх мувофиқ аст, на барои баёни ғаму ҳасрати ошиқона. Нубуғи Навоӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар ғазали худаш вазни онро ба ҷониби мутобиқат бо маънии он тағйир додааст ва баҳри Рамал ҷиҳати ифодаи пурталотуми ҳасрати ошиқона сад дар сад мувофиқат мекунад. Бар замми

ин, дар ҳунарсозаи Навоӣ нағмаи ҳуруф (аллитератсия) /о, з, й, ш, ғ, р/ ва махсусан овозҳои “о”, “й”, “ғ” оҳанги ҳазини шеърро қувват дода, сабаби таъсирнокии байт шудааст. Ба қавли формалисти рус Борис Эйхенбаум “дар шеър мусиқӣ фармонравои аслист ва маънӣ ба мусиқӣ тобеъият дорад” [18, с.401].

Дуруст аст, ки Навоӣ таҷрибаи шеърии Камолро, ки қабл аз вай аст, пеши чашм дошта, вале сохтори шаклии онро тағйир додааст. Дар натиҷа, байте падид омадааст бо ҳунарсозаи тоза ва бозест, ки рӯбарӯйи хонандаи туркизабон олами бениҳояти тахайюл ва таъвилро мекушояд. Яъне, имтиёзи ҷамолшиносӣ, ки меъёри аслии ҳамаи ҳунарҳо ва аз ҷумла шеър аст, ин ҷо кори худро кардааст. Биноан, дар забони туркӣ воқеан ин сурудаи Навоӣ шоҳбайт аст, ба ҳамин сабаб дар ғазали ӯ он ҳамчун матлаъ омадааст, дар сурате ки байти Камол байти сеюми як ғазали ӯст бо матлаъи “Омад даруни дил ғамат, дигар намеояд бурун. – Савдои ин зулфи сияҳ аз сар намеояд бурун” [7, с.332].

Шафеъии Кадканӣ дар китобаш “Растохези калимот” менависад, ки «дар маънишиносии муосир ҳар сурате бо камтарин тағйире маънии қаблиашро аз даст медиҳад» [4, с.127].

Пас, Навоӣ бо тағйир додани сохтори мусиқоӣ, наҳвӣ ва ҳавзаи калимот маънии байти худро дигар кардааст ва чашмандози мазкур эҳсосоти отифиро бештар бармеангезад. Шеърияти байти Навоӣ боз дар он аст, ки бо миқдори андаки калимоти марбути ҳам, воҳиди сохторие офарида, ки қодир аст, маънои хеле фарохро ба эҳсосоти хонандагон ба таври гуногун бирасонад. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки Навоӣ дар ин шеър ва дигар ғазалҳои туркиаш ҳамон кореро анҷом додааст, ки Ҳофиз дар шеъри форсӣ бо маҳорати ҳайратовари худ сомон дода, ҳунарсозаҳои нисбатан ғайрифаъоли ашъори гузаштагонро фаъол ва зинда кардааст. Худи Камоли Хуҷандӣ ҳам, аксар вақт, шабеҳи кори Ҳофизро кардааст. Чунончи, Шайх Аттор дар як ғазалаш байти зерро дорад:

Ман зи шавқат чу шамъ мегирям,
Ту зи ашкам чу субҳ механдӣ [2, с.501].

Бибинед, ки Камол ин ҳунарсозаи Атторро ба тариқи ошноизудоӣ чӣ гуна коркарди муҷаддади ҳунарӣ намуда, ба он ҷони тоза бахшидааст:

Ту ҳамчун субҳ механдию ман чун шамъ мегирям,
Намедонӣ, ки ин ҳолат ман аз сӯзи дарун дорам [7, с.275].

Ин байти Камол гарчи дар заминаи байти мазкури Аттор падид омадааст, аммо бофти куллии ҳунарсозаи Камол дар меҳварҳои мусиқоӣ, наҳвӣ, таносуби калимот ва ғайра тамоман нав аст. Дар ин амали ошноизудоӣ, махсусан иловаи моҳиронаву тозаи ҷумлаи отифии “ман аз сӯзи дарун дорам” шоир ҳолати ҳаҷри ошиқонаи худро бо “риштаи сӯхтаистода андаруни шамъ” рабт дода, аз нигоҳи ҷамолшиносӣ ҳунарсозаи худро дар воқеъ пуррангу тааҷҷубзо кардааст. Ӯ бо ин амали эҷодӣ эҳсоси хонандаро ба таври дигар ангезиш дода, руҳияи ӯро шукуфон мекунад, зеро ин байтро шоир дар ҳолати мутағаййир аз руҳияи Аттор гуфтааст.

Алишер Навоӣ низ шеъри худро дар замону макон ва шароити руҳию равонии дигаре дар тафовут аз шароити руҳию равонии Камол эҷод карда ва муҳимтар аз ҳама воқеияти ҳоли худро аз равзанаи забони худаш дидааст. Дар ин мавзуъ ҳамоно Шафеъии Кадканӣ ақидаи ҷолибе дорад. Ба қавли ӯ «шеър мутааллиқ ба забон аст, на мутааллиқ ба ҷаҳон. Махсусан, шеъри ғиноӣ чизест, ки қобили тарҷума нест. Он шеъре, ки тарҷума мешавад, бояд дар шеърияташ шак кард» [5, с.128]. Адабпажуҳи рус Е.В. Баевская низ муътақид аст, ки “ҳангоми тарҷума тарҳи бадеии муаллиф комилан хароб мешавад ва назди хонанда чизе аз моли асл боқӣ нахоҳад монд” [3, с.19].

Суханшиноси асримиёнагии араб Ҷоҳиз Амр ибни Баҳр (ваф. 868 м.)-ро ҳам ақида бар он буда, ки шеър тарҷумашаванда нест, зеро дар тарҷума “нуктаи тааҷҷуббарангезӣ ва ҳусни он” аз миён меравад ва вазнаш ҳам ботил мешавад [17]. 4. Чунин ақидаи донишмандон роҷеъ ба тарҷума ба он байти туркии Навоӣ ҳам бастагӣ дорад. Дар ин росто боз метавон илова кард, ки дар байти Навоӣ “матни пинҳон”-и ҳамон байти Камол ҷой дорад ва онро Навоӣ дар сатҳи баланди ҳунарӣ дар забони модарии худ бозсозӣ намудааст.

Назарияпардози бузург Шафеъии Кадканӣ дар иртиботи “матни пинҳон” ақидаи сазовори таваҷҷуҳ баён доштааст. Ӯ менависад: «Тамоми халлоқиятҳои адабии таърихи башар саршор аз матни пинҳон аст. Ҳамаи осори бузургони мо дар ҳар сафҳаву сатр

мисдоқи матни пинҳонанд. Дар Ғарб, зоҳиран, ин гуна мушобиҳатҳоро айб медонистанду медонанд, вале дар урфи фарҳанги мо зуҳури матни пинҳон барои як шоҳкор ҳеч айб шумурда намешавад. Асаре, ки навъе матни пинҳон надошта бошад, пеш аз худованди худ хоҳад мурд ва ба душворӣ метавон унвони асари ҳунарӣ бар он итлоқ кард» [5, с.128].

Мунтақиди амрикоию британӣ Томас Стернз Элиот ҳам гуфтааст, ки «шоири хом тақлид мекунад ва шоири пухта мерабояд» [5, с.131].

Ва ин рабудан, агар ҳунармандона бошад, дар миёни бузургони мо амри зишт талаққӣ намешуд. Нуктаи муҳимме, ки Шамси Қайси Розӣ дар "Ал-Муъҷам" роҷеъ ба сирқат баён дошта, ба тасдиқи чунин ақида кор мекунад: Агар шоири дувум сурати некутару азбтар ба ҳарфи шоири пешин бидиҳад, маъно мулки ӯ хоҳад шуд ва барои шоири қаблӣ танҳо фазли собиқӣ боқӣ мемонад» [11, с.468-469].

Албатта, ин доварии Шамси Қайс дуруст аст, зеро агар ин ҳақиқат намебуд, такомули адабӣ ҳам ҳеч гоҳ ба вуҷуд намеомад.

Аз ин баррасиҳо метавон натиҷа гирифт, ки Алишери Навоӣ, ин шоири бузурги зуллисонайн, аз он байти Камоли Хуҷандии сеҳрофарин баҳраи халлоқона бардошта, бо гузидани вожаҳо, тағйир додани меҳвари наҳвӣ ва умуман меъмории мусиқоии забон онро инсиҷом бахшида, имкони эҳсоси ҳарчи бештари чизҳоро тавассути "нишон додан" фарох кардааст.

Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки Навоӣ дар тамоми ашъори форсӣ ва махсусан дар сурудани шеъри туркиаш аз бузургони шеъру адаби форсии тоҷикӣ тасарруфи ҳунарӣ намуда ва онҳоро дар коргоҳи халлоқи худ кор карда, ба сурати дилхоҳаш даровардааст. Фақат онҳоро бо таҳқиқи олимона ошкору бармало ва расидагӣ кардан кори суханшиносони асили оянда аст.

Тавзеҳот

1. Иқтибосоте, ки аз "Муҳокимат-ул-луғатайн" оварда, мешавад, тарҷумааш аз матни русии ин рисола ба қалами муаллифи ин сутур аст.
2. Ин ҷо, албатта, устодаш Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мустасност, зеро замоне, ки Навоӣ "Муҳокимат-ул-луғатайн"-ро таълиф мекард (соли 905/1500), Ҷомӣ дар қайди ҳаёт набуд.
3. Муҳаққиқи ӯзбек М.Сулаймонов дар иртиботи ин мавзуъ навишта, ки дар гузашта шоири туркигӯи номаъруфе буда, бо номи Ҳофизи Хоразмӣ ва ӯ дар соли 1435 зинда будааст ва нусхаи ягонаи девони ӯ дар соли 1975 дар Ҳиндустон ба даст омадааст. М.Сулаймонов қайд мекунад, ки дар як ғазали шоири охируззикр байте шабеҳ ба байти Навоӣ (Оразин ёпғач...) ҳаст ва он ин аст:

Бас ажабдур кӯзларим ёши юзунг кӯрган аро,
Чун бӯлур истора пинҳон, бӯлса пайдо Офтоб.

(тарҷумаи таҳтуллафзии ин байт ба тоҷикӣ чунин садо медиҳад: Ашк дар чашмам гаҳи дидори рӯят бас аҷаб, - Мешавад пинҳон ситора, шуд чу пайдо Офтоб /тарҷумаи О.Лабиб/). Баъдан, муҳаққиқи мазкур фикреро пеш меронад, ки Ҳофизи Хоразмӣ бо таъсирпазирӣ аз Камол ин байтро гуфтааст, аммо Навоӣ, ба фикри ӯ, байти худро бо таъсири Ҳофизи Хоразмӣ эҷод кардааст (Сулаймонов М. Бас ажабдур кӯзларим ёши // Филология ва замонавий педагогика технологиялар. Обиджон Каримовнинг 60 йиллигига бағишланган тўплам. – Намангон, 2016. – 45-49 бет. – Саҳ. 47).

Ин пешниҳод қобили қабул нест. Ба фикри мо ҳам Навоӣ ва ҳам Ҳофизи Хоразмӣ бо таъсири байти Камол абёти худро сурудаанд. Фақат ҳунарсозаи байти Ҳофизи Хоразмӣ аз нигоҳи шеърият нисбат ба байти Навоӣ хеле заифтар аст. Ба фикри мо Навоӣ шоиреро бо номи Ҳофизи Хоразмӣ намешинохт, вагарна дар бораи ин шоири туркигӯй ҳатман дар "Маҷолис-ун-нафоис" ё "Насоим-ул-муҳаббат" чизе менавишт. Ҳол он ки роҷеъ ба ин шоир зикре надорад. Аҷаб дар ин аст, ки М.Сулаймонов дар ҳайрат монда, ки чаро Навоӣ дар тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис" дар бораи Рӯдакӣ ва Юсуф Хос Ҳоҷиб (Юсуфи Балосоғунӣ /асри XI/ дар назар аст) барин шоирони бузург иттилое ироа накардааст. Ин муҳаққиқ нафаҳмидааст, ки "Маҷолис-ун-нафоис"-и Навоӣ тазкираи умумӣ набуда, балки асрӣ аст ва аз ин рӯ, дар бораи шоирони фавқуззикр иттилоъ наовардани Навоӣ табиист ва ҷойи ҳайрат буда наметавонад.
4. Барои саҳеҳии ин иддаои донишмандон метавон тарҷумаи туркии пораи ғазалеро аз Камоли Хуҷандӣ намуна оварда:

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар! Гуфтам: «Ба чашм»
В-он гаҳе дуздида бар мо менигар! Гуфтам: «Ба чашм»...
Гуфт: «Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бибар! Гуфтам: «Ба чашм».

Байти мазкурро Ҳ. Ҳомидӣ чунин ба туркӣ тарҷума кардааст:

Ёр дидики: Мендан бӯлак кишига қарамайсан! Хӯш бӯлади,
кӯз устида, дедим,
Сӯнгра менга ҳам яширинча қарайсан, дедӣ. Жоним билан,
кӯз устида, дедим (6:10).

Байти дуюми онро тарҷумони дигари ӯзбек Э.Очилов чунин тарҷума кард:

Ёр дедики: Агар ғамим биёбонига бошингни олиб кетмоқчи бўлсанг,
Биздан у ердаги ташналарга хушхабар олиб бор деди, кўз устига дедим.

Ин тарҷумаҳоро шеъри саҳеҳ шуморидан нашояд, зеро дар он ҳамаи назокату латофату шеърият ва муҳимтар аз ҳама неруи тааҷҷуббарангезии сухани Камол аз миён рафтааст. Дар байти Камол ифодаҳои шоиронаи “дуздида нигоҳ кардан” ва “Гуфтам: Ба чашм” ҳаст, ки ба забони дигар қобили тарҷума нестанд. Худи таркиби “Ба чашм” дар ин шеър, ки радиф ҳам аст, таҷнис дорад ва дар байти дувум ҳадди ақал дорои се маъност. Маънои аввал: “Итоат”, яъне, “ҳатман мерасонам”. Маънои сонӣ: “Он ташнагони биёбони ғамро аз чашми гирёнам об медиҳам”. Маънои солис: Ин ҷо бо қаринаи “мужда”, яъне, хабари хуш, “ин муждаро, ки башорат аз васл дорад, ба он ташнагон бо ашки шодӣ мерасонам”. Ба назари мо ҳамин шеърияти баланди байти мавриди назари Камол аст, ки ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ, Ҳофиз онро хонда ба риққат омадааст ва гуфтааст: “Машраби ин бузургвор олӣ ва суханаш соф аст”. Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Авҳадӣ, Исфаҳонӣ маъруф ба Мароғӣ. Куллиёт. Бо тасҳеҳу муқобила ва муқаддимаи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1340 ш. – 692 с.
2. Аттор, Фаридуддини Нишопурӣ. Девон. Бо тасҳеҳу муқобила ва муқаддимаи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Интишороти Китобхонаи Саноӣ 1339. – 555 с.
3. Баевская, Е.В. «Ворон» Эдгара. По: Бодлер и Малларме // Шаги. Steps. - 2020. - Т.6. - № 3. - С.18-27.
4. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Растохези калимот. – Теҳрон: Сухан, чопи саввум, 1391 ш.
5. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Тарҷуманопазирии шеър // Ин кимиёи ҳастӣ. – Табрез: Ойдин, 1385 ш. – С.125-133.
6. Камол, Хужандий. Девон. Ҳ. Ҳомидий бош сўзӣ. Ўзбек тилига М.Васфий таржимаси. – Тошканд, 1962.
7. Камол, Хуҷандӣ. Девон. Ба тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ ва муқаддимаи Алиасғари Шеърдўст, чопи аввал. – Табрез: Маҷмааи бузургдошти Камои Хуҷандӣ, 1375 ш. – 480 с.
8. Навои, Мир Алишер. Суждение о двух языков (перевод А.Малеховой) // Сочинения. В 10 томах. – Т. 10. – Ташкент: Фан, 1970. – С.105-139.
9. Навоий, Алишер. Ғароиб ус-сиғар // Мукаммал асарлар тўплами. 20 томлик. – Учинчи том. – Тошкент: Фан, 1988.
10. Навоӣ, Мир Алишер. Хамсат-ул-мутаҳаййирин. Тарҷумаи Муҳаммади Нахҷувонӣ (1320 ш.). Таҳия, тасҳеҳ ва тавзеҳи М. Низомӣ. – Душанбе: ҶДММ “Абдураҳмон-Р”, 2021.
11. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор-ил Аҷам. Ба тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ ва тасҳеҳи муҷаддади Мударриси Разавӣ ва Сируси Шамисо. – Теҳрон: Илм, 1388 ш.
12. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Ба кўшиши Бадеъуззамони Фурўзонфар. – Теҳрон: Амири кабир, чопи 14-ум, 1376 ш.
13. Саъдӣ, Муслиҳуддини Шерозӣ. Куллиёт. Ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурўғӣ. – Теҳрон: Ҳермес, чопи аввал, 1385 ш.
14. Соиб, Табрезӣ. Куллиёт /чопи сангӣ/. – Калкатта: Нувал Кишур, 1906. – 716 с.
15. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. – Ҷ.6. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз К. Айнӣ ва З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.
16. Хондамир, Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин. Макорим-ул-ахлоқ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳаммадакбари Ашиқ. – Теҳрон: Оинаи мерос. – Чопи аввал, 1378 ш.
17. Ҷоҳиз, Амр ибн Баҳр. Китоб-ал-ҳаявон. www.iamatranlator.org Ин сомона рўзи 18 феврали соли 2022, соати 16.00 дида шуд.
18. Эйхенбаум Б.М. Мелодика русского лирического стиха / Б.М. Эйхенбаум // О поэзии. – Л.: Советский писателӣ, 1969. – С.327-511.

НУФУЗИ МАЪНАВӢ ВА ҲУНАРИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ БА АЛИШЕР НАВОӢ

Мақола дар хусуси таъсири маънавӣ ва ҳунарии Камоли Хуҷандӣ (ваф.1400-1401) ба Мир Низомуддин Алишер Навоӣ (1441–1501) баҳс мекунад. Бо такя ба суханони худи Навоӣ (дар “Хамсат-ул-мутаҳаййирин”, “Муҳокимат-ул-луғатайн”) ва адибони ҳамасраш (мисли Хондамир дар “Макорим-ул-ахлоқ”) муайян карда мешавад, ки ӯ аз синни хурдсолӣ дар мактаби бузурги шеъру адаби форсии тоҷикӣ тарбият ёфта, ҳамчун донандаи хурдбини назокатҳои шеъри форсӣ машҳур гаштааст. Ҳамин воқеият аст, ки Навоӣ аксари кулли осори худро дар партави адабиёти муҳташами форсии тоҷикӣ эҷод кардааст. Аз ҷумла, муаллифи мақола дар сурудани ғазал таъсир доштани ашъори Камоли Хуҷандиро бар ғазалиёти Навоӣ ошкор мекунад. Аксари муҳаққиқон он байти машҳури туркии Навоӣ:

Оразин ёпғач кузимдин сочилур ҳар лаҳза ёш,
Ўйлаким пайдо булур юлдуз, ниҳон бўлғач Қуёш

ки дар як ғазалаш овардааст, тарҷумаи байти зери Камол донистаанд:

То рух напўшӣ кай шавад аз дида ашки мо равон,
Пинҳон нагашта Офтоб ахтар намеояд бурун.

Дар мақола кўшиши асосӣ бар он равона шудааст, ки ғалат будани ин ақида ба субут расонида шавад. Бо далелҳои маҳкам ҷой доштани умумият ва фарқҳои сатҳи ҳунарии абёти мазкури ҳар ду шоир ошкор карда мешавад. Дар ин росто бо истифода аз равиши шаклгароӣ дар меҳварҳои гуногуни забонӣ ҷой доштани дараҷаи инҳироф аз норма ва ошноизудоии ҳунарӣ кардани шоирони номбурда ва билохира тағайюроти ҳунарсозаҳои абёти ин шоирон ба таври муфассал нишон дода мешавад. Аз ҷумла, тафовутҳои ҳунарсозаҳо аз нигоҳи меъмории забони шоирона (сохтори овоӣ, наҳвӣ, луғавӣ, тобишҳои маъноии калимот, ороёҳои бадеӣ, нағмаи ҳуруф, оҳанги умумии нутқи бадеӣ, ҳузури отифа...) таҷзия ва таҳлил карда мешаванд. Бо ҳамин ҳунари Навоӣ дар ҷони тоза бахшидан ба ҳунарсозаи нисбатан масдуди Камол бо мушаххас кардани фактҳо матраҳ карда мешавад. Муаллиф дурустии мавқеи худро бо овардани андешаҳои суханшиносони маъруфи гузаштаву муосир тақвият бахшидааст.

Калидвожаҳо: Навоӣ, Камол, ғазал, таъсир, тафовут, ошноизудоӣ, тарҷума, ҳунарсоза.

ДУХОВНОЕ И ТВОРЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ КАМОЛА ХУДЖАНДИ НА АЛИШЕРА НАВОИ

В статье рассматривается степень духовного и поэтического влияния Камола Худжанди (ум. 1400-1401) на творческую личность Мир Низомаддина Алишера Навои (1441–1501). Ссылаясь на высказывания самого Навои (в "Пятирыце смятенных", "Суждения о двух языках") и его современников (как Хондемир в "Книге благородных качеств") заключается в том, что он с малых лет воспитывался богатой персидско-таджикской поэтической школой, вследствие которого стал знаменит как уникальний знаток тонкостей персидской поэзии. Данное обстоятельство способствовало тому, что Навои большинство своих тюркоязычных сочинений создал в традициях персидско-таджикской литературы. В частности, автор статьи устанавливает наличие влияния лирики Камола Худжанди в газелях Навои. К примеру, некоторые исследователи считают, что следующий известный бейт Навои на староузбекском языке:

Когда лик свой скрываешь от моих глаз, разольются слезы,
Подобно тому как появляются звёзды, когда закатывается солнце,

является переводом бейта Камола Худжанди на фарси:

Пока ты не скрываешь свой лик, не проливаются слезы из моих глаз,
Подобно тому как появляются звёзды после заката солнца.

В предлагаемой статье основное внимание автора уделяется доказательству того, что отмеченное предположение является не совсем корректным. Автор, признавая, что в данных бейтах хотя в определенной степени и присутствует художестыенное созвучие, однако утверждает, что достоверными фактами является наличие множества тонких различий. Для этого с использованием формалистических методов и различных языковых нюансов рассматривается степень отклонения и "отстранения" поэтического приёма этих двух поэтов, и наконец, подробно анализируется изменение литературности в вышеприведенных бейтах. В том числе исследуется отличие поэтических приёмов в данных бейтах с позиций архитектоники: фонетические, словарные, синтагматические отношения, смысловые оттенки слов, использование художественных фигур, аллитерации, ассоциации, отличие общей мелодики поэтического языка и т.д. Таким образом, определяется мастерство Навои в оживлении и реконструкции сравнительно замкнутой поэтической структуры бейта Камола Худжанди. Для подтверждения своих суждений автор приводит доводы известных классических и современных учёных литературоведов.

Ключевые слова: Навои, Камол, газель, влияние, различие, "отстранение", перевод, поэтический приём.

SPIRITUAL AND CREATIVE INFLUENCE OF KAMOL KHUJANDI ON ALISHER NAVOI

The article examines the degree of spiritual and poetic influence of Kamol Khujandi (d. 1400-1401) on the creative personality of Mir Nizomaddin Alisher Navoi (1441-1501). Referring to the statements of Navoi himself (in the "Five Counts of the Confused", "Judgments on Two Languages") and his contemporaries (like Khondemir in the "Book of Noble Qualities"), it is that from an early age he was brought up by a rich Persian-Tajik poetic school, due to who became famous as a unique connoisseur of the intricacies of Persian poetry. This circumstance contributed to the fact that Navoi created most of his Turkic writings in the traditions of Persian-Tajik literature. In particular, the author of the article establishes the presence of the influence of the lyrics of Kamol Khujandi in the gazels of Navoi. For example, some researchers believe that the following well-known bayt of Navoi is in Old Uzbek:

When you hide your face from my eyes, tears will flow,
Just like the stars appear when the sun goes down

is a Farsi translation of Kamol Khujandi's beit:

As long as you don't hide your face, tears don't fall from my eyes
Just like the stars appear after sunset.

In the proposed article, the author focuses on proving that the noted assumption is not entirely correct. The author, recognizing that in these bays, although there is an artistic consonance to a certain extent, however, claims that the presence of many subtle differences is reliable facts. To do this, using formalistic methods and various linguistic nuances, the degree of deviation and "detachment" of the poetic device of these two poets is considered, and finally, the change in literary quality in the above bayts is analyzed in detail. This includes the study of the difference between poetic devices in these bayts from the standpoint of architectonics: phonetic, dictionary, syntagmatic relations, semantic shades of words, the use of artistic figures, alliteration, associations, the difference in the general melody of the poetic language, etc. Thus, the mastery of Navoi in the revival and reconstruction of the relatively closed poetic structure of the beit Kamol Khujandi is determined. To confirm his judgments, the author cites the arguments of well-known classical and modern literary scholars.

Key words: Navoi, Kamol, ghazal, influence, difference, "removal", translation, poetic device.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мақсудзода Бадриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **maksudov-56@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-13-98-19**

Сведения об авторе: ***Максудзода Бадриддин*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **maksudov-56@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-13-98-19**

Information about the author: ***Maksudzoda Badriddin*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **maksudov-56@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-13-98-19**

ТДУ: 891.550

СИМОИ ЯЗДГИРДИ ШАҲРЁР ВОПАСИН ШОҲАНШОҲИ СОСОНӢ

Юлдошев А.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Подшоҳии Яздгирд, ки шонздаҳ сол буд, дар “Шоҳнома” дар матни интиқодии Душанбе дар 858, дар матни интиқодии Москва дар 865 ва дар матни интиқодии Холиқии Мутлақ дар 875 байт омадааст.

Яздгирдро дар энсиклопедияҳо писари Шаҳрёр набераи Хусрави Парвиз ва Ширин медонанд. Ба қавли Табарӣ: “Фирӯзон ва Рустам ба Пӯрон духтари Кисро гуфтанд, ба мо номи занони Кисро ва асилзодагони ӯро ва номи занони хонадони Кисро ва асилзодагони хонадонро навис. Ӯ чунин кард ва номае дар ин хусус ба онҳо фиристод. Ин ду тамоми занҳоро ёфтанд ва ҳозир намуданд. Ва онҳоро уқубат ҳам карданд, то ... ба номи писаре аз писарони Кисро далолат кунанд. Аммо натавонистанд байни ин занон писареро пайдо кунанд. Занон гуфтанд, ё касе аз занон гуфт: “касе ба ҷуз писаре, ки Яздгирд ибни Шаҳрёр гӯяндаш намонд. Модари ӯ аз мардумони Бодуриё буд... Ба Яздгирд кас фиристоданду оварданд ва подшоҳаш карданд... Ва ӯ бисту як сола буд” [18, ҷ.3, с.477-478].

Ба далолати Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Шаҳрёр дар қатори он писарони Хусрави Парвиз буд, ки Ширӯя кушта буд [9, с.61]. Таъкид ҳам мешавад, ки чун тахт холӣ монд, Яздгирдро муносиби ин мақоми олӣ донистанд, ҳарчанд ӯ ҳоло шонздаҳсола ҳам набуд.

Муаллифи “Таърихи император Иракл” таърихнигор ва епископи арманӣ Себеос, ки дар нимаи якум ва ибтидои нимаи дуюми асри VII зиндагӣ ва эҷод кардааст, менависад: “Баъд аз ӯ Газкерт (Яздгирди III) писари Кават (Қубод), набераи Хусрав ба тахт нишаст. Ӯ бо ҳарос подшоҳӣ мекард, зеро сипоҳи форсиён бар асари ошӯбҳо ба се бахш тақсим шуда буд... Ӯ дар Ктесифон буд ва ҳама бо як овоз ва якдилона ба ӯ эҳтиром мегузориданд, омин” [17, с.110-111]. Қавли Себеос, ки “Газкерт писари Кават”, яъне Шерӯя буд, яқинан хилофи воқеият аст. Сарчашмаҳои дигар Яздгирдро писари Шаҳрёр набераи Хусрави Парвиз гуфтаанд.

Аҳмади Яъқубӣ (ваф.897) дар “Таърих” овардааст, ки модари Яздгирд “ҳаҷҷома буд. Хусрав бо вай ҷуфт шуд ва Яздгирд ба дунё омад. Ин амрро фоли шум диданд ва ӯро пинҳон карданд. Сипас ноилоҷ буданду ӯро оварданд. Аҳволи шоҳаншоҳӣ парешон буд. Аҳли мамлакат ӯро наҷоти худ шумориданд” [25, ҷ.1, с.198]. Он нукта, ки модари Яздгирд ҳаҷҷома буд, дар “Таърих”-и Табарӣ ҳам гузаштааст [18, ҷ.3, с.501].

Абуҳанифаи Диновариӣ (ваф.897) дар “Ахбор-ут-тивол”, ки дар бахши подшоҳии Яздгирд беш аз ҳама ба ҷангҳои эрониён бо лашкари ислом таваққуф кардааст, меоварад, ки “форсиён аз подшоҳии занон сер шуданд ва Яздгирд ибни Шаҳриёр ибни Кисрои Абарвизро подшоҳи худ ихтиёр карданд, ки ӯ ҷавони шонздаҳсола буд” [7, с.119]. Балъамӣ изҳори ақида мекунад, ки Яздгирд чун ба подшоҳӣ расид бистуяк сол дошт [4, ҷ.2, с.994]. Умуман дар бораи он ки Яздгирдро дар чандсолагӣ подшоҳ кардаанд сарчашмаҳо фикрҳои гуногун баён мекунанд. Илова бар синни шонздаҳ ва бистуяксолагӣ синни ҳаштсолагӣ ҳам мегузарад, ки аз ҷумла дар wikipedia.org омадааст. Эҳтимол дар таомули давлатдории Сосониён синну сол эътибор надошт ё эътибори камтаре дошт. Чунончи ба ривояти Фирдавсӣ ба Шопури Зулактоф дар чиҳилрӯзагӣ тоҷ гузошта буданд [21, ҷ.7, с.312]. Ба ривояти Агафий тоҷро ҳамон вақт гузоштанд, ки Шопур ҳанӯз дар батни модараш буд [1, с.105-106]. Чун кор – тоҷ гузоштан ба сари Яздгирд, тақрибан аз ноилоҷӣ буд, меҳтарони Эрон эътибор надоданд, ки модари шоҳаншоҳ канизак буд ва ба пешаи ҳаҷҷомагӣ рӯз мегузаронд. Роҷеъ ба синни ҳаштсолагӣ Теодор Нелдеке ин эҳтимолро комилан рад намекунад ва меоварад: “Дар сиккаҳое, ки аз соли даҳуми салтанаташ дар даст аст, сурати ӯ риш надорад” [14, с.593].

Аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ваф.923) бармеояд, бузургони Истахр Яздгирдро, ки аз куштори Ширӯя наҷот ёфта, ба ин шаҳр оварда шуда буд, меёбанд ва ӯро подшоҳ ихтиёр мекунанд. Яздгирдро дар оташкадаи Ардашер тоҷ мегузоранд ва сипас ба Мадоин меоваранд. Табарӣ менависад: “Чун ӯ наврас буд, бузургону вазирон тадбири кори подшоҳӣ мекарданд ва меҳтари онон сарпарасти хазина буд” [19, ҷ.4, с.83].

Ҳамзаи Исфаҳонӣ (ваф.980) менависад, ки Яздгирди наврас бо ҳилаҳое аз дасти Ширӯя наҷот ёфт ва ба каронаҳои подшоҳӣ паноҳ бурд. “Чун ба подшоҳӣ расид, шонздаҳ

сол дар ҷангҳои пайваста буд, то дар Марв ба соли сию якуми ҳичрат, ба соли ҳаштуми халофати Усмон ибни Аффон (р) кушта шуд [9, с.63].

Бундорӣ дар тарҷумаи арабии "Шоҳнома" ба наср дар боби Яздгирд бо ишора ба ин, ки "на соҳиби китоб (яъне Фирдавсӣ) гуфтааст", меоварад, писари калонии Хусрави Парвиз – Шаҳрёр ном дошт. Ширин ӯро ба парасторӣ гирифта буд ва сахт дӯстдорӣ мекард.

Мунаҷҷимон ба Хусрав мегӯянд, аз баъзе писарони ту писаре зоида мешавад, ки боиси суқути ин хонадон ва инқирози давлати онон мегардад. Нишони ин писар иллате дар ҷое аз бадани ӯ хоҳад буд. Шаҳрёр ба балоғат мерасад ва шаҳвати ҷуфт шудан боло мегирад. Ба канизаке, ки Ширин фиристода буду ҳаҷҷомаи шаҳбону ҳам буд, ҷуфт мешавад ва Яздгирд ба дунё меояд. Ширин писараки хурдакакро бо либосҳои оростаю пероста ба Хусрав нишон медиҳад. Хусрав низ ба кӯдак меҳр мебандад. Вале фоли мунаҷҷимон шоҳаншоҳро парешон мекунад. Чун кӯдакро урён мекунанд, Хусрав дар яке аз ронҳои ӯ ҳамон иллатро мебинад. Хусрав кӯдакро ба замин мемонаду ба Ширин мефармояд, ки дураш кунад, то ҳаргиз набинадаш. Ширин бо чанде аз доягон кӯдакро ба канораҳои кишвар мефиристад [2, ҷ. 2, с.264].

Иззуддин ибн ал-Асир дар "ал-Комил фӣ-т-таърих" ҳамин ҳикоятро овардааст ва афзуда, ки Ширин гумон надошт, ки канизак метавонад ҳомила шавад. Мегӯяд, ки Яздгирдро ба Систон, ба ривояти дигар, ба яке аз деҳҳои Саводи Ироқ, ки Хумония ном дошт, мефиристанд. Дар ҷойи дигар Ибн ал-Асир ҳамон мулоҳизаи сарчашмаҳоро меорад, ки чун мамлакат бе подшоҳ мемонад, Яздгирдро дар Истахр пайдо мекунанд [8, ҷ.1, с.493-494; 501].

Оғози достони подшоҳии Яздгирд дар муқоиса бо достонҳои подшоҳони дигари Сосонӣ андаке аз қоида берун нигошта шудааст. Фирдавсӣ дар дувоздаҳ байт ҳамон маъниҳоро ба назм кашидааст, ки одатан дар фарҷоми кори подшоҳон ривоят мекард. Чунончи:

Агар чархи гардон кашад зини ту,
Саранҷом хиштаст болини ту [22, ҷ.9, с.416].

Чун қоида Яздгирд хутбаи тоҷгузорӣ эрод мекунад ва сазовори таҳсини бузургон ҳам мешавад. Яздгирд таъкид мекунад, ки падар бар падар подшоҳӣ марост. Дар хутбаи Яздгирд муфаззал будани некномӣ садои бештар додааст. Сипас, мавзуъ печи дигар мегирад ва шоҳаншоҳро дар рӯёрӯйи ҳуҷуми лашкари ислом мегузорад.

Хулосаи ҳуҷуми лашкари ислом ба соли 636 чунин аст, ки лашкари овозадори Сосонӣ дар набарди Қодисия сахт шикаст меҳӯрад. Ин шикаст роҳро ба фатҳи Мадоини пойтахт ва умуман гирифтани тамоми шоҳаншоҳӣ мекушояд. Вобаста ба набарди Қодисия наметавон аз овардани як байти Фирдавсӣ худдорӣ кард, ки ба фикри мо назари шоири огоҳро нисбат ба ҳуҷуми лашкари ислом ифода кардааст:

Зиёни касон аз паи суди хеш,
Биҷӯянду дин андар оранд пеш [22, ҷ.9. с.425].

Ҷанги Қодисия ба навъе воқеаи тақдирсоз буд. Бо ҳамин империяи Сосониён ва охирин давлати қавмҳои эронӣ, ки нуфуз ва аҳаммияти ҷаҳонӣ ва ё минтақавӣ дошт, суқут мекунад. Огоҳони эронӣ, эҳтимол, пай бурда буданд, ки инқирози салтанат ва шикасти дини зардуштӣ гузир надорад. Шояд ба ҳамин хотир мӯбадон ба соли дуюми подшоҳии Яздгирди Шаҳрёр китоби муқаддаси "Авасто"-ро дар бисту як насқ ба хатти паҳлавӣ китобат мекунанд. Ин кор ба қавли Кристенсен А. соли 634 сурат гирифтааст [11, с.369].

Ҳамзамон А. Кристенсен ба ақидае, ки "мутуни муқаддаси маздияснон то авосити қарни ҳафтуми мелодӣ сина ба сина ҳифз мешуда ва зардуштиён то солҳои охири салтанати Сосониён кутуби мазҳабии мудавван надоштаанд", мухолифат мекунад [11, с.369]. Яъне, ин китобат китобати нахустин набуд, китобати охирин буд, ки ба хатти паҳлавӣ навишта шуда буд.

Шояд яке аз сабабҳои китобати "Авасто" он ҳам бошад, ки ин китоб ҳам ба қатори китобҳои муқаддас, ки ислом эътирофаш мекунад, дароварда шавад. А.Кристенсен идома медиҳад, ки "баъдҳо дар қарни ҳаштуми мелодӣ алифбои авастоиро ихтироъ ва мутунеро, ки соли 634 мелодӣ ҷамъоварӣ ва ба хатти паҳлавӣ навишта буданд, ба ин алифбои ҷадид нақл карданд" [11, с.369].

Дар замони подшоҳии бухроногини Яздгирди III, инчунин, боз як нишони бемонанди хотираи фарҳангии қавмҳои эронӣ "Худойнома" таълиф шуда буд. Сухан дар бораи "Худойнома"-и деҳқони Донишвар меравад. Теодор Нёлдеке бо такя ба маълумоти

муқаддимаи Бойсанқурии “Шоҳнома” менависад: “Дар замони Яздгирд охирин шоҳи Сосонӣ... деҳқони Донишвар бо истифода аз нусхаҳои пешин як вақоеъномаи комиле аз шоҳони Эрон аз Каюмарс то Хусрави II таълиф кардааст” [13, с.36].

Нёлдеке ба баъзе ҷузъиёти маълумоти муқаддимаи мазкур баҳои баланд намедиҳад, вале навишта шудани “Худойнома”-и комилро (аз Каюмарс то Хусрави II, яъне Хусрави Парвиз) дар замони Яздгирд инкор намекунад. Ҳасани Пири Ниё низ ақида дорад, ки: “Китобе мавсум ба Худойнома”.... дар замони Яздгирди III рочеъ ба таърихи Эрон таълиф шуда буд...” [15, ҷ.3, с.207].

Пас аз ин шикасти низомӣ яке аз сарлашкарон, ки Фирдавсӣ Фаррухзоди Ҳурмуздаш мегӯяд, ба ҳузури подшоҳ мерасад ва бо ситез маслиҳат медиҳад, ки подшоҳ ба бешаи Норвон равад. Пеш аз ин Фаррухзод дар муҳорибае лашкари исломро дар Бағдод шикаст медиҳад, то ҷое, ки аз найзадорон намонд эч гурд. Пас аз шунидани арзи Фаррухзод Яздгирд анҷуман доир мекунад. Аъёни давлат маслиҳати Фаррухзодро ҷонибдорӣ менамоянд. Вале Яздгирд гузинаи дигар пешниҳод мекунаду мегӯяд, ки: “Ҳамон беҳ, ки сӯи Хуросон шавем”. Ӯ изҳори умед мекунад, ки бузургону туркону хоқони Чин ва инчунин, волии (куноранг) Марв Моҳуйи Сурӣ подшоҳро дастгирӣ хоҳанд кард. Ҳамчунин мегӯяд, ки духтари Фағфур хоқони Чинро ба занӣ хоҳад гирифт. Дар бораи Моҳуй ақидаи подшоҳ чандон пуштибонӣ намеёбад [22, ҷ.9. с.438-442].

Рӯзи дигар подшоҳ ба самти Хуросон ҳаракат мекунад. Аз рафтани подшоҳ эрониён хурсанд намешаванд. Яздгирд нахуст дар Рай таваққуф мекунад, сипас аз тариқи Гургону Буст роҳи Марврро пеш мегирад ва номае ба Моҳуи Сурӣ, ки волии Марв буд ва инчунин, ба марзбони Хуросон менависад.

Нома ба Моҳуй дар нуҳ байт омадааст. Дар тасвирҳои Фирдавсӣ подшоҳон бо он ҳама ҷоҳу ҷалол гиря мекунанд ва рангашон меканад. Ин ҷо низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад. Нома аз се байти ҳамд оғоз меёбад. Дар нома Яздгирд иқрор мекунад, ки: “В-аз ин подшоҳӣ бишуд рангу бӯй”. Мегӯяд, Рустамро Саъди Ваққос, ки на ном дораду на мақом кушт. Бинобар ин: “Ту бо лашкарат размро соз кун” [22, ҷ.9, с.447]. Номаи дигарро Яздгирд ба волии Тӯс менависад, ки дар ҳаштоду нуҳ байт омадааст. Ҳолати шоҳаншоҳро ҳангоми фармудани нома Фирдавсӣ чунин тасвир кардааст: “Пур аз хун дилу рӯй чун сандарӯс” [22, ҷ.9, с.447]. Сандарӯс шилми зардранги дарахте будааст, ки номи илмиаш Tetraclina articulate мебошад. Дар нома ҳамд дар панҷ байт омадааст. Сипас Яздгирд ба сифати худаш мегузарад.

Ӯ бо ҳама шароити варшикастагии сиёсию низомӣ, ки дошту рӯ ба гурез ҳам ниҳода буд, худашро ҳамоно “шаҳриёри сутург” мешуморад. Инсофан месазад гуфт, ки шояд ин ҷо клише бошад, на инъикоси воқеят. Зеро Шаҳрёр ҳеҷ касе набуд ва Яздгирд ҳам чунонки гуфта гузашта будем, иллате дошт ва аз рӯйи оини подшоҳони Сосонӣ ҳатто шоистаи тахт набуд. Ва он, ки дар давоми сифатҳои Яздгирд дабир ӯро “Сипаҳдори Эрону пирӯзгар” [22, ҷ.9, с.448] ба қалам медиҳад, муболиға ҳам нест, дурӯғ аст.

Сипас Яздгирд аз гӯё пуштибонии аҳли Хуросон аз Хусрави Парвиз ҳангоми мубориза бо Баҳроми Чӯбина ёдовар шуда, ваъда медиҳад, ки: “Ба подоши неку физоиш кунем”. Яздгирд мегӯяд:

Ҳамоно, ки омад шуморо хабар,
Ки моро чӣ омад зи ахтар ба сар.

Баъд аз ин ба накуҳиш ва ҳатто таҳқири қавми араб мегузарад. Чунончи:

Аз ин морхор аҳриманчеҳрагон,
Зи доноиву шарм бебаҳрагон.
На ганҷу на тахту на ному нажод,
Ҳамедод хоҳанд гетӣ ба бод.
Чунин гашт паргори чархи баланд,
Ки ояд бад-ин подшоҳӣ газанд.
Аз ин зоғсорони беобу ранг
На ҳушу на дониш на ному на нанг” [22, ҷ.9, с.449].

Ин чор байт ба истиснои як байте, ки афзуда мебошад, дар матни А. Бертельс низ чунин омадааст [23, ҷ. 9, с.340]. Дар матни Холиқии Мутлақ ҳам он байти афзуда, ки дар матни Душанбе наомадааст, чунин аст:

Басе ганҷу гавҳар пароканда шуд,
Басе сар ба хок оганда шуд [24, ҷ.8, с.443].

Ҳар се матни интиқодии иқтибос чи ба оҳанг ва чи ба маънӣ фарқи казоие надоранд. Мо намегӯем, ки ин чор ё панҷ байтро бе шакку шубҳа шоири мусулмон гуфтааст. Вале наметавонем иқрор ҳам кунем, ки байтҳоро Фирдавсӣ нагуфтааст.

Бино ба қавли Холиқии Муталақ (ва Абулфазли Хатибӣ, ки дафтари VIII матни интиқодиро таҳия намудааст), дар дувоздаҳ дастхати "Шоҳнома", ки то охири асри XV китобат шудаанд, ин байтҳои арабситезона вуҷуд надоранд. Аммо худи маънӣ, яъне таъна задан ба арабҳо, ки сусмор мехӯрданду гӯсфанд мечарониданд, эҳтимол, дар адабиёт маънии нав нест. Шоири шуубие, ки Иброҳим ибни Мамшод ном дорад ва замоне дар дарбори халифаи Аббосӣ ал-Мутаваккил ала-л-лоҳ (847-861) чун дабир дар Бағдод хидмат ҳам кардааст у сипас ба хидмати Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ (867-879) дар Сиистон гузаштааст, бо супориши Яъқуб ба унвони халифа ал-Муътамид ала-л-лоҳ (870-892) қасидаи тунде менависад ва дар байте аз он кушоду равшан мегӯяд:

فعودوا الي ارضكم بالحجاز
لاكل الضباب و رعي الغنم

Ба замини худ дар Ҳиҷоз баргардед, Барои хӯрдани сусмору чаронидани гӯсфанд [12, с.23].

Арабҳо, эҳтимол, на танҳо сусмор, мор ҳам мехӯрданд. Муҳаммади Ғаззолӣ, дар "Насиҳат-ул-мулук" ҳикояте овардааст, ки пиразани хайманишине, то ҳоҷии ҳаҷҷро, ки аз корвон монда буд ва раҳгум зада, аз гушнагӣ наҷот диҳад, ба шикори морон мебарад. Чанд морро шикор мекунаду бирён, то раванда аз гушнагӣ намирад [5, с.61-62].

Месазад гуфт, хӯрдани мор миёни қавмҳои эронӣ низ будааст. Ин ҷо вазъият аснодӣ мебошад. Қадамалии Сарромӣ менависад: "Рӯдоба пас аз ибтило ба ҷунуни муваққат дар асари имсоки тулонӣ аз хӯрдани ғизо ва фишори гуруснагӣ мореро аз замин бардошта, хӯрдани онро мебисеҷад, аммо парастандагон морро аз дасти ӯ мегиранду ба вай ғизо медиҳанд, то андак-андак ҳолати девонагии ӯ аз миён меравад" [16, с.537; 20, ҷ.6, с.340-341].

Вобаста ба зӯроварии лашкари араб дар нома Яздгирд аз хоби Анӯшервон ҳам ёд мекунад. Чунончи Яздгирд дар бобати хоби Анӯшервон менависад:

Ҳам оташ бимурдӣ ба оташкада,
Шудӣ тира Наврӯзу ҷашни Сада.
Аз айвони шоҳи ҷаҳон кунгура,
Фитодӣ ба майдони ӯ яксара"
Бинобар ин менависад Яздгирд:
Ба сӯи Хуросон ниҳодем рӯй,
Бари марзбонони пархошҷӯй [22, ҷ.9, с.450].

Баъд аз ин дар нома Яздгирд як навъ ҳисоботе медиҳад, ки дасти холӣ наомадааст, яъне дар сурати лашкар оростан ақибгоҳи лашкар то ҳадде таъмин мебошад. Мегӯяд, зару зевари хазина бо ӯст. Хӯрданиҳо, инчунин. Масалан, чил ҳазор гов гурунҷ, даҳу ду ҳазор хирвор ва ҳатто сесад шутур "нафти сиёҳ" [22, ҷ.9, с.452-453] ва ғайра.

Моҳуй – марзбони Марв аз Яздгирд зоҳиран ба таври шоиста истиқбол мекунад. Яздгирд медонист, ки Моҳуй асилзода нест. Иқрор шуда буд, ки:

Чу беарзро ном додем арз,
Кунорангиву пилу мардони марз.
Агарчанд бемояву бетан аст,
Баровардаи боргоҳи ман аст.

Фаррухзод, яке аз сарлашкарони шоҳаншоҳ ҳам Яздгирдро огоҳ карда буд, ки: "Ба бадгавҳарон-бар бас эмин машав" [22, ҷ.9, с.443]. Аммо чун дар мурофиқати Яздгирд Моҳуйро мебинад, аз дидани ӯ изҳори хурсандӣ мекунад. Фаррухзод, ки мебоист бо фармони шоҳ ба Рай бозгардад, Яздгирдро ба амонати Моҳуй месупорад. Моҳуй суханони Фаррухзодро қабул мекунад, вале бо гузаштани чанде аз вақт ӯ ба муқобили Яздгирд фитна меангезад.

Моҳуй ба Бежан, ки аз нажоди Тархон буд, нома менависад, то кини ниёгони худро аз Сосониён бигирад. Меафзояд, ки агар ин корро бикунӣ, подшоҳӣ ба ту хоҳад расид. Дастури Бежан ин корррро лоиқи ӯ намедонад ва маслиҳат медиҳад, ки ба ҷойи худ Барсомро фиристад. Барсом бо даҳ ҳазор аз Бухоро ба Марв ҳаракат мекунад. Месазад ёдовар шуд, ки минтақаҳои соҳили рости дарёи Омӯ, аз ҷумла Бухоро, дар итоати подшоҳони Сосонӣ набуд. Расидани сипоҳи душман шоҳаншоҳро ғофилгир мекунад. Ба ӯ назари Моҳуйро мерасонанд, ки:

Сипаҳдор хон аст фағфури Чин,
Сипоҳаш ҳаме барнатобад замин” [22, ҷ.9, с.458].

Албатта, ин ҷо фағфур ба маънои подшоҳ чандон бемавқеъ нест, аммо ӯро подшоҳи Чин гуфтан чандон мавқеъ надорад.

Яздгирд лашкар меорояд ва далерона меҷангад, аммо хиёнати Моҳуй, ки ба тарафи душман мегузарад, мувозинати ҷангиро дигар мекунад ва Яздгирд маҷбур мешавад, рӯ ба гурез ниҳад ва дар осиёбе пинҳон шавад.

Дар ҳамин ҷойи нигориши ҳикояти Яздгирд ҳаким Фирдавсӣ ҳафт байти шӯрида дар маънии печу тоби тақдир ва бебақоии дунё гуфтааст. Чунончи:

Ниҳон шоҳ дар хонаи осиё,
Нишаст аз бари хушклахте гиё.
Чунин аст расми сарои фиреб,
Фарозаш баланд асту пасташ нишеб.

Хулоса мекунад, ки:

Хурӯше барояд, ки барбанд рахт,
Наёбӣ ҷуз аз тахтаи гӯр тахт [22, ҷ.9, с.459-460].

Пагоҳи рӯзи дигар осиёбон, ки Фирдавсӣ Хусраваш мегӯяд, дари осиёбро кушода, аз ҳайату ҳайбати Яздгирд ҳайрон мешавад ва мепурсад, ки кистӣ? Яздгирд дар ҷавоб мегӯяд:

“Аз эрониёнам, бад-ӯ гуфт шоҳ,
Ҳазимат гирифтам зи туронсипоҳ [22, ҷ.9, с.461].

Бо ҳама тангдастӣ осиёбон подшоҳро бо нони кашкин меҳмон мекунад. Яздгирд тақозо мекунад, ки барсам низ биёр. Осиёбон ба талаби барсам ба назди меҳтаре меравад. Меҳтар дар ниҳояти кор осиёбонро ба ҳузури Моҳуй мефиристад, ки дар ҷустуҷӯи шоҳаншоҳ буд. Моҳуй яқин мекунад, ки он паноҳандаи осиёб Яздгирд аст. Ӯ ба осиёбон чунин фармон медиҳад:

Бад-ӯ гуфт: Биштоб аз ин анҷуман,
Ҳам акнун ҷудо кун сарашро зи тан.
В-агарна ҳам акнун бибуррам сарат,
Намонам касе зинда аз гавҳарат [22, ҷ.9, с.463].

Вақте меҳтарон ва ҳама анҷуман ин амри Моҳуйро мешунаванд, хашме ва ҳангомае мехезад. Яке аз мӯбадон, ки Фирдавсӣ Зоруяш мегӯяд, ба марзбон чунин муроҷиат мекунад:

Ба Моҳуй гуфт: “Эй бадандеш мард,
Чаро дев чашми туро хира кард?!,
Чунон дон, ки шоҳиву пайғамбарӣ,
Ду гавҳар бувад дар як ангуштарӣ [22, ҷ.9, с.463-464].

Ин ҷо мулоҳизае метавонад ҷой дошта бошад, ки подшоҳро бо пайғамбар баробар донистан бори аввал дар бахши Сосониёни “Шоҳнома” мегузарад. Чун муғон як пайғамбар – Зардушт доштанд, метавон ҳадс зад, ки шояд Фирдавсӣ, агар ин байт илоҳоқӣ набошад, ин нуктаро аз маонии динҳои иброҳимӣ гирифта бошад. Аммо чун байти 526-и Душанбе дар матни Москва [23, ҷ.9, с.355] ва матни Холиқии Мутлақ [24, ҷ.8, с.458] айнан омадааст, шубҳа кардан, ки байт илҳоқӣ аст, то ҳадде бепоя ба назар мерасад.

Ба тахмини мо, чунонки ишора рафта буд, Аҳурамаздо тоҷро бар сари Ардашер гузошта буд. Ин бовар дар хотираи таърихии халқҳои эронӣ метавонад то ҷое ба он ҳам далолат кунад, ки подшоҳи зардуштӣ чун пайғамбари динҳои иброҳимӣ назаркардаи Худо буд.

Мӯбад оқибатҳои нохушоянди куштори шоҳаншоҳро барои Моҳуй ва насли ӯ зикр мекунад. Чунончи: “Ба зудӣ сари хеш бинӣ нагун”. Марди дигаре, ки Фирдавсӣ Ҳурмузди Харродаш мегӯяду чун диндору яздонпараст сифаташ мекунад, бо суханҳои талх ба Моҳуй ҳушдор медиҳад, ки ин дунё ва он дунёи худро насӯзад.

Марди дигаре, ки Шоҳруй ном дорад, дар ҳушдори худ ба Моҳуй мегӯяд:

Ту гар бандаӣ, хуни шоҳон марез,
Ки нафрин бувад бар ту то растахез.

Меҳтаре, ки Меҳрнӯш ном дорад, дар анҷуман, ба таъбири навин, як “озодии сухане” нишон медиҳад, ки одатан дар шаъни меҳтарон намегӯянд. Ӯ Моҳуйро дар назди ҳама баднажод, берой (беақл), золим, бадтар аз дад (ваҳшӣ) мехонад [22, ҷ.9, с.464-465].

Сипас ба овардани мисолҳои таърихи гузашта, аз оқибати кори Заҳҳок, ки Ҷамшедро, оқибати кори Тур, ки Эраҷро, оқибати кори Афросиёб, ки Сиёвушро, оқибати кори Арҷосп,

ки Лӯҳроспро, оқибати кори Биндую Густаҳм, ки Ҳурмузди ҷаҳорумро кушта буданд, ёдовар мешавад, то Моҳуйро огоҳ кунад [22, ҷ.9, с.465-467]. Маслиҳат медиҳад, ки аз шоҳаншоҳ узр пурсад. Боз мисол меорад, ки Баҳроми Розӣ (Баҳроми Чӯбина) бо сесад ҳазор сипоҳӣ чӣ шуд? Фароин ҳам, ки хуни подшоҳӣ надошт, ба хорӣ бимурд.

Вале, ба қавли Фирдавсӣ:

“Шубонзодаро дил пур аз тахт буд,
Варо панди он мӯбадон сахт буд”.

Ҳакими Тӯс афсӯс мехӯрад, ки аз азал то қиёмат панд ба касе асар накардаасту намекунад. Ин хулосаи талхро Фирдавсӣ ба маҳорате гуфтааст, ки назир камтар дорад ё надорад:

Ҳама мӯбадон то ҷаҳон шуд сиёҳ,
Бар оини хуршед биншаст моҳ.
Ҳаме панд гуфтанд бо киначӯй,
Набуд суд як мӯй аз он гуфтугӯй [22, ҷ.9, с.468-469].

Моҳуй ба баҳонаи он, ки шаб аз шаб гузашт, мӯбадонро рухсат мекунад ва мегӯяд, ки ӯ мехоҳад бо писараш ва намояндагони лашкар машварат кунад Дар машварат Моҳуй мегӯяд, ки агар Яздгирд зинда монад, ман нобуд хоҳам шуд. Яке аз хирадмандон дар ҷавоби чунин гузориш мегӯяд, ки куштани шоҳи Эрон танҳо ба зарари ту мебошад. Писараш мегӯяд, ки агар Яздгирд зинда монад, аз Мочину Чин лашкар ораду туро нобуд кунад. Моҳуй аз рӯйи суханони писараш амал мекунад ва ба осиёбон амр медиҳад, ки бо саворон раваду ва Яздгирдро бикушад.

Моҳуй аз пайи осиёбон зуд саворон мефиристад ва мефармояд, ки ҳангоми куштор “эҳтиёт” кунанд, ки ба ашрофзода будани марзбони Марв ҳеҷ наметавонад далолат кунад:

Бифармуд, к-он тоҷу он гӯшвор,
Ҳамон муҳру он ҷомаи шоҳвор.
Набояд, ки яксар пур аз хун кунанд,
Зи тан ҷомаи шоҳ берун кунанд” [22, ҷ.9, с.471].

Дар садри байти якум калимаи “гушвор” омадааст, ки бори аввал дар бахши Сосониёни “Шоҳнома” нисбати мард гуфта шудааст.

Осиёбон гирёну нолон ба Яздгирд корд мезанад. Шоҳаншоҳ оҳе мекашаду ҷон медиҳад. Фирдавсӣ бар асари ин фоҷиа панҷ байт дар бевафоии рӯзгор гуфтааст. Сӯгворӣ дар куштори Яздгирд дар ин бахши “Шоҳнома” инъикос наёфтааст. Саворони Моҳуй чунон ки фармон буд, ҷасади шоҳаншоҳро бараҳна мекунанд. Моҳуй амр медиҳад, ки ҷасади Яздгирд шабҳангом ба оби Марғоб партофта шавад [22, ҷ.9, с.473]. Дар ривояти Балозурӣ Яздгирд ба оби Марғоб паноҳ бурда буд ва дар об бо банд буғияш мекунанду мекушанд. Як нуктаи ҷолиби дигар дар ривояти Балозурӣ он аст, ки Фирӯз писари Яздгирд ба сӯйи туркон ё Чин паноҳ мебарад ва он ҷо хонадор ҳам мешавад [3, с.442-443].

Чун дар даруни об ҷасади Яздгирдро бараҳна мебинанд, яке аз онон, ки азо гирифта буданд, давон то дари хони роҳиб мерасад. Сакубо (епископ – усқуф) ва ҳама роҳибон, ки азо гирифта буданд ба лаби об мешитобанд. Яке аз роҳибон бо овоз гиря мекунад, ки дар нуҳ байт омадааст. Ин хели гиряро дар баъзе аз шеваҳои тоҷикӣ “овоз андохтан” ҳам мегӯянд.

Дар зерфасли “Гуфтор андар шеван кардани роҳибон бар Яздгирд” Яздгирдро роҳиб аз ҷумла чунин сифат мекунад:

Дареғ он сари тухмаи Ардашер,
Дареғ он ҷавону сувори ҳажир.

Ин ҷо ибораи “сувори ҳажир”, ба эҳтимоли қавӣ, маънии чобуксавори некандомро бояд дошта бошад. Роҳиб ба Моҳуй нафрат мехонад, Яздгирдро бо сифатҳои ҳамида ситоиш мекунад ва чанд бор дареғо ҳам мегӯяд. Сипас, епископ ва чор тани дигар ҷасади бараҳнаи Яздгирдро аз об берун бароварда, дар даруни боғ дахмае месозанду ҷасадро бо оини зардуштӣ бо хушбӯйиҳо коркард менамоянд ва меороянд [22, ҷ.9, с.475].

Дар ҳамин ҷойи “Шоҳнома” як саҳнае тасвир шудааст, ки “сухан гуфтан”-и арбобони имрӯзро “дар митинг”-и пеш аз дафн ба ёд меорад. Деҳқони Марв ва ҳафт нафари дигар сухани муносиби маросими дафни маййит мекунанд. Пас аз ин маросим тобутро мебардоранд ва дахма мегузоранд.

Шахсияти Моҳавайҳ (Моҳуй) ва муносибати ӯ бо Яздгирд ва инкишофи давоми ҳамин хатти сюжет дар нигориши Табарӣ тоби дигартаре гирифтааст ва чунин омадааст: “Ба соли

31 ҳичрӣ чун Яздгирд ба Хуросон омад, бо ӯ Хурразодмеҳр, бародари Рустам буд. Ӯ ба Моҳавайҳ марзбони Марв гуфт: “Ман подшоҳро ба ту супоридам” ва ба Ироқ бозгашт. Яздгирд дар Марв иқомат кард ва хост Моҳавайро аз марзбонӣ барканор кунад. Моҳавайҳ ба туркон навишт ва аз шикасти Яздгирд хабар дод ва қавл дод, ки кумакашон хоҳад кард. Роҳро ба онон кушод” [19, ҷ.4, с.294].

Чун туркон ба Марв ҳуҷум менамоянд, Яздгирд бо сипоҳи худ, аз ҷумла Моҳавайҳ ва саворони ӯ, ба душман зӯрӣ мекунанд. Моҳавайҳ аз андешаи он, ки туркон мағлуб нашаванд, бо саворони худ ба тарафи туркон мегузарад. Сипоҳи Яздгирд шикаст мехӯраду кушта мешаванд. Бегоҳи рӯз аспи Яздгирд низ аз пой меафтад.

Шоҳаншоҳ пиёда ва гурезон ба манзиле дар соҳили Мурғоб мерасад, ки он ҷо осиёб буд. Яздгирд он ҷо ду шаб мемонад. Пагоҳи рӯзи дуюм осиёбон ба осиёб медарояд ва Яздгирдро дида, аз ҳайати ӯ ба тааҷҷуб меафтад. Шоҳаншоҳ хӯрданӣ мепурсад. Сипас мегӯяд, ки: “ман замзамагӯ ҳастам, ба ман чизе биёр, ки замзама кунам”. Осиёбон ба назди саворае меравад ва мепурсад, ки олати замзама чӣ *(барсам дар назар аст)* мебошад?.

Чун ин хабар ба Моҳавайҳ мерасад, ӯ мегӯяд, ки он мард Яздгирд аст. Равед ва сарашро биёред. Мӯбад ва аъёни лашкар мухолифат мекунанд, вале Моҳавайҳ исрор мекунад, ки саворон раванд ва Яздгирдро бикушанд. Саворон аз куштани шоҳаншоҳ андеша мекунанд ва ба осиёбон мефармоянд, ки бикушад.

Осиёбон сари шоҳаншоҳи хобро бо санг лат мекунад ва ҷасади Яздгирдро ба Марғоб меафканад. Гурӯҳе аз мардуми Марв ба по мехезанду осиёбонро кушта, осиёбро хароб мекунанд. Епископи Марв ҷасади Яздгирдро аз дарё берун мекунад. Ҷасадро ба тобут гузошта, ба Истахр мефиристанд [19, ҷ.4, с.296]. Қавли аллома Табарӣ, ки тобути Яздгирдро ба Истахр мефиристанд, дуруст ба назар намерасад. Ба соли 651 Истахр дигар дар итоати подшоҳони Сосонӣ ва ё тарафдорони онҳо набуд.

Дар ҷойи дигар Табарӣ намегӯяд, ки тобут ба Истахр фиристода мешавад. Менависад, ки мутрони (метрополит) Марв ба тоифаи насорои шаҳр мегӯяд, ки Яздгирд писари Шаҳрёр писари Кисро буд. Шаҳрёр писари Ширин, гаравидаи дини насронӣ буд. Ин подшоҳ хуни насронӣ дорад. Бинобар ин, моро месазад, ки мотам гирем. Мутрон ҷасади Яздгирдро аз об берун мекашад, кафан мекунад, ба тобут мегузорад ва дар мақбара дафнаш мекунад. Табарӣ меафзояд, Яздгирд охирин подшоҳ буд аз дудмони Ардашер писари Бобак. Баъд аз ӯ подшоҳии арабҳо покиза шуд [19, ҷ.4. с.300].

Дар эпизоде, ки кӯшиши таҳлилаш оварда шуд, як нукта дар ҳеҷ ҷойи бахши Сосониёни “Шоҳнома” нагузаштааст. Ин ҳам бошад хор доштан ва ё мавриди таҳқир қарор додани ҷасади маййит. Ҳарчанд Ардашер, ҷасади Ардавонро азиз надошт, ҳеҷ монеъ нашуда буд, ки Табоки Ҷаҳрамӣ ҷасадро бо риояи тамоми одоби ба дахма гузоштани маййит ба дахма гузорад.

Аммо мавзуи муносибати насрониён нисбат ба ҷасади Яздгирд шояд андаке ниёз ба тавзеҳ дошта бошад. Дар охири мақола, ки Дарёӣ, ки дар Донишгоҳи Иёлотии Калифорния, дар Фулертон ба чоп расонидааст, изҳори ақида мекунад он маъбад, ки соли 769 Пирӯз дар Уйғуристон бино кард, на маъбади зардуштӣ, балки маъбади масеҳӣ буд. Ҳама сосониёни Чин гаравидагони дини масеҳӣ буданд [6, с.8].

Назари Дарёӣ асосҳое дорад. Чунончи А.И. Колесников дар “Иран в начале VII века” овардааст, пас аз он ки дар асри V дар империяи Византия аз нигоҳи калисои расмӣ бидъати несторианӣ ба таъқиб гирифтор омад, ин бидъат дар паҳноҳои империяи Сосониён пуштибониҳо пайдо намуд. Дини масеҳӣ дар сиғаи несторианӣ, аз ҷумла, аз шафоати шоҳаншоҳ бархӯрдор буд. Дар охирҳои салтанати Сосониён дар аксарияти музофот ва минтақаҳои Эроншаҳр, аз ҷумла дар Марву Сиистон усқуфияҳои несторианӣ фаъолияти мазҳабӣ доштанд [10, с.73].

Ҳамин тавр, шоҳаншоҳии овозадори Сосониён суқут мекунад. Сабаби асосии суқут шояд, пеш аз ҳама, дар он буд, ки дар нимаи аввали асри VII Сосониён чи дар ғарби Эроншаҳр ва чи дар шарқи ин паҳно ба ҳолати парокандагӣ ва хиёнатҳои волиёни иқлимҳо дучор омада буданд. Яздгирди Шаҳрёр натавонист эрониёнро барои ҳимояи шоҳаншоҳии беш аз чаҳорсадсола муттаҳид ва сафарбар кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Агафий Миринейский. О царствовании Юстиниана / Миринейский, Агафий. – М.-Л, 1953. - 232 с.
2. ал-Бундорӣ ал-Фатҳ ибни Алӣ. аш-Шоҳнома. - Қоҳира, 1932. - Ҷ.2. - С.263-264.
3. Балозурӣ Аҳмад. “Футуҳу-л-булдон” / Аҳмад, Балозурӣ. - Бейрут, 1987. - 768 с.

4. Балъамӣ, Абуалӣ. Таърих / Абуалии Балъамӣ. – Теҳрон, 2001. - Ҷ.1. - 825 с.
5. Ғаззолӣ, Абу Ҳомид Муҳаммад. ат-Тибру-л-масбук фӣ насиҳат-ил-мулук / Абу Ҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. - Бейрут, 1988. - 132 с.
6. Дарёӣ, Турач. Фарзандон ва наводагони Яздгирди севум дар Чин / Турач Дарёӣ / Фаслномаи "Эроншиносӣ". Давраи ҷадид. - Соли 15, 1986. - 9 с.
7. Диноварӣ, Абу Ҳанифа. ал-Ахбору-т-тивол / Абу Ҳанифа Диноварӣ. - Қоҳира, 1911. - 337 с.
8. Ибн ал-Асир Иззуддин. ал-Комил фӣ-таърих / Иззуддин Ибн ал-Асир. - Бейрут, 1965. - Ҷ.1. - 700 с.
9. Исфаҳонӣ, Ҳамза. Таърих синӣ мулуки-л-арзи ва-л-анбиё / Ҳамзаи Исфаҳонӣ. Таҳияи Gottwald L.M. Лейпсиг. – 1844. - 243 с.
10. Колесников, А.И. Иран в начале VII века / А.И. Колесников / Палестинский сборник. - Выпуск 22 (85). - Ленинград, 1979. - 144 с.
11. Кристенсен, Артур. Эрон дар замони Сосониён / Артур Кристенсен. - Теҳрон, 1980. - 464 с.
12. Мумтаҳан, Ҳасаналӣ. Наҳзати шуубия ва натоиҷи сиёсию иҷтимоии он / Ҳасаналӣ Мумтаҳан // Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ. Баррасиҳои таърихӣ. - Теҳрон, 1353 (1975). - Шумораи 3. – 34 с.
13. Нёлдеке, Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон / Теодор Нёлдеке. - Теҳрон, 1978. - 177 с.
14. Нёлдеке, Теодор. Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён / Теодор Нёлдеке. Тарҷумаи Аббоси Зарёб. - Теҳрон, 1980. - 747 с.
15. Пири Ниё Ҳасан. Таърихи Эрони бостон. Ҷ.3. / Ҳасан, Пири Ниё. – Теҳрон, 2013. - 742 с.
16. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор / Қадамалии Сарромӣ. - Теҳрон, 2005. -1087 с.
17. Себеос. История императора Ираклa. - Санкт-Петербург, 1862. - 249 с.
18. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърих-ур-русули ва-л-мулук. Ҷилди III / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. - Қоҳира, 1979. - 632 с.
19. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Ҷилди IV. - Қоҳира, 1979. - 584 с.
20. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Д., 1965. - Ҷ.6. - С.340-341.
21. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе, 1966. - Ҷ.7. - 652 с.
22. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе, 1964. - Ҷ.9. - 500 с.
23. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Москва, 1971. - Ҷ.9. - 425 с.
24. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Теҳрон, 2018. – Ҷ.8. - 504 с.
25. Яъқубӣ, Аҳмад ибни Возеҳ. Таърих / Аҳмад ибни Возеҳ Яъқубӣ. - Лейден, 1883. – Ҷ.1. - 470 с.

СИМОИ ЯЗДГИРДИ ШАҲРЁР ВОПАСИН ШОҲАНШОҲИ СОСОНӢ

Пас аз кушта шудани Хусрави Парвиз ба соли 628 мелодӣ то ба подшоҳӣ расидани Яздгирди Шаҳрёр соли 632 метавон гуфт, ки дар шоҳаншоҳии Сосонӣ суботи сиёсӣ вуҷуди чандоне надошт. Ба ривояти "Шоҳнома" дар ин чор сол ба тахти овозадори шоҳаншоҳӣ шаш нафар омаданду рафтанд. Аз ин шаш нафар ду нафар аз хонадони подшоҳӣ набуданд ва ду нафари дигар бонувон – духтарони Хусрави Парвиз буданд. Ба тахти подшоҳӣ нишастани бегонагон аз рӯйӣ анъанаи давлатдории Сосонӣ қобили қабул набуд. Дар таърихи беш аз чорсадсолаи Сосониён занон то Пӯрондухт ба тахти подшоҳӣ нанишаста буданд. Яздгирдро, ки ба балоғат нарасида буд, меҳтарон аз ноилочӣ ба тахт муносиб донистанд. Подшоҳии Яздгирди III ба таври хулоса аз як силсилаи шикастҳои низомӣ иборат буд. Шикасти басо сангин дар набарди Қодисия соли 636 роҳро ба Мадоин кушод ва Яздгирдро водор кард, ки аз дасти неруҳои араб аз пойтахт фирор кунад. Ва шикасти сангини дигар дар маъракаи наздики Ҳамадон (Наҳованд) соли 642 дар назди Яздгирд танҳо як як гузинаро боқӣ гузошт. Яздгирд умеде дошт, ки ба қавли Фирдавсӣ духтари Фағфурро ба занӣ гирад ва ба ҳамин тариқ аз пуштибонии сипоҳи туркон бархӯрдор шавад. Пас аз Наҳованд шоҳаншоҳ роҳи Марврро пеш мегирад. Дар Марв Яздгирд ба хиёнати волии ин иқлим гирифтор мешавад ва оқибат танҳо монда, рӯ ба гурез мениҳад ва дар осиёбе дар лаби Мурғоб паноҳ мебарад. Яздгирд басо ноҷавонмардона кушта мешавад. Мурдаи шоҳаншоҳро, бино ба маълумоти ҳама сарчашмаҳо, раияти волии иқлим басо хор медоранд. Мурдаи шоҳаншоҳро гаравидагони мазҳабии настурии дини насоро аз хорӣ раҳо медиҳанд ва ба расми оини зардуштӣ дахмае сохта маййитро он ҷо мегузоранд. Бо кушта шудани Яздгирди Шаҳрёр давлати Сосониён ба поён мерасад.

Калидвожаҳо: Сосониён, Яздгирд, Мадоин, Наҳованд, Марв, хиёнат, тоифаи настурӣ, осиёб, дахма, инқироз.

ОБРАЗ ЯЗДГИРДА ШАХРЁРА ПОСЛЕДНЕГО САСАНИДСКОГО ЦАРЬЯ

Представляется возможным отметить, что после убийств Хусрава Парвиза в 628 году до воцарения Яздгирда III в 632 Сасанидская империя пережила время крайней политической нестабильности. По версии "Шахнаме", за этот четырехлетний период весьма почитаемый царский престол занимали шесть персон. Из них двое были не из царского дома, двое других были царевнами – дочерьями Хусрава Правиза. Вознесение на царский престол лиц нецарского происхождения было неприемлемым для арситократии. И в более четырёхсотлетней истории Сасанидов Пурандухт была первой дамой, занявшей престол. Яздгирд, возведенный аристократией на престол из безвыходности, скорее всего, находился в юношеском возрасте. Царствование Яздгирда сопровождалось чередой военных поражений. Крайнее тяжелое поражение в битве при Кадисия в 636 году открыло дорогу в Ктесифон, что побудило Яздгирда покинуть столицу и обратиться в бегство от арабов. Не менее тяжелое поражение под Хамаданом (битва при Нахаванде) в 642 году оставила перед Яздгирдем только один выбор. По версии Фирдоуси, Яздгирд надеялся жениться на дочери Фагфура – предводителя турок и таким образом заручиться поддержекой армии Каганата. После Нахаванда царь следует в Мерв. В Мерве Яздгирд сталкивается с изменой правителя этой провинции и в конце концов оставаясь одиноким, скрывается в мельнице на реке Мургаб. Яздгирд крайне неблагородно был убит. Тело царя не стало

предметом уважения подданных правителя праовинции. Тело царя, по зороастрийскому обычаю, с почестями было положено в дахму последователями несторианской секты. С убийством Яздгирда Шахряра перестанет существовать Сасандская держава.

Ключевые слова: Сасаниды, Яздгирд, Мадаин, Нахаванд, Мерв, измена, несторианская секта, мельница, дахма, падение.

IMAGE OF YAZDGIRD SHAKHROR THE LAST SASANID KING

It seems possible to note that after the assassination of Khusrav Parviz in 628 until the accession of Yazdgird III in 632, the Sasanian Empire experienced a time of extreme political instability. According to the Shahnameh, during this four-year period, a very revered royal throne was occupied by six persons. Of these, two were not from the royal house, the other two were princesses - the daughters of Khusrav Praviz. The ascension to the royal throne of persons of non-royal origin was unacceptable to the aarsitocracy. And in more than four hundred years of Sassanid history, Purandukht was the first lady to take the throne. Yazdgird, enthroned by the aristocracy out of hopelessness, most likely was in his youth. The reign of Yazdgird was accompanied by a series of military defeats. An extremely heavy defeat at the Battle of Qadisiya in 636 opened the road to Ctesiphon, which prompted Yazdgird to leave the capital and flee from the Arabs. An equally heavy defeat at Hamadan (the Battle of Nahavand) in 642 left Yazdgird with only one choice. According to Firdowsi, Yazdgird hoped to marry the daughter of Fagfur, the leader of the Turks, and thus enlist the support of the Kaganate army. After Nahavand, the king goes to Merv. In Merv, Yazdgird is faced with the betrayal of the ruler of this province and, in the end, remaining alone, hides in a mill on the Murghab River. Yazdgird was killed in an extremely ignoble manner. The body of the king did not become an object of respect for the subjects of the ruler of the province. The body of the king, according to the Zoroastrian custom, with honors was placed in the dakhma by the followers of the Nestorian sect. With the murder of Yazdgird Shakhryar, the Sassanian state will cease to exist.

Key words: Sassanids, Yazdgird, Madain, Nahavand, Merv, betrayal, Nestorian sect, mill, dakhma, fall.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **romish2004@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 939-91-49-49**

Сведения об авторе: ***Юлдошев Абдулло Курбонмаматович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **romish2004@inbox.ru**. Тел.: **(+992) 939-91-49-49**

Information about the authors: ***Uldoshev Abdulla Kurbonmamatovich*** – Tajik National University, candidate of philology, associate professor department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **romish2004@inbox.ru**. Phone: **(+992) 939-91-49-49**

ТДУ: 891.550:82

МАВЗУИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ АЛЛОМА МУҲАММАД ИҚБОЛ ВА АҲМАД ФАРОЗ

Қурбонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳарчанд дар боби тадқиқи ҳаёт ва осори шоирони Покистон аллома Муҳаммад Иқбол (1877-1938) ва Аҳмад Фароз (1931-2008) чи дар Ҳиндустону Покистон ва чи дар дигар мамолики хориҷӣ силсилаи рисолаву маҷмуаи мақолаҳо интишор ёфта бошанд ҳам, эҷодиёти ин ду шоҳсутуни адаб аз назари муқоисаи умумияти андешаашон то имрӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Мавзуи баҳси ин бахши мақола ҳаддулимкон равшан намудани ин нукта мебошад.

Воқеан, ин адибон бо асарҳои илмию адабии худ дар инкишофи илму адаби давр, дар мубориза баҳри озодии ватан ва дар тарбияи насли ояндасози Ҳинду Покистон саҳми босазое гузоштаанд.

Тазкиранигорон, адабиётшиносону мунаққидони муосири нимҷазираи Ҳинд дар инкишофи забону адабиёти урду ниҳоят бузург будани хизматҳои аллома Иқбол ва Аҳмад Фарозро эътироф намуда, номи онҳоро ба қатори номҳои шоирони забардасти Ҳинду Покистон гузоштаанд. Ин суханварони номӣ дар ҳақиқат, бо камоли маҳорат беҳтарин асарҳои манзум офаридаанд. Онҳо воқеиятро тасвир намуда, неруи қалами худро барои ҳимояи табақаҳои меҳнатӣ равона кардаанд. Бо ин васила чи дар ватани худ ва чи берун аз хоки он ҳам соҳиби шуҳрат шудаанд.

Бесабаб нест, ки ҳиндшиноси тоҷик Раҷабов Ҳ. дар яке аз мақолаҳои худ қайд кардаанд, ки "Мардуми сарзамини Ҳинд бар хилофи чанде аз қавмҳои аҷнабӣ, ҳеҷ гоҳ ба хотири сарвате ё зери даст намудани қаламрави бегонагон қадам аз мулки хеш берун нагузоштаанд. Бо мулоҳизаву мулоимпешагии худ гирифтори зулму торочи дигарон шудаанд" [8, с.284].

Дар ҳақиқат, аллома Иқбол ва Аҳмад Фароз ин пардаи мулоимпешагиро аз рӯйи ҳамватанон бардоштаанд ва он нангу номуси дар вуҷуди онҳо мавҷудбударо тавассути шеърҳояшон бедор карда, баҳри беҳбудии худи онҳо истифода бурдаанд.

Аллома Иқбол ва Аҳмад Фароз дар замоне, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвари Ҳинду Покистон бисёр воқеа ва ҳодисаҳои ногувору ваҳшатангез рӯй медоданд, умр ба сар бурдаанд. Аз ин ҷост, ки онҳо бо қалами сеҳрангези худ ҳама беадолатию мардумфиребӣ, ҷаҳлу ғурури табақаҳои ҳукмрони ҷамъиятро дар шеърҳояшон тасвир кардаанд. Аҳаммияти каломи шӯрангези Иқбол ва Фароз ва сирри шуҳрати ин шоирони бузург дар он аст, ки онҳо маънӣ ва мазмуни баланди назарӣ, панду ҳикматро бо суханҳои таъсирбахш баён карда, ба ҳар мавзуъ аз равзанаи ишқу муҳаббат менигаранд.

Омӯзиши масъалаи мавриди баҳс як қатор мушкилиҳо ҳам дар пеш дорад. Муҳаммад Иқбол дар замони итоати кишвари Ҳинд ба мустамликадорони англис фаъолияти эҷодии худро оғоз намуда, дар даврони болоравии ҳаракатҳои миллӣ - озодихоҳии мардуми ҷабрдидаи Ҳиндустон идома додааст ва бо ин васила худ низ баҳри озодӣ мубориза бурдааст. Аҳмад Фароз бошад, маҳз дар даврони авҷгирии ҳаракатҳои миллӣ - озодихоҳӣ ба камол расида, чун инсони дурандеш, фарзанди нангбардор, дӯстдори миллату, ҳомии сулҳ, ва сарояндаи дӯстии халқҳо шеър эҷод кардааст. Илова бар ин, Аҳмад Фароз дар ашъори худ нигоҳи дилсӯзона ба Шибҳқораи мустаъмараи англис дошта, ҳамеша чун ҳамдарди мардуми азияткашидаи ин кишвар худро нишон додааст:

کہیں تو کجکلہی وجہِ نخوت و تمکیں
کہیں فلاکت و افلاس زندگی کے کفن
کہاں وہ دن کہ غریب الدیار روتے ہیں
یہ حال ہو تو وطن میں ستم ہے عیدِ وطن [13, с.16]

Ҷое боиси хашму ғазаб ва парешонӣ пайдо мешавад,
Ҷое, ки фалокату фақр кафани зиндагӣ аст.
Куҷост он рӯзҳое, ки бечора диёрам гиря мекунад,
Аҳвол, ки чунин аст, фақат зулм иди Ватан аст.

Ба ибораи дигар, аллома Иқбол дар шароити мустамликадорӣ ва Аҳмад Фароз дар замони Покистони озод зиста бошанд ҳам, дар эҷодиёти онҳо умумияти дарк намудани ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ дида мешаванд.

Чи аллома Иқбол ва чи Аҳмад Фароз аз ватанпарастони бузурги давраҳои худ буданд. Аз ин рӯ, оҳангҳои ватанпарвариро дар эҷодиёти ин ду нобиға саросар мушоҳида кардан мумкин аст. Ин адибони ҷаҳондида тавассути саёҳатҳои зиёд дар кишварҳои гуногуни дунё, кишварашонро, ки аз ин ҳама диданҳо завқи саршор гирифта буданд, дар ашъорашон ба қалам додаанд. Тавре, ки Аҳмад Фароз дар яке аз шеърҳояш гуфтааст:

میری فردوس گل و لالہ و نسریں کی زمیں
تیرے پھولوں کی جوانی، تیرے باغوں کی بہار
تیرے چشموں کی روانی تیرے نظاروں کا حسن
تیرے کہساروں کی عظمت تیرے نغموں کی پھوار
کب سے ہیں شعلہ بد اماں و جہنم بکنار[13, c.827]

Биҳишти ман, ин сарзамини гулҳои лолаву насрин аст,
Гулҳои навҷавонат, баҳори боғҳоят.
Равонии чашмони ту, зебогӣ дар назарҳо,
Бузургии кӯҳсорат, лаззати нағмаҳоят,
Аз кай оташи бадӣ ва дӯзах бошад?

Дар ашъори аллома Иқбол низ масъалаи ватандӯстӣ ва хизмат ба ватан хеле муҳим ва пуразриш садо додааст:

میرے کہستان! تجھے چھوڑ کے جاؤں کہاں!
تیری چٹانوں میں ہے میرےاب وجد کی خاک
روز ازل سے ہے تو منزل شاہین و چرغ
لالہ و گل سے تہی، نغمۂ بلبل سے پاک
تیرے خم و پیچ میں میری بہشت برین[14, c.138]

Эй куҳистони ман, туро тарк карда ба куҷо равам ман,
Дар қуллаҳоят хоки хурсандиҳои ман хобидааст.
Аз рӯзи азал ту манзили шоҳину чӯҷаҳояш ҳастӣ,
Пур аз лолаву гул, бо нағмаи булбул озод,
Ҳаму печи ту биҳишти барини ман аст.

Аз осори ин устодони шеър бӯйи муаттари гулу гиёҳҳои равонбахши Шибҳқора, нашъаи махмуркунандаи бешазорони нопайдоканори он, нафаси атромези боғу ҷангалҳои афсонавиаш, шӯру қиёми мамлакатҳои Африқо ва ҳикмати бостонии кишварҳои араб ва амсоли онҳо амиқ эҳсос мешаванд. Ба назар чунин мерасад, ки тамоми зебоиҳои мафтункунандаи Машриқзамин дар оинаи поку беғубори осори аллома Иқбол ва Аҳмад Фароз акс андохтаанд, тамоми мамолики Осиё ва Африқо қаҳрамонони шеъру достонҳои шоир, тамоми дунёи тамаддун мабдаи парвози фикру андеша ва хаёлоти мунаққаши онҳо мебошанд. Бо вуҷуди ин ҳама, васфи Покистону покистониён дар ҷойи аввал қарор дорад. Ватани азиз бо мардуми заҳматкашу бунёдкораш, бо водиҳои зархез ва кӯҳҳои осмонбӯсаш, бо рӯдҳои хушсадо ва чашмасорони пурҷилояш, бо хиёбонҳо ва гулгаштҳояш, бо майдону боғистонҳои шаҳдрезаш дар осори Аҳмад Фароз мақоми хеле шоиста ишғол кардаанд. Шоир барои васфи онҳо аз мағзи дилу ҷон суханҳои мувофиқу муносиб пайдо менамояд. Ин аст, ки шоир ҷаҳондида бошад ҳам, Ватани хешро ҳамеша сарбаланд медид:

چمن میں جشنِ ورودِ بہار جب بھی ہوا
وطن میں جب بھی فروزاں ہوئے خوشی کے دیے
رہی ہے بوالہوسوں کے سبو میں بادۂ ناب
بلا کشانِ وفا نے لہو کے گھونٹ پئے [13, c.156]

Дар чаман ҳам ҷашни вуруди баҳор вақте шуд,
Дар ватан ҳам хушиву хурсандиро кунед.
Дар сабуи булҳавасон ҳамеша бошад бодаи ноб,
Балокашони вафо қатраи хун нӯшанд.

خدا کے گھر میں برابر سہی غریب و غنی
یہ رسم ملکِ خدا میں رواج پاتی نہیں
طلوع ہوتا رہا تو ہر ایک سال مگر
مرے وطن کی جبیں پھر بھی جگمگاتی نہی [13, c.169]

Дар мулки Худо баробаранд ғарибону ғаниён
Ин расм дар мулки Худо ривоҷ наёфтааст

Ҳар сол он боло шуда истодааст, лекин
Сари баланди ватани ман ҳоло дурахшон нест.

Дар эҷодиёти аллома Муҳаммад Иқбол бошад, ватанпарастӣ дар шаклу намудҳои гуногун зоҳир мешавад. Мағзи осори Иқболро дӯст доштани ватани азизаш, даъват ба вахдати ҳиндувону мусулмонҳо, озод сохтани ватан аз зулми мустамликадорони англис ташкил медиҳад. Аз намунаҳои ашъори шоир маълум мегардад, ки мавзуи ватан, муҳаббат ба ватан, ҳифзи он, қадри озодиву истиқлолиятро донистан ва амсоли инҳо аз мавзуъҳои марказии осори шоири ватанпарвар Муҳаммад Иқбол мебошад. Вай беҳтарин чакидаҳои табъу қалами худро ба васфи ватан бахшида, онро бо алфози латифу зебо ситоиш кардааст. Ин ба он далолат мекунад, ки ишқи самимиву беандоза ба ватан сарчашмаи илҳоми ӯ буда, тамоми ҳастии вай ба кишвари азизаш пайванд аст. Номи нек, шарофат ва бузургии инсонро дар ватандӯстӣ дида, пайваста ҳамватанон, махсусан ҷавононро ба ҳифзи истиқлол, озоду обод нигоҳ доштани ватан даъват менамояд ва таъкид менамояд, ки ҳеҷ гоҳ ҷойи биёбону саҳроҳои беканори ватани хешро чунин марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ ба монанди шаҳрҳои Деҳлӣ ва Бухоро иваз карда наметавонад:

ہو تیری بیابان کی ہوا تجھ کو گوارا
اس دشت سے بہتر ہے نہ دلّی نہ بخارا
جس سمت میں چاہے صفت سیل روان چل
وادی یہ ہماری ہے وہ صحرا بھی ہمارا [14, c.161]

Боди биёбонат бароят гуворо бошад,
Аз ин биёбон на Деҳлӣ ва на Бухоро беҳтаранд.
Ба ҳар самте, ки мехоҳед, ҳаракат мекунед,
Ин водӣ аз мост, он биёбон ҳам аз мост.

Шеъри «Насиҳати пирамарди балуч ба фарзандаш » (بڈھے بلوچ کی نصیحت بیٹے کو) барои тақвияти ин гуфтаҳо далел шуда метавонад. Ин шеър дар маҷмуаи «Армуғони Ҳиҷоз» баҳри даъват намудани ҳамватанонаш ба ватанпарастию озодию истиқлол бахшида шудааст:

افراد کے ہاتھوں میں ہے اقوام کی تقدیر
ہر فرد ہے ملّت کے مقدر کا ستارا
محروم رہا دولت دریا سے وہ غوّاص
کرتا نہیں جو صحبت ساحل سے کنارہ [14, c.161]

Тақдири миллатҳо дар дасти шахсони алоҳида аст,
Ҳар фард ситораи сарнавишти миллат аст.
Маҳрум шавад давлат аз ғаввоси дарё,
Ки соҳил бо соҳил суҳбат намекунад.

Шоири ҳассос дар шеърҳои «Хат ба номи як ҷавон» (ایک نوجوان کے نام), «Талбандаи хилофат» (دریوزۂ خلافت), «Ҳимолой» (ہمالیہ) чун ватанпарвари содиқ баромад мекунад. Иқбол назари худро тез-тез ба Шимоли Ҳинд – водии Кашмир медӯзад. Манзараҳои дилфиребу назарраробои онро дар шеъру ғазалҳояш тасвир мекунад. Дар яке аз шеърҳояш дар баробари тасвиру тавсифи манзараҳои биҳиштосои Кашмир, ба мавзуъҳои бедории шуури синфии меҳнаткашон, ба мубориза даъват кардани онҳо, фош ва маҳкум кардани сиёсати истилогаронаи англисҳо, озодии меҳнаткашон, васфи ҳаракатҳои озодихоҳӣ, ситоиши коргарон, даъват ба ягонагию иттиҳоди ранҷбарон ва ғайраҳо ишора кардааст:

کشمیر کا چمن جو مجھے دلپذیر ہے
اس باغ جان فزا کا یہ بلبل آسیر ہے
ورثے میں ہم کو آئی ہے آدم کی جائیداد
جو ہے وطن ہمارا وہ جنت نظیر ہے
موتی عدن سے لعل ہوا ہے یمن سے دور
یا نافۂ غزال ہوا ہے ختن سے دور
ہندوستان میں آئے ہیں کشمیر چھوڑ کر
بلبل نے آشیانہ بنایا چمن سے دور[14, c.182]

Дашту чамани Кашмир, ки ба ман дилпазир аст,
Дар ин боғи ҷонфизо ин булбул асир аст.
Мо моли Ҳазрати Одамро ба мерос гирифтаем,
Он ватане, ки аз мост, он ҷаннатназир аст.
Марворид аз Адан ва лаъл шудаст аз Яман дур,
Ё нофаи ғизол шудаст, аз Хутан дур,

Аз Ҳиндустон омадаем Кашмирро тарк карда,
Лонае сохт булбул аз чаман дур.

Банди зерини шеър ҳамчун таровиши қалбии як шоире, ки беандоза Кашмирро чун як гӯшаи ватани худ дӯст медорад, мебошад. Дар назари адиб, ҳар канори сарзамини Кашмир аз водиҳо то қуллаҳои кӯҳҳо зебою ороста менамоянд. Табиати нотакрори Кашмир мафтункунанда аст. Ин ҷо маконест, ки аз он чашм кандан душвор аст. Шоир сабзаю гулзор, кӯҳу боғзорро ороиши Кашмир ва дар маҷмуъ, ин зебоиҳоро ғурури мардуми он медонад. Адиб зери мафҳуми «موتی عدن سے لعل ہوا ہے یمن سے دور»

(Марворид аз Адан ва лаъл шудаст аз Яман дур) он розу ниёзҳои зиёде, ки дар табиати сарзамини Кашмир вуҷуд доранд, мисли донаҳои марворид дар ватанаш аз лаъли Яман болотар тасаввур намуда, ифода кардааст.

Аз мутолиаи ҳамаҷонибаи осори урдуи Муҳаммад Иқбол, ба хулосае омадан мумкин, ки Иқбол моҳияти ҷамъияти замонро хеле хуб дарк кардааст ва чунин натиҷагирӣ кардааст, ки мавҷудияти ҷамъияти сармоядор оммаи меҳнаткашро хароб мекунад, вале роҳи халосиро аз ин гирдоби зиндагӣ намеёбад. Дар ҳақиқат, дар ин маврид ҳиндшиноси тоҷик, профессор Ҳабибулло Раҷабов дар яке аз мақолаҳои хеш дуруст қайд кардаанд: “Дар айёми ноосудагии Ҳиндустон, замони беҳуқуқу мутеона зери асорати бераҳмонаи аҷнабиён ғуломона зистан, замони ҳанӯз аз ёди мардум саҳнаҳои қатли шӯришгарони солҳои 1857-1859 нарафта, замони аз зиндагии ноосуда дилсард ва ҳатто безор шудани миллионҳо ҳамватанонашон, аллома Иқбол ҳамчун марди ватандӯсту ҷонсупори миллат дар дили халқи худ оташи ба фардо умед бастан ва боз неруи бештар пайдо кардану далертар мубориза бурданро фурӯзон намуд” [9, с.94].

Аҳмад Фароз низ дар мавзуъҳои гуногун шеър офаридааст. Ин шоири асил дар ашъораш ватандӯсти воқеӣ буданашро нишон дода, тамоми умр дар хизмати халқу ватан буданашро бо шеърҳои пурсӯзу гудозаш исбот кардааст. Барои ҳақиқатгӯию ватандӯстиаш аз Ватан ронда шуда, ба зиндону таъқибҳо гирифтор шудааст. Ҳангоми аз Ватан бадарға шуданаш ғазале навиштааст, ки ҳарчанд, пурра аз шикоят иборат нест, лекин бо ҳамон андешае, ки аз ин гуна фаъолият, яъне шеъргӯӣ, аллакай, озор дидаасту боз гирифтори бадбахтӣ шуданаш аз имкон дур нест, миёни мисраъҳои ба ишқ ва сӯзу гудози ишқ бахшида, боз мисраҳои ватанпарастӣ садо медиҳанд:

مسافرت میں بھی تصویر گھر کی دیکھتے ہیں
کوئی بھی خواب ہو تعبیر گھر کی دیکھتے ہیں
وطن سے دور بھی آزادیاں نصیب کسے
قدم کہیں بھی ہوں زنجیر گھر کی دیکھتے ہیں [13, с.1558]

Дар мусофират ман намоишгоҳи тасвирҳоро мебинам,
Касе гар хоб бошад, дар хоб хона мебинад.
Аз Ватан дур чӣ гуна озодӣ насиб мешавад?
Ҳар чое, ки пой гузорад, занҷири хонаро мебинанд.

Умуман, омӯзиши эҷодиёти адибон ба тарзи муқоиса, масъалаҳои муоинаи сабку услуб, муносибат ба жанрҳо, образҳои ҷудогона, воситаҳои тасвирро дар бар мегирад. Дар ҳамин раванд агар мо ду мисраъи шеъри аллома Иқбол:

پتھر کی مورتوں میں سمجھا ہے تو خدا ہے
خاکِ وطن کا مجھ کو، ہر ذرہ دیوتا ہے

“Дар муҷассамаҳои сангин Худоро мешиносанд,
Барои ман ҳар зарраи хоки Ватан, Худо аст” -ро бо ду мисраи шеъри Аҳмад Фароз, ки гуфтааст:

ہمیں تو جاں سے زیادہ عزیز دردِ وطن
مگر حضور بھی ایسا خیال کرتے ہیں

“Ба мо аз ҷон ҳам азизтар аст дарди Ватан,
Магар ҷанобон ҳам чунин хаёл мекунанд”, муқоиса намоем, мебинем, ки дар ҳардуи ин абёт як тарз падидаи ватандӯстӣ, андешаи ягонагии ёру диёр ва садоқат ба Ватан, ишора шудааст.

Хулоса, аз ашъори ҳам Муҳаммад Иқбол ва ҳам Аҳмад Фароз силсилаи нуктаҳои муҳимми таърих ва зиндагӣ, меҳнат ва мубориза, санъату адабиёт, халқ, имрӯзу фардоро шунидан мумкин аст, ки он аз вусъати доираи ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии ин ду адибони бузург дарак медиҳад. Муҳаммад Иқбол ва Аҳмад Фароз чун инсонҳои комил, адибони

забардаст, фарзандони нангбардор, ҳомиёни сулҳ, мураббиёни ғамхори адибони ҷавон ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев, Г.Ю. Персоязычная литература Индии / Г.Ю. Алиев. - М.: Наука, 1968. - 248 с.
2. Брагинский, И.С. Проблемы востоковедения / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1974. - 494 с.
3. Глебов, Н. Литература урду / Н. Глебов, А. Сухочев. - М., 1967. - 232 с.
4. Елизарова, Р.А. Прогрессивные писатели Пакистана: (на материале литературы урду) / Р.А. Елизарова. – Ташкент: Фан, 1978. – 176 с.
5. Миршакар, Мирсаид. Ёди ёри меҳрубон / Мирсаид Миршакар. - Душанбе, 1993. - 224 с.
6. Мирзо Турсунзода. Ҷони ширин / Турсунзода, Мирзо. - Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1968. – 60 с.
7. Иқболшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Дониш, 2016. - 214 с.
8. Офтоби тарбият (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Маориф, 2021. – 352 с.
9. Раҷабов Ҳ. Муҳаммад Иқбол – шоири абадзинда / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: Эр-Граф, 2019. – 180 с.
10. Хусейн, Саид Эхтишам. История литературы урду / Саид Эхтишам Хусейн. - М.: Вост. лит., 1961. - 260 с.
11. کلّیات احمد فراز۔ شہر سخن آراستہ ہے۔ دوست پبلی کیشنز، اسلام آباد- ص - 1664
12. کلیات اقبال – اقبال،محراب گل افغا ن کے افکار، اردو بازار، لاہور-190
13. ماہ نو - یاد فیض - لاہور، مئی – جون 2008 ص - 376
14. سراج الاسلام - تذکرۂ تبصرہ، کراچی 1998۔ ص 400۔
15. جمیل جالبی۔ تاریخ ادب اردو، جلد دوم۔ لاہور، 1994 1246ص -

МАВЗУИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ АЛЛОМА МУҲАММАД ИҚБОЛ ВА АҲМАД ФАРОЗ

Аллома Иқбол ва Аҳмад Фароз бо асарҳои илмию адабии худ дар инкишофи илму адаби давр, дар мубориза баҳри озодии ватан ва дар тарбияи насли ояндасози Ҳинду Покистон саҳми босазое гузоштаанд. Ин суханварони номӣ дар замоне, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвари Ҳинду Покистон бисёр воқеа ва ҳодисаҳои ногувору ваҳшатангез рӯй медоданд, умр ба сар бурдаанд. Аз ин ҷост, ки онҳо бо қалами сеҳрангези худ ҳама беадолатию мардумфиребӣ, ҷаҳлу ғурури табақаҳои ҳукмрони ҷамъиятро дар шеърҳояшон тасвир кардаанд. Аҳаммияти каломи шӯрангези Иқбол ва Фароз ва сирри шуҳрати ин шоирони бузург дар он аст, ки онҳо маънӣ ва мазмуни баланди назарӣ, панду ҳикматро бо суханҳои ширин баён карда, ба ҳар мавзуъ аз равзанаи ишқу муҳаббат менигаранд. Умуман, омӯзиши эҷодиёти адибон ба тарзи муқоиса, масъалаҳои муоинаи сабку услуб, муносибат ба жанрҳо, образҳои ҷудогона, воситаҳои тасвирро дарбар мегирад. Дар ҳамин раванд агар мо ду мисраи шеъри аллома Иқбол:

پتھر کی مورتوں میں سمجھا ہے تو خدا ہے
خاکِ وطن کا مجھ کو، ہر ذرہ دیوتا ہے

“Дар муҷассамаҳои сангин фаҳмидам, ки Худо вуҷуд дорад,
Барои ман ҳар зарраи хоки Ватан, Худо аст”-ро бо ду мисраъ шеъри Аҳмад Фароз, ки гуфтааст:

ہمیں تو جاں سے زیادہ عزیز دردِ وطن
مگر حضور بھی ایسا خیال کرتے ہیں

“Ба мо аз ҷон ҳам азизтар аст дарди Ватан,
Магар ҷанобон ҳам чунин хаёл мекунанд”, муқоиса намоем, мебинем, ки дар ҳардуи ин абёт як тарз падидаи ватандӯстӣ, андешаи ягонагии ёру диёр ва садоқат ба Ватан, ишора шудааст.

Калидвожаҳо: Ватан, дӯстӣ, шеър, озодӣ, ватанпарастӣ, меҳнат, зиндагӣ, мубориза, ваҳдат, истиқлолият, садоқат, муҳаббат.

ТЕМА ПАТРИОТИЗМА В СТИХОТВОРЕНИЯХ АЛЛАМА МУХАММАДА ИКБАЛА И АХМАДА ФАРАЗА

Аллама Икбал и Ахмад Фараз своими научными и литературными произведениями внесли ценный вклад в развитие науки и литературы, в борьбу за свободу и в воспитание будущего поколения Индии и Пакистана. Эти знаменитые ораторы жили в то время, когда в политической и общественной жизни Индии и Пакистана происходило много неприятных и несправедливых событий. Именно отсюда своим волшебным пером они описывали в своих произведениях всю несправедливость и обман народа, гнев и гордыню господствующих классов общества. Значение волшебных слов Икбала и Фароза и секрет славы этих великих поэтов в том, что они выражают смысл и высокое теоретическое содержание, советы и мудрость точными словами, и смотрят на каждую тему из окна любви и нежности. В целом, изучение творчества писателей в сравнительном плане включает в себя вопросы поэтического стиля, отношения к жанрам, разным образам, средствам иллюстрации.

Таким образом, если мы процитируем две строфы из стихотворения Алламы Икбала:

پتھر کی مورتوں میں سمجھا ہے تو خدا ہے
خاکِ وطن کا مجھ کو، ہر ذرہ دیوتا ہے

В каменных статуях люди видят Бога,
Для меня каждая частица земли Родины – это Бог - с двумя строфами стихотворения Ахмада Фараза, который сказал:

ہمیں تو جاں سے زیادہ عزیز دردِ وطن
مگر حضور بھی ایسا خیال کرتے ہیں

Боль Родины нам дороже жизни.
Разве господа не думают так же? Можно видеть, что в обоих этих стихах обозначен феномен патриотизма, идея единства своей страны и верность Родине.

Ключевые слова: Родина, дружба, поэзия, свобода, патриотизм, труд, жизнь, борьба, единство, независимость, верность, любовь.

THE THEME OF PATRIOTISM IN THE POEMS OF ALLAMA MUHAMMAD IQBAL AND AHMAD FARAZ

Allama Iqbal and Ahmad Faraz, with their scientific and literary works, had made a valuable contribution to the development of science and literature, struggle for freedom and education of the future generation of India and Pakistan. These famous orators lived at a time when many unpleasant and unfair events were taking place in the political and public life of India and Pakistan. ***With their magic pen, they described all the injustice and deceit of the people, the anger and pride of the ruling classes of society in their works.*** The meaning of the magic words of Iqbal and Faraz and the secret of the glory of these great poets are that they expressed the meaning and high theoretical content, advice and wisdom in precise words, and look at each theme from the glance of love and tenderness. Generally, the study of writers' creativity in a comparative sense includes Mathers of poetic style, attitudes towards genres, different images, and means of illustration. Thus, if we quote two stanzas from a poem by Allama Iqbal:

پتھر کی مورتوں میں سمجھا ہے تو خدا ہے
خاکِ وطن کا مجھ کو، ہر ذرہ دیوتا ہے

"In stone statues I learned that there is a God,
For me, every piece of the land of the Motherland is God"
With two stanzas of a poem by Ahmad Faraz who said:

ہمیں تو جاں سے زیادہ عزیز دردِ وطن
مگر حضور بھی ایسا خیال کرتے ہیں

"The pain of the Motherland is dear to us than life.
If mister think the same?". One can see that in both verses the phenomenon of patriotism indicated the idea of the unity of one's country and loyalty to the motherland.

Key words: Motherland, friendship, poetry, freedom, patriotism, labor, life, struggle, unity, independence, devotion, love.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Ҳайдар Абдураҳмонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н. и. ф., дотсенти кафедраи филологияи Ҳинд **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 108-50-05-00**

Сведения об авторе: ***Курбанов Хайдар Абдурахманович*** - Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 108-50-05-00**

Information about the author: ***Qurbonov Haydar Abdurahmonovich*** - Tajik National University, candidate of Philology, associate Professor of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17**.** E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Phone: **(+992) 108-50-05-00**

УДК: 891.550:82

БОЗТОБИ ХИСЛАТҲОИ НАВИСАНДА ДАР ҲИКОЯ

Ёрмаҳмадов Ф.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Падидаву воқеаҳои таърихӣ гувоҳ бар он аст, ки дар таърихи ҳар халқу миллате даврaҳое мавҷуданд, ки барои мардуми он пурбору тақдирсоз ба шумор мераванд. Барои мардуми Ҳиндустон нимаи дувуми асри XX оғози чунин давроне маҳсуб мешавад. Дар имтидоди даврони мазкур дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи сернуфузи Ҳиндустон як ҷунбиши тозаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баланд гардид, ки он ба тоза озод шудани Ҳиндустон (соли 1947) сахт алоқаманд буд.

Адабиёт низ аз ин ҳаракати дигаргунсоз дар канор намонд. Дар давоми ин солҳо насли наве аз нависандагону адибон ба майдони фарохи адабиёт гом ниҳоданд. Ин ҳамон насле, ки бо вусъати назар, ҷаҳонбинии пурҷониба ва диду биниши тоза шароити лозимаро барои рушду инкишофи адабиёт фароҳам сохт. Аксари намояндагони насли нав дар муддати хеле кӯтоҳ бо эҷоди асарҳои тозаи худ шуҳрату маҳбубият ёфтанд ва дар ҷомеаи адабӣ ҷойгоҳи хос пайдо намуданд [2, с.253].

Ҳикоя ҳамчун жанри куҳану маъмули адабиёти ҷаҳон дар адабиёти ҳар кишвар фарогири хусусиятҳои хос аст. Дар таърихи адабиёти Ҳинд низ ҳикоя даврaҳои муайяни рушду камолро гузаронидааст. Дар такомулу пешрафти ин жанр нависандагони ҳама давру замонҳо саҳм гирифтаанд. Аслан, тарҳу бозтоби масоили зиндагӣ дар чаҳорчӯби ҳикоя кори душворест, аз ин рӯ, бо эҷоди ҳикоя ба марзи шуҳрат расидан худ аз вуҷуди истеъдоду ҳунар ва камоли нависандагӣ шаҳодат медиҳад.

Истиқлолият маҷрои умумии ҳаёти кишварро дар тамоми риштаҳо, аз ҷумла адабиёт дигаргун кард ва даврони истиқлол адабиёти хосси худро офарид. Насли тозае аз адибону нависандагон қадам ба марзи адабиёт ниҳоданд, ки дорои диду биниши тоза, ҷаҳоншинохтиву ҷаҳоннигарии дигаргуна буданд.

Барҷастатарин хидмати насли истиқлол иборат аз он буд, ки онҳо тавонистанд бо истеъдоду нубуғи худ, бо офаридани осори дархӯри асри хеш, роҳро барои насли баъдӣ, насли сеюми адабиёти ҳиндӣ ҳамвор намуданд. Қобили қайд аст, ки маъмултарин навъҳои адабӣ дар ҷомеаи адабии Ҳиндустон осори мансур, аз ҷумла роману ҳикоя (новелла) буданд, ки дар тули беш аз сад сол масири шоистаи шаклпазириву камолро тай намуданд [1, с.5-6].

Дар солҳои 60-уми асри гузашта бештари нависандагони ҳиндӣ кӯшиш мекарданд, ки зиндагиро реалистона, хосса зиндагии мардуми одиро воқеъбинона тасвир намоянд, ки ин аз сабку услуби нигориши гузаштагон фарқ мекунад [1, с.33].

Вақте сухан дар бораи жанри ҳикоя меравад, бешубҳа мо метавонем гӯем, ки Гирирач Кишор ба мисли адибони маъруф-Рамеш Упадҳяй, Абдул Бисмиллоҳ, Удай Пракаш, Носира Шарма, Санҷив, Девендра Упадҳяй, Мехруннисо Парвиз, Вирендра Саксена, Шивмуртӣ ва дигарон аз устодони ин жанр ба шумор меравад, зеро маҳаки асосии эҷодиёти ӯро ҳикояҳое ташкил медиҳанд, ки ниҳоят нишонрас ва ҳадафманд мебошанд. Гирирач Кишор адибест, ки дар Ҳиндустони мустамликавӣ ба дунё омада (1937), дар Ҳиндустони озод вориди майдони адабиёт гардидаву асар эҷод кардааст.

Дар Ҳиндустон Гирирач Кишорро, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳикоянавис мешиносанд. Вақте сухан дар бораи вазъи ҳикоя дар ягон давра меравад, саҳми ӯ махсус қайд мешавад. Тақрибан 60 сол мешавад, ки ҳамчун адиби соҳибистеъдод асарҳо офарида, дар миёни мардуми Ҳиндустон шуҳрат пайдо кардааст. Соли 2007 сазовори яке аз мукофотҳои олии Ҳиндустон- ордени «Падма Шрӣ» гардидааст. Ҳоло дар шаҳри Канпур умр ба сар мебарад. Мазмуни ҳикояҳои ӯро образҳое ташкил медиҳанд, ки қаҳрамонҳояш бо як масъулияти баланд муқобили беадолатӣ эътироз мекунанд. Ҷомеаро дар роҳи дуруст тарбия кардан мехоҳанд.

Гирирач Кишор асарҳои худро бо номҳои: «Нисфи гул» (Nim ke ful, 1964), «Чор дурдонаи хушк» (Char moti beab, 1964), «Санги болои қоғаз» (Peparvet, 1967), “Ришта ва ҳикояҳои дигар» (Rishta tatha anya kahaniyan, 1968), «Шаҳр дар шаҳр» (Shahr dar shahr, 1976), «Мо ошиқ шудем» (Ham pyar kar le, 1980), «Бедоршавӣ ва ҳикояҳои дигар» (Jagatarni tatha anya kahaniyn, 1981), «Хондани ғуломи бузург Алӣ Хан» (Gana bare gulam alikhan ka,

1986), «Розигии волидайн» (Bald rozi, 1988),«Ин мамлакат аз они кӣ аст?» (Eh desh kis ki hey, 1990), «Ишқи Андре инчунин ҳикояҳои дигар» (Andre ki premika tatha anya kahaniyan, 1994). «Ташреҳи даврони ҳикояҳои дигар ё Одамон» (Adi kahani sankalno ke douran ya log, 1966), «Боғи ҳайвонот» (Chiriyaghar, 1968), "Саёҳатҳо" (yatrayen, 1973), «Тақлидкорӣ» (Jugalbandi, 1984), "Ду" (Do 1974), «Индра фаҳмид» (Indra sune, 1978), «Даъводор» (Davedar, 1978), «Қувваи сеюм» (Tisri satta, 1982), «Таҳрир шуда» (Yatha prastavit, 1982), «Дувуним хона «(Dhai ghar, 1991), «Дуруст», (Sach). «Худ ва ҳикояҳои дигар» (Svanya tatha anya kahaniyan) «Молики мо молики ҳама (Hamare malik sab ke malik) (маҷмуаи ҳикояҳо)», «Душман ва душман», (Dushman our dushman). «Уқёнуси ҳикояҳо дар панҷ канор», (Samagar kahaniyan panj kianaro men) «Мардум», (Log). «Аслиҳа», (Aslah) ва ғайра ба нашр расонидааст.

Яке аз ҳикояҳое, ки нависанда дар он мавзуи доғи рӯзро муҳокима кардааст, ин ҳикояи «Назари нав» мебошад. Чунин ном гирифтани ҳикоя низ барои он аст, ки қаҳрамони ҳикоя назарашро барои ба ҳокими давр мутеъ шудан тағйир медиҳад. Аз мақсад ва ҳадафи муборизавии худ барои ҷорӣ намудани адолат даст мекашад. Қаҳрамонҳои ин ҳикоя он қадар зиёд нестанд.

Ин ҳикоя аз ба зинапояҳо баромадани Шивачӣ-бародар шуруъ мешавад. Шивачӣ-бародар шахсест, ки аз ҷониби сардори музофот барои чойнӯшӣ даъват шудааст, вале даъватномаашро фаромӯш кардааст, агар рафта онро гирифта биёяд, шояд дер монад. Ӯ шахсест, ки тамоми норасоиҳои парлумонро далерона ва рӯйирост иброз медорад. Зидди беадолатӣ мубориза мебарад. Ҳамин амалҳо ва суханҳои ошкорои ӯро сардори музофот шунида ӯро барои чойнӯшӣ даъват мекунад. Шивачӣ-бародар ҳангоми ба назди сардори музофот рафтан, назараш ба чандин мансабдорон меафтад, ки ниҳоят ҳавобаланд мебошанд ва худро аз табақаи хосси мардум медонанд: «Он одамон дар даҳлези коргоҳи сардори музофот нишаста худро сардор ва мансабдорони баргузида медонистанд» [12, с.30].

Ёрдамчии шахсии сардори музофот рост ба тарафи ӯ меояд, ки чандин бор барои назди сардори музофот даромадани Шивачӣ-бародар монеа шуда буд. Шивачӣ- бародар қасд мекунад, ки вақти бо сардори музофот вохӯрдан ҳатман аз ӯ шикоят хоҳад кард. Ҳангоми ба назди ёрдамчии шахсӣ расидан қомати худро рост карда бо виқор аксуламали ёрдамчии шахсиро назора мекунад. Ин дафъа муносибати ёрдамчии шахсӣ бо ӯ тамоман тағйир ёфтааст. «Ёрдамчии шахсӣ бо шармандагии ниҳоят зиёд ва ҳисси зердастӣ назди ӯ омада буд. Дар чеҳраи ёрдамчии шахсӣ ин ҳисси номаълумро Шивачӣ дида дар тааҷҷуб буд. Чеҳраи бешумор» [12, с.31].

Ин ҷо нависанда ба ду хислати инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Якум- золимии ёрдамчии шахсӣ, ки барои Шивачӣ- бародар бобати назди сардори музофот даромадан монеа эҷод кардаст. Ин муносибат дар ҳама ҷой то ба имрӯз ба назар мерасад. Судхӯрон барои манфиатҳои шахсии худ ҳама вақт ҳақиқатро аз чашмони роҳбарони худ пинҳон кардан мехоҳанд. Ин масъалае мебошад, ки домани он аз Ҳиндустон ҳам фарохтар аст. Дувум ин ки чунин шахсон дурӯя буда, дар як давраи муайян метавонанд дар хислат тағйир ёфта ба ҳокими давр хушомадгӯй бошанд. Ин хислат дар образи ёрдамчии шахсӣ ба назар мерасад.

Шивачӣ–бародар дар навбати аввал ба андеша гирифтор аст, ки мабодо сардори музофот вайро ба хотири ҳақгӯияш аз ҳизб барканор кунад. Вақте ба назди сардори музофот расидан диққати ӯро шахси дар пеши пойи сардори музофот афтода ҷалб мекунад. Ин ҳодиса ӯро бисёр нороҳат мекунад ва дар дилаш ҳисси нафратро бедор мекунад. «Дар байни ҳавлӣ дар курсӣ сардори музофот нишаста, офтоб хӯрда истода буд. Як шахс ба пойҳояш даст расонида рафт. Шивҷӣ -бародар вақте дид, ки мард ба пойҳояш даст расонида истодааст, ғазаболуд шуд» [12, с.32].

Дар ин ҳикоя образи сардори музофотро метавон мусбат арзёбӣ кард. Дар ягон ҷой ягон хислат ва хусусияти бади ӯ шинон дода нашудааст.

Сардори музофот одами ҳақ ва ҳақпараст аст. Дониш ва малакаро қадр мекунад. Ӯ ниҳоят хоксор аст. Ин хоксориро нависанда чунин тасвир кардааст: «Табассуми хомӯшона ва бисёр содаи зери мӯйлабҳои ниҳоят сафеди сардори музофот ба назар расид» [12, с.32].

Баъд аз он, ки сардори музофот ба Шивачӣ-бародар меҳрубонии зиёд мекунад, ӯ ин меҳрубонии сардори музофотро дида назарашро нисбат ба ӯ тағйир медиҳад, андешаи интиқодиашро тағйир дода, дар бораи сардори музофот чунин андеша мекунад. «Як боварии нав дар дилаш пайдо шуда истода буд, сардори музофот худаш одами дуруст ва

боимон аст. Ҳамаи гуфтаҳои хубу бад дар берун дар бораи ӯ мисли тухми мурғ ва пӯсти тухми мурғ аст» [12, с.33].

Вақте сардори музофот хоҳиши коргари нав гирифтанашро иброз дошта, аз Шивачӣ маслиҳат мепурсад, ӯ шартан барои ба боварии сардори музофот даромадан номи як-ду касро мегирад ва онҳоро ба мансабҳо пешниҳод мекунад. Сардори музофот, ки ӯро ҳамчун одами ҳақпараст медонисту худи ӯро дар он вазифа лоиқ медид, ин пешниҳоди ӯро қабул намекунад. Ин амали сардори музофот дар дили Шивачӣ боварии навро ба мансаби нав бедор мекунад. «Шивачӣ-бародар эҳсос кард, ки дарвозаи як кори нав кушода шудааст аз дасти ӯ дастааш шикастааст» [12, с.34].

Ҳамин ки Шивачӣ боварӣ ҳосил мекунад, ки сардори музофот ба ӯ мансаб ваъда мекунад, дарҳол худашро дар ҳамон роҳаткурсӣ тасаввур карда, андеша мекунад, ки бо вазифа гирифтанаш бо роҳбарии ӯ мизи мудаввар баргузор мешавад. «Барои Шивачӣ-бародар чунин намуд, ки вай дар ҳамин хел як курсӣ омада мешинад (курсии сардори музофотро дар назар дорад). Ҷое, ки бо нишастани ӯ ҷамъомад шуда, мизи мудаввар шуруъ мешавад» [12, с.34].

Ин ҷо нависанда акнун дигар шудани андешаҳои Шивачиро нишон медиҳад, ки одаме, ки ба ӯ некӣ карда вазифааш доданӣ аст, ӯ ба ҷойи сипоси бепоён курсии ӯро орзу мекунад. Барои манфиати худ манфиати оммаро фаромӯш мекунад.

Шивачӣ пас аз он ки ризояташро барои қабули вазифа медиҳад, назари интиқодиро тағйир дода, хушомадгӯиро шурӯъ мекунад: «Шивачӣ-бародар ба таври механикӣ рост шуда истод. Вай тасаввур кардан хост. Ба пеши пойи сардори музофот сари таъзим фаровардан бисёр муносиб аст» [12, с.34].

Нависанда ба масъалаи дигар, ҳасадбарии шахси мансабдори ояндаро, ки якчанд лаҳза пеш сардори музофот ба хотири одами дуруст буданаш ба вазифа пешниҳод кардааст, тасвир менамояд. Нависанда бар он назар аст, ки одамони зиёд ба хотири соҳиб шудани мансабу дигар мақомҳои давлатӣ аз номи халқ ва адолат баромад карда, пас аз соҳиб шудани ин мақомҳо халқ ва адолатро фаромӯш мекунанд ва ба манфиати шахсии худ ва кайфу сафо кардани худ мепардозанд. Дар баёни ин ҷумла ин хислати Шивачиро нависанда ин тавр ба қалам додааст: «Шивачӣ-бародар аз меҳмонхона гузашт, аммо ба хонаи хушкашуӣ бодиққат нигарист. Ранги он барояш бисёр писанд омад. Хонаи хушкашӯии худашро ҳам орзуи дар чунин ранг дидан кард» [12, с.34].

Тавре мебинем, нависанда образи сардори музофот-мансабдори ҳукуматиро мусбат ва одами озодандеш ва ҳақиқатпарастро манфӣ офаридааст. Аксарияти нависандагон образҳои офаридаи худро дар давраи адабиёти реализми танқидӣ аз ҳисоби ашрофзодагон мисли сардори музофот ва дигар намояндагони давлатӣ, ки манфиати ашрофзодагон ва табақаи ҳокимро ҳимоя мекарданд, манфӣ тасвир менамоянд. Маълум аст, ки бисёр вақт шахсони бовариноки мансабдорон ҷоҳилии зиёдро ба сари мардум аз номи хоҷагони худ оварданд. Дар ин ҳикоя нависанда хислатҳои наҷиби сардори музофотро васф кардааст. Сардори музофот шахси дуруст ва ростқавлу ҳақиқатпарварро дар мансаби боло ва гирду атрофи худ дидан мехоҳад. Пеш аз ҳама, маҳорати хуби ҳикоянавис дар он аст, ки ин ҷой тағйири назари шахси озодандеш ва бузургии шахси ҳукуматиро бо маҳорати зиёд ва нишонрас тасвир кардааст. Қаҳрамонҳои офаридаи нависанда бар хилофи интизории хонанда мебошанд. Намояндаи музофот шахси оқилу доно ва ҳақҷӯ аст, намояндаи мардумӣ бошад, одами манфиатҷӯ дар зери шиорҳои гӯё ба манфиатҳои халқ амал мекунад.

Ҳиндшинос ва донишманди тоҷик Ҳ. Раҷабов дар бораи се насли ҳикоянависони ҳиндӣ ба тафсил сухан ронда, Гирирач Кишорро ба қатори насли дуюми ҳикоянависон дохил карда, оид ба қаҳрамонҳо ва хусусияти эҷодиёти ин давр чунин мегӯяд: «Насли дуюм, ки дар арафаи озодшавӣ ба камол мерасиду худ шоҳиди воқеаҳои бузурги таърихи Ҳиндустон буд, аз як тараф, то андозае ба насли якум пайравӣ менамуд, лекин аз тарафи дигар, чун тоқати дуру дароз интизор шудани он дигаргуниҳое, ки оҳиста-оҳиста ба амал меомаданд, надошт, бо ноумедию маъюсӣ роҳ дода, ба қудрати инсон бовар намекардагӣ шуд. Намояндагони насли дуюм як муддате ҳикояҳои анъанавие, ки оҳанги некбинӣ доштанашон ҳувайдо буд, иншо карданду сипас рӯ ба ҷараёнҳои модернистӣ оварда, дар олами имрӯза оҷизу нотавон будани инсони одиро нишон доданӣ шуданд» [9, с.130].

Чунин образҳо дар адабиёти ҳиндӣ бештар дар асарҳои нависандагоне дида мешавад, ки дар давраи Ҳиндустони мустамликавӣ ба дунё омадаанду дар давраи Ҳиндустони озод асар офаридаанд. То ин дам мардуми Ҳиндустон дар бадбахтиҳои ба сарашон омада

мустамликадоронро муассир медонистанд, вале баъд аз озод шудани Ҳиндустон, баръало мушоҳида мешуд, ки зиндагии мардум беҳ нашуда истодааст, ҳокимони маҳаллӣ аз номи мардум ва бо шиорҳои ба мардум тасаллибахш мансабҳоро соҳиб шуда, ниёзи мардумро фаромӯш мекунанд. Ин чиз дар адабиёт акси худро ёфтааст. Нависандагон, ки дар ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ нақши бориз доштанд, руҳафтода шуда, образҳои хусусияти яъсу навмедӣ доштаро меофаранд. Фарқияти дигари ин ҳикоя аз ҳикояҳои даврои Ҳиндустони мустамликавӣ дар он аст, ки қаҳрамонаш дар расидан ба мақсади асосии худ устувор нест ва аз ғояҳои манфиатовар рӯ метобад. Қаҳрамонҳои мусбати офаридаи нависандагони даврои Ҳиндустони мустамликавӣ дар роҳи интихобкардаи худ қавиирода мебошанд ва то дами марг аз мақсади худ намегарданд. Онҳо тамоми монеаҳоро сарбаландона бартараф мекунанд. Шивачӣ ном гирифтани қаҳрамон ҳам тасодуфӣ нест. Шивачӣ яке аз қаҳрамонҳои Ҳиндустон аст, ки мардуми Ҳиндро аз ҷабри мустамликадорон раҳонидааст. Ӯ аз мақсадаш даст накашидааст.

Ҳангоме ки Шивачиро сардори музофот гусел мекунад, дар ин бахши ҳикоя муҳити ҳамон коргоҳро ҳам нависанда тасвир менамояд. Шивачӣ ҳамин муҳитро тамошо карда, худ ба худ тасаввуроташро иброз медорад. Чанде аз детал-нигораҳои он коргоҳ аз қабили, рӯшноӣ ба ӯ писанд намеояд. Чанди дигареро, аз қабили роҳаткурсиҳо орзу мекунад. Дар охири ҳикоя ду образи дигар, ки яке Чота дигаре Ланба ном дорад, ба назар мерасад ва ин қисмати ҳикоя хусусияти сиёсӣ мегирад. Дар бораи ин ду персонаж дар ягон ҷойи дигари ҳикоя ишора нашудааст. Ин қисмати ҳикоя бо суханронии Чота оғоз меёбад, ки чунин аст:: «Чота пурсид: Ту мамлакатро ба қисматҳо чаро ҷудо кардан мехоҳӣ?» [12, с.35].

Ба ин сухан Ланба чунин ҷавоб медиҳад. Мисол: «Эй ночиз, ту намефаҳмӣ? Ман ӯро мехоҳам шарманда кунам» [12, с.35].

Камтар истода боз чунин мегӯяд: «Ин сиёсат аст, шумо ҳоло кӯдак ҳастед. Ба касе нагӯед, шуморо хотиррасон мекунам» [12, с.35].

Ланба ба тарафи Чота нигоҳ карда, оҳиста-оҳиста шароб рехта мегӯяд: «Агар интихоб нашавад... аммо ту бояд назди ҳукумат рафта бигӯӣ, маро ҳам бо худ гирифта мебарӣ ва вазир таъин мекунӣ» [12, с.35].

Хотимаи ҳикоя чунин аст, ки Ланба шароб нӯшида, маст мешавад ва аз ҷояш хеста наметавонад. Вале бояд дар мусоҳиба бо хабарнигорон биншинад, орзу дорад, ки интихоб нашудани Шивачӣ-бародарро бинад: «Не, ман бояд барои мусоҳиба нишинам, ман хоҳам дид, ки ин роҳбари заминкобак (шахсе, ки аз пушти корманди дигар маводҳои бадномкунанда ҷамъоварӣ мекунад – Ё.Ф.) интихоб намешавад» [12, с.36].

Азбаски Шивачиро ҳамчун одами ҳаққӯ ва ҳақиқатпараст медонистанд, фикр мекарданд, ки бо омаданаш ба ин идора ӯ ҳақиқатро дунболагирӣ карда, аз пайи ҷустани гуноҳҳои онҳо мешавад, барои корҳои нохуби онҳо мубориза мебарад, вале Шивачӣ бошад, барои мансабро соҳиб шуданаш муборизаи худ ба манфиати оммаву ҷамъиятро ҳимоя карданӣ нест. Дигар аз касе дар ҳеҷ куҷо шикоят намекунад. Ҳарчанд одами ба пеши пойи сардори музофот таъзимкардаро дида, дар ғазаб шуда буд, ҳоло бошад, худи ӯ барои манфиатҳои шахсии худ қодир аст, ки ба пеши пойи сардори музофот биафтад.

Дар ин ҳикоя якбора пайдо шудани ду қаҳрамони охир Чота ва Ланба бар он хотир аст, ки онҳо аҷнабиёне ҳастанд, ки ба мардуми Ҳинд бадбахтиро оварданианд. Нависанда чеҳраҳои ношиносро ҳамчун аҷнабӣ ношиносу бегона тасвир кардааст. Номашон ҳам гирифта нашудааст.

Ба чунин мавзуъҳо даст задани ӯ ҳам тасодуфӣ нест. Ба хислати худи адиб вобаста аст, ӯ аз мақсад даст кашиданро амали бад медонад. Мунаққидон дар бораи ӯ чунин гуфтаанд. “Гирирач Кишор аз оилаи ашрофзода аст. Табиатан мубориз, ҳаққӯ ва ҷиддӣ будан хислат ва хусусияти ӯ аст, ки мероси оилавӣ ба ҳисоб меравад» [11, с.9].

Муҳаққиқи адабиёти ҳиндӣ профессор Рам Кавал Рай дар ин бобат чунин мегӯяд: “Дигар хубии Гирирач Кишор, ки ба ман таъсири амиқ расонидааст, ин аст, ки вай бе ягон дудилагӣ ростро рост ва ғалатро ғалат гуфта метавонад. Вай ноҳақиро дида, токати хомӯш истодан надорад. Муқобили ноҳақӣ баромад кардан хислати табиии ӯ шудааст» [11, с.11].

Дар ҳикояи «Назари нав» хислатҳои қаҳрамонҳои офаридаи нависанда ба хислатҳои худаш вобастагӣ дошта, ба характери ӯ рост меояд. Гирирач Кишор ҳам чандин бор барои ҳаққӯиву ҳақиқатҷӯияш аз мансабҳо барканор шудааст. Ҳамин хислаташ буд, ки дар чандин корхона муддати зиёд кор карда натавонистааст, ноадолатиро дида истеъфо додааст, ё барои ҳаққӯӣ ва ростиро ҷустуҷӯ карданаш ӯро рондаанд. Бо вуҷуди ин ҳама монеаҳое, ки

ба сари адиб барои ҳақгӯӣ овардаанд, ӯ аз ин хислати худ даст накашидааст, ҳатто маъруфтарин мунаққидон вақте дар бораи шахсияти адиб сухан ронданӣ мешаванд, пеш аз ҳама, ҳақгӯӣ ва дар ақидаи худ устувор будани ӯро махсус қайд мекунанд.

Хулоса, аз назарпардозиҳои мунаққидону донишмандони зиндагиву осори нависанда метавон натиҷагирӣ кард, ки Гирирач Кишор ба ҳеҷ ваҷҳ аз мақсади дурусти худ, ки ба манфиати мардум аст, даст намекашад, ӯ чунин образҳоеро офаридааст, ки мардум ба ваъдаву ваъдабозиҳои сиёсатмадорон, ки танҳо ба манфиати худ ва мансаб гирифтан аст, бовар накунад. Аз ҷониби дигар, ба чунин мансабпарастон гуфтан мехоҳад, ки ҳадафи аслиашон, ки ба мардум хизмат кардан аст, фаромӯш накунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Латифов А.Д. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз (монография) / А.Д. Латифов. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 180 с.
2. Латифов А.Д. Меҳруннисо Парвиз намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе, 2019. – № 5. – С.253-258.
3. Нурова М. Ҳикояҳои Камлешвар чун намунаи насри адабиёти муосири ҳиндӣ / М. Нурова. – Душанбе: Сунатулло, 2007. – 160 с.
4. Нурова М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинди / М. Нурова. – Душанбе: Дониш, 2017. – 245 с.
5. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри дуюм) / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 540 с.
6. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри якум) / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 496 с.
7. Раҷабов, Ҳ. Пханишварнатх Рену / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 120 с.
8. Раҷабов, Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: Статус, 2001 – 272 с.
9. Раҷабов, Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. – Душанб: Пайк, 1998. – 176 с.
10. Раҳматуллоева, З.А. Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии ҳикояҳои Раҷендра Ядав (монография) / З.А. Раҳматуллоева. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.
11. कमल कांत मिश्र. जीवन परिचय एवं व्यक्तित्व, रचना परिवेश, प्रेरणा और प्रभाव. ग़ाज़ीपूर. – 2012य – 311 पृ.
12. गिरिराज किशोर की लोकप्रिय कहानियां. नाई दिल्लीः प्रभात प्रकाशन, –2016.– 184
13. लक्ष्मदत्त गौतम. आधुनिक हिंदी-कहानी - साहित्य में प्रगति - चेतना / लक्ष्मदत्त गौतम. दिल्ली: कोणार्क प्रकाशन - 1972. - 544 पृ.
14. लक्ष्मी सागर वार्ष्णेय. आधुनिक हिन्दी साहित्य की भूमिका / लक्ष्मी सागर वार्ष्णेय (द्वितीय संस्करण). इलाहाबादः लोकभारती प्रकाशन. - 1966.-516 पृ.
15. विजयमोहन सिंह. आज की कहानी / विजयमोहन सिंह. नई दिल्ली: राधाकृष्ण प्रकाशन - 1983. - 155 पृ.
16. विद्यधर शुक्ल. हिंदी आलोचना और आज की कहानी / विद्यधर शुक्ल. इलाहाबादः चित्रलेखा प्रकाशन - 1978. - 184 पृ.

БОЗТОБИ ХИСЛАТҲОИ НАВИСАНДА ДАР ҲИКОЯ

Гирирач Кишор аз чехраҳои намоёни жанри ҳикоя дар адабиёти ҳиндӣ ба ҳисоб рафта, аз насли дувуми нависандагони Ҳинд аст. Насли мазкури нависандагон баръакси насли аввал, ки рӯзгорашон ба замони мубориза бар зидди мустамликадорон бармегардад, тафовут дорад. Таҳлили ҳикояҳои ин нависанда нишон медиҳад, ки мавсуф баръакси дигар ҳикоянависони ҳамнасли худ мансабдоронро ҳамчун қаҳрамонҳои манфӣ ва мардуми одиро чун мазлуму образи мусбати ҳикоя нишон намедиҳад. Шояд чунин мавқеъгирии Гирирач Кишор дар баробари қаҳрамонҳо ба хотири аз хонаводаи ашрофон будани ӯ бошад. Дар мақола саъй шудааст, то қаҳрамонҳои ҳикояҳои Гирирач Кишор, хусусан ҳикояи «Назари нав» ба таҳлил кашида шавад. Аз муҳтавои ин ҳикоя бармеояд, ки Гирирач Кишор некиву бадиро дар вуҷуди ҳар нафаре хуфта мебинад, ки маҳз бо ёфтани шароит ва расидан ба як ҷойгоҳ ё ба таври мусбат ва ё манфӣ рӯйи кор меояд.

Калидвожаҳо: Гирирач Кишор, ҳикоя, ҳақҷӯӣ, нависанда, ҷомеа, мансабдор.

ОТРАЖЕНИЕ ХАРАКТЕРНЫХ СВОЙСТВ ПИСАТЕЛЯ В ПОВЕСТИ

Гирирадж Кишор - один из видных деятелей жанра рассказа в индийской литературе, принадлежит ко второму поколению индийских писателей. Это поколение писателей отличается от первого поколения, жизнь которого восходит ко времени борьбы с колонизаторами. Анализ рассказов этого писателя показывает, что, в отличие от других писателей его поколения, он не показывает чиновников как отрицательных героев, а простых людей как угнетенных. Возможно, такое положение Гирираджа Кишора наравне с героями связано с тем, что он из знатного рода. В статье предпринята попытка проанализировать персонажей рассказов Гирираджа Кишора, в частности рассказа “Новый взгляд” - «Назари Нав». Из содержания этой истории следует, что Гирирадж Кишор видит в каждом человеке хорошее и плохое, что происходит либо положительно, либо отрицательно, при достижении какой - нибудь ниши.

Ключевые слова: Гирирадж Кишор, повесть, повесть, писатель, общество, чиновник.

REFLECTION OF THE CHARACTERISTIC PROPERTIES OF THE WRITER IN THE STORY

Giriraj Kishore is one of the prominent figures in the short story genre in Indian literature, belongs to the second generation of Indian writers. This generation of writers is different from the first generation, whose life goes back to the time of the struggle against the colonialists. An analysis of the stories of this writer shows that, unlike other writers of his generation, he does not show officials as negative heroes, but ordinary people as oppressed. Perhaps this position of Giriraj Kishore along with the heroes is due to the fact that he is from a noble family. The article attempts to analyze the characters of the stories of Giriraj Kishore, in particular the story "A New Look" - "Nazari Nav". From the content of this story, it follows that Giriraj Kishore sees good and bad in every person, which happens either positively or negatively, in order to achieve some kind of niche.

Key words: Giriraj Kishore, story, story, writer, society, official.

Маълумот дар бораи унвончӯ: *Ёрмаҳмадов Фарух Имоналиевич* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи филологияи Ҳинд. **Адрес**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 937-03-52-16**

Сведения об авторе: *Ёрмаҳмадов Фарух Имоналиевич* - Таджикский националый университет, соискатель кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 937-03-52-16**

Information about the author: ***Yormahmadov farukh Imomalievich*** – Tajik national University, competitor of the Department of Indian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Phone: **(+992) 937-03-52-16**

ТДУ: 891.550

ТАЪСИРПАЗИРИИ БОЗОР СОБИР АЗ ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ

(аз нигоҳи қолаб ва услуб)

Маликшозода Ш.Х.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма ва заминаҳои асосии рушду такомули адабиёт эҷодиёти шифоҳии халқ ба шумор меравад. Ҳанӯз асрҳои VIII-IX ва баъдан дар асри X таъсири фолклор дар эҷодиёти шоирон бармало намоён аст. Таъсирпазирӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ дар адабиёти тоҷик заминаҳои деринае дорад. Дар адабиёти классикӣ намунаи олии ин навъ таъсирпазириро дар ашъори Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ мебинем, ки ҳамчун дубайтисаро машҳур шудааст:

Фалак, зору низорам кардӣ охир,
Ҷудо аз гулъизорам кардӣ охир.
Миёни тахтаи нардам нишондӣ,
Шашу панҷе ба корам кардӣ охир [3, с.336].

Ба саҳро бингарам, саҳро та винам,
Ба дарё бингарам, дарё та винам.
Ба ҳар ҷо бингарам кӯҳу дарду дашт,
Нишон аз қомати раъно та винам [3, с.345].

Аммо бояд қайд намуд, ки на танҳо адабиёти классикӣ, балки адабиёти давраи бостон низ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Китоби арзишманди Авасто, ки яке аз нахустин намунаҳои адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад, пас аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ несту нобуд мегардад ва баъдан маҳз тавассути хотираи мубадон ҳифз гардида, дар замони Сосониён ба шакли китоб дароварда мешавад.

Таъсири унсурҳои эҷодиёти шифоҳии халқ дар адабиёти муосири тоҷик дар ашъори шоине ба монанди Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор Сафиева назаррас аст. Таҳлилу баррасиҳо нишон доданд, ки Бозор Собир як қатор шеърҳои беҳтарини худро дар жанрҳои рубоиву дубайтӣ сурудааст ва бештари унсурҳо ва ҷузъиёти эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори шоир маҳз дар ҳамин жанрҳо таъсиргузор будаанд. Мусиқии ашъори Бозор Собир ниҳоят хос буда, оҳанг бастан бар онҳо хеле осон аст. Ин аст, ки чандин шеърҳои ӯро мутрибону сарояндагон ба оҳанг дароварда суруд кардаанд. Ҳамчунин, шоир дар қолаби рубоӣ ва дубайтӣ, ки аз жанрҳои маъмули эҷодиёти шифоҳии халқ ва умуман адабиёти тоҷику форс аст, шеъри зиёде сурудааст. Аслан, дар ин жанрҳои шеърӣ тақрибан ҳамаи шоирон шеър гуфтаанд. Аммо дар рубоӣ ва дубайтиҳои Бозор Собир баъзе назокатҳои шеърҳои халқӣ дида мешавад, ки танҳо хосси эҷодиёти ӯ мебошад.

Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтани лолаи туст.
Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст [15, с.190].

Гуфтам, ба гули хорам агар мебастанд,
Кам буд дусад борам агар мебастанд.
Дар вақти шукуфтани гули хор вале,
Дардо, ки ба сими хордорам бастанд [15, с.186].

Баъзе калима ва ибораҳо, ҳатто ҷумлаҳои комиле, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ дида мешаванд, дар ашъори Бозор Собир ба таври фаровон истифода шудаанд. Ин навъ таъбирот гоҳе айнан, гоҳе ба андак тағйироте корбаст шудаанд: “Эй модари меҳрубон”, “қишлоқаки ман”, “оё хабарат набуд”, “чаро намеоӣ”, “даҳ сари сол”, “гуфтам, ба гули хорам агар мебастанд”, “мурғи дили ман ҳазор фарёд кашид” ва монанди инҳо.

Шоир дар мақолаи “Хонавода пароканда шуд” далели ҷолиберо ироа кардааст: “Дар кӯдакии мо ҳама гӯяндаю навозанда буданд: ҷуфтакиҳо, чапаракиҳо, подабонҳо, даравакиҳо, хирманакиҳо, ҳатто ҷӯгиҳою соғутарошон, ки бо селаи хару хингилу кӯчу банд

ва гурҷинсагҳои харобу хушки гӯшдароз сояи ғафси тутҳои қаторро гирифта, қадоқгардию фолбинӣ мекарданд.

Тӯйҳои фақиронаю ғазалҳои фақирона, роҳҳои хокию дубайтиҳои хоколуд, палаку полизҳои лалмию ҳандалабайтҳои ширини лалмӣ, ҷуфту рубоиҳои сарҷуфтӣ, каланду хонишҳои калондакӣ ва ҳоказо. Байту ғазалро мекиштанду медаравиданд, дарза мебастанду мекашонданд, мекӯфтанду орд мекарданд, мешӯриданду мепухтанд. Кампираке калоба печонда, ҳавоеро димоғӣ мунга мекашид. Хирманакие майдаю мандоғ мехонд. Подабоне гурӯғлӣ мегуфту лабакӣ нағмаю мақоме мегардонд. Духтарони қадрас сӯзанӣ дӯхта, ҳамчун най овоз мекашиданд. Ва сари ин замзамаҳо замзамаи Мағфират буд. Мағфирати химчамиён, ки пӯпаки тоқии тосаш як вақаб дарозӣ дошт. Мағфират буду шилдир-шилдири дойраю дастаи духтарон, ки сари овозашро мегирифтанд:

Ҳар ҷо, ки равӣ, хатат равон мекардам,
Гапҳои нагуфтаро баён мекардам.
Гапҳои нагуфтаро агар гуфта нашуд,
Худро ба даруни хат равон мекардам.

Он маҳал намефаҳмидем, ки шоирӣ чист. Инак, фаҳмидем, ки Мағфирати нозанини мо шоира будааст (ёдаш ба хайр)” [19, с.278-279].

Шоир беҳуда намегӯяд, ки:

<u>Заминҳои баланди лалмикорӣ</u>
Барои ман алифбои ҳунар шуд.
Сари машқи хати ман дар заминҳо,
Хати хонои шудгори падар шуд… [19, с.140].

Яъне барои аввалин шеърҳои Бозор Собир, пеш аз ҳама, муҳити сурудхониву рубоихонии мардуми деҳ таъсиргузор будааст. Ҷойи дигар шоир чунин менигорад: “Баъзан худамонро ошиқ гирифта, ба духтаракони бечора киноя мегуфтем:

Шох барорию Сикандар шавӣ,
Паст фуроию саги дар шавӣ.
Гарчи дусад ранг барорӣ зи пӯст,
Дӯст надоранд, надоранд дӯст.

Ҳама медонистем, ки гӯяндаи ин шеърҳо Ғаффор Мирзост. Мо шеъри дили худро нав мешунидем. Шоири ҳақиқии худро нав ёфта будем. Китобчаи ӯ талошак буд. Мо будему гулу гиёҳу таронаҳои Ғаффор Мирзо:

Агар дар кокулат гул нест,
Ба сар дум ҳаст, кокул нест.

Мо будему нӯгчаи сафедорону лонаи гунҷишкакону таронаҳои Ғаффор Мирзо. Мо будему таронаҳою шеърҳои Ғаффор Мирзо. Мо будему бодбаракҳою Ғаффор Мирзо. Ба равиши ӯ шеърнависӣ машқ мекардем. Темур ҳам дафтару китоби ҳисобашро пӯшида, машқ мекард. Ин ду хатакаш аз ҳамон навқаламиҳост:

...Ин мӯйсафед кӣ бошад,
Дар аробаш чӣ бошад?” [19, с. 280].

Дар ашъори Бозор Собир баъзе ҷузъиёти мушаххаси муҳити деҳро дарёфтан мумкин аст, ки ҳатман аз шоири деҳ будани ӯ дарак медиҳад ва ин навъ тасвирҳои ҷолибро танҳо шоири борикбину тасвиргаро эҳсос карда метавонад.

Дар навдаи тути модар овезон,
Чун халтаи чака халтаи маҳтоб,
Дар кундаи тути модар овезон,
Чун халтаи моҳ халтаи чурғот.

Шаб аз лаби боми кулбаи модар,
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи чурғот,
Ҳамчун зари ноб мечакад зардоб...

...На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо,

Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб [15, с.72].

Дар шеър танҳо шоире халтаи чаккаро бо моҳ монанд карда тасвир мекунад, ки худ ҳатман дар муҳити деҳ ба воя расидааст. «Шир-шири ширдӯшии модар»-ро низ танҳо шоири деҳ ба риштаи назм кашида метавонад, ки аз кӯдакиву наврасӣ бо он одат кардаву дар зеҳнаш мондааст.

Дар шеърҳои Бозор Собир баъзе калимаву ибораҳои яклухту маҷозиро вохӯрдан мумкин аст, ки бештар дар муҳити деҳ, ҳатто як минтақа истифода мешаванд.

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад.
Беҳ чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад [15, с.90].

...Аз сари девор мехонад хурӯси лолаи сурхи қалангӣ,
Пои хобат мешавад бедор,
Хуни хобат мешавад бедор,
Ҳар рагу пайванди хобат мешавад бедор,
Бахти хобат мешавад бедор [15, с.69].

Кӯдаки чиллаи зимистонӣ,
Тифли соли сиёӣ, Иброҳим [15, с.141].

Ҷуз саги мо касе нахоҳад кард,
Дар Ватан гӯрпоӣ, Иброҳим...
Кист аз хонадони мо, ки набуд,
Содда чун рустоӣ, Иброҳим [15, с.143].

Истифодаи калимаву ибораҳои шевагӣ ва маҳаллӣ низ дар ашъори Бозор Собир хеле зиёд аст:

Магарам ман ба хонаи ту равам,
Дар лаҳад дар кушоӣ, Иброҳим [15, с.141].

Гашта-баргашта модарам мегуфт,
Кенҷатулфори моӣ, Иброҳим [15, с.141].

Ман ҳам аз як парваришгоҳи ҳамон шаҳрам,
Дар ҳамон ҷо куртаи нав, шими нав пӯшида будам,
Дар ҳамон ҷо пойи ман попӯширо дид,
Дар ҳамон ҷо бори аввал нони серӣ хӯрда будам [15, с.45].

Чунон ин зиндагӣ моро пакар кард,
Чунон хору чунон муҳтоҷу мадҳуш,
Чунон номеҳрубон, бе нангу номус,
Ки модар ҳам фаромӯш шуд, фаромӯш… [15, с.109].

Бо вуҷуди ин, нашуд аз асли худ умре ҷудо,
Бо фушурданҳо нашуд чашмаш фушурда чун ҳаво
Каштали куҳро гирифт аз дасти кашталкандаҳо,
Пушт бар каҳ на, ба куҳ бинҳод аз бепуштҳо [19, с.131].

Ҷеваке ман ба сари дил дорам,
Ҷойи пул нест, барои қалам аст [19, с.136].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Кафтараки сафедаки зардбахмали мо,
Ку болу паре бошад, бигардем ба ҳаво.
Хушдори маро духтари ҳамсоя гирифт,
Не ҳеваи у шикаст, не ҳеваи мо [20, с.24].

Додар дурай, хат равонуш бикунум,
Хатҳора ба дасти кӣ равонуш бикунум?
Як қавза гулум чинда, як ночинда,
Ҷонма ба даруни хат равонуш бикунум [20, с.31].

Дар эҷодиёти шифоҳии халқ аслан ба сифати образҳо бештар унсурҳои хосси муҳити деҳ ва умуман табиат истифода шудаанд, аз қабили гулу гиёҳҳо, парандаҳо, унсурҳои заминиву ҷирмҳои кайҳонӣ, исми макон, рангҳо ва монанди инҳо. Дар рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ образҳои мушаххасе маъмуланд, ки хеле серистеъмол буда, дорои мазмуни хоссанд. Аз ҷумла, "бед" ("эй бед", "эй беди баланд"), "сарв". Дар ашъори Бозор Собир низ ин вижагиҳо мушоҳида мешавад.

Бозор Собир:
На боғи падар монду на он беди қатор,
Аз беди қатор монда калбеди қатор.
Он беди қатор чӯби гаҳвора нашуд,
Ё чӯби аловӣ шуд ва ё чӯби мазор [15, с. 190].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқӣ:
Ин беди баланд саргаюш қуббаи нур,
Ма ба тура чӣ роӣ кунум, очаи дур.
Не аспи даванд дорум, не хотири зур,
Аламои ғарибиву ҷавр ай раи дур [20, с. 22].

Бозор Собир:
Дар роҳи ту себаргаю қоқу бошам,
Дар болину бистарат пари қу бошам.
Дар хӯшаи зулфу хӯшаи абрӯят,
Бигзор, ки хӯшаю қарақшу бошам [15, с. 204].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:
Себарга бигуфт: "Дар замин сабза манам",
Бунафша бигуфт: "Ҷувони пурғамза манам".
Садбарг бигуфт: "Ту лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошиқони пурғамза манам" [20, с. 64].

Дар тори ҳаво дусаду сӣ ситора,
Дуташ гули ангурай, чорташ лола.
Ҳар кас бигира духтари ҳаждаҳсола.
Ҳосил мешавад муроди чандинсола [20, с. 18].

Корбурди номи парандаҳо низ дар ашъори Бозор Собир ба назар мерасад. Ин анъана дар эҷодиёти шифоҳии халқ дида мешавад.

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:
Кавгак сари сангу нолааш дар бӯстон,
Бечора сарам, ҷудо шудам аз дӯстон.
Як чиллаву як баҳору як тобистон,
Ман булбули саргашта дар ин кӯҳистон [20, с. 69].

Истифодаи номи парандаҳо дар ашъори Бозор Собир:
Ҳар ҷо, ки намеравам, дар андеша туӣ,
Бо булбулу кабку қумрӣ ҳамреша туӣ.
Аз ростӣ чун нигинаи марворид
Дар ҳалқаи мардуми ҳунарпеша туӣ [15, с. 242].

Чи гунае ки дар боло қайд кардем, дар ашъори Бозор Собир истифодаи унсурҳои заминиву ҷирмҳои кайҳонӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки ин навъ калимаву ибораҳо дар эҷодиёти шифоҳии халқ бештар дида мешаванд. Масалан, фалак, гардун, дунё, осмон, ситора, моҳ, шамол, фалак доду фалак дод, фарёд зи дасти фалаки бебунёд ва ғайра.

Дар ашъори Бозор Собир:
Дубора моҳ бадар шуд, чаро намеоӣ?
Дубора моҳи дигар шуд, чаро намеоӣ? [15, с. 21].

Дарё ба тамоми осмон яксон аст,
Он кӯчаи Каҳкашон аз марҷон аст.

Моҳи фалакаш, ки менамояд, моҳист,
Кайҳони пур аз ситораи дарёист [15, с. 194].

Он абр, ки ришта-ришта дар гардун аст,
Гуфтӣ, ту, ки дудаҳои овезун аст.
Гардун ҳама сақфи хонаро мемонад,
Вулқони замин ба ранги оташдун аст [15, с.189].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Фалак доду фалак доду фалак дод,
Фалак, аз дасти ту сад доду бедод.
Аз он рӯзе, ки тақдир менавиштанд,
Қалам дар бахти ман ёрӣ намедод [20, с.151].

Ин моҳа бубин, ки мерава лав-лави ҷар,
Ай сӯзиши дил пора шидай рӯйи ҷигар.
Мардум меган: "Ҷигари садпората дӯз!"
Медӯзему пора мешава ҷойи дигар [20, с.56].

Калимаву ибораҳои ифодакунандаи исми макон, ки бештар ба муҳити деҳ рабт доранд, дар эҷодиёти шифоҳии халқӣ хеле зиёданд. Аз ҷумла калимаву ибораҳое ба монанди; лаби ҷар, лаби об, раҳи хокӣ, лаби дӯкон, сари санг, кӯҳистон, боло мазор, ба сари чанор, раҳи деҳ, поёни мазор, пушти мазор, паси дарвоза, паси хона, лаби бом ва монанди инҳо.

Дар ашъори Бозор Собир низ истифодаи ин навъ ибораҳо, ки бештар муҳити деҳро ифода мекунад, ба мушоҳида мерасад:

По монда лаб-лаби ҷар, гуфтам: бародарам ку?
Момоҷавобак аз ҷар гуфто: бародарат ку?
Акси садои ман не, бо гӯши худ шунидам –
Овози модарам буд, аз дарра мекашид уҳ [19, с.95].

Нахустин байти ман дар дафтаре нест,
Нахустин байти ман дар подараҳҳост,
Ки ӯро пои урёнам навишта,
Ба рӯйи хок иншои кафи пост.

Заминҳои баланди лалмикорӣ
Барои ман алифбои ҳунар шуд.
Сари машқи хати ман дар заминҳо,
Хати хонои шудгори падар шуд… [19, с.140].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Оча, ту биё, ба роҳаки шухчазамин,
Оча, ту биё, аҳволи духтарта бубин.
Шинохта шавад куртаи рангин дорад,
Ду чеҳраи зард, дилаки ғамгин дорад [20, с.28].

Ай дурри нигоҳ мекунум убарара,
У бачаи куртасурхи лави дарара.
Ҳама бурдан севои сурхи сарара,
Мара додан як бачаи масхарара [20, с.12].

Дар ашъори Бозор Собир:

Ёрону бародарони ман кам шудаанд,
Дар гарду ғубори кӯчаҳо гум шудаанд.
Дар хам-хами пуштаҳои қишлоқаки ман,
Гандумдаравон гиёҳи гандум шудаанд [15, с.241].

Ишора кардан ба макони мушаххасу муайян, аз ҷумла, деҳа ва минтақаи ҷойи зист аз вижагиҳои хосси ашъори Бозор Собир ба ҳисоб меравад.

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тути қатори Сӯфиёнам ҳама шаб.

Дар ҳавлии кӯдакиям аз донаи ашк
Ман донаи тут метаконам ҳама шаб [15, с.211].

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор,
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр [15, с.51].

Истифодаи исми макон, бавижа исми хос дар эҷодиёти шифоҳии халқ маъмул буда, бештар бо мавзуи ғарибӣ рабт дорад.

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Як даста гулум дар раҳи Файзободай,
Мурғи дилакум ҳамеша дар фарёдай.
Акам боша, суҳбатакум ободай,
Акам нестай, умри ширин барбодай [20, с.34].

Дар эҷодиёти шифоҳии халқ истифода намудани рангҳо, махсусан рангҳои сурху зард ва сабз бисёр маъмул аст ва ҳар ранге дар алоҳидагӣ дорои мазмуни хос аст. Масалан, ранги сурху сабз маънои хуррамӣ, зебоиро дорад. Ранги зард яъсу навмедиро ифода мекунад.

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Ёрам ба дара, худам ба болои дара,
Ёрам гули сурх, худам анори дубара.
Ҳар касе маро пеши ёрам бибара,
Рӯймолаш метум, маро шамол дода бара [20, с.19].

Дар рӯи раҳат мисоли гард афтодум,
Аз хӯрдани ғамҳота ба дард афтодум.
Аз хӯрдани ғамҳота намондай ҳангум,
Бемор шудаму ба ранги зард афтодум [20, с. 18].

Эй апаи ҷон, ҳар думон якрангем,
Сабзинаю сурхинаю гандумрангем.
Мо гуфта будем, дар як синф мехонем,
Мо чӣ медунем, минаи раҳ мемонем [20, с. 62].

Дар ашъори Бозор Собир:

Ин оташи зарди баргрезон сард аст,
Ин шишаи айнаки ҳаво пургард аст.
Ман тиру камони ҳафтранге дидам,
Дар боғи хазон, ки ҳафт рангаш зард аст [15, с. 186].

Таҳлилу баррасиҳои фавқ нишон доданд, ки таъсирпазирӣ аз эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори Бозор Собир бавижа зиёд буда, ҳамчун замина ва сарчашмаи асосии тасвирофарӣ хидмат намудааст. Таъсири эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори шоир ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз нигоҳи образофарӣ ба мушоҳида мерасад. Ашъори Бозор Собир маҳз дар заминаи рубоиву дубайтиҳои халқӣ оҳангу мусиқии равон гирифтаанд. Калимаву ибораҳои яклухти хосси эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори шоир барои ҳарчи бештар таъсирбахш гардидани онҳо хидмат намудаанд. Маҳз сабки махсуси эҷодиёти шифоҳии халқӣ ашъори Бозор Собирро равону таъсирбахш ва фарқкунанда гардонида, ба он умри абад бахшидааст. Дар ашъори шоир дар заминаи эҷодиёти шифоҳии халқӣ зарбулмасалу мақолҳои зиёди халқӣ ба мушоҳида мерасанд. Эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори Бозор Собир ба сифати замина хидмат намудааст, зеро маҳорати шеърнависии шоир маҳз дар заминаи сабки эҷодиёти шифоҳии халқ шакл гирифта, сабку услуби шеърнависии ӯро муайян намудааст. Боиси тазаккур аст, ки ин навъ таъсирпазирӣ сохта ва қолабӣ набуда, ба маҳорати шеърнависии шоир ба таври табиӣ таъсир гузоштааст, зеро кӯдакиву наврасии шоир дар муҳиту фазое сипарӣ гашта, ки он ҷо шеъру сурудҳои халқӣ ҳамеша ҳукмрон будааст.

Муқарриз: ***Раҳмонов Р.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.

2. Асрорӣ, В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.
3. Ашъори ҳакимон ва орифон. — Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с.
4. Баёзи фолклори тоҷик: иборат аз шаш ҷилд. –Душанбе: Ирфон, 1985. Ҷ.1. -288 с.
5. Бариева, М.Х. Роль и место С. Есенина в западно-восточном литературном синтезе («Персидские мотивы»): автореф… дис. на канд. филол. наук. (10.01.03) / М.Х. Бариева. – Душанбе, 2007. – 22 с.
6. Бариева, М.Х. Мақоми Сергей Есенин дар синтези адабии ғарбию шарқӣ («Савтҳои форсӣ»): рисола ... / М.Х. Бариева // Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 168 с.
7. Есенин, С. Гулафшон / С. Есенин. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
8. Есенин, С. Собрание сочинение: в 2 т. Т. 1 / С. Есенин. – М.: Современник, 1990. – 480 с.
9. Маликшоева, Ш. Бозор Собир: Есенинро бо шӯру шавқ тарҷума мекунам (мусоҳибаи Шобегим Маликшоева бо Бозор Собир) / Ш. Маликшоева // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 26 май. – С.13.
10. Маликшоева, Ш. Таъсири тарҷумаҳои ашъори Сергей Есенин дар ашъори Бозор Собир / Ш. Маликшоева // Паёми ДМТ – Шум. филологӣ. – 2017. - № 4/1. – С. 180-187.
11. Муъмин Қаноат. Як чаман сухан. Собир Бозор. Шохи қалам. Лоиқ Шералӣ. Забони дил. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
12. Собир, Б. Оташбарг: (маҷмӯаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 144 с.
13. Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан... / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
14. Собир, Б. Хонавода пароканда шуд: (чаҳор мақола) / Б. Собир. – М.: Трансдорнаука, 2000. – 128 с.
15. Собир, Б. Аз гули хор то симхор: (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – М.: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
16. Собир, Б. Шоиру шеъре агар ҳаст…: (шеърҳо ва мақолаҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
17. Собир, Б. Хуни қалам: (маҷмӯаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе, 2010. – 132 с.
18. Собир, Б. Лолаи сиёҳ: (маҷмӯаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе, Адиб, 2013. – 88 с.
19. Собир, Б. Замини модарӣ. – Хуҷанд: «Ношир», 2018. – 410 с.
20. Фолклори Роғун. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 600 с.
21. Шамисо, С. Анвои адабӣ / С. Шамисо. – Теҳрон, 1373. – 344 с.
22. Шарифов, Х. Шоир ва шеър: (маҷмӯаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 217 с.
23. Бозор Собир ва шеъри ӯ [Манбаи электронӣ]. URL: http://navisandagan.tj/ tj/index.php/ adabiyotshinosi/655-bozor-sobir-va-she-ri (Санаи мурочиат: 25.06.2021)

ТАЪСИРПАЗИРИИ БОЗОР СОБИР АЗ ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ

(аз нигоҳи қолаб ва услуб)

Дар мақолаи мазкур таъсири эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори Бозор Собир нишон дода шудааст. Қайд гардидааст, ки эҷодиёти шифоҳии халқ на танҳо дар ашъори шоирони адабиёти муосир, инчунин дар адабиёти классикӣ ва адабиёти давраи бостон низ дида мешавад ва тамоми адабиётҳо маҳз дар заминаи эҷодиёти шифоҳии халққо пайдо шудааст. Таъсири эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори Бозор Собир аз нигоҳи жанру қолаб, оҳанг ва мусиқӣ, услуб ва унсурҳои шеърӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки эҷодиёти шифоҳии халқ дар ашъори Бозор Собир ба сифати замина хидмат намуда, ашъори ӯро боз ҳам таъсирбахш гардонидааст, зеро маҳорати шеърнависии шоир маҳз дар заминаи сабки эҷодиёти шифоҳии халқ шакл гирифта, сабку услуби шеърнависии ӯро муайян намудааст. Боиси тазаккур аст, ки ин навъ таъсирпазирӣ сохта ва қолабӣ набуда, ба маҳорати эҷодии шоир ба таври табиӣ таъсир гузоштааст. Қайд гардидааст, ки ашъори Бозор Собир маҳз дар заминаи рубоиву дубайтиҳои халқӣ оҳангу мусиқии равон гирифтаанд. Дар ашъори шоир гоҳе калимаву ибораҳо ва ҳатто ҷумлаҳои яклухтеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври васеъ истифода мешаванд. Ҳамчунин, образҳои мушаххасу серистеъмоле аз қабили “бед”, “эй бед”, “эй беди баланд”, “сарв” ва монанди инҳо, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ зуд-зуд дучор омадан мумкин аст, дар ашъори Бозор Собир ба таври васеъ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: рубоиву дубайтиҳои халқӣ, оҳанг ва мусиқӣ, таъсири табиӣ, сабки шеърнависӣ, таъсири эҷодиёти шифоҳии халқ, ашъори Бозор Собир.

ВЛИЯНИЕ УСТНОГО НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА В ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

(с точки зрения формы и стиля)

В данной статье показано влияние фольклора на поэзию Бозора Собира. Отмечено, что устная традиция народа прослеживается не только в поэзии современных поэтов, но и в классической и античной литературе, и вся литература основана на устной традиции народов. Влияние фольклора на поэзию Бозора Собира рассматривается с точки зрения жанра, мелодии и музыки, стиля и элементов поэзии. Отмечено, что устное творчество народа в поэзии Бозора Собира послужило основой и сделало его поэзию еще более действенной, ведь поэтическое мастерство поэта формировалось на основе стиля устного творчества народа и оно определило его поэтический стиль. Примечательно, что такого рода влияние не было выстроено и стереотипно, а закономерно повлияло на творческие способности поэта. Отмечено, что стихи Бозора Собира основаны именно на народных рубаях и дубейти. В стихах поэта иногда можно встретить слова, фразы и даже целые предложения, которые широко используются в устном творчестве народа. Кроме того, конкретные и часто используемые образы, такие как “ива”, “о ива”, “о ива высокая”, “кипарис” и тому подобные, часто встречающиеся в устном народном творчестве, широко используются в поэзии Бозора Собира.

Ключевые слова: народные рубаи и дубейти, мелодия и музыка, природное влияние, поэтический стиль, влияние фольклора, поэзия Бозора Собира.

INFLUENCE OF FOLKLORE CREATIVITY IN POETRY BOZOR SOBIR

(in terms of form and style)

This article shows the influence of folklore on the poetry of Bozor Sobir. It is noted that the oral tradition of the people can be traced not only in the poetry of modern poets, but also in classical and ancient literature, and all literature is based on the oral tradition of peoples. The influence of folklore on the poetry of Bozor Sobir is considered from the point of view of genre, melody and music, style and elements of poetry. It is noted that the oral creativity of the people in the poetry of Bozor Sobir served as the basis and made his poetry even more effective, because the poet's poetic skill was formed on the basis of the style of oral creativity of the people and determined his poetic style. It is noteworthy that this kind of influence was not built and stereotyped, but naturally influenced the creative abilities of the poet. It is noted that the poems of Bozor Sobir are based precisely on the basis of folk shirts and dubeyti. In the poems of the poet, sometimes you can find words, phrases and even whole sentences that are widely used in the oral creativity of the people. In addition, specific and frequently used images, such as “willow”, “o willow”, “o willow high”, “cypress” and the like, often found in oral folk art, are widely used in the poetry of Bozor Sobir.

Key words: folk rubais and dubeiti, melody and music, natural influence, poetic style, folklore influence, poetry of Bozor Sobir.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маликшозода Шоҳбегим Хайрулло*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсия **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Саид Носир 33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Тел: **(+992) 985-11-84-70**

Сведения об авторе: ***Маликшозода Шохбегим Хайрулло*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, заместитель заведующего управления науки и инноваций **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, Саида Носира 33. E-mail: **becim1991@mail.ru**.
Тел: **(+992) 985-11-84-70**

Information about the author: ***Malikshozoda Shohbegim Khayrullo*** - candidate of philology, deputy head of the department of science and innovation in Academy of Public administration under the President of the Republic of Tajikistan. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir, 33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Phone: **(+992) 985-11-84-70**

ТДУ: 891.550

ТАКМИЛИ СОХТОРӢ ВА МАВЗУИИ АСАРҲОИ «АСРОР» ВА «ФАРЗАНДИ ҲУКУМАТ»-И ҒАФФОР МИРЗО

Ш.Ҷамшед, Раҳмонова Г.С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Матншиносӣ ва ё нақди матн дар баробари дигар қисматҳои адабиётшиносӣ дар таҳқиқ ва баррасии асари бадеӣ мавқеи муайян дорад. Паҳлуи фарқкунандаи матншиносӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми баррасии асари бадеӣ ҳам ҷараёни эҷод ва ҳам таърихи матни асар (аз мусаввада сар карда то матнҳои давраиҳаётӣ ва баъди ҳаёти нависанда) таҳқиқ карда мешавад. Дар ин самт омӯзиши муқоисавии асарҳои «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат»-и Ғаффор Мирзо басо зарурат дорад.

Таърихи эҷоди ин асарҳо марҳалаҳои гуногунро фаро мегирад. Асар дар нахуст достони «Асрор» унвон гирифта, дар давоми солҳои 1953-1956 таълиф гардидааст. Ҷараёни эҷод ба тадриҷ сурат гирифта, аввал дар маҷаллаи «Шарқи сурх», дар шумораҳои 9 (с.3-17), 10 (с.34-41), 11 (с.25-32), 12 (с.21-29) соли 1956 ва 1 (с.58-70), 2 (12-19), 3 (60-68) соли 1957 ба табъ расида, баъдан аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба шакли китоби алоҳида – “Асрор”, чоп мешавад. Бори савум достон дар маҷмуаи «Аз гаҳвора то майдон» (1981) рӯйи чоп меояд.

Матни нашрҳои китобӣ дар муқоиса ба матни маҷаллавӣ, ки аз ҷониби нависанда мавриди таҳрир қарор гирифтааст, каме дигаргун шудааст. Ин тағйирот на ба сохтор ва мавзуъ, балки ба мазмуни асар бештар рабт дорад. Аз ҷумла, ихтисори порчае аз тасвири образи Бадал ва ё иловаи байт ҳангоми нишон додани воқеи кофтукоби зоғча. Боқимонда тағйирот, ки дар якчанд ҷойи асар вомехӯрад, ба такмили андеша ва мутобиқати мазмун ба мавзуъ мебошад.

Дар натиҷаи таҳриру такмили минбаъда достони «Асрор» ба романи «Фарзанди ҳукумат» табдил меёбад. Роман бори аввал соли 1983 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар шумораҳои 2 (с.3-16), 3 (с.52-65), 4 (с.3-11), 5 (с.3-11) пешкаши хонандагон мегардад. «Мавзуи Асрор»-ро, – қайд кардааст Ғаффор Мирзо, – ман яке аз мавзуъҳои асосии эҷодиёти худ мешуморам. Сабабгори асосии қаламдаст гардидани ман ҳам ҳамин мавзуст. Достони «Асрор»-ро ман дар аввали солҳои панҷоҳум навишта будам. Вай дар вақташ ба хонанда ва аҳли танқид маъқул афтода буд, лекин бо мурури вақт бо андӯхтани таҷриба ман аз нуқтаи назари нависандаи баркамол ба қароре омадам, ки достони «Асрор» ҳамчун асари фасли ҷавонӣ аз тасвири амиқи масъалаҳои иҷтимоӣ бебаҳрааст. Қариб ҳамаи воқеаҳо дар он («Асрор» - Р.Г.) нақл карда мешаванд, вале асос, сарчашмаи иҷтимоии онҳо кушода дода намешавад. Ин аст, ки боз панҷ соли ҳаёти худро ба инъикоси нави мавзуи «Асрор» сарф карда, романи манзуми «Фарзанди Ҳукумат»-ро навиштам» [12, с.3].

Яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти эҷодӣ, ин санагузории матн мебошад. Муайян набудани санаи таълифи асар, боиси сар задани ғалат аз ҷониби муҳаққиқон мегардад. Бинобар ин, нишон додани санаи таълифи асар, ки аз санаи чопи он фарқ мекунад, барои эҷодкорон ҳатмӣ дониста мешавад. Матншинос Рейсер С.А. баён доштааст, ки: «муайян кардани замоне, ки дар муддати он асар эҷод гардидааст, маънои чун ҳодисаи таърихии ин ё он давр барқарор намудани матни асарро дорад» [16, с.73].

Ғаффор Мирзо ин нозукии таълифро дар ҳамаи матнҳои ҳам «Асрор» ва ҳам «Фарзанди ҳукумат» риоя намудааст. Аз рӯйи қайди муаллиф таълифи романи манзуми «Фарзанди ҳукумат» октябри 1975 оғоз гардида, феврали 1980 анҷом меёбад ва бори нахуст соли 1983 ба табъ мерасад.

Дуюмбора романи «Фарзанди ҳукумат» дар шакли китоби алоҳида соли 1985 ба нашр мерасад. Ҳарчанд дар оғози матни маҷаллавии роман аз ҷониби масъулони нашриёт ишора гардидааст, ки асар ихтисоран нашр мегардад, аммо ғайри порчаҳои ихтисоршуда илова гардидани ду боб бар он асос меёбад, ки матни китобии роман баъд аз нашри маҷаллавӣ боз таҳриру такмил ёфтааст.

Матни маҷаллавии роман аз матни китобӣ аз лиҳози сохтор ва мавзуъ тафовут дорад. Агар порчаҳои ихтисоршударо, ки бо аломати мулнуқта ишора гардидаанд, ба назар нагирем, дар нашри китобӣ як қатор порчаҳои нав ва ду боби алоҳида илова гардида, баъзе байтҳои дохили матн низ таҳрир ёфтааст. Масалан, дар боби якум, ки «Ҷустуҷӯ» унвон

гирифтааст, дар матни китобӣ (1985) 67 банди чаҳормисрагӣ илова гардидааст. Дар матни китобии роман нависанда ҳолати руҳии Асрорро, ки ба сароғи хоҳараш Мукаррам саргардон мешавад, тақвият бахшида, ҷуръатнокӣ ва ояндабинии ӯро ба зиндагӣ нишон додааст. Аз ин аст, ки Бобо (шахсе, ки дар назди беморхона посбон буд) барои Асрори ғамангези ғарқи хаёл руҳбаландона мегӯяд:

Барои сарнавишти ту, аминам
Дар ин ҷо дафтари дигар кушоданд.
Ҳақи бахти туро чун мояи умр
Ҷудо карданду бо номат ниҳоданд [13, с.7].

Нависанда бештар баъди баёни воқеаҳои асосӣ барои тақвияти фикр ё кушодани моҳияти масъала порчаҳои навбатиро илова намудааст. Иловаи 22 байт баъди баёни воқеаи вохӯрии Асрор ва Бадал (ҳамдарси Асрор) пурра ба маҳкум намудани рафтору кирдори бад марбут мебошад.

Ба ин мазмун, боқимонда байтҳои иловашудаи боби якум фарогири мавзуъҳои муҳим, аз қабили нишон додани аҳаммияти дӯстӣ, маҳкум намудани ахлоқӣ бади инсонӣ, тарғиби омӯзиши илму дониш, машғул гардидан ба варзиш, тарки озурдахотирию ғаму андуҳ мебошад.

Боби дуюми матни маҷаллавии «Фарзанди ҳукумат» «Дар паноҳи меҳрубонӣ» унвон дошта, аз ғамхорию меҳрубониҳои зан-модар, махсусан Азиза Шомуродовна қисса мекунад. Боби мазкур дар матни китобии роман такмил дода шуда, воқеҳо муфассал баён шудааст. Порчаҳои иловашуда, ба беморii Асрор кам рабт дошта, як навъ гиламандии Азиза Шомуродовна аз муҳити онвақтаро ифода мекунад. Азиза бо писараш Сафар дарди дил карда, баён мекунад, ки бо вуҷуди он ки инқилоб ба даст оварда шуд, вале ҳамон заҳматкашию, ҳамон бехонумонию харобӣ идома дорад. Азиза аз он менолад, ки баръакс, бо эълон гардидани «озодии занҳо» дар ин айём кори зан душвортар шуд, агар пеш занҳо танҳо дар хона кор мекарданд, имрӯз бошад, бар замми он ба кори фабрикаю саҳро низ ҷалб гардидаанд. Ба ин тартиб, Ғаффор Мирзо дар матни китобӣ ҷуръатнокии Азиза Шомуродовнаро зиёдтар гардонида, дарди дили ӯро мекушояд, чунончи Азиза мегӯяд:

«Сарое ҳаст номаш «чойхона»,
Ки бо майхонаҳои мост монанд,
Валекин ходимон он ҷо аракро
Ниҳон, дар чойникҳо, мекашонанд» [13, с.42].

Боби сеюм дар матни маҷаллавӣ «Ятимони Мусофир» ном дошта, рӯзгори талхи чаҳор ятимбачаи Мусофирро дар бар гирифтааст. Дар ин ҷо низ монанди ду боби пешин дар баробари иловаи порчаҳои ихтисоршуда, фикрҳои нав илова шудааст. Иловаҳои ин боб ба вазъи сиёсии замона, ки бо вуҷуди барҳам хӯрдани аморат, фасодкориҳои амалдорон дар дигар шакл идома мекард, кушодани хислатҳои ноҷавонмардонаи амакҳои ятимон, ки онҳоро дар ба дар карда ва дар кӯча партофтанд, ранҷи ятимию гушнагӣ, таъсири бади равонӣ, махсусан барои Мукаррам ва ғайра бахшида шудааст. Ғаффор Мирзо баъди баёни он ки амаки ғофилободии Асрор онҳоро дар мавзеи дарёи Ёхсу раҳо мекунаду худаш ба хонааш бармегардад, якбора ба баёни лаҳзаи лирикӣ мепардозад. Нависанда тавассути порчаҳои иловашуда эҳсосоти ботинии худро баён месозад:

Замони санҷиши одамгарӣ буд,
Замони имтиҳони ҳусни инсон,
Ки мемонад ба сахтӣ дар баландӣ
Ва ё сад зина поён мешавад он…

Ҳамон фазле, ки чун дурри саодат
Ҳазорон сол меандӯхт инсон,
Ба ҳисси худнигаҳдорӣ ба ҳам зад,
Ба ҳисси ибтидоӣ, ҳисси кирмон [13, с.63].

Умуман, дар ин боб аҳволи ятимони Мусофир – Момагул, Мукаррам, Асрор ва Абдусаттор муфассал ва муассир баён мешавад. Тағйироти матни китобии роман мундариҷаи ғоявии асарро такмил додааст.

Боби чоруми матни маҷаллавии романи «Фарзанди ҳукумат» (1983) «Мукаррам» унвон дошта, рӯзгори фоҷеаноки ин духтараки дар вартаи ҷаҳолату асорат қарордоштаро ошкор месозад. Иловаҳои нависанда ин ҷо бештар фарогири ҳиссиёту ҳаяҷони худи ӯст. Аз

оғози боб то ба охир ҷо-ҷо Мукаррамро нидо мекунад, ки замони Асрорро ба парваришхона супурдану худ баргаштанаш хато буд:

-Мукаррам! Эҳ, Мукаррам!
Гар ҳамон вақт
Ту мемондӣ ба ҳамроҳии Асрор,
Туро ҳам мисли фарзанди Ҳукумат
Кунун як мамлакат мебуд парастор [13, с.119].

Як қисмати порчаҳои иловашуда, ки бисту як байтро ташкил медиҳад, ба гурехта рафтани Мукаррам ба хонаи момои Ният рабт дорад. Нависанда дар ин ҷо нишон медиҳад, ки Мукаррам барои наҷоти худ, ки амакаш мехост бар ивази ҳашт гӯсфанд бо марди пиронсоле ӯро ба шавҳар диҳад, фирор карда, ба хонаи момои Ният меравад. То чанд вақте он ҷо зиндагӣ мекунад ва ба ҷавоне ба шавҳар мебарояд. Ҳамин тариқ, нависанда дар баробари баёни воқеаҳо, зуд-зуд лаҳзаи зиндагии Мукаррамро ба хонанда равшан менамояд. Ҷамъбасти матни маҷаллавии роман бо матни китобӣ мувофиқат мекунад.

Дар баробари иловаи байтҳои нав дар дохили чор боби дар матни маҷаллавии роман ҷойдошта, нависанда боз ду боби нав – "Дар Искобул ва Вокак" ва "Фарзанди ҳукумат" илова мекунад. Бобҳои иловашуда ба мавзуи роман мувофиқат дошта, мазмуни онро такмил додааст. Ба таъкиди худи нависанда "Мавзуъ ҳар қадар олиҷаноб ҳам бошад, агар хусусиятҳои ӯро наёбем, дар асоси он хусусиятҳояш онро ҳал нанамоем, аз як тараф, ба дигар мавзуъҳо, ҳатто ба мавзуъҳои аз он тамоман дур монанд мешавад, аз тарафи дигар, аксар вақт пуч мебарояд. Ҳамаҷониба мушоҳида накардани мавзуъ, аз хусусиятҳои гуногуни он ғофил мондан, яъне ба он рӯякӣ наздик шудани санъаткор ӯро ба камбудии дигари хеле ҳам ҷиддӣ расонда метавонад. Ин камбудӣ аз ҷиҳати идеянокӣ суст шудани асари ӯ мебошад" [7, с.95].

Боби "Дар Искобул ва Вокак" дар матни китобӣ (1985) ҳамчун боби дуюми роман ҷой гирифта, аз 194 байт иборат аст ва аз ҳаёти ду зан – Ширинмо ва Азиза, ки рӯзу рӯзгорашон баръакси якдигаранд, қисса мекунад. Дар ин боб тавассути образи Ширинмо зиндагонии он занону духтаронеро инъикос кардааст, ки дар доми ҷаҳлу нодонӣ, маҳрум аз озодии баён буда, ҳамқадами ҷамъияти пешрафта нестанд. Аз тасвири нависанда дида мешавад, ки дар як вақту замон дар ду деҳаи аз ҳамдигар дур дар ду хонадон ду духтар ба дунё меоянд. Дар нахуст онҳо аз ҳамдигар фарқе надоранд:

Ба даҳр омад ду духтар аз ду модар,
Ки чун ду қатра борони баҳоранд,
Ба илми хоса ҳам тадқиқ созӣ,
Ду мушти пар зи ҳам фарқи чӣ доранд? [13, с.30].

Аммо зиндагӣ маҷрои худро барои Ширинмо дигар мекунад. Ширинмо аз аввал то охири умр дар ҳалқаи урфу одатҳои куҳна зиста, ҳатто соли таваллуди ӯро "зимистон буду соли марги бобом" пиндоштаанд.

Нависанда нишон медиҳад, ки Ширинмои мазлум умри кӯтаҳи худро сарфи рӯзгори пурмашаққат намуда, ҳам кори хона ва ҳам кори саҳроро ба анҷом мерасонид ва оқибат аз худ чор фарзанди ятимро гузошта, вафот мекунад.

Образи Азиза тимсоли занони дар руҳияи илму дониш парваришёфта тасвир ёфтааст. Искобул дар пешрафти илму дониш ва ҳамқадами замон будан аз Вокак дида хубтару беҳтар арзёбӣ гардидааст. Албатта, ин ба Азиза таъсири мусбат расонидааст. Қариб ҳамаи порчаҳои иловашудаи ин боб дар асоси муқоиса баён шудааст. Баръакси Ширинмо соли таваллуди Азизаро аниқ нишон додааст:

Дар Искобул ва Вокак, дар ду қишлоқ,
Ба даҳр омад ду духтар аз ду модар:
«Зимистон буду соли марги бобом»,
«Ҳамон рӯзе, ки асри бист шуд сар» [13, с.32].

Умуман, Ғаффор Мирзо дар матни китобии роман дар асоси мисолҳои воқеӣ нишон медиҳад, ки барои занон низ омӯзиши илму дониш ҳатмӣ мебошад. Зеро нақши зан-модар дар таълиму тарбияи фарзандон созгор буда, таъсири амиқ ба ҷомеа мерасонад. Агар Ширинмо бо ҳолати яъсу ноумедӣ дунёро хайрбод гӯяд, Азиза бо таъсири ҷомеаи солим, оилаи солим, махсусан дастгириҳои шавҳараш рӯ ба сӯйи ояндаи дурахшон мегузорад.

Боби дигари иловашуда “Фарзанди ҳукумат” унвон дошта, зиёда аз 500 байтро дар бар мегирад. Нависанда тавассути иловаи ин боб изҳори миннатдории худро ба давлату ҳукумати шуравӣ баён карда, онро пушту паноҳи худ донистааст.

Ба ту, то зиндаам, эй давлати ман,
Ки дар халқӣ Ҳукумат ном дорӣ,
Ба ту, то зиндаам, шукронаамро
Сароям чун суруди бахтиёрӣ [13, с.87].

Дар умум, нависанда фарзанди ҳукумат будани худро исбот намуда, ёдовар мешавад, ки бо вуҷуди мушкилоти мавҷудаи давр ҳукумат тавонист ғами ятимони бесарпаноҳро хӯрад, онҳоро дар муҳити иттифоқию сарҷамъӣ парвариш диҳад, махсусан дар минтақаи кӯҳӣ, ки зиндагии аксарият мушкил буд. Аз ин рӯ, шоир иброз медорад, ки то зиндааст аз ин давлату ҳукумат шукрзорӣ мекунад, ҳатто ҷонашро ёдгорӣ аз ҳукумати вақт донистааст.

Идомаи матлаб ба саргузашти Асрор рабт мегирад ва нависанда аз бебахтии ӯ, ки тез-тез ба фалокат дучор шуда, оқибат чанд вақт дар беморхона бистарӣ мешавад, қисса мекунад.

Ҳамин тариқ, матни китобии романи «Фарзанди ҳукумат» аз матни маҷаллавӣ аз лиҳози мавзуъ ва сохтор тафовут дошта, бар замми порчаҳои ихтисоршуда, иловаи ду боби нав барои кушодани образи Асрор ва Мукаррам, ки саргузашти талхро аз сар гузаронидаанд, кумак мекунад. Аз ҷумла, хонанда аз шиносоӣ ба зиндагии Ширинмо, дарк хоҳад кард, ки тақдири Мукаррам айни зиндагии модараш Ширинморо мемонад. Ба ин восита хонандаро ба омӯзиши илму дониш, маҳкуми амалҳои бади инсонӣ ва тарғиби инсондӯстию ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамояд.

Достони «Асрор» ин қадамҳои аввалини Ғаффор Мирзо дар таълифи асарҳои калонҳаҷм буд, ки нахуст дар маҷаллаи «Садои Шарқ», баъдан дар шакли китоби алоҳида дастраси хонандагон гардонида шуд. Мавзуи асосии достон ба зиндагии як писараки ятим – Асрор марбут мебошад. Аз лиҳози сохтор достони «Асрор» аз чор қисм иборат буда, танҳо қисмати чорум «Хотима» унвон гирифта, боқимонда сарлавҳа надоранд. Романи «Фарзанди ҳукумат» бошад аз муқаддима ва шаш боб таркиб ёфтааст. Ба таъкиди адабиётшинос С. Аҳмад, дар достони «Асрор» «шоир тамоми ҷузъиятҳои зиндагии қаҳрамони худро пай дар пай нақл накарда, фақат ба ҳамон воқеаҳое диққат медиҳад, ки ба ҳиссиёти Асрор таъсири бештаре дошта, дар дигаргуншавии аҳволи руҳии ӯ саҳмгузор будаанд» [2, с. 9].

Боби якуми матни достон бо боби якуми матни романи «Фарзанди ҳукумат» дар умум мувофиқат намояд ҳам, як навъ мукаммалии фикр дар матни роман дида мешавад. Боби мазкур «Ҷӯстуҷӯ» унвон гирифта, такмилу тағйироти аз тарафи муаллиф воридкардашуда ба мавзуи гузошташуда мувофиқат мекунад. Тасвири воқеаҳо васеъ карда шуда, дақиқназарӣ ва ҳодисаҳои рухдода баръало мушоҳида мешавад. Дар баробари такмили мундариҷаи асар, инчунин гоҳо дигаргуншавии мавзуъ низ ба вуқуъ пайвастааст. Масалан, ҳангоме ки Асрор дар қироатхона дар фикр фурӯ рафтаву ақидаҳои дар ҳаққаш гуфтаи дигаронро аз дил мегузаронид, Сафар нидо мекунад, ки вақти рафтан шудааст, қироатхонаро мебандад, бояд равем. Дар ин асно расме аз китобаш мефтад (дар матни романи «Фарзанди ҳукумат» дафтар зикр шудааст), Сафар дарҳол тариқи ҳазл «Балое! Аллакай, ҷонона дорӣ?!» [11, с.73] гуфта, нидо мекунад. Аз ин амалкарди Сафар дар ғазаб афтода, чанд вақт бо ӯ гап намезанад. Аммо чаро Асрор аз Сафар ранҷид барои хонанда норавшан мемонад.

Дар матни роман ҳолати мазкур тағйир ёфта, хонанда тамоман ба манзараи дигар вомехӯрад. Зеро Сафар чӯёи айби Асрор набуда, баръакс пайваста ӯро дилбардорӣ карда, ҳамеша ҳамроҳаш мемонад. Дар ин ҷо Сафар ботамкинона Асрорро барои аз қироатхона баромадан таклиф мекунад, барои дилбардории ӯ чанд сухани дигар илова карда, мегӯяд:

- Зи байни дафтарат афтод ин расм,
Ман онро боз мондам байни дафтар.
Ба ту бисёр монанд аст. Ӯ кист?
Ягон ҳамширае дорӣ, бародар? [13, с.11].

Нависанда мавзуи ранҷидани Асрор ва Сафарро ба миён наоварда, дарҳол моҳияти масъаларо равшан намудааст. Ин ҷо хонанда ба дарди дили Асрор, ки дар матни достон як навъ сарбаста мушоҳида мешавад, ошно мешавад ва дӯстии ин ду ҷавон тарғибгари

амалҳои дӯстона барои хонандагон мегардад. Умуман, байтҳои иловашуда дар ин боб зиёдтар ба мундариҷаи асар таъсири мусбат расонидааст.

Боби дуюми матни достон аз тавсифи бузургии зан модар, тоқатоварии зан, дар мисоли Азиза Шомуродовна оғоз мегардад. Дар ин боб баён мегардад, ки Азиза Шомуродовна дар баробари омӯзгори муваффақ будан, инчунин модари мушфиқу меҳрубон низ ҳаст. Дида мешавад, ки Ғаффор Мирзо ба бузургии зан-модар зиёд таваҷҷуҳ дошта, дар таҳрири минбаъдаи асар ба ин ҷиҳати мавзуъ низ дахл намудааст. Ҳанӯз соли 1958 дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» мақолае бо унвони «Образи занон дар достони «Асрор» (муаллиф Р. Қудратов) нашр гардидааст, ки ба қувваи эҷодии Ғаффор Мирзо дар нишон додани образи зани тоҷик баҳои сазовор дода шудааст: «Дар достони «Асрор» образи занон яке аз ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Махсусан, симои зани бошафқат ва ғамхор Азиза Шомуродовна, ки дар достон таҷассум ёфтааст, бешубҳа ба ҳусну таваҷҷуҳи зиёде сазовор мегардад» [6, с.15].

Мавзуи боби дуюми достон ба боби сеюми матни романи «Фарзанди ҳукумат», ки «Дар паноҳи меҳрубонӣ» ном гирифтааст, мутобиқат дорад. Дигаргуншавии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки хонанда ба бузургии зан-модар васеътар шинос мешавад. Дар ин боб дар матни роман дар баробари иловаи фикр, ихтисорот низ мушоҳида мешавад. Агар барои кушодани хислати инсондӯстии Сафар, образи ӯ мукаммал гардида бошад, дар ҷойи дигар, Бобо, ки зикраш дар боби «Ҷӯстучӯ» меравад, бо Асрор бори дигар вомехӯрад, чунки ӯ бародари Азиза Шомуродовна мебошад ва Асрор инро ҳам тасодуф ва ҳам рамзи бахт хондааст. Вале гуфтугӯи Асрор бо Сафар дар хусуси интихоби касб, тавсифи замин ва шавқмандии ӯ ба донишкадаи аграрӣ, мухолифати Азиза Шомуродовна ба касби интихбнамудаи Сафар, ташвиқи инсодӯстии модар ба Сафар ва ба ҳамин тариқа шунавонидани Асрор, руҷӯи шоир ба бузургии зан, тайёрӣ ба имтиҳон ва тақаллубкории Бадал, дохил гардидани Сафару Асрор ба донишкада, боз руҷӯи шоир ба тавсифи бузургии замини паҳновари Тоҷикистон ва саҳми Иттиҳоди Шуравӣ дар тарбияи ҷавонон, ихтисор гардидааст.

Тавре зикр гардид, зимни таҳрири асар пеш аз боби «Дар паноҳи меҳрубонӣ», боби «Дар Искобул ва Вокак» илова гардидааст. Иловаи ин боб пайдарпайи матнро таъмин намуда, хонандаро ба рӯзгори ду деҳа, ду ҷамъият, ду зан, ки зиндагии мутафовит доштанд, шинос менамояд.

Дар ин боб хонанда бо персонажҳои нав вомехӯрад. Яке аз онҳо Ширинмо – модари Асрор буда, зиндагии пурмашаққатеро аз сар гузаронидааст. Хонанда бо мутолиаи ин боб дарк хоҳад кард, ки маншаи ин ҳама бадбахтиву ранҷурии Асрор дар чист. Дар натиҷаи таҳриру такмили достони «Асрор», ки ба таъкиди адабиётшинос Хуршеда Отахонова нависанда дар ин асар «тақдири шахс, тақдири насли навраси мардуми тоҷикро дар партави муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, дар партави он табаддулоти азиме, ки дар таърихи халқи тоҷик дар солҳои ҳокимияти советӣ ба вуҷуд омад, аз назар гузаронида, ба воситаи тасвири саргузашти як нафар намояндаи ин насл баъзе масъалаҳои муҳимми ахлоқи иҷтимоии умумиинсониро пеш рондааст» [15, с. 144], ҷойҳои номувофиқии матн пурра гардидааст.

Боби сеюми достони «Асрор» бо байти зери Саъдии Шерозӣ оғоз меёбад:

Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар [11, с.103].

Аммо дар матни роман байти мазкур ихтисор гардида, он «Ятимони мусофир» унвон гирифтааст. Дар баробари такмили сохторӣ, мавзуи ин боб, аниқтараш қисмати якуми он тағйир дода шудааст. Дар матни достон дида мешавад, ки нависанда нахуст аз рӯзгори талхи худ ёдоварӣ мекунад, ки айни рӯзгори Асрор мебошад ва бештар «ман» гуфта нидо мекунад. Аммо дар матни роман шуруъ аз байти аввал Асрор зикр мешавад. Албатта, он ҳама баёни андешаву фикр, ки хеле содаву равшан навишта шудаанд, диди бадеии нависанда набуда, асоси воқеӣ доранд. Дар матни асар низ мушоҳида мешавад, ки нависанда гоҳо аз мавзуи асосӣ дур рафта, ба руҷуи лирикӣ мепардозад. Метавон гуфт, ки Ғаффор Мирзо дар таҳрири асар дар маркази диққат ба ташаккули образи Асрор таваҷҷуҳ намудааст.

Хонанда дар ин ҷо бо иштироккунандагони нав шинос мешавад. Ба монанди Мусофир, Момагул, Мукаррам ва Абдусаттор:

Адо шуд қарзи фарзанд офаридан,

Ширинмоҳу Мусофирро ба ин чор:
Калонӣ – Момагул, сонӣ – Мукаррам,
Савум – Асрор, чорум – Абдусаттор [13, с.53].

Дар баробари иловаи фикр, ихтисороти зиёде дида мешавад. Агар гӯем, ки боби «Ятимони мусофир» як боби нав аст, хато нахоҳем кард. Зеро он воқеаҳое, ки дар ин боб баён шудаанд, дар матни достон мушоҳида намешаванд ва ё ҷо-ҷо ба таври умумӣ ёдрас гардидаанд. Аз ҷумла, аз шӯхтабиат будани Асрор ва бо духтарони ҳамсоя чӣ гуна муомила кардани ӯ дар матни роман сухан намеравад, аммо дар достон бо омезиши сурудҳои халқӣ хеле ҷаззоб баён гардидааст. Ё ин ки образи Надя ба фаромӯшӣ меравад ва ғ.

Воқеаҳои қисмати дуюми боби сеюми матни достон баъзан дар боби панҷум ва қисман дар боби шашуми матни роман баён шудааст. Аз ҷумла, хабар овардани Дубарзангӣ ба Асрор аз хешу табор доштан ва ба нишониаш рафтани ӯро дар боби «Фарзанди ҳукумат» мебинем, аммо баёни воқеаҳо гоҳо ба матни достон мувофиқат надорад. Якум ин ки на «Дубарзангӣ», балки Дуло ном гирифта мешавад писари хушхабаррасон, баъдан ҳангоми вориди дарвозаи хонаи амакаш шудани Асрор дар матни роман суханон мулоим ва малеҳтар, ба монанди воқеаи пурсиши ноҷои Сафар ҳангоми нишон дидани сурати Мукаррам, гардидааст. Инчунин ёдовар шудан лозим, аст ки нақли воқеа дар достон, аксаран аз забони Асрор ва дигар персонажҳо баён мешавад, аммо дар роман гӯяндаи онҳо худи шоир мебошад:

Ситодам, сулфа кардам, ки шунид ӯ, Сараш бардошт, рӯ гардонд, дид, ӯ, Саломам дар забонам буд ҳоло, - Чӣ мегӯӣ? Гум ша! – зад ӯ дод ногоҳ. [11, с.126]	Ба тарсу ларз дарро кард нимроғ, Сари бечораи худро дарун кард. - Чӣ гап?! – гӯё чу санге бар сари дузд, Ҳаво дод ин нидоро як фурӯмард. [13, с.115].

Инчунин вохӯрии Асрор бо апааш Мукаррам[3] дар боби шашуми матни роман, ки «Мукаррам» унвон гирифтааст, ба таври васеъ тасвир меёбад. Ин ҷо низ номутобиқатии фикр дида мешавад, зеро дар достон баён мешавад, ки амакаш Мукаррамро ҳамчун каниз барои гаҳворачунбонӣ ва дигар корҳои хона, инчунин барои ба даст овардани қалин ба хона бурда, Асрорро ба парваришхона супурдааст. Лекин дар таҳрири баъдӣ Мукаррам ба воситаи писаре Асрорро ба он ҷо бурда, худаш аз нанги замона ва ақидаҳои куҳнаи мардуми Вокак ба хонаи амакаш бармегардад. Ё фарроши парваришхона Басбӣ, ки Мукаррам чанд моҳ дар хонаи ӯ зиндагӣ мекунад, аз бародару хоҳар будани Мукарраму Асрор огоҳӣ надорад. Мукаррам низ симои бародарашро дар хотир надорад. Дар матни роман бошад, момои Ният (ҳамон Басбӣ) аз моҷарои бар сари онҳо омада воқиф аст ва Мукаррам мудом аз ӯ аҳволи Асрорро мепурсад.

Умуман, иловаи боби «Фарзанди ҳукумат» ва «Мукаррам» ба мавзуи интихобнамудаи шоир мувофиқат намуда, хонандаро ба истиқоматкунандагони хонаи бачагон муфассал шинос намуда, ба ин восита образи Мукаррамро равшан ва мукаммал намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки муроҷиати дигарбора ба асари таълифшуда аз ҷониби нависандагон зиёд мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ аксарияти асарҳои худро борҳо таҳриру такмил намуда, шогирдону нависандагони ҷавонро, ба монанди С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода ҳамеша ба чунин кор талқин кардааст. Аз ин аст, ки матншинос Кӯчарзода А. дар хусуси матнҳои гуногуни повести «Одина»-и С. Айнӣ сухан ронда, чунин менигорад: «Нависанда дар ин матн (нашри соли 1927 – Р.Г.) баъзе бобҳоро тағйир дода, ба он як қатор бобҳои нав илова менамояд ва бо ҳамин ба инкишофи мантиқии воқеаҳо, композитсия ва тасвири возеҳи образҳои асосии асар бештару мукаммалтар муваффақтар мегардад» [3, с.11].

Ба ин тартиб, боби чоруми матни достон, баръакси се боби пешин, ки дар матни роман такмил ёфтаанд, ихтисор гардидааст. Дар ин боб тақдири ҳар як персонажи асар басо равшану дилкаш маънидод шудааст. Ба андешаи мо, ихтисори ин боб мундариҷаи матнро як андоза костааст, чунки ҳамеша дар кадом шакл анҷом ёфтани қисса ба хонанда, махсусан ба бачагони синни миёна, таъсиррасон мебошад.

[3]Дар матни достон апаи Асрор бо номҳои духтарак, мавзун ва ҷое апа зикр мешавад. Дар матни роман бошад, ин персонаж Мукаррам ном бурда мешавад.

Ҳамин тариқ, достони «Асрор» дар натиҷаи таҳриру такмил аз лиҳози мавзуъ ва сохтор тағйир ёфта, шумораи бобҳо зиёд гардидааст. Чунин сурат гирифтани кор, яъне асари эҷодшударо дар ҳолати нахустин намонда, дар асоси мулоҳизаҳои танқиди адабӣ онро мукаммал гардонидан, аз маҳорати баланди эҷодии нависанда дониста мешавад. Ғаффор Мирзо дар романи «Фарзанди ҳукумат» аз баъзе умумигӯиҳо даст кашида, дар асоси мавзуи муайян, аз ҷумла унвони бобҳо моҳияти воқеаҳоро басо равшан намудааст.

Тағйирот дар такмили сохторӣ ва мавзуъ

Нашри маҷаллавӣ ва китобии «Асрор»		**Нашри маҷаллавии «Фарзанди ҳукумат»**	**Нашри алоҳидаи «Фарзанди ҳукумат»**
I. Номи асар			
Асрор (достон)		Фарзанди ҳукумат (романи манзум)	Фарзанди ҳукумат (романи манзум)
II. Сарсухани нависанда, қисм ва бобҳо			
Надорад		**Муқаддима**	**Муқаддима**
Қисм		*Қисм*	*Боб*
1.	Надорад	*Ҷӯстуҷӯ*	*Ҷӯстуҷӯ*
2.	Надорад	*Дар паноҳи мехрубонӣ*	*Дар Искобул ва Вокак*
3.	Надорад	Ятимони мусофир	Дар паноҳи мехрубонӣ
4.	Хотима	Мукаррам	Ятимони Мусофир
5.			*Фарзанди ҳукумат*
6.			Мукаррам

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров, Ю. Паҳлуҳои зиндагӣ ва андешаҳои шоир / Ю. Акбаров // Садои Шарқ. – 1970. - №3. – С.140-148.
2. Аҳмад, С. Андешае чанд перомуни адабиёт ва фолклор / С. Аҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 176с.
3. Кӯчаров, А. Тадқиқи текстологии «Одина»-и С. Айнӣ / А. Кӯчаров. – Душанбе: Дониш, 1982. – 144 с.
4. Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 143 с.
5. Қосим, Н. Романи пурасрори шоир / Н. Қосим. [Манбаи электронӣ] // http://navisandagan.tj/tj/ index.php/ marizaho/ 829-romani-purasrori-shoir. Санаи нигориш 18.10.2021.
6. Қудратов, Р. Образи занон дар достони «Асрор» / Р. Қудратов // Занони Тоҷикистон. – 1958. - №11. – С.15.
7. Мирзо, Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо дар масъалаи назм / Ғ. Мирзо // Шарқи сурх. – 1954. - №4. – С.90-107.
8. Мирзо, Ғ. Асрор. Достон / Ғ. Мирзо // Шарқи сурх. – 1956. - №9. – С.3-17; №10. – С.34-41; №11. - С. 25-32; №12. – С. 21-29; 1957. – С. 58-70; №2. – С. 12-19; №3. – С. 60-68.
9. Мирзо, Ғ. Асрор / Ғ. Мирзо. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – С.51-155.
10. Мирзо, Ғ. Аз гаҳвора то майдон (шеърҳо ва достонҳо) / Ғ. Мирзо. – Душанбе, Маориф, 1981. – 222с.
11. Мирзо, Ғ. Фарзанди ҳукумат. Романи манзум / Ғ. Мирзо // Садои Шарқ. – 1983. - №2 – С.3-16; №3. – С.52-65; №4. – С.3-11; №5. – С.3-11.
12. Мирзо, Ғ. Фарзанди ҳукумат / Ғ. Мирзо. – Душанбе, Маориф, 1985. – 240 с.
13. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ. Чопи дувум / А.Насриддин. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 392 с.
14. Отахонова, Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1983. – 264 с.
15. Рейсер, А.А. Основы текстологии / А.А. Рейсер. – М.: Просвещение, 1978.
16. Шоире бо тақдири шикаста ва ғурури шоиста (Мусоҳибаи рӯзноманигор Солеҳ Юсупов бо ҳамсари Ғаффор Мирзо – Яқубова Муҳиба Муҳсиновна) // Минбари халқ. – 2015. - №18. – С.13-15.

ТАКМИЛИ СОХТОРӢ ВА МАВЗУИИ АСАРҲОИ «АСРОР» ВА «ФАРЗАНДИ ҲУКУМАТ»-И ҒАФФОР МИРЗО

Мақола ба таҳқиқи матншиносии асарҳои Ғаффор Мирзо – «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат» бахшида шуда, масъалаҳои сохторӣ ва мавзуии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақола муаллиф дар асоси матнҳои чопии маҷаллавӣ ва китобӣ равшан намудааст, ки Ғаффор Мирзо достони “Асрор”-ро нахуст солҳои 1956-1957 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» пешкаши хонандагон гардонида, баъдан дар шакли китоби алоҳида (солҳои 1957, 1981) нашр намудааст. Гуфта мешавад, ки матни достон дар ҳолати аввала боқӣ намонда, аз ҷониби нависанда мавриди таҳриру такмил қарор дода шудааст. Достон дар натиҷаи такмилу тафсил ба романи манзуми «Фарзанди ҳукумат» табдил ёфтааст. Асарҳои «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат» аз лиҳози сохтор ва мавзуъ аз ҳамдигар тафовут доранд. Муаллиф нишон додааст, ки матни достон аз чор қисм иборат буда, онҳо унвон надоранд, танҳо қисмати чорум «Хотима» зикр ёфтааст. Матни маҷаллавии достони «Асрор» ва матни китобии он аз лиҳози сохтор тағйир наёфта, бештар ба мазмуни асар марбут мебошанд. Дар мақола тағйироти сохтории матни маҷаллавии романи «Фарзанди ҳукумат» аз матни китобӣ муайян карда шуда, муаллиф бо овардани мисолҳои мушаххас роҷеъ ба он хулосабардорӣ намудааст. Инчунин, такмили сохтории матнҳои китобии достон бо роман мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, муаллиф мушаххас намудааст, ки дар матни роман нависанда аз баъзе қисматҳои матни достон даст кашида, барои кушодани образи персонажҳои асар ду боби нав илова намудааст. Ҳамин тариқ, дар мақолаи мазкур такмили

сохторӣ ва бандубасти асарҳои “Асрор” ва “Фарзанди ҳукумат” таҳқиқ шуда, муаллиф дар асоси сарчашмаҳои иловагӣ андешаҳои худро тақвият бахшидааст. Мақола ба мутахассисони соҳаи филология нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: Ғаффор Мирзо, «Асрор», «Фарзанди ҳукумат», такмил, таҳқиқ, матншиносӣ, достон, тағйирот, роман, таҳрир, матн, мавзуъ.

СТРУКТУРНО-ТЕМАТИЧЕСКОЕ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ “АСРОР” И “СЫН ПРАВИТЕЛЬСТВА” ГАФФОРА МИРЗО

Статья посвящена текстологическому исследованию произведений Гаффора Мирзы «Асрор» и «Сын правительства», рассмотрены их структурно-тематические вопросы. В статье автор на основе печатных журнальных и книжных текстов уточнил, что Гаффор Мирза впервые представил рассказ «Асрор» в 1956-1957 годах в журнале «Шарки сурх» («Красный Восток»), а затем издал его в виде отдельной книги (в 1957, 1981). Текст рассказа не сохранился в первозданном виде и был отредактирован и улучшен писателем. Именно поэтому в результате усовершенствования повести он написал роман «Сын правительства». Произведения «Асрор» и «Сын правительства» отличаются друг от друга структурой и тематикой. Автор показал, что текст рассказа состоит из четырех частей, они не имеют заглавия, упоминается только четвертая часть «Конец». Журнальный текст рассказа «Асрор» и его книжный текст не изменились по структуре, но изменения больше связаны с содержанием произведения. В статье определены структурные отличия журнального текста романа «Сын правительства» от книжного, о чем автор сделал вывод на конкретных примерах. Также структурное совершенствованиею книжного текста рассказа и романа было подвергнуто сопоставительному анализу и уточнено, что в тексте романа писатель отказался от некоторых частей текста рассказа и добавил две новые главы, раскрывающие образ героев произведения. Таким образом, в данной статье были исследованы структурное усовершенствование и организация произведений «Тайны» и «Сын правительства», а автор подкрепил свои взгляды дополнительными источниками. Статья адресована специалистам в области филологии.

Ключевые слова: Гаффор Мирза, «Асрор», «Сын правительства», усовершенствование, исследование, текстология, рассказ, изменение, роман, редакция, текст, тема.

STRUCTURAL AND THEMATIC IMPROVEMENT OF THE WORKS "ASROR" AND "SON OF THE GOVERNMENT" BY GAFFOR MIRZO

The article is devoted to the textual study of the works of Gaffor Mirza "Asror" and "Son of the Government", its structural and thematic issues are considered. In the article, the author, on the basis of printed magazine and book texts, clarified that Gaffor Mirza first presented the story "Asror" in 1956-1957 in the journal "Sharqi Surkh", and then published it as a separate book (in 1957, 1981). The text of the story was not preserved in its original form and was edited and improved by the writer. That is why, as a result of improving the story, he wrote the novel "The Son of the Government." The works "Asror" and "Son of the Government" differ from each other in structure and subject matter. The author showed that the text of the story consists of four parts, they do not have a title, only the fourth part “The End” is mentioned. The magazine text of the story "Asror" and its book text have not changed in structure, but are more related to the content of the work. The article defines the structural differences between the magazine text of the novel "Son of the Government" and the book text, which the author concluded on specific examples. Also, the structural improvement of the book text of the story with the novel was subjected to a comparative analysis and clarified that in the text of the novel the writer abandoned some parts of the text of the story and added two new chapters to reveal the image of the heroes of the work. Thus, in this article, the structural improvement and organization of the works "Asror" and "Son of the Government" were investigated, and the author supported his views with additional sources. The article is addressed to specialists in the field of philology.

Key words: Ghaffor Mirza, "Asror", "Son of the Government", improvement, research, textual criticism, story, change, novel, edition, text, theme.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шамшоди Ҷамшед*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, доктори фалсафа Ph.D филология аз руйи ихтисос, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С. Сафарова, 16
Рахмонова Гулдона Сохибназаровна - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. Сафарова С., 16.
Тел.: **(+992) 918-90-63-65**

Сведения об авторах: ***Шамшоди Джамшед*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, доктор философских наук, кандидат филологических наук по специальности, старший преподаватель кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Рахмонова Гулдона Сохибназаровна - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, аспирант кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сафарова С., 16.
Тел.: **(+992) 918-90-63-65**

Information about the authors: ***Shamshodi Jamshed*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Doctor of Philosophy, Candidate of Philological Sciences by specialty, Senior Lecturer at the Department of Tajik Literature. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarova, Str.,16
Rakhmonova Guldona Sohibnazarovna - Kulyab State University named after A. Rudaki, post-graduate student of the Department of Tajik Literature. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarova, Str., 16.
Phone: **(+992) 918-90-63-65**

ТДУ: 891.550

ОСОРИ АДАБӢ ҲАМЧУН АСОСИ РУШДИ ДРАМАТУРГИЯИ ТОҶИК

Розиқзода Аъзам Абдуҷаббор
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Драматургия неруи асосии театр маҳсуб ёфта, дар натиҷаи заҳмату талошҳои шабонарӯзии драматург ҳосил мегардад, ки асоси онро адабиёт ташкил медиҳад. Адабиёту театр ба ҳам вобастагии зич дошта, дар якҷоягӣ тавлидгари санъати бадеӣ ва сухани волоянд. Чунки «асоси ҳамаи санъатҳои бадеӣ бар таносуби сухан аст» [3, с. 32]. Сухани хуб ва дорои мазмуни баланд метавонад, ки ифодагари ормонҳо ва илҳомбахши кори эҷодиву ҳунарии ҳунарманду коргардон гардад, чунки «адабиёт ба театр илҳом мебахшад» [10, с.90].

Адабиёти хуб метавонад сабаби офаридани намоишномаҳои хуби театрӣ гардад. Ин нуктаро низ Мейерхолд ҷонибдорӣ намуда гуфтааст, ки «театр аз адабиёт реша гирифтааст. Ин фикри бебаҳс аст» [10, с. 108]. Агар ташаккул ва рушди адабиёти классикиамонро аз замони устод Рӯдакӣ ба назар гирем, маълум мегардад, ки адабиёти қадимаи мо таърихи беш аз ҳазорсола дошта, пештар аз театри касбӣ ба вуҷуд омадааст, аммо «театри касбии тоҷик танҳо дар солҳои бистум ба вуҷуд омада, боиси дар адабиёт тавлид шудани жанри нав - драматургия гардид» [1, с.18]. Ақидаи «театр аз адабиёт реша гирифтааст»-и Мейерхолдро коргардони саршиноси тоҷик Фаррух Қосимов истифода бурда, дар натиҷаҳои заҳматҳояш онро исбот намудааст. Аксари намоишҳои Фаррух Қосимов аз ашъори бузургону адабиёти классикиамон ба саҳна гузошта шудаанд ва аксаран муваффақ будаанд. Нодири Бурҳонӣ нависанда ва коргардони маъруфи имрӯзаи Эрон дар ҷашнвораи «Даҳаи Фаҷр» ошкорову самимона гуфт, «мо то Фаррух Қосим намедонистем бо хазинаи тиллоии адабиётамон чӣ кор кунем, ӯ омаду барои мо роҳро нишон дод» [6, с.6-7].

Воқеан Фаррух Қосимов театр ва адабиётро ба ҳам оварда, исбот намуд ки ин ду шохаи бузурги ҳамхун буда, намоишҳои баландмазмуни театрӣ дар ин якҷоягӣ рӯйи саҳна меоянд.

Гурӯҳи ҳунармандонеро аз қабили Қ. Собир, А. Шарифӣ, Н. Меликов, С. Наимов, Ҳ. Рабиев, Г. Наимова, Х. Мустафоев, С. Ҷанҷолов, Қ. Мирзоев ва дигарон, ки Фаррух Қосимов тарбият намудааст, мутахассисони асосии театри «Аҳорун» ба ҳисоб мерафтанд ва бо ин гурӯҳ ҳамаи имкониятҳои саҳнавӣ намудани асарҳои барҷастаи классикиамон имконпазир аст.

Фаррух Қосимов аз драматургияи муосири тоҷик кам истифода мекардааст ва оид ба ин масъала санъатшинос ва дӯстдори театр Аълохон Афсаҳзод чунин изҳори ақида кардааст, ки ҳаваси ӯ ба театр «ба муҳаббат, ҳатто ба ишқ табдил ёфт» [1, с.5] ва худи Ф. Қосимов чунин гуфтаанд, ки «драматургияи тоҷик ба талаботи маънавии имрӯзаи халқ пурра ҷавоб дода ва завқи бадеии тамошобини имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад» [1, с.19]. Ин суханҳо, ки тақрибан 40 сол пеш гуфта шудаанд, мутаассифона, ҳоло ҳам дар доираи ғайриқаноатбахш боқӣ мондаанд. Тамошобини имрӯза зираку ҳушёр буда, аз тамошобини замони Шуравӣ фарқ мекунад. Кам муяссар мегардад, ки намоишномаҳои аз асарҳои муосир рӯйи саҳна омада онҳоро қонеъ кунонад. Чунки дар замони пешрафти тараққиёти илму техника дар қолаби 100 соли пеш истодани театр ҳам на он қадар дуруст аст. Баҳонаи он ки тамошобини имрӯз намоишҳои баландмазмунро намефаҳмад, театрро ба қафо кашида, сабабгори тавлиди намоишномаҳои пастмазмун гаштааст. Аммо вазифаи театр ин тамошобинро ба сӯйи худ кашидани он аст «вагарна тамошобини серталаб ҳақ дорад, ки минбаъд роҳи театрро, ҳатто агар ӯ театри дӯстдоштааш бошад ҳам, фаромӯш кунад» [9, с.8].

Беҳтарин намоише, ки тайи даҳ соли охир дар саҳнаи театри А.Лоҳутӣ гузошта шуд, ин «Қайдҳои як нафар девона» - и Н. В. Гогол буд, ки бо баҳонаи нафаҳмидани тамошобин, аз репертуари театр бардошта шуд. Шоири тоҷик Сиёвуш, ки солиёни зиёд дар Қирғизистон ба сар мебарад, баъди тамошои «Қайдҳои як нафар девона» муассир гашта, фикрашро чунин баён карда буд: «Ин намоишро дар ичрои ҳунармандони театрҳои Руссия ва Қазоқистон тамошо кардам, вале Қурбон Собир нахустин ҳунармандест, ки воқеан онро ба дараҷаи олӣ бозид. Аз рӯйи мушоҳидаҳои банда Қурбон Собир ҳангоми ичрои нақш ҳатто як хато надошт» [12, с.3]. Яъне дар баробари адабиёту драматургияи хуб, саҳми

ҳунармандони ҳирфавӣ низ бузург аст, чун ки «театр фақат бо актёр вуҷуд дорад» [1, с.22] ва «ҳунар беҳтарин ва гаронтарин ганҷ аст, ки Худованд ба инсон медиҳад. Ва онро бояд эҳтиёт кард» [7, с.28].

Бо коргардоне, мисли устод Фаррух Қосимов, ки назираш дар Осиёи миёна ягона буд, кор кардан ва дар намоишҳояшон нақш офаридан барои ҳунарманд бахти бузург аст. Ва Қурбони Собир аз қабили ҳунармандони хуштолеъ ҳастанд, ки дар аксари намоишҳои таҳиянамудаи Фаррух Қосимов нақшҳои марказиро бозидаанд ва ин намоишҳо, аксаран аз рӯйи асарҳои барҷастаи классикаи тоҷик ва ҷаҳон таҳия шуда буданд. Ин нуктаро Қурбони Собир дар як мусоҳибааш чунин зикр намудааст: «Имрӯз банда агар ҳунаре, истеъдоде, маҳорату малака, фаросату нафосате дошта бошам, хидмату заҳмати устоди зиндаёд Фаррухи Қосим аст» [6, с. 6-7].

Яке аз василаҳои қафомонии театр ва камтамошобин ва қонеъ нагардонидани ҳисси маънавии онҳо, ин набудани асарҳои хуби саҳнавии муосир мебошад. Намоишнома навиштан, ин монанд ба сарқонун навиштан ва ё қонуни зиндагии инсонҳоро навиштан аст, ки онҳо ҳангоми тамошои намоиш доираи чаҳорчӯбаи инсониро назорат намуда, аз ин таҷрибаи гирифтаашон минбаъд самаранок истифода мебаранд.

Барои намоишномаи хубро навиштан, драматурги хуб зарур аст. Намоишнома навиштан, қонунҳои ба худ хос дорад. Ҳоло намоишноманависӣ ба қиссанависӣ табдил ёфтааст, ҳол он ки «бунёди намоишро пйеса ва асоси театрро драматургия ташкил намуда» [1, с.127], бе вуҷуд доштани якдигар, театр рисолати аслии хешро иҷро карда наметавонад. Намоишнома «ба масъалаҳои муҳимтарини рӯз, тақдири одамон, орзӯю омоли онҳо, муносибати фард бо ҷомеа, пайвастагии ҳуқуқ ва вазифаҳои ашхос, иртиботи ҷузъ ва кулл, мақоми вазифашиносӣ, эҳсос ва шуур дар кирдори инсон ба тарзи умда баҳс ба миён оварда, диалектикаи пешравӣ, қонунияти муборизаи нав бо куҳна ва амсоли инро дар ҳолату вазъиятҳои драматикӣ бо василаҳои хосси театрӣ нишон диҳад» [1, с.127], чунки «санъати театрӣ – пеш аз ҳама, маънои пайванд бо ҷомеаро дорад… Актёр нисбат ба мусаввир, нависанда, ҳайкалтарош ҳамеша дар сафи пеш меистад. Ба ҷуз актёр ягон эҷодкори дигар чунин имконияти алоқамандии бевоситаро бо аҳли ҷомеа надорад» [10, с.153] ва ин пайвандиро танҳо драматургия ва коргардони хуб метавонад ба миён оварад.

Модоме ки асоси театрро драматургия ва бунёди намоишро пйеса ташкил диҳад, пас вазъияте, ки айни ҳол театрҳо ва драматургияи муосир доранд, тоқатнопазир аст. Ҳол он ки театр рисолати бисёр гаронро бар уҳда дорад ва ҳар миллате, ки театрро арҷ гузошт, забону фарҳангаш дар олам пешдаст аст.

Дар чунин ҳолат нигоҳ доштани театрҳо як андоза ношукрӣ ба адабиёти бою ғанӣ, фарҳангу забон ва меҳнату заҳматҳои гузаштагоне аст, ки ин риштаро солиёни зиёд побарҷо нигоҳ дошта буданд. Чун медонистанд, ки «театр як василаи бахшояндаи кайфияти олист, ки инсонро комилан ба худ мекашад ва аз ин рӯ, театрро бояд оқилона истифода бурд» [10, с.154].

Мутаассифона, ифодаи маъмули «театр оинаи зиндагист» қариб ки аз миён рафтааст. Ҳарчанд Маяковский бахшида чунин гуфта, ки «театр оинаи инъикосгар нест, балки шишаи пурбин аст» ва ё гуфтаҳои Гюго, ки «оре, театр асбоб (олоти)-и оптикист. Ҳар он чизе, ки дар таърих вуҷуд дорад, дар ҳаёт, дар инсон ҳаст, бояд ва метавонад дар он акс ёбад, аммо бо кумаки чӯбаки муъҷизаофари санъат».

Барои саҳнавӣ намудани ҳар асари баландмазмун, коргардон аввал ҳунармандеро меҷӯяд, ки аз уҳдаи иҷрои нақши қаҳрамонаш баромада тавонад. Масалан, Ф. Қосимов солҳои 1981 ва 2000 –ум кӯшиш кард «Шоҳ Лир»-ро бо иштироки Ато Муҳаммадҷонов дар саҳна нишон диҳад ва дар таҳияи он сухани тоза гӯяд, навҷӯӣ зоҳир намояд. Вале нияту мақсади ӯ дастгирӣ наёфт. Ва танҳо баъди бист сол орзуи деринаи коргардон аввал дар театри қирғизии шаҳри Бишкек ва дар театри «Аҳорун» ҷомаи амал пӯшид [1, с.]. Чаро баъди бист сол? Шояд устод Фаррух Қосим иҷрокунандаи нақши Лирро меҷуст? Имрӯз нақши Лирро дар намоишномаи «Шоҳ Лир» Қурбони Собир бозӣ мекунад, ки давомдиҳанди ҳунару маҳорати шодравон Ато Муҳаммадҷонов мебошад ва ин нуктаро ҳунарманд Ортиқ Қодир чунин баён кардааст: «Агар имрӯз ҷойи ҳунарманде чун Ато Муҳаммадҷонов холист, ман ҳамон паҳнову вусъат ва арзишҳои истеъдоду ҳунарро имрӯз дар Қурбони Собир мебинам».

Аслан асарҳои бузург бо иҷрои барои ҳунармандони бузург саҳнавӣ мешаванд. Яке аз омилҳои дигари саҳнавӣ нашудани асарҳои бузурги дохиливу ҷаҳонӣ, ин набудани

ҳунарпешаҳои ҷавони соҳибистеъдод аст. «Акнун дар театрҳо ҳунармандоне фаъолият мекунанд, ки сатҳашон дар як ранг, як поя қарор дорад» [9, с.6]. Аксари ҷавононе, ки истеъдоди баланд доранд, дар муҳити сохташуда ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбуди театрҳо тоб наоварда, пайи шуғли дигаре мешаванд ва ҷойҳои холиро шахсони нисбатан камтаҷриба пур месозанд.

Аз таҳқиқу баррасиҳои мунаққидону муҳаққиқони дохилу хориҷ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Қурбони Собир дар иҷрои нақши шоҳ Лир муваффақ гашта, аз уҳдаи нақш ба хубӣ баромадааст. Образи офаридаи устод Қурбони Собирро мунаққиди барҷастаи театр Низом Нурҷонов чунин шарҳ додааст: «Ҳунарпеша Лирро дар ҳолати басо пуршиддат нишон дода саҳнаҳои аз ақл бегона шудани Лирро мисли Шекспир то ба дараҷаи фалсафа бардошта, басо таъсирнок ифшо менамояд… Қурбони Собир бо ҳунари волои таҷассумкорӣ тамошобинонро моту маҳбут мекунад…. Намоиши нави театри «Аҳорун» «Шоҳ Лир», ки кас онро бо ҳаяҷон ва шавқу завқи сустнашаванда тамошо мекунад, ҳам лаззати бадеӣ мебахшад ва ҳам ба фикру андеша мебарад» [4, с.5]. Ин намоиши аз ҷиҳати коргардонӣ комил ва аз ҷиҳати бозигарӣ олӣ дар аксари кишварҳои дунё, аз ҷумла Брюссел низ ҳунари театрии тоҷикро муаррифӣ намудааст. Баъди тамошои намоиши «Лир» мунаққид ва тарҷумони ҳунармандони театри «Аҳорун» дар Брюссел, хонуме бо номи Лена ба Қурбони Собир хитоб намуда чунин мегӯяд: «– Дар ҳунар ба хаёлам Худованд китфонатро сила кардааст. Вақте бо тембри овози паст суҳбат мекунӣ, ҳамавақт ман мегирям» [6, с.235-236].

Аслан коргардонҳои бузург метавонанд, ки чунин корҳои бузургро анҷом диҳанд. Аз ин ҷост, ки кори устод Фаррух Қосимовро аксари мунаққидон шоҳкорӣ номида дар паҳлуи корҳои Питер Брук (Питер Стивен Пол Брук, (1925 – 2022) коргардони театру синамои англис) гузоштаанд, ки ин ифтихори миллату ҳунари театрии тоҷик аст. «Грета Ванҳасел – олим: - Намоиши «Лир» бисёр хушам омад. Ба ҳоли Лир ашк рехтам… Ман Лири Козентсевро дидам. Лири гурҷиҳоро борҳо тамошо кардам. Шумо он ҳама гирудор, нафсоният, таҳқир, муҳаббат, безорӣ, ҳама он эҳсосҳо, ки дар ин намоиш бояд ҷой медошт, ҷой додаед.…коратон дар паҳлуи кори Питер Брук аст» [6, с.236]. Тавре ки устод Қурбони Собир дар китоби «Фаррухнома» - ашон дарҷ кардаанд, ин муваффақиятҳои беназирро худи устод Фаррух Қосимов низ эҳсос намуда буданд, ки замони яке аз тамринҳо, устод «Ф.Қосим…худро гирякунон ба оғӯши ман партофт. Ва эълон кард! – Он Лире, ки мехостам Қ.Собир иҷро намояд, имрӯз зоида шуд» [6, с.232].

Ҳунарманди асил дар ҳама давру замон, агар асари комилу мукаммал бошад, аробаи ҳунариашро бо муваффақият ба манзил мерасонад. Дар баробари образҳои ҷаҳонӣ, устод Қурбони Собир дар офаридани образҳои асарҳои миллӣ низ саҳми босазо доранд. Далели ин гуфтаҳо ин аст, ки соли 2019 дар Театри академӣ-драммавии ба номи А. Лоҳутӣ намоиши «Фирдавсӣ», аз рӯйи романи устод Сотим Улуғзода ва коргардонии Султон Усмонов рӯйи саҳна омад, ки иҷрои нақши Фирдавсӣ ба дӯши ҳунарманд Қурбони Собир вогузошта шуд. Маҳорати баланди нақшофарии Қурбони Собир сабаб гардид, ки ин намоиш дар «Парасту» - и ҳамонсолаи театрҳои касбӣ соҳиби «Гран - При» ва дар 7 – умин фестивали байналмилалии «Арт - Ордо», ки худи ҳамон сол дар шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, соҳиби «беҳтарин нақши мардона» гардад. Ҳамчунин намоиши «Фирдавсӣ», соли 2022 дар 40 – умин фестивали байналмилалии «Фаҷр», ки дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, ба ҳайси меҳмони вижаи ҷашнвора иштирок намуда, дар шаҳри Машҳад низ бо дархости тадорукоти фестивал намоиш дода шуд. Алии Обидӣ, коргардони саршиноси театри Эрон баъди тамошои намоиши «Фирдавсӣ» гуфта буд: «Устод Қурбони Собир дар нақши Фирдавсӣ ба назарам яке аз беҳтарин характерҳое буда, ки ман дидам. Яке аз чизҳое, ки устод Қурбон Собир хеле мусаллат аст, дар воқеъ забон ва баёни бисёр қавиаш аст. Ин баёни шевояш боис мешавад, ки таъсиргузориаш ба маротиб зиёд шавад…. Як чизи дигаре ҳам, ки дар мавриди устод Собир хеле бароям ҷолиб аст, ин тамаркуз рӯйи бозиҳои сукуташ мебошад… Агар устод Қурбон Собир даҳ дақиқа ҳам сукут кунад, ҳарфе назанад, ҳузури худаш дорад бозӣ мекунад… Ин ҳайбате, ки устод Собир аз Фирдавсӣ ба мо ироа кард, комилан қобили қабул ва боварпазир буд». Аз таҳлилҳои ҷаноби Обидӣ бармеояд, ки иҷрокунандаи нақши Фирдавсӣ устод Курбони Собир тамошобинро қонеъ намуда, мардуми Фирдавсишиноси Эронро қонеъ кунонидаанд. Чун «вақте, ки намоиш ба анҷом расид, дақиқаҳои тулонӣ

толорро тарк накардани тамошогарони эронӣ, ин худ гувоҳи он буд, ки онҳо ормону садои қалби худашонро дар ин намоиш диданд ва эҳсос карданд».

Ҳамон салобати ҳунарии Қурбони Собирро, ки дар аксари нақшҳои иҷронамудааш баръало намудор мегардад, дар намоиши «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон…» низ дидан мумкин аст. Асари саҳнавии Фаррух Қосимов бо номи «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон…», ки аз рӯйи ашъори адибони бузурге чун Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Аттору Хоҷа Ҳофиз таҳия шуда буд, дар ҳунари театрӣ табадуллот намуда, санъати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудааст. Дар ин намоиш низ устод Қурбони Собир нақши марказӣ, яъне «Юсуф»-ро иҷро намуда буд. Аз гуфтаҳои худи Қурбони Собир нақше, ки тақдир барои ӯ офаридааст, «Юсуф» аз «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон»-и Фаррух Қосимов аст ва ин нақш ҳаёти ӯро ба тамом дигар кард.

Тавлиди намоиши «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон..» дар муҳити ҳунариву эҷодии театри тоҷик падидаи бузурге буд. Фаррух Қосимов бо намоиши ҳамон вақт тозаэҷодаш дар саҳнаи театри тоҷик табаддулот намуда, ба аксари баҳсҳои асолати драматургияву адабиёти тоҷик нуқта гузошта буд. Як чиз мусаллам аст, ки «Юсуф» - и Фаррух анъанаи маъмули таҳияро аз рӯйи системаи Станиславский дар саҳнаи тоҷик шикаст. «Юсуф» ба баҳсҳои тулонии аҳли ҳунар, ки сустии театри тоҷикро маҳз дар ҳамин драматургияи миллӣ медиданд, хотима гузошт. Пойдевори театри миллии касбиро гузошт» [6, с.105].

Барои бартараф намудани ин масъала, саҳми аъзои шурои театрҳо низ бояд назаррас бошад. Онҳо ҳангоми интихоби асарҳои саҳнавӣ сахтгиру дурбин бошанд, то ҳунармандон аз амалҳои шурои театрҳо изҳори норозигӣ накунанд. Дар ҳақиқат, «вақтҳои охир дар театрҳои мо совети (шуро – Р.А.) бадеӣ қувваи худро қариб гум кардааст ва ҳол он ки совети бадеии театр қувваи асосии ҳалкунандаи тамоми масъалаҳои эҷодии театр мебошад» [1, с.22].

Интихоби сарсарии асарҳои саҳнавӣ ва хунукназарии масъулони театрҳо сабаб гардидааст, ки драматургон низ дар мавзуъҳои барои ҷомеа нолозим ва ё номаълум асарҳо навишта ба театрҳо пешниҳод намоянд. Ин раванд ва усули кор ба ҷое расидааст, ки «театри тоҷик ҳоло муҳтоҷи пйесаҳои миллист» [1, с.58] ва ба ҷойи зиёд кардани нақшаи солонаи театрҳо ва қабули рӯякии намоишҳои таҳияшуда барои ҳисобот «театрро аз муҳтоҷӣ берун овардан даркор» аст [1, с.58].

Яке аз равандҳои раҳоӣ аз ин муҳтоҷӣ ин аст, ки ба ғайр аз омӯзиш ва тарбияи донишҷӯёни риштаи драматургияи ДДФСТ, хоҳишмандон ва навқаламонро барои омӯзиш ба кишварҳои хориҷ фиристанд, то дар баробари донишҷӯёни ин ришта, ки аксари устодонашон ҳамин драматургони дохилиянд, ин риштаи душвору меҳнатталабро ба таври пурра омӯхта, дар эҷоди асарҳои саҳнавӣ ва тарбияи шогирдон саҳмгузор бошанд. Чунки «пйеса ин сабти протсессҳои дарунист. Аз ин рӯ, ба пйеса на чун ба маҷмуаи суханҳое, ки ба воситаи онон қаҳрамонҳо бо ҳам муколама мекунанд, бояд нигарист, балки ба як воқеае нигарист, ки дар ҳаёт ҷой дошт» [10, с.21].

Ҳарчанд навиштани пйеса дар назари аввал сода намуда, дар зеҳни нависанда диалогҳоеро паси ҳам меорад, аммо дар асл ин кори сода набуда аз драматург заковати баланди эҷодиро талаб менамояд. Драматург замоне метавонад асари хуби саҳнавӣ офарад, ки ӯ мушоҳидакор ва дорои қобилияти образофарӣ ва ҳамзамон аз адабиёту эҷодиёти халқ хуб огоҳ бошад. Агар аз як равзанаи одӣ назар афканем, моҳиятан «пйеса – ин як навъ сабти гуфтугӯи одамоне аст, ки нависанда онҳоро қаҳрамон интихоб кардааст» [10, с.35], вале аз нигоҳи коршиносӣ «эҷодкор – шахсест, ки ба одамон ҳарфи гуфтанӣ дорад» [10, с.95]. Дмитрий Брундный низ хуб гуфта ки: «ба ҳар ҳол театр на бо либосовезак, балки бо драматург сар мешавад. Агар драматург пйеса нанависад, либосовезак ҳам холӣ мемонад» [2, с.4].

Яке аз камбудии драматургияи тоҷик дар ин ин аст, ки драматургон бештар ба эзоҳ (ремарка)-и намоишномаҳо диққат дода, ғоя (консепсия)-и намоишро фаромӯш месозанд. Гумонашон, ки ин тарзи навиштани пйеса кори ӯро комил ва кори коргардонро осон менамояд, вале дар асл, аксаран эзоҳҳо истифода намешаванд, чунки саҳна қонунҳои хосси худро дорад. «Тақдири ҳама гуна асари санъатро, хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург, фикри асосӣ, ғояи он (консепсия) ҳал мекунад» гуфтани Гёте низ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳалли комил гаштани намоишнома дар ғояи он аст, на дар эзоҳҳои сунъӣ.

Агар ба асарҳои бузурги ҷаҳонӣ назар афканем, қариб ки эзоҳ дида намешавад, чунки аксари драматургони намоишномаҳои замони қабл коргардонҳо буданд ва медонистанд, ки эзоҳ барои асари хуби саҳнавӣ нақше бозида наметавонад. Ремаркаҳои муаллиф ҳадафи духӯра доранд ва на ҳамаи онҳо барои таҳияи намоиш заруранд. Дар ҳамин росто, яке аз намудҳои асосӣ ва ҳадафноки эзоҳҳои бамавридро М.И.Туманишвили чунин қайд намудааст: «Ремарка (эзоҳ) ин як сангтӯдаест болои теппае, ки ба бостоншиносон дари тамаддунҳои фаногаштаро боз мекунад» [10, с. 91].

Шохаҳое, ки появу бунёди театрро ташкил медиҳанд кам нестанд. Адабиёт, драматургия, ҳунарманди соҳибистеъдод ва коргардонҳои ҳирфаӣ боигарии асосии театр маҳсуб меёбанд ва барои пешрафт ва нақоти ин ё он театр ва драматургия зарур аст, ки ин шохаҳо табобат шаванд. Чунки бо бемор будани яке аз ин шохаҳо, мушкилот ҳамоно боқӣ мемонад.

Боиси хушнудист, ки дар майдони ҳунари театри тоҷик ҳунарманде мисли Қурбон Собир ҳаст ва равияи нави театрие мисли системаи Фаррух Қосимов вуҷуд дорад. Қурбони Собир давомдиҳандаи ҳунару истеъдоди устоди зиндаёдаш Фаррух Қосимов аст. Қурбони Собир дар баробари ҳунарманд, нависанда ва устоди хуб буданаш, метавонад роҳбари гурӯҳи ҳунарие мисли Фаррух Қосимов буда, мактаби эҷодии шахсии худашро дошта бошад.

Барои рушду нумуи як театри миллӣ чунин пешниҳодҳо аз манфиат холӣ нестанд:

Аз адабиёти классикии тоҷику форс, ки барои садсолаҳо руҳияи маънавии халқро таъмин менамояд, бояд фаровон истифода бурд ва барои эҷоди намоишномаҳои хуби муосир дар ин замина талош намуд;

Нафарони камтаҷрибаро, ки вориди гурӯҳҳои ҳунарии театрӣ мегарданд, тарбият кард;

Коргардонҳои сатҳи ҷаҳониро ба театрҳо бояд даъват кард, то коргардонҳову ҳунармандони ҷавони мо дар зимни таҷорубу омӯзиш корҳои тозаро ба роҳ монанд;

Барои раҳоӣ аз вазъияти феълӣ, ҷавононеро, ки хоҳишу майли хондан доранд, бояд ба макотиби бонуфузи давлатҳои аз ҷиҳати ҳунари театрӣ пешрафта фиристод, то ҳунару маҳорати худро сайқал дода, ҳамчун мутахассиси соҳа барои давлату миллати хеш хизмат намоянд;

Сабабҳои парокандашавии гурӯҳҳои ҳунариро бояд гирифт;

Иҷборан ба театр овардани тамошобин манъ карда шавад.

Муқарриз: ***Табаров Н.С.*** – н.и.ф., дотсенти ДДФСТ

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, А. Зиндагӣ дар саҳна: Маҷмуаи мақолаҳо ва тақризҳо / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1984.
2. Брундный, Д.Л. С чего начинается театр / Д.Л. Брундный. – Москва: Правда, 1986. – 46 с.
3. Зеҳнӣ, Т.Н. Санъати сухан / Т.Н. Зеҳнӣ. – Душанбе, Ирфон, 1978. – 328 с.
4. Нурҷонов, Н. Бозгашти Шоҳ Лир / Н. Нурҷонов // Адабиёт ва санъат. – 2002 – 31 май. – №21-22 (1108).
5. Розиқ, А. Маро бас аст ҳамон ифтихори Фирдавсӣ / А. Розиқ // Фараж. – 2022 – 1 сентябр. – №35 (821).
6. Собир, Қ. Фаррухнома / Қ. Собир. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 256 с.
7. Собир, Қ. Дардҳои паси парда / Қ. Собир. – Душанбе: Адиб, 2010. – 240 с.
8. Собир, Қ. Як ҷоми пур аз дард / Қ. Собир. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 116 с.
9. Собир, Қ. «Театр: Умеди бурунрафта аз чоҳ» / Қ. Собир // Ҷумҳурият. – 2015 – 19 май. – №103 (22 665).
10. Туманишвили, М.И. Роҳнамои Режиссёр / М.И. Туманишвили. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 196 с.
11. Ҳомид, Ҳ. Аз кафкубии тамошобин илҳом мегирам» / Ҳ. Ҳомид // «Чархи Гардун». – 1998 – 2 октябр. – №39. (111).
12. Шодмонова, С. Қайдҳои як нафар девона / С. Шодмонова // Ҷумҳурият.– 2016 – 1 апрел. – № 63 (22 885).

ОСОРИ АДАБӢ ҲАМЧУН АСОСИ РУШДИ ДРАМАТУРГИЯИ ТОҶИК

Адабиёти бою ғании мардуми тоҷик, ки таърихи чандинҳазорсола дорад, на камтар аз асарҳои театрии ҷаҳонӣ буда, барои садсолаҳо ба театру драматургияи тоҷик хидмат хоҳад кард. Аммо кам касоне пайдо мегарданд, ки барои ба саҳна гузоштани мероси ниёкон заҳматҳои шабонарӯзӣ кашанд. Асоси театрро драматургия ва бунёди намоишро пйеса ташкил мекунад. Аҳли санъату ҳунарро зарур аст, ки аз адабиёт дуруст истифода бурда, барои тарбияи насли наврас ва зинда нигоҳ доштани драматургияи миллӣ саҳм гузоранд. Вазъияте, ки айни ҳол театрҳо ва драматургияи муосир доранд, то андозае нигаронкунанда аст. Барои саривақт бартараф намудани мушкилиҳо, масъулинро зарур аст, ки ҷавонони болаёқатро интихоб намуда, барои омӯзиши ин риштаи барои театри тоҷик басо муҳим ба хориҷи кишвар фиристанд. Вақте ки асари саҳнавӣ бо гардишҳои нозуки драматургӣ ва бо хатти комили сужа навишта мешавад, кори театрро ба пеш ҳаракат мекунонад ва диққати тамошобинро ба театр ҷалб менамояд. Дар баробари драматургияи сатҳи ҷаҳонӣ навиштани асарҳои саҳнавӣ зарур аст, ки ҳунармандонеро мисли Ато Муҳаммадҷонов, Қурбони Собир, Ҳошим Гадоев, Убайдулло Раҷабов, Аловуддин Абдуллоев, Нозим Меликов, Абдумуъмин Шарифӣ

ва даҳҳои дигар, ки ҳунари театрии тоҷикро барои ҷаҳониён муаррифӣ намудаанд, тайёр карда барои побарҷо нигоҳ доштани ҳунари асил равона намоем. Қувваи дигари пешбарандаи театр ин коргардон мебошад. Аксари коргардонҳои бомаҳорату асил, ки роҳу равиши худро доштанду барои театри тоҷик навоварӣ менамуданд, аз байн рафтанд. Дар ин ҷо ҳунамандеро ба монанди Фаррух Қосимовро метавон ёдоварӣ намуд. Саҳми Фаррух Қосимов барои театр ва драматургияи тоҷик беназир буда, ба санъати театру кинои тоҷик ҳазорсолаҳо хидмат хоҳад кард.

Калидвожаҳо: адабиёт, драматургия, театр, ҳунар, ҳунарпеша, тамошобин, намоишнома, сухан, санъат, ҳаракат, истеъдод, саҳм, образ, коргардон.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ КАК ОСНОВА РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОЙ ДРАМАТУРГИИ

Богатая литература таджикского народа, имеющая историю в несколько тысячелетий, не уступает мировым театральным произведениям и веками будет служить таджикскому театру и драматургии. Однако мало кто работает день и ночь, чтобы инсценировать наследие своих предков. Основа театра – драматургия, а основа спектакля – пьеса. Деятелям исскуства необходимо правильно использовать литературу, способствовать воспитанию подрастающего поколения и поддерживать национальную драму. Несколько настораживает нынешнее положение современных театров и драматургии. Чтобы вовремя решить проблемы, необходимо, чтобы чиновники отбирали талантливую молодежь и направляли ее за границу для изучения этого направления, что очень важно для таджикского театра. Когда спектакль написан с тонкими драматическими поворотами и идеальной сюжетной линией, это продвигает работу театра вперед и привлекает внимание зрителей к театру. Наряду с драматургией мирового уровня необходимо писать сценические произведения, готовить таких артистов, как Ато Мухаммаджонов, Гурбани Сабир, Хашим Гадоев, Убайдулло Раджабов, Аловуддин Абдуллоев, Назим Меликов, Абдумумин Шарифи и десятки других, представивших таджикское театральное искусство миру, и сосредоточиться на сохранении оригинального искусства. Другой движущей силой театра является режиссёр. Исчезло большинство искусных и самобытных режиссёров, имевших свой путь и подход и создававших новшества для таджикского театра. Здесь можно упомянуть такого великого человека, как Фаррух Касимов. Вклад Фарруха Касимова в таджикский театр драмы уникален и будет служить искусству таджикского театра и кино на протяжении тысячелетий.

Ключевые слова: литература, драматургия, театр, мастерство, художник, зритель, спектакль, образ, речь, искусство, движение, талант, вклад, образ, режиссёр.

LITERARY WORKS AS ARE THE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF TAJIK DRAMA

The rich literature of the Tajik people, which has a history of several millennia, is not inferior to world theatrical works, and will serve the Tajik theater and drama for centuries. However, few people work day and night to stage the legacy of their ancestors. The basis of the theater is dramaturgy, and the basis of the performance is the play. Artists need to use literature correctly, contribute to the education of the younger generation and support the national drama. Somewhat alarming is the current state of modern theaters and dramaturgy. In order to solve problems in time, it is necessary that officials select talented young people and send them abroad to study this direction, which is very important for the Tajik theater. When a play is written with subtle dramatic twists and a perfect storyline, it moves the work of the theater forward and draws the audience's attention to the theater. Along with world-class dramaturgy, it is necessary to write stage works, train such artists as Ato Muhammadjonov, Qurboni Sobir, Hoshim Gadoev, Ubaydullo Rajabov, Alovuddin Abdulloev, Nozim Melikov, Abdumumin Sharifi and dozens of others who represented the Tajik theatrical art. the world. Let's focus on preserving the original art. Another driving force of the theater is the producer. Most of the skillful and original producers who had their own way and approach and created innovations for the Tajik theater disappeared. Here we can mention such a great person as Farrukh Kasimov. Farrukh Kasimov's contribution to Tajik theater and drama is unique and will serve the art of Tajik theater and cinema for millennia.

Key words: literature, dramaturgy, theater, skill, artist, spectator, performance, image, speech, art, movement, talent, contribution, image, producer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Розиқзода Аъзам Абдуҷаббор*** - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, омӯзгори кафедраи маҳорати актёрӣ. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Борбад, 73 А. E-mail: richard-3@list.ru. Тел.: **(+992) 902-80-72-72; (+992) 93-588-07-91**

Сведения об авторе: ***Розикзода Азам Абдуджаббор*** - Таджикский государственный институт культуры и искусства им. М.Турсунзаде, преподаватель кафедры актерского мастерства. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Борбада, 73 А. E-mail: richard-3@list.ru. Тел.: **(+992) 902-80-72-72; (+992) 93-588-07-91**

Information about the author: ***Rozikzoda Azam Abdujabbor*** - Tajik State Institute of Culture and Art. M.Tursunzade, lecturer at the Department of Acting. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. E-mail: richard-3@list.ru. Phone: **(+992) 902-80-72-72; (+992) 93-588-07-91**

ТДУ: 891.550-1

БУЗУРГДОШТИ АДИБОНИ САМАРҚАНДӢ ДАР ТАЗКИРАҲОИ МУОСИР

Шарифова Г.Ҳ.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Тазкиранигорӣ дар таърихи адабиёти тоҷик собиқаи дерина дорад ва тазкираҳои аввалин дар асрҳои IX-XI навишта шудаанд, ки ба забони арабӣ буданд: “Китоб-аш-шеърива-шуаро”и Ибни Қутайба, “Ал-ағонӣ” и Абулфраҷи Исфаҳонӣ, “Китоб-ал-ансоб” и Самъонӣ. Аҳаммияту моҳияти тазкираҳо аз он иборат мебошад, ки онҳо чун сарчашмаҳои илмӣ хизмат мекунанд. Мақсад аз навиштани тазкираҳо нишон додани мақому мартабаи адибон ва зинда нигоҳ доштани номи онҳост. Тазкиранигорӣ ба забони порсӣ аз “Лубоб ул-албоб”-и Муҳаммад Авфии Бухорӣ ва “Чаҳор мақола” и Низомии Арӯзӣ оғоз мешавад. Баъдтар, аз асри XV то аввали асри XX тазкиранигорӣ авҷ гирифт. Осори муаллифони тазкираҳо чун Абдураҳмони Ҷомӣ, (тазкираи “Нафаҳот-ул-унс” (1476-1478) ва боби чоруми “Баҳористон”), Алишер Навоӣ [14], Давлатшоҳи Самарқандӣ [27], Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [7], Мутрибии Самарқандӣ [28], Малеҳои Самарқандӣ[29], Фазлии Намангонӣ [24], Шаръӣ [39], Афзал Махдуми Пирмастӣ [25], Абдӣ [2], Муҳтарам [12], Садри Зиё [26], Ҳашмат [34], Садриддин Айнӣ [4] ва дигарон чун сарчашмаи муътамад омӯхта мешаванд.

Тазкираҳо на танҳо аҳаммияти илмию адабӣ, балки аҳаммияти таърихиро низ доранд. Тазкираҳо манбаъҳое мебошанд, ки моро бо осору рӯзгор, замон ва макони зисти шоиру нависандагон ошно месозанд. Тартибдиҳандагони маҷмуаҳои ашъори шоирон дар такя ба манобеи пешин тазкираҳои худро тартиб медиҳанд ва номи нафарони дигарро аз аҳли илму адаб, ки ба баёз ворид нашудаанд, зикр мекунанд. Гоҳо мешавад, ки ҳамон тазкираҳои пешинро гирифта, бо иловаи номи шоирони нав такмил медиҳанд, маълумотҳои дарёбнамудаи хешро илова мекунанд. Ҳамин тариқ, тазкираҳо шоирони гумномро низ зинда мегардонанд.

Вижагии тафовуткунандаи тазкираи дигари Малеҳои Самарқандӣ “Музаккир-ул-асҳоб” дар он аст, ки тазкиранавис аз забони худи шоирони ҳамзамонаш маълумотҳои дақиқро қайд кардааст, ки имрӯз дар адабиёт чун сарчашма истифода бурда мешаванд.

Тазкиранигорӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз тазкираи машҳури устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”, ки ҳамчун шиносномаи миллати тоҷик маъруф гаштааст, оғоз меёбад. Дар тазкираи машҳури устод Айнӣ, роҷеъ ба 127 нафар адибони ҳавзаҳои адабии Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд маълумотҳои дақиқ фаро омадааст. Китоби “Намуна” натанҳо соҳибтамаддун будани халқи тоҷики тоҷдорро муаррифӣ намуд, балки адабиётшиносони Шарқ барои пайдо кардани баъзе шоирони гумномшудаи Эрону Афғонистон низ аз он фаровон истифода карданд. “Тазкира гоҳо ба ҳайси муаррифгар ва ё ҳуҷҷату санади муҳим барои тасдиқи ҳастии маънавии миллат низ хидмат мекунад, ки намунаи барҷастаи он “Намунаи таърихи адабиёти тоҷик”-и устод Садриддин Айнист” [4, с.1].

Дар адабиёти муосири тоҷик “Гулшани адаб” дар панҷ қисм, зери назари устод Аълохон Афсаҳзод бо ҳамроҳии Б. Сирус ва Ҷ. Додалишоев, “Дурдонаҳои наср” дар чор қисм (дастаҷамъӣ) ба нашр расида буд, улгуи бузургест, ки аз ҷовидонагиҳо ба мо паём мерасонад. Дар ин радиф, даҳҳо тазкираю баёзҳо омода шуданд, ки тазкираҳои қаблиро мукаммал мегардонанд.

Баъдан, “Тазкираи адабиёти бачагона”, “Тазкираи адибони Бадахшон”, “Ангезаҳои хирад” ва тазкираҳои зиёди дигаре таҳия карда шуданд, ки меҳвари асосии ҳамаи онҳо якест. Мақсади муаллифи мақола тазкираҳои ба адибони Самарқанд бахшидашуда ва тазкиранигорони онро мавриди тадқиқ қарор додан аст.

Тазкираи мавриди назари мо “Суханварони сайқали рӯйи замин” унвон дошта, соли 1973 дар нашриёти Ирфон, дар шаҳри Душанбе, ба ифтихори 2500 солагии шаҳри бостонии Самарқанд мунташир гардидааст. Китоби “Суханварони сайқали рӯи замин”- и Тӯрақул Зеҳнӣ дар ҳаммуаллифӣ бо устоди донишгоҳи Самарқанд, (кунун доктори илмҳои филологӣ), Садрӣ Саъдиев аз чоп баромада, аз ҳаёт ва рӯзгори 187 нафар шоирони ҳавзаҳои адабии Самарқанд, бо риояи тартиби солҳо (асрҳо) гирдоварӣ шудааст. Домулло Зеҳнӣ дар таълифи китоби мазкур хизмати Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон - устод Мирзо Турсунзодаро перомуни тартиб додани тазкираи суханварони Самарқанди

бостонӣ ёдрас намуда, меафзояд, ки ғояи тавлиди китоб аз ин шоири номвари тоҷик мебошад. Муҳаққиқи фарохназар Тӯрақул Зеҳнӣ атиқа будани адабиёти тоҷикро собит намуда, ҳар шоиру адибро то андозае бо муаррифии осору рӯзгораш нишон медиҳад, ки ин яке аз шартҳои танзиму тадвини тазкиранигорӣ мебошад. Асари мазкур идомаи тазкиранависони муосири форсу тоҷик ба шумор рафта, чун анъана, роҷеъ ба сол, ном, зиндагӣ, касбу кор, лаҳзаҳои муҳим, намуна аз ашъор тарҳрезӣ шудааст. Барои ҳифзи таносуби асар ва қолабҳои бархӯрдор аз зарфият, аз шоирони машҳур низ намунае чанд оварда мешавад. Дар таърихи адабиётшиносии тоҷик бозтоби тазкиранигорӣ ва тадвини баёз, як падидаи рӯшан аз жанрҳои мураккаби пажуҳишӣ мебошад. Муҳаққиқ Тӯрақул Зеҳнӣ, ки худ аз доираи илму адаби Самарқанд буд, дар асоси осори хаттии пажуҳишгарони муътабари пешин маълумотҳои ҳамзамонони худро тасреҳ мекунад. Асари “Суханварони сайқали рӯйи замин” шаҳодат аз он медиҳад, ки дар давоми беш аз 1300 сол Самарқанд муҳити илмӣ – адабии тавоно ва солиме доштааст. Имрӯз низ абармардони фозили самарқандӣ анъанаи бузургдошти шоирону олимони гузаштаи хешро пос медоранд.

Маҷмуаи “Суханварони сайқали рӯйи замин”-и домулло Тӯрақул Зеҳнӣ аз 246 саҳифа иборат буда, бо исми яке аз донишмандони асри VII ва гӯяндаи мисраҳои аввалини шеъри тоҷик Ҳаким Абӯ Ҳафси Суғдии Самарқандӣ ҳусни оғоз меёбад:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чигуна бувадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо [8, с.19].

Тарзи ҷобаҷогузории номи муаллифон на аз рӯйи синну солу мақому мартаба, балки аз рӯйи замони зисташон гурӯҳбандӣ шуда, муаррифӣ гардидаанд. Муҳаққиқ санаду далелҳои дар таҳқиқот овардаро ба сифати манбаъ истифода мекунад. Дар асри XII дар бораи 19 шоиру нависанда, асри XV- 5 нафар, асри XVI – 79 нафар, асри XVII – 52 нафар, асри XVIII-XIX 8 нафар, асри XIX-XX -12 нафарро бароямон ошно намудааст, ки дар байни инҳо як нафар шоира (Оиша, асри XI) низ мебошад. Тӯрақул Зеҳнӣ ба тазкираҳои пешин ва сарчашмаҳои муътамад, ки зикрашон дар боло рафт, такя намуда, роҷеъ ба баъзе шоирони номашҳуре ҳам мисол овардааст, ки аз онҳо ҳамагӣ як ё ду байт боқӣ мондаасту халос. Якчанд мисол: Мавлоно Ҷавҳарӣ (як байт), Орифи Фаркатӣ (як байт), Мавлоно Ховарӣ (ду байт), Мавлоно Муъминӣ (а.XV, як байт).

Доир ба шоироне, ки бо як байти ӯзбекӣ ё тоҷикӣ – ӯзбекӣ (ширу шакар) муаррифӣ шудаанд:

Мирзо Халил (а.XV)

Эй турки парипайкаримиз, тарки ҷафо қил,
Коми дилимиз, лаъли равонбахш раво қил [8, с.80].

Мирзоҳочии Суғдӣ: (а.XV)

Ухшатди қоматинга санавбарни боғбон,
Бечора билмасэрмиш алифдан таёғни [8, с.80].

Ҳаримии Қаландар (а.XV, як байт):

Неча йиғлайшамъдек ҳаҷрингa ёрим, кечалар,
Оҳ ким қуйдурди доғи интизорим кечалар [8, с.79].

Роҷеъ ба шоирони қарни XII, ки бар асари надоштани сарчашмаҳои дастрас хонанда дар бораашон маълумоти кофие надорад, ба монанди Муайяди Насафӣ, Ҳаким Ҷалолӣ, Шиҳоби Муайид, Каримии Самарқандӣ, Мутатаббиби Самарқандӣ домулло Зеҳнӣ ба манобеи муътамаде, чун “Лубоб-ул-албоб”, “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” ва ҳавошии “Таърихи Байҳақӣ” мурочиат намудааст. Масалан, мо инҷо огоҳ мешавем, ки номи Мутатаббиби Самарқандӣ дар тазкирае дар радифи чанд тан шоирони асри XII ва XIII, ки дар асри XIV аз ҷониби Муҳаммад ибни Ямғур ном касе тартиб дода шудааст ва кунун дар донишгоҳи Мадрас (Ҳиндустон) ҳифз аст, ёдовар мешавад. Аз ин шоир, дар баёзи пайдошуда, фақат як қасидаи 17-байта оварда шудааст. Қасида дар сабки хуросонӣ - бисёр равон, муъҷаз, дорои тобишҳои маъноӣ, гӯшнавоз ва дар баҳри мунсареҳи мураббаъи матвию мавқуф (–VV– – V –) муфтаилун фоилун, муфтаилун фоилун эҷод карда шудааст:

Боди сабо барфурӯхт машъалаи гулситон,
Шамъи гуҳарбор гашт гулбуни парвинфишон.
Айбаи ғунча кушод размакушои баҳор,
Сидраи аксун ниҳод бар китифи арғувон [8, с.44].

Шоири дигаре, ки дар тазкираи “Лубоб ул-албоб” ном гирифта мешавад, менигорад Зеҳнӣ, Ҳамиддидин Ҷавҳарии Муставфӣ мебошад. Гарчанде девони ин шоири касбӣ чун

дигар шуарои асри XII Мовароуннаҳр то замони мо омада нарасидааст, вале абёти хеле ками боқимонда, гувоҳи онанд, ки дар навиштани ашъор малакаи хос доштааст. Як рубоии Ҷавҳарӣ аз лиҳози мазмун ва мавзуъ ба рубоии устоди шоирон Рӯдакӣ шабоҳат дорад. Ғолибан, ӯ ғояи рубоиро аз Рӯдакӣ баргузида бошад.

Рӯдакӣ:

Ман мӯи худ на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сиёҳ кунанд
Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ [оиди ин мавзуъ ниг.:11, с.291-295].

Ҷавҳарӣ:

Мӯе, ки ҷавонӣ ба шабаҳ бингорид,
Пирӣ шабаҳ бурду дурр бар ӯ бигморид.
Гар дурр зи шабаҳ беҳ аст, пас чун борид
Аз ғам зи дареғи он шабаҳ марворид [8, с.32].

Тӯрақул Зеҳнӣ, воқеан, маълумоти нодиру пурраеро доир ба шоирони асри XV – Муҳаммад Тарағай мулаққаб ба Улуғбек писари Шоҳрух, Камолиддини Абдураззоқ ва намунаи насри ӯ "Зикри Мавлонзодаи Бухорӣ ва ибтидои сарбадорӣ дар Самарқанд", намуна аз "Арӯзи Ҳумоюн"-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ ва ғайра, асри XVI – Мавлоно Мир Қурайшӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мутрибӣ ва намунаи насри ӯ, Мир Ҳошими Муҳтарам ва ғайраҳо, асри XVII – Ҳоҷӣ Самеи Содот, Роқим ва ғазалиёти ӯ, Мулло Самеи Мулҳам бо намунаи зиёди ашъораш, Сайидо, Сарафроз ва ғайра, асри XVIII - Хумулӣ, Абдӣ, Наво, Муҳаммадзамон ва ғайра, асри XIX – Абдуҷаббор, Ҳодӣ, Сипандӣ, Туғрал бо пешниҳоди баёзашон ва баъзе нукта ва ишораҳои ҷудогона муаррифӣ намудааст.

Дар бораи Зарбӣ ном шоири асри XVI, ки бо як тарзи аҷиб – гунгиёт шеър мегуфт, мисол меорад:

Агар гар гар кунад над-над тараҳҳум ҳум ба ҳолам лам
Рухи зар зарди худро ро ба пояш яш аз олам лам [8, с.116].

(Тарзи хондани ин шеър ба монанди садо дар фазои холӣ (эхо) мебошад.)

Ягона шоирае, ки перомунаш хеле мухтасаран маълумот ва аз осораш се рубоӣ оварда шудааст, Оиша мебошад, ки дар асри XI, дар дарбори султонҳои салҷуқӣ хидмат ба ҷо меовард:

Ашке, ки зи чашм бари рӯ ғалтидаст,
Дар гӯш кашидаӣ, ки марворидаст.
Аз гӯш бурун ор, ки бадномии туст,
К-онро ба рухам тамоми олам дидаст [8, с.61].

Аҳаммияту моҳияти тадвин ва нашри ин тазкира барои зинда гардонидани номи шоирони асру замони гуногун бузург аст. Он ҳам аҳаммияти илмиву адабӣ ва ҳам аҳаммияти таърихӣ дорад. Бо такя ба манобеъ, Зеҳнӣ шоиронеро номбар мекунад, ки машҳуранд, аммо соли вафоту таваллуд, ҳатто ба кадом аср мансуб буданашон маълум нест: Субҳӣ, Амини Беҳладӯз, Фоизи Дарвеши Самарқандӣ, Баҳоии Самарқандӣ, Аблаҳии Самарқандӣ, Абдусалом, Маҷнун, Бадеъи Самарқандӣ ва ғайраҳо.

Дар асари дуҷилдаи донишманди шаҳири Эрон Саид Нафисӣ "Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ" [8, с.2] менигорад домулло Зеҳнӣ, роҷеъ ба шоироне, ки абёташон оварда нашудааст, вале, дар Самарқанди асри XVI камол ёфтаанд, маълумот дода мешавад: Мулло Ниёзи Самарқандӣ, Ғаззолии Самарқандӣ, Мавлоно Маҳҷурии Самарқандӣ, Баёзии Самарқандӣ, Хоҷа Юнуси Хитой, Мавлоно Фурӯғии Самарқандӣ, Хоҷа Тулаки Боқии Самарқандӣ, Мулло Исматуллоҳи Самарқандӣ. Нуктаи қобили зикр ин аст, ки номи чор нафар шоир, бо сабабе, ки нигорандаҳои тазкираҳо ба самарқандӣ будани онон мутмаин нестанд, дар тазкира зикр карда нашудааст, меорад пажуҳишгар.

1. Муиззӣ – шоири асри XII.
2. Умар бинни Муҳаммадул – Ҳарнободӣ. Шоири асри XI-XII.
3. Қосими Коҳӣ. Вафоташ соли 988,
4. Ҳумоюн. Шоири асри XVI [8, с.236].

Тӯрақул Зеҳнӣ доир ба соири шуарои мумтоз, намояндагони тавонои адабиёти классикии тоҷик, ки соҳибдевонанд - Устод Рӯдакӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулло Самеи Мулҳам, Мунъим, Малеҳои Самарқандӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Рашидии Самарқандӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Аҷзӣ маълумотҳо дода,

аз ашъорашон порчаҳо ба тариқи мисол овардааст. Барои намуна аз “Ганҷинаи ҳикмат”-и Аҷзӣ, ки “соли 1914 дар Тошканд чоп шудааст” [8, с.224], аз бахши “Миръоти ибрат” порчае дар васфи Самарқанди бостон ва шикоят аз аҳли замон меорад:

Эй фазои мушкомезат сафобахши фазо,
В-эй ғуборат дода бар оинаи олам ҷило,
Хонамат фирдавсу номам ҷаннату гӯям биҳишт.
К-эй зулоли чашмасорат ранҷи атшонро шифо.

Шоири асри XIX – Мирзо Акрами Фикрӣ бошад, дар таърифи шаҳри Самарқанд андешаи умедворкунанда оварда, сифоти гулрухонро хеле зебо ифода намудааст:

Биё, эй дил тамошо кун, ки хубон дар Самарқанд аст,
Суманбар, лоларӯ, оҳунигоҳон дар Самарқанд аст.
Ситамгар, нозпарвар, нозанинон дар Самарқанд аст,
Сиҳиқад, моҳпайкар, хушхиромон дар Самарқанд аст ,
Суманрӯю париандому ҷонон дар Самарқанд аст [8, с.222].

Мавриди зикр аст, ки дар китоби мавриди назар чошние аз осори шоири тавоно Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (шаҳид дар соли 1919) оварда шудааст, ки зодаи рустои Зосуни Айнӣ, вале парвардаву таҳсилдидаи илму адаби Самарқанди бостонист.

Ба мизроби дигар қонуни ишқат соз мекардам,
Навои пардаи “Ушшоқ”-ат аз “Шаҳноз” мекардам...
Хушо аз мисраи султони авранги сухан, Туғрал:
“Ту мерафтию ман шӯри қиёмат соз мекардам!” [33, с.204].

Тӯрақул Зеҳнӣ дар ташаккулу ривоҷи адабиёти оламшумули тоҷик осори мондагоре гузоштааст. Ӯ ҳамчун тарбиятдидаи мактаби адабии асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ тавонист дар давоми умри пурбаракати хеш барои пойдории адабиёти тоҷик хизмати босазое карда бошад. Тӯрақул Зеҳнӣ симоҳои барҷастаи ҳавзаҳои адабии Самарқандро аз лиҳози адабиву таърихӣ ба таҳлил гирифта, хонандаро бо он ошно кунонд. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқи фарохназар далолат аз бекарона будани сухану суханофаринон мекунад, бавижа, тазкираи мазкур “Суханварони сайқали рӯйи замин” нобиғагони адабиёти мумтози моро барои асрҳо ҷовидонӣ мегардонад. Мусаллам аст, ки хизматҳои беназири Тӯрақул Зеҳнӣ дар шинохти ваҳдати сухан ва каломи ноб ҷовидонаҳо зинда хоҳанд монд!

Дар тазкираи Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ “Сипеҳри орзу” (Намунаи адабиёти тоҷики Самарқанд дар асри XX ва ибтидои асри XXI), доир ба 179 нафар адибони зодаи Самарқанду Бухоро, дар ҳаҷми 400 саҳифа намунаи ашъору осор гирдоварӣ шудааст. Дар тадвину танзими ин зикрнома, нисбат ба тазкираи Зеҳнӣ, ҳасби ҳол ва намунаи ашъори шоирон зиёдтар оварда шудааст. Дар тазкираи “Сипеҳри орзу” шоиру адибоне ҷамъ оварда шудаанд, ки зикри номашон дар тазкираи “Суханварони сайқали рӯйи замин” дида намешавад. (Хубии Самарқандӣ, Хилъати Самарқандӣ, Таслими Самарқандӣ, Муфтақирии Ургутӣ, Ҳасан Ирфон). Дар тазкираи омоданамудаи Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ “ ба ҷуз аз шоирону адибоне, ки дар Самарқанд зода ва парвариш ёфтаанд, инчунин адибону олимоне ворид карда шудаанд, ки дар шаҳрҳо ва мавзеъҳои дигари тоҷикнишин ба дунё омада, аммо дар муҳити адабии Самарқанд парвариш ёфтаанд” [30, с.2].

Лоиқи тазаккур аст, ки дар тазкира нафароне ёд карда мешаванд, ки бори аввал доир ба онҳо маълумотро дучор меоем. Чи гунае ки мураттибони тазкираҳо қайд менамоянд: “Аксари аҳли адаб бо аксашон оварда шудаанд, ки баъзе аз ин аксҳо хеле нодир ва комёбанд” [30, с. 2]. Воқеан, “Бузургонро бузургон зинда медоранд”, мураттибони тазкира масъулияти бисёр нозукеро бар дӯш гирифта, хотираи поки эшонро шод гардонидаанд. Дар тазкира дар баробари адибони бори нахуст овардашуда, номи адибону муҳаққиқони машҳури тоҷик чун Садриддин Айнӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Сайид Ризо Ализода, Ҳасан Ирфон, Пайрав Сулаймонӣ, Раҳим Ҳошим, Холиқ Мирзозода, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Ғанӣ Абдулло, Носирҷон Маъсумӣ, Самад Ғанӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Шамсӣ Қиёмов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Болта Ортиқов, Расул Ҳодизода, Садрӣ Саъдиев, Камол Айнӣ, Наримон Бақозода, Ҷӯрахон Бақозода, Баҳром Фирӯз, Аслам Адҳам, Шодон Ҳаниф, Ҷонибек, Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ оварда шудааст, ки мо, хушбахтона, аз ашъору осори онҳо бохабар ҳастем ва аз чакомаи ашъорашон чошнӣ бардоштаем.

Аз шарҳи ҳоли бисёр адибони номӣ огаҳ мешавем, ки ҳаёти пурфоҷиаву пурсару садоеро паси сар кардаанд, вале ба ивази ҷон, ба пешаи худ содиқ мондаанд. Ва бешубҳа, онҳоро неруманду мушкилнописанд гуфтан месазад. Абдуқаюми Қурбӣ, Ҳоҷӣ Муин, Наим Кулол дар шароити зиндони тоқатфарсои сталинӣ мемиранд, Обид Исматӣ ба лагери маҳбусони сиёсӣ фиристода мешавад, Тамҳиди Самарқандӣ бар асари фишору таъзиқи замона ҷон ба ҷонофарин месупорад, Вадуд Маҳмудиро ҳамчун "душмани синфӣ ва халқ" ба Сибир бадарға карданд, Аслам Адҳам дар хонаи пиронсолон вафот кардааст, Сайид Ризо Ализода дар маҳбас мефавтад, Хуршед Қамар дар муҳорибаи назди Қандаҳори Афғонистон шаҳид мегардад, Ҷамолиддини Хумӣ аз сактаи дил ҷон медиҳад, Тӯрақул Зеҳнӣ ва Раҳим Ҳошим "бо шарофати" зимомдорони давр, умри худро дар маҳбасҳо сарф намудаанд, Баҳовaддин Икромӣ зери фишори носозгориҳои замона ба фалаҷи мағзи сар гирифтор шуда, вафот менамояд, Ҳабиб Юсуфӣ ва Ҳамидхон Бақозода дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ вафот мекунанд, Рашид Абдулло дар маҳбас аз ғизо даст кашида мефавтад ва ҷасадаш бо дигар мурдаҳо ба ҷарӣ партофта мешавад. Хеле нигаронкунандаю баазоб аст, таҳаммули ин қисматҳои шӯр. Инҳо адибону олимоне буданд, ки бо ҳаёти ибратомӯзи хеш муқобили ҷараён ҳаракат менамуданд, ба ақидае, қолабшикан буданд. Ин муборизони роҳи адолат собит намуданд, ки "дунё ба як қарор нест!", дар чунин замонаи "каҷдору марез" зиндагӣ ва эҷод намудан "на корест хурд!" Муаллифи баёз бо зикри номи ин бузургон нишон додааст, ки табиати олимзои Самарқанди бостон дар бағали хеш ин нодирагуфторонро парвардааст, ки кору пайкорашон намоди ***ҷасорат ва илму хираду дониш*** аст!

Фаразан намуна меорем. Дар тазкира мо бо фаъолияти густурдаи илмию сиёсии Сайид Ризо Ализода – тарҷумони асарҳои нодири адабиёти ҷаҳон, шоир, муҳаққиқ, рӯзноманигор, ходими сиёсӣ, инқилобчӣ, муҳаррир, муаллифи 12 китоби дарсӣ, донандаи 12 забони хориҷӣ, нафаре, ки то дами охирин барои ғанӣ гардонидани хазинаи адабиёт ва ҳаёти сиёсии давр мубориза бурд, ошноӣ пайдо мекунем. Мавриди таъкид аст, ки ин рӯшанфикри ояндабин барои босаводгардонии мардуми тоҷику ӯзбек заҳматҳои зиёде кашидаанд. "Дар солҳои аввали революцсия яке аз русидонҳое, ки забони русиро хуб балад буд, тақрир ва таҳрири хеле равон ва адабии тоҷикӣ дошт, ходими хизматнишондодаи матбуот ва адабиёти тоҷик, яке аз тарҷумонҳои аввалини адабӣ Саидризо Ализода мебошад. Ализода яке аз устодон ва ҳаққан аз асосгузорони тарҷумаи бадеӣ аз русӣ ба тоҷикӣ мебошад. Тарҷумаи асарҳои А.С. Пушкин, тарҷумаи хуби романи Н.Островский "Пӯлод чӣ гуна обутоб ёфт?", романи "Каждум аз меҳроб" – и Абдулло Қодирӣ аз ҳамин қабил аст. Тарҷумаҳои Ализода пухта, услубан хеле возеҳ ва равон мебошад ва омӯхтани тарҷумаҳои вай хеле ибратбахш аст" [38, с.63]. Дар тазкира аз намунаи ашъори Ализода ду шеъраш оварда шудааст, ки мавзуи онҳо маҳбас, фироқ ва ҷудоӣ мебошад:

Оҳ - оҳ аз дасти чархи кинаҷӯи каҷмадор,
Бахти ман гардида вожгун, шахси ман гардида хор.
Аз зану ҳам духтарону кӯдакон гаштам ҷудо,
Хонаам вайрон гашту хоҷагиам торумор.
Бегунаҳ бар туҳмати ноҳақ гирифторам намуд,
Бе ягон айбу ҷиноят гаштаам ман айбдор! [30, с. 77].

Бо вуҷуди тазъиқу озори бениҳоят зиёд аз ҷониби қуввaҳои муқобил Сайид Ризо Ализода барои таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек хизмати бениҳоят гаронарзишро анҷом дод. Дар масири роҳи адолат ӯ ҳамчун машъали дурахшоне ҷилва кард ва номаш ҳамеша зинда хоҳад монд!

Дар тазкира ишора ба шоироне низ меравад, ки бо ду забон эҷод кардаанд. Дар бораи Убайдуллоҳи Аламкаш (ав.асри XIX), ки мавзуи ғазалҳояш аксаран аз шоирони форсу тоҷик – Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҳилолӣ, Бедил гирифта шудааст, мисол омадааст: "Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо"-и Ҳофизро "Чунон олибди ақлу ҳуш, ки туркон хони яғмонӣ". Инчунин хонандаи ҳушманд иттилоъ мегирад, ки Аламкаш "Чаҳор китоб"- и Фаридуддини Атторро аз форсӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, аз 250 ғазали бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ эҷоднамудааш девон тартиб дода шудааст [30, с. 13].

Боиси хушнудист, инсонҳое умр дидаанд, ки ононро мактаби ҳаёт таҷриба додааст. Яъне, таҳсилдидаи расмии мактаби олӣ набошанд ҳам, таҷрибаандӯхтаи сабақи зиндагӣ мебошанд, ақлу зеҳни фитриву азалӣ онҳоро обутоб додааст. Номи шоиртабъоне, чун Бердӣ Ҳамроев, Ассомиддин Салоҳӣ, Саттор Аҳрорӣ (дар солҳои охир) сабт шуда, аз эҷоди

эшон намунае чанд оварда шудааст, ки хотири хонандаро болида мегардонад. Бавижа, ашъори манзуми адибони мавсуф хеле равону таъсирбахшу ба гӯш хушоянд аст.

Ғазали “Гуфтам, гуфт”- и Бердӣ Ҳамроев, ки туғёни андешаҳои ӯст, бо лаҳни ширину гуворо иншо шуда, зеҳни хонандаро тасхир мекунад:

Гуфтам: Эй ҷонона, гар рӯят бубинам, ор нест?
Гуфт: Ин рӯйи ман аз баҳри Шумо бозор нест.
Гуфтам: Эй духтар, ба кӯйи ишқи ту овораам,
Гуфт: Ишқи духтарон оворагонро ёр нест!
Гуфтам: Аз ишқат саволе гар диҳам, гӯи ҷавоб?
Гуфт: Аз ишқи ҳақиқӣ гуфтугӯ даркор нест.
Гуфтам: Эй ҷонон, ба ишқат дил додаам, дил медиҳӣ?
Гуфт: Он дилро насанҷида? Дили бекор нест!
Гуфтам: Эй сайёди ҳушам, зулм то кай мекунӣ?
Гуфт: Дар даврони мо аз золимӣ осор нест!
Гуфтам: Аз чӣ ин қадар беилтифотӣ мекунӣ?
Гуфт: Оқилро зи шахси худшинос озор нест!
Гуфтам: Ин рафтори ту озурда месозад дилам,
Гуфт: Агар тоқат надорӣ, ҳоҷати гуфтор нест! [30, с.185].

Дар тазкираи “Сипеҳри орзу” дар бораи 17 нафар занони адабпарвар сухан меравад [30]. Шиносномаи занони сухангӯ аз Садорат Айюбҷонова, ки дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд бо “Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода дар як синф таҳсил намуда, дар маҳфилҳои адабӣ фаъолона ширкат меварзид” [30, с.111] оғоз мешавад. Соири шоирбонувон ва ходимони илмию адабӣ мисоли Музаффара Рустамова ёдрас мешаванд (ба ҳайси муҳаррири шуъбаи мусиқӣ ва адабии радиошунавонии Тоҷикистон, суханварии Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҳошим, Ҷалол Икромӣ овозхонии Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Акашариф Ҷӯраев, Барно Исҳоқова ва дигар арбобони илму фарҳанги тоҷикро сабт намудааст), ки худ низ эҷодкор буд ва машқи шеър мекард.

Чизи ҷолиби диққат он аст, ки роҷеъ ба Холида Айнӣ ва аз ҷустуҷӯҳои илмии ӯ дар соҳаи адабиёт огоҳӣ ёфтем. Хонанда ҳамчунин иттилоъ мегирад, ки модари Холида Айнӣ – ҳамсари устод Айнӣ- Салоҳатбегим низ ба тарҷума машғул буда, достони “Варқа ва Гулшоҳ” -ро аз хатти форсӣ ба сириллик гардонидааст. Гуфта мешавад, ки Холида Айнӣ, баъди ҳимояи рисолаи номзадии хеш ба ҷамъоварӣ ва батартиб овардани бойгонии падараш чандин маротиба озими Маскаву Ленинград шуда, аз бойгониҳои илмиву эҷодии М.Горкий, Л.Толстой, В.Маяковский, шуъбаи дастнависҳои китобхонаи Ленин, Фонди дастхатҳои адабии Академияи Фанҳои СССР, шуъбаи дастхатҳои китобхонаи оммавии ба номи Салтыков - Щедрин истифода мебарад [30, с.181].

Ҳамчунин хонанда роҷеъ ба нависандагон Сафияи Носир, Муайяна Хоҷаева, Маҳбуба Турсунова, рӯзноманигорон Туҳфа Расулӣ, Маҳбуба Неъматова, олимаҳои некном Баҳор Хуррамзод ва Анзурати Маликзод, шоираҳои ҷавону умедбахш Сайида, Дилшода, Парисо, Шаҳзода, Дилрабо, Манзура, ки имрӯз назми Самарқандро муаррифӣ менамоянд, маълумотҳои дақиқ мегирад. Дар қатори шоирону нависандагон чор нафар адибони яҳудитабори Самарқанд низ оварда шудаанд, ки инҳо Коргар, Илёс Маллаев, Михоэл Завул, Миэрхай Ҳаётӣ мебошанд [30, с. 211]. Йунатан Кӯраев мутахаллис ба Коргар, ба ғайр аз рӯзноманигорию шеъргӯӣ, достони манзуми “Ҳаёт ва Зебо”, ки аз 12 ҳазор байт иборат аст, иншо намудаст. Оид ба зиндагинома ва намунаи ашъори Коргар дар китоби дуҷилдаи “Гулчине аз адабиёти яҳудиёни бухорӣ” оварда шудааст, мегӯяд муаллиф. Аз як шеъри Коргар, ки муҳаббаташро ба шаҳри Самарқанд арза доштааст:

Чи хуш шаҳри нурафшонӣ, Самарқанд,
Баҳори умр, гулистонӣ, Самарқанд,
Мисоли шамс тобонӣ, Самарқанд!
Макони қаҳрамононӣ , Самарқанд!
Ту худ лаъли дурахшонӣ, Самарқанд! [30, с.127].

Ҳам Илёс Маллаев (шоири соҳибдевон, муаллифи намоишномаи “Ҳофизи сарои ҷаноби олӣ”, оид ба ҳаёти ҳофизи мумтози асри ХХ - Левӣ Бобохонов) ҳам Михоэл Завул (шоири соҳибкитоб), ки зодагони Самарқандшаҳр мебошанд, гарчанде ҳаёти хешро ба

Амрико пайвастанд, худро парвардаи мактаби адабии шаҳри Самарқанд медонанд. Қалби онҳо аз он сӯйи уқёнус ҳам барои зодгоҳ метапад. Илёс Маллаев менигорад;

Ҳар кас ки шавад лаҳзае меҳмони Самарқанд,
Чашмаш бигирад нур зи нурафшони Самарқанд.
Чун васфи Самарқанд ба ғазал гуфтаму Илёс,
Ӯ бар тани ман ҷону ман ҷони Самарқанд [30, с.252].

Нуктаи мавриди таъкид ин аст, ки мураттиб ашъор ё осори ду ё се нафар адибро овардааст, ки аз як оила ё авлоданд. Масалан, аз хонаводаи муҳтарами Садриддин Айнӣ – Салоҳатбегим, Холида Айнӣ, Камол Айнӣ, бародари Салоҳатбегим Вадуд Маҳмудӣ; бародарон Рашид Абдуллоҳ, Ғанӣ Абдуллоҳ писарони китобдори машҳури Самарқанд-Абдуллоҳ Абдухолиқзода; шоири мумтоз Пайрав Сулаймонӣ – духтараш Гулчеҳра Сулаймонова; нависанда Ҳамидхон Бақозода, писараш Ҷӯрахон Бақозода, нависанда Насим Рафаб, ҳамсараш Сафия Носир ва дигарон.

Ашъори шоири машҳури зуллисонайн Ӯлмас Ҷамол, ки хонандаи тоҷик аз байни шоирони дузабона аз ҳама беш бо эҷодиёти ӯ ошност, касро болидахотир месозад. Ин адиби сермаҳсул бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ соҳиби маҷмуаҳо мебошад. Аксари шеърҳои ӯ ба тариқи муламмаъ – яъне “ширу шакар” эҷод гардидаанд. Қиссаи насрие ба унвони “Як қадаҳ май” низ дорад. Намунаи ашъор:

Одамон донед, як хуршеду маҳ дорем мо,
Як замин, як хона, як гардун панаҳ дорем мо.
Тахту мулку ҷоҳи мо рӯи кафи ҳамдастӣ аст,
Чун шарар дар тоқагӣ дар хеш чаҳ дорем мо [30,245].

Ашъори муламмаъ:

Менинг даврим аҷаб давру чӣ давроне замони ман,
Башар кай дида монанди баҳори бехазони ман.
Неча эллар қариндошим, неча ӯлка диёримдур
Сурудамро ба ҳар миллат равон созад забони ман [30, с.245].

Тазкираи “Сипеҳри орзу” аз тазкираҳое мебошад, ки моро бо осори адибон ва ҳаёти пасипардагии онҳо, ки баъзе бо дасти эшон иншо шудааст, бо таърих, бо ҳувияти асил, бо арзишҳои волои дар рукудмондаву сукутмонда рӯбарӯ мекунад. Дарак аз он медиҳад, ки адабиёт, хосса шахси эҷодкор, марзу бум надорад ва алайҳи ҳама чизу ҳама кас буруз мекунад. Новобаста аз сиёсату аз забон!

Танҳо шахси дилсӯзи миллат, сарсупурдаи фарҳангу асолати миллӣ метавонад тули солҳо барои тартиб додани тазкирае, ки арзиши зиёди илмӣ дорад, амали хайру савоберо ба анҷом расонад. Сухан дар бораи Ҳаёти Неъмати Самарқандӣ меравад, ки андешаҳояш дар қалби ҳассоси саршор аз миллатдӯстию фарҳангпарвараш туғён заданд! Ӯ ҳамчун беҳтарин тоҷик ба дифои Ватану миллат тавассути килки тар бархостааст. Гӯиё Лоиқи дардошно маҳз барои Ҳаёт Неъмат барин шахсони боҷасорату меҳанпараст гуфтааст:

Дар ғами номуси миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз фурӯғи рӯзи миллат
Бемуҳобо хонаи душман бисӯзад!
Баҳри истиқлоли миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз тулӯъи фоли миллат
Решаи манҳуси Аҳриман бисӯзад!
Дар раҳи фардои миллат
Камтарин тоҷик агар сидқан бисӯзад,
Бо сару савдои миллат
Кошкӣ, эй кошкӣ чун ман бисӯзад! [10, с.246].

Ҳаёт Неъмат бо ғайрати устувору ҳавсалаи том, барои хизмати арзандае анҷом додан ба халқу миллат ба носозгориҳои замонаву саломатии хеш нигоҳ накарда, иқдомашро пайгирӣ намуд.

Асолату арзиши соҳибқаламони як миллатро ба ҳадди эътибору манзалат расонидан, на корест осон! Адолати замонро рӯйи об баровардан ”дар ҳован об кӯфтан”- ро мемонад. Табиист, ки дар солҳои бистуму сиюм то солҳои ҳаштодум, Самарқанд маркази илму фарҳанг буд, баъди забони ӯзбекӣ дар он ҷо густариш ёфтан, доираи истифодаи забони

тоҷикӣ хеле маҳдуд шуд. Новобаста аз ин, шоирон бо тоҷикӣ шеър гуфтанду нависандагон наср эҷод намуданд. Забони асилро пос доштанд! Чунин хулоса бармеояд, ки бедории фикрӣ маҳз аз Самарқанд бархостааст ва Самарқанд маркази илму фарҳангу тамаддуни тоҷикон буд, ҳаст ва мемонад!

Ҳаёт Неъмат низ аз сарсупурдагони миллат ба шумор меравад. Ӯ дар баробари "Сипеҳри орзу" (ҳавзаи адабии Самарқанд) -ро зери муҳарририи яке аз олимаҳои шинохтаи диёр Анзурати Маликзод таҳия намудан, тазкираи бузурги тоҷикони Бухоро дар асри XX бо номи "Уммони беобмонда"- ро низ ба зевари нашр пироста намудааст. Муаррифии силсилашоирону силсилаадибони Бухорои шарифу Самарқанди қандманд бар дӯши ӯ барин шарофатмандон вогузор гардидааст.

Боз ҳам ба Лоиқи шаҳир рӯ меоварем, ки соли 2000-ум, бо ҳамроҳии Ҳаёт Неъмат сазовори мукофоти Давлатии Тоҷикистон ба номи Деваштич гардида буд.

Кори мо нест фақат ёди Бухорои Шариф,
Кори мо ин, ки зи мо низ шарофат бошад.
Кори мо нест фақат ёди Самарқанди чу қанд,
Кори мо ин, ки Самарқанд асолат бошад! [10, с. 439].

Тазкираи "Сипеҳри орзу" бешакку шубҳа, аз беҳтарин шиносномаи имрӯзаи самарқандиён мебошад. Тазкира танҳо нафаронеро фаро гирифтааст, ки дастрас шудаанд. Эҳтимол, садҳо нафарони дигаре дар кунҷу канори диёр машғули эҷоданд, вале касе аз он дарак надорад. Ба ҳар ҳол, шоду шодмон аз онем, ки забони тоҷикӣ дар Самарқанд ҳанӯзам дар густариш аст!

Бузургонро бузургон зинда медоранд,
Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд! [10, с.90].

Баёзи "Таронаҳои Самарқанд", ба хотираи неки фолклоршиноси машҳури тоҷик Баҳром Шермуҳаммадов бахшида шуда, бо таҳрир, такмил ва иловаҳои профессор Аслиддин Қамарзода, соли 2013, дар ҳаҷми 600 саҳифа бо теъдоди 200 нусха рӯйи чоп омадааст. Тазкира бо эпиграфи **"Самарқанд – маскани илоҳиест, ки соҳиби таърихи ҳазорсола буда, шуҳрати халқи мо, миллати моро ба тамоми олам машҳур гардонидааст. Самарқанд шаҳрест, ки гузаштааш шуҳратёр, имрӯзааш саодатманд ва ояндааш абадист"** [9, с.3], интишор ёфтааст. Дар китоб, ки ба паҳлуҳои ҷудогонаи назми халқии мардуми Самарқанд ва атрофи он эътибори махсус дода шудааст, бо тамоми суруду тарона, зарбулмасалу мақол, чистону шеърпораҳои гуногун, ки аксарашон аз хурдӣ ба мо шиносанду машҳур, дучор меоем. Ин қадар қаробати наздики руҳонӣ эҳсос мешаваду ин ҳама шеъру тарона сарҳад надоранд. Магар мо метавонем ашӯлаҳои машҳури "Боғ дароед тӯтиҷон, чорбоғ дароед тӯтиҷон"-ро, ки дар иҷрои ҳофизи мардумии Самарқандшаҳр Мардон Мавлон, "Уштур бача монд дар баландие", дар иҷрои ансамблҳои этнографии шаҳри Самарқанд ва сурудҳои халқии ҳофизаи хушадо Сафия Сафдариро, ки бо як лаҳни ширин садо медоду дар зеҳнамон нақш бастааст, фаромӯш созем? Мардуми ин сарзамини тамаддунофар, ки аз азал "дӯстдори фарҳангу сухани бадеъ" буданду ҳастанд, ба санъати волои худ, бо як муҳаббати беандоза муносибат менамоянд, балки онҳоро рӯз ба рӯз афзун мекунанд. Иқдоми ин мардум шоистаи ифтихору дастгириҳост. Эҷодиёти халқ низому нақша ва ҳудуди муайян надошта, пайваста дар нумуъ аст. Он монои бахрест, ки дар қаъраш ганҷҳои беназир ниҳонанд.

Китоби мазкур, ки як хазинаи бегазандро мемонад, ба чанд бахши хеле шавқовару дар навбати худ ҷиддӣ, тақсим шудааст: суруд ва таронаҳо; тӯй; ашъори шоирони маҳаллӣ; зарбулмасал ва мақолҳо; чистонҳо; маълумот дар бораи гӯяндаҳо ва шоирони маҳаллӣ; маълумот дар бораи навиштагирандагон. Ба гунае, аз номи китоб маълум аст, тазкира перомуни таронаҳои халқӣ, яъне фолклори Самарқанд таҳия ва тадвин гардидааст, ки дар дигар тазкираҳо дида намешавад. Дар "Таронаҳои Самарқанд" пешгуфтори Аслиддин Қамарзода ва пешгуфтори қаблии Баҳром Шермуҳаммадов (соли 1966) ба нашри аввалаи китоби "Таронаҳои Самарқанд" оварда шудааст [9]. Онҷо дар бораи эҷодиёти даҳанакии халқ дар тамоми гӯшаю канори Самарқанд, ноҳияи Фориш, ноҳияи Нурато, Нуробод, Ургут, марҳала ба марҳала, бо овардани намунаҳо сухан меравад. Устоди фолклоршиносони тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, Баҳром Шермуҳаммадов зарбулмасалу мақолҳои халқ, чистону кистонҳо, ашӯлаҳои халқӣ, тарзи гӯйишу шеваю лаҳҷа аз рӯйи маҳалли зистро омӯхта, ба риштаи тадқиқ кашидааст. Фолклоршиноси номӣ овардааст, ки " ...дар байни аҳолӣ намунаҳои ашъори шоирони тоҷик ва ӯзбек Саъдӣ,

Ҳофиз, Аҳмади Ҷомӣ, Аҳмади Ясавӣ, Бедил, Навоӣ, Ҳилолӣ, Машраб, Қассоб, Нозим Фузулӣ, Муқимӣ, Фурқат паҳн шудаанд. Аз шоирони асри XIX ва аввали асри XX бештар Нақибхон Туғрал, Абдулкарими Сипандӣ, Саидаҳмади Васлӣ машҳуранд. Намунаҳои шеърҳои шоирони номбурда ба воситаи қиссахонону маддоҳону ҳофизон, мактабдорону мударрисон шуҳрат ёфтаанд" [9, с.16].

Чун тазкираи эҷодиёти халқ аст, мо бо истилоҳҳои фолклори тоҷикони Самарқанд аз қабили, дойрадаст, қӯшиқчӣ, байтгӯй, ҳофиз, сурнайчӣ, масхарабоз, маталчӣ, суруду тарона, зарбулмасалу мақол, матали меёфтагӣ, топишмоқ, биотун, бихалифа, ғазал, бойчечак, ашӯлаи сусхотун, қӯшма, ишқия бисёр вомехӯрем. Дар тазкира дубайтиву рубоӣ ва байтҳои бисёр аҷоиби халқ бо лаҳни ширин аз забони аҳолӣ (бо таъкиди номашон) оварда шудааст. Мақсади ин ҷониб эродгирӣ набошад ҳам, ба ҳар ҳол андешаҳои кӯчакеро иброз намудан зарур меояд. Камбудиҳои ҷузъӣ дида мешаванд. Дар тазкира дар ҷоҳои эродпазирӣ, лафзӣ, такрор омаданҳо ба назар мерасад бахши байту рубоиёт ва шеърпораҳои гуногун. Гарчанде эҷоди халқ аст, вале нобаробарии вазну қофияҳо бармало эҳсос мешавад. Лекин ҳамин нуқсонҳо дар ашъори шоирони касбӣ низ дида мешавад. Масалан дар рубрикаи "Рубоиёт" (саҳ.401-402), ки ба шоирони касбӣ мансуб аст, костагиҳо дида мешаванд, ки ба вазни рубоӣ ва дубайтӣ мувофиқ нестанд.

Тазкираи "Таронаҳои Самарқанд" барои аҳли илму фарҳанг, омма ва факултаҳои суханшиносии муассисаҳои олии кишвар ҳамчун китоби дарсӣ хизмат хоҳад кард.

Иброҳими Наққош дар тазкираи "Суханварони Зарафшон" (Душанбе: Ирфон, 2020. – 500 саҳифа) 127 нафар шоиру нависандаи водии Зарафшонро ташхис додааст, ки давоми мантиқии тазкираи "Сипеҳри орзу"-и Ҳаёт Неъмат мебошад. Дар маҷмуаи дастҷамъии мазкур, роҷеъ ба адибони водии Зарафшони зарфишон, аз болооби Мастчоҳ то Айниву Панҷакент ва Самарқанду Бухоро маълумот ҷамъ омадааст. Пешгуфтори он, ки ба қалами шоиру носири тоҷик Равшани Ҳамроҳ мансуб аст, хеле возеҳу орӣ аз хотирбиниҳост. Ӯ сабаби тавлиди тазкираро дар ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои ду кишвари дӯсту ҳамсоя мебинад. Баъди бозшавии марзу бум ва сарҳадҳо, Сарварони давлати тоҷику ӯзбек барои густариши риштаи дӯстиву бародарӣ фарҳангу маданиятро аз нав истеҳком бахшиданд. Чун миллати мо тамаддунофару фарҳангоин аст, ваҳдати мо, ҳанӯз аз замони дӯстии Навоиву Ҷомӣ идома дорад. Нахуст рамзи бародариву бузургдошти анъаноти миллӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китобҳои арзишманди "Девони Рӯдакӣ" (бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ), "Гулбоғи ошноӣ" ва "Ҷомӣ ва Навоӣ" –ро, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик таҳия ва тадвин шуда буд, ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев баҳри таҳкими дӯстиву рафоқат эҳдо намуданд. Тазкираи мазкур низ идомаи ҳамин дӯстиҳост.

Дар тазкира аз нобиғагони шеъри тоҷик ба мисоли устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ ва Қутбӣ Киром низ намунаҳо оварда шудааст, ки ин ифтихори мост. Номи шоирон ва адибони машҳури тоҷик Озарахш, Доро Наҷот, Абдурофеъ Рабизода, Абдурауф Муродӣ, Равшани Ҳамроҳ, Анварбеки Абӯнаср, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Луқмон Қурбон, Исмоил Зарифӣ, Хушдили Абдуғафур, Абдуҷаббори Суруш, ки чакидаи хомаашон пайваста сафҳаи рӯзномаю маҷаллаҳои вилоятию ҷумҳуриявиро оро медиҳад, дар сархатти номҳост. Мураттиби латифтабъ Иброҳими Наққош барои "баҳрро дар пиёла ғунҷонидан" заҳматҳо кашид, то ин соҳибони сухани мавзунро вориди маҷмуа гардонад. Дӯстдорони назми воло дар баҳри пурталотуми шеъри дарӣ туғён зада, бо асрори дил ва ҳиссиёти фаровони хеш авроқро рангин намудаанд. Воқеан, "ҳар беша гумон мабар, ки холист", бо ашъоре вохӯрдем, ки хонданиву омӯхтанист.

Равшани Ҳамроҳ:

Дар ин дунё надидам домани поку намозиро,
Раҳо кардам зи каф домони ёрони маҷозиро.
Зи ашки дидагонат осиёби ишқ гардон кун,
Саратро хам кунӣ, фардо бубинӣ сарфарозиро.
Бирондӣ дар дилам бас ҳукму акнун навбати шодист,
Дигар эй ғам, ту бар ин қалъа бас кун турктозиро! [15, с. 322].

Ато Карим:

Сад ҳайфи умри барабас, бо дасти холӣ меравем,
Аз олами ишқу ҳавс бо дасти холӣ меравем.

Дида ҳазорон дарду ранҷ, ҳирсу тамаъ аз баҳри ганҷ,
Аз ин ҷаҳони нуктасанҷ бо дасти холӣ меравем. [15, с. 59].

Ибодуллоҳи Солеҳ:

Ҳарзаҳои беши мо аз мастии бисёр нест,
Ё ки ман бисёр мастам, ё касе ҳушёр нест.
Бодаи лабҳои майгунат ба ёд ояд маро,
Пас, чу Мансури Ҳаллоҷ андешае аз дор нест [15, с. 134].

Дуруст аст, ки на ҳама ашъори сухангӯёни тазкира ситоиши таҳсин ва ба талаботи шеъру шоирӣ ҷавобгӯст, вале қаламкашон кӯшидаанд, ба андозае андешапораҳои хешро муназзам гардонанд.

Шумораи бонувони сухангӯ нисбат ба дигар тазкираҳо зиёдтар мебошад. Ному насаби 21 нафар занон оварда шудааст, ки бархе онон дар тазкираи "Сипеҳри орзу" дида мешаванд. Тавассути тазкираи мазкур хонанда бо ашъори Мартабаи Ориёӣ, ки ҳамзамон яке аз шоираҳои номии водӣ мебошад, ошно мешавад. Шеърҳои Меҳрафзои Сӯҳроб (Панҷакент), нешхандҳои Маҳбуба Турсунова (Самарқанд), ғазалҳои Моҳира Раҳимзода (Панҷакент), ашъори Муродбибӣ Баҳриддинова (н.Айнӣ), алифбои гиёҳу меваҳои Замираи Шамсиддин (Панҷакент), ҳикояҳои хурди Моҳира Валиева (Самарқанд), очеркҳои Шаҳрбону Мӯсозода (Панҷакент), ашъори пуршӯри Парисои Самарқандӣ руҳу равонро болида гардонида, касро ба дунёи зебои руъё мебарад [15, с. 319].

Аз насли бузургсолон: Ҳоҷӣ Сайидолими Каздонӣ, Олимҷон Орифӣ, Мирзо Маҳмуд, Қозӣ Абдуҷаббор Махдуми Урметанӣ, Исматуллоҳи Неъматзода, Асад Гулзодаи Бухороӣ дар тазкира ҷой дода шудаанд.. Яке аз насли калонсоле, ки дар тазкира зикр гардидааст, Асад Гулзодаи Бухороӣ мебошад, ки соли 1935 дар ноҳияи Пешкӯҳи Бухоро мутаваллид гардидааст. Соҳиби якчанд маҷмуа аст. Аз оҳанги шеърҳояш бармеояд, ки дӯстдори Ватану забону замон аст. Ӯ алайҳи забонгумкардагон мегӯяд:

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Ба назди дигарон мисли гадоянд.
Куҷо донанд забони модариро,
Зи фарҳанги ғании худ ҷудоянд [15, с. 49].

Исматуллоҳи Неъматзода, низ аз бузургсолоне буд, ки тахайюлаш аз ҳавои шеъри классикон маншаъ гирифтааст:

Саҳар бархез, эй ғофил, биё, ҳамрози булбул шав,
Сухан аз ишқ мегӯяд, биё, анбози булбул шав [15, с.157].

Зери мураттибии Иброҳими Наққош тазкираи шоирони маҳфили адабии "Бунафшаи Зарафшон" соли 2021 ба нашр омода гардид, ки барои Панҷакентшаҳр боз як рӯйдоди нави илмӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмуаи дастаҷамъии адибони шаҳру деҳоти Панҷакент мебошад, ки бархе адибони ноҳияи Айнӣ низ ба он шомиланд. Маҷмуа аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввали китоб дар бораи 19 нафар шоирон ва 6 нафар носирон (25), дар қисми дуюм доир ба 65 нафар шоирону носирон сухан меравад. Маҷмуаро шеърҳои пухтаву сараи шоирони баркамол Анварбеки Абӯнаср, Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош, Абдулқодири Наҷмиддин, Исмоил Зарифӣ, Искандари Раҳмон, Азизи Сангин, Норинисо Фозилзода, Саид Юнусиён ва осори қобили қабули носирон Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Юнус Юсуфӣ, Маҳмадшарифи Қосим зеб медиҳад. Дар васати инҳо ҳам аъзоёни Иттифоқи нависандагон, ҳам ҷоизадорон гирд оварда шудаанд, ки осорашон тавассути рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ ва китобҳояшон ба хонандаи тоҷик ошност.

Ҳамчу хуршеди саҳар дар қалби ман созад тулӯъ,
Пурҳарорат, шӯълаафшон меҳри ёрони накӯ [18, с. 11].

Гурбае, ки дар бағал парварда будам, шер шуд.
Шери ман феъли сагӣ бигрифту одамгир шуд.
Қуввату шавқам ҷавонӣ дошт ҳамроҳам, вале,
Барфи пирии сарамро диду ӯ ҳам пир шуд [18, с.302].

Ҷиҳати хубии маҳфили адабии "Бунафша" он аст, ки шоирону носирони таҷрибаандӯхта ҳусну қубҳи назму насри ҷавононро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва мисоли раҳгузари ин масири пурзаҳмат, ки як умр раҳнаварди он ҳастанд, роҳкушоӣ мекунанд.

Ҳанӯз сурх мешавад рухат чу барги арғувон,

Ҳанӯз мерамад зи мо, ғизоли он ду дидагон.
Ҳанӯз лолаи ҳаё ба боғи ҳусни ту дамад,
Ҳанӯз давр мезанд сарам чу чархи саргарон [18, с. 59].

Боиси зикр аст, ки ба майдони адабиёт як гурӯҳ шоирону носирони наврас қадам ниҳодаанд, ки алҳол гомҳои ниҳодаашон ноустуворанд ва ниёз ба омӯзиши зиёд доранд. Нигоштаи онҳоро метавон танҳо шеъргуна унвон дод. Дар васати шоирони камолёфта низ аҳёнан ин падидаҳо вомехӯранд. Мутаассифона, баъзе шеърҳо қолабиву маъмулӣ буда, қалбу руҳро мекоҳонанд:

Эй гулнигорам,
Боғу баҳорам.
Аз ҷон азизӣ,
Дӯстат медорам.
Аё устод, ганҷи ройгонӣ,
Ба мо чун модари мо меҳрубонӣ.
Эй ватан, гулшани беҳамтоӣ,
Аз ҳама мулки ҷаҳон зебоӣ.

Вожаю ибораҳои соф обшустаю бефараҳ, дида мешаванд, ки зеҳнро кунд гардонида, хонандаро хаста менамоянд. Ҳадаф аз навиштани мисраъҳои мавзун, яъне шеър, ҳолати руҳии худро баён намудану дарди дили халқро сурудан аст. Ва нишот низ дар он аст, ки шоир чизи наве гӯяд. Лисонулғайб Ҳофиз мегӯяд: “Сухан нав ор, навро ҳаловатест дигар!”

Аз Турсунзодаи ҳикматбаён мебояд илҳом гирифт, ки шеърро ба “фаввораву оташпора” шабеҳ додааст:

Шеър ҳам бояд занад фавворае,
Аз танӯри дил чу оташпорае! [32, с.3].

Ҳамин як байт худ маънои як китобро дорад.

Мураттиби китобҳои мазкур Иброҳими Наққош аз аҳли уламои шаҳри Панҷакент мебошад. Мавсуф Устоди фахрии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент низ мебошад. Ӯ муаллифи зиёда аз ҳаштод асари таҳиякардаи адабӣ ва диниву ахлоқӣ мебошад. Аз ҷумла, мунтахаби “Саду як ғазал”-и Аттор, Зебуннисо, Мушфиқӣ, Ҷунунӣ, тазкираҳои “Накҳатии куҳандиёри Ҳафткӯл” (Душанбе, Ирфон, 2008), “Гулчини ғазал” (Душанбе: Ирфон, 2010), “Гулшани ғазал” (Душанбе, Ирфон, 2011), “Армуғони ғазал” (Душанбе: Ирфон, 2012), “25 гуфтор” (Душанбе: Ирфон, 2016), “Наврӯзи Зарафшон” (Душанбе: Ирфон, 2017), Суханварони Зарафшон” (Душанбе: Ирфон, 2019), “Бунафшаи Зарафшон” (Душанбе, 2021).

Иброҳими Наққошро мардум чун шоиру хаттот, матншиносу фарҳангпарвар ва дилбохтаи илму адаб медонанд. Наққош барои зиндаву поянда нигоҳ доштани фарҳанги диёр хизматҳои босазову арзандае кардааст. Чизи ҷолибе, ки дар саҳифаҳои охири китоби “Суханварони Панҷакент” диққатрабост, хаттотиҳои зебои домулло Наққош мебошад, ки бо як ҳавсалаи тому сабру таҳаммул нигошта шудааст. Бинанда беихтиёр, ба ҳунари заҳматталаби хаттоти огоҳ баҳои баланд медиҳад.

Тазкираҳои мазкур ва баёзҳои минбаъда метавонанд барои боз ҳам густурда гардидану маъруфият пайдо кардани адабиёти ду халқи ҳамдил қарнҳо хизмат кунанд. Дарунмояи аслии ин китобҳо на танҳо моро ба абадият мепайвандад, балки барои башарият номае аз тамаддуни фарҳехтаи мо, аз худшиносиву худогоҳиҳо медиҳанд.

Метавон хусусиятҳои хосси тазкираҳо, вижагиҳои онҳоро аз нуктаи назари таҳлил ва қиёси илмӣ ҷудо намуд:

– “Намунаи адабиёти тоҷик”- и Садриддин Айнӣ, на аз ҳавзаи адабии ин ё он шаҳр мураттабан, (аввал доираи адабии Самарқанд, баъд Бухоро), балки аз замони зисти эшон гирд оварда шудааст ва вижагии китоби Айнӣ дар он аст, ки дар охири тазкира, мақолаҳои илмии ниҳоят муҳим роҷеъ ба пайдоиши калимаи “тоҷик” мебошад, ки дар дигар баёзҳо дида намешавад. Аксари маълумотҳои китоби “Намуна” бори аввал дар ин китоб ҷамъоварӣ шудаанд ва минбаъд пажӯҳишгарону муҳаққиқон аз ин манобеъ чун сарчашма истифода кардаанд.

– дар тазкираи “Сипеҳри орзу” аксаран адибон бо аксашон оварда шудаанд, ки дар дигар тазкираҳо ба мушоҳида намерасад.

– якчанд адибони асри XXI, ки шомили “Сипеҳри орзу”-янд, шарҳи ҳолашонро бо дасти худ навиштаанд.

– дар тазкира дар баробари маълумот оид ба адибон, ҳамчунин аз наср ё мақолаҳои илмии эшон низ намуна оварда шудааст, ки дар тазкиранигории пешин дида намешуд.

– дар пешгуфтори тазкираи “Суханварони сайқали рӯйи замин” доир ба сарчашмаҳои муътамади илмию таърихӣ, сабкҳо, сафарҳо, замону макон, вазнҳои гуногуни шеърӣ, адибони соҳибтазкира, ки ниёи фозилу ҳакими моро васф намудаанд, иттилоъ меёбем.

– дар тазкираи “Суханварони Зарафшон” намунаҳо аз ашъори муаллифу мураттиби китоб низ оварда шудааст, ки дар тазкираи устод Айнӣ ва Тӯрақул Зеҳнӣ дида намешавад.

– дар саҳифаҳои охирини тазкираи “Суханварони Зарафшон” намунаҳо аз хушнависиҳои муаллиф бо хатти зебои ниёгон оварда шудааст, ки дар дигар тазкираҳо дида намешавад.

– бартарияти тазкираи “Суханварони Зарафшон” он аст, ки дар баробари адибони водии Зарафшони Тоҷикистон, ҳамчунин аз Самарқанду Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ соҳибзавқону шоирони касбӣ ҷой доранд.

– тафовути тазкираи “Таронаҳои Самарқанд”, ки фолклори шаҳри Самарқанд ва гирду атрофи онро дар бар мегирад, аз дигар тазкираҳо он аст, ки ин ҷо танҳо намуна аз осори халқ ва ашъори шоирони маҳаллӣ ҷамъоварӣ шудааст.

– дар тазкираи “Бунафшаи Зарафшон” дар қатори адибони баркамол наврасони мактабхон низ ворид карда шудаанд, ки дар дигар маҷмуаҳои дастиҷамъӣ наврасон мавриди назар нестанд.

– дар баёзи “Бунафшаи Зарафшон” баъзе навшоирон бо хоҳиши худ ба тазкира шомил гардидаанд, ки шеърҳояшон орӣ аз шеъриятанд.

Муқарриз: ***Абдулманнонзода М.*** – н.и.ф., ДДД

А Д А Б И Ё Т

1. Абдӣ, Абдуллоҳхӯҷа. Тазкират уш-шуарори мутааххирини Бухоро / Абдуллоҳхӯҷа Абдӣ // Дастхати Институти шарқшуносии Ҷумҳурии Узбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. - Тошканд ба номи Абурайҳони Берунӣ, №64. – вар.
2. Абдӣ, Абдуллоҳхоҷа. Тазкирати уш-шуаро / Абдуллоҳхоҷа Абдӣ. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983.
3. Авфӣ, Муҳаммади Бухороӣ. Лубоб ул-албоб / Муҳаммад Авфии Бухороӣ. – Лоҳур, 1906.
4. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ (аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод). – Душанбе: Адиб, 2010, – 438 с.
5. Аҳмад, Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷ.1 / Маонӣ, Аҳмад Гулчин. – Теҳрон, 1363. – 316 с.
6. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират ил-асҳоб / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Абдулғанӣ Мирзоев). – Душанбе: Дониш, 1977. – 227 с.
7. Восифӣ, Зайниддин. Бадоеъ ул-вақоеъ. Дар 2 ҷилд / Зайниддин Восифӣ. – Москва: Институти милали Осиё, 1961.
8. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Суханварони сайқали рӯйи замин / Тӯрақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 246 с.
9. Қамарзода, Аслиддин. Таронаҳои Самарқанд (бо таҳрир, такмил ва иловаҳо) / Аслиддин Қамарзода. - Тошканд: Муҳаррир, 2013. – 600 с.
10. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт / Шералӣ, Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 560 с.
11. Мардонӣ, Тоҷиддин. Перомуни чанд маънии муштарак дар шеъри устод Рӯдакӣ ва дигар шоирони форсу тоҷик / Тоҷиддин Мардонӣ // Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй. Мураттибон: М.Ансорӣ, Воҳидов Ш. – Душанбе: Ирфон, 2020. – С.291-295.
12. Муҳтарам, Неъматуллоҳ. Тазкирутуш-шуаро / Неъматуллоҳи Муҳтарам // Дастхати Институти шарқшиносии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ. - №2252/II. – 160 вар.
13. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1975. – 399 с.
14. Навоӣ, Алишер. Маҷолис ун-нафоис / Алишери Навоӣ. – Тошканд: Нашриёти академикии АФ РСС Ӯзбекистон, 1961. – 450 с
15. Наққош, Иброҳим, Суханварони Зарафшон / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 500 с.
16. Наққош, Иброҳим. 25 гуфтор / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 84 с.
17. Наққош, Иброҳим. Армуғони ғазал / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 130 с.
18. Наққош, Иброҳим. Бунафшаи Зарафшон / Иброҳими Наққош. – Душанбе, 2021. – 398 с.
19. Наққош, Иброҳим. Гулчини ғазал / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2010, – 160 с.
20. Наққош, Иброҳим. Гулшани ғазал / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 340 с.
21. Наққош, Иброҳим. Мунтахаби “Саду як ғазал”-и Аттор / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 230 с.
22. Наққош, Иброҳим. Наврӯзи Зарафшон / Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 280 с.
23. Наққош, Иброҳим. Накҳатии куҳандиёри Ҳафткӯл / Иброҳими Наққош. – Душанбе, 2008, – 90 с.
24. Намангонӣ, Фазлӣ. Тазкират уш-шуаро / Фазлии Намангонӣ // Дастхати Институти шарқшуносии Ҷумҳурии Узбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. - № 260 вар.

25. Пирмастӣ, Афзал Махдум. Афзал ут-тазкор-фи-зикриш-шуаро-вал-ашъор / Афзал Махдуми Пирмастӣ. – Тошкент, 1336/1917-1918.
26. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз шеъри онон / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ, бо кӯшиши Мухаммадҷони Шакурии Бухорой. Чопи аввал. - Теҳрон: Суруш, 1380/2001. – 428 с.
27. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. - Тошкент, 1337.
28. Самарқандӣ, Мавлоно Мутрибӣ. Тазкират уш-шуаро / Мавлоно Мутрибӣ Самарқандӣ. - 1605.
29. Самарқандӣ, Малеҳои Муҳаммад Бадеъ. Тазкират уш-шуаро. – (нусхаи электронӣ).
30. Самарқандӣ, Ҳаёт Неъмат. Сипеҳри орзу. – Душанбе, 2019. – 400 с.
31. Саҳобиддин, Сиддиқӣ. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ / Саҳобиддини Сиддиқӣ. Зери назари Т.Н Неъматзода, виросторон М. Шакурӣ ва М. Хоҷаева. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 200 с.
32. Турсунзода, Мирзо. Таронаи ишқ / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.
33. Туғрал, Нақибхон. Гиёҳи меҳр / Нақибхон Туғрал. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 350 с.
34. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро / Мирсиддиқхони Ҳашмат // Дастхати Институти шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. - №61. – 138 с.
35. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро / Мирсиддиқхони Ҳашмат // Дастхати Институти шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. - №2729. – 223 с.
36. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро / Мирсиддиқхони Ҳашмат // Дастхати Институти шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. - №2728. – 104 с.
37. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 291 с.
38. Ҳошим, Раҳим. Сухан дар бораи устодон ва дӯстон / Раҳим Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 270 с.
39. Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. Тазкират-уш-шуаро / Ҳоҷӣ Абдулазим Шаръӣ // Дастхати Институти шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. - №3396. – 95 с.
40. Эшонкулов, И. Тазкире Мирсиддикхона Хашмата – важный источник изучения таджикской литературы конца XIX начала XX века: дисс... канд. фил. наук / И. Эшонкулов. – Худжанд: ХГУ им. академика Бабаджана Гафурова, 2011. – 167 с.

БУЗУРГДОШТИ АДИБОНИ САМАРҚАНДӢ ДАР ТАЗКИРАҲОИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур муаллиф роҷеъ ба тазкира ва тазкиранигорӣ дар асрҳои XX-XXI ва ҳавзаҳои илмӣ-адабии Самарқанд маълумот медиҳад. Муаллиф таъкид менамояд, ки новобаста аз маҳдудияти истифодаи забони тоҷикӣ дар Самарқанд, асарҳои адабие дар мавзуъҳои мухталиф эҷод карда шудаанд. Марҳалаи нави муносибатҳои ду халқи ба ҳам дӯст ва бародар дар ҳаёти илмию адабии Самарқандшаҳр саҳифаи навро боз намуд. Дар тазкираҳои муосир муҳаққиқ роҷеъ ба шоиру нависандагоне, ки дар ин шаҳр ва ноҳияҳои тоҷикнишини он зиндагӣ ва эҷод намудаанд, маълумотҳои навинеро таҳлил ва ташхис намудааст. Дар мақола оиди тазкиранигорӣ дар адабиёти муосири тоҷик, аз тазкираи машҳури Садриддин Айнӣ - “Намунаи адабиёти тоҷик”, ки ҳамчун шиносномаи миллати мо маъруф гаштааст, оғоз ёфта, роҷеъ ба дигар тазкираҳои муосир, ки ҳавзаҳои адабии Зарафшон ва Самарқанду Бухороро дар бар мегиранд, маълумот дода мешавад. Дар тазкираи машҳури устод Айнӣ, роҷеъ ба 127 нафар адибони ҳавзаҳои адабии Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд маълумотҳои дақиқ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: тазкира, тазкиранигорони асри XX ва XXI, шоирони Самарқанд, ҳавзаи адабӣ, назм ва наср.

САМАРКАНДСКИЕ ЛИТЕРАТОРЫ В СОВРЕМЕННЫХ АНТОЛОГИЯХ

В статье автор анализирует важный источник литературной жизни тазкира – антологии авторов XX-XXI вв., где речь идет о литераторах научной и литературной среды Самарканда в советский и постсоветский период. Автор отмечает, что, невзирая на ограниченность использования таджикского языка в советский и постсоветский период, в Самарканде появились литературные произведения, посвященные разным темам. Богатую страницу в литературной жизни Самарканда открыл новый период отношений между двумя братскими народами. В антологиях изучаемого периода автор выявил новые имена литераторов – поэтов и писателей, которые жили и творили в Самарканде и в районах, где живут носители таджикского языка. В статье рассматривается вопрос о том, что антология в современной таджикской литературе, начиная со знаменитой книги Садриддина Айни «Намунаи адабиёти тоҷик» (Образцы таджикской литературы), которая стала известна как паспорт таджикского народа, продолжалась в других современных антологиях, которые представляли литературные среды Зарафшана, Самарканда и Бухары. В знаменитой рукописи Садриддина Айни есть точные сведения о 127 писателях литературной среды Самарканда, Бухары и Худжанда.

Ключевые слова: антология, таджикоязычные антологии конца XIX – начала XX века, антологии поэтов Самарканда, литературная среда, поэзия, проза.

SAMARKAND WRITERS IN MODERN ANTHOLOGIES

In the article, the author analyzes an important source of the literary life of the tazkir - an anthology of authors of the 20th-21st centuries, where we are talking about the writers of the scientific and literary environment of Samarkand in the Soviet and post-Soviet periods. The author notes that, despite the limited use of the Tajik language in the Soviet and post-Soviet periods, literary works dedicated to various topics appeared in Samarkand. A rich page in the literary life of Samarkand opened a new period of relations between the two fraternal peoples. In the anthologies of the studied period, the author revealed new names of writers - poets and writers who lived and worked in Samarkand and in areas where native speakers of the Tajik language live. The article examines the question that the anthology in modern Tajik literature, starting with the famous book by Sadriddin Aini "Namunai adabiyoti toçik" (Samples of Tajik Literature), which became known as the passport of the Tajik people, continued in other modern anthologies

that represented the literary environments of Zarafshan, Samarkand and Bukhara. In the famous painting of Sadriddin, Aini eats accurate information about 127 writers of the literary environment of Samarkand, Bukhara and Khujand.

Key words: Anthology, Tajik-speaking anthologies of late XIX - early XX centuries, anthologies of poets of Samarkand, literary environment, poetry, prose.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Гулпарӣ Ҳамдамовна*** - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи илм. **Суроға:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, кӯч. С.Шерозӣ, 84. E-mail: **pamir555@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 927-33-23-12**

Сведения об авторе: ***Шарифова Гулпари Хамдамовна*** - Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент, кандидат филологических наук, заведующий отделом науки. **Адрес:** 735500, Республика Таджикистан, г. Пенджикент, ул. С. Шерози, 84. E-mail: **pamir555@inbox.ru.** Тел.**: (+992) 927-33-23-12**

Information about the author: ***Sharifova Gulpari Khamdamovna*** - Tajik Pedagogical Institute in the city of Penjikent, head of the department of science, Candidate of Philological Sciences. **Address:** 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, S. Sherozi, Str., 84. E-mail: **pamir555@inbox.ru.** Phoone: **(+992) 927-33-23-12**

УДК: 82/820

О СБОРНИКЕ Б.НИЯЗМУХАМЕДОВА «ТАДЖИКСКИЕ СКАЗКИ» НА РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Фарангис Шарифзода, Равшан Рахмони
Таджикский национальный университет

Начиная с XIX века российские ученые-этнографы, языковеды и историки, в числе которых были такие видные ученые, как М.С.Андреев, М.Айдаров, Г.А.Арандаренко, В.В.Бартольд, А.Гребёнкин, К.Г.Залеман, И.И.Зарубин, М.Карухи, Д.Н.Логофет, Н.С.Лыкошин, Н.А.Маев, Н.Г.Маллицкий, Н.Маль, Е.М.Пещерева, А.Е.Снесарев, А.А.Семёнов, А.Случановский, Л.В.Соловьёв, О.А.Сухарева, А.Шишов, регулярно приезжали в тогдашний Таджикистан для проведения научных экспедиций, в основном этнографического характера, во время которых они одновременно занимались сбором, а впоследствии исследованием образцов устного народного творчества таджиков [см.: 11; 12].

В Таджикистане до конца 40-ых годов XX-го века не было специалистов по фольклористике, поэтому в те годы фольклор как наука не был еще сформирован. Сбором и изданием фольклорных текстов, в основном, занимались этнографы, поэты, писатели, языковеды, журналисты или просто любители народной культуры. К ним относятся В.Махмуди, Н.Бектош, Х.Карим, О.Исмати, Н.А.Болдырев, И.С.Брагинский, Али Хуш, О.А.Сухарева, А.Дехоти (Абдусалом Пирмухммадзода), Абдушукур Пирмухаммадзода, Л.Бузургзода, М.Турсунзода, Р.Джалил, Х.Бакозода, Б.Рахимзода, М.Миршакар, Ш.Хусейнзода, Б.Ниязмухамедов, А.Мирзоев, Ф.Ниёзи, Х.Мирзозода, Ахтари, А.Шохансорев, С.Гани, Р.Хошим, Н.Ходжаев, С.Нестеренко, С.Худойбердиев А.Мирзоев, Н.Маъсуми, К.Наими, Я.Нальский, Н.Нурджонов, К.Улугзода и др. Впоследствии они стали известными поэтами, учеными, переводчиками. Затем собранный ими фольклорный материал после определенной систематизации опубликовался в научных изданиях и периодической печати республики [см.: 12].

Следует отметить, в сборе образцов различных жанров фольклора, включая сказки, в 30-ые годы XX-ого столетия большая заслуга принадлежит русским исследователям-этнографам и языковедам. В частности, в 1900 году историк А.А.Семёнов приступил к изучению говора населения Каратегина. Наряду с материалами говоров Сурхоба, Дарваза, Хингоба и Пянджа он записал 21 текст в прозе и издал в своей книге “Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии” (1900) и «Этнографические очерки Зарафшанских гор и Дарваза» (1903) с переводом и комментарием. В целях достижения подлинности записей как научного документа, все сказки А.А.Семёновым были записаны на местном диалекте [см.: 16; 17].

Спустя годы другой исследователь А.З.Розенфельд на основе собственно собранного материала, а также материалов А.А.Семёнова издала сборник под названием “Сказки и легенды горных таджиков” (1990), где она так вспоминает о А.А.Семёнове: “А.А.Семёнов, впоследствии крупнейший востоковед, историк Средней Азии, филолог, тогда ещё студент, опубликовал в этих двух выпусках 21 сказку и басню, записанные им в Каратегине, Вахио, Дарвазе и на Ях-су, снабдив их переводом на русский язык и примечаниями. Не всё в переводах и примечаниях может удовлетворить современного читателя. Поэтому составители сочли уместным включить наиболее интересные из опубликованных сказок в данный сборник в новых переводах» [14, с.9].

Выдающийся русский историк-этнограф М.С.Андреев во время научных экспедиций также уделял особое внимание сбору сказок. Он, в 1900 году в Ташкенте записав несколько сказок из уст двух дарвазцев, издал их в книге “Живая старина” под названием «Дарвазские сказки» [см.: 1].

Сбор и издание таджикских сказок особенно активизировались после выступления А.М. Горького на первом Всесоюзном съезде советских писателей (1934 г.) и привлекло внимание мастеров художественного слова к сбору фольклорных произведений.

В 1934 году в Самарканде была напечатана небольшая книга О.А.Сухаревой и И.А.Сухарева под названием “Материалы по таджикскому фольклору”. Данный сборник состоял из двух частей: первая часть «Загадки таджиков города Самарканда и его окрестностей» (принадлежит И.А. Сухаревым) и вторая часть «Восемь вариантов

Пятьдесят лет служил Са’д Салман,
Всё имущество с трудом приобрёл,
Мне передал, но из-за фароновых интриг,
Слабым и беспомощным стал, лишился семьи.

Поэт подчёркивает, что его без всякой вины заключили в тюрьму и его положение схоже с волком, которого братья Иосифа обвинили перед Я’кубом в том, что он будто бы съел Иосифа:

ولّه، که چو گرگ یوسفم، ولّه،
که بر خیره همی‌نیهند بو هتانم [2, с.296]

Я на волк Иосифа, клянусь Богом, похоже,
Как и он, я в вине какой-то оклеветан.

Следует отметить, что в диване Мас’уда Са’да есть немало стихов с использованием арабо-исламских, сказаний, легенд и мифов, приведение большинства из которых требует много места и времени. Поэтому в заключение отметим, что в поэзии Мас’уда Са’да элементы исламских сказаний, преданий и мифов, в большинстве случаев заимствованы для создания всех деталей, связанных с личностью восхваляемого, с его мужеством, смелостью, щедростью и великодушием, а также со снаряжением и предметами, относящимися нему, такими как меч, конь, рука, ладонь, сердце, гнев, любовь, пир, бой, войско, с его подчинёнными и близкими, с другой стороны, поэт использует их с целью изложения своего состояния в тюрьмах Газневидских правителей, а также показа боли и мучений, трудностей и лишений из-за интриг завистников. Также нужно сказать, что широкое использование арабо-исламских сказаний, преданий и мифов в поэзии Мас’уда Са’да, с одной стороны, является требованием традиции сочинения касыд в эпоху жизни поэта, с другой стороны, считается свидельством внимания и связи поэта с арабским языком и литературой, биографией пророков и религиозных личностей, арабской истории и мифологии.

Рецензент: Сафаров У. – д.ф.н., профеесор, ТНУ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдусаттор, А. Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / А. Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 1915. – 430 с.
2. Масъуди Саъди Салмон. Девон / Салмон, Масъуди Саъд. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми доктор Маҳдии Нуриён. - Исфаҳон: Интишороти “Камол”. Дар ду ҷилд. Чопи аввал, 1365 ҳ. ш. – 1261 с.
3. Муҳаммадӣ Муҳаммад. Фарҳанги Эрон ва таъсири он дар тамаддуни ислом ва араб / Муҳаммад, Муҳаммадӣ. – Теҳрон, 1339 ҳ. ш.
4. Монроу, Дж. Т. Устный характер доисламской поэзии / Дж. Т. Монроу // Арабская средневековая культура и литература. Сб. ст. заруб. ученых. - М.: Наука, 1978. – С.93-142.
5. Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Систонӣ / М. Мулломахмадов. - Душанбе, 1978. – 143 с.
6. Муллоахмадов, М. Ибн Сина - литератор-гуманист / М. Муллоахмадов // Абуали ибн Сина и культура его эпохи. - Душанбе, 2005. – С.195-207.
7. Неъматзода, Т. Рӯзгор ва осори Масъуди Саъди Салмон / Т. Неъматзода. – Душанбе, 1997. – 260 с.
8. Петрушевский, И.П. Ислам в Иране VII-XII вв.: (курс лекций) / И.П. Петрушевский. – Л.: Изд.во ЛГУ, 1988. – 400 с.
9. Сафа, Забехуллах. История литературы в Иране и в пространстве языка фарси. Т. 2. / Забехулла Сафа. - Душанбе: Деваштич, 2003.- 318 с.
10. Фролова, О.Б. Поэтическая лексика арабской лирики. Арабские поэты и народная поэзия / О.Б.Фролова. – Л.: ЛГУ, 1984. – 172 с.
11. Халидов, А.Б. Собрания арабских рукописей в Народной Демократической Республике Йемен / А.Б. Халидов // Памятники письменности Востока. - М., 1979. - С.179-202.
12. Халидов, А.Б. Книжная культура // Очерки истории арабской культуры У-ХУ вв. / А.Б.Халидов. - М., 1982. – С.215-310.
13. Шидфар, Б.Я. Образная система арабской классической литературы / Б.Я. Шидфар. – М.: Наука, 1974. – 253 с.
14. Эберман, В.А. Персы среди арабских поэтов эпохи Омейядов // ЗКВ, Т. 2. вып. 1. / В.А.Эберман. - Л., 1927. – 154 с.

ИҚТИБОСИ РИВОЯТУ ДОСТОНҲО ДАР ҚАСИДАҲОИ МАСЪУДИ САЪД

Дар мақола муаллиф мавзуи иқтибос овардани ривояту достонҳои арабиро дар эҷодиёти худ аз ҷониби Масъуди Саъд баррасӣ намудааст. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар девони Масъуди Саъд шеърҳои зиёде бо истифодабарии нақлу ривоятҳо ва достонҳои арабиву исломӣ мавҷуданд, ки дар ин мақола қайд намудани онҳо вақт ва ҷойи зиёдеро талаб менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар ашъори Масъуди Саъд унсурҳои нақлу ривоятҳо ва достонҳои арабиву исломӣ аксаран барои бавуҷудории тамоми тафсилот, ки бо шахсияти маҳдшаванда алоқаманд аст, аз мардонагӣ, ҷасурӣ ва саховатмандиву олиҳимматии ӯ оғоз намуда, то таҷҳизот ва асбобу олоти ӯ, ки ба маҳдшаванда дахл дорад, ба монанди шамшер, асп, даст, панҷа, дил, ғазаб, ишқ, муҳориба, зердастон ва наздикони ӯ, аз тарафи дигар, шоир онҳоро бо мақсади ифшо намудани вазъи худ дар зиндонҳои ҳокимони Ғазнавӣ, инчунин нишон додани дарду рачу азоб, мушкилот ва бенавоӣ аз дасти ҳасудхӯрон истифода мебарад. Бояд гуфт, ки истифодабарии васеи нақлу ривоятҳо ва достонҳои арабиву исломӣ дар ашъори Масъуди Саъд аз як тараф, агар

талаботи анъанаи қасидасароӣ дар замони ҳаёти шоир бошад, аз тарафи дигар, шаҳодати таваҷҷуҳ ва робитаи шоир бо забон ва адабиёти арабӣ, зиндагиномаи пайёмбарон ва шахсиятҳои диндор, таърих ва асотири араб мебошад.

Калидвожаҳо: қасидаҳои мадҳҳоҳона, иқтибосот, ривоятҳои арабӣ-исломӣ, ривоятҳои қуръонӣ ва исломӣ, образи маҳдшаванда, урфу одатҳои арабӣ, чароғи дин.

ЗАИМСТВОВАНИЕ АРАБО-ИСЛАМСКИХ ПРЕДАНИЙ И ЛЕГЕНД В КАСЫДАХ МАС'УДА СА'ДА

В статье автор рассматривает тему заимствования из арабо-исламских преданий и легенд в касыдах Мас'уда Са'да. Также автор отмечает, что в диване Мас'уда Са'да есть немало стихов с использованием арабо-исламских, сказаний, легенд и мифов, приведение большинства из которых требует много места и времени. Нужно отметить, что в поэзии Мас'уда Са'да элементы исламских сказаний, преданий и мифов в большинстве случаев заимствованы для создания всех деталей, связанных с личностью восхваляемого, с его мужеством, смелостью, щедростью и великодушием, а также со снаряжниями и предметами, относящимися к нему, такими как меч, конь, рука, ладонь, сердце, гнев, любовь, пир, бой, войско, с его подчинёнными и близкими, с другой стороны, поэт использует их с целью изложения своего состояния в тюрьмах Газневидских правителей, а также показа боли и мучений, трудностей и лишений из-за интриг завистников. Также нужно сказать, что широкое использование арабо-исламских сказаний, преданий и мифов в поэзии Мас'уда Са'да, с одной стороны, является требованием традиции сочинения касыд в эпоху жизни поэта, с другой стороны, считается свидельством внимания и связи поэта с арабским языком и литературой, биографией пророков и религиозных личностей, арабской истории и мифологии.

Ключевые слова: хвалебные касыды, заимствования, арабо-исламские предания, коранические и исламские предания, образ восхваляемого, обычаи арабов, светильник религии.

THE BORROWING OF ARABO-ISLAMIC TRADITIONS AND LEGENDS IN THE CASIDES OF MAS'UDA SADA

In the article the author examines the topic of borrowing from Arab-Islamic traditions and legends in the qasids of Mas'ud Sada. The author also notes that in the sofa of Mas'ud Sada there are many poems using Arab-Islamic, legends, legends and myths, most of which require a lot of space and time. It should be noted that in the poetry of Mas'ud Sa'd, elements of Islamic legends, legends and myths, if in most cases are borrowed to create all the details associated with the personality of the praised, from his courage, boldness, generosity and generosity to equipment and items related to him, like a sword, horse, hand, palm, heart, anger, love, feast, battle, army, his subordinates and loved ones, on the other hand, the poet uses them in order to present his condition in the prisons of the Ghaznavid rulers, as well as to show pain and torment, difficulties and hardships due to the intrigues of envious people. It should also be said that the wide use of Arab-Islamic legends, legends and myths in the poetry of Mas'ud Sa'd, on the one hand, is a requirement of the tradition of composing qasid in the era of the poet's life, on the other hand, it is considered to be evidence of the poet's attention and connection with Arabic. language and literature, biography of prophets and religious personalities, Arab history and mythology.

Key words: laudatory qasids, borrowings, Arab-Islamic legends, Koranic and Islamic legends, the image of the one being praised, the customs of the Arabs, the lamp of religion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайдализода Шодмон Абдувоҳид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **sh.saidalizoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-85-00-30**

Сведения об авторе: ***Сайдализода Шодмон Абдувохид*** **-** Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **sh.saidalizoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-85-00-30**

Information about the author: ***Saydalizoda Shodmon Abduvohid*** **-** Tajik National University, Associate Professor of the Department of Arabic Philology**. Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17.
E-mail: **sh.saidalizoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-85-00-30**

ЖУРНАЛИСТИКА

ТДУ: 070:654.197 (575.3)

НАҚШИ ДОНИШҲОИ СОҲАВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЖУРНАЛИСТИ ТЕЛЕВИЗИОН

Тоҷов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯза телевизион дар миёни ВАО ҷойгоҳи хосро соҳиб шудааст, зеро ин воситаи муқтадири иттилоърасонӣ воқеаву рӯйдодҳои муҳимми рӯзро ба таври таъҷилӣ нишон медиҳад, ки ин махсусият боварӣ ва эътимоди бинандаро бештар кардааст. Телевизиони «Тоҷикистон» дар татбиқи сиёсати давлат мавқеи намоён дорад. Он таърихи беш аз 55 сола дорад. «Журналистикаи телевизион дар Тоҷикистон даврањои мухталифро паси сар карда, марҳила ба марҳила рушду такмил ёфтааст. Вобаста ба тақозои замон мунтазам сайқал дида, усули таъсиргузории хешро низ тағйир додааст» [16, с.3].

Албатта, таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа аз донишҳои соҳавӣ дур буда наметавонад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки дар даврањои аввали таъсисёбии телевизион то ба имрӯз дар Тоҷикистон донишҳои соҳавии телевизионӣ бо шарофати мавҷуд будани заминаҳои бузурги таълимӣ, аз ҷумла факултаи журналистикаи ДМТ, мувофиқ ба замон вуҷуд доранд. Услуби таҳияи барномаҳо ва таҳлили мавзуъҳо аз ҷониби бинандагони сершумор дар солҳои пеш низ ба хубӣ қабул мегардиданд. Ин нукта аз он далолат мекунад, ки телевизиони тоҷик рисолати таъсиррасонии худро ба афкори ҷомеа дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Ин нуқтаро донишмандон низ тасдиқ мекунанд: «Бе ҳеҷ шакку шубҳа таъсири телевизион ба ҷомеа кам нест. Мувофиқи натиҷаи тадқиқотҳои дар кишварҳои мухталиф анҷомдодашуда аз воситаҳои ахбори умум телевизион дар байни мардум боварии бештарро соҳиб аст» [1, с.13]. Маҳз ҳамин бовару эътимод аст, ки шумораи ҳам шабакаҳои телевизионӣ ва ҳам тамошобинони телевизион сол то сол бештар мегардад ва вақтеро, ки одамон дар назди телевизион мегузаронанд, аз дигар навъҳои фароғату истироҳат зиёдтар аст. Олимон ва мунаққидон, сарфи назар аз моҳиятан манфӣ ё мусбат буданаш, телевизионро «оинаи ҷомеа» меноманд».

Телевизион «оинаи ҷомеа» аст ва бурду бохтро инъикос мекунад. Чунончи Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ дар самти роҳсозӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид ва ободкориҳову созандагиҳо дар барномаи «Истиқбол аз Истиқлол» бо муаллифии Абдуваҳҳоби Абдусаттор дар ҳаҷми 25 дақиқа омода ва 23 –юми июни соли 2022 пахш гардид. Аз ҷумла, дар барнома фаъолияти Ҳукумати мамлакат дар самти роҳсозӣ возеҳу равшан нишон дода шуда, таъкид мегардад, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ 59 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт бо маблағи 24 миллиард сомонӣ татбиқ гардид. Дар ин замина 2400 км роҳи мошингарди сатҳи байналмилалӣ, 219 км роҳи оҳан, 226 купрук ва 6 нақби мошингузар сохта шуд, ки мушкилоти рафтуомади аҳолиро дар тамоми фаслҳои сол ба маротиб осон намуд. Муаллиф таъкид мекунад, ки то сохта ба истифода додани чунин роҳҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамасола, махсусан дар фасли сармо садамаҳои зиёди нақлиёт ба амал омада, нафарони зиёде ҳалок мегардиданд. Аммо Ҳукумат тавонист бо сохтани роҳҳои ҳамвору нақбу пулҳо хатарҳои фоҷиавиро дар ин самт коҳиш дода, пеши роҳи ҳодисаҳои роҳу нақлиёт дар шоҳроҳҳо гирифта шавад. Дар барнома журналист кӯшиш кардааст, ки мушкилоти дар бунбаст қарор гирифтани Тоҷикистонро пеш аз бунёди нақбҳои мошингузар нишон диҳад. Таъкид мегардад, ки қаблан тармафароӣ дар ағбаҳо ба мушоҳида мерасид ва ин ҳолат боиси марги нафарони зиёд шуд. Аз ин рӯ, зарурати сохтмони нақбҳо дар ағбаҳо ба вуҷуд омад. 6 нақби мошингузар, ки дар замони соҳибистиқлолии мамлакат дар ҷумҳурӣ сохта шудааст, аз ҷумла нақби «Истиқлол» бо дарозии 4996 метр, нақби «Шаҳристон» бо дарозии 5253 метр, нақби «Хатлон» – 4450 метр, нақби «Озодӣ» – 2223 метр, нақби «Дӯстӣ» – 1047 метр ва нақби «Дарвоз» бо дарозии 364 метр ҷони садҳо нафарро аз марги фоҷиавӣ наҷот бахшиданд. Тавре муаллифи барномаи «Истиқбол аз Истиқлол» таъкид мегунад, бо бунёди нақбҳо мушкилоти соҳаи нақлиёт коҳиш наёфт. Аз ин рӯ, Ҳукумат татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи роҳу нақлиётро идома дода, дар ин замина лоиҳаҳои роҳи «Роғун-Обигарм – Нуробод», «Ҳулбук–Темурмалик–Кангурт», «Қалъаихумб – Ванҷ», «Қизилқалъа – Бохтар», «Данғара-Левакант-Бохтар», марҳилаи якум ва «Бекобод – Бобоҷон Ғафуров –

Конибодом»-ро мавриди иҷро қарор дод, ки дар оянда ба рушди бештари иқтисоди миллӣ асос мегузоранд. Бо таҳлили дурнамо ва ояндаи соҳаи мазкур журналист менигорад, ки нақшаҳо барои ба мамлакати транзитӣ табдил додани тоҷикистон дар давоми солҳои 2022–2026 мукаммаланд ва дар ин солҳо 1000 км роҳи нав, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зиддитармавӣ сохта ба истифода дода мешаванд. Албатта, таҳлилҳои асосноку воқеии журналист дар ин барнома бо нишон додани оморҳо тавассути графикаҳои компютерӣ бинандаро ба он водор месозад, ки дар бораи рушди ояндаи Тоҷикистон андеша намояд. Ин ҳамон рисолати касбии журналист аст, ки воқеиятро бо дарку фаҳми баланд инъикос кардааст.

Телевизиони тоҷик низ бо иҷрои рисолати аслии худ бо фарогирии мавзуъҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ ба дили бинандагони сершумор ҷой гирифта, манбаи асосии дарёфти иттилооти тоза бо забони тоҷикӣ ва имконияти фароғатбахшӣ гардидаанд. Дар баробари ин, мавзуъҳои таҳлиливу танқидӣ дар телевизион пайгирӣ карда мешаванд, ки дар ин миён нақши журналисти телевизион, ки бо донишҳои соҳавӣ мусаллаҳ аст, хеле муҳим мебошад. Дар идомаи ин андеша муҳаққиқон ба он назаранд, ки «Рӯзноманигорони телевизион бояд воқеан дарк намоянд, ки бар дӯши онҳо вазифаи ба бинандагон додани гузоришҳои холисона, бехато ва воқеъбинона гузошта шудааст. Онҳо ҳамчунон аз паи он бошанд, ки тамоми масъалаҳои баҳснок аз дидгоҳи (ракурс) мухталиф баррасӣ шаванд» [1, с.52].

Барномаи “Нештар” аз ҷумлаи барномаҳои таҳлилӣ – танқидӣ маҳсуб меёбад. Зеро он фарогири мавзуъҳои доғи ҷомеа буда, журналист дар омодасозии он бо истифода аз наворҳо ва назару андешаи мардуму масъулон аз ин ё он соҳа фикри худро тақвият мебахшад. Масалан барномаи “Нештар”, ки дар ҳаҷми 18 дақиқа омода ва 12 июли соли 2021 пахш гардидааст, мавзуи “Аз фаъолият боз мондани корхонаҳои саноатӣ”-ро пайгирӣ мекунад. Муаллиф Садриддин Охонов рушди саноатро асоси пешрафти давлат арзёбӣ намуда, таъкид месозанд, ки ин самтро Ҳукумати мамлакат дар меҳвари сиёсати худ қарор додааст. Татбиқу амалӣ гардидани барномаҳои давлатӣ дар соҳаи саноат далели гуфтаҳои боло мебошанд. Муаллиф корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ дар даврони Истиқлолияти давлатиро, ки ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум машғуланд нишон дода, менигорад, ки бо вуҷуди дастгириҳои давлат ва имтиёзҳои мақсаднок баъзе аз соҳибкорон корхонаҳои хусусигардонидашударо дубора ба кор намедароранд. Ва наворҳои ҳузнангезро аз вайрону валангор шудани корхонаҳои азими саноатии дар даврони Шуравӣ бунёдшуда ба бинанда нишон медиҳад. Бо дидани чунин манзараҳо дар зеҳни бинанда чунин андешае пайдо мешавад, ки замоне дар ин корхонаҳо садҳо нафар фаъолият доштанд ва агар онҳо аз нав барқарор ва ё бунёд карда шаванд, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот меафзояд ва мавзеъҳои вайрону харобгашта ба гулистон табдил меёбанд. Дар барнома чунин корхонаҳо қариб аз тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен, Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Шаҳритус, Қубодиён, Ҳамадонӣ, Вахш, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва Шаҳринав ҷамъоварӣ гардида, вазъи воқеии онҳо нишон дода мешавад. Ба ин қабил корхонаҳо, ки ба фаромӯшӣ рафтаанд, корхонаҳои нонпазӣ, коркарди шир, истеҳсоли консерва, заводи тухми пилла ва дигарҳо шомиланд. Бо суолҳои сершумори худ журналист ба масъулини корхонаҳои дахлдор, аз ҷумла Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии якчанд шаҳру ноҳия мурочиат мекунад ва посухи қонеъкунанда намегирад. Сипас, дар навор чеҳраи корманди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешавад. Дар ин мусоҳиба баъзе ҷузъиёти хусусигардонии амволи давлатӣ аз ҷониби корманди масъул Муборакшоҳ Шодмон шарҳ дода мешавад.

Аз ин бармеояд, ки дар омодасозии барномаҳои дорои мазмуну муҳтавои баланди эҷодӣ, бахусус таҳлилӣ - танқидӣ ва рангини телевизионӣ ҳунари журналистон ва маҳорату малакаи касбии онҳо хеле муҳим мебошад, ки аз ҷаҳонбинии васеъ ва фаҳмишу донишҳои соҳавӣ вобаста аст. «Сифати барномаву намоишҳо то ҷое ба руҳияи ходимони ин даргоҳ марбут аст. Ҳар корманд бо завқу салиқа ва донишу ҷаҳонбинии ба худ хос барнома таҳия менамояд. Аз ҷониби дигар, ҳаводорони барномаҳо савияи мафкураи муҳаррирон ва хабарнигоронро аз рӯйи натиҷаи фаъолияти онҳо муайян карда метавонанд» [2, с.5].

Донишҳои соҳавии журналистони телевизион, ки пас аз хатми мактаби миёна ба донишгоҳҳо меоянд, дар муассисаҳои олии таълимӣ асосан дар ҷараёни омӯзиш ба вуҷуд меоянд. Дар баробари омӯзгорони дорои таҷрибаи муосир, ки машғулият ва дарсҳоро

шавқовару диққатҷалбкунанда мегузаронанд, адабиёти илмӣ - методӣ, маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва дигар манбаъҳо донишҳои касбии журналистонро метавонад ба маротиб боло бурда, касбияти онҳоро тақвият бахшад. Ҳоло барои дастрас кардани адабиёти илмӣ доир ба ихтисоси журналистика аз ҷумла, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, кафедраи Телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имконияти зиёд мавҷуд буда, дар китобхонаи факултет, донишгоҳ ва кафедра дастурамалҳои таълимии устодон, аз ҷумла китобҳои А.Саъдуллоев, И.Усмонов, А.Азимов, С.Гулов, С.Ҳайдарӣ, М.Шоҳиён, И.Ҳамидиён, З.Эшматов, М.Сафарова ва дигарон барои донишҷӯён, унвонҷӯён ва хоҳишмандон пешниҳод мешаванд. Вале бояд иқрор шуд, ки китобҳои нашршуда доир ба телевизион қонеъкунанда ва ба талаботи рӯз ҷавобгӯй намебошанд, дар ҳоле, ки талабот ба шуъба ва факултаҳои рӯзноманигории донишгоҳҳо меафзояд. Аз тарафи дигар, шумораи телевизионҳо марҳила ба марҳила зиёд мешавад. Муҳаққиқи соҳа Асадулло Саъдуллоев дар китоби “Асосҳои журналистикаи телевизион” менависанд: “Доир ба телевизион китобҳои зиёд вуҷуд доранд, ки бархе аз онҳо дар феҳристи адабиёт оварда мешаванд. Аммо то ба ҳол дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ғайр аз чанд китоб ва мақолаи тақризмонанди матбуотӣ маводи дигаре доир ба телевизион нашр нашудааст” [17, с.5]. Агар чунин аст, пас устодони базаҳои таълимӣ (ДМТ, ДСТР, ДДФСТ ва ғайраҳо) ба таҳияву нашри китобҳо доир ба соҳа шуруъ намоянд, то адабиёти соҳавӣ бо забони давлатӣ дастраси донишҷӯён гардад. Чопи онҳо бо забони давлатӣ бо назардошти таҷрибаи корӣ дар телевизион ба журналистони оянда чун обу ҳаво зарур буда, барои шинос шудан ба кори соҳа ба таври назариявӣ кумак мекунанд.

Гузаронидани дарсҳои амалӣ дар донишгоҳ метавонад барои азхудкунии машғулиятҳо ва донишҳои соҳавӣ кумак расонад. Бо назардошти он ки баъзе аз донишҷӯёни имрӯза то андозае танбал шудаанд ва вазифаҳоро пурра аз худ намекунанд, омӯзгоронро зарур аст, ки аз фурсати вақти дарс пурсамар истифода бурда, ба журналистони оянда мувофиқи шавқу ҳавсалаи онҳо барномаи таълимиро пешниҳод намоянд. Ин ҳама имконият медиҳад журналист, ки бо сухан сару кор дорад, барои ҷаззобу диққатҷалбкунанда шудани андешааш малакаи худро сайқал диҳад. «Телевизион - забонест, ки грамматика ва луғати худро дорад. Барои омӯхтани он шумо бояд машқ кунед. Фақат ҳамон вақт шумо метавонед тавассути тасвир тавре суҳбат кунед, ки тавассути калимаҳо суҳбат мекунед» [3, с.32].

Бо мурури замон, дар баробари китоб василаи дигари омӯзиш ба вуҷуд омад, ки интернет мебошад. Дар ин махзани бузург садҳо номгӯи адабиёти илмӣ - методӣ оид ба ихтисоси журналистикаи телевизион бо забонҳои гуногуни дунё мавҷуд аст, ки донишҷӯён (муҳаррирони телевизион) метавонанд аз онҳо истифода карда, қобилияту маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд. Муҳаққиқ Илҳомҷон Ҳамидиён бар ин андеша аст, ки «интернет ҳамчун воситаи ҷаҳонигардидаву универсалии ирсоли маълумоту навигариҳо барои амалӣ кардани ҳадафу мақсадҳои гуногуни алоқаманд ба иттилоъ нақши муҳим мебозад» [13, с.7].

Кори амалӣ низ метавонад, нигоҳи журналистонро ба касби интихобкардаашон комилан тағйир диҳад. Аз ин рӯ, дар асоси барномаҳои таълимӣ ҳамасола донишҷӯёни факултаи журналистика ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба ВАО, бахусус телевизион сафарбар карда мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки вақти барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ҷудошуда аз ҷониби донишҷӯён самаранок истифода намегардад. Онҳо танҳо бо пур кардани дафтарчаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ иктифо карда, як ду рӯз ба муассисаи вобасташуда мераванд, ки дар ин ҳолат онҳо наметавонанд дар ин фурсат бо кори ҳампешаҳои ояндаи худ - журналистони телевизион дар амал ошно шаванд. Албатта, ҳар як кор нозукӣ ва душвориҳои худро дорад, ки барои рафъи он дастёре лозим аст. Дар фаъолияти журналистӣ ин дастёр ба қавле ҳамон устоде ҳаст, ки таҷрибаи амалии зиёд дораду донишҷӯро бояд дастгирӣ намояд, то ки дар давоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ҳадди ақал як гузориш, ду се хабар нависад ва бо кор бо дастгоҳҳои омодасозии барномаҳои телевизионӣ, аз қабили истифодаи камера, садоафзо (микрофон), дастгоҳи танзимгарӣ (монтажный стол) сабти садо ва дигарҳо аз наздик шинос шавад. Ин ба оҳистагӣ шуруъ шуда, давоми солҳои таҷрибаомӯзӣ, ки аз курси дуюм шуруъ мешавад, албатта, бенатиҷа наметонад. “Бо дарназардошти мушкилоти сершумор дар ин самт агар журналистон аз курсии донишҷӯӣ ба тахассусҳои алоҳида ҷудо карда шуда, доир ба масъалаҳои иқтисодиву

ҳуқуқӣ, ҳарбиву сиёсӣ, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳо маълумоти кофӣ пайдо намоянд, ҳангоми суҳбат аз умумигӯиҳо даст мекашанд” [18].

Солҳои охир фазои иттилоотии Тоҷикистон бо таъсиси шабакаҳои нави телевизионӣ комилтару фарохтар гардид. Ин дар баробари таъмини фазои маънавии ҷомеа ба журналистон имконият медиҳад, ки донишҳои назариявии худро дар дилхоҳ шабакаи телевизионӣ дар амал татбиқ намоянд. “Марҳилаи дигаре, ки соҳаи радио ва телевизиони тоҷик рушду нуму кард, солҳои 2000 то 2010 –ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон телевизиони «Сафина», телевизиони кӯдакону наврасон – «Баҳористон» ва шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо» ба фаъолият оғоз карданд. Ин ҳама имконият дод, ки зиёда аз 500 нафар аз рӯйи ихтисосҳои журналист, коргардон, наворбардору муҳандис ва дигар тахассусҳои соҳаи мазкур соҳиби ҷойи кор гаштанд” [4, с.89].

Дар маҷмуъ, танҳо дар ду даҳсолаи охир дар Тоҷикистон шабакаҳои зиёди телевизионӣ аз қабили «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Синамо», «Варзиш» ва «Футбол» ба фаъолият оғоз карданд, ки фарогирии журналистонро ба кор аз рӯйи ихтисос ба маротиб беҳтар намуд, вале услуби таҳияи барномаҳо бояд ба замон мувофиқ карда шавад. Зеро бинандаи имрӯз дар ихтиёр интернет ва дигар воситаҳои онлайнӣ дорад, ки метавонад тамоми рӯйдодҳоро на аз телевизион балки аз шабакаи интернет дастрас намояд. Дар ин ҳолат нақшу мақоми журналисти телевизион дар омодасозии барномаҳои сертамошобину пурмуҳтаво хеле муҳим мегардад, ки бинандаро барои тамошо нигоҳ дошта тавонад. Агар чунин нест, пас журналисти телевизион мақому манзалати худро, ки дар адабиёти соҳавӣ дарҷ шудааст ва ин аз салоҳиятҳои ӯ бармеоянд, коста мегардонад. «Афзоиши нақши журналистика дар ҷаҳони имрӯза ба дӯши кормандони воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио, телевизион ва марказҳои иттилоотӣ) масъулияти зиёдеро мегузорад» [5, с.36].

Танҳо муҳтавои баланди барномаҳои ҷолибу диданӣ ва пайгирии воқеаву ҳодисаҳои мубрамӣ рӯз бо диду нигоҳи хос метавонад дар шароити рушди технологияҳои муосир бинандагонро ба тамошои барномаҳои телевизионӣ ҷалб созад. «…хуб навишта тавонистани журналист ҳанӯз маънои онро надорад, ки журналист ба проблемаҳои зиндагӣ пурра сарфаҳм рафтааст. Агар маҳорати касбӣ, аз як тараф, фарогирии амиқи жанрҳои журналистиро тақозо кунад, аз тарафи дигар, маърифати ҳамаҷонибаи зиндагиро мехоҳад, ки нигоҳи рӯзноманигор арзёбӣ шуда бошад» [6, с.74].

Бардошти ғизои маънавӣ аз барномаҳои телевизион дар қадами аввал ба дониш, баъдан маҳорату малакаи касбӣ вобаста мебошад. Тавре муҳаққиқ Илҳомҷон Ҳамидиён менависад: “Телевизион бояд ба таҳия ва пахши барномаҳое даст занад, ки завқи зебоипарастӣ, маънавиёт ва сатҳи маърифатнокию фарҳангии мардумро баланд бардорад ва наслҳои ояндаро дар руҳияи баланди ахлоқӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва омодабошии дифои сарзамин тарбия намояд. Вале, мутаассифона, омилҳои номбурда ҳанӯз дар шабакаҳои давлатии телевизионӣ нисбатан камтар таблиғ мешаванд” [12, с.159].

Аз ин нуқтаи назар ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо сабаби надоштани донишҳои кофии соҳавӣ барномаҳои телевизионӣ нисбатан пастмазмун омода ва пешкаши тамошобинон гардонида мешаванд ва ин ҳолат ба нигоҳдории бинанда дар назди оинаи нилгун бетаъсир намемонад.

Аз ин рӯ, тарбияи кадрҳои соҳаро Пешвои миллат дар чандин баромадҳои худ, махсусан соли 2016 ҳангоми ифтитоҳи Академияи ВАО ишора карда, таъкид намуда буданд: «Агар барномаҳои имрӯзаи телевизионро бо намоишҳои панҷ - даҳ соли пеш муқоиса кунем, албатта, мебинем, ки сатҳи омода намудани барномаҳо ва касбияти коргардону журналистон беҳтар шудааст, вале хеле кам. Чунин ба назар мерасад, ки маҳсули тафаккури эҷодӣ, истеъдоди асили офарандагони ғизои маънавӣ барои тамошобин ва шунаванда ҳанӯз ҳам ба дараҷаи қонеъкунанда нест» [19].

Ба андешаи мо, ин натиҷаи ҷанги таҳмилии шахрвандӣ аст, ки мардуми тоҷик дар анҷоми садаи XX ва оғози асри XX1 онро пушти сар намуд, ки дар натиҷа тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон ба мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Яке аз душвориҳои он давр, ки то ҳанӯз таъсири он ба мушоҳида мерасад, ин нисбатан суст шудани пояи маориф дар кишвар буд, ки бо мурури замон ин раванд ба пешрафти ҷомеа бе таъсир намонд. Аз ҷумла дар самти тайёр кардани кадрҳои ихтисосманду болаёқати соҳаи телевизион. Тавре

Зулфиддин Муъминҷонов дар мақолаи худ “Тарбияи кадрҳои ҳирфаии воситаҳои эктронии ахбори омма-талаби замон” менависад: “Дар ҳақиқат, норасоиҳои ҷудогонаи касбӣ аз барномаҳои иттилоотӣ сар карда, то барномаҳои таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеии телевизионӣ ба назар мерасад, ки он таваҷҷуҳи бинандаро ба худ ҷалб карда наметавонад” [14, с.126].

Новобаста ба ин, аз рӯзҳои нахусти мустақилияти кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон Ҳукумати мамлакат дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи зиёд равона намуд ва маорифро соҳаи афзалиятнок эълон кард. Ҳоло барои таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон ва мукаммал гардонидани донишу маҳорат ва малакаи касбии мутахассисони оянда мактабу донишгоҳ ва донишкадаҳо бо шароити хуби илмомӯзӣ амал мекунанд. Лекин таъсири замони гузашта (солҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ) ҳанӯз ҳам ба омодасозии кадрҳои соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла кадрҳо дар соҳаи ВАО, хусусан телевизион то андозае ба мушоҳида мерасад. Бахусус дар самти такмили маҳорату малакаи касбии кормандони телевизион соли 2016-ум Академияи ВАО таъсис дода шуд. “Академия то ба ҳол натиҷаҳои дилхоҳ надода истодааст. Ҳол он ки мақсади таъсиси Академияи ВАО ин такмили маҳорату малакаи касбии кормандони ВАО, аз ҷумла журналистони телевизион ва беҳтар кардани донишҳои соҳавии онҳо мебошад” [18].

Дар ҳақиқат, ташкили Академияи ВАО дар Тоҷикистон, ки маҳз дар замони мустақилияти кишвар амалӣ гардид, падидаи нек аст ва барои баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва завқи бадеии кормандони соҳаи телевизион метавонад ҳамчун базаи такмили маҳорату малака хизмат намояд. Махсусан барои барномаҳои муаллифӣ, ки қобилияту маҳорати баланди касбиро талаб менамояд, курсҳои такмили ихтисоси Академия тақозои замон мебошанд. Зеро муаллифон бо донишҳои соҳавии худ метавонанд, барномаҳои ҷолибу рангин омода ва пешниҳоди бинандагон гардонанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он омадааст, ки: “муаллиф, шахси воқеие, ки асар дар натиҷаи меҳнати эҷодии ӯ офарида шудааст” [15, с.3]. Зимнан бояд иброз кард, ки барои муҳаррирон ва муаллифони барномаҳо бояд, ҳамасола курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос гузаронида шавад, зеро журналистикаи муосир аз журналистикаи асри XX ба куллӣ тафовут дорад ва ҳар замон қонунмандиҳои он тағйир меёбанд, ки муаллифону муҳаррирон бояд аз ин навгониҳо бохабар бошанд ва дар асоси пешрафтҳои журналистикаи ҷаҳонӣ сатҳу сифати барномаҳои худро беҳтар намоянд. Вале, мутаассифона, курсҳои такмили ихтисос чандон зиёд гузаронида намешаванд. Агар курсҳои такмили ихтисос гузронида шаванд, ба онҳо коргарони қаторӣ ё ғайриштатӣ ҷалб мегарданд, ки ин ба нафъи кор нест. Дар ин ҳолат муҳаррирону муаллифон боз ҳам аз гирифтани ғизои маънавӣ дар чунин курсҳои бозомӯзӣ канор мемонанд. Шояд баъзе кормандони эҷодӣ даҳсолаҳо аз курсҳои такмили ихтисос нагузаштаанд, ки ин ҳам сабаби дур мондани онҳо аз навгониҳои илми журналистика ва донишҳои соҳавӣ мегардад.

Бо итминони қавӣ метавон гуфт, ки донишҳои соҳавӣ дар натиҷаи таҷриба, иштирок дар ҳамоишу семинар, машварат ва махсусан курсҳои такмили ихтисос тақвият меёбанд, ки ин омил ба омодасозии барномаҳои мукаммалу касбӣ бетаъсир намемонад. “Бино ба ин ниёз дар назди кумитаҳою ширкатҳои овозадори телевизионӣ курсҳои такмили ихтисос, бурсу семинарҳо амал мекунанд. Дар машғулиятҳои хосса тарзу тариқи муносибат ба воқеият, муносибати давлату аҳком ба каналҳои телевизионӣ, ҳунари интихоби объект ва навори сужа, маҳорати таъсиррасонии ахборӣ омӯзонда мешаванд. Ҳамзамон оҷонсҳо ва бахшҳои ширкатҳои машҳур барои омӯзандагони телевизион дастуру китобҳои таълимӣ таҳия ва чоп мекунанд. Аз ҷумла, чанд соли охир дар нашрияҳои «Интерпракс», «Галерея», «Тасис», «Колоквиум» аз ҷониби Интернюс Нетуорк ва дигар ширкатҳои ШМА, Британияи Кабир, Олмон, Русия як силисила китобҳо ба табъ расида, дастраси таълимгоҳҳо ва ниёзмандон гардонида шуданд. Қисми аксари ин мавод дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллӣ низ нигоҳ дошта шуда, донишҷӯён онҳоро мавриди истифода қарор медиҳанд”. Чунин нигоштааст Асадулло Саъдуллоев дар китоби худ “Асосҳои журналистикаи телевизион” [17, с.6].

20 феврали соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо доираи васеи намояндагони ВАО-и давлатӣ таъкид доштанд, ки «инъикоси саривақтии ҳодисаҳо, рӯйдоду воқеаҳои олам дар телевизион ва радио то ҳанӯз суст ба роҳ монда шудааст, аксар маврид журналистон бе тайёрии пешакӣ ба эфир мебароянд, барномаҳои таҳлилӣ оид ба

авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири равандҳои геополитикии ҷаҳон ба Тоҷикистон умуман дида намешаванд…». Дар ҳақиқат, нуктаи назари Пешвои миллат вобаста ба ин масъала қобили дастгирӣ мебошад, зеро борҳо шоҳиди бе тайёрии пешакӣ ба эфир баромадани журналистони ҷавон мегардем ва дар ин раванд ислоҳоти ҷиддӣ бояд ба роҳ монда шавад. Чунки омодагии пеш аз эфир ва омӯхтани мавзуи баррасишаванда метавонад дар ҷолибу рангин таҳия гардидани барнома ва писанди тамошобин гардидани он нақши муассир гузорад. Чунончи, дар барномаи "Соҳибҳунар", ки аз ҷониби журналист Гурухсори Маҳмуд омода гардида, ба мавзуи шуғли пурмаҳсул равона шудааст, ҳангоми тамошо аён мегардад, ки муаллиф ба мавзуъ чандон шинос нест ва суолҳо низ аз нигоҳи касбият ба талабот ҷавобгӯ намебошанд. Дар ин ҳолат бинанда чиро аз чунин барнома бояд интизор шавад? Бо чунин мазмуну муҳтаво чӣ гуна метавонад барнома таъсирбахш бошад? Дар ин ҳолат боз ҳам нақши телевизион дар самти таъсиррасонӣ ва фарогирӣ аз мавзуъҳои гуногун зери суол меравад. "Телевизион бо усули кори хеш, бо тарзу тариқи фарохонди ҳаёт ба система шабоҳат дорад, усули кори барномавӣ имкон медиҳад, ки тамоми мавзуот ва дар ҳама соҳаҳо фаро гирифта, аҳолӣ вобаста ба талабот ва муҳиммияти мавзуъ зина ба зина огоҳ карда шавад".

Дар ҳоле ки муҳаққиқон аз моҳияти огоҳсозии телевизион ҳамчун воситаи таъсиррасон ба афкори бинанда, таъкид мекунанд, таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки дар баъзе маврид журналистон ба мавзуъ шинос нестанд, ба мусоҳиб суолҳои умумию обшуста медиҳанд. Шояд даҳҳо чунин барномаҳоро мисол оварда, ки бо сифати паст омода гардида, бо сабаби камбуди мавод дар эфир пахш гардидаанд.

Ҳамин тариқ, телевизион бояд расонандаи иттилоот бошад, вале рисолати журналист фақат бо нишон додани ҳодисаву воқеоти рӯйдода ба анҷом намерасад. Таҳлилу баррасӣ, ояндабинӣ ва дурнамо, инчунин роҳи ҳалли мушкилоту масъалаҳо дар барномаҳои телевизионӣ бояд нишон дода шаванд, ки ин аз журналист донишҳои қавии соҳавиро талаб мекунад. Бо назардошти мушкилоти сершумор дар ин самт агар журналистон аз курсии донишҷӯӣ ба тахассусҳои алоҳида ҷудо карда шуда, доир ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ҳарбиву сиёсӣ, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳо маълумоти кофӣ пайдо намоянд, ҳангоми суҳбат аз умумигӯиҳо даст мекашанд.

Муқарриз: ***Ҳамидиён И.И.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллобек Г., Бекзод Х. Чеҳраҳои садо ва симо / Г.Абдуллобек, Х.Бекзод. – Душанбе, 2010. – 244 с.
2. Абдусалом Р. Наттоқ - чеҳраи телевизион / Р. Абдусалом Р. – Душанбе, 2008. – 226 с.
3. Браун, Д.Р. Навид ва ақаллиятҳои миллӣ / Д.Р. Браун, Ч.М. Файерстоун, Э.Митскевич. – Душанбе, 2002. – 184 с.
4. Журналистикаи байналхалқӣ. – Душанбе, 2008. – 64 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он». Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар бораи андозаҳои ҳадди ақали қалами муаллиф. – Душанбе, 2008. – 120 с.
6. Нуъмонов А. Журналистика дар Тоҷикистон / А.Нуъмонов, Ф.Ҷунайдов. – Душанбе, 2006. – 136 с.
7. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот / А.Нуралиев. – Душанбе, 2004. – 146 с.
8. Мирзоев, И. Рукни чорум. Ёддоштҳо аз Телевизиони Тоҷикистон / И.Мирзоев. – Душанбе, 2006. – 228 с.
9. Муқим Ҷ. Дастур барои радиожурналистони ҷавон / Ҷ.Муқим, А.Нуъмонов. – Душанбе, 2008. – 96 с.
10. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – 312 с.
11. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши аввал / А.Саъдуллоев, М.Шоев. – Душанбе, 2005. – 76 с.
12. Хамидиён, И.И. Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана / И.И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.
13. Ҳамидиён, И.И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо / И.И. Ҳамидиён, Низом, Фирдавс. – Душанбе, 2022. – 268 с.
14. Усмонов, И.К. Журналистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
15. Хоҷазод, С. Таърихи Радиои Тоҷикистон. Қисми дуюм / С.Хоҷазод. – Душанбе, 2006. – 220 с.
16. Шералӣ, М. Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих / М.Шералӣ. – Душанбе, 2011. – 196 с.
17. Эшматов, З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон / З.Эшматов. – Душанбе, 2016. – 128 с.
18. http://president.tj/node/19441?fbclid=IwAR1EeiUdxsObxIRsKEU5oAjXIl_lJ7FiQsFVlV0Ga0GhVAxXcDPfQjm_dt8
19. http://president.tj/node/10829?fbclid=IwAR2oiBCzGLvkzt7PYVAdML1l1QO6s5cu0pwtvDDaEty_RcF6LlGvlgFFDgU

НАҚШИ ДОНИШҲОИ СОҲАВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЖУРНАЛИСТИ ТЕЛЕВИЗИОН

Донишҳои соҳавии журналистони телевизион, ки пас аз хатми мактаби миёна ба донишгоҳҳо меоянд, дар муассисаҳои олии таълимӣ асосан дар ҷараёни омӯзиш ба вуҷуд меоянд. Дар баробари омӯзгорони дорои тафрибаи муосир, ки машғулият ва дарсҳоро шавқовару диққатҷалбкунанда мегузаронанд, адабиёти илмӣ - методӣ, маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва дигар манбаъҳо донишҳои касбии журналистонро метавонад ба маротиб боло бурда, касбияти онҳоро тақвият бахшанд. Гузаронидани дарсҳои амалӣ дар донишгоҳ метавонад барои азхудкунии машғулиятҳо ва донишҳои соҳавӣ кумак расонад. Бо назардошти он ки баъзе аз донишҷӯёни имрӯза то андозае танбал шудаанд ва вазифаҳоро пурра аз худ намекунанд, омӯзгоронро зарур аст, ки аз фурсати вақти дарс пурсамар истифода бурда, ба журналистони оянда мувофиқи шавқу ҳавсалаи онҳо барномаи таълимиро пешниҳод намоянд. Солҳои охир фазои иттилоотии Тоҷикистон бо таъсиси шабакаҳои нави телевизионӣ комилтару фарохтар гардид. Ин дар баробари таъмини фазои маънавии ҷомеа ба журналистон имконият медиҳад, ки донишҳои назариявии худро дар дилхоҳ шабакаи телевизионӣ дар амал татбиқ намоянд. Бо сабаби надоштани донишҳои кофии соҳавӣ барномаҳои телевизионӣ нисбатан пастмазмун омода ва пешкаши тамошобинон гардонида мешаванд ва ин ҳолат ба нигоҳдории бинанда дар назди оинаи нилгун бетаъсир наемонад. Бо итминони қавӣ метавон гуфт, ки донишҳои соҳавӣ дар натиҷаи тафриба, иштирок дар ҳамоишу семинар, машварат ва махсусан курсҳои такмили ихтисос тақвият меёбанд, ки ин омил ба омодасозии барномаҳои мукаммалу касбӣ бетаъсир наемонад. Таҳлилу баррасӣ, ояндабинӣ ва дурнамо, инчунин роҳи ҳалли мушкилоту масъалаҳо дар барномаҳои телевизионӣ бояд нишон дода шаванд, ки ин аз журналист донишҳои қавии соҳавиро талаб мекунад. Бо назардошти мушкилоти сершумор дар ин самт агар журналистон аз курсии донишҷӯӣ ба тахассусҳои алоҳида ҷудо карда шуда, доир ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ҳарбиву сиёсӣ, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳо маълумоти кофӣ пайдо намоянд, ҳангоми суҳбат аз умумигӯиҳо даст мекашанд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, донишҳои соҳавӣ, телевизион, таҳлил, таҳқиқ, соҳа, «Истиқбол аз Истиқлол», “Нештар”, таҳсили журналистӣ.

РОЛЬ ОТРАСЛЕВЫХ ЗНАНИЙ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТЕЛЕЖУРНАЛИСТА

Проф ессиональные знания тележурналистов, поступающих в вузы после окончания общеобразовательной школы, в основном формируются в процессе обучения в высших учебных заведениях. Наряду с преподавателями с современным опытом, которые интересно проводят обучение и занятия, научно-методическая литература, сборник научных статей и другие источники могут повысить профессиональные знания журналистов и укрепить их профессионализм. Проведение практических занятий в университете может помочь приобрести навыки и знания в данной области. Принимая во внимание, что некоторые из сегодняшних студентов несколько ленивы и не в полной мере справляются с заданиями, преподавателям необходимо эффективно использовать возможности учебного времени и представить будущим журналистам образовательную программу в соответствии с их интересами и мотивацией. В последние годы информационное пространство Таджикистана стало более полным и широким с появлением новых телеканалов. Наряду с обеспечением духовной атмосферы общества это позволяет журналистам применять свои теоретические знания на практике на любом телеканале. Из-за отсутствия достаточных знаний в данной области телевизионные программы готовятся и представляются зрителям с относительно низким содержанием, и такое положение не влияет на внимание зрителя перед экраном. С большой уверенностью можно сказать, что знания в данной области закрепляются в результате опыта, участия в конференциях и семинарах, консультациях и особенно курсах повышения квалификации, что не влияет на подготовку комплексных и профессиональных программ. Анализ, предвидение и перспектива, а также пути решения проблем и вопросов должны быть показаны в телепрограммах, что требует от журналиста прочных знаний в данной области. Учитывая множество проблем в этом направлении, если журналистов готовить по отдельным специальностям и получать достаточно информации по экономико-правовым, военно-политическим, культурно-образовательным вопросам и другим отраслям, они перестанут говорить общими словами.

Ключевые слова: Таджикистан, отраслевые знания, телевидение, анализ, исследование, отрасль, «Истикбол аз Истиклол», «Нештар», журналистское образование.

THE ROLE OF INDUSTRY KNOWLEDGE IN ACTIVITIES OF A TV JOURNALIST

The professional knowledge of TV journalists entering universities after graduating from secondary school is mainly formed in the process of studying at higher educational institutions. Along with teachers with modern experience who conduct training and classes in an interesting and interesting way, scientific and methodological literature, a collection of scientific articles and other sources can enhance the professional knowledge of journalists and strengthen their professionalism. Conducting practical classes at the university can help to acquire skills and knowledge in this field. Taking into account that some of today's students are somewhat lazy and do not fully cope with the tasks, teachers need to effectively use the opportunity of study time and present an educational program to future journalists in accordance with their interest and motivation. In recent years, Tajikistan's information space has become more complete and broad with the advent of new TV channels. Along with providing a spiritual atmosphere of society, this allows journalists to apply their theoretical knowledge in practice on any TV channel. Due to the lack of sufficient knowledge in this area, television programs are prepared and presented to viewers with relatively low content, and this situation does not affect the viewer's attention in front of the mirror. It can be said with great confidence that knowledge in this field is consolidated as a result of experience, participation in conferences and seminars, consultations and especially advanced training courses, which does not affect the preparation of comprehensive and professional programs. Analysis, foresight and perspective, as well as ways to solve problems and issues should be shown in TV programs, which requires a journalist to have solid knowledge in this field. Given the many problems in this direction, if journalists are separated from the university by individual specialties and receive

enough information on economic and legal, military-political, cultural and educational issues and other industries, they will stop talking about common words.

Key words: Tajikistan, industry knowledge, television, analysis, research, industry, "Istiqbol az Istiqlol", "Neshtar", journalistic education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоҷов Амрохон Эмомалиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kabarnigor2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-84-90-06, 937-84-90-06**

Сведения об авторе: ***Тоджов Амрохон Эмомалиевич*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистик. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. E-mail: **kabarnigor2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-84-90-06, 937-84-90-06**

Information about the author: ***Tojov Amrokhon Emomalievich*** - Tajik National University, Candidate of the Department of Television and Broadcasting Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Str. 17. E-mail: **kabarnigor2010@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-84-90-06, 937-84-90-06**

ТДУ: 070:654.197

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ТЕЛЕВИЗИОНИ БИ-БИ-СИ

Мирзоева Н.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот, радио ва телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон бо чизи дигар муқоиса кард. Дар асл ВАО сохтори муҳимме мебошад, ки дар иттилоънокии ҷомеа саҳми арзандае гузоштааст. Беҳуда ВАО-ро ҳокимияти чорум нагуфтаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ин хусусияти ВАО тамоми ҷанбаҳои ҳаёти имрӯзаро дар бар мегирад. Хоҳ телевизион, хоҳ радиову нашрия дар иттилоърасонӣ ҷузъи муҳимро соҳибанд. Аз ин ҷост, ки дар барорбари телевизонҳои худӣ, нақши телевизионҳои байналмилалӣ дар таҳкимбахшӣ ва афзалиятнокии иттилоъ саҳми боризе дорад. Телевизиони Би-Би-Си намунаи яке аз онҳо мебошад, ки аввалин маротиба 18-уми октябри соли 1922 ҳамчун British Broadcasting company (*Ширкати радиошунавонӣ ва телевизионии Британия*) дар назди ширкати хусусии Marconi's Wireless Telegraph Company (*Ширкати хусусии Марконис Телеграф*) таъсис дода шудааст. Ин ширкат нахустин корҳои худро аз мавҷҳои радиоӣ 14-уми феврали соли 1922 оғоз намудааст. Аввалин радиостансияҳои он бо мавҷи 2MT дар Ғарби Британияи Кабир ба кор даромада буданд. Пас аз ин боз якчанд радиостансияҳои дигар низ ба фаъолият даромаданд. Ба монанди:

- Metropolitan Vickers Electrical Company; (*Ширкати электрикии Метрополиан Викерс*);
- Radio Communication Company; (*Ширкати радиошунавонӣ*)*;*
- The British Thomson – Houston Company; (*Ширкати Хюстон-Томсони Британӣ*);
- The General Electric Company (*Ширкати Электрикии Генералӣ*);
- Western Electric Company (*Ширкати Электрикии Вестерн*) [2].

Солҳои 1922-1924 ширкати Би-Би-Си дар мавҷҳои миёна як қатор радиостансияҳои минтақавиро ба кор даровард, ки ба монанди 2LO дар Лондон (14-уми ноябри соли 1922), 5IT дар Ғарби Мидленд (15-уми ноябри соли 1922), 2ZY дар шимолу ғарби Англия (23-юми ноябр), 5NO дар шимол ва шарқи Англия (24-уми декабри соли 1922), 5WA дар Уелсе (13-уми феврали соли 1923), 5SC дар Шотландия (6-уми марти соли 1923), 2FL дар Йоркшар ва Ҳамбер (16-уми ноябри соли 1923), 5PY дар ҷануб ва ғарби Англия (28-уми марти соли 1924), 2BE дар шимоли Ирландия (16-уми сентябри соли 1924) ва 5NG дар шарқи Англия (16-уми сентябри соли 1924) [14, с.25].

Ҳамин тавр, 1-уми январи соли 1927 ширкати мазкур мақоми ҷамъияти гирифта, аз номи пешинааш яъне аз British broadcasting company (*Ширкати Радиошунавонӣ ва телевизионии Британия*) ба Корпоратсияи радиошунавонии Британия British broadcasting corparation (*Иттиҳоди радиошунавонӣ ва телевизионии Британия*) Би-Би-Си табдил ёфт. Ин Корпоратсия ҳуқуқи инҳисорӣ дошт, ки дар тамоми қаламрави Англия ва Ирландияи Шимолӣ барномаҳояшро пахш мекард [7, с.75].

Аввалин директори генералии Ширкати Би-Би-Си Ҷон Рейд буд, ки ӯ вазифаи мазкурро аз соли 1922 то соли 1938 ба уҳда дошт. Баъдан дар солҳои 1938-1942 - Ф.В. Огилвай, солҳои 1942-1943 – Сейки Гревз, солҳои 1943-1944 – Р.В. Фут, солҳои 1944-1952 – Ян Якоб, солҳои 1960-1969 – Ҳ.К. Грин, солҳои 1969-1977 – Ҷарз Кюран, солҳои 1977-1982 – Майкел Чекланд, солҳои 1982-1987 – Аласдайр Милн, солҳои 1987-1992 – Майкел Чедланд, солҳои 1992-2000 - Ҷон Брид ва солҳои 2000-2004 – Грег Дайк директори генералӣ буданд. Ҳоло аз соли 2004 то ин ҷониб вазифаи директори генералии Ширкати Би-Би-Сиро Марк Томпсом ба дӯш дорад.

Аввалин маротиба 2-юми августи соли 1932 телевизиони Би-Би-Си аз ҷониби Бэрд ба кор дароварда шуд. Ин телевизион бо ёрии системаҳои хурди электротехникӣ ба фаъолияти худ шуруъ намудааст. Аз соли 1934 сар карда, хабаррасонӣ тавассути телевизион мунтазам ва баъзан дар доираи маҳдуд сурат гирифт.

Аввалин канали он соли 1936 бо номи BBC Television Service (*Телевизиони хизматарсонии Би-Би-Си*) ба кор шуруъ намуд ва ин нахустин канал дар Британияи Кабир ба ҳисоб мерафт. То саршавии Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ тамошобинони ин канал аз 25 то 40 ҳазор хонаро ташкил медоданд.

Дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва давраи баъд аз ҷанг солҳои (1939-1955) канали BBC National Programme (*Барномаҳои милли Би-Би-Си*) аз фаъолият боз монд. Дар давраи

Ҷанги Дуюми Ҷаҳон боз якчанд радиостансияҳое фаъолият карданд, ки баъди ҷанг номҳояшонро иваз намуданд, аз он ҷумла соли 1944 BBC Forces Programme (*Барномаҳои Би-Би-Си Форс*) ба BBC General Forces Programme (*Барномаҳои Би-Би-Си Генерал Форс*), BBC Regional Programme (*Барномаҳои минтақавии Би-Би-Си*) ба BBC Home Service (*Би-Би-Си Хизматрасонии Хонагӣ*) табдил ёфтанд. Соли 1945 ширкати BBC (*Би-Би-Си*) ба ҷойи BBC General Forces Programme (*Барномаҳои Би-Би-Си Генерал Форс*) боз як радиостансияи навро бо номи BBC Light Programme (*Барномаҳои Би-Би-Си Лайт*) ба кор андохт.

Дар соли 1946 аз стансияи Александра – Палас телевизиони хабаррасони BBC (*Би-Би-Си*) боз кори худро шуруъ кард. Ва худи ҳамин сол ширкати Би-Би-Си – сеюмин радиоканали худро дар мавҷҳои дароз бо номи «BBC Thrid Programme» (*Барномаҳои Сеюми Би-Би-Си*) ба фаъолият даровард.

Сар додани радиошунавонӣ ва телевизиони ранга дар солҳои 1955- 1991 сурат гирифт. Соли 1962 аз ҷониби кумитаи хабаррасонӣ санҷиши барномаҳои телевизионӣ гузаронида шуд, ки дар он ҳамаи телевизионҳо ширкат доштанд аз он ҷумла телевизиони Би-Би-Си ва телевизиони ITV (*АйТиВи*). Аз ҷониби кумита ба телевизиони Би-Би-Си баҳои баланд дода шуд. Чунки телевизиони Би-Би-Си бо сифати барномаҳои худ аз дигар телевизионҳо фарқ мекард. Вале телевизиони ITV (*АйТиВи*) – ро аз ҷиҳати сифати паст доштани барномаҳояш таҳдид намуданд. Дар натиҷа ба телевизиони Би-Би-Си иҷозат доданд, ки боз як канали дигари худро ба фаъолият дарорад.

Соли 1964 телевизиони Би-Би-Си номи худро иваз намуд ва он бо номи BBC1 (*Би-Би-Си Як*) иваз карда шуд. Баъд аз ин худи ҳамин сол телевизиони Би-Би-Си канали дигари худро бо номи BBC2 (*Би-Би-Си Ду*) ба фаъолият даровард. Телевизиони Би-Би-Си аз ҷиҳати сифати баланд доштани барномаҳояш дар Британияи Кабир сазовори ҷойи аввал гардида буд ва дар ҷойи дуюм бошад Телевизиони ITV (*АйТиВи*) меистод.

Телевизиони Би-Би-Си дар нақша дошт, ки 20-уми апрели соли 1964 канали дигари худро дар Лондон ба кор шуруъ намояд. Аммо худи ҳамин сол дар истгоҳи барқии Battersea (*Баттерсиа*) сӯхтори бузурге ба вуҷуд омад, ки он қисми зиёди шаҳри Лондонро аз қувваи барқ маҳрум сохт, аз ҳамин сабаб ширкати Би-Би-Си натавонист, канали дигари худро тибқи нақшааш ба кор дарорад. Аз сабаби набудани қувваи барқ кушодашавии канали нави Би-Би-Си дар шаҳри Лондон тавассути шамъ гузаронида шуд. Канали BBC TWO (*Би-Би-Си Ду*) хабарҳои одиро нишон намедод. Бештари хабарҳояш хусусияти иҷтимоӣ, сиёсӣ доштанд, чун он замон муносибатҳо хеле тезу тунд буданд.

Дар соли 1967 BBC Home Service (*Хонаи хизматрасонии телевизиони Би-Би-Си*) номи худро иваз намуд ва он ба BBC Radion (*Би-Би-Си Радион*) табдил ёфт. Худи ҳамин сол як қатор каналҳои дигар номҳояшонро иваз намуданд, аз он ҷумла BBC Light Programme (*Барномаи Би-Би-си Лайт*) ба BBC Radio2 (*Би-Би-Си Радиои Дуюм*), барномаи Би-Би-Си – ба BBC Radio3 (*Би-Би-Си Радиои Сеюм*) иваз карда шуданд.

Ширкати Би-Би-Си бо суръати тез радиоканалҳои худро ба фаъолият медаровард. Аз соли 1967 сар карда дар мавҷҳои миёна радиоканали чоруми – BBC Radio (*Би-Би-Си Радио*) каналҳои худро дар мавҷҳои ултракӯтоҳ сар дод. Аз соли 1967 сар карда радиостансияҳои минтақавии BBC Radio (*Би-Би-Си Радио*) – BBC Radio Sheffield (*Би-Би-Си Радио Шефилд*), BBC Radio Leicester (*Би-Би-Си Радио Лейкестер*), BBC Radio Merseyside (*Би-Би-Си Радио Мересайд*) ва аз соли 1968 BBC Radio Store (*Би-Би-Си Радио Стор*), BBC Radio Leeds (*Би-Би-Си Радио Лидз*), BBC Radio Durham (*Би-Би-Си Радио Дурҳам*), BBC Radio Nottingham (*Би-Би-Си Радио Нотингҳам*), BBC Radio Brighton (*Би-Би-Си Радио Бринтон*) ва BBC Sussex (*Би-Би-Си Сасекс*) то ин ҷониб фаъолият доранд. 15-уми ноябри соли 1969 ширкати Би-Би-Си дубли канали телевизиони BBC ONE (*Би-Би-Си Якум*) – ро дар нусхаи PAL ба фаъолият даровард [16, с.10].

Дар соли 1970 бошад, ширкати Би-Би-Си боз як қатор радиостансияҳои минтақавии худро ба монанди BBC Radio Machester (Би-Би-Си Радио Манчестр), BBC Radio Oxford (*Би-Би-Си Радио Оксфорд*), BBC Radio Solent (*Би-би-си Радио Солент*), BBC Radio Kent (*Би-Би-Си Радио Кент*), BBC Radio Bristol (*Би-Би-Си Радио Бристол*), BBC Tees (*Би-Би-Си Тиз*), BBC WM (*Би-Би-Си ДаблюЭм*), BBC Radio London (*Би-Би-Си Радио Лондон*) ва соли 1971 – BBC Radio Derby (*Би-Би-си Радио Дерби*), BBC Radio Humberside (*Би-Би-Си Радио ҲамберСайд*), BBC Radio Lancashire (*Би-Би-Си Ленкошайр*), BBC Radio Newcastle (*Би-Би-Си Радио Нюкастл*) ва соли 1973 – BBC Radio Carlisle (*Би-Би-Си Радио Карлайср*) ба кор даровард.

Аз 8-уми октябри соли 1973 дар тамоми минтақаи Британияи Кабир ширкати Би-Би-Си аз он ҷумла дар Лондон радиостансияҳои худро ба кор даровард. Би-Би-Си аз корхонаи инҳисорӣ ба як ширкати мустақил табдил ёфт. 4-уми июни соли 1987 ширкати Би-Би-Си якчанд телеканалҳои худро ифтитоҳ намуд. Яке аз телеканалҳои байналмилалии ин ширкат BBC TV Europe (*Би-Би-Си Ти Ви Аврупо*) буд, ки 11-уми марти соли 1991 номашро иваз намуда, ба BBC World Service Television (*Телевизиони Би-Би-Си Хизматрасонии Ҷаҳонӣ*) табдил дод. Аз 30-юми январи соли 1994 ин телеканал ба ду қисм тақсим карда шуд.

Якум - BBC World (*Би-Би-Си Ҷаҳонӣ*), ки баъдтар 21-уми апрели соли 2008 ба BBC World News (*Хабарҳои ҷаҳонии Би-Би-Си*) ва BBC Prime (*Би-Би-Си Прайм*) табдил дода шуд.

11-уми ноябри соли 2009 BBC Entertainment (*Би-Би-Си Фарогатӣ*) аз 1-уми декабри соли 2004 то 6-уми апрели соли 2006 ба самти Ҷопон равона шуда, як канали дигареро бо забони ҷопонӣ бо номи BBC Japan (*Би-би-Си Ҷопон*) рӯйи экранҳои телевизор баровардand.

19-уми июли соли 2002 телеканалҳои дигар низ илова гардиданд, аз он ҷумла (26-уми декабри соли 2008) BBC Food (*Би-Би-Си Ошпазӣ*), 11-уми июли соли 2007 BBC Lilestyle (*Би-Би-Си Тарзи ҳаёти солим*) ва BBC Knowledge (*Би-Би-Си Дониш*).

Ширкати Би-Би-Си дар авҷи инкишоф ва тараққиёти хуб буд. Чунки ҳар сол каналҳои нави худро ба самтҳо ва соҳаҳои гуногун пешкаши тамошобинони худ мегардонид.

Дар солҳои 1997-1998 шабакаҳои нави дигар бо номҳои BBC News (*Би-Би-Си Хабарҳо*), 9-уми ноябри соли 1997 BBC Choice (*Би-Би-Си Интихобӣ*), 23-юми сентябри соли 1998 BBC Three (*Би-Би-Си Сеюм*), 9-уми феврали соли 2003 BBC Knowledge (*Би-Би-Си Дониш*), 1 –уми июни соли 1999 BBC Four (*Би-Би-Си Чорум*), 2-юми марти соли 2002 CBBC (*Си-Би-Би-Си*), 11-феврали соли 2002 ба кор дароварда шуданд. 15-уми ноябри соли 1998 бошад, телеканалҳои рангаи худро дар эфирҳои спутникии каналҳои Би-Би-Си дар стандарти DVB – T ба фаъолият даровард.

1-уми декабри соли 2007 ширкати Би-Би-Си каналҳои худро бо стандарти 1080i пахш намуд. 2-юми декабри соли 2009 бошад, канали Би-Би-Си HD дар стандарти DVB – T2 дублҳои худро ба рӯйи экранҳои оинаи нилгун оварد.

Аз 3-юми ноябри соли 2010 сар карда Телевизиони Би-Би-Си телеканалҳои дигари худро рӯйи экранҳо бо номи BBC ONE HD (*Би-Би-Си Якум HD*) – ва BBC TWO HD (*Би-Би-Си Дуюм HD*) бо стандарти 1080i бароварد.

Дар давоми ин солҳо ширкати Би-Би-Си мушоҳида мекунад, ки талаботи мардум барои радиошунавоӣ коҳиш ёфтааст, аз ин хотир тасмим гирифтанд, ки фаъолияти баъзе каналҳои радиоиро қатъ кунад.Чун аудитория мехост, ки ҳамаи хабарҳо тавассути телевизион пахш карда шаванд.

Ҳамин тавр, ширкати ҷаҳонии Би-Би-Си тасмим гирифт, ки каналҳои радиошунавоии худро, ки бо даҳҳо забонҳои хориҷӣ ба қисматҳои дурдаст хабаррасонӣ менамуданд, фаъолияташонро боз дорад. Аз бастани чунин каналҳои радиошунавоӣ ширкати Би-Би-Си тавонист буҷети худро каме ҳам бошад, зиёд гардонад. Ин боиси он гардид, ки 11-уми марти соли 2008 ширкати Би-Би-Си боз як канали худро дар минтақаҳои давлатҳои араб бо забони арабӣ бо номи BBC Arabic Television (*Телевизиони Арабии Би-Би-Си*) ба кор дарорад.

Ширкати Би-Би-Си тули ин солҳо теъдоди каналҳояшро кам кардан гирифт, аз он ҷумла хабаррасонӣ тавассути радиошунавоӣ дар Марказҳои Аврупо, ки бо забонҳои булғорӣ, венгрӣ, грекӣ, полякӣ, словакӣ, хорватӣ ва чехӣ хизматрасонӣ менамуданд, баста шуданд. Ҳамин тавр, дар қисматҳои Бразилия низ радиошунавоӣ баста шуд. Баррасии барномаҳо тавассути телевизион босуръат авҷ мегирифт.

Ширкати Би-Би-Си нақшаҳои зиёд дошт ва тасмим гирифт, ки барои форсизабонони дунё каналеро бо забони форсӣ пешниҳод намояд. Ҳамин тавр ҳам шуд, ширкати ҷаҳонии Би-Би-Си тавонист, ки нақшаашро амалӣ гардонад. 14-уми январи соли 2009 каналеро бо номи BBC Persian Television (*Телевизиони Форсии Би-Би-Си*) бо забони форсӣ ба кор даровард. Аз солҳои 2000 сар карда ин солҳоро солҳои авҷи Телевизиони Би-Би-Си номидаанд. 29-уми феврали соли 2012 ширкати ҷаҳонии Би-Би-Си 90-солагиашро бо шукуҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифт.

Соли 2014 бошад, боз якчанд телеканалҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла BBC First (*Би-Би-Си Якум*) ва соли 2015 BBC Brit (*Би-Би-Си Британия*) ва BBC Earth (*Би-Би-Си Замин*) – ро ба кор даровард.

Муддати нисбатан тулонӣ Би-Би-Сӣ нишони доимӣ надошт. Соли 1936, вақте ки барномаҳои телевизионӣ сар шуданд, нишонаи он дар фосилаи гуногуни санҷишӣ ё бо

ҳарфҳои оддӣ пур карда мешуданд. Дар соли 1953 Геймз Абром дар руҳияи замон логотип кашид, ки лақаби «болҳои кӯршапарак» - ро гирифт. Дар маркази логотип як кураи гардиш буд ва барои Би-Би-Си дар Шотландия шер дар марказ ҷойгир карда шуда буд. Ғояи логотип, ки 30-уми сентябри соли 1963 дар экран пайдо шуд аз ҳама дарозтар истифода бурда мешуд. Диктор калимаҳои «Ин телевизиони Би-Би-Си» - ро ба забон меовард, зеро дар пасманзараи ҷаҳони чархзананда ҳарфҳои кунҷии «BBC TV» пайдо шуданд. Соли 1997 ҳарфҳо ба ҳам мувофиқат карданд, танҳо ду ранг яъне ранги сиёҳу сафед боқӣ монданд. Ба тариқи қонунӣ ширкати Би-Би-Си тибқи оиннома фаъолият мекунад, оинномае, ки мувофиқи он корпоратсияҳои Британияи Кабир вуҷуд доранд. Оинномаи Би-Би-Си ки ҳадафҳо, нақшаҳо ва сохтори ширкатро муайян мекунад, бори аввал соли 1927 эътибор пайдо кард. Он дар ҳар даҳ сол аз нав мешавад. Би-Би-Си як ширкати оинномавӣ буда, саҳмдорон надорад. Бо роҳбари Шуро директорони Би-Би-Си (BBC Trust; то соли 2007 – Шурои мудирон), иборат аз 12 нафар шахсони боэътимод, ки аз ҷониби Маликаи Англия бо пешниҳоди Девони Вазирон таъин карда шудаанд, мақомоти иҷроия ва Шурои иҷроия бошад, ки аз ҷониби раёсат таъин карда мешавад. Аз ҷониби директорон бошад мансабдори баландтарин директори генералии Би-Би-Си мебошад. Ширкати Би-Би-Си аз рӯйи шумораи кормандон дар ҷаҳон тақрибан 20 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Маблағгузории буҷаи ин ширкат тавассути андози махсус ташкил карда мешавад, ки онро ҳамаи сокинони Британияи Кабир, ки телевизион доранд пардохт мекунанд. Ҳар сол ин маблағ 2,8 миллиард фунт стерлингро ташкил медиҳад (қариб 5,4 миллиард доллар: дар соли 2005 7, 205 миллиард доллар).

Сохторҳои истеҳсолӣ

- Мудирияти ахбор ва корҳои кунунӣ (*BBC News*);
- Дирексияи телевизион (*BBC Television*)
- Дирексияи радио ва мусиқӣ (*BBC Radio*)
- Дирексияи варзиш (*BBC Sport*)
- Дирексияи обу ҳаво (*BBC Weather*)
- Дирексияи филмҳои телевизионӣ (*BBC Films*)
- Дирексияи барномаи ҷаҳонӣ (*BBC World Service*)
- Дирексияи тарроҳии бадеӣ (*BBC Design & Engineering*)
- Бойгонии Би-Би-Си (*BBC Archives*)

Студияҳои минтақавӣ

- Би-Би-Сии Шарқӣ (*BBC East*)
- Би-Би-Сии Мидлендси Шарқӣ (*BBC East Midlands*)
- Би-Би-Сии Лондон (*BBC London*)
- Би-Би-Сии Шимолу Шарқӣ ва Камбрия (*BBC North East and Cumbria*)
- Би-Би-Сии Шимолу Ғарбӣ (*BBC North West*)
- Би-Би-Сии Ҷанубӣ (*BBC South*)
- Би-Би-Сии Ҷанубу Шарқӣ (*BBC South East*)
- Би-Би-Сии Ҷанубу Ғарбӣ (*BBC South West*)
- Би-Би-Сии Ғарбӣ (*BBC West*)
- Би-Би-Сии Мидлендси Ғарбӣ (*BBC West Midlands*)
- Би-Би-Сии Йоркшайр (*BBC Yorkshire*)
- Би-Би-Сии Йоркшайр ва Линколншайр (*BBC Yorkshire and Lincolnshire*)
- Би-Би-Сии Шотландия (*BBC Scotland*)
- Би-Би-Сии Уэлс (*BBC Wales*)
- Би-Би-Сии Ирландияи Шимолӣ (*BBC Northern Ireland*) [16, с.35].

Коркарди мусиқӣ барои Би-Би-Си аз ҷониби оркестори синфонии Би-Би-Си, оркестри консертии Би-Би-Си ва хори синфонии Би-Би-Си иҷро карда мешавад. Вай созмондиҳандаи ҷашнвораи мусиқии Би-Би-Си Промс, инчунин овоздиҳии Соунд ва BBC Sportsmen of the Year (*Барномаи Варзишӣ дар сол*) мебошад. Би-Би-Си моликияти BBC Worldwide (*Би-Би-Си Ҷаҳонӣ*) мебошад, ки дар навбати худ BBC Knowledge (*Би-Би-Си Дониш-канали таълимӣ*), BBC Lifestyle (*Тарзи ҳаёти солим*), BBC Entertaiment (*Канали фарогатӣ*), BBC First ва BBC Brit (*Каналҳои филм*), BBC Earth (*Канали ҳуҷҷатӣ*), BBC America (*Канал барои Австралия ва Зеландияи Нав*) дохил мешаванд. Толори лексияи шумораи умумии ҳамаи иштирокчиёни Хадамоти Филиали Ҷаҳонӣ аз 150 000 000 зиёд аст. Дар соли 1999 аудиторияи бахши русии

Би-Би-Си дар як ҳафта дар 6 000 000 нафарро ташкил медод. Дар Иттиҳоди Шуравӣ бошад барномаи хабарии «Нигоҳ аз Лондон» ва шарҳҳои рӯз аз ҷониби Анатолий Максимович Голдберг хеле маъмул буданд. Идораи марказии бахши барномаҳо аз маркази телевизиони Лондон то соли 2013 пахши телевизионӣ аз маркази телевизионии Лондон, раиошунавонӣ аз хонаи радио Лондон амалӣ карда мешавад.

Шабакаҳои телевизионӣ ва радиои Би-Би-Си соҳиби ду канали заминӣ ва се канали кабелӣ, моҳвораӣ, рақамӣ дар Британия панҷ шабакаи аналогӣ ва панҷ радиои рақамӣ, якчанд сайтҳои интернетӣ ва тақрибан дорои чиҳил маҷалла мебошад. Дар дохили Британия Би-Би-Си беш аз 20 шабакаи гуногуни телевизиони миллӣ доир ба мавзуъҳои умумӣ дорад. BBC One (*Би-Би-Си Якум*) канали иттилоотии телевизонӣ мебошад (се хабар дар рӯзҳои корӣ) бо замимаҳои минтақавӣ:

- BBC One East (*Англияи Шарқӣ*);
- BBC One London (*Лондони бузург*);
- BBC One North East & Cumbria (*Англияи Шимолӣ-Шарқӣ*)
- BBC One North West (*Англияи Шимолӣ-Ғарбӣ*)
- BBC One South East (*Англияи Ҷанубӣ-Шарқӣ*)
- BBC One South (*Англияи Ҷанубӣ-ғарбӣ*)
- BBC One South West (*Дар Шимолу Шарқ*)
- BBC One West (*Дар Шарқ*)
- BBC One West Midlands (*Миндленди Ғарбӣ*)
- BBC One East Midlands (*Ҷанубии Мидленд*)
- BBC One Yorkshire & Lincolnshire (*Йоркшир ва Ҳамбер*)
- BBC One Yorkshire (*Йоркшайр*)
- BBC One Northern Ireland (*Ирландияи Шимолӣ*)
- BBC One Scotland (*Шотландия*)
- BBC One Wales (*Уэлс*)

Фаъолияти ҳамарӯзаи Би-Би-Си аз ҷониби 16 бахши гуногун идора карда мешавад. Роҳбарии умумии ҳаррӯзаро Шурои директорон анҷом медиҳад, ки ҳоло ба он 9 директор ва директори генералӣ шомиланд.

BBC Two (*Би-Би-Си Дуюм*) – каналаи фароғатӣ ва иттилоотӣ мебошад (як бюллетени хабарӣ дар рӯзҳои корӣ), ки дар тамоми минтақаҳои Британия тавассути канали заминӣ (рақамӣ (DVB-T) ба (UHF), қаблан аналогӣ (PAL) ба (UHF), BBC One (*Би-Би-Си Якум*) дастрас аст, инчунин дар (MV), кабелӣ, телевизиони моҳвора, (IPTV) дар ду канали аввал, инчунин тавассути интернет хизматрасонӣ мекунанд. Шабакаҳои телевизионии минтақавӣ BBC ALBA (*Би-Би-Си Алба*) як канали иттилоотию фароғатӣ дар Шотландия бо забони гелӣ мебошад.

То соли 2002 пахши барномаҳои телевизиони Би-Би-Си аз ҷониби BBC World (*Би-Би-Сии Ҷаҳонӣ*) ва BBC Prime (*Би-Би-Си Прайм*) дар солҳои 2002-2007 пешниҳод карда мешуд. Би-Би-Си дар канори онҳо пахш мешуд, BBC Lifestyle (*Би-Би-Си Тарзи ҳаёти солим*) ва BBC Knowledge (*Би-Би-Сии Дониш канали таълимӣ*) изофа шуданд ва BBC Food (*Би-Би-Сии Хӯрока*) дар соли 2007 баста шуд. BBC World News (*Би-Би-Сии Хабарии Ҷаҳонӣ*) - як канали байналмилалии ахбор бо забони англисӣ мебошад. BBC Arabic Television - канали байналмилалии ахбори забони арабӣ мебошад. BBC Persian Television – канали байналмилалии ахбор бо забони форсӣ ба шумор меравад.

Дар саросари ҷаҳон тавассути телевизиони моҳвораи байналмилалӣ (рақамӣ (DVB-S), қаблан аналогӣ (PAL) дар CMB) ва Интернет ҷараён дар вебсайт ва видеоҳо дар ютуб (YouTube) дастрас аст, дар кишварҳои таъиншуда онҳо тавассути кабел ва IPTV, дар кишварҳои интихобшуда тавассути телевизиони заминӣ пахш мешаванд. Шабакаҳои телевизионии миллӣ: BBC Three (*Би-Би-Сии Сеюм*) – канали ҷавонон, BBC Four (*Би-Би-Сии Чорум*) – канали фарҳангӣ ва маърифатӣ, CBBC – канали кӯдакон, CBeebies – канали кӯдакон, BBC News – канали иттилоотӣ, BBC Parlament – канали парламентӣ.

Ин шабакаҳо дар тамоми минтақаҳои Британиё тавассути пахши мустақим (рақами DVB-T то UHF), кабелӣ, телевизиони моҳвора, IPTV, инчунин тавассути Интернет дастрас аст.

Ҷойгоҳи асосии Хадамоти Ҷаҳонӣ Буш Хаус номи худро аз Ирвинг Буш мегирад, ки онро сохтааст ва он соҳиби ширкати Ню-Йорк Буш Терминал яке аз хешовандони президенти собиқи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷорҷ Буш буд. BBC Afrique (*Пахши*

барномаҳо бо забони франсавӣ), BBC Hausa (*Би-Би-Си Ҳауса*), BBC Somali Service (*Хадамоти Хизматрасонии Сомалии Би-Би-Си*), BBC Bangla (*Би-Би-Си Бангладеш*).

Дар Африқо тавассути пахши мустақим (аналог дар HF ва VHF (VHF CCIR)), телевизиони моҳвора (рақами (DVB-S)) дар CMB, қаблан аналогӣ (PAL) дар CMB) ва Интернет дастрас аст.

BBC Persian (*Би-Би-Си Форсӣ*), BBC Arabic (*Би-Би-Си Арабӣ*), BBC Pashto (*Би-Би-Си Пашту*), BBC O'zbek (*Би-Би-Си Узбек*), BBC Sinhala (*Би-Би-Си Синҳола*), BBC Tamil (*Би-Би-Си Тамил*). Дар Осиё тавассути пахши радиошунавонӣ (аналогӣ дар HF), телевизиони моҳвораӣ (рақамӣ (DVB-S)) дар CMB, қаблан – аналогӣ (PAL) дар CMB) ва Интернет дастрас аст. BBC World Service (*Хизматрасонии Би-Би-Сии Ҷаҳонӣ*) 1296 CB, дар формати рақамии DRM пахш мешавад), BBC Gahuza (*Пахши барнома дар Руанда*), BBC Swahili (*Би-Би-Си Сваҳили*), BBC Nepali (*Би-Би-Си Непал*), BBC Indonesia (*Би-Би-Си Индонезия*).

Ин шабакаҳо дар Африқо (*Хадамоти Ҷаҳонии Би-Би-Си, инчунин дар Аврупо*) тавассути пахши радиои заминӣ (DRM рақамӣ) (*Хадамоти Ҷаҳонии Би-Би-Си бо забони англисӣ*) ва аналогӣ дар Берлин, Прага, Тирана, Вилнюс, Рига, дар Африқои англисӣ дар VHF (VHF) CCIR)), телевизиони моҳвораи (рақамӣ (DVB-S)) дар CMB, қаблан аналогӣ (PAL)) дар CMB) ва Интернет дастрас аст.

BBC Hindi (*Би-Би-Си Ҳиндӣ*) ва BBC Urdu (*Би-Би-Си Урду*). Дар Осиё тавассути телевизиони моҳвораӣ (рақамӣ (DVB-S) дар CMB, қаблан – аналогӣ (PAL) дар CMB) ва Интернет, қаблан – пахши радиои заминӣ (аналогӣ дар HF) дастрас аст. Телематн Тугмаи сурхи Би-Би-Си Чандрасонаӣ Вебсайти bbc.com, Ахбор, Варзиш (ахбори варзиш), ТВ (дастури барнома, пахши ҳама каналҳои телевизионӣ ва видео дархост), Радио (дастури барнома пахши ҳамаи радиостансияҳо ва аудио дар асоси талабот) ва ғ. Саҳифаҳои YouTube (Ютуб) Сатҳи ҷаҳонӣ, саҳифаи youtube-и Би-Би-Си бо забони англисӣ (эълонҳо), саҳифаҳои радио, саҳифаҳои канали BBC Three (*Би-Би-Си Сеюм*), саҳифаи англисии BBC News (*Фарогирии ахбор*), саҳифаи CBBC (*Си-Би-Би-Си*), саҳифаи Cbeebies, (*Си-Би-Би-Ез*), BBC Sport Page (*Би-Би-Си Саҳифаи варзишӣ*), саҳифаи мусиқии Би-Би-Си, саҳифаи озуқавории Би-Би-Си, саҳифаи Би-Би-Си Ҷаҳонӣ (*Worldwide*) ва BBC Earth (*Би-Би-Си Замин*), BBC British (*Би-Би-Си Британия*) ва саҳифаҳои телевизиони BBC America (*Би-Би-Си Америка*) ва (Аврупои Шарқӣ), BBC Ukrainian (*Би-Би-Си Украина*), Хадамоти русии Би-Би-Си (*Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ*), BBC Türkce (*Би-Би-Си Туркия*), BBC Azerbaycanca (*Би-Би-Си Озорбойҷон*), Би-Би-Сии арабӣ, Би-Би-Сии форсӣ, Би-Би-Сии пашту (*Осиёи Миёна*), BBC O'zbek (*Би-Би-Си Узбек*), Би-би-Си Қиргиз (*Осиёи Ҷанубӣ*), BBC Hindi (*Би-Би-Си Ҳинду*), BBC Urdu (*Би-Би-Си Урду*), BBC Bangla (*Би-Би-Си Бангладеш*), (*Осиёи Ҷанубу Шарқӣ*), Би-Би-Сии кантонӣ (*Ба забони чинӣ*), BBC Tieng Viet (*Би-Би-Си Ветнам*), Би-Би-Си Индонезия (*Африқо*), BBC Hausa (*Би-Би-Си Ҳауса*), BBC Swahili (*Би-Би-Си Сваҳили (Амрико)*), BBC Mundo (*Би-Би-Си Мандо*) (*Пахши барномаҳо ба испанӣ*), BBC Brasil (*Би-Би-Си Бразилия*), саҳифаи BBC News (*Би-Би-Си Хабарҳо*), саҳифаи хадамоти пахши байналмилалии Facebook BBC (*Фейсбук Би-Би-Си*), саҳифаи BBC News (*Би-Би-Си Хабарҳо*), саҳифаи хадомоти байналмилалии Twitter (*Твитер*).

Тавассути Би-Би-Си аксари англисҳо бо арзишҳои фарҳангию миллӣ ва ҷаҳонӣ шинос мешаванд. Зеро дар барномаҳои вай натанҳо сиёсатмадорону мансабдорон, балки файласуфону нависандагон, оҳангсозону ҳунарпешаҳои машҳур баромад мекунанд. Би-Би-Си спектаклҳои телевизиониву радиоӣ пахш мекунад. Ҳамучунин вай филмҳои таърихию фарҳангӣ намоиш дода, дар ташаккули маънавиёти бинандаҳои англис саҳми босазо дорад.

Барномаҳо:

- BBC News at Ten – барномаи асосии иттилоотии BBC One
- Newsnight – барномаи иттилооти BBC Two
- BBC News at Six – видеомаҷаллаи шабонгаҳ
- BBC News at One – нашри рӯзонаи ахбор
- BBC Breakfast – видеомаҷаллаи субҳ
- BBC London News – барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC Look North – барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC North West Tonight – барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC East Midlands Today – барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC Midlands Today – барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC Look East - барномаи хабарии минтақавӣ

- BBC Point West - барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC South East Today - барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC South Today - барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC Spotlight - барномаи хабарии минтақавӣ
- BBC Wales Today - барномаи хабарии минтақавии Уэлса бо забони англисӣ
- BBC Newyddion - барномаи хабарии минтақавии Уэлса бо забони уэлсӣ
- BBC Reporting Scotland - барномаи хабарии минтақавии Шотландия бо забони англисӣ
- BBC An Là - барномаи хабарии минтақавии Шотландия бо забони шотландӣ
- BBC Newsline - барномаи хабарии минтақавии Ирландияи Шимолӣ

Силсилафилмҳои ҳуҷҷатии Би-Би-Си

- BBC – якшанбе: Театри шабона (Британиёи Кабир, 1950-1960)
- BBC: 80 муъҷизаҳои ҷаҳон (Британиёи Кабир, аз 2005)
- BBC: Аттила (Британиёи Кабир, Юнон, 2008)
- BBC: секунҷаи Бермуд (Британиёи Кабир 1999-2001)
- BBC: Мубориза барои ҳаёт (Британиё, 2007)
- BBC: Бозиҳои ҷуфти ҳамҷоя дар олами ҳайвонот (Британиё, 1999)
- BBC: Кашфиёти ҷуғрофӣ (Британиё, 2006)
- BBC: Бузургтарин падидаҳои табиӣ (Британиё, ИМА, 2009)
- BBC: Афзоиши инсоният (Британиё, 1973)
- BBC: Дар саросари ҷаҳон бо Майкл Пейлин (Британиё, 1997)
- BBC: Таърихи ҷаҳонии наққошӣ (Британиё, 1996)
- BBC: Дарахти оилавии Исои Масеҳ (ИМА, 2005)
- BBC: Бо чашми ҳайвонот (Британиё, 2004)
- BBC: Сайёраи кабуд (Британиё, 2001)
- BBC: Ҷангалҳо (Британиё, 2003)
- BBC: Австралияи ваҳшӣ (Британиё, 2003)
- BBC: Африқои ваҳшӣ (Британиё, 2001)
- BBC: Ваҳши Кариб (Британиё, 2007)
- BBC: Ваҳши Чин (Британиё, 2008-2009)
- BBC: Роҳ ба ҷанг (Британиё, 1989)
- BBC: Шаҳрҳои қадими гумшуда (Британиё, 2006)
- BBC: Зиндагӣ дар ҷаҳони хурд (Британиё, 2005)
- BBC: Ҳаёти ширхорон (Британиё, 2002-2003)
- BBC: Ҳаёти паранда (Британиё, 1998)
- BBC: Зиндагӣ бо хуни сард (Британиё, 2008)
- BBC: Ҳаёт (Британиё, 2009)
- BBC: Қотилони беҳтарин (Британиё, 2000)
- BBC: Исо: Ҳикояи ҳақиқӣ (Британиё, 2001)
- BBC: Таърихи Замин (Британиё, 1998)
- BBC: Чӣ гуна санъат ҷаҳонро офарид (Британиё, ИМА, 2005)
- BBC: Келтс (Британиё, 1987)
- BBC: Кобусҳои ваҳшии табиат (Британиё, 1995)
- BBC: Миллатчигӣ: Огоҳии таърих (Британиё, 1999)
- BBC: Аврупои нав бо Майкл Пейлин (Британиё, 2007)
- BBC: Қутб ба қутб бо Майкл Пейлн (Британиё, 1992)
- BBC: Сайёраи Замин (Британиё, 2006)
- BBC: Сайёраҳо (Британиё, 1999)
- BBC: Аз рӯйи кишвар ва қитъа. Индонезия (Британиё, 1999)
- BBC: Бо ҳаюло сайругашт кардан. Ҳаёт пеш аз динозаврҳо (Британиё, 2005)
- BBC: Қадам бо ҳаюлоҳои баҳрӣ (Британиё, 2003)
- BBC: Сайругашт бо одамони ғорӣ (Британиё, 2003)
- BBC: Саёҳати як мард (Британиё, 2009)
- BBC: Ҳикояҳои ҳайвонот (Британиё, 2008)
- BBC: Саҳрои Кабир бо Майкл Пейлин (Британиё, 2002)

- BBC: Инсони қобил (Британиё, 2002)
- BBC: Асрори Рейх. Асрори миллатчигӣ (Британиё, 1998)
- BBC: Асрори силоҳи ядроӣ (Британиё, 2007)
- BBC: Неруҳои табиат (Британиё, 2002)
- BBC: Ҷанги Атлантика (Британиё, 2002)
- BBC: Ҷанги дуюми ҷаҳон (Британиё, 2001)
- BBC: Ҷисми инсон (Британиё, 1998)
- BBC: Паланг: Ҷосуси ҷангал (Британиё, 2001)
- BBC: Трой (Британиё, 1985)
- BBC: Тамаддун (Британиё, 1969)
- BBC: Зиндагии хусусии шоҳасарҳо (Британиё, 2003)
- BBC: Ҳисси инсонӣ (Британиё, 2003)
- BBC: Муъҷизаҳои Исо (Британиё, 2006)
- BBC: Махлуқҳои гузашта (Британиё, Олмон, 2003)
- BBC: Таҳаввулоти ҳаёт (Британиё, 2005)
- BBC: Ин ҳайвонҳои пурасрор (Британиё, 2002)

Платформаи рақамии Би-Би-Си

Телевизиони рақамии Би-Би-Си

• Multiplex BCC A: BBC One, BBC Two, BBC Three, BBC Four, CBBC, Cbeebies, BBC News.

• Multiplex BBC B: BBC One HD, BBC Two HD, BBC Three HD, CBBC HD [17, с.43].

Аз таърих ва пайдоишу ташаккули телевизиони Би-Би-Си бармеояд, ки дар тули таърихи худ таҳаввулоти зиёдеро паси сар намудааст. Воқеан ҳам телевизиони Би-Би-Си инъикосгари воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки телевизиони мазкур мавзӯъҳоеро пайгирӣ мекунад, ки тамоми сохторҳои ҷомеа онро дунболагирӣ мекунанд, чун телевизиони Би-Би-Си он сатҳеро, ки мутобиқ ба ҷомеаи имрӯза аст, баррасӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки аудитория низ ин талаботҳоро чун асили муҳимтарин пазируфтааст.

Муқарриз: ***Муқимов М.А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Галушко Р.И. ТВ-репортаж / Р.И. Галушко // Советское радио и телеведение. Направлено журналистики. – 1970. - №9. – С.35-37.
2. Гуревич П.С. Приключение и имиджа типология телевиз. Образа и парадоксы его восприятия. Учебник / П.С. Гуревич. - М.: Искусство, 1991. - 219 с.
3. Егоров В.В. Теория и практика советского телевидения. Учебник / В.В. Егоров. - М.: Высшая школа, 1980. - 288 с.
4. Кузнецов Г.В. Телевизионная журналистика. Учебник / Г.В.Кузнецов, В.Л. Цвик, А.Я. Юровский. - М.: Высшая школа, 2002. - 500 с.
5. Муқим, Ҷовид. Дастур барои радиожурналистони ҷавон. Воситаи таълимӣ / Ҷовид Муқим, А.Нуъмонов. – Душанбе: Озар, 2008. – 55 с.
6. Муқим, Ҷовид. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. Воситаи таълимӣ / Ҷовид Муқим. – Душанбе, 2013. – 160 с.
7. Муқим, Ҷовид. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе, 2013. – 160 с.
8. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. Китоби дарсӣ / М.Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
9. Парфенов, Л. Нам возвращают наш портрет. Учебник / Л. Парфенов, Е.Чекалова. - М.: Искуство, 1990. - 207 с.
10. Прохоров, Е.П. Введение в теорию журналистики. Учебник / Е.П. Прохоров. - М.: Высшая школа, 2011. - 352 с.
11. Саппак, В. Телевидение и мы. Учебник / В.Саппак. - М.: Искусство, 1963. - 168 с.
12. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион. Китоби дарсӣ / А. Саъдуллоев, М. Шоев. - Душанбе: Эҷод, 2005. - 75 с.
13. Юровский, А.Я. Телевидение поиски и решение. Учебник / А.Я. Юровский. - М.: Искусство, 1975. – 119 с.
14. Jolly & Barber Ltd, Rugby. BBC Year Book. / Jolly & Barber Ltd, Rugby. – L.: WIM 4AA., 1982. - 159 p.
15. BBC Annual Report. - L.: WIM 4AA., 2005-2006. – 155 p.
16. BBC Year Book. - L.: WIM 4AA., 1996. – 555 p.
17. Richard Clay and Company, Ltd., Bungay, Suffolk. BBC Year Book. / Richard Clay and Company, Ltd., Bungay, Suffolk. - L.: W.I., 1956. - 282 p.
18. Sir. Joseph Causton & Sons Ltd. BBC Year Book. / Sir. Joseph Causton & Sons Ltd. - L.: WIM 4AA., 1976. - 341 p.

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ТЕЛЕВИЗИОНИ БИ-БИ-СИ

Дар мақола сухан дар хусуси пайдоиш ва ташаккули телевизиони байналмилалии БИ-БИ-СИ меравад. Зикр мешавад, ки дар баробари телевизонҳои худӣ, нақши телевизионҳои байналмилалӣ дар таҳкимбахшӣ ва афзалиятнокии иттилоъ саҳми боризе дорад. Телевизиони Би-Би-Си намунаи яке аз онҳо мебошад, ки аввалин маротиба 18-уми октябри соли 1922 ҳамчун British Broadcasting company (*Ширкати радиошунавонӣ ва телевизионии Британия*) дар назди ширкати хусусии Marconi's Wireless Telegraph Company (*Ширкати хусусии Марконис Телеграф*) таъсис дода шудааст. Ин ширкат нахустин корҳои худро аз мавҷҳои радиоӣ 14-уми феврали соли 1922 оғоз намудааст. Аввалин радиостансияҳои он бо мавҷи 2MT дар Ғарби Британияи Кабир ба кор даромада буданд. Тавассути телевизиони Би-Би-Си аксари банандагон бо арзишҳои фарҳангию миллӣ ва ҷаҳонӣ шинос мешаванд. Дар барномаҳои телевизиони Би-Би-Си натанҳо сиёсатмадорону мансабдорон, балки файласуфону нависандагон, оҳангсозону ҳунарпешаҳои машҳур ва мутахассисони соҳаҳои гуногун баромад мекунанд. Аз пайдоишу ташаккули телевизиони Би-Би-Си бармеояд, ки дар тули таърихи худ таҳаввулоти зиёдеро паси сар намудааст. Дар ҳақиқат, телевизиони Би-Би-Си инъикосгари воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳонӣ мебошад.Далели гуфтаҳои боло ин аст, ки телевизиони мазкур мавзуъҳоеро пайгирӣ мекунад, ки тамоми сохторҳои ҷомеа онро дунболагирӣ мекунад, чун телевизиони Би-Би-Си он мақомеро, ки мутобиқ ба ҷомеаи имрӯза аст, пешкаши бинандагон мегардонад.

Калидвожаҳо: ВАО, телевизион, БИ-БИ-СИ, пайдоиш, ташаккул, журналистикаи байналмилалӣ, журналист, иттилоъ, таҳаввулот, шабака.

ВОЗНИКНОВЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТЕЛЕВИДИНИЯ БИ-БИ-СИ

В статье рассматриваются возникновение и развитие Международного телевидения BBC. Отмечается, что наряду с собственными телеканалами значительную роль играют международные телеканалы в усилении и приоритизацию информации. Примером одной из них является BBC, которая была впервые создана 18 октября 1922 года как Британская радиовещательная компания при частной компании Маркони «Вайрлесс телеграф». Свою первую работу на радио компания начала 14 февраля 1922 года. Ее первые радиостанции были запущены на 2MT на западе Великобритании. Благодаря телевидению BBC многие зрители знакомятся с культурными, национальными и глобальными ценностями. В телепрограммах Би-би-си появляются не только политики и чиновники, но и философы и писатели, известные композиторы и художники, а также специалисты в различных областях. Происхождение телевидения BBC показывает, что за свою историю оно претерпело множество изменений. Действительно, BBC транслирует мировые событий. Свидетельством вышеизложенного является то, что канал следит за проблемами, актуальнымидля всех слоев общества, поскольку BBC транслирует статус, актуальный для современного общества.

Ключевые слова: СМИ, телевидение, БИ-БИ-СИ, возникновение, развитие, международная журналистика, журналист, информация, эволюция, канал.

THE ORIGIN AND DEVELOPMENT OF BBC TELEVISION

The article deals with the emergence and development of BBC International Television. It is noted that along with their own TV channels, international TV channels play a significant role in strengthening and prioritizing information. An example of one is the BBC, which was first established on 18 October 1922 as the British Broadcasting Company under Marconi's private company, the Wireless Telegraph. The company began its first radio job on February 14, 1922. Its first radio stations were launched on 2MT in the west of the UK. Thanks to BBC television, many viewers get acquainted with cultural, national and global values. Not only politicians and officials, but also philosophers and writers, famous composers and artists, as well as specialists in various fields appear in BBC television programs. The origins of BBC television show that it has gone through many changes over its history. Indeed, the BBC broadcasts world events. Evidence of the above is that the channel follows issues relevant to all sectors of society as the BBC broadcasts status relevant to today's society.

Key words: media, television, BBC, emergence, development, international journalism, journalist, information, evolution, channel.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоева Наврӯза Матқосимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистка. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 937-08-80-01**

Сведения об авторе: ***Мирзоева Навруза Маткосимовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международной журналистики факультета журналистки. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 937-08-80-01**

Information about the author: ***Mirzoeva Navruza Matqosimovna*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of International Journalism of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 937-08-80-01**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Назарзода С. Андешаҳо дар бораи гузар ба алифбои кириллӣ…… **5**

Бибираҳимаи Мадазим, А.Мамадназаров. Вижагиҳои замон, сохтор ва маънои шакли замони гузаштаи дури давомдори забони тоҷикӣ ва муодилҳои он дар забони англисӣ…… **12**

Мирзоева М.Ҷ. Ифодаи муродифоти муносибати замонӣ бо пайвандаки *“вақте ки”*…… **19**

Ҷумаев Т. Категорияи эҳтиром дар забони фаронсавӣ ҳамчун як қисми таъминоти иттилоотии тарҷумон…… **26**

Ҳасанова Ш.Р., Кабиров Л.А. Маҳфум, таърихи мухтасари пайдоиш ва вазифаҳои сленг дар забони англисӣ…… **32**

Раҳимов М.С. Таҳлили ибораҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ…… **40**

Наврузшоев Б.Х. Вижагиҳои услуби гуфтугӯйӣ воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои англисӣ тоҷикӣ **47**

Сатторова З. Таҳлили семантикии вожаи “чашм” дар ашъори Мирзо Турсунзода…… **53**

Абдураҳмонова Н.Ҳ. Лексикаи худӣ ва иқтибосии арабӣ дар “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ…… **59**

Шокиров Т.С. «Фарҳанги забонҳои олам…» ва ҷойгоҳи забонҳои форсиву тоҷикӣ дар он (навгонии илмӣ)…… **65**

Ҷумъаев М.О. Нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули антонимҳо дар «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ…… **73**

Нарзиқулова Ҳ. Оид ба баъзе воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода дар забонҳои адабии тоҷикӣ ва русӣ (дар заминаи матни «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он) **83**

Қаюмова С.Ҷ. Андешае чанд перомуни номгузории гулҳо дар забони тоҷикӣ ва олмонӣ…… **89**

Мавлонов Ш.О. Мавқеи ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…… **97**

Муниф Абдулазиз Муниф. Мушкилиҳои тарҷумаи мафоҳими фарҳангии форсӣ ба арабӣ…… **103**

Имомова М.Н. Синонимҳои ҷуфт дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва ифодаи онҳо ба забони англисӣ…… **112**

Раҳмихудоева Т.М. Воҳидҳои фразеологӣ – мавзуи омӯзиши забоншиносии фарҳангӣ…… **121**

Тағаймуродзода С.Т. Корбурди астионимҳо дар асари «Таърихи Систон»…… **127**

Шарифова А.Ш. Корбурди воситаҳои асосии алоқаи ҷумлаи пайрави пуркунанда бо сарҷумла дар забонҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…… **135**

Юлдашева Л.У. Нақши зарбулмасалу мақолҳо дар шаклгирии ҷумлаҳои якторкиба…… **141**

Кабиров Л.А. Мафҳуми сленг ва ҷойгоҳи он дар забоншиносӣ…… **147**

Рахмонова Н.Ш. К вопросу о дифференциальных признаках фразеологизмов…… **154**

Хомидов Д.Р., Гулмирзоева З.У. Лексико-семантические особенности суффиксальных ювелирных лексем **161**

Кенджазода М.С. Синтаксическое поле в строение простых предложений таджикского языка…… **166**

Ашури Тахмина Тахсинзода. Процессе заимствования в языке - естественный процесс в культуре…… **173**

Хусейнова Г.А. Роль большого оксфордского словаря в лексикографии и изучении английского языка **182**

Юлдошева Д.У. Партонимия – своеобразная разновидность лексико-семантической медиоструктуры лексического уровня…… **188**

Охонвалиева Ш.С. Коммуникативный диапозон гастрономической метафоры в разных видах дискурса… **194**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Мақсудзода Б. Нуфузи маънавӣ ва ҳунарии Камоли Хуҷандӣ ба Алишер Навоӣ…… **200**

Юлдошев А.Қ. Симои Яздгирди Шаҳрёр вопасин шоҳаншоҳи Сосонӣ…… **208**

Қурбонов Ҳ.А. Мавзуи ватандӯстӣ дар ашъори аллома Муҳаммад Иқбол ва Аҳмад Фароз…… **217**

Ёрмаҳмадов Ф.И. Бозтоби хислатҳои нависанда дар ҳикоя…… **223**

Маликшозода Ш.Х. Таъсирпазирии Бозор Собир аз эҷодиёти шифоҳии халқ (аз нигоҳи қолаб ва услуб)…… **229**

Ш.Ҷамшед, Раҳмонова Г.С. Такмили сохторӣ ва мавзуии асарҳои «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат»-и Ғаффор Мирзо…… **237**

Розиқзода Аъзам Абдуҷаббор. Осори адабӣ ҳамчун асоси рушди драматургияи тоҷик…… **245**

Шарифова Г.Ҳ. Бузургдошти адибони самарқандӣ дар тазкираҳои муосир…… **251**

Фарангис Шарифзода, Равшан Рахмони. О Сборнике Б.Ниязмухамедова «таджикские сказки» на русском языке…… **265**

Шарипова З.М. Особенности художественного стиля Ю. Акобирова в романе «Норак»…… **272**

Сайдализода Ш.А. Заимствование арабо-исламских преданий и легенд в касыдах Мас’уда Са’да…… **284**

ЖУРНАЛИСТИКА

Тоҷов А. Нақши донишҳои соҳавӣ дар фаъолияти журналисти телевизион…… **290**

Мирзоева Н.М. Пайдоиш ва ташаккули телевизиони Би-Би-Си…… **298**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. тавоҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2023. №5

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н. Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 30.06.2023 г. Заказ №2018/04-01